не менее важная, чем достижения науки или образцы высокого искусства. Самые древние ритуалы и обычаи дошли до нас сквозь толщу веков в виде примет, суеверий и праздников. Всем знакомые суеверия, остерегающие от разбитых зеркал и просыпания соли, в историческом рассмотрении становятся источником для восстановления архаичного типа мышления. Анализ происхождения суеверий проливает свет на истинное значение примет, бессознательно живущих в человеческом сознании. С птицами связывали и различные приметы. К примеру, существовала примета: "***Хонаи мусичаро вайрон кардан гуноҳ аст***". «*Кто разорит гнездо ласточки, у того будут несчастье*». Издревле считалось, что если ласточки исчезают из какой-то местности, то это грозит людям бедами. Поэтому крестьяне издавна прибивали на стенах домов специальные планки для их гнёзд; птица или бабочка, влетевшая в дом – к смерти, а в исламе всё наоборот Пророк (мир ему и благословение), описывая райских обитателей, сказал (смысл): «*Войдут в Рай люди, сердца которых подобны сердцам птиц*» (см. «Сахих Муслим», № 7341, 8/149).

Возвращаться домой перед дорогой и не посмотреть в зеркало – к неудаче, встретить женщину с пустыми ведрами – к беде, а поздравлять заранее с днем рождения – к несчастью. Ислам относится к кошкам с большой теплотой. К примеру, кошка - единственное животное, которому разрешен вход в мечеть. Однажды кошка улеглась спасть на полу халата Мухаммада вовремя его молитвы. И по окончании намаза пророк предпочел отрезать кусок от рукава, только бы не потревожить сон животного. После пробуждения кошка, как гласит легенда, – низко поклонилась пророку Мухаммаду за такой поступок [https://tj.sputniknews.ru/culture/20190405/102 8614195/koshki-islam-muhammad-hadisy.htm].

Каждая примета представляет собой своеобразный закон, который необходимо неотступно соблюдать. Почти от каждой напасти суеверия предлагают некий магический инструмент противодействия: то плюнуть через левое плечо, то показать язык зеркалу. Простейшие магические процедуры, совершаемые для спасения от несчастий, сейчас уже не осознаются как магические, автоматизируются и десемантизируются. Для того, чтобы понять, от чего наши предки боялись черных котов и залетавших в дом птиц, нам нужно обратиться к истокам возникновения примет и их связи с обрядами перехода.

Так как язык представляет собой первичную моделирующую систему, при помощи языка мы выделяем в окружающем нас мире категории предметов, состояний, действий, качеств. Многим из категорий человек придает дополнительное значение. Это могут быть коннотации, как положительные, так и отрицательные, а могут быть различные символические значения. Таким образом, элементы духовной культуры (религия и поверья, мифы, фольклор, искусство) представляют собой вторичную моделирующую систему.

В представлении людей числа получили дополнительные значения, помимо того, что выражали количественность. Одни числа стали считаться «счастливыми», другие «несчастливыми». При этом если сам по себе числовой ряд, отражающий законы математики, действительно оказывается общим для любого народа, то представления о символических значениях чисел разнятся от культуры к культуре. Символических представлений, связанных с числами, очень много.

Англичанам особенно несчастливым считается число 13, так называемая **a baker's dozen** – **чертова дюжина**. Скорее всего, это связано с тем, что число 12, которое, как было показано выше, является основой хозяйственных систем счета в европейских странах, связывается с законченностью, полнотой, тогда как 13 разрушает законченность. [Ольдерогге, 1982: 3–33].

Счастливыми в европейской традиции считаются нечетные числа первого десятка, прежде всего 3 и 7. Герои в сказках часто добиваются своего именно с третьей попытки. Нередко героями оказываются три брата или три сестры, из которых младшие, т.е. третьи, будут самым удачливыми т.д. И наоборот, четные числа считаются несчастливыми. С этим, например, связан наш обычай дарить нечетное количество цветов на праздник или именины и, напротив, четное, если цветы предназначены для похорон [Степанов,1989: 46-72] .

Таким образом, одни и те же числа могут считаться счастливыми у одних народов и несчастливыми у других. Общим, однако, является внимание к числам приписывание им различных магических свойств, как положительных, так и отрицательных.

Анализ языкового материала показывают, что в обеих странах существует огромное число примет и суеверий как совпадающих по значению, так и отличающихся кардинально.

ЛИТЕРАТУРА

1. Андреев М. С. Таджики долины Хуф / Под ред. Э. Кочумкуловой – Вып. I-II. Переизд. Б.: ОСОО «Джем Кей Джи», 2020. – 794 с.

2. Андреев М.С. Таджики долины Хуф (Верховья Аму-Дарьи). Вып. II. / Подготовила к печати А.К. Писарчик / М.С. Андреев. – Сталинабад: Академия наук Тадж ССР, 1956. – 500с

3. Брагинский И. С. Из истории таджикской народной поэзии, М.,1956.-330с.

4. Дубровин М.И. Английские пословицы и поговорки в и иллюстрациях.-Москва. -Просвещение-1993. - 330 с
5. Жуков В. П. Пословица // Лингвистический энциклопедический словарь. – М.: Сов. энциклопедия, 1990. – С. 379.
6. Жуков В. П. Пословица // Лингвистический энциклопедический словарь. – М.: Сов. энциклопедия, 1990. – С. 379.
7. Зайнуддин Маҳмуди Восифӣ. Бадоеу-л-вақоеъ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2014. – 734 с.
8. Зороастрийские тексты. Суждения Духа разума Сотворение основы (Бундахишн) и другие тесты. Издание подготовлено О. М. Чунаковой. – М.: Издательская фирма «Восточная литература» РАН, 1997. – 352 с.
9. Игболов О.Ш. «Лексико-семантический анализ пословиц и поговорок в таджикском и английском языках на материале произведений «Маснави Манави» Джалалуддина Руми автореф. дисс. канд. фил.наук.- Душанбе.-2017.-24с
10. Кайковус Унсурулмаолӣ. Қобуснома. Душанбе: "Маориф ва фарҳанг", 2007. – 200 стр.
11. Калонтаров Я.И. Мудрость трёх народов/Панду ҳикмати се халқ, - уч халқнинг хикматлари: (Сборник) /Отв.ред.Б.Тилавов. - Душанбе: Адиб,1989.- 432 с.
12. Касимов О. Х. ЛЕКСИКА «ШАХНАМЕ» АБУЛЬКАСИМА ФИРДОУСИ: дисс… доктора фил.наук: 10.02.22 / Касимов О. Х.- Душанбе, 2011. - 339 с.
13. Кисляков Н. А. Семья и брак среди таджиков. (по материалам конца XIX-начала XX в.) М. Л. Изд-во АН СССР, 1959.- 272 с
14. Назаров М. «Лингво-культурные особенности примет в южном говоре таджикского языка (на материале кулябских диалектов)»-канд. дисс. фил. наук.-Душанбе. -2015.-178с
15. Ольдерогге, Д. А. Системы счета в языках народов Тропической и Южной Африки /А. Ольдерогге // Africana. Африканский этнографический сборник / Ин-т этнографии АН СССР; отв. ред. Д. А. Ольдерогге. – Л.: Наука, 1982. – С. 3–33.
16. Оранский И. М. Введение в иранскую филологию. М.: "Наука". Главная редакция восточной литературы. 1960. Стр. 112, 490 стр.
17. Русско-таджикский словарь С, Дж Арзуманов, Х. А. Аҳрорӣ, с 1070, 1279с.
18. Русско-таджикский словарь. Под редакцией А. П. Деҳотӣ и Н.Н. Ершова Государственное издательство Таджикской ССР. - Москва, 1949. - Сталинобод. -814с
19. Саймиддинов Додихудо. Вожашиносии забони форсии миёна. Ношир: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ. Чопхонаи "Пайванд". Душанбе, 2001 (Лексика среднеперсидского языка. Издание Исследовательского центра персидско-таджикской культуры. Типография "Пайванд"). 310 стр. + 94 стр. на арабской графике).
20. Саймиддинов Додихудо. Форсии бостон (овошиносӣ, грамматика, овонавишт, катибаҳои мехӣ ва вожанома). "Пайванд". Душанбе, 2007. 190 стр.+22 стр. на арабской графике [Древнеперсидский язык (фонетика, грамматика, транскрипция, клинописи и словарь)].
21. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилдҳои 1 – 10. Душанбе: «Адиб», 2007 – 2010 (каждая книга 480 стр.).

СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ПРИМЕТ И СУЕВЕРИЙ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье рассматривается суеверия в английском и таджикском языках. Суеверия существуют со времен зарождения цивилизации и до настоящего времени. Миллионы людей по всему миру до сих пор заражены суевериями и не собираются от них отказываться.

Почти невозможно точно объяснить, как рождаются суеверия. Может быть, причина в каких-то природных явлениях, которые пугают людей своей загадочностью, или событиях, которые они хотели бы предотвратить. Однако люди начинают верить в какое-то объяснение происходящего или укрепляются в мысли, что в их власти определенными действиями заставить эти явления происходить по их воле. Суеверие – это вера, обычно порожденная страхом, которая противоречит соображениям разума и не может быть подтверждена опытом.

Например, предметом мистификаций и страхов людей на протяжении веков были небесные тела, в связи с которыми возникали суеверия. Особый страх вызывали таинственные пришельцы-кометы. По мнению суеверных людей, комета – это знак надвигающейся войны или другой катастрофы. Поскольку древние люди не могли понять поведение животных, они создали вокруг них суеверия.

В формировании поверьев решающую роль играют части человеческого тела. Существуют также суеверия об английских и таджикских талисманах, которые отличаются друг от друга. Самые древние обряды и обычаи дошли до нас сквозь толщу веков в виде поверьев, суеверий и праздников. Знакомые суеверия, предостерегающие от разбитых зеркал и пролитой соли, в историческом рассмотрении становятся источником для восстановления архаического типа мышления. Анализ происхождения суеверия проливает свет на истинное значение поверьев, бессознательно живущих в человеческом сознании. Несмотря на то, что таджикская культура сильно отличается от английской, а страны прошли иной исторический путь, многие приметы и суеверия совпадают.

***Ключевые слова**: суеверия, поверье, страхов людей, исторический путь, приметы, культура, мистификаций, явления.*

COMPARATIVE ANALYSIS SIGHTS AND SUPERSTITIONS IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

The article deals with superstitions in English and Tajik. Superstitions have existed since the dawn of civilization and up to the present time. Millions of people around the world are still infected with superstitions and are not going to give up on them.

It is almost impossible to explain exactly how superstitions are born. Maybe the reason is some natural phenomena that frighten people with their mystery, or events that they would like to prevent. However, people begin to believe in some explanation of what is happening or are strengthened in the idea that it is in their power to make these phenomena happen according to their will by certain actions. Superstition is a belief, usually born of fear, which contradicts the considerations of reason and cannot be confirmed by experience.

For example, the subject of hoaxes and fears of people for centuries were celestial bodies, in connection with which superstitions arose. A special fear was caused by mysterious aliens-comets. According to superstitious people, a comet is a sign of an impending war or other catastrophe. Since the ancient people could not understand the behavior of animals, they created superstitions around them.

In the formation of beliefs, the crucial role is played by the parts of the human body. There are also superstitions about English and Tajik mascots that differ from each other. The most ancient rites and customs have come down to us through the centuries in the form of beliefs, superstitions and holidays. Familiar superstitions, warning against broken mirrors and spilled salt, become a source for the restoration of the archaic type of thinking in historical consideration. The analysis of the origin of superstition sheds light on the true meaning of beliefs that unconsciously live in the human consciousness. Despite the fact that the Tajik culture is very different from the English, and the countries have passed a different historical path, many signs and superstitions coincide.

***Key words**: superstition, believe, fears of people, historical path, signs, cultural, mysterious, phenomenon.*

***Сведение об авторе**:*

***Мухиддинова Т.Х.** – кандидат филологических наук, доцент общеуниверситетской кафедры английского языка Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: 936014994. Электронный почта: Muhiddinova_t@mail.ru*

About the author:

***Muhiddinova T.H.** – candidate of Philology, associate professor of the English department of Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17 Tel: (+992) 936014994. E-mail. Muhiddinova_t@mail.ru*

ТАҲАВВУЛОТИ МАЪНОИИ ПЕШОЯНДИ «АЗ» ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Қӯрғонов З.Д.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Гафуров

Мусаллам аст, ки дар забони тоҷикӣ ҳиссаҳои номустақили нутқ ғолибан бар чандин маъно далолат доранд. Дар миёни онҳо пешояндҳо низ дорои ҳамин вижагӣ буда, то имрӯз ба туфайли омилҳои айниву зеҳнӣ таҳаввулу табаддули муайянеро пушти сар кардаанд. Масалан, пешоянди содаи аслии «аз», ки нисбат ба пешояндҳои дигар чандмаънотар ва тобишҳои маъноии гуногунро бознамоӣ мекунад, далели ин гуфтаҳост. Як вижагии унсурҳои луғавии забон дар он зоҳир мешавад, ки аксари маъноҳои кӯчидаи вожаҳо дар асоси маънои аслӣ сурат гирифтаанд. Ҳоло бо такя ба сарчашмаҳои таърихӣ ва мақолоту расоили гуногуни дохиливу хоричӣ кӯшиш мешавад, то тавонем маънои аслии ин пешояндро маълум ва робитаи онро бо маонии дигар дарёфт кунем. Бояд гуфт, ки маъноҳои грамматикии пешоянди «аз» дар сарчашмаҳои гуногуни забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ба мисли фарҳангҳо, дастурҳои забони тоҷикӣ ва китобҳои дарсӣ нишон дода шудааст. Аз хусуси маъноҳои гуногун доштани ин унсури ёвари сервазифа муҳаққиқон низ изҳори андеша кардаанд. Ба ҳайси далел метавон аз нигоштаҳои забоншиносони номӣ Д.Саймиддинов [9], А.Ҳасанов [12], А.Мирбобоев [7], Ф.Шарипова [13] ва дигарон ёдовар шуд. Дар сарчашмаҳои даврахои пешини таърихи забон низ сурати аслӣ ва тобишҳои маъноии ин пешоянд мунъакис шудааст. Инъикоси онро метавон дар луғатномаҳо ва дастурҳои мансуб ба матни Авесто, санскрит, форсии бостон ва форсии миёна пайдо кард.

Муаллифони аксари дастурҳои мансуб ба забони тоҷикӣ кӯшиш кардаанд, ки маъноҳои ифодакунандаи ин пешояндро баршумуранд, аммо ошкор кардани сурати аслии он дар давраҳои пешини забон ва таҳаввулоти он то давраи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ аз назари онҳо пинҳон мондааст. Масалан, дар ГЗАҲТ [2] барои ифодаи ёздаҳ маъно омадани пешоянди аслии содаи «аз» нишон дода шудааст. Дар ЗАҲТ [3] низ айнан ҳамин миқдор оварда шуда, танҳо ба як нукта руҷӯъ карда шудааст, ки пешоянди «**аз**» бо **hača** – и забони форсию тоҷикии қадим [3, с.376] алоқа дорад.

Дар илми лексикология вожаҳое, ки беш аз як маъно доранд, ба ҳайси калимаҳои сермаъно дохил мешаванд. Дарвоқеъ, чандмаъной [полисемия] ҳосили тағйири таърихии маънои калима аст, ки маънои меҳварӣ [аслӣ] аз байн намеравад ва боқимонда маъноҳо дар асоси маънои аслӣ зуҳур кардаанд. Бархе аз калимаҳо, ки соҳиби маънои луғавӣ мебошанд, тадричан маънои аслии худро аз даст дода, ба ҳукми ҳиссаҳои номустақили нутқ медароянд. Чунин раванд, бешубҳа, фароянди таърихӣ маҳсуб меёбад, ки маҳсули он падид омадани калимаҳои нав [ё бо тобиши маънои ҷадид] дар забон аст.

Ҳоло аз рӯи чунин формула шаклҳо ва маонии пешоянди «аз» дар забони санскрит, авестой ва форсии миёна ва пас аз он тобишҳои маъноии он дар забони тоҷикӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода мешавад. Аз дидгоҳи таърихӣ пешоянди «аз» [az] бозмондаи **hača** дар забони авестой ва **hačā** дар форсии бостон аст. Дар форсии миёна ба сурати **az** ва дар портӣ ба шакли **až** ба кор рафтааст [22, с.418]. Муодили **hačā / hača** дар забони санскрит, ки ба қавли забоншиносон «варосат [меросхӯр, меросгир] – и хоҳари забони авестой ва форсии бостон маҳсуб мешавад», ба гунаи **sačā** мавриди истифода қарор гирифта, он ҳам пеш аз калима ва ҳам имкони пас аз калима омаданро дошт. Бояд гуфт, ки варианти **sačā** фақат дар «Ригведо» ба кор рафта, бо ҳолат [падеж] - и дарӣ[1] [локатив] ҳамроҳ шуда, бар нақши маъноии ҳамроҳӣ [комитатив] далолат доштааст [26, § 1126; 21, § 619]. Чунончи, дар поён мушоҳида хоҳем кард:

sačā	**sā**	**vāṃ**	**sumatir**	**bhūta**	**asme**
бо	он	шумо	некандешӣ	бошад	мо

Яъне, «Он некандешиатон бо мо бошад» [21, 91]. Мусташриқи шинохта Муниер – Виллиямс унсури **sačā** – ро «ҳамроҳ бо наздики; дар; дар ҳузури» маънигузорӣ кардааст [23, 1130]. Пешоянди мазкур аз исми **sacā** [аз решаи **sac**] – и забони санскрит ва **hak** – и забони авестой, ки маъноҳои «ҳамроҳӣ кардан; ҳамроҳ будан; яке шудан; пайвастан; пайравӣ кардан» - ро дорад, гирифта шудааст [23, 1130; 14, 1739, 1742; 19, 212; 17, 134]. Чунонки аз таҳлили маводи фактологии дар болобуда ошкор шуд, маънои аслии калимаи **sačā** дар гузаштаи дур барои ифодаи «ҳамроҳӣ» меомадааст. Дар забони авестой вожаҳои **haxay** [Skr. Sakhay] ба маънои «дӯст, ҳамроҳ», **haxman** [Skr. sakman] ба маънои «дӯстӣ, ҳамроҳӣ» ва hахəδra ба маънои «маҷлис, маҷмаъ» аз решаи **hak** [Skr. sac] сарчашма гирифтаанд [14, 1744 – 1746]. Бояд гуфт, ки асоси ҷузъи аввали калимаи мураккаби тобеи **haxā.maniš** ба маънои «дӯстманиш – он ки табиат [сиришт] – и дӯстона дорад» аз ҳамин реша гирифта шудааст [19, 212; 14, 1744].

Муҳаққиқи варзида К. Бартоломе ҳини таҳқиқи калимаи **hača** ба хулосае мерасад, ки он барои ифода маъноҳои «аз [замон ва макон], аз тариқи [омил], ба сабаби, баъд аз, мутобиқ бо [равиш]» меояд [14, 1746 - 1752]. Забоншиноси дигар А. Ҷексон ба маънои «бо, дар, дар натиҷа» омадани онро таъкид кардааст [18, § 735]. Дар забони авестой ва форсии бостон ин пешоянд на барои ифодаи маънои «ҳамроҳӣ», балки бо ҳолати азӣ [падежи аблатив] ва бой [падежи инструменталӣ] омада, мафоҳими хостгоҳ [сарчашма], ҷудой, равиш ва ғ. – ро нишон додааст [24, § 507; 19, § 253 ва § 271; 25, 112]. Пешоянди мазкур бо ифодаи чунин маъноҳо то имрӯз дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ боқӣ мондааст. Аммо бо таваҷҷуҳ ба масъалаи этимологияи калимаҳо бояд маънои аслии онро «ҳамроҳӣ» забт кард, зеро, чунонки мо медонем, илми решашиносӣ, пеш аз ҳама, барои барқарор кардани сурати аслии вожаҳо машғул аст. Муоинаи осори баъзе аз забонҳои форсии миёна аз он шаҳодат медиҳад, ки пешоянди «аз» ба маънои «ҳамроҳӣ» истифодаи васеъ доштааст. Масалан, осори забони портӣ, ки аз забонҳои форсии миёнаи ғарбӣ мебошад, далели чунин андеша аст:

u=t	**mā**	**parmāyāh**	**kē**	**až**	**tu**	**pad**	**afrasāgīft**	**padkārēnd**
у-т	на	фикр накун /андеш	ки	бо	ту	Ба	таҳқир	муборизa кунанд

Яъне, «ва тасаввур накун, ки бо ту аз сари таҳқир ва танаффур муборизa кунанд» [15, 50]. Шарқшинос Х. Бруннер ҳангоми таҳқиқи вижагиҳои наҳвии забон порсии миёна аз қолаби пешояндии **az ... hammis** ёдовар шуда, таъкид мекунад, ки он дар забони форсии миёна барои ифодаи ҳамроҳӣ истифода шудааст ва далелеро аз «Корномаи Ардашери Бобакон» меорад:

xwad	**az**	**aswārān…**	**hammis**	**ō**	**gursagīh**	**ud**	**tišnagīh**	**āmad**
худ	бо	саворон…	бо	ба	гуруснагӣ	Ва	ташнагӣ	шуд

[1] Ба назари мо, ба забони тоҷикӣ бори аввал истилоҳҳои ҳолати фоилӣ, рой, бой, барой, азӣ, изофӣ, дарӣ, нидой – ро забоншинос Фарангис Шарифова бо такя ба забоншиносии форсӣ ворид кардааст. Мо низ ба ҳамин такя кардем.

Яъне, «худаш бо саворон … ташна ва гурусна шуд» [16, 143]. Барои ошкор шудани манзараи мазкур ҳоло матни пурраи он аз «КАБ», ки бо кӯшиши муҳаққиқ О.М. Чунакова таҳия шудааст, оварда мешавад: «Ud Ardaxšīr az spāh ī xwēš wiyābān bē bud andar šab ō wiyābān-ē mad kē-š [pad-iš] ēč āb ud xwarišn ne būd xwad **az** aswārān ud stōrān **hammis** ō gursagīh ud tišnagīh mad [4, c.47]. И Ардашир со своим войском заблудился и ночью пришел в пустыню, где не было ни воды, ни еды. И он сам вместе со [своими] всадниками и конями испытывал голод и жажду [4, с.72]. Тарҷумаи ин зербахши китоб аз ҷониби профессор Д. Саймиддинов чунин тарҷума шудааст: «Ардашер бо сипоҳи хеш дар биёбон шуд ва шаб ба биёбон омад, ки онро ҳеҷ обу гиёҳ набуд. Худ бо саворону сутурон ҳама ба гуруснагиву ташанагӣ омаданд» [9, с.33].Муҳаққиқи эронӣ доктор Муҳаммадҷаводи Машкур, ки бо эҳтимоми ӯ матни комили паҳлавии «КАБ» овонавсӣ [транскрипсия] ва ҳарфнависӣ [транслитератсия] карда шудааст, ин порчаро ба гунаи зайл меорад: «Ардашер аз сипоҳи хеш ниёзон ва дилпарешон буд. Андар шаб ба биёбоне омад, ки ҳеч обу хӯрок андар он набуд ва худ бо саворон ва сутурон ҳамагӣ ба гуруснагӣ ва ташнагӣ афтоданд» [6, с.189].

Лозим ба ёдоварист, ки унсури **hammis** – ро, ки дар матни «КАБ» ҳамгӣ ду маротиба дар якҷоягӣ бо пешоянди az омадааст, муҳаққиқ О.М. Чунакова ба маънои «az ~ «с» [яъне аз ... бо, аз … ҳамроҳи – Қ.З]» [4, 121] истифода шудани онро ошкор кардааст. Аммо, чунонки ба назар мерсад, дар мутуни тоҷикии он ин унсур ба гунаи «ҳамагӣ» забт шудааст. Вожаи «ҳама/ҳамагӣ» дар ин сарчашма ба шакли «hamōyēn – весь, все» [4, с.121] омадааст.

Далели дуюм, ки дар он низ пешоянди «**аз**» ҳамроҳиро ифода кардааст, ба тариқи зайл оварда шудааст: «Ēdōn gōwēnd kū warzāwand Ādur-Farrōbay ī pērōzgar ēdōn čiyōn xrōs-ē <ī> suxr andar parrīd ud parr ō pist zad ud ān jām **az** pist **hammis** az dast ī Ardaxšīr ō zamīg ōbast [4, 55]./Говорят, что [тут] великий победоносный огонь Фарробай влетел в образе красного петуха и так ударил крылом по толокну, что чаша с толокном упала из рук Ардашира на землю [4, с.78]. Тарҷумаи он аз ҷониби Д.Саймиддинов ба қавли зер сурат гирифтааст: «Чунин гӯянд, ки оташи нерӯманди Фарибайи пирӯзгар чун хурӯси сурх париду пар ба пист зад ва он ҷом бо пист аз дасти Ардашер бар замин афтод» [9, 40]. Дар нусхаи тартибдодаи доктор Муҳаммадҷаводи Машкур ба тариқи зайл аст: «Ардашер чун [он шароб] … мехост хӯрдан чунин гӯянд, ки варҷованд [муқаддас] Озарфари нубуғ ба монанди хурӯси сурх [даромад] ва андар парид ва пари хеш ба пист зад ва он ҷом бо пист аз даст ба замин афтод» [6, с.202 – 203].

Ҳамонгуна ки таъкид шуд, аз дидгоҳи таърихӣ ва илми решашиносӣ пешоянди «**аз**» бозмондаи калимаи **hačā / hača,** ки аз решаи **hak** гирифта шудааст, буда, маънои аслии он барои ифодаи «ҳамроҳӣ» меомадааст. Мушоҳидаи осори забони адабӣ нишон медиҳад, ки ин унсур барои ифодаи чунин вазифа имрӯз ниҳоят маҳдуд буда, дар ичрои ин функсия [ҳамроҳӣ] пешоянди «**бо**» ниҳоят серистеъмол аст. Ҳарчанд пешоянди «**аз**» барои ифодаи ҳамроҳӣ дар забони адабии ҳозира ба мушоҳида намерасад, лекин аксари маъноҳои ифодамекардаи имрӯзаи он аз ҳамон маъно сарчашма гирифтааст. Маъноҳои маъмул ва серистифодаи ин пешоянд дар забони адабии ҳозира барои баёни мафҳуми сарчашма ва ҷудоӣ омадани он аст. Аз рӯи мушоҳидаҳои маводи фактологии дар ихтиёрбуда маълум мегардад, ки таносуби маъноҳои грамматикии ин пешоянд дар дарозои таърих ҳамсон нестанд. Агар баъзе аз маъноҳои онро дар шумори коркардҳои куҳан пиндорем, бархеи он ҳосили эҷоди даврахои нисбатан ҷадид аст. Чунонки дар боло исбот карда шуд, ин пешоянд дар гузаштаи дур ҳамчун вожаи дорои маънои лексикидошта дар гардиш қарор дошта, минбаъд майл ба маънои грамматикӣ кард. Дар навбати худ ҳамон маънои грамматикии аввала боз маъноҳои нав ба навро ба уҳда гирифт.

Таҳқиқи осори бозмондаи ахди бостон ва давраи миёнаи забонҳо кушояндаи ин нукта аст, ки ин пешоянд дар забони авастоӣ ва форсии бостон гунаи **hačā / hača** – ро дошта, дар забони форсии миёна ба шакли **az** истифода мешуд. Пурбасомадтарин маънои грамматикии он дар ин забонҳо, пеш аз ҳама, барои ифодаи маънои сарчашма буд. Профессор А. Ҳасанов низ чунин андешаро пуштибонӣ кардааст [12, қ.1, 60; қ.2, с.69].

Ҳоло бо овардани чанд далел аз забони адабӣ исбот мекунем, ки обишхури ҳамаи маъноҳои имрӯзаи пешоянди «**аз**» ҳамон маънои асли [ифодаи ҳамроҳӣ] – и ин унсур маҳсуб меёбад.

Дар ҷумлаи «Сафедрӯд аз кӯҳҳои Курдистон сарчашма мегирад» [1, с.259] маълум аст, ки Сафедрӯд дар нуқтае бо кӯҳҳои Курдистон ҳамроҳ аст. Кӯҳҳои Курдистон бошад, оғози ҷоришавии ин рӯд ба ҳисоб меравад.

Дар забони тоҷикӣ пешоянди «бо» ҳам ба маънои ҳамроҳӣ ва ҳам бо предмет [афзор, шайъ] омада, воситаеро дар анҷоми коре далолат мекунад, аммо пешоянди «аз» танҳо ба мафҳуми предмет алоқамандӣ дорад ва бо вуҷуди ин, маълум мегардад, ки ҳамроҳиро низ ифода мекунад. Бояд гуфт, ки ин куҳантарин коркарди маънои пешоянди мазкур ба ҳисоб меравад ва ба ҳамин далел метавон ба ҷои он пешоянди содаи аслии «бо» - ро гузошт:

*Кунгура вайрон кунед **аз** манҷаниқ,*
То равад фарқ аз миёни ин фариқ [8, с.33].

Калимаи «манҷаник//манҷаник» дар ФЗТ ба маънои «олати фалохунмонанд, ки онро бар сари чӯбе ҷойгир карда, сангҳои калон ва ё гулӯлаҳои оташро дар он монда, ба тарафи қалъаи душман меандохтаанд» маънигузорӣ шудааст [10, 637]. Чунонки аз маънои байт маълум аст, пешоянди мавриди назар маънои «ба воситаи; тавассути» – ро дорад. Агар мисра [ҷумла] – и аввалро ба шакли «Бо манҷаниқ кунгураро вайрон кунед» оварем ҳам, маънои аслии он халал нахоҳад ёфт. Айни ҳамин вижагиро дар мисоли зер низ метавон мушоҳида кард:

Зи *гавҳар Яман гашта афрӯхта,*
Иморӣ як андар дигар дӯхта [11, ҷ.1, 144].

Яке аз маъноҳои ин пешоянд дар забони адабии ҳозира барои ифодаи ҳаракат [масир] меояд. Забоншинос С. Лургӣ таъкид мекунад, ки **hača** ва **az** дар забони авестоӣ ва форсии миёна чунин нақшро [барои ифодаи маънои масир/ҳаракат] ба уҳда надоштаанд ва ин маънои «**аз**» дар давраи ҷадид барои он падид омадааст [20, 22]. Бояд гуфт, ки кулли забоншиносони аврупоӣ, ҳангоми муқоисаи маъноҳои куҳан ва ҷадиди пешоянди «**аз**» дар забонҳои аҳди қадиму миёна ва нави забони тоҷикӣ исбот кардаанд, ки ҳамаи онҳо дар зимнашон маънои ҳамроҳиро доранд. Сарчашмаи маонии нави ин пешоянд муштақ аз ин калима мебошад. Масалан, забоншинос С.Лургӣ ҳангоми баррасии маънои грамматикии «**аз**», ки «масир» - ро далолат мекунад, чунин мегӯяд: «Масир [path] – ин нақши маъноӣ далолат бар хатти ҳаракате дорад, ки он нуқтаи мутаҳаррик [trajector] дар имтидоди [гӯли, дарозии] масир ё аз самти нуқтаи собит [landmark] ҳаракат мекунад. Нуқтаи собит ва нуқтаи мутаҳаррик аз ҳам ҷудо ҳастанд ва дар бахше аз масир **бо ҳам ҳамроҳ** [ишора аз мост – Қ.З.] ва пас дубора аз ҳам ҷудо мешаванд» [20, 22]. Муҳаққиқи мазкур ин теорияро чунин асоснок мекунад, ки ҳақ бар ҷониби ӯст: «Дар ҷумлаи «Аз пеши донишгоҳ гузаштем» дар бахше аз масир нуқтаи мутаҳаррик [мо] бо нуқтаи собит [донишгоҳ] ҳамроҳ шудааст. Мафҳуми масир ба афзор густариш меёбад. Дарвоқеъ, афзор ба монанди маҷрое аст, ки аз тариқи он вақеаҳо ва рӯйдодҳо мунтақил мешаванд. Дар ҷумлаи «Аз зинаҳо боло рафтам» «зина» афзори боло рафтан аст». Дар ҳақиқат, дар далелҳои оварда маълум мешавад, ки калимаи «мо» ва «донишгоҳ» ва дар мисоли дуюм «ман» бо «зина» як лаҳзаи ҳамроҳӣ мушоҳида карда мешавад. Дар забони тоҷикӣ пешоянди «**аз**» дар ҳамнишинӣ бо феълҳо барои ифодаи мафҳуми «масир» меояд.

Маънои дигари пешоянди «**аз**» барои ифодаи соҳибият [моликият] меояд, ки ин ифодаи пешоянд низ маъхуз аз мафҳуми ҳамроҳӣ аст. Масалан, забоншинос Муниер – Виллиямс ин масъаларо чунин асоснок мекунад: «Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки аз манзари таърихӣ коркарди аввалияи «**аз**» баёни мафҳуми ҳамроҳӣ аст, метавон мафҳуми моликиятро густариши ҳамроҳӣ донист. Бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки дар забони санскрит решаи **sac** ба маънои «доштан, молик будан» низ ба кор рафта аст [23, 1130]. Чунонки медонем, мафҳуми соҳибият тааллуқи чизе ба касе ё чизи дигар мебошад ва мафҳуми ҳамроҳии он ду чизи бо якдигар бударо далолат мекунад. Бинобар ин, дар ҷумлаи «Ин китоб аз мо, инаш аз шумо» [3, 380], ки дар «ЗАҲТ» барои ифодаи соҳибият оварда шудааст, китоб бо молики он [яъне мо ва шумо] ҳамроҳ аст. Ба назари мо ифодаи чунин маънои пешоянди «аз» аз оғози давраи нави таърихи забон маншаъ гирифтааст:

Қудрати худ бин, ки ин қудрат ***аз*** *ӯст,*
Қудрати ту, неъмати ӯ дон, ки ҳӯст [8, с.27].

Маънои дигари пешоянди «**аз**» барои баёни мафҳуми муқоиса меояд. Ин роҳи дигари густариши маънои ҳамроҳӣ мебошад, ки дарк кардани он осон аст:

Пас, забони маҳрамӣ худ дигар аст,
Ҳамдилӣ ***аз*** *ҳамзабонӣ беҳтар аст [8, с.46].*

Дар ин байт ду калимаи алоҳида [ҳамдилӣ ва ҳамзабонӣ] дар мафҳуми беҳ будан ҳамроҳ шуда, пас муқоисаи онҳо [яъне ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар мебошад] сурат гирифтааст. Ҳамчунонки дар ҷумлаи «Дӯст аз душман намешиносад» [1, с.56] бояд дӯст ва душман бо ҳам ҳамроҳ бошанд то муқоисаи онҳо аз якдигар сурат гирад. Ё дар ҷумлаи «Аҳмад аз Алӣ донотар аст» [5, с.223] исмҳои хоси Аҳмад ва Алӣ дар доноӣ ҳамроҳ шудаанд ва он гоҳ муқоиса сурат гирифтааст. Бинобар ин, мафҳуми ҳамроҳӣ асоси ба вуҷуд омадани муқоисаи ду предмет, ки бо пешоянди «**аз**» сурат гирифтааст, буда, бе иштироки он қиёси ду чиз имконнопазир мебошад.

Маънои сабабро ифода кардани пешоянди «**аз**» ҳанӯз дар забони авастоӣ ва ва форсии миёна маъмул буд. Бино ба андешаи муҳаққиқон дар забони авастоӣ ҳам ҳолати боӣ ва ҳам ҳолати азӣ барои мафҳуми сабаб далолат мекардаанд [24, § 451, § 473; 25, 114]. Дар форсии миёна ва портӣ **až** ва **az** барои далолат бар мафҳуми сабаб ба кор рафтаанд [16, с.145].

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ низ пешоянди «**аз**» барои ифодаи сабабият серистифода буда, онро низ метавон, чун маъноҳои болоӣ, густариши маънои ҳамроҳӣ номзад кард:

Аз *харӣ ӯро намегуфт: «Эй лаъин!*
Ту аз он ҷойӣ, чаро зорӣ чунин? [8, с.508].

Чунонки аз муҳтавои байт маълум аст, сабаби «нагуфтан» [феъл] «аз харӣ» [таркиб] буда, корбурди пешоянди «**аз**» барои тавзеҳи феъл нигаронида шудааст. Яъне мафҳуми «харӣ» ҳамроҳи субъект аст, на бо кас ё чизи дигар.

Ниҳоят, барои ифодаи маънои ҳамроҳӣ омадани пешоянди «**аз**» дар осори гузаштагони мо маъмул буд:

*Гуфт пайғамбар: «Адоват **аз** хирад*
Беҳтар аз меҳре, ки аз ҷоҳил расад» [8, 164].

Хулоса, тамоми маъноҳои грамматикии пешоянди содаи аслии «**аз**», ки аз оғози давраи нави таърихи забон то имрӯз дар осори манзуму мансури аҳли адаби мо мавриди истифода қарор мегирад, ҳама натиҷаи густариши маънои аввалияи он, ки ҳамроҳиро далолат мекард, мебошад. Пешоянди содаи аслии «**аз**» аз калимаи **hača**, ки аз решаи **hak** ба маънои «ҳамроҳӣ кардан; пайвастан» мебошад, баргирифта шудааст. Ба туфайли омилҳои табиии айниву зеҳнии забон ин калима аз маънои луғавӣ маҳрум шуда, минбаъд барои ифодаи маънои грамматикӣ нақш бозид. Ҳамчунин бояд гуфт, ки тобишҳои маъноии ин пешоянд дар оғози ба вазифаи пешоянд истифода шуданаш маҳдуд буда, оҳиста – оҳиста доираи маъноии он васеъ гардид. Бо вучуди он, чунонки исбот кардем, ҳама маъноҳои грамматикӣ дар доираи маънои лексикии он давр мезананд.

АДАБИЁТ

1. Анварӣ Ҳасан. Дастури забон форсӣ/Ҳ.Анварӣ, А. Гевӣ. – Теҳрон, 1375. – 206 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.–Душанбе: Дониш, 1985. -Ҷ.1.- 356 с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1.-Душанбе: Маориф, 1982.–462 с.
4. Книга деяний Ардашира сына Папака. Транскрипция текста, перевод со среднеперсидского, введение, комментарий и глоссарий О.М.Чунаковой. – Москва, 1987. – 163 с.
5. Маҳдӣ Машкулиддинӣ. Дастури забони форсӣ/М.Маҳдӣ. – Машҳад, 1374.
6. Машкур Муҳаммадҷавод. Корномаи Ардашери Бобакон/М.Машкур. – Теҳрон, 1369. – 342 с.
7. Мирбобоев А. Муқаддимаи филологияи эронӣ/А.Мирбобоев. – Душанбе, 2015. – 326 с.
8. Румӣ Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ. Таҳия, танзим ва баргардони матн Бахриддин Ализода ва Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ/Ҷ.Румӣ. – Теҳрон: Нашри замон, 2001. – 728 с.
9. Саймиддинов Д. Адабиёти паҳлавӣ/Д.Саймиддинов. – Душанбе, 2003. – 232 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ.Ҷ.1.–М.:Советская энсиклопедия, 1969.–951 с.
11. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома [Ахтарони адаб]/А.Фирдавсӣ. Ҷилдҳои 1 – 10. – Душанбе: Адиб, 2007 – 2010.
12. Ҳасанов А. Таърихи забони тоҷикӣ/А.Ҳасанов. Қисмҳои 1 – 2. – Хуҷанд, 2004 – 2005.
13. Шарипова Ф. Таҳаввули чумлаи содаи забони тоҷикӣ/Ф.Шарипова. – Қ.1. – Душанбе, 2012. – 224 с.
14. Bartholomae, C. 1961. Altiranisches Wörterbuch, Berlin: W. De Gruyter.
15. Boyce, M. 1975. A Reader in Manichaean Middle Persian and Parthian [Acta Iranica 9], Leiden: E.J. Brill.
16. Brunner, Ch. j. 1977. A Syntax of Western Middle Iranian, Delmar, New York: Caravan Books.
17. Bubenik, V. 2006. Case and Prepositions in Iranian. In J. Hewson & V. Bubonic [eds.], From Case to Adposition: The Development of Configurational Syntax in Indo-European Languages [131-158.], Amesterdam/ Philadelphia: John Benjamins Publishing Company.
18. Jackson, A. V. W. 1892. An Avesta Grammar in Comparison with Sanskrit, Stuttgart: W. Kohlhammer.
19. Kent. R. 1953. Old Persian: Grammar, Texts, Lexicon, New Haven, Connecticut: American Oriental Society.
20. Luraghi, S. 2003. On the Meaning of Prepositions and Cases: The
21. expression of semantic roles in Ancient Greek, Amesterdam / Philadelphia: John Benjamins Publishing Company.
22. Macdonell, A. A. 1917. A Vedic reader for students, Oxford: Clarendon Press.
23. Mayrhofer, M. 1976. Kurzgefaβtes Etymologisches Wőrterbuch des Altindischen, Heidelberg: Carl Winter, Universitātsverlag.
24. Monier-Williams, M. 1899. A Sanskrit-English Dictionary, Oxford: The Clarendon Press.
25. Reichelt, H. 1909. Awestisches Elementarbuch, Heidelberg: C. Winter.
26. Skjærvø, P. O. 2010. Old Iranian, In G. Windfuhr [ed.], The Iranian Languages [43-195], London and New York: Routledge.
27. Whitney, W. D. 1889. Sanskrit Grammar, London: Oxford University Press.

СЕМАНТИЧЕСКОЕ ПРЕОБРАЗОВАНИЕ ПРЕДЛОГА «АЗ» В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Настоящая статья посвящена исследованию таджикского предлога «аз», которая имеет разные функции как единицы языка, в частности, его семантического преобразования. Ссылаясь на произведения литературных деятелей разных периодов, а также на литературные и исторические источники X-XIII веков, автор подчеркивает, что некоторые значения употребления предлога «аз» и его смысловые оттенки и служебных функций сохранились в современном таджикском литературном языке, но они на сегодняшний день с определенными причинами не исползуются в

письменной речи. Некоторые грамматические значения предлога «аз» были проанализированы на основе многочисленных фактических материалов, и были выявлены его отличия и сходство с другими служебними словами. Использование несамостоятельных частей речи для функции друг друга, особенно предлога «аз» - одно из самых распространенных явлений средневековья. Доказано, что первоначальное значение предлога «аз» пришло из далекого прошлого для выражения значения «примыкания». Из анализа этого вопроса автор приходит к выводу, что в наследии древних учёних данный предлог имел лексическое значение и постепенно утратил эту функцию.

Ключевые слова: *несамостоятельные части речи, единица имеющая разных функций, предлог, простой предлог «аз», древнеперсидский язык, среднеперсидский язык, новоперсидский язык, смысловые оттенки, значение «примыкания», семантическое преобразование.*

SEMANTIC DEVELOPMENT OF PREPOSITION "AZ" IN TAJIK LANGUAGE

This article is devoted to the study of the Tajik preposition "az", which has different functions as a unit of language, in particular, its semantic development. Referring to the works of literary figures of different periods, as well as to the literary and historical sources of the X-XIII centuries, the author emphasizes that some meanings of the use of the preposition "az" and its semantic shades and service functions have been preserved in the modern Tajik literary language, but they are today are not used in writing for specific reasons. Some grammatical meanings of the preposition "az" were analyzed on the basis of numerous factual materials, and its differences and similarities with other official words were revealed. The use of structural parts of speech for the function of each other, especially preposition "az", is one of the most common phenomena of the Middle Ages. It is proved that the original meaning of the preposition "az" came from the distant past to express the meaning of "adjoinment". From the analysis of this issue, the author comes to the conclusion that in the heritage of ancient scholars this preposition had a lexical meaning and gradually lost this function.

Keywords: *structural parts of speech, a unit with different functions, preposition, simple preposition "az", Old Persian, Middle Persian, New Persian, semantic shades, meaning of "adjoinment", semantic development.*

Сведения об авторе:

Кургонов Зохид Дехконович *- кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова [Республики Таджикистан, г.Худжанд], E-mail: Suhanvar1983@mail.ru*

About the author:

Kurgonov Zohid Dehqonovich *- candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of the Tajik language under Khujand State University named after academician B.Gafurov [Tajikistan, Khujand], E-mail: Suhanvar1983@mail.ru*

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ МАКРОСТРУКТУРАИ ЛУҒАТҲОИ ИСТИЛОҲОТИ АДАБИЁТШИНОСИИ ТОҶИК

Ғуломасейнов С. А., Мамадназаров А.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бо инкишофи илм ва технология ба забон вожаҳо ва таркибу ибораҳои нав ворид мешаванд, ки на ҳамаи онҳо базудӣ ва ҳама вақт ба луғату фарҳангҳои тафсирӣ роҳ меёбанд. Аз ин рӯ барои ҳамоҳангсозӣ ва ба як шакли муайян даровардани вожаҳои ин ё он соҳа ва ё шарҳу тафсири вожаҳои мушаххас луғатномаҳои истилоҳии тафсирӣ (якзабона) ё дузабонаю чандзабона таҳия мегарданд.

Мақсади мақолаи мазкур таҳлили муқоисавии макроструктураи луғатҳои истилоҳоти адабиётшиносии тоҷик ва муайян кардани фарқият ва умумияти сохтори онҳо мебошад.

Макроструктураи луғат. Дар зери мафҳуми *макроструктура* сохтори умумии луғат ва тарзи баррасии воҳидҳои луғавӣ дар он фаҳмида мешавад [Гринев, 1996, 31]. Яъне, ин *истилоҳи лексикографӣ* ба маъноии тарзи ҷобаҷогузории *сарвожаҳои* луғатнома – қисмати асосии *луғат* истифода мешавад. Яъне дар зери мафҳуми *макроструктура* масъалаҳои умумии луғат ҳамчун як системаи мустақил бо робитаҳои дохилӣ ва сохтори гуногунҷанбаи он бояд фаҳмид. Макроструктураи луғатро принсипҳои умумии сохтори асари луғатнигорӣ, робитаҳои синонимӣ, антонимӣ, омонимӣ ва ғайра, алоқаҳои берунии майдонҳои маъноӣ, гурӯҳҳои мавзӯӣ ва луғавӣ, принсипҳои ҷобаҷо кардани воҳидҳои забонӣ ва ғ. дар луғат ташкил медиҳанд.

Баъзан *макроструктураи* луғатро танҳо ҳамчун сохтори мақолаҳои дар чорчубаи луғатнома ҷойгиркардашуда шарҳ медиҳанд, ки ин шарҳ пешгуфтору муқаддима ва замимаҳоро берун аз *макроструктура* мегузорад. Вале теъдоди зиёди лексикографҳо ба мафҳуми *макроструктура*

ворид кардани тамоми воҳидҳои таркибии луғат, аз пешгуфтр сар карда то замимаҳо қонунӣ мешуморанд, зеро ҳаҷм ва мазмуни онҳо хусусияти луғатро муайян месозад.

Бо вуҷуди он ки навъҳои гуногуни луғатҳо вуҷуд доранд, аксарияти онҳо аз назари шаклбандию сохтор ва тартиби баррасии мавод хусусиятҳо умумӣ низ доранд.

Аз рӯи сохтор, луғатҳои навини истилоҳии адабиётшиносии забони тоҷикӣ одатан аз панҷ ва зиёда аз он бахши асосӣ иборат мебошанд, ки тартиби ҷойгиршавии онҳо маъмулан чунин аст: 1) пешуфтор, ё сарсухан, ё муқаддима; 2) бахши «Тарзи истифодабарии луғат» ё «Раҳнамои луғат», 3) феҳристи ихтисораҳои шартӣ ва шарҳи онҳо; 4) *луғатнома*, яъне кулли вожаҳою мақолаҳои луғавии худи луғат; 5) маводи иловагӣ, яъне замимаҳои мухталиф.

Дар ин мақола мо фақат макроструктураи луғатҳои истилоҳии тафсирии адабиётшиносии забони муосири тоҷикиро мавриди омӯзиши луғатнависӣ қарор медиҳем. Таҳияи луғатномаҳои муосири соҳавии тафсирии адабиётшиносӣ ҳанӯз солҳои шастуми садаи гузашта [Р. Ҳодизода, М. Шукуров, Т. Абдуҷабборов, 1966] сар шуда буд. Аз ин давраи ибтидо то имрӯз дар лексикографияи истилоҳии тоҷик зиёда аз 10 луғату фарҳангҳои тафсирии соҳаи адабиётшиносӣ ба табъ расидааст, ки теъдоди гуногуни истилоҳоти адабиётшиносиро шарҳу эзоҳ медиҳанд. Дар муқоиса бо дигар соҳаю фанҳо, маҳз дар соҳаи адабиётшиносӣ теъдоди бештарини луғатҳои тафсирӣ интишор гардидаанд. Сохтори макроструктураи умумӣ ва мақолаҳои луғавии ин гуна луғатномаҳо гуногун мебошад ва маъмулан он аз сарвожа ва тафсири он иборат буда баъзан дар охири луғат феҳристи вожаҳо бо ишора ба саҳифаи нигошташуда ҷойгузин карда мешавад. Дар ин мақола луғатҳои асосии истилоҳоти адабиётшиносиро аз назари принсипҳои муосири луғатнависӣ ва сохторӣ умумӣ, яъне макроструктура мавриди таҳқиқи муқоисавӣ қарор медиҳем.

Нахустин аз луғатҳои тафсирии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар луғатнигории муосири тоҷик «*Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ*»-и Расул Ҳодизода, Муҳаммдаҷон Шукуров ва Талъат Абдуҷабборов мебошад, ки дар соли 1966 дар нашриёти *Ирфон* ба чоп расидаст. Мураттибон ба ин луғат зиёда аз 700 истилоҳ (188 с.) дохил кардаанд. Зарурати таҳияи фарҳангашонро мураттибон чунин таъкид кардаанд: “То имрӯз дар бораи назарияи адабиёт ягон дастуруламале нест, ки комёбиҳои илми адабиётшиносӣ ва танқиди адабиро ҷамъбаст намуда, ба талабагон, муаллимон ва студентон доир ба қонуҳои эҷодиёти адабӣ як маълумоти мукаммалу мураттаб диҳад” [Ҳодизода, 1966, с. 3].

Макроструктураи луғат аз бахши сарсухан [с. 3-6], луғатномаи истилоҳоти адабиётшиносӣ [с. 7-159], иловае бо номи “маълумот дар бораи арӯз” [с. 159-179] ва феҳристи истилоҳот [с. 160-187] иборат аст. Ҳарчанд мураттибон феҳристи алоҳидаи адабиёти истифодашуда наоварда бошанд ҳам дар охири сарсухан сарчашмаҳои истифодашуда таъкид гардидааст, ки дар байни онҳо муҳимтаринҳо: “Тарҷумон ул-балоға”-и Муҳаммади Родуёнӣ, “Ҳадоиқ ус-сеҳри” –и Рашиди Ватвот, “Ал мӯҷам фӣ маойири ашъор-ил-Аҷам”-и Шамси Қайси Розӣ ва аз таҳқиқоти илмӣ асарҳои Б. Сирус “Қофия дар назми тоҷик”, Т. Зеҳнӣ “Санъати бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ” ва чанд асарҳои дигар (10 ногӯй) зикр шудаанд.

Сохтори намунавии мақолаи луғавии луғати мазкур аз истилоҳи адабиётшиносии тоҷикӣ бо ҳарфҳои сиёҳу абзатс, ишораи луғатнигорӣ ба этимологияи вожа, тасвиру тафсири кӯтоҳ ва ё муфассали маънои истилоҳ (то як саҳифаи пурра) иборат мебошад. Масалан:

КИНОЯ (*ар.* – сухани пӯшида, пӯшида сухан гуфтан) – дар насру назми классикӣ ва имрӯза, инчунин дар гуфтугӯи мардум санъатест, ки гӯянда як маъниро тамоман ба маънии дигар, ки мантиқан ва ташбеҳан бо ҳам наздиканд, адо мекунад. Чунончӣ, “дастархони он кас ҳеҷ ғун дошта намешавад” мегӯянд. Ин маънии ишора ё киноя аз он аст, ки ин кас хеле меҳмондӯст аст ва ба хонаи ӯ рафтуомад бисёр аст ... [Ҳодизода, 1966, с. 40-41].

Барои ин ки ёфтани истилоҳот аз ин луғат осон шавад, дар охир номгӯйи тамоми истилоҳот ва дар кадом саҳифа ҷойгир шудани онҳо зикр шудааст. Илова бар ин бо истифода аз ихтисораҳо муаллифон мунсубияти ин ё он истилоҳро ба забонҳои хориҷӣ (англисӣ, арабӣ, немисӣ, юнонӣ ва ғ.) нишон додаанд. Дар охири фарҳанг мураттибон дар ҳаҷми 20 саҳифа (с. 159-187) дар бораи арӯз маълумоти умумӣ овардаанд. Фарҳанг заминаи муфид барои таҳияи фарҳангҳои муосир баъдин дар ин соҳа гардида буд.

“Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти адабиётшиносӣ”, Соҳиб Табаров. “*Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти адабиётшиносӣ*”-и С. Табаров соли 1980 ва баъдан дар соли 1988 бо ислоҳот, тасҳеҳот ва иловаҳо (144 с.) дар нашриёти *Маориф* чоп шудааст. Луғати мазкур ба ёрии донишҷӯёни факултетҳои филологии кишвар, муаллимон ва дӯстдорони соҳаи адабиёт таҳия гардидааст. Ҳарчанд муаллиф теъдоди вожаҳои луғатро мушаххас накарда бошад ҳам, аз рӯи ҳисоби мо дар он зиёда аз се ҳазор истилоҳи адабиётшиносӣ аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷума ва баъзан тафсир шудаанд. Луғат аз сарсухани муаллиф бо номи “Як-ду сухан ба чопи дуюм” [с. 3-4], бахши “ихтисори калимаҳо” [с. 5] ва вожаномаи русӣ-тоҷикӣ иборат аст. Муаллиф номгӯйи адабиёти

истифодашударо наоварда бошад ҳам, дар сарсухан таъкид гардидааст, ки аз “Энциклопедияи адабӣ” ва “Луғати истилоҳоти адабӣ”-и Н. Бродский, А. Лаврецкий, М. Розанов истифода кардааст.

Вожаномаи луғат аз рӯйи тартиби алифбои кирилиасоси забони русӣ таҳия гардидааст. Сохтори намунавии луғати С. Табаров аз истилоҳи забони русӣ бо ҳарфҳои калону сиёҳ ва бо абзатс, ишораи луғатнигорӣ ба этимологияи вожа, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва баъзан тасвиру тафисри кӯтоҳи маъно иборат мебошад. Масалан:

АВАНГАРДИЗМ *фр.* авангардизм; истилоҳи аввалҳо ифодакунандаи мақоми пешоҳангии санъат, ки баъдтар ба он як як қатор мактаб ва равияҳои бо ном “чап” дар адабиёту санъати нимаи аввали асри 20 дар мамлакатҳои буржуазӣ дохил гардиданд [Табаров, 6],

АВТОРИЗАЦИЯ – муаллифият, иҷозати муаллиф; аз назар гузаронидан ва мукаммал кардани матн аз ҷониби муаллиф; ба тарҷума ва иловаҳои муҳаррир ва ё мутарҷим розӣ шудани мусанниф [Табаров, 7].

“Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти адабиётшиносӣ”-и С.Табаров дар луғатнигории тоҷик ягона луғати дузабонаи тарҷумавии истилоҳоти адабиётшиносӣ мебошад. Мутаассифона, луғаномаи истилоҳоти адабиётшиносии *англисӣ-тоҷикӣ* низ то имрӯз иншо нагардидааст. Хусусияти хоси ин луғати тарҷумавӣ аз он иборат мебошад, ки дар он мураттиб ба истилоҳоти адабиётшиносии рус теъдоди зиёди муродифот (*аз чор то шаш адад*) дар забони тоҷикӣ овардааст. Масалан:

ЛАКОНИЧЕСКАЯ РЕЧЬ – нутқи кӯтоҳ, сухани мухтасар, каломи мӯҷаз, гуфтори рехта.

ЛАКУНА *лот.* – ҷои холӣ, нуқс; матни партофташуда; нуқсон дар матни аср.

ЛЕЙТМОТИВ – *нем.* – лейтмотив; мотиви марказӣ, сароҳанг, сармақом, мақсади асосӣ, ғояи роҳбарикунанда [Табаров, 55].

ФАЛЬШ В ЛИТЕРАТУРЕ – сохтакорӣ дар адабиёт, риёкорӣ дар адабиёт, қаллобӣ дар адабиёт, фиребгарӣ дар адабиёт, дурӯғ дар адабиёт, мунофиқӣ дар адабиёт [Табаров, 125].

Аҳамияту моҳияти *“Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти адабиётшиносӣ”-и* С.Табаров дар он зоҳир мешавад, ки луғат теъдоди бештарини истилоҳоти адабиётшиносиро аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷума ва баъзан тафсир ва тасвир кардааст (*зиёда аз се ҳазор*), ки ҳеҷ як луғатҳои тасвирии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар луғатнигории муосири тоҷик, на пеш аз он ва на баъд аз он то имрӯз, ин қадар истилоҳотро дар бар нагирифтаанд. Алабатта, луғат аз камбудиҳо ҳам орӣ нест, масалан баъзе истилҳоти адабиётшиносӣ аз назари идеологияи даврони шӯравии он давра тафсир гардиданд.

«Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ», Холиқ Мирзозода. Соли 1992 «*Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ»-и* Х. Мирзозода (238 с.) дар нашриёти *Маориф* ба табъ расид, ки зиёда аз 750 истилоҳоти адбиётшиносиро, аз ҷумла 570 истилоҳи наср ва 150 истилоҳи назмро тафсиру шарҳ додааст ва дар луғатнигории истилоҳии тоҷик луғати сеюми тафсирӣ ба шумор меравад. Фарқияти сохтори ин луғат аз луғати адабиётшиносии Р. Ҳодизода, М. Шукуров, Т. Абдуҷабборов аз он иборат аст, ки дар ин луғат истилоҳоти иқтибосии хориҷӣ бо хати лотинӣ ва истилоҳоти иқтибосии арабӣ бо хати арабиасоси тоҷикӣ низ дар қавсайн оварда шуда, истилоҳоти то ин давра ба адабиёти тоҷик воридшудаи навро низ фаро гирифтааст.

Луғати мазкур барои хонандагони мактаби миёна ва муаллимони адабиёт пешбинӣ шудааст. «Вазифаи *Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ»*, таъкид мекунад мураттиб, «аз он иборат аст, ки ҷойи холии омӯзиши назарияи адабиётро, ки дар мактаб ҳаст, пурратар намояд» [Мирзозода, 1992, с. 4]. Ҳарчанд, дар муқоваи луғат дар қавс омадааст (*Барои хонандагони мактабҳои миёна ва олӣ*).

Аз назари макроструктура луғати мазкур аз сарсухане бо номи “Аз тартибдиҳанда” [с. 4-5], вожаномаи луғат [с. 6-191], бахшҳое бо номи «Маълумот дар бораи арӯз» [с. 191-197], “Камият ва кайфияти овозҳо, ҳиҷо ва қоидаҳои онҳо, қоидаи ҳафз [с. 197-212] ва бахше бо номи “Баҳрҳои арӯз” [с. 213-236], иборат аст. Мураттиб нисбати теъдоди вожаҳои луғат зикр кардааст, ки “дар луғат он миқдор истилоҳоти адабиётшиносӣ дарҷ ёфтааст, ки ба тариқи *минимум* доираи мафҳумҳои назариявиро барои талабагони махсусан синфҳои боло дода тавонад [Мирзозода, 1992, с. 4].

Мураттиб феҳристи алоҳидаи адабиёти истифодашударо наовардааст, вале дар сарсухан таъкид шудааст, ки чи аз луғатҳои русӣ, чи ӯзбекӣ, чи тоҷикӣ (16 номгӯй луғатҳо ва асарҳои илмии давраи классикӣ ва муосир) баҳравар гардидааст.

Хусусияти хоси мақолаҳои луғавии луғати Х. Мирзозода, аз он иборат аст, ки онҳо дар шакли кӯтоҳ иншо шудаанд ва ин амалро барои ба талабагони мактабҳои миёна таҳия гардидан шарҳ медиҳад. Албатта дар луғат чанд мақолаҳое ҳам ба назар мерасад, ки дар ҳаҷми як ё ду саҳифа тасвир шудаанд (мақолаҳое мисли: *забони адабиёти бадеӣ, идея, танқиди адабӣ* ва ғ.).

Дар сарсухан ҳамчунин рӯйхати кӯтоҳи ихтисораҳо (15 адад), ки дар луғат истифода шудаанд, ба мисли: *ар.* – арабӣ, *ит.* – италиёнӣ, *лот.* – лотинӣ, *ӯзб.* – ӯзбекӣ ва ғ.) зикр гардидаанд.

Сохтори намунавии мақолаи луғавии луғати мазкур, маъмулан, аз сарвожа бо ҳарфи калони сиёҳ ва бо абзатс, ишораи ихтисоршудаи луғатнигорӣ, ки ба забони иқтибосшуда ишора мекунад ва вожаи иқтибосӣ ба забони асл (ё *лотинӣ, арабӣ, юнонӣ* ва ғ.) дар дохили қавси доирашакл, тафсир ва

тасвири маънои сарвожа ва шоҳид-мисолҳо аз адабиёти рус, давраи шӯравӣ ва тоҷикӣ иборат мебошад. Масалан:

АРХАИЗМ (*лот.* archios – маънояш сухани қадимӣ аст) – дар истилоҳ суханҳои кӯҳнаи қадимист, ки аз забони гузашта ба забони адабии ҳозира аз рӯи зарурат кор фармуда мешавад. Ин калимаро бо калимаи "қадимиёт" ифода кардан мумкин аст, вале "архаизм" дар забону адабиёти ҳозираи мо ба расмият даромада, қабул шудааст. ...Масалан: "Ноиб даррав аз забони Одина, **мазҳари дафъӣ** навишт, назар ба ин **маҳзар** Одина ба даъвои Арбоб Камол **дафъ** мегӯяд...[Мирзозода, 1992, с. 13].

БЕЛЛЕТЕРИСТИКА (*фр.* аз калимаҳои belles ва letters буда маънояш адабиёти нафис аст). Илмест, ки номҳои роман, повест, новелла ва очерк барин асарҳои мансурро дар бар мегирад. Муаллифи ин гуна асарҳо беллетирист ном дорад.

"Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ", Темур Атахонов. Чорумин луғати тафсирии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар луғатнигории тоҷик ба қалами Т. Атахонов мансуб мебошад, ки соли 2002 дар нашриёти *Шарқи озод* дар ҳаҷми 454 с. интишор шудааст. Аз ҷиҳати пуррагии тафсир ва тасвири истилоҳоти адабиётшиносӣ луғати Т. Атахонов то имрӯз пурратарин ва комилтарин дар адабиётшиносии тоҷик мебошад, ки зиёда аз 500 истилоҳи адабиётшиносиро ба забони тоҷикӣ тафсир ва тасвир кардаст.

Аз назари макроструктура фарҳанг аз шаш бахш иборат аст: бахшҳои муқаддима [с. 3-6], таркиб ва сохтори фарҳанг [с. 6], чанд мулоҳиза [с. 7], луғатномаи истилоҳоти адабиётшиносӣ [с. 9-448], рӯйхати ихтисороти шартӣ [с. 449] ва бахши библиография [с. 450-453].

Бахши муқаддима ё сарсухан. Дар ин бахш мураттиб як сайри таърихӣ доир ба пешрафти луғатнависии тоҷик аз давраҳои қадим то имрӯз, аз ҷумла луғатҳои тафсирию адабиётшиносӣ аз давраи Сосониён ва Сомониён, ки забони дарӣ-тоҷикӣ ҳамчун забони шеъру шоирӣ, забони адабиёт, забони илму фан паҳн гардида буд ва асоси луғатнависии тоҷик гузошта мешавад, таъкид кардааст. Кори луғатсозӣ, махсусан, дар асрҳои миёна минбаъд ривоҷ меёбад. Дар давоми асрҳои XI –XVII луғатҳои дузабонаи форсӣ-арабӣ, форсӯ туркӣ, туркӣ-форсӣ ва фарҳангҳои зиёди тафсирӣ ва истилоҳоти адабиётшиносӣ тартиб дода мешаванд. Бо мурури замон баробари инкишофи илмҳои тиб, нуҷум, риёзиёт, мантиқ, фалсафа, жанрҳои асосии адабӣ ба вуҷуд меоянд, назм аз ҷиҳати мавзӯъ ва ғоя бой мегардад. Вазни шеъри тоҷикӣ ташаккул меёбад, доир ба назарияи адабиёт ва поэтикаи тоҷик асарҳои зиёде таълиф мешаванд [Атахонов, 2002, с. 3-4].

Мураттиб аз ҷумла дар муқаддима дуруст таъкид мекунад, ки масъалаи таҳияи луғати адабиёшиносӣ то имрӯз на фақат дар Тоҷикистон, балки дар Россия ҳам ҳалли мусбии худро наёфтааст [Атахонов, 2002, с. 4]. Луғатҳои мавҷудаи истилоҳоти адабиётшиносиро ёдрас карда Т. Атахонов «*Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ*»-и Р. Ҳодизода, М. Шукуров, Т. Абдуҷаббоpовро чунин арзёбӣ мекунад: "ин фарҳанг ҳарчанд дар вақташ дар кори ба меъёри муайян даровардани истилоҳҳои адабиётшиносӣ нақши муҳиме бозида бошад ҳам, вале ба сабаби шарҳу тафсири маҳдуд ва бартарии рӯҳияи замони шӯравӣ дар шарҳи баъзе истилоҳот, аз ҷумла реализми сотсиалистӣ, партиявияти адабиёт ва ғ. ба талаботи замон ҷавобгӯй намебошад" [Атахонов, 2002, с. 8].

Баъдан Т. Атахонов, қайд кардааст, ки луғатҳои таҳиягардидаи Р. Абдуллозода ва С. Табаров низ ба сабабҳои маҳдудияти худ дар шарҳу тафсир ва луғати истилоҳоти адабиётшиносии Х. Мирзозода бинобар ба ғалатҳои зиёд ба талабот ҷавоб дода наметавонанд [Атахонов, 2002, с. 5]. Вале кадом ғалатҳоро мураттиб дар назар дорад – имлоӣ, маъноӣ, грамматикӣ ва ё услубро дар бахши дигари фарҳанги хеш бо номи "Чанд мулоҳиза" овардааст. Дар қисмати охири муқаддима Т. Атахонов таъкид мекунад, ки дар фарҳанг таҷрибаи кори тартибдиҳии фарҳангҳои адабиётшиносӣ, ки солҳои охир ба забони тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ нашр шудаанд, истифода кардааст.

Дар бахши *Таркиб ва сохтори фарҳанг* Т. Атахонов дар бораи сохтори фарҳанг, тартиби ҷо ба ҷо кардани мавод, сермаъногии истилоҳот иттилооти ба хонанда муҳим фароҳам овардааст.

Дар бахше бо номи "Чанд мулоҳиза" [Атахонов, 2002, с. 7-8], ки пеш аз луғатнома ҷойгир карда шудааст, Т. Атахонов чанде аз луғатҳои адабиётшиносиро таҳқиқ карда, баъзе нуқсонҳои луғатсозӣ, ноаниқиҳо ва ғалатфаҳмиҳо дар шарҳу тафсири истилоҳоти ҷудогонаи адабиётшиносиро дар ин луғатҳо бо мисолҳо мавриди интиқод қарор додааст, ки чунин бахш дар дигар луғатҳои тафсирии адабиётшиносии тоҷик пеш аз фарҳанги Т. Атахонов ба назар намерасад. Мавҷудияти ин бахши танқидӣ арзиши фарҳангро ба дараҷае афзудааст.

Мақолаи луғавии *Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ*»-и Т. Атахонов маъмулан, дар заминаи принсипи умумии дар луғатсозии муосир интихобшуда – аввал истилоҳ бо ҳарфҳои калон, вале *сиёҳкарданашуда*, бо абзатс ва аз рӯи тартиби алифбоӣ муосири забони тоҷикӣ ҷойгиркардашуда, ишораи кӯтоҳкардашудаи лексикографии этимологияи хориҷии он, транскрипсияи вожаи хориҷӣ бо ҳарфҳои тоҷикӣ + муродиф ё тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ дар қавси доирашакл ва шарҳу тафсири сарвожа бо шоҳид-мисолҳо иборат аст. Масалан:

АДАБ < *ар*. адабун – ифодакунандаи маҷмӯи улуми адабӣ буда, дар луғат ҳамчун фазилатҳои маънавии инсон – хубӣ, хушгуфторӣ, хушрафторӣ, хушнависӣ, ҳусну хулқ, боодобӣ ва дурустии илму дониш маъниндод шудааст... [Атахонов, 2002, с. 14].

Илова ба тафсири дар боло овардашудаи ин истилоҳ мураттиб дар ҳаҷми ду саҳифаи пурра [Атахонов, 2002, с. 14-15], таърих ва маънои ин вожа пеш аз ислом, пайдоиши ин жанр дар давраи Сосониён, бо ишора ба асарҳои мушаххас таъкид мекунад. Аз ҷумла ишора мешавад, ки дар асарҳои дар жанри "адаб" таълифшуда доираи донишҳои барои тарбияи фарзандони намояндагони табақаҳои болои ҷамъият зарур оварда мешуд. Баъдан мураттиб иттилооти пурра, дар бораи шаклҳои махсуси жанри "адаб", аз ҷумла шаклҳои *насиҳат ба мирзоён ва насиҳат ба подшоҳон* ҷойгузин кардааст. Хулоса, дар мақолаи "адаб" мураттиб, таърихи истифодабарӣ, маъно ва моҳияти ин истилоҳро аз давраҳои қадим, дар асрҳои миёна бо шоҳид-мисолҳо аз осори мутаффакирони дигар ва маънои ин истилоҳ дар замони муосир иттилооти муфид ва зарурӣ овардааст. Аз ҷумла омадааст, ки дар айни замон, калимаи "адаб" ду маънои асосиро ифода мекунад: 1. Санъати қаламдорӣ, яъне маҳорати нависандагӣ доштан; 2. Маҷмӯи асарҳое, ки дар он ҳамин санъат зоҳир мегардад. Аз ин ҷо мафҳуми "адаб"-ро ҳамчун адабиёт ин тавр маънидод кардан мумкин аст: адаб маҷмӯи асарҳои эҷоди хаттие, ки дар он ақлу заковати инсон дар санъати эҷодӣ зоҳир гардидааст [Атахонов, 2002, с. 14-15].

Мақолаи луғавии "адаб" дар фарҳанги Т. Атахонов пурратарин дар муқоиса бо луғатҳои дигари адабиётшиносии пештар интишоршудаи мавриди таҳқиқ ба шумор меравад. Мақолаи калонтарини фарҳанги мазкур бошад ба истилоҳи "*наср*" бахшида шудааст, ки даҳ саҳифаро дарбар меград.

Дар *бахши панҷум* дар фарҳанги Т. Атахонов рӯйхати ихтисороти шартӣ оварда шудааст, ки дар он 30 адад ихтисораҳои шартии дар фарҳанг истифодашуда, аз ҷумла: адш. – адабиётшиносӣ, англ. – англисӣ, ар. – арабӣ, ва ғ. – ва ғайра, ва м.и. – ва монанди инҳо, мас. – масалан ва дигарон ба мақсади сарфа кардани ҷой оварда шудаанд.

Дар *бахши шашум* бо номи "Библиография" феҳристи адабиёти истифодашуда ҷой дода шудааст, ки аслан истинод ба саҳифаҳои истифодашуда мебошанд ва аз феҳристҳои маъмулию анъанавии адабиёт фарқ мекунад. Масалан, баъд аз рақами 22 адабиёти зерин оварда шудааст:

22. Абрамович Г. Введение в литературоведение, М. 1979; Акбаров Ю. Таҳаввули достон ва мунозира дар атрофи он. Ж. Сади Шарқ, 1969, № 11; Акбаров Ю. Композиция ва сюжети асари бадеӣ, Душанбе, 1975.

Дар ин бахш зиёда аз 100 номгӯйи асраҳои ба адабиётшиносӣ бахшидашуда, ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ зикр шудааст. Адабиёти ба истилоҳоти адабиётшиносӣ бахшидашуда ба забони англисӣ мавриди таҳқиқи мураттиб қарор нагирифтааст.

Дар соли 1991 дар луғатнигории муосир нахустин ва ягона "*Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам"-и* Урбатулло Тоиров (560 с.) ба табъ расид, ки пурра истилоҳоти назм бахшида шудааст ва баъдан нашри такмилшудаи он дар ҳаммуалифӣ бо Саидмуроди Саидалӣ дар ду ҷилд бо номи "*Қомуси қофия ва арӯзӣ шеъри Аҷам*", Ҷ. 1, соли 1994 ва Ҷ. 2 соли 2016 мутаносибан дар нашриётҳои *Ирфон* ва *Эр-граф* ба чоп расиданд. Қомуси мазкур таҷрибаи аввалин дар давраи муосир буда зиёда аз 2000 истилоҳи қофия ва арӯзи шеъри Аҷам дар онҳо шарҳу тафсир ёфтаанд. Яъне, қомус пеш аз ҳама ба саънати баланди шеъру шоирӣ бахшида шудааст. Муаллифон кӯшидаанд, ки тамоми истилоҳоти адабиро мухтасар шарҳу эзоҳ диҳанд. Беҳтарин байтҳои шоирони бузурги гузаштаю имрӯза чун шоҳид-мисоли шеърӣ оварда шудааст, ки арзиши фарҳангро хеле баланд бардоштаанд. Қомус барои муаллимони мактабҳои олӣ, омӯзишгоҳҳои педагогӣ, хонандагони мактаҳои миёнаю донишҷӯёни донишкадаю донишгоҳҳо таълиф шудааст.

Аз назари *макроструктура* қомуси мавриди таҳқиқ аз панҷ бахш: бахшҳои сарсухани муаллифон бо номи "Дарёи равон" [с. 3-21], вожанома [Ҷ. 1. Аз ҳарфи А то М, Ҷ. 2. аз ҳарфи Н то Я], феҳристи маъхази китоб [дар ҷ. 1. С. 497-510], ки зиёда аз 400 номгӯйи асру мақолаҳоро дар бар дорад, бахши тавзеҳот [с. 345-403] ва бахши луғатҳо [с. 404-430] иборат мебошад. "*Қомуси қофия ва арӯзи шеъри Аҷам*"-и У. Тоир ва С. Саидалӣ пурратарин фарҳанги истилоҳои шеъру шоирӣ дар луғатнигории мусири тоҷик мебошад.

Дар *бахши аввали* бо номи "*Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам*" ва дар бахши аввали "*Қомус*" бо номи "Дарёи равон", ки мутаносибан 10 ва 20 саҳифаро ташкил медиҳанд, худ як асари таҳлилӣ-назарӣ ва раҳнамои луғатнависӣ барои луғатнигорон мебошад, ки дар бораи аҳамияти фарҳанги мазкур, принсипҳои интихоби истилоҳоти арӯзи Аҷам ва байтҳо барои шарҳ, воситаҳои калимасозӣ, ки дар фарҳанг истифода шудаанд, тарзи тасвири истилоҳот, дигар масъалаҳои муҳими луғатофаринӣ ва истилоҳофаринии шеъру шоирӣ баҳс мекунад.

Мӯҳтавои ин бахшро ба таври кӯтоҳ овардан хеле кори сангин мебошад, вале ба қадри имкон кӯшиши тасвир кардани онро мекунем. Аз ҷумла таъкид гардидааст, ки таълифи асарҳои назарӣ дар адабиёти форс-тоҷик таърихи хеле қадима дорад. Доир ба вазни арӯз асарҳои зиёде офарида шудаанд. Мураттиб зиёда аз бист асарро ёдрас карда аҳамияту моҳияти онҳоро шарҳ медиҳад.

Баъдан саҳми олими рус Е.Э. Бертелс, олимони машҳури Эрон Парвиз Нотил Хонларӣ, донишманди тоҷик Баҳром Сирус ва дигаронро ба ишора ба асарҳои таълифгардидаашон зикр менамояд. Мураттиб луғати Ҳодизода, М. Шукуров ва Т. Абдуҷабборовро бо номи "*Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ*" ёдрас мекунад, ки дар он дар ҳаҷми 20 саҳифа дар бораи арӯз маълумот дода шудааст. Дар саҳифаҳои охир мураттибон дар бораи сохтори фарҳанги худ иттилооти муфид овардаанд, аз ҷумла таъкид гардидааст, ки ин асар аз рӯи тарзи баён хусусиятҳои энсиклопедӣ дорад.

Ҳар як мақолаи луғавӣ аз назари луғатнигорӣ шарҳ дода шудааст. Муаллиф барои шарҳи мақолаҳои фарҳанг аз ашъори шоирони гузашта мисолҳо овардааст. Ҳангоми интихоби мисолҳо кӯшиш карда шудааст, ки байтҳои мазмун ва маънои баланддошта интихоб карда шавад. Калимаҳои душворфаҳми ин шеърҳо (1300 адад) дар охири асар дар зери сарлавҳаи «Луғат» шарҳ дода шудаанд.

Баробари истилоҳоти арӯз ба фарҳанг инчунин истилоҳоте дохил карда шудааст, ки дар шарҳи истилоҳоти арӯз ё ёрӣ мерасонанд, ё ин ки алоқае доранд, аз қабили *сокун, ҳарака, таҳрик, иҷтимоъ* ва ғ.

Дар *бахши дуюм* луғатномаи истилоҳоти адабиётшиносӣ бо номи "Оғози китоб" ҷой дода шудааст, ки дар он зиёда аз 2000 истилоҳои қофия ва арӯзи аҷам дар ду ҷилд тафсир ва шарҳ дода шудаанд. Мақолаи намунавии фарҳанг аз истилоҳи шеърӣ бо хати сиёҳ ва ҳарфи калону абзац, тарзи навишити он бо хати арабӣ ва тарҷумаи он дар қавси доирашкл ва шарху тафсири истилоҳ бо шоҳид-мисолҳои фаровон иборат мебошад. Масалан истилоҳи "байт":

Байт (*ар.* بيت хона), воҳиди асосии шеър, ду мисраи бо ҳам алоқаманд ва мустақилмаъно, ки хоҳ ҳамқофия бошад, хоҳ не. Дар эҷодиёти даҳонии халқ Б. яке аз навъҳои лирикист, ки аз ду мисраи ҳамқофия иборат аст. Дар арӯз ҳар байт аз чанд *рукн* ташкил меёбад. Рукни аввали мисраъи якумро *садр*, рукни охири мисраи якумро *арӯз*, рукни аввали мисраи дуюмро *ибтидо*, рукни охири мисраи дуюмро *зарб* ва рукнҳое, ки дар байни *садру арӯз* ва *ибтидою зарб* ҷой мегиранд, *ҳашв* мегӯянд [Тоир, 1994, с. 87-88].

Баъд аз таъриф ва тависфи вожаи "байт" мураттибон дар ҳаҷми як саҳифа чандин шоҳид-мисолҳоро аз ашъори шоирони давраи классикӣ ва муосир оварда тафсир кардаанд.

Дар *бахши сеюми ҷилди* аввал *Феҳристи маъхази китоб* оварда шудааст, ки дар он зиёда аз 400 номгӯйи асарҳои таҳқиқотии давраи классикӣ ва муосир, фарҳангу луғатҳою рисолаҳои илмӣ ва авторефератҳо доир ба истилоҳоти адабиётшиносӣ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва форсӣ оварда шудааст, ки мукаммалтарин феҳрист дар байни луғатҳои истилоҳоти адабиётшиносӣ мебошад.

Дар *бахши чорум "Қомуси қофия ва арӯзи шеъри Аҷам*"- Т. Урватулло ва С. Саидалӣ бо номи "*Тавзеҳот*" иттилооти кӯтоҳ дар бораи шоирон, мутаффакирон, нависандагони давраи классикӣ ва муосир дар ҳаҷми 58 саҳифа, ки дар рӯшду нумӯи қофия ва арӯзӣ шеъри аҷам ҳиссагузорӣ кардаанд ва аз осорашон дар қомус шоҳид-мисоҳо оварда шудаанд, ҷой дода шудааст. Масалан:

АБӮҲАФСИ СУҒДӢ, Абӯҳафс Ҳаким ибни Аҳваси Суғдӣ (с. тав. номаълум, ваф. 832) шоир, мусиқишинос ва луғатшиноси форс-тоҷик. Ӯро аз ҷумлаи шоироне медонанд, ки аввалин бор ба забони дарӣ-тоҷикӣ шеър сурудаанд...

Дар бахши панҷум ва охирин бо номи "*Луғатҳо*", мураттибон зиёда аз 1300 вожаҳои мушкилфаҳм, ки дар қомус ва шоҳид-мисолҳои шеърӣ истифода шудаанд, шарху тавзеъ дода шудаанд. Ин луғатнома феҳристи содаи алифбоии истилоҳотро мемонад, ки бо ҳарфҳои калон дар зерашон хаткашида ва бо тартиби алифобои муосири тоҷикӣ ҷойгир карда шуда шарҳ дода шудаанд. Масалан:

АМУД – сутуни хайма, гурз.

АНАТ – бадкирдорӣ.

АНИКҲО – зебо, хуб, аҷиб.

АНО – заҳмат, ранҷ, машаққат.

Дар байни асарҳое, ки ба тасвиру шарҳи истилоҳоти адабиётшиносӣ бахшида шудаанд, вале дар номашон вожаҳои "луғат" ё "фарҳанг" ва ё "қомус" наомадааст, рисолаи "*Санъати сухан. Илми бадеъ ва мухтасари арӯз*"-и Т. Зеҳнӣ мебошад, ки соли 1978 дар нашриёти Ирфон дар ҳаҷми 328 саҳифа ба чоп расидааст.

Аз назари макроструктура асари Т. Зеҳнӣ аз дебоча, ду қисм: "Санъатҳои бадеӣ" ва "Мухтасари арӯзи тоҷикӣ" иборат аст.

Дар *дебоча*, ки худ як асари таҳлилии илмӣ оид ба адабиётшиносӣ ба шумор меравад, дар бораи таърихи ташаккул ва равнақу инкишофи адабиёти калассикӣ ва омӯзиши он аз ҷониби олимон ва широну нависандагон, аз давраи классикӣ то имрӯз дар ҳаҷми 45 саҳифа ва ё худ дар ҳаҷми як боби мукаммали рисолаи илмӣ иттилооти судманд оварда шудааст.

Дар *бахши якум* бо номи *Санъатҳои бадеӣ* зиёда аз 85 истилоҳоти серистеъмолтарини адабиётшиносӣ аз ҷумла, аз *ташбеҳ, истиора, муболиға* сар карда то *санъат ва хушоҳангӣ*

иттилооти пурра бо шоҳид мисолҳо аз адабиёт оварда шудааст. Дар қисмати дуюм бо номи *Мухтасари арӯзи тоҷикӣ* истилоҳоти арӯз ва вазн, қоидаи афзоиш, қоидаи табдил дар маҷмӯъ 40 истилоҳоти арӯз тафсир ва тасвир шудаанд. Аз ҷиҳати сохтор ин истилоҳот бо тартиби алифбо ҷойгир карда шудаанд ва луғати адабиётшиносиро мемонанд.

Таҳлили муқоисавии макроструктураи фарҳангу луғатҳои адабиётшиносии тоҷик нишон медиҳад, ки сохтори луғатҳои мавриди таҳқиқ асосан аз бахши сарсухан, муқаддима ё дебоча, луғатномаи истилоҳоти адабиётшиносӣ, иловҳо бо маълумот дар бораи арӯз иборат аст. Дар баробари ин муайян гардид, ки фарҳангу луғатҳо аз ҷиҳати пуррагии тафсиру тасвири истилоҳот, теъдоди вожаномаи луғат, истифодабарии маводи назариявӣ ва адабиёти илмӣ ва аз ҷиҳати овардани шоҳид-мисолҳо аз адабиёти назм ва наср аз ҳам фарқ мекунанд. Ҳамаи луғатҳои мавриди таҳқиқ аз рӯи тартиби алифбои муосири забони тоҷикӣ таҳия гардидаанд. Норасоии асосии макроструктураи фарҳангҳои мавриди таҳқиқ аз назари талаботи луғатнависии муосир набудани бахши мундарича (дар баъзе луғатҳо), надоштани индекс ва рӯйхати адабиёти назм ва насри истифодашуда дар ҳамаи фарҳангҳои адабиётшиносӣ мебошад.

АДАБИЁТ

1. Атахонов, Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ / Темур Атахонов. –Душанбе: Шарқи Озод, 2002. – 454 с.
2. Бобоев Ю. Назарияи адабиёт/ Ю. Бобоев. – Душанбе: Маориф, 1987. –319 с.
3. Гринев С.В. Введение в терминологическую лексикографию: учеб. пособие. – М.: МГУ, 1996. – 98 с.
4. Гринев С.В. Введение в терминоведение. – М.: Московский лицей, 1993. – 309 с.
5. Мамадназаров А. Становление и развитие таджикской переводной лексикографии в 20 и начале 21 вв./ А. Мамадназаров. – Душанбе, 2016. – 416 с.
6. Мирзозода Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ. Душанбе: Маориф, 1992. – 240 с.
7. Назарзода С. Ташакули истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи XX / С. Назарзода - Душанбе, 2004. – 302 с.
8. Рауфов Х. Фарҳанги ҷаҳонгирӣ ҳамчун сарчашмаи лексикографияи тоҷику форс/ Х. Рауфов. – Душанбе: Дониш, 1973. –191 с.
9. Табаров С. Ш. Русско-таджикский словарь терминов литературоведения. – Душанбе: Маориф, 1980, 1988. – 144 с.
10. Тимофеев Л. Основы теории литературы. – М., 1971. – 461 с.
11. Тимофеев Л., Венгров Н. Краткий словарь литературоведческих терминов. – М., 1955. - 179 с.
12. Тоир, Урбатулло, Саидалӣ, Саидмурод. Қомуси қофия ва арӯзӣ шеъри Аҷам. Ҷ. 1. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 512 с.
13. Тоир, Урбатулло, Саидалӣ, Саидмурод. Қомуси қофия ва арӯзӣ шеъри Аҷам. Ҷ. 2. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 432 с.
14. Ҳодизода, Р., Шукуров, Т. Абдуҷабборов Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 188 с.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ МАКРОСТРУКТУРЫ СЛОВАРЕЙ ЛИТЕРАТУРОВЕДЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье рассматривается макроструктура словарей литературоведческих терминов таджикского языка, общность и различия их структуры. Согласно современным разработкам исследования литературоведческих терминов и составления литературоведческих словарей, можно констатировать, что составлено четыре словарей литературоведческих терминов, русско-таджикский словарь литературоведческих терминов и два словаря терминов стихов и арузи Аджама.

Сравнительный анализ макроструктуры словарей литературоведческих терминов таджикского языка показывает, что структура исследуемых словарей в основном состоит из введения или предисловие, словника литературоведческих терминов и дополнительных материалов с информацией об арузи Аджаме. В то же время установлено, что словари различаются с точки зрения полноты описания терминов, количество статей словаря, использования теоретической и научной литературы и иллюстративных материалов. Все исследуемые словари составлены в соответствии с порядком современного таджикского алфавита. Основными макроструктурными недостатками исследуемых словарей с точки зрения современной лексикографии является отсутствие оглавление в некоторых словарях, отсутствие во всех словарях указателя и списка литературы авторов и книг, откуда иллюстративный материал собран.

Различные термины используются в качестве названий словарей литературоведческих терминов, такие как фарханг, лугат и комус. С точки зрения охвата большего количества литературоведческих терминов наиболее полным является "Русско-таджикский словарь литературоведческих терминов" С. Табарова, насчитывающий три тысячи терминов. С точки зрения описания литературоведческих терминов наиболее полным является "Словарь литературоведческих терминов" Т. Атаханова. С точки зрения описания поэтических терминов наиболее полным является "Словарь поэтических терминов и шери Аджам" У. Тохира и К. Саидали.

Ключевые слова: литературоведение, словарь, макроструктура, термин, лексикография, описание, термины поэзии, арузи Аджам.

COMPARATIVE ANALISYS OF THE MACROSTRUCTURE OF DICTIONARIES OF LITERARY TERMS IN TAJIK LANGUAGE

The article deals with the macrostructure of dictionaries of literary terms in Tajik language, the commonality and differences of their structure. According to modern developments of research on literary terms and compiling literary dictionaries, we may state that four dictionary of literary terms, a Russian-Tajik dictionary of literary terms and two dictionary of rhythm and verses of Ajam are composed.

Comparative analysis of the macrostructure of dictionaries of literary terms in Tajik language shows that the structure of the dictionaries under research mainly consist of an introduction or forward, the vocabulary of literary terms and additional materials with information about aruzi Ajam. At the same time, it is found out that the dictionaries differ from the point of the view of completeness of the description of the terms, numbers of the entries of the dictionary, using theoretical and scientific literature and illustrative materials. All the dictionaries under research are compiled according to the order of modern Tajik alphabet. The main macrostructural deficiencies of the dictionaries under research from the point of view of modern lexicography is the lack of introduction part in some of the dictionaries, the absence of index and the list of literature of the authors and books where the illustrative material is collected in all dictionaries.

Different terms are used as the synonym of the word dictionary of the literary terms such as farhang, lughat and qomus. From the point of view of covering the greater number of literary terms, «Russian-Tajik Dictionary of Literary Terms» by S. Tabarov is the most complete with three thousand terms. From the point of view of description of literary terms, "The dictionary of the literary terms" by T. Atakhanov is the most comprehensive and complete. From the point of view of the description of poetic terms the most comprehensive is the "Dictionary of poetic terms and sheri Ajam" by U. Tohir and C. Saidali.

Key words*: literary studies, dictionary, macrostructure, term, lexicography, description, terms of poetics, aruzi Adjam.*

Сведение об авторах:

Гуломасейнов Сафо *- аспирант Таджикского национального университет, кафедры английского языка и сопоставительнный типологии, Тел: (+992) 935002387 Электронный почта: safo.gulomaseinov@gmail.com.*

Мамадназаров Абдусалом *– доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка и сопоставительнный типологии, Тел: (+992) 937715060.*

About the autors:

Gulomaseynov Safo *- Postgraduate student of the Tajik National University, Department of English and Comparative Typology, Tel: (+992) 935002387 Email: safo.gulomaseinov@gmail.com.*

Mamadnazarov Abdusalom *- Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language and Comparative Typology, Tel: (+992) 937715060.*

ШАРҲИ БАЪЗЕ АЗ ИБОРАҲОИ РЕХТАИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА МУРОДИФОТИ ОНҲО БА ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ

Ҳасанова М.И.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Ибораҳои фразеологӣ дар забон як ҳодисаи тасодуфӣ набуда, қонунӣ ва ҳатмӣ мебошанд. Онҳо садсолаҳо чун як қисми барҷастаи лексикаи забон, мувофиқи қонун ва қоидаҳои забон инкишоф ва такмил ёфта омадаанд. Фразеология хусусияти ҳар як забон буда, бе омӯхтани он донистани рӯҳу табиат ва худи он забон номумкин аст. Олими машҳури рус К.Д. Ушинский гуфтааст: «табиати мамлакат, таърихи вай, дар қалби мардуми вай ҷой гирифта, бо сухан ифода меёбад». Олими дигари рус С.И. Ожегов дар мақолаи худ "О структуре фразеологии" чунин мегӯяд: "Калимаву ибораҳои маҷозии вирди забонгашта (крылатые слова), зарбулмасал ва мақол, формулаҳои афсонавӣ, афоризмҳои таърихӣ, латифаҳо ва дигар анвои гуногуни осори эҷодӣ фақат ба ҳиссаҳо ҷудо шуда,

нишонаҳои структуравии худро гум карда, аз ҷиҳати сохт ба воҳидҳои фразеологӣ монанд гардида, ба ин тариқ ба қатори фразеологияи хоси забон медароянд.” Дар ҷаҳон забоне нест, ки он ибораҳои рехта, воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақол надошта бошад. Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар ин бобат нисбати забонҳои дигар ғанитаранд. Барои донишҷӯи хориҷӣ омӯхтани ибораҳои рехта, муҳим буда, яке аз рукнҳои асосии забономӯзӣ ба шумор меравад. Гарчанде ки омӯхтани иборҳои рехта бо роҳи азёдкунӣ муҳим дониста мешавад, вале омӯхтани истифодаи дурусти ибораҳои рехта аз он муҳимтар аст. Чӣ қадаре, ки забономӯз ибораҳои рехтаро дар сӯҳбат бо соҳибони забон дуруст истифода барад, ҳамон қадар осонтар, ӯ муносибатҳои гуфтугӯиро барпо менамояд ва ҳамин тавр роҳ ба сӯи муносибату ҳиссиёти дӯстона ҳам ба сӯи соҳибзабонон ва ҳам ба сӯи забономӯзандагон кушода мешавад.

Ибораҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳо ва дигар намудҳои эҷодиёти даҳонакии халқ бо он фарқ мекунанд, ки онҳо рехта, мухтасар ва серистеъмолу маҷозӣ мебошанд. Онҳо аз як забон ба забони дигар айнан тарҷума намешаванд. Чун ҳамаи миллату халқиятҳои ҷаҳон ҳамаи зинаҳои тарққиёти ҷамъиятиро аз сар гузаронидаанд, муродифоти ин ё он ибораи фразеологӣ ё рехтаро дар ҳар забон дарёфт кардан мумкин аст.

Масалан дар “Фарҳанги англисӣ тоҷикии А. Мамадназаров” чунин шарҳу тавзеҳи маҷозии калимаҳоро вохӯрдан мумкин аст:

Baggage – ин калима ҳамчун *ҷомадон, бору банд* тарҷума мешавад. Лекин маҷозан он ба маънои ***духтари беодобу беҳаё*** истифода мешавад.

Base – *асос, замина,* (ҷуғроф) *паст*. Маҷозан он ба маънои ***бадгавҳар, разил, нокас, қабеҳ*** кор фармуда мешавад.

Bean – *боқило, нахӯд, лӯбиё*. Маънои маҷозии он ***калла, сар*** аст.

Every bean has its black. (Ҳар як лӯбиё сиёҳии худро дорад. Яъне ҳар кас камбудии худро дорад.) *Моҳи беайбу ситораи бедум (нест).* ***“Нет боба без пятнышка”, И на Солнце есть пятна.***

Beat around the bush. (Ба гирди бутта задан) – *Шаф-шаф гуфта шафтолу нагуфтан* (каломи асосиро нагуфтан). Ба забони русӣ бошад, ин мақол чунин ифода мешавад: *Ходить вокруг да около.*

One beats the bush another catches the birds. (Яке буттаро мезанад, дигаре паррандаро меқапад.) – *Табарзан як танга, балегӯй сад танга.* Дар фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикӣ-англисӣ-русӣ-и Бегматова С. бошад, чунин оварда шудааст: *Кӣ канад ҷон, кӣ хурад нон? Бо дасти касе мор гирифтан.* Барои пурқувват кардану васеътар кушода додани маъно он ҷо боз мисраъҳои Хусрави Деҳлавиро мехонем.

Яке гавҳар барад бе кандани кон,
Яке дар кори кон кандан канад ҷон.

Hard (tough) nut to crack. – *Чормағзи барои шикастан сахт* тарҷума мешавад, лекин маҷозан маънои *масъалаи душвор, вазнин, сахт*ро медиҳад. Ба забони русӣ *крепкий, твёрдый, трудный орешек* маҷозан ба маънои ягон *кори ичроишаш душвор* ё ягон *шахсеро, ки ба дилаш роҳ ёфтан душвор ва ё шахсеро, ки аз ӯ сири махфиро гирифтан хеле душвор аст*, меояд.

Be nuts on бошад, *мутахассиси ягон кор* будан ва ё *дӯст доштани ягон кор*ро ифода мекунад.

His fingers are all thumbs. (Ҳамаи панҷаҳои ӯ лелаки калонанд). ***Бе дасту панҷа.*** Ӯ (ягон шахс) дасту панҷа дорад, лекин ягон ҳунар надорад, аз ӯҳдаи ягон кор намебарояд. ***У него руки крюки***. (Дастони ӯ чангак мебошанд).

Лунҷатро овезон накун! Рӯҳафтода нашав! *Не вешай носа.* (Биниатро наовез.) *Put your thumbs up!* (Лелаки калонатро боло гузор!)

(To) beat somebody to the draw or ***(To) beat somebody to the punch.*** Синоними ин ибора ***Get the jump on*** мебошад. Муродифи тоҷикии ин ***Пешдастӣ кардан*** – ягон амалро пеш аз каси дигар ичро кардан аст; ба забони русӣ бошад, *обскакать* (опередить, превзойти) *кого-либо* аст.

Вале ибораҳои рехтае низ ҳастанд, ки дар якчанд забонҳо чун тарҷумаи таҳтуллафзӣ омадаанд: ***His hands are green. Дасти ӯ сабз аст. Его руки – зелёные.*** Ранги дасти ӯ албатта сабз нест. Лекин растаниҳое, ки ӯ мекорад ё мешинонад, хуб нашъунамо мекунанд. Ӯ боғдори хуб аст.

Ба ақидаи педагоги бузурги чех Ян Амос Коменский омӯзиши забони хориҷӣ бояд аз рӯи тадриҷан хонда фаҳмидани маънои гуфтор ба забони хориҷӣ, то ба дарк кардани зебоии сухан, ифодаҳо, боигарии ҳамаи имкониятҳои забонӣ ва ниҳоят, қобилияти ба ҷавҳари эстетикии забон ворид гаштану ба даст овардани ганҷинаи забонӣ рафта расад.

Амрикоиҳо ибораҳои рехтаро ҳангоми гуфтугӯ бо ҳамдигар бисёр истифода мебаранд, ки онҳо қисми муҳими забони англисии амрикоиро ташкил медиҳанд. Ибораҳои рехта ба забон зебоӣ ва боигарӣ мебахшанду ба он имконияти қабул кардани мафҳумҳои наверо, ки барои бо роҳи нави забоншиносӣ ниёзи ифода шудан доранд, медиҳад.

Ҳамин тариқ, ибораҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳо ва дигар намудҳои эҷодиёти даҳонакии халқ бо он фарқ мекунанд, ки онҳо рехта, мухтасар ва серистеъмолу маҷозӣ буда, аз як забон ба забони дигар айнан тарҷума намешаванд. Онҳо ҷавҳари эстетикии забон ба шумор рафта ба

он зебой ва боигарӣ мебахшанд. Аз ин лиҳоз, донистани ибораҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳо ва дигар намудҳои эҷодиёти даҳонакии халқ барои соҳибони забон ва забономӯзон хеле муфид аст.

АДАБИЁТ

1. Бегматова С. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикӣ-англисӣ-русӣ. Хуҷанд. Набӣ Фахрӣ, 2016
2. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ. Нашри такмилшудаи сеюм. Душанбе. Эр граф. 2011
3. Ожегов С.И. О структуре фразеологии. Лексикографический сборник, выпуск 2, страница 40, Москва., 1957.
4. Dean Curry. Illustrated American Idioms. Pp. 99, Washington D.C. 1994

ТОЛКОВАНИЕ НЕКОТОРЫХ АНГЛИЙСКИХ КРЫЛАТЫХ ВЫРАЖЕНИЙ И ИХ ЭКВИВАЛЕНТОВ В ТАДЖИКСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

В статье говорится объяснение крылатых выражений как законное и обязательное явление языкознания. Фразеология свойственна каждому языку и не изучая фразеологию языка человек не может знать дух языка, его природу и самого языка. Нет в мире языка, у которого нет крылатых слов, фразеологических единиц, пословиц и поговорок.

Автор считает, что крылатые слова делают речь красивой и богатой. Изучение крылатых выражений и слов помогают нам понимать собеседника и выразить свою мысль чётко и красиво. Приведены толкование некоторых английских крылатых слов и выражений и их таджикских и русских эквивалентов.

Ключевые слова: *язык, языкознание, крылатые выражения, пословицы и поговорки, фразеология, в переносном смысле, выражение, переводится, фольклор.*

ABSTRACT OF THE ARTICLE "INTERPRETATION OF SOME ENGLISH IDIOMS AND THEIR EQUIVALENTS IN TAJIK AND RUSSIAN"

The article considers the definition of idioms as lawful and obligatory occurrence in linguistics. Phraseology is proper to every language and without learning it one can't know the spirit of the language, its nature and the language itself. There is no language in the world without idioms, proverbs and sayings.

The author considers that idioms make the speech more beautiful and richer. Learning idioms help us understand the company and clearly define our thoughts. There are the definition of some English idioms and their equivalents in Tajik and Russian.

Key words: *language, linguistics, proverbs and sayings, idioms, phraseology, definition, phrase, is translated, folklore*

Сведение об авторе:

Хасанова Муаттар Ирохимовна *– преподаватель кафедры языкознания и сравнительной типологии факультета иностранных языков , Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, город Душанбе, Республика Таджикистан, Электронный почта h.muattara.86@gmail.com Тел: (+992) 928565566*

About the autor:

Hasanova Muattar Ibrohimovna *– teacher of the department of linguistics and comparative typology, the faculty of English language, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Dushanbe, the Republic of Tajikistan, E-mail-h.muattara.86@gmail.com Phone: (+992) 928565566*

ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ ВАНДҲО ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА МУВОФИҚАТИ ОНҲО БО ВАНДҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Ҳамроев М.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик барои сохтани исм пасвандҳо (суффиксҳо) ба таври васеъ истифода мешаванд. Вандҳо (аффикс) аз калимаи лотинӣ(Affixus –пайвастшуда, часпида) –ҳиссаи ёрирасони калима, ки маънои грамматикиро дорад вадар аввали калима, дар охир ва ё дар байни калима омада ба маъноҳои калимаҳо тағирот ворид мекунад, гирифта шудааст. Вандҳо пеш аз решаву асос меоянд: (пешванд) **ҳам**дил, **бо**шукӯҳ, **бо**мазза, **бо**ақл. Дар мобайн миёнванд (интерфикс)-даводав, паропар, ва дар охири калима ояд пасванд (пасванд) номида мешавад, ки маънои аслии калима тағйрот ворид мекунанд, масалан: амонӣ, чӯбин, гулистон, шаҳристон,намакдонва ғайра. Вандҳо дар забон вазифаҳои муҳими луғавию грамматикиро иҷро намуда, аз рӯи дараҷаи калимасозӣ дар забони муосир ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд 1) сермаҳсул 2) каммаҳсул ва бемаҳсул [8, с.50].

Ба ақидаи Ниёзов Ш. оиди калимасозии исм вандҳо дар забон роли муҳим мебозанд. Дуруст аст ки ин ҳам барои сохтани калимаҳои нав нақши асосиро мебозадва вазифаи асосии ҳар як пасванд аз он иборат аст, ки вай ба калимаи сохташуда чӣ маъно медиҳад ва дар ҳамин радиф тасниф мешаванд. Дар калимасозии исм ба воситаи аффиксҳо аз рӯи сохтани номи шахс, касбу кор, номи чизҳо, исмҳои абстракт, исми макон ва монанди ин ба гурӯҳҳо ҷудо мешавад, ки ҳар кадом ба воситаи аффиксҳои сохта мешаванд,чунончи, **-чӣ, -гари, -зор, -истон, -дон, -ият, -ор, -иш-** ва монанди ин, ки дар калимасозии сифат нестанд. Сифатҳо бошанд, аффиксҳои калимасози ба худ хос доранд, чунончи **он, она, гона, ӣ, (гӣ, вӣ), ин (гин), нок ва м. ин** [6, с.20].

Пасванди- **чӣ** яке аз пасвандҳои серистеъмоли забони адабии тоҷик башумор рафта, барои сохтани калимаҳои нав нақшимуҳимро мебозад, вале дар бораи таърихи пайдоиши ин пасванд ва дар бораи мансубияти забонии пасванди мазкур забоншинос Д.Саймиддинов далели фаровоне оварда чунин навиштааст,“**-чӣ** дар асл ба туркӣ мансуб буда, дар тӯли дуру дарози истифодааш на танҳо дар ин ё он забонҳои алоҳидаи эронӣ, балки дар аксари забонҳои миёнаву (монанди порсии миёна, суғдӣ) нави эронӣ (мисли форсии муосир, дарии Афғонистон, дарӣ), ҳатто яке аз забонҳои ҳиндуаврупоӣ, яъне арманӣ мавриди истифода қарор доштааст” [10, с.116-118].

Ҳамзамон пасванди мазкур дарқисми якуми китоби “Ёдоштҳо”-и С.Айнӣ кам бачашм расад ҳам вале хеле хуб истифода шудааст, масалан аз калимаи **нақора**, **нақора-чӣ** сохта шудааст, ки ин ҳам бошад касбу ҳунари шахсро ифода мекунад.

Дар як гӯшаи суфа як нақора**чӣ,** як сурнай**чӣ** ва ду доирадаст нишаста менавохтанд… [9, с.17].

Таҳлили муқоисавии пасванди зикршуда дар забони ангилисӣ нишон медиҳад, ки пешвадҳои маъмултарине, ки барои ташаккули исмҳои нав дар забони англисӣ истифода мешаванд **co** ва **sub** мебошанд. Пасвандҳои сермаҳсул **-tion, -ity, -er, -ness, -ism, -ment, -ant, -ship, -age, -ery** мебошанд. Мушоҳида мешавад, ки имрӯз маъмултарин ванд (аффикси) исмсоз дар забони англисӣ -tion аст:

Abomination- ҳиссибадбинӣ transformation-ислоҳ

adjuration-қасам, қасамхурӣ collection-ҷамъоварӣ

delectation-мамнуният, кайфият.

Дар муқоиса бо забони ангилисӣ дар тарҷумаи калимаи **нақорачӣ (drummer)** пасванди –**er** мувофиқат мекунад. Истифодаи ин пасванд дар забони англисӣ хеле зиёд ба чашм мерасад. Он сермаъсул буда, барои сохтани калимаҳои нав нақши муҳим мебозад, масалан аз калимаи- **drumm** бо илова кардани пасванди –**er** калимаи дигареро созмон додааст. Ин хусусияти пасванди мазкурро дар забони англисӣ зиёд вохурдан мумкин аст. Бояд зикр намуд, ки дар тарҷумаи асарҳои бадеӣ низ ҳамин хусусиятро мушоҳида кардан мумкин аст:

At one corner of the sufa a drumm**er**, a surnay play**er**, and two tambourine playres were seated playing…[S. Ayni,16, 38].

Аслан дар забони англисӣ як қатор вандҳои исмсозе мавҷуданд, ки барои сохтани калимаҳо мусоидат мекунанд, яъне аз як калима бо илова кардани пасванд, калимаи дигареро бавуҷуд меорад, ки маънои дигареро медиҳад.

Аз ҳама пасвандҳои исмсоз пасванди –**er** сермаҳсултар аст, ки дар забони англисии қадим ҳамчун-**ere**, дар забонҳои олмонӣ-**er** ва лотинӣ-**ārius** истифода мегардид, ва тавассути ин пасванд аз исмҳо ва феълҳо исмҳое сохта мешуданд, ки ифодакунандаи шахс, ва фаъолияти он маҳсуб меёфтанд: (ҳозира carter) carter-аробакаш, utndere (ҳозира outrider)- ҳамроҳи кардан, heberdaschere (ҳозира heberdascher)-кулоҳдуз , чарчинфуруш, writere (ҳозира writer)-нависанда ва ғ.

Мушоҳида мешавад, ки дар забони англисии асри миёнагӣ пасвандҳои доираи истифодаи исмсози-**er-** васеътар гардидааст: builder-сохтмончӣ, bookbinder-муқовасоз, hatt**er**-кулоҳдӯз, hunt**er**-шикорчӣ, saddl**er**-зинсоз, weaver-бофанда ва ғайраҳо.Онҳо дар сохтани калимаҳои ифодакунандаи касбу кор фаъолона иштирок намудааст: Пеш аз ҳама исмҳое пайдо мешаванд, ки дар онҳо-**er** ифодакунандаи макон мебошанд, мисол: London**er**- лондониҳо, England**er**-истиқоматкунандаи Англия, Berli**er**-берленагӣ ва ғайраҳо.

Баъдан пасвандӣ-**er** (ташаккул меёбад) дар баробари ифодаи маъноҳои дигар дар ифодаи номи аслиҳа ташаккул меёбад: **roller-ғалтакча (валик), knocker-болғачаи дар** ва ғайраҳо.

Дар забони англисӣ пасвандӣ-**er** сермаҳсул баҳисоб меравад. Он метавонад, ки ба исм, сифат, феъл ва ҳатто шумора ҳамроҳшуда, дар ифодаи маъноҳои гуногун иштирок намояд: London-Лондон London**er**-лондонӣ, аз Лондон, Berlin –Берлин Berlin**er**-берлинӣ (истиқоматкунандаи Берлин)

Мушоҳида мешавад, ки пасванди-**er** ва муродифи он-**or** серистеъ-мол буда, маъноҳои баробар истифода бурда мешаванд:To translate- тарҷума, translat**or**-тарҷумон, To visit- ташриф, visit**or**-ташрифоваранда.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки пасванди-**гар**-и забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад ба пасвандҳои **er-or**-и забони англисӣ, ки дар исмсозӣ сермаҳсул буда, исмҳои шахс месозад, ки маъноҳои гуногун доранд;

Агар ба таърихи пасванди гар нигарем дар китоби Самидинов Д оиди пайдоиши ин пасванд хеле хуб гуфта шудааст, пасванди-gar (<-kar<*-kara- «кунанда, фоил) аз исмҳои маънӣ ва мушаххас исми фоил месозад. Бештар вожаҳои аз исмҳои маънӣбо ин пасванд шакл гирифта сифат низ мебошанд. Усули вожасозӣ бо ин пасванд аз ҳар ду гуруҳи исмҳо чунии аст: kirbakgar «накукор» (kirbak «кори нек»), mustgar «ситамкор» (must «ситам»), rōšngar «равшангар» (rōšn «равшанӣ»). Ин пасванд аз шаклҳои бо -išn сохташуда низ исми шахс сохтааст: kα̃mišngar (= kα̃mgα̃r «комгор»), rα̃mišngar «ромишгар» ва ғ.; пеша ва шуғл: kafš1gar «кафшгар», warzgar «барзагар» ва ғ. Аз сифат ва ё сифати феълӣ хосият ва чигунагии исми фоилро ташхис менамояд: zindagkar (= zīwēnα̃g) «зиндакунанда», tuwα̃ngar «тавонгар» [10, с.113]. Масалан аз исмҳои конкрет исмҳои шахс месозад, ки касбу ҳунарро мефаҳмонанд: зар**гар**-jewel**er**, кулоҳ**гар**-hat**ter,** кулол**гар**-pot**ter,** намоиш**гар**–exhibit**or**, мис**гар**-copp**er** ва ғайра. Ин гуна исмҳо аз шакли якуми сифати феъли ва исми амал низ бо пасванди-**гар** сохта шудааанд: тоза**гар**-clean**er,** савдо**гар**-trad**er.**

Инчунин баъзе калимаҳое ҳастанд, ки гар чанд пасванди **гар**-ҳам гиранд дар тарҷума бо забони англисӣ онҳо пасвандҳои-**er**–**or**-ро ба худ қабул намекунанд: **вайронгар-destructive, шӯришгар-rebel.**

Пасванди-**гар**аз исмҳои маънӣ, бештар исми амал месозад, ки шахсро вобаста ба амалиёт, машғулият ва харакаташ нишон медиҳад: тарбиятгар-educat**or**, созишгар-compromise, маслиҳатгар-consultant, даъвогар-plaintiff, варзишгар-athlete.

Хулоса аз мушоҳидаҳо бар меояд, ки пешванду пасвандҳои исмсозӣзабони тоҷикӣ аз забонҳои Эрони бостон, дарӣ ва ғайраҳо сарчашма гирифта давра ба давра бо инкишофёби забон ба гурӯҳҳо ҷудо шудааст.

Агар ба таърихи пайдоиши пасванди-**or** назар афканем дар давраҳои миёнаи инкишофи калимасозӣ забони ангилисӣ ин пасванд аз забони романӣ ба забони ангилисӣ асос ёфтааст, вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, худи ин пасванд аз асоси пасванди исмсозӣ-**er** асос гирифтааст.

Пасванду пешвандҳои исмсози забони англисӣ бошанд аз забонҳои лотиниву юнонӣ ва фаронсавӣ асос ёфтаанд, ки инҳо ҳам бо мурури ташакули забон ба тағиротҳо дучор шуда, барои сохтани калимаҳои нав хизмат намуданд.

АДАБИЁТ

1. Бобомуродов, Ш., Мӯъминов А. Луғати мухтасари калимасозии забони адабии тоҷик. –Душанбе: Маориф, 1983. – 116 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. –Душанбе: Дониш, 1985. - 355 с.
3. Касимов, О. Лексика и словообразование в «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси. –Душанбе: Дониш, 2016. -346 с.
4. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. Луғатшиносӣ.–Душанбе: Деваштич, 2007.
5. Маҷидов, Ҳ. Сеҳри сухани форсии тоҷикӣ. –Душанбе: Даҷикӣ, 2014. - 351с.
6. Ниёзи Ш.Н. Исм ва сифат. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1954. – 50 с.
7. Пейсиков, Л. С. Очерки по словообразованию персидского языка. –М.: Изд-во Московского ун-та, 1973. -198 с.
8. Рустамов Ш. Исм. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 215 с.
9. С. Айнӣ китоби “Ёддоштҳо” қисми1-2 Душанбе: Адиб,1990.-352 саҳ.
10. Саймиддинов Д. Форсии бостон. – Душанбе: Пайванд, 2008. – 190 с.
11. Саймиддинов, Д. Корбурди пасванди –чӣ дар забони тоҷикӣ // Пажӯҳишҳои забоншиносӣ. –Душанбе: Шарқи озод. 2013. –С.114-126.
12. Словарь иностранных слов. Под редакцией И. В. Лехина и другие. М.: Русский язык, 1989. - 620 с.
13. Султон, М. Ҳ. Ташаккулватакомулиистилоҳотиилмиифорсӣ-тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 2008. - 334 с.
14. Ҳасанов, А. Таҳаввули таърихии вожаҳои тоҷикӣ. –Хуҷанд: Ношир, 2017. - 275 с.
15. Jomatov, S. Linguistic Dictionary (English, Russian and Tajik) / S. Jomatov. – Dushanbe: Shujoiyon, 2011. – 250 pp
16. S. Ayni book “Yoddoshtho” part 1-2 Dushanbe 1990.-352page.
17. Thomson, A.J., Martinet A.V. Practical English Grammar. 2nd Edition. – London, 1971. 420 pp.

ПРЕФИКСЫ НА АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ И ИХ СОВМЕСТИМОСТЬ С ПРИСТАВКАМИ ПРОИСХОДЯТ НА ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В этой статье обсуждается происхождение аффиксов в английском языке и их совместимость с таджикским языком.

Жезлы в языке выполняют важные лексические и грамматические функции и делятся на следующие группы по уровню словообразования в современном языке: высокоурожайные, малопродуктивные и непродуктивные. Аффиксы образованы от латинского слова (affixus) - вспомогательной части слова, имеющей грамматическое значение, стоящей в начале слова, в конце или в середине слова и изменяющей значение слов.

В заключение анализ показывает, что приставки и суффиксы таджикского языка произошли от языков древнего Ирана, дари и др., И постепенно разделились на группы с развитием языка.

Английские суффиксы и префиксы основаны на латинском, греческом и французском языках, которые со временем претерпели изменения, чтобы сформировать новые слова.

Ключевые слова: *аффиксы, лексико-грамматические, словообра-зовательные, древний Иран, продуктивные, малопродуктивные, непро-дуктивные, вспомогательные, приставки и суффиксы.*

ENGLISH PREFIXES AND THEIR COMPATIBILITY WITH PREFIXES OCCUR IN TAJIK

This article discusses the origin of affixes in English and their compatibility with Tajik.

Wands in the language perform important lexical and grammatical functions and are divided into the following groups according to the level of word formation in the modern language: high-yielding, unproductive and unproductive. Affixes are formed from the Latin word (affixus) - an auxiliary part of a word that has grammatical meaning, standing at the beginning of a word, at the end or in the middle of a word and changing the meaning of words.

In conclusion, the analysis shows that the prefixes and suffixes of the Tajik language originated from the languages of ancient Iran, Dari, etc., and gradually divided into groups with the development of the language. English suffixes and prefixes are based on Latin, Greek and French, which have undergone changes over time to form new words.

Key words: *affixes, lexico-grammatical, word-formation, ancient Iran, productive, unproductive, non-productive, auxiliary, prefixes and suffixes.*

Сведения об авторах:

Хамроев Манучехр Алиахмадович *– соискатель кафедры языкознания и сопоставительной типологии Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни* ***Адрес:*** *Таджикистан, 734067, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. E-mail: m. hamroev@mail.ru Тел: (+992) 935030587*

About the autor:

Hamroev Manuchehr Aliahmadovich *– reaserch of the Department of Linguistics and Comparative Typology, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini Address: Tajikistan, 734067, Dushanbe, Nakhimova street 64/14. E-mail: m.hamroev@mill.ru. Phone: (+992) 935030587*

СПЕЦИФИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ЛЕКСИКИ ОБОЗНАЧАЮЩУЮ ОДЕЖДУ

Камоли Н.Б.

Таджикскский национальный университет

Лингвистика – наука изучающие древние и современные языки. Предметом лингвистики является сам природный человеческий язык. Объектом - закономерности устройства, развития и функционирования языка. Лингвистика это наука о языке в целом как о главном средстве общении между людьми. Задачей лингвиста является не в изучении языка, но, главное объяснить принципы его устройства, проявить его важности: произношение, грамматика, алфавит, влияют на людей и общество, которые на нём говорят.

Весьма удачное исключение представляет теоретические мнение В. фон Гумбольдта который изложил в обстановке общего успеха основанного на понимание языка как «Язык есть продукт деятельности (Ergon), а деятельность (Energeia). Его истинное определение поэтому может быть только генетическим» [1, с.70].

В XIX в. значительный вклад в понимании природы языка внесла лингвистика, где разрабатывались разные аспекты функционирования естественных языков. Эти изыскания принадлежат к трудам Ф. де Соссюра, определившего главные свойства знаковых систем природных языков и организовавшего методологические основы семиотики.

Впервые был осуществлён Ф. де Соссюром подход к явлению языка. выделяя ценности противоположности языка и речи, он раскрывает четыре компонента языковой объективности:

а) описание и историческое обследование всех доступных ей языков, что ведет к составлению истории всех языковых семейств и по мере возможности и реконструкции их праязыков;

б) обнаружении факторов, постоянно и универсально действующих во всех языках, и установление тех общих законов, к которым можно свести отдельные явления в истории этих языков;

в) определения своих границ и объекта. [6, с.14]

Лингвистика весьма тесно связана с рядом других наук, которые то заимствуют у неё её данные, то предоставляют ей свои. Границы, отделяющие её от этих наук, не всегда выступают вполне отчётливо. Данную науку необходимо отграничивать от исторических наук, такие как: этнография,

история древних эпох, антропология где язык является лишь в качестве документа. Отличительной чертой лингвистики от других дисциплин заключается в том, что её объектом является сам - язык. Например, историки и филологи имеют дело с текстами как правило это письменные тексты, очень, часто, древние тексты написанные на непонятных языках, и, чтобы этот текст понять нужно много всего знать. Лингвистика изучение языка тут есть совершенно важные факторы как в жизни отдельных людей, так и целых обществ, где речевое действие считается немаловажным явлением. Источником языка, которого мы называем словом, является основным «узелом», с которой так или иначе связаны все остальные единицы. Более понятное обсуждение приводит В. фон Гумбольдт «Слово, которое одно способно сделать понятие самостоятельной единицей в мире мыслей, прибавляет к нему многое от себя, и идея, приобретая благодаря слову определённость, вводится одновременно в известные границы».[1, с.9] Но, это происходит невидимо, не в языке, а в реальных понятных языках (мыслей) «Отличительной особенностью лексической системы являются её многомерность»: слово связано различными отношениями с множеством других лексем [4, с.153-154]. Например, слова *рубаха* и *shirt.* Имеет несколько значений: «Одежда из лёгкой ткани, надеваемая на верхнюю часть тела или как нижнее бельё, масть, обратная сторона игральной карты, оболочка». [5, с.686] В английском значении: a blouse, nightshirt, dress, garment, gown, clothing, attire, costume «Для того чтобы определить значение слова, недостаточно указать на то явление действительности, на тот предмет (в широком смысле), которое данное слово обозначает, для этого необходимо выяснить, как данное значение соотнесено с каким-то другим значениями». [9, с.12] Возьмём к примеру слова *платье и dress.*

«Всякая, носимая поверх белья. Женская одежда, верхняя часть которой составляет одно целое с нижней частью, соответствующей юбке». [12, с.188]. Одежда, носимое поверх белья. Женская цельная одежда, надеваемое поверх белья. [5, с.523] В синонимический состав входят: одежда, наряд, костюм, гардероб. Значение на английском: «put on clothes, clothe oneself, get dressed, clothe, attire, deck out, get up, decorate, trim, adorn, arrange, prepare, bandage, cover, bind, wrap, costume, outfit». [11, p.136]

В результате археологических раскопок показывают, что одежда появилась на самых ранних этапах человеческого общества. В конце XX в. на севере нашей страны археологами были обнаружены древний город – Саразм. Среди уникальных раскопок, которые свидетельствуют конец каменного века IV-III тыс. до нашей эры. в основном среди обнаруженных раскопок были предметы для быта золотых, серебряных, медных, бронзовых украшений. Бронзовые иглы, бронзовые крючки, усыпальница высокопочтимой женщины. В усыпальнице были обнаружены бусинки из агата, бусинки из песчаника, бусинки из оникса, булавки из известняка, бусинки из известняка, бусинки из бирюзового камня видимо они являлись украшением одежды женщины аристократки. Также были найдены целый ряд ювелирных изделий – браслеты, кольцо из бирюзового камня, ожерелье из драгоценных камней которые принадлежали высокопочтимой женщине «Ещё на заре своего существования человек создал первый покров для защиты тела от холода и помощи в непрерывной борьбе за существование. Защитник и помощник - вот чем был для человека первобытный костюм. Существуя и видоизменяясь вместе с людьми, самый близкий из всех предметов материальной культуры – одежда стала выполнять множество функций: и прямых и косвенных, более тонких интимных, способных лишь создать еле уловимое настроение». [3,с.4]. Несмотря на то, что одежда с развитием общества постоянно изменяется, в отдельных деталях костюма, покрое и украшениях нередко стойко сохраняются чрезвычайно древние элементы, выявленные которых представляет значительный научный интерес для решения вопроса этногенеза народа или происхождения той или иной этнографической группы

Следует отметить, что в целом одежда включает в себя различные виды изделий, состоящие из белья, платьев, обуви, головных уборов, украшений и т.д. которые в свою очередь делятся на женскую и мужскую одежду.

В основном, термины, обозначающие женскую одежду в таджикском и английском языках указывают на цвет, вид, материал, способы шитья и отражении традиций.

Одна из распространенных слов в системе терминов означающие одежду является «курта». В данном термине отражается национальные традиции таджикской одежды. В толковых словарях таджикского языка термин курта имеет несколько значений: платье и одежда носимое в виде рубахи (под платье). «Курта пероҳан, пӯшоки якқабати таг».[8, 576с.]. В толковом словаре «Фируз-ул-луготе» термин «курта» объясняется как ткань покрывающее тело, курта - длинное женское платье без рукавов, которое одевали сверх нижнего белья, блузка. Известный исследователь Сухарева О. А. в своем очерке «Опыт анализа покроев традиционной «туникообразной» среднеазиатской одежды в плане их истории и эволюции» привела описание рубаха: «В основе одежды среднеазиатских народов лежал туникообразный покрой. Традиции, определявшие его особенности сложилось в рамках единой культуры. Вероятно, когда-то в одежде различных по происхождению компонентов

населения Средней Азии имелись значительные отличия, но на протяжении веков они успели сгладиться и образовать нечто цельное.

Традиционный покрой одежды отличала архаичность. Однако эти покрои стояли далеко не у самых истоков истории одежды из тканей, представлявшей собой куски ткани, обертываемые вокруг тела. Так одевались древние греки, с такой одеждой близко японское кимоно, а также дхоти и сари - компоненты национального индийского костюма, сочетающийся с уже очень развитыми формами сшитой одежды и представляющее собой пережитки глубокой древности». [7, с. 97-99].

Можно полагать, например, что следующие пословицы, как видно по их идейному содержанию, сложились среди трудовых масс: *Барвақт кору барвақт бардор – «Пораньше посей, пораньше собери»; Ошат ҳалол бошад , дар миёни кӯча хур – «Если твоя пища заработана честно, ешь ее хоть посреди улицы»; Охану пулод аз кура меояд бурун, в-он яке шамшер гардад, дигаре наъли хар – «Железо и сталь выходят из горна, одно превращается в саблю, в другое подкову осла».* А такие пословицы, как *«Ғайбати подшоҳон макунед – Не сплетничайте о царях», Охиратро аз дусттар дуньё доред – «Загробную жизнь больше любите, чем морскую», Аспу вафодор дид шамшери зонук – «Кто видел верными коня, женщину и саблю?» Макри зан ҷуволи арзан – «Коварство женщины – мешок проса» (т.е. очень велико); Гардани хамро шамшер намебуррад – «Склоненную шею (покорную голову) меч не сечет»* и т.п. по своему идейному содержанию могли сформироваться только среди господствующего класса, заинтересованного в подчинении и послушании трудовых масс.

Подавляющее большинство таджикских пословиц и поговорок формировалось среди крестьянства, как так основную массу таджикского народа с древнейших времен составляли крестьяне, занимавшиеся земледелием и животноводством. Поэтому таджикские пословицы и поговорки по преимуществу отражают различные стороны крестьянской жизни, противоречивое мировоззрение крестьянства, его интересы как трудового мелкобуржуазного класса.

По мнению академика Б. Гафурова «В таджикских пословицах и поговорках совсем не представлена жизнь рабочего класса, ибо таджикский рабочий класс, если не считать дореволюционных рабочих, которых были единицы, сложился лишь при советской власти. Несомненно, в этой рабочей среде возникли новые пословицы и поговорки, но, к сожалению, о них мы пока не знаем, так как они не зафиксированы в письменной форме».

В условиях классового общества реакционные по содержанию пословицы и поговорки создавались и распространялись главным образом высшими слоями общества, представителями господствующих классов. Но также «нельзя не учитывать, что, наряду с этим, крестьянство в силу противоречивости своего мировоззрения создавало реакционные по содержанию произведения» [12, с.103], в частности, пословицы и поговорки.

Некоторые из подобных пословиц и поговорок все еще бытуют в народе среди наиболее отсталых слоев населения. Но по мере развития социалистического общества и духовного роста советских людей они постепенно вышли из употребления, как пережитки старого мира. Например: «*Занро муяш дарозу ақлаш кӯтоҳ – У бабы волос долог, ум короток»; Деге ки барои ман наҷӯшад, ба дарунаш хок ҷӯшад – «Котел, который кипит не для меня, пусть в нем кипит (варится) хоть прах» (т.е. от чего мне пользы нет, пусть с ним будет, что угодно).* Старые пословицы и поговорки в советское время заменялись новыми, советскими. Например, пословица *«Бачаи бисёр балои ҷон – Детей много - душе горе»* отражала тяжелую действительность прошлого, но в советское время она устарела и сменилась новой, противоположной по смыслу: *«Бачаи бисёр - хузури ҷон – Детей много – душе радость», «Вместо Аз бекор худо безор - От бездельника богу докука» говорят: «Аз бекор ҳама безор – От бездельника всем докука».*

Классификация по источникам образования. Уже А. Мирзоевым были отмечены три источника образования таджикских пословиц и поговорок: 1) непосредственно образованные в народе; 2) заимствования из письменной литературы и 3) афоризмы видных партийных и государственных деятелей [9, с.65].

Пословицы и поговорки, созданные самим народом, составляют основную массу таджикских пословиц и поговорок, которые можно разделить на две группы: пословицы и поговорки, самостоятельно формировавшиеся на основе жизненного опыта самого народа, и заимствованные из других жанров фольклора (например, выводы или крылатые выражения из нравоучительных сказок, анекдотов, басен, притч, отдельные афористические строки песен, рубаи (четверостиший) ит. п.)

Конечно, необходимо учитывать постоянную взаимосвязь всех жанров фольклора. Отдельные пословицы и поговорки заимствовались из других жанров, и, наоборот, многие пословицы и поговорки украшают ряд произведений устного поэтического творчества и даже лежат в их основе. Например, пословица *«Чоҳкан зери чоҳ – Роющий яму, сам оказался в яме» (т.е. «Не рой другому яму, сам в нее попадешь»)* составляет идейный смысл многих таджикских и персидских сказок. А поговорка *«Хари аз мо курраги дум надошт – У моего осла с рождения нет хвоста»,* по предположению Д.С. Комиссарова, заимствована из сказки «Балхский суд». Р. Амонов в своей работе «Устное творчество населения Куляба» (рукопись под № 658) поместил записанную им в Кулябе газель, каждый стих которой является народной пословицей.

«Многие таджикские пословицы и поговорки, бытующие в народе, имеют книжное происхождение. Некоторые из них заимствованы из художественной литературы, большей частью из персидско-таджикской поэзии». Например, *«Маҷнун донад, ки ҳоли Маҷнун чун аст –Только Маджнуну понять, каково состояние Маджнуна»*; *«Пароканда лашкар наояд ба кор, Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор – Рассеянное войско не годится в дело, двести боевых мужей лучше ста тысяч (неорганизованных воинов)»*; *«Кушиш кун, кор ба халқ бикун – Старайся пригодиться (служить) народу»*; *«Нобурда ранҷ муяссар ганҷ намешавад – Не помучишься, не получишь клада»*; *«То мард сухан нагуфта бошад, Айбу ҳунараш нохуфта бошад – Покуда мужчина не заговорит, его пороки и талант остаются скрыты»*.

Есть примеры заимствования из советской таджикской поэзии. Например, *«Хонаи мо он қадар ҳам дур нест, Гарчи дар чашми шумо манзур нест – Наш дом не так далеко, хотя вам не виден (говорится при приглашении друзей в гости)»*.

В русском языке особенно популярны афоризмы А. Грибоедова и И. Крылова, в английском – В. Шекспира, в испанском – М. Сервантеса, в таджикском же языке пословицы, поговорки и афоризмы Саади, который не только широко и мастерски использовал народные пословицы и поговорки, облекая их в литературную форму, но и сам создавал замечательные пословицы и поговорки. Например: *«Аввал андеша в-он гаҳе гуфтор, Пойбаст омадасту пас девор» (Сначала подумай, потом говори, Фундамент заложив, стену возводи). «Гунҷишки ба даст аст, беҳ аз бози парида» (Воробей в руке лучше, чем летающий сокол), «Ғаму шодӣ ба ҳам аст» (Горе и радость (всегда) вместе), «Ҳарки бо бадон нишинад, некӣ набинад» (Тот, кто водится с дурными, не увидить добра).* Многие из них со временем стали народными, влившись в разговорный язык.

Некоторые пословицы и поговорки заимствованы из фольклора соседних народов. Но при выявлении заимствованных пословиц и поговорок нельзя исходить только из совпадения смысла, тождества и выражения. Иными словами, нельзя пойти по стопам «теории заимствования» Теодора Бенфея, А.Н. Веселовского. И. Снегирев писал: «Сходство мыслей и даже тождественное их выражение не всегда доказывает родство народов, или заимствование мыслей одного народа у другого». Например, таджикская пословица *«Шунидан кай бувад монанди дидан – Услышать - это не то что увидеть»*, употреблявшаяся в таком же виде еще в XI в., имеет как по выражению, так и по содержанию совпадающий эквивалент в японском языке. Но нет никаких оснований полагать, что таджики заимствовали эту пословицу у японцев или наоборот.

Сходство фольклорных произведений разных народов часто объясняется тем, что они прошли одни и те же исторические этапы, жили в одинаковых условиях жизни, в определенных общественных формациях.

Однако у нас достаточно примеров, когда некоторые персидско-таджикские пословицы и поговорки вошли в соседние тюркские языки, в русский язык, но ряд пословиц в таджикском языке был заимствован из узбекского, арабского, русского и иных языков. Такое заимствование стало возможным в результате длительных экономических, культурных и языковых связей. Например, заимствование из русского фольклора: *«Ҳама барои як кас, як кас барои ҳама – Все за одного - один за всех», «Москваро дар як рӯз насохтаанд – Не вдруг Москва строилась»*; *«Дар кӯчаи мо ҳам мешавад тӯй – Будет и на нашей улице праздник»*. Заимствования из арабского фольклора: *«Безабони беҳ аз дуруғгуи, «Лисонун ахрасу хайрун лисонин кадубин – «Лучше быть немым, чем лжецом»*; *«Ба ваъда вафо»* или в оригинальной форме: *«Ал - дайн ваьдаю – Обещанию – верность».*

Характерны две тенденции заимствования: путем калькирования и в оригинальной форме. Случаи использования арабских пословиц в оригинальной форме поэтом Бинои (а это возможно только на основе определенных традиций в народе) хорошо показаны А. Мирзоевым в его монографии «Бинои». Примеры заимствования из узбекского фольклора (как путем калькирования, так и в оригинальной форме) мы уже привели выше. Можно привести пример заимствования в оригинальной форме и из русского фольклора при отсутствии таджикской формы. Например: *«Панҷ ангушт баробар нест» (Семья не без урода)*.

По-видимому, заимствование фразеологизмов, в том числе пословиц и поговорок, как путем калькирования, так и в их оригинальной форме, является общей закономерностью, поскольку встречается довольно часто.

Народы заимствуют пословицы и поговорки обычно в тех случаях, когда идея, отражающая жизнь и мировоззрение данного народа в данный период уже сформирована в виде готовой пословицы или поговорки у другого соседнего народа, с которым он связан экономическими и культурными связями, а также языковым общением, а у заимствующего народа эта речевая формула еще не успела сложиться.

ЛИТЕРАТУРЫ

1. Аникин, В.П. Об историческом приурочении пословиц, поговорок и загадок // Советская этнография. – 1960. - № 4. - С. 44-56.
2. Бахар, М. Сабкшенаси. - Т. 1. - Тегеран, 1321 (1943). – 433 с
3. Брагинский И.С. Из истории таджикской народной поэзии. - М.: Изд. АН. СССР, 1956. - 370 с.
4. Тилавов, Б. Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок. - Душанбе, 1967. – 134 с.
5. Гаффаров, М.А. Персидские пословицы/М.А. Гаффаров, В.А. Гордлевский. – М., 1913. – 200 с.
6. Ғафуров, Б.Ғ. О положении населения южных районов Таджикистана при Бухарском ханстве//История таджикского народа. – М., 1956. - С. 436 – 445.
7. Гордлевский, Вл. Персидские пословицы. Транск., пер. и коммент. // Древности восточные, т. 4, вып. 1. - М., 1913. - С. 4 – 53.
8. Дехход. Кетабе амсал ва хекам, т. 1 – 4, Тереган, 1931. – 125 с.
9. Мирзоев, А. Дар бораи зарбулмасалҳо //Шарқи сурх. - 1940. - № 2-3. – С. 64 – 65.
10. Тилавов, Б.К. К вопросу об отличии понятия «зарбулмасал» от «макол» // Proverbium. – 1967. – №7. – С. 150-156.
11. Турсунов Ф.М. Лексико-семантический анализ пословиц ипоговорок в таджикском и в русском языках (На материале произведений Фазлиддина Мухаммадиева): дис…канд.фил.наук:10.02.20/ Турсунов Фаёзджон Мелибоевич. – Душанбе., 1999. – 3 с.
12. Рифтин Б. Китайские пословицы//Советская этнография. – 1960. - № 4. -С. 103-128.
13. Розенфельд, А.З. Намунаҳои фолклори Дарвоз, Нашр. Давл. Тоҷ. - Душанбе, 1955. – 86 с.

ЛИНГВО-СЕМАНТИЧЕСКАЯ КЛАССИФИКАЯ ПАРЕМИЙ

В статье на фоне лингвистического анализа представляется, что в научный оборот вполне закономерно внести следующую развернутую классификацию, включающую разделение пословиц и поговорок по различным основаниям: 1) «Классификация по времени» - классификация пословиц и поговорок по времени чрезвычайно важна для изучения и наблюдения за ходом развития этого жанра фольклора как в идейном, так и в художественном отношении. 2) «Классификация по месту» - как показывают исследования, «пословицы и поговорки отдельных местностей отличаются между собой по фонетическим, лексическим и грамматическим особенностям. 3) «Классификация по социальным признакам» в каждой общественной формации господствуют определенные способы производства и производственные отношения, которые определяют наличие тех или иных классов в ту или иную эпоху. 4) «Классификация по источникам образования» были отмечены три источника образования таджикских пословиц и поговорок: а) непосредственно образованные в народе; б) заимствования из письменной литературы и в) афоризмы видных партийных и государственных деятелей. В ходе работы было выяснено, что народы заимствуют пословицы и поговорки обычно в тех случаях, когда идея, отражающая жизнь и мировоззрение данного народа в данный период уже сформирована в виде готовой пословицы или поговорки у другого соседнего народа, с которым он связан экономическими и культурными связями, а также языковым общением, а у заимствующего народа эта речевая формула еще не успела сложиться.

Ключевые слова: *устное народное творчество, пословицы и поговорки, загадки, метафора, двустишие.*

LINGUISTIC-SEMANTIC CLASSIFICATION OF PAREMIA

In the article, against the background of linguistic analysis, it seems that it is quite natural to introduce the following detailed classification into scientific circulation, including the division of proverbs and sayings on various grounds: 1) "Classification by time" - the classification of proverbs and sayings by time is extremely important for studying and observing the development of this genre of folklore, both ideologically and artistically. 2) "Classification by place" - as studies show, " proverbs and sayings of individual localities differ in phonetic, lexical and grammatical features. 3) "Classification according to social characteristics" in each social formation, certain modes of production and production relations prevail, which determine the presence of certain classes in a particular era. 4) "Classification by sources of education" three sources of education of Tajik proverbs and sayings were noted: a) directly educated in the people; b) borrowings from written literature and c) aphorisms of prominent party and state figures. In the course of the work, it was found out that peoples borrow proverbs and sayings usually in cases when the idea reflecting the life and worldview of a given people in a given period has already been formed in the form of a ready-made proverb or saying from another neighboring people, with whom they are connected by economic and cultural ties, as well as language communication, and this speech formula has not existed yet.

Keywords: *oral folk arts (speakings), proverbs and sayings, riddles, metaphor, couplet.*

Сведение об авторе:

Усмонзода Шохрух *- Ph(D) докторант факультета иностранных языков кафедры языкознания и сравнительной типологии Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни, Тел: (+992) 938658065, Электронный почта: shohrukh.usmonov@mail.ru*

About the author:

Usmonzoda Shokhrukh *– (PhD) doctoral student, the faculty of foreign languages, dep. Linguistics and comparative typology, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, Tel: (+992) 927109592, E-mail: shohrukh.usmonov@mail.ru*

УСУЛҲОИ АСОСИИ КАЛИМАСОЗӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Робияи А.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Калимасозӣ воситаи муҳимтарини инкишофи таркибии луғавии забон мебошад. Бо роҳи калимасозӣ бисёр калимаҳои нав дар забони тоҷикӣ ба вуҷуд меоянд. Роҳҳои калимасозӣ низ такмил меёбанд. Ба вуҷуд омадани роҳу воситаҳои нави калимасозӣ ба талаботи қонунҳои дохилии инкишофи забоннамон зич алоқаманд аст. Аз нуқтаи назари хусусиятҳои калимасозӣ бо қоидаю қонуниятҳои сохти граматикии забон зич алоқаманд аст [1, с.106-107].

Калимсозӣ яке аз василаҳои аслиест, ки таркиби луғавии ҳар як забонро бой гардонида ба пайдоиши калимаҳои нав сабаб мегардад. Калимасозӣ асоситарин воситаи бойшавии таркиби луғавии забон, бо воҳидҳои нави луғавӣ пурра гардидани луғати он мебошад. Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» шаш намуди калимасозӣ ёд мешавад, ки инҳоянд: 1) морфологӣ, ки бо ду восита ба амал меояд: а) бо пасванд ва бо пешванд; 2) синтаксисию морфологӣ, ки ду хел мешавад: а) васлшавии калимаҳо ва б) тарзи омехта; 3) морфологию синтаксисӣ, яъне ба исм гузаштани дигар ҳиссаҳои нутқ; 4) луғавию синтаксисӣ, яъне табдили ибора ба калимаи мураккаб; 5) луғавию маъноӣ, ки ба сермаъноии калимаҳо ва ба амал омадани омонимҳо вобаста аст; 6) ихтисора.[2, с.67-68].

Системаи калимасозии забони тоҷикӣ бениҳоят бой ва гуногун аст. Дар қисмати дигари «Граматикаи забони ҳозираи тоҷик дар қисмати морфологии он» калимасозиро ба чунин навъҳо нишон дода шудаанд. 1) роҳи морфологӣ, 2) роҳи лексикӣ- синтаксисӣ, 3) роҳи морфологӣ-синтаксисӣ, 4) луғавӣ – семантикӣ [1, с.105-106].

Дар забони тоҷикӣ роҳи морфологӣ сохтани типии калимаҳо сермаҳсултарин буда, воситаҳои зеринро доро мебошанд: а) ба воситаи пасвандҳо, б) ба воситаи пешвандҳо, в) ба воситаи ҳам пешванд ва ҳам пасвандҳо.[1, с.108]

Роҳи морфологӣ –синтаксисӣ дар забони тоҷикӣ аз як ҳиссаи нутқ ба дигар ҳиссаи нутқ гузаштани калимаҳо мушоҳида мешавад. Ин гуруҳи калимаҳо бо роҳи сохтани морфологӣ – синтаксисӣ дар забони тоҷикӣ бо усулҳои гуногун дар ҷумла метавонанд, ки ҳамчун сифат ва ҳамчун исм оянд.

Дар забони тоҷикӣ сохтани калима бо роҳи лексикӣ –синтаксисӣ усули каммаҳсул ба шумор меравад. Истифода шудани таркибу ибораҳо ҳамчун калима мисли Худойдод, сариқадам, мардикор ва ғайра [1, с.109].

Роҳи луғавӣ- семантики калимасозӣ дар забони тоҷикӣ серистеъмол аст. Бо ин роҳи калимасозӣ ҳама калимаҳои омонимӣ таалуқ доранд. Як калима метавонад, ки бо маъноҳои гуногун истеъмол гардад мисли: курсӣ (чорпоя), курсӣ (кори курсӣ) [1, с.109]

Ба андешаи мо, намудҳои асосии калимасозӣ дар забони тоҷикӣ инҳоянд: 1) сохтани вожа бо пешванд; 2) сохтани вожа бо пасванд; 3) сохтани вожаҳои мураккаб, 4) сохтани вожаҳои омехта.

Ҳамин тариқ, дар зер мо ҳар як истилоҳи ҷамъовардаи худро вобаста ба мансубияташон ба ин ё он роҳу воситаҳои калимасозӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

I. Калимасозии сарфӣ, гуфта сохтани истилоҳро ба воситаи пешванд ё пасванд меноманд. Дар ин сохти калимасозӣ асосан ду навъи калимасоз – пешванд ва пасванд иштирок мекунанд, ки дараҷаи истеъмоли онҳо низ якранг нест. Нахуст нақши пешвандҳоро дар созмони истилоҳи китобдорӣ таҳлил менамоем.

а) сохтани истилоҳ бо пешванд.

Дар забони англисӣ калимасозӣ бо усулҳои зерин сохта мешаванд. Сохтани калима бо пешвандҳо (prefixes), сохтани калима бо пасвандҳо (suffixes), калимаҳои мураккаб ки онҳо аз якчанд ҳиҷоҳо таркиб ёфтаанд.

Дар созмони истилоҳоти «китобдорӣ» миқдори пешвандҳо фаровон ҳастанд. Инҳо он пешвандҳое мебошанд, ки дар сохтани истилоҳ нақши муҳимеро мебозанд. Дар зер мо чанде аз онҳоро меорем.

Пешванди - но. Ин пешванди сифатсоз аслан каммаҳсул буда, дар таркиби ибораистилоҳи китобдорӣ «тавсифи нопурра - uncompletly image» омада, маънои «таъкид намудани ягон ҷиҳати предмет»-ро ифода мекунад [2, с.148].

Пешванди – trans. [Latin trans, accros, prep.. and prefex; some root as E. through] [3, 763]. Пешванди номбурда ба вазифаи пешояндҳои тоҷикии ба воситаи, аз корбаст мешавад. Он муродифи пешояндҳои англисии across ва through мебошад Масалан: transformed - табдилдиҳӣ, transmitter – интиқолдиҳанда, transmitted - гузаранда, transmuted -мубаддалшавӣ, transcend – афзоиш[3, с.367-368-369].

Пешванди - under. [Old English under] [3]. Пешванди –sub дар бештари мавридҳо муродифи пешванди - under ба шумор меравад. Баромади ин пешванд пешоянд аст. Он ҳамеша пеш аз исмҳои мушаххас омада, муносибати маконiро ифода мекунад, ба мисли пешояндҳои тоҷикии зер, дар зери, дар таг. Чунончи: underaction -воқеа, underappreciated book- китоби беарзиш,

б) сохтани истилоҳ бо пасванд. Дар сохтани истилоҳоти «китобдорӣ» пасвандҳо нақши муҳим доранд, ки имрӯз ҳам ин пасвандҳо дар забони тоҷикӣ хеле маъмуланд:

Пасванди- а. Ин пасванд дар истилоҳи китобдорӣ ба сиғаи эҳтимолии «хондан» ҳамроҳ гардида, истилоҳи «хонанда -хонандаи достон ва ё ҳикоятҳои халқӣ» месозад. Ё ки пасванди мазкурро метавон дар таркиби истилоҳи «мақола» бо маънии «асари хурде, ки дар мавзӯъҳои адабӣ, илмӣ, маданӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисоди, фарҳангӣ, мантиқӣ, кишоварзӣ, фалсафии ҳаёт дар маҷаллаву рӯзномаҳои ҳаррӯза хоҳ ба таври публисистӣ ва хоҳ илмӣ чоп мешаванд» [4, с.456] мушоҳида намуд. Шумораи истилоҳоти бо пасванди мазкур сохташуда дар соҳаи китобдорӣ хеле зиёданд: *қисса-story [7, 211], андоза- size [6, 92], нома - letter [6, 94], бисёрҷилда-very volume [7, 136], пурра - complete [7, 148], нусха - model [6,42], муқова-cover,binding [6, 42], дебоча-foreword, introduction [7,42], сарлавҳа-tale, heading [7, 15], обуна-sunscription[7, 197], хонанда- reader[7, 197], шуъба-[7, 247], захира-stock, provision [7, 191], чопшуда-publisned[7, 146].*

Пасванди – он. Ин пасванд аслан пасванди исмсоз буда, аз як исм исми дигар месозад, ба мисли истилоҳи «достон», ки аз исми мушаххаси «дос – олоти оҳании ҳилолшакл, ки барои ҷамъоварии ғалла, ҷав ва алаф» ва ё бо маънии дигар « чизҳои нодаркори партофтанӣ» бо ҳамроҳ гардидани пасванди «-он» ба худ маънии истилоҳии қисса,ҳикоят, афсона, воқеа,моҷаро саргузашт, ва маҷмӯаи ашъори як шоир, ки ба шакли китоб оварда шудааст ва ё «шакли ҷинси адабии лиро-эпикии адабиёти форсу тоҷик аст». Дар таркиби ибораистилоҳоти низ вохурдан мумкин аст ба монанди: достон гуфтан (ҳикоя кардан, қисса ё воқеаю саргузаштеро), достон кушодан,(дар бораи кассе ё чизе гап кушодан), достон будан (шуҳрат доштан, машҳур будан), достон шудан (машҳур гардидан) [4, с.392] гирифта, имрӯз дар бахши мазкур роиҷ аст.

Пасванди – й. Пасванди мазкур аслан аз исм сифат сохта, ҳамчун пасванди сифатсоз маъмул аст. Дар истилоҳи китобдорӣ пасванди мазкур аслан ба решаи калима ҳамроҳ шуда, истилоҳи махсус месозад, ба монанди китобхонавӣ, хидматӣ, илмӣ, аслӣ, баҳисобгирӣ, дарсӣ, библиографӣ, мавзӯъӣ. Аслан истилоҳоти мазкур ба услуби баёни, корбурди воситаҳои тасвирии забон сохта шудааст. Миқдори истилоҳоти бо пасванди мазкур сохташуда хеле зиёданд: *китобдорӣ - librarian [7,20], чопӣ-published, printed [7, 21], интихоби -electoral [7, 25], назмӣ - poetical [7, 49], алифбоӣ-alphabetical[7, 97], пасторалӣ- [7, 175], ҳиҷоӣ - syllabic [7, 182], тамсилӣ- [7, 175], обунавӣ-sunscribe[7, 197], китобӣ-bookish [6,198], бойгонӣ-archives [6, с.246]* .

1. Пасванди – tion. [Latin –tio-, -onis -t-, stem ending of past participle + io-, a noun suffix; or alteration of Old French-cion, Lation –tio]. Пасванди мазкур аз забони лотинӣ дар шакли - tio-, -onis- бо иловаи ҳарфи - t-, ки асосан бо сифати феълӣ анҷом ёфта, бо иловаи - io-, пасванди исмсоз гардидааст. Пасванди номбурда дар шакли cion аз забони фаронсавии давраи қадим мисли шакли лотинии дар боло зикршуда - tio-ба вуҷуд омадааст [3, с.2047]. Ин пасванд асосан аз феъл исми амал ва исмҳои дигару сифат месозад: *introduction – муарифӣ, шиноссозӣ, publication-нашр, classification - табақабандӣ, annotation - тақриз, realization - дарёфт, penetration - дохилшавӣ, dissertation - рисола, fiction - асари бадеӣ, explication - фаҳмондадиҳӣ, composition-асар, inscription – сабт, навишта, information – маълумот, ахборот, conversation - гуфтугӯӣ, edition - нашр, construction - созмон, innovation - навоварӣ, introduction - муқаддима, foundation - созмон, sunscription-обуна, description – шарҳу тавзеҳ, definition - маънӣ, reservation - захиравӣ, idealization - роҳандозӣ, exploration - тадқиқот, formation - ташаккул, denotation - мафҳум, dissemination - паҳнкунӣ,* ва ғайра.

2. Пасванди - er. [Anglo-French- er-, Old French -ier , Latin – arius, -arium]. Пасванди номбурда яке аз сершумортарин пасвандҳои забони англисӣ ба ҳисоб рафта, аз феъл исми мушаххас (яъне предмет, чиз ва исми касбу корро) месозад ва маъноҳои гуногунро низ ифода менамояд. Ин пасванд предмет ва амали шахсро ифода менамояд. Пасванди мазкур аз забони англо-фаронсавӣ дар шакли - er-, аз забони фаронсавии қадим дар шакли - ier, аз забони лотинӣ дар шакли - arius ба вуҷуд омадааст [3, 666]: *worker - коргар, letter - нома, leader - роҳбар, layer - табақа, sunscriber-обунашаванда, observer - муҳаққиқ, reader - хонанда, steer - раҳнамои кардан, order - тартиб, speaker*

- нотиқ, гӯянда, writer -нависанда, thinker – мутаффакир, larder- анбор, outnumber – аз ҷиҳати шумора бештар будан, bibliographer-китобшинос.

3. Пасванди – or. [Middle French-our, Old French, Latin-or] [3, 1360]. Пасванди номбурда аз забони фаронсавии миёна дар шакли - our-, аз забони фаронсавии қадим ва аз забони лотинӣ дар шакли - or- пайдо шудааст. Пасванди - or, ба монанди пасванди - er дар забони англисӣ хеле сершумор буда, бештар аз феъл исмҳое месозад, ки касбу кор ва ё асбобу предметро ифода менамоянд; *author - муаллиф, director – диретор, sponsor – ба уҳдагиранда, the sponsor of a resolution – муаллифи қарор, orator –нотиқ, editor – муарриф, conductor – роҳбалад, metaphor-истиора protector-нигоҳдор corridor-роҳрав.* Ин пасванд асосан дар калимоту вожаҳое дучор меояд, ки аз забони лотинӣ ба забони англисӣ иқтибос шудаандаанд.

4. Пасванди - ing. [Middle English-ing, earlier-ung, Old English - ing, -ung, Middle English - ing, variant of - ind, - end, Old English-ende] [3, с.1012]. Пасванди - ing дар ибтидо аз забони англисии давраи миёна ба мисли пасванди - ing-, дар шаклҳои - ind, - end-, пештар аз ин давра дар шакли - ung- , аз забони англисии давраи қадим бо шаклҳои - ing, - ung, -ende ба вуҷуд омадааст. Пасванди - ing - яке аз пурмаҳсултарин пасвандҳои забони англисӣ ба шумор рафта, асосан аз феъл исм месозад, ки ичрои амал ва ҷараёни онро ифода менамояд. Мисолҳо; *writing - хат, leading - роҳбарикунанда, publishing house-нашриёт, borrowing - иқтибосшавӣ, printing - табъу нашр, imposing - таъсирбахшӣ, meaning - маъноӣ, rhyming - қофиябандӣ, retelling - бозгӯӣ, denoting - шарҳдиҳӣ, speaking - гӯянда, saying – масал, corresponding - мухбирӣ, reporting - гузоришот, feeling - ҳиссиёт, thinking - андешаронӣ broadcasting - мунташирӣ, describing - тасвирнамоӣ, choosing – интихобӣ, reading-мутолиа, interpreting - шарҳдиҳӣ, mourning - марсияхонӣ, rendering - таъсирнокӣ, clousing – хотимавӣ, creating - эҷодӣ reading-room-толори хониш.*

5. Пасванди - y. [Middle English - ye, - ie , Old French –ie, Latin –ia, Greek ia] [3, 2254 - 2208]. Ин пасванд аз забони англисии давраи миёна дар шакли - ye-, -ie-, аз забони фаронсавии давраи қадим дар шакли - ie-, аз забони лотинӣ дар шакли - ia- ва аз забони юнонӣ дар шакли –ia- ба вуҷуд омадааст. Пасванди мазкур дар забони англисӣ хеле пурмаҳсул буда, асосан аз исмҳои мушаххас исмҳои абстракт ва сифатӣ месозад ва дорои чунин маъноҳо мебошад: *archeology- шуъбаи бостоншиносӣ, poetry-шеърият, treasure-махзан, inventory-феҳрист, dictionary - фарҳанг, astronomy-илми ситорашиносӣ, authority – мутахассис, dramaturgy -драматург, ethnography-мардумшиносӣ, costly- пурарзиш, theory – илми назариявӣ, terminology – истилохоти илми ё фан, quarterly –маҷаллае, ки дар се мох як маротиба мебарояд, deficiency- ками, норасоӣ, lexicography- луғатнигорӣ, philology-филология, semiology -маънишиносӣ, bibliography - феҳристи адабиёт, biography - шарҳи ҳол, psychology – илми психология, philology – луғатшиносӣ, physiology – физиология, laboratory-озмоишгоҳ, forgery –қалбакӣ. Library-китобхона, bibliography-китобшиносӣ,*

6. Пасванди - less. [Old English-leas] [3, с.1119]. Пасванди таҳқиқшаванда аз забони англисии замони қадим дар шакли - leas- ва аз вожаи leas бо маъноҳои озод, инкор ба вуҷуд омадааст. Ин пасванд дар забони англисӣ хеле сермаҳсул буда, одатан аз исмҳои мушаххас зарф ва сифат месозад, ки ба маъноҳои шумораи кам, камтар, камтар аз ва набудани чизе далолат мекунад*: countless - бешумор, hopeless – ноумед, groundless – беасос, harmless - безарар, noiseless – бесадо, pointless – бемақсад, priceless – бебаҳо, беарзиш, useless – бетаъсир, witless – бемаънӣ, worthless – бебаҳо, headless line - сатри бемаъно, meaningless – бемаънӣ, formless - бешакл, purposeless - бемақсад, blameless - бенуқсон, timeless – абадӣ.[7, с.80-273].*

7. Пасанди - age. [Old French- aage-Gallo Romance actaticum Latin –actas-, -atis age] [3, с.39]. Пасванди – age аз забони фаронсавии давраи қадим дар шакли - age пайдо шудааст. Пасванди маскур яке аз пасвандҳои сермаҳсул буда, аз исм ва феъл исм месозад, ки дорои мафҳуми ягон амалеро ба анҷом расонданро дорад. Дар баъзе ҳолатҳо пасванди мазкур аз исм низ исм, сифат ва феъл месозад, ки ин тарзи сохтор дар забони англисӣ хеле мустаъмал аст, чунончи*: coverage – тавзеҳ, to give wide coverage- васеъ тавзеҳ додан, engage – ба кор гирифтан, to engage a guide роҳбалад гирифтан, espionage – воқеанавис, publishing package - ҷобаҷогузории нашриёт, percentage – миқдор, адад, postage – хароҷоти пошта, storage – анбор, махзани нигохдории китобҳо, usage – истифодабари, coverage - дар матбуот тавзеҳ дода шуда, .*

8. Пасванди - ence. [Old French –ence, Latin – entia] [3, с.646 – 418]. Пасванди номбурда дар забони англисӣ аз забонҳои фаронсавӣ ва лотинӣ иқтибос гардида, асосан аз феъл исм месозад. Масалан: *conference- конфренсия, correspondence – мукотибот, eloquence- суханпардозӣ, experience-таҷриба, an experience worker-коргари ботаҷриба, a book of rare occurrence- китоби камёфт,* Он дар бештари мавридҳо ба пасванди сифатсози - ent (correspondent - мухбир) ҳамчун муродиф меояд.

9. Пасванди - sion. [Latin, -sio, - sionis; akin to - tion] [3, с.345]. Пасванди зикргардида монанди пасвандҳое, ки дар боло қайд намудем аз забони лотинӣ ба забони ангисӣ иқтибос шуда, исме месозад, амали абстрактӣ ва ҳолат -ро ифода менамояд. Ба монанди: *concession-имтиёз, decision-*

қарор, discussion - музокира, expension-пешрафт, васеъшавӣ, impression - асар, inclusion- воридкунӣ, session- маҷлис, ҷаласса, provision-захира, махзан, ҷои нигоҳдории китобҳо, omission-камбуд.

10. Пасванди - ine. [French - ine,Latin –ina] [3, с.1005]. Ин пасванд номи ашёҳо ва предметҳо-ро месозад. Масалан*: heroine – қаҳрамонзан, imagine – тасаввур кардан, хаёл кардан, discipline – тартиб, интизом, examine – тадқиқ кардан, genuine –ҳақиқӣ.*

11. Пасванди - ment. [Old French ment, Latin - mentum] [3, с.1190]. Ин пасванд яке аз пасвандҳои сермаҳсули забони англисӣ ба шумор рафта, таҷҳизоти амал, маҳсулот ва ё натиҷаи иҷрои амалро ифода мекунад. Ба монанди*: development – рушд, такмил, arrangement-қарор, низом, commitment-супориш, уҳдадорӣ, establishment- муассиса, идора, fragment-порча, қисса, қитъа, argument - далел, асос, engagement - зарурият, лозимият, department-шӯъба, бахш, detachment-гуруҳ, даста, document-ҳуҷат, instalment- бахш, қисм, шумораи алоҳида, installment- бахш, involvement - иштироккунандагон, experiment - таҷриба, озмоиш, encouragement - ҳавасманд, рағбатнок, инъом, establishment – ташкил кардан, сохт, тартибот, statement-изҳорот, supliment-замима, basement-тагхона, announcement – хабар, маълумот, ахборот.*

12. Пасванди - ent. [Latin – enis, -entis, present participle endings of Latin verbs in – ere, ire] [3, с.615]. Пасванди мазкур аз забони лотинӣ гирифта шуда аз як исми мушаххас исми мушаххаси дигар месозад ба монанди*: content-мазмун, correspondent-мухбир, eminent novel- асари бузург, content – мундарича, eminent-бузург, шоҳкор, current literary – раванди адабӣ, compotent-ҷузъ, competent-салоҳият, superintendent-сарпараст, нозир,*

I. Калимасозии наҳвию сарфӣ. Ин усули асосии калимасози бештар хоси забонҳои мавриди қиёс яъне тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

а) Калимаҳои мураккаб. Калимаҳои мураккаб дар забони тоҷикӣ ба воситаи қолабҳои машҳуре, ки ҳанӯз дар забонҳои эронии қадим сохта шуда буд, ифода меёбанд. Аз рӯи ҳамин нигориш мо калимаҳои мураккаби китобдориро ба: 1) таркибҳои копулатив (composita copulativa), истилоҳоти мураккабе, ки аз ҷузъҳои баробарҳуқуқ ба миён омадаанд; 2) таркибҳои редупликатив яъне истилоҳоти мураккабе, ки бо такрор омадани ҳамон як ҷузъи асосӣ сохта мешаванд; 3) таркибҳои детерминатив (composite determinative), сохтани таркибҳои мураккаби тобеъ, ки як ҷузъ (бештар ҷузъи аввал) ба ҷузъи дигар тобеъ аст; 4) таркибҳои поссесив (composite posessiva ва ё composite [105, с.61-62]) ҷудо намудем.

1.Таркибҳои копулатив (composita copulativa) ё таркибҳои мураккаби пайваст. Дар илми китобдорӣ ин қолаби калимасозӣ сермаҳсул аст.

а) бо ёрии садонок: китобофар [7-45], обуна [7-196], библиографӣ [7-221], воқеанигорӣ [7-185], бойгонишинос[7-18], кӯҳнашуда[7-155], адабиёти хреографӣ [7-255].

б) бо ёрии аломати тире: феҳрист - парда [7-93], вагон-китобхона [7-42], нашрияҳои китобдорӣ-библиографӣ [7-28], китобдорӣ- библиографӣ [7-30], адабиёти илмӣ-омавӣ [7-146], адабиёти-техникӣ [7-280],

с) қолабе, ки аз ду исм сохта шуда, ҷузъи якум тобеи ҷузъ дуюм аст: китобхона [7,20], китобдор [7-23], китобхона [6,42], сарлавҳа [7-80], рӯймуқова [7,18], панднома [7, 80]

2) Истилоҳҳои мураккаби дуҷузъа бо пасвандҳои - й-, - ак, - он, - онӣ сохта мешаванд: китобрасонӣ [6,43] саҳифабандӣ [7,123] китобшиносӣ,[6,43] китобдорӣ, [6,42] библиографӣ,[6,42] китобсозӣ [6, 43], ҷобаргаӣ [6,34], ҷузвадон [6, 42], феҳристон [6,43].

II. Конверсия, яъне, аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигари нутқ гузаштани истилоҳ. Дар ин усули калимасозӣ аз рӯи қоидаи забони англисӣ вожаҳо аз як ҳиссаи нутқ бе тағйири асоси худ ба ҳиссаи дигари нутқ мегузаранд. Бавижа, ду ҳиссаи мустақили нутқ - исм ва феъл дар ин усули истилоҳсозӣ нақши муҳим доранд. Ба монанди: describe (тасвир, эҷод) -to describe (тасвир кардан, эҷод кардан); record (сабт) – to record (сабт кардан); revive (эҳё, зинда) – to revive (эҳё кардан, зинда кардан); work (эҷод) – to work (эҷод кардан).

III. Shortening or abbriviation (аббревиатура) - ихтисора.

Дар ин навъи истилоҳсозӣ танҳо ҳарфҳои аввали вожжа бо ҳарфҳои калон навишта мешавад. Ҳамаи вожаҳои дар таркиби истилоҳ ҷойдошта ба якдигар аз ҷиҳати маъно алоқаи зич доранд. Чунончи: World Literature (WL) –Адабиёти ҷаҳон, Comparative Literature (CL) – Адабиёти муқоисавӣ, Folk Literature (FL) – Адабиёти шифохии халқ, Novel of Ideas (NI) – Асари идеявӣ.

Бояд зикр кард, ки бархе аз ибораистилоҳҳои забони англисӣ дар забони тоҷикӣ танҳо бо як калима ифода меёбанд. Аммо ибораҳои истилоҳӣ дар забони тоҷикӣ ба воситаи бандаки изофӣ ва ё пешоянд сурат мегирад, ки ин тарз ба забони англисӣ хос нест.

Ибораистилоҳот ё истилоҳибораҳо: Яке аз маъмултарин ва сермаҳсултарин қолабҳои калимасозӣ, ки дар сохтани истилоҳ нақши назаррас дорад, ин бо роҳи ибора сохтани истилоҳ ба шумор меравад ва дар соҳаи китобдорӣ ибораистилоҳот хеле зиёд ба назар мерасанд. Чунин қолабҳои истилоҳсозиро метавон ба ду гурӯҳ - ибораҳои изофӣ ва пешояндӣ ҷудо намуд:

Ибораистилоҳоти изофӣ. Дар ин навъи ибораистилоҳ ду истилоҳи баробарҳуқуқ ба воситаи алоқаи изофӣ ба ҳамдигар пайваст мегарданд. Сохтани ин усули истилоҳсозӣ дар забони тоҷикӣ сермаҳсул аст: адабиёти бадеӣ [7, с.45], китобҳои дарсӣ [7, с.108], рисолаҳои номзадӣ [7, с.67].

Мавриди зикр аст, ки аз як истилоҳ сохтани якчанд истилоҳибора ба воситаи алоқаи изофӣ хеле маъмул аст. Масалан, аз як худи истилоҳи «китоб» ибораистилоҳҳои зиёде сохта шудааст: Нақшаи №1 Руйхати истилоҳи «китоб» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ



Истилоҳоти ҳар як соҳа ба худ хусусити фарққунанда дорад. Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи истилоҳотии дигар дар соҳаи китобдорӣ дар он аст, ки як калима меҳвари асосӣ маҳсуб ёфта, калимаҳои дигар ҳамчун майдони калимасозӣ ба он алоқаманд мегарданд.

АДАБИЁТ

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.– Д.: Проспект, 1977.–72 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Д.: Дониш, 1986. – 371 с.
3. The world encyclopedia dictionary. Volume 1. From A-K. – Chicago. 1964. – 1088 p.
4. М.Ш.Шукуров. Фарҳанги забони тоҷикӣ, Ҷилди якум, Москва,1969-951 с
5. М.Н.Ҷосимова. Таърихи забони адабии тоҷик.- Душанбе 2011.-566с
6. И.Ҷураев. Фаслномаи китоб (дафтари аввал ва дуввум) Душанбе 2013-48 с.
7. И.Ҷураев. Луғати русӣ-тоҷикии китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ. Душанбе Ирфон 2012, 278с.
8. Тюлина. И.Н. Национальная библиотека:Опыт типологического анализа /Науч. ред.Н.С.Каташов.-М.Кн. палата,1988.-184 с.
9. Абдусалом.М. Фарҳаанги англисӣ- тоҷикӣ. Душанбе 2007, 1079 с.
10. Парвона. Ҷ. Фарҳанги тоҷикӣ ба англисӣ. Душанбе,2008. 978с.
11. Китобҳои электронӣ ва дастёбӣ ба он.Душанбе.-Бухоро.2014 42с.

ОСНОВНОЙ ПУТЬ СЛОВА ВСТРАИВАЮЩЕГОСЯ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКИЕ ЯЗЫКИ

В статье обсуждается слова встраивающегося в английского и таджикского языков. Целью данной статьи является изучение специфики слова встраивающегося на двух языках. Многие таджикские и английские примеры также были изучены по этой теме. Следует отметить, что не было проведено сравнительного исследования сравнительного анализа слова встраивающегося на таджикском и английском языках, поэтому я решил провести исследование по этой теме.

В этой статье мы стремимся исследовать английские слова встраивающегося на таджикском и английском языках и показать их лексические и грамматические особенности с точки зрения лексикологии, морфологии, фонетики, правописания, стиля выражения и культуры речи.

Кроме того, цель реализации этих намерений состоит в том, чтобы придерживаться основных лингвистических методов исследования, которые соответствуют целям, задачам и специфике исследовательского материала. В данной статье использованы другие научно-исследовательские ресурсы из научной литературы Таджикского национального университета и Кулябского государственного университета.

Ключевые слова: *слова, структура, способ, метод, основной, припасы, слова встраивающегося, сноска, корень суффикс, основной путь слова встраивающегося, путь, выражение, префикс, суффикс, доступ, книга.*

THE MAIN WAY OF WORD BUILDING IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article discusses the way of word building in English and Tajik languages. The purpose of this article is to explore the specifics of the word building in two languages. Many Tajik and English examples have also been explored on the topic. It should be noted that no comparative study has been done on the comparative analysis of word building in Tajik and English, so I decided to do a research on the topic.

In this article, we aim to investigate English word building in Tajik and English, and to show their lexical and grammatical peculiarities in word building of lexicology, morphology, phonetics, spelling, style of expression, and speech culture.

In addition, the purpose of the implementation of these intentions is to adhere to the fundamental linguistic word building of research that align with the goals, objectives and specifics of the research material. In this article used other scientific and research resources from the scientific literature of the Tajik National University, National library and the Kulyab State University.

Keywords: *word, structure, way, main, store, word building, borrowing words, root, suffix, way of word building, way, phrase, prefix, research book.*

Сведения об авторе:

Робияи Абдусамад *– доктор PhD кафедры иностранных языков Кулябского Государственного Университета имени Абуабдуллох Рудаки.* ***Адрес:*** *735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафаров 16. Тел: (+992) 985598159*

About the autor:

Robiyai Abdusamad*– Doctor PhD of the chair of foreign languages of Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob town, st. S. Safarov 16. Phone: (+992) 985598159*

ТАРЗҲОИ ФЕЪЛ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Рачабов Ё.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Маънои тарзи феъл. Тарзи феъл категорияи грамматикиест, ки он муносибати амалу ҳаракатро нисбат ба **фоил (субъект)-(active)** ва **мафъул (объект)-(passive))** мефаҳмонад:

Масалан: Деҳқон гандумро даравид (**тарзи фоил (active)).**

Гандум даравида шуд (**тарзи мафъул (passive)).**

Кишоварзон пахта коштанд (**тарзи фоил (active)).**

Пахта кошта шуд (**тарзи мафъул (passive)).**

Шаклҳои тарзи феъл муносибати амалро нисбат ба фоилу мафъул мефаҳмонад: Коргарон иморати нав сохтанд (**тарзи фоил (active)).**

Иморати нав бо дасти коргарон сохта шуд (**тарзи мафъул (passive)).**

Одамон пахтаҳоро чиданд (**тарзи фоил (active)).**

Пахтаҳо чида шуданд (**тарзи мафъул (passive)).**

Тарзи фоил, ба ибораи дигар, феъли маълум он аст, ки фоили (иҷрокунандаи) он маълум аст. Асп **медавид.** Сарбоз посбонӣ **мекунад.**

Феълҳои монда фақат тарзи фоилӣ доранд. Гулҳо **шукуфтаанд.** Посбон **истодааст.** Рафиқ **меравад.** Муаллим **мешинад.** [1,115]

Категорияи ду тарзи феъл (фоилӣ ва мафъулӣ) бештар хоси феълҳои гузаранда мебошад.

Феълҳои гузарандаи забони точикӣ ду тарзи ҳамнисбат доранд ва шаклан аз ҳам фарқ мекунанд.

Тарзи фоилӣ Active	**Тарзи мафъулӣ Passive**
пурсид	пурсида шуд
пурсидааст	пурсида шудааст
мепурсид	пурсида мешуд
пурсида буд	пурсида шуда буд
мепурсад	пурсида мешавад
хохад пурсид	пурсида хохад шуд.

Мувофиқи ин шаклҳо феълҳои забони тоҷикӣ ба тарзи фоилӣ ва тарзи мафъулӣ ҷудо карда мешаванд.

Хусусияти маънои феълҳои гузаранда дар он аст, ки онҳо амалеро мефаҳмонанд, ки дар иҷрои он ду предмет: яке фоил, дигаре мафъул (объекти амал) иштирок мекунанд. Ҳаракату амалро шахси фоил ба ҷо меорад ва он ба предмет нигаронида шудааст, ки он объекти амал мебошад:

1. Шерзод... душманро мезад, мекӯфт ва маҳв мекард.
2. Содиқхоҷа шеърро равон менавишт...
3. Раҳими Қанд ба пурсиши ман ҷавоб дода, боз ҳикояти худро давом кунонид. [4,37]

Ҷумлаҳое дида мешаванд, ки объекти амал мубтадо шуда омадааст.

Гӯё **ӯ** аз пулод сохта шуда буд. (Гӯё **ӯро** аз пӯлод сохта буданд).[5,97]

Чунинам навишта буд ахтар ба сар,
Ки ман **кушта гардам** ба дасти падар.
(А.Фирдавсӣ, «Шоҳнома»)

Феълҳои монда ва гузаранда дар тарзи фоилӣ шакли махсуси грамматикӣ надоранд.

Тарзи фоилии ба он далолат мекунад, ки амалро худи шахс ё предмет иҷро мекунад ва амали ҷумла ба **ӯ** тааллук дорад: **ӯ** шеърро дӯст медошт ва **мефаҳмид.** Ҷаноби шайх домулло Икром ва домулло Аваз Муҳаммади Хуҷандӣ дарси ҳадис сар карданд. [5,101]

Ҳамин тариқа, тарзи фоилӣ амали субъектро ки бевосита ба объект равона карда шудааст, ифода мекунад. Дар ҷумла ҳам мубтадо ва ҳам пуркунандаи бевосита ҳаст:

Масалан: Падарам Моҳираро дид.
Шаҳр қаҳрамононашро пешвоз гирифт.
Ман ҳам он баёнро мутолиа мекардам.
Саворе асп давонид.

Солҳо сипарӣ шуд ва замони фурӯпошии давлати абарқудрати Шуравӣ фаро расид [7, с.15].

Тарзи фоилии феъл ду шакл дорад: тарзи фоилии бевосита ва бавосита. Феълҳо аксар дар шакли фоилии бевосита ба кор бурда мешаванд: Салим нон хӯрд. Баҳор омад. Сабзаҳо дамиданд. Усто шона тарошид. Модар нома навишт.

Нишонаи грамматикӣ морфологии тарзи мафъул феъли ёвари **шудан, гаштан** мебошад ва феъли асосӣ одатан дар шакли якуми замони гузашта меояд.

Инчунин баъзан дар ҷумла таркибҳои аз **тарафӣ, ба воситаӣ, бо дасти** низ меояд:

*Агар ман **шавам кушта** бар дасти ту,*
Зи дарё наҳанг оварад шасти ту.

(А.Фирдавсӣ, «Шоҳнома»)

1. ...дар ҷои басташудаи он паскӯча дарвозачаи зебое **кушода мешуд.**
2. Қариб ҳамаи лашкариёнаш **кушта гаштанд...** .
3. Ҳар материал ва мол... **ба воситаи** шутур, асп, хар ва одами пиёда **кашонда мешуд.**
4. Аз **тарафи** намояндагони махфии ҳукумати Бухоро ... **фиристода шуда буданд.**[5,43]

Дигар фарқи грамматикии тарзи мафъулӣ аз фоилӣ ин аст, ки феъли тарзи мафъулӣ бештар дар шахси сеюми танҳо ва ҷамъ ба кор бурда мешавад:

Касе надонист, ки ӯ дар маърака **кушта шуд** ё **талаф гардид.**
...Ҷанговаронаш **кушта** ва **хаста мешуданд...**
Шарифҷон махдум аз кор **гирифта шуда буд** [6,43]

Дар адабиёти классикӣ тарзи мафъулӣ бо феъли **«омадан»** низ сохта мешуд:

*Гар ӯ **кушта ояд** ба дасти ту бар,*
Шигифтӣ шавад дар ҷаҳон сар ба сар.
(А.Фирдавсӣ, «Шоҳнома»)

Гунаҳкорам,- гуфт Носиров ва дар назди ӯ итоаткорона рост истод ва гуфт хуне **рехта нашавад,** ки зиштномӣ коре ба анҷом нарасад. [3, с.138]

Тарзи фоилӣ дар шакли сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ низ меояд. Дар ин маврид ҷузъи феълҳои ёвар **(шудан ва будан**) нақш мебозанд:

Шеър ҳам ба некӣ **кор фармуда шавад,** хуб аст. Агар хатоҳояш ба устое нишон дода шаванд қабул мекард. Чизе, ки навишта шуда бошад, ба ҳамон амал кунед.

Ҷадвали сохта шудани замонҳои тарзи фоил ва мафъулӣ сиғаи хабарӣ

Шаклҳои замонӣ тарзи фоил ва мафъулӣ сиғаи хабарӣ бо ҳамдигар муродиф доранд:

Тарзи фоил	**замон**	**Тарзи мафъул**
Мегӯяд	замони ҳозира	гуфта мешавад
Гуфт	гузаштаи наздик	гуфта шуд
Мегуфт	гузаштаи хикоягӣ	гуфта мешуд
Гуфта буд	гузаштаи дур	гуфта шуда буд
Г уфтааст	зам. гуз нақлӣ	гуфта шудааст

Мегуфтааст	зам.гуз.ҳик.наклӣ	гуфта мешудааст
Гуфта будааст	гузаштаи дур.нак.	гуфта шуда будааст.

Шунида шуд, ки Шумо боғчае доред... Шумо аз ин хусус ба суди ҳарбӣ хоҳед гуфт **(оянда гуфта хоҳад шуд).**

Хоҳи ҳар як асп ҳам **сар дода мешавад.** (С. Айнӣ, Одина, саҳ 98). Бо фармони Восеъ ҳамаи ҳуҷҷатҳо ба оташи гулхан **андохта сӯзонда шуданд**.

Ҳар асире... дар ҳамон ҷо **кушта партофта** мешуд.

Қориёни ҷамоа одатан аз муллозодаҳо **таъин карда** мешуданд...Хусусияташон дар поён баён **карда хохад** шуд. [6,50].

Агар онҳо **кушта шаванд,** ба ман ҳам зиндагӣ даркор нест. Ба ҳамон радио пас хат нависад, чӣ **мешуда бошад.**

Дар ҷумлаҳои боло ва поён, ба гумони мо, бо сабабҳои зерин шахси фоил (мубтадо) ё предмет фоил оварда намешавад: ё фоил номаълум аст, ё онро ҳама медонанд, ё пеш зикр шудааст, бинобар ин зарурати зикри он дар ҷумла ё хабари расонданӣ онро талаб намекунад: Ҳоло вай шеъреро, ки дар он қоғаз **навишта шуда буд,** хонда**.** Дар зери он навочаи сафолин **гузошта шуда буд.** Аҳолии он ... ба дасти тақдир **супурда шуда буд.** Аз пеш садои пойҳо **шунида мешуд**. Субҳӣ қитаеро, ки дар ҳаҷви миршаб коллективона **гуфта шуда буд** хонд. Чизу чораи мо ба хари сиёҳ **бор карда шудааст**. Ин ҷанг бисёр дер накашида бошад ҳам, муғули бисёр **кушта гардид**.[4, с.126].

Агар ду феъл дар шакли тарзи мафъулӣ омада бошад, феъли ёвари **«шудан»** баъди феъли дуюм меояд:

Дар суҳбатҳои адабӣ шеърҳои классикони тоҷик **хонда, муҳокима карда мешуданд.** ...Ҳамаи онҳо ба воситаи ҳамин устоҳо ва шогирдҳо **...бароварда, бурда фурӯхта шудаанд** . ...Ҷанговаронаш **кушта** ва **хаста** мешуданд.

Ҳамин ҳолатро дар назар бояд дошт, ки тарзи мафъул дар ҷумла ҷои аъзоҳои онро (мубтадои ҳақиқӣ ба ҷои пуркунанда меояд ва ё умуман оварда намешавад) ва пуркунанда ба ҷои мубтадо меояд:

Сухани командир бо эътирозҳои сахт **бурида шуд.** Зани бефарзанд оқибат **пеш карда мешавад.** Ҳафтоду панҷ чуб хурда **кушта шуда буд**.

Дар ин маврид мубтадо-номи объект амал ҳамчун маълумоти нав пиндошта мешавад:

Ин журналу газета ба воситаи ташкилотҳои коммунистони Бухоро .. **паҳнкарда мешуданд**. Дар пешгоҳи ҳавлӣ ду хона ва аз миёнаи онҳо як даҳлез **бино карда шуда буд.**

Феълҳо дар забони англисӣ ду тарз (voice)-ро доранд:

Фоил **(active)** ва мафъул **(passive).** Феъли мафъул **(passive voice)** дар забони англисӣ боёрии феъли ёридиҳандаи **(to) be** дар шакли лозими ва Participle II - и феъли асоси сохта мешавад:[1,116]

(To) be written	навишташудан
(To) be asked	пурсидашудан

Ҳангоми феъли фоилро **(Active voice)** ба шакли мафъул **(Passive voice)** гардондан пуркунандаи ҷумлаи актив мубтадои ҷумлаи пассив мешавад, вале мубтадо амалро иҷро намекунад. Мубтадо предметеро нишон медиҳад, ки дар зери таъсири амали беруна мондааст. Калимае, ки амалиётчиро мефаҳмонад, одатан пуркунандаи феъли мафъул шуда меояд. Вале ҳозир будани чунин пуркунанда на ҳамеша шарт аст. [1,с.117]

Масалан:

Tense	Active Voice	Passive Voice
Present Simple	The author **writes** books.	Books **are written** by the author.
Past Simple	General Motors **invented** air bags.	Air bags **were invented** by General Motors.
Present Continuous	Jeremy **is reading** an email.	An email **is being read** by Jeremy.
Past Continuous	Clara **was watching** a movie.	A movie **was being watched** by Clara.
Future Simple	Somebody **will steal** your bicycle.	Your bicycle **will be stolen** by somebody.
'Be Going To' Future	The tourists **are going to visit** the city.	The city **is going to be visited** by the tourists.
Present Perfect	We **have finished** the project.	The project **has been finished** by us.
Past Perfect	They **had rebuilt** the museum.	The museum **had been rebuilt** by them.
Present Perfect Continuous	You **have been doing** exercises all day.	Exercises **have been being done** by you all day.
Past Perfect Continuous	We **had been discussing** the issue for days.	The issue **had been being discussed** by us for days.

Тарзи мафъулии феълҳои забони англисӣ дар забони тоҷики се хел ифода карда мешавад;

а) ба воситаи тарзи мафъулӣ:
Масалан: **“Odina” was written by Ayni**
«Одина» аз тарафи Айни навишта шудааст.
б) ба воситаи ҷумлаи номуайяншахс:
Масалан: **He was sent letters.** Вай мактубҳоро мефирстонад.
в) ба воситаи тартиби калима:
Масалан: Popov invented radio-Радиоро Попов ихтироъ кардааст.
Radio was invented **by** Popov- Радио аз тарафи (ҷонибӣ) Попов ихтироъ шудааст.
Дар забони тоҷикӣ шакли мафъулии феълҳо хеле кам мушоҳида карда мешавад, вале дар забони англисӣ баръакс аст.
Мубтадои **Passive** ҳеҷ вақт чун иҷрокунандаи амал тарҷума карда намешавад:
Масалан: Cotton is growing is the south.
Пахта дар ҷануб руёнида мешавад.
Фарқияти тарзи фоил аз мафъул дар он аст, ки дар тарзи фоил иҷрокунандаи амал маълум аст, вале дар тарзи мафъул иҷрокунандаи амал маълум нест ва маълум будани вай низ он қадар муҳим нест.
Montanelli **entered** the room where Arthur **was waiting** for him at the supper table.
Монтанелли ба утоқе, ки Артур дар сари дастурхони шом ӯро интизор буд, ворид шуд.
Ин ҷумлаи мураккаби тобеъ **(Complex sentence)** мебошад, ки аз сарҷумла ва ҷумлаи пайрав иборат мебошад.
1.Сарҷумла **(Principle clause)** Montanelli **entered** the room.
2.Ҷумлаи пайрав **(Subordinate clause)** where Arthur **was waiting** for him at the supper table мебошад.
Феъли ҳам сарҷумла ва ҳам ҷумлаи пайрав дар шакли фоил мебошанд. Иҷрокунандагони амалҳо Монтанелли ва Артур мебошанд.
Дар ҷумлаи англисӣ дар ҷойи аввал сарҷумла ва дар ҷойи дуйюм ҷумлаи пайрав омадааст.
Entered-даромадан (who? Кӣ?)- Montanelli
Was waiting- (who? Кӣ?)- Arthur
Entered and was waiting-феъл дар шакли фоил мебошад.
My things are all packed. Чизҳоямро бастанд (ҷамъ карданд).

АДАБИЁТ

1. Грамматикаи забони англисӣ (English Grammar).-Душанбе, 2013. С. 115-117
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1.- Душанбе 1973
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик Лексикалогия, фонетика ва морфология.-Душанбе. Ирфон, 1982 Ҷилдӣ 2. с.138
4. Куллёт ҷилди 4-и Садриддин Айнӣ.- Душанбе 2005. - С. 37-126
5. Куллёт ҷилди 13-и Садриддин Айнӣ.- Душанбе 2005.-С. 43- 97-101
6. Куллёт ҷилди 14-и Садриддин Айнӣ.- Душанбе 2005.-С.50- 63
7. Куллёт ҷилди 15-и Садриддин Айнӣ.- Душанбе 2005.-С.15
8. (Фотеҳ Ниёзӣ. Асарҳо.саҳ 131-Душанбе 1976)

4.Брагинский И.С. Унсурҳои эҷодиёти бадеии халқ дар осори хатии қадим ва асримиёнагии тоҷик//Шарқи сурх. – 1954. - № 10. – С.24-42.

5.Гаффаров, М.А. Персидские пословицы/М.А. Гаффаров, В.А. Гордлевский. – М., 1913. – 200 с.

6.Горький, М. О литературе. Литературно-критические статьи. – М.: Советский писатель, 1955. – 568 с.

7.Муллоҷон Ф. фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Ҷ II, Душанбе: Нашр. Ирфон. 1975, 38-320 с.

8.Резник Д.Г. //Научная конференция. - С. 119 – 120.

9.Розенфельд, А.З. Намунаҳои фолклори Дарвоз, Нашр. Давл. Тоҷ. - Душанбе, 1955. – 86 с.

КЛАССИФИКАЦИЯ ПОСЛОВИЦ И ПОГОВОРОК ТАДЖИКСКОГО НАРОДА ПО ТЕМАТИКЕ

В статье рассматривается пословицы и поговорки таджикского народа и их классификация. В ходе анализа выясняется, как у всех других народов, классификация таджикских пословиц тоже делятся по тематике энциклопедичны. Они отражают самые многообразные стороны жизни трудового народа. За исключением нескольких так называемых «исторических» пословиц, которые связаны с конкретными историческими событиями, основная масса таджикских пословиц и поговорок - это «бытовые», они складывались на основе «жизненного, социально-исторического опыта трудового народа». В статье можно увидить следующие категории пословиц: 1) Отражение трудового опыта народа - в жизни людей главным и определяющим фактором является труд. 2) Отражение классового антагонизма в пословицах и поговорках - вся история таджикского народа - от распада первобытного строя вплоть до появления таджикского государства как независимой страной в мировой арене, включая истории классовой борьбы. 3) Отражение этических взглядов в пословицах и поговорках - таджикские пословицы и поговорки отражают этику таджикского народа, и большинство из них принадлежит эпохе феодализма. 4) Отражение семейных отношений в пословицах и поговорках - в дореволюционных таджикских пословицах и поговорках ярко отражена картина семейных отношений как важной чертой народа при феодализме и на сегодняшние дни тоже. 5) Отражение материальной культуры в пословицах и поговорках - на материалах пословиц и поговорок можно проследить изменения, происшедшие в быту таджиков в связи с общественными изменениями. 6)

В работе подытоживается все группы по тематике и можно прийти к выводу, что выше сказанное классификации имеют свои положительное стороны так и не исключены из недостатков. Все эти примеры, которые употребляется в ежедневной жизни народа, но не может служит общему созданию классификации пословиц и поговорок в целом. Это говорит о том, что впереди состоит еще огромная задача перед исследователями различных направлений.

Ключевые слова: *классификация, пословицы и поговорки, тематика, паремия, исторические события, анализ, фактор.*

CLASSIFICATION OF PROVERBS OF THE TAJIK PEOPLE BY ITS SUBJECTS

The article examines the proverbs and sayings of the Tajik people and their classification. In the course of the analysis, it turns out that, like all other peoples, the classification of Tajik proverbs is also divided into encyclopedic topics. They reflect the most diverse aspects of the life of the working people. With the exception of a few so-called "historical" proverbs that are associated with specific historical events, the bulk of Tajik proverbs and sayings are "everyday", they were formed on the basis of the life, social and historical experience of the working people". In the article you can see the following categories of proverbs: 1) Reflection of the labor experience of the people - in the life of people, the main and determining factor is labor. 2) The reflection of class antagonism in proverbs and sayings - the entire history of the Tajik people- from the collapse of the primitive system up to the emergence of the Tajik state as an independent country in the world arena, including the history of class struggle. 3) Reflection of ethical views in proverbs and sayings -Tajik proverbs and sayings reflect the ethics of the Tajik people, and most of them belong to the era of feudalism. 4) Reflection of family relations in proverbs and sayings-pre-revolutionary Tajik proverbs and sayings clearly reflect the picture of family relations as an important feature of the people under feudalism and today, too. 5) Reflection of material culture in proverbs and sayings - on the materials of proverbs and sayings, you can trace the changes that have occurred in the life of Tajiks in connection with social changes. 6)

The paper summarizes all the groups on the topic and it can be concluded that the above classifications have their positive sides and are not excluded from the disadvantages. All these examples that are used in the daily life of the people, but cannot serve the general creation of the classification of proverbs and sayings in general. This suggests that there is still a huge task ahead for researchers in various fields.

Keywords: *classification, proverbs and sayings, subjects, paromia, historical events, analysis, factor.*

Сведение об авторе:

Усмонзода Шохрух – (PhD) *докторант факультета иностранных языков кафедры языкознания и сравнительной типологии Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни, Тел: (+992) 938658065, E-mail: shohrukh.usmonov@mail.ru*

About the author:

Usmonzoda Shokhrukh *– (PhD) doctoral student, the faculty of foreign languages, dep. Linguistics and comparative typology, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, Tel: (+992) 927109592, E-mail: shohrukh.usmonov@mail.ru*

ТДУ 809. 155. 0

КАЛИМАСОЗӢ ТАРИҚИ ПАСВАНДИ -А ДАР АСОСИ МАВОДИ ҒАЗАЛИЁТИ ШАМСИДДИН ШОҲИН

Валиев Ҷ.А., Тоирзода А.Р.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Айтаматова Н. Х.

Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 42, н. Фирдавсӣ, ш.Душанбе

Калимасозӣ яке аз роҳҳои муҳими такмили таркиби луғавии забони адабӣ маҳсуб мешавад. Маҳз бо ҳамин роҳ таркиби луғавӣ аз ҳисоби имконияти дохилӣ инкишоф меёбад.

Морфемаи-**а** яке аз пасвандҳои сермаҳсули забони тоҷикӣ маҳсуб ёфта, дар доираи ҳиссаҳои гуногуни нутқ, ба мисли исм, сифат, зарф ва сифати феълӣ ҳамчун унсури калимасоз хизмат мекунад. Ин пасванд бештар дар низоми калимасозии исм мавқе хоса дорад.

Забоншиноси маъруф Ш. Рустамов оид ба мавқеи калимасозии пасванди **-а** чунин фармудааст: «Суффикси **-а** дар забони адабии ҳозираи тоҷик суффикси сермаъно, омоморфема ва синоморфема ба шумор меравад. Сермаъноии суффикси **-а** танҳо дар исмсозӣ худи ин суффикс, вале омоморфемагии он на фақат дар дохили исм, балки дар калимасозии ҳиссаҳои гукногуни нутқ мушоҳида мешавад» [10, с.40].

Бояд зикр кард, ки пасванди мазкур таърихан аз морфемаи таркаибии **-а -ка** ё **-ака**-и форсии қадим, ки дар шакли форсии қадимааш **-ак, -ag** аст, маншаъ мегирад [6, с.87].

Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» аз исм, сифат, шумора, феъл ва калимаҳои тақлидӣ ба воситаи унсури калимасози **-а** сохташавии исмҳо баён шудааст [5, с.12]. Масалан, аз исм: **гӯша, дандона, димоға, забона, шоха, овоза;** аз сифат **сабза, сафеда, талха, тунука, шӯра;** аз шумора: **ҳафта, даҳа, чила, панҷа;** аз феъл: **мола, кӯба, овеза, шукуфа, реза, бӯса, нола, ханда;** аз калимаҳои тақлидӣ**: ғарғара, шақшақа, дағдаға, ғулғула, шаршара.**

Доир ба нақш, вазифа ва роҳҳои калимасозии пасвандҳои калимасоз донишмандони гузаштаи мо қайду ишораҳои пуразрише кардаанд. Аз ҷумла Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-муъҷам», ки ба илми арӯз, қофия ва нақди шеър бахшида шудааст, оид ба хусусиятҳои калимасозии пасванди **-а** чунин маълумот додааст: «Ва он «ҳо»-е аст, ки дар авохири баъзе асмо (номҳо) навъеро аз ҷисме мумтоз (ҷудо) карданд ва онро тахсисунавъ минал ҷинс хонанд, чунонки «дандона» аз «дандон» ва «чашма» аз «чашм» ва «забона» аз «забон» ва «пойа» аз «пой» ва «гӯша» аз «гӯш» ва «даста» аз «даст» ва «нохуна» аз «нохун» ва «тана» аз «тан» ва «»пушта» аз «пушт»… [16, с.198].

Қобили зикр аст, ки прфессор Д. Хоҷаев дар мақолаи хеш таҳти унвони “Қайси Розӣ ва лафзи шевои дарӣ" роҷеъ ба вазифаҳои дастурии пасванди **-а** дар «Ал-муъҷам» андешаҳои пуразрише иброз кардааст. [7, с.15–16].

Шоири нозукбаён Шамсиддин Шоҳин аз ин қолаби калимасозӣ ба таври густурда истифода кардааст. Дар осори адиб ба воситаи унсури калимасози **-а** аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исмҳои зиёде сохта шудааст, ки хеле ҷолибу марғубанд.

Чунонки дар фавқ ишора шуд, пасванди **-а** дар баробари бо дигар ҳиссаҳои нутқ истеъмол шуданаш бештар дар боби исм мавриди истифода қарор мегирад, чунки исм ҳамчун асоси калима барои сохтани вожаҳои нав заминаи асосӣ ба шумор меравад.

Ш. Шоҳин дар осораш бо истифода аз унсури калимасоз чунин калимаҳоро мавриди истифода қарор додааст: **сиришта**, **муқобила**, **захма, рухсора**, **паймона, хароба, чашма, нишона, муғона**, **чағона, даванда, раванда, лаганда, дунбола, даста, миёна, дандона, гӯша, табхола, савора**, **фирӯза, вайрона, канора, замона**, **сӯхта**.

Исмҳои мазкурро аз рӯйи таркиби морфологӣ (сарфӣ) ва маънои луғавиашон метавон чунин гурӯҳбандӣ намуд:

1. Пасванди **-а** бо исмҳои модие, ки ба узви инсон таалуқ доранд, омада, исми нав месозад, ки аз рӯйи маънои луғавӣ аз асосҳои пештараи худ фарқ мекунанд. Чунончи: **даста, миёна, чашма, дандона, гӯша.**

Мисолҳо:
*Ҳазор **даста** гули ёс мезанам бар сар,*
Зи хорзори ҳаводис, ки бӯстони ман аст... [17, с.82],
***
Чу офтоб, ки шуд равшан аз миёни саҳоб,
*Хат аз ду сӯю рухат дар **миёна**, хуш бошад. [17, с.97].*
***
Гардам аз нози ту, з–он пас ба канорат гирам,
*Набувад аз пайи **дандона**, бигӯ, мола барин. [17, с.202].*

Калимаи **даста** ифодакунандаи маъноҳои мухталифи луғавӣ буда, дар нутқ ба маъноҳои гуногун корбаст мешавад. Ин вожа дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» бо чунин маъноҳо шарҳ ёфтааст: 1. Он қисми абзор, ки ба даст гирифта мешавад, қабза, масалан, дасатаи шамшер, корд, арра, дастаи кӯза ва ғайра. 2. Дастаи гул, гулдаста; даста бастан… 3. Нумератив, миқдоре ё қабзае аз чизе; 4. Гурӯҳ, тӯда, 5. Ёр, мададгор, 6. Масхара, мазҳака, хандахариш [13, 346]. Ин калима, ки аз решаи **даст** ва пасванди **-а** сахта шудааст, дар осори Ш. Шоҳин низ ба маъноҳои гуногуни луғавиаш истеъмол шудааст.

Чунончи:
Кадом теғ, ки Шоҳин, на аз тариқи ҷафо
*Ду **даста** бар сарам абруи ёр мешиканад?! [17, с.100].*

Дар ин ҷумла, чунонки аз муҳтавои ҷумла бар меояд, калимаи **даста** ба маънои маҷозиаш истифода шуда, барои пуробурангии сухан корбаст шудааст.

2. Пасванди **-а** аз исмҳои гуногун исми нав сохтааст: **шоха, савора, дона, сарфа, шира.**

Чунончи:
*Ба **шоха**е, ки баланд аст, бурдан осон даст.*
Ҷафо бурун мабар аз ҳад, вагарна хоҳам зад. [17, с.88].
***
*Шавад **савора,** агар турки ман ба пушти саманд.*
Ниҳодаанд ба каф нақди ҷону дил ушшоқ, [17, с.126].
***
***Дона**и холи туро нозам, ки аз ҳиҷрони он,*
Чеҳраи гулнори ман паҳлӯ занад бар ранги коҳ. [17, с.222].

*3. Аз сифат исм сохтааст: **сабза, вайрона.***
Чунончи:
*Бошад хати ту **сабзаи** сарчашмаи ҳаёт,*
Бошад лаби ту лаъли Бадахшони зиндагӣ. [17, с.242].
***
*Ба уммеде, ки дар **вайрона**ам дилдор меояд,*
Бурун ҳар лаҳза ҷонам аз бадан сад бор меояд. [17, с.133].

4. Пасванди **-а** аз шумора исм сохтааст. Бояд қайд кард, ки дар ин қолаб дар осори адиб аз рӯйи мушоҳидаи мо ду исм ба назар расид. Чунончӣ: **ҳафта, панҷа**

Мисолҳо:
Шуд фасли гул, азимати сайри чаман кунед,
*Гар фурсат аст, **ҳафта**е он ҷо ватан кунед! [17, с.98].*
***
Пур булур аст ҳино, дасти туро оби ақиқ,
*Бошад аз хуни шафақ **панҷа**и хуршед хизоб. [17, с.46].*

5. Бо асосҳои замони ҳозира ва гузаштаи феъл омада, номи амалу ҳолатҳои гуногунро ифода кардааст: **мурда, дида, бӯса, андоза, андеша, ханда.**

Мисолҳо:
Гуфт:-Дар хона чӣ сон зинда тавон раст кунун,
*Ки зи гармии ҳаво **мурда** нахобад ба лаҳад. [17, с.266].*
***
*Шарҳи шавқат менавиштам, **дида**и хунбор гуфт:*
Ҷои сурхиҳош бигзорӣ, ки ман хоҳам навишт. [17, с.273].
***
*Кардӣ аз **бӯса** тамаъгинаму ранҷидӣ, лек,*
Оҳ аз ин ҳилаам, аз хеш ҷудо афкандӣ. [17, с.237].

***

Дард агар саҳл бувад, нест шикаст он ҳама кор,
*Чӣ кунам кор зи **андоза**и тамкин гузарад. [17, с.274].*

6. Бо асоси замони ҳозираи феъл омада, исми шахс сохтааст: **банда.**

Мисол:

Ман куҷову тамаи васли ту кардан, боре
*Аз ту бар **банда** итобе нашавад, мамнунам. [17, с.181].*

7. Ба як қтор исмҳои моддӣ ҳамроҳ мешавад, аммо маънои пештараи вожаҳо тағйир намеёбад.

Дар осори адиб дар ин қолаб калимаҳои зайл корбаст шудааст: **нишон-нишона, остон-остона, тариқ-тариқа, дон-дона, доман-домана.**

Мисолҳо:

*Дигар **нишона**и бедавлатӣ чӣ мебошад,*
Шикаст болу фурӯ рехт пар ҳумои маро. [17, с.43].

***

Шоҳин ниҳад ба хоки дарат ҷабҳаи умед,
*Маҷнун аз **остона**и Лайлӣ куҷо равад? [17, с.130].*

***

Биёву сулҳ бад–ин маслиҳат бикун зоҳид,
*Ману **тариқа**и риндӣ, туву тариқи салоҳ. [17, с.93].*

Забоншиноси тоҷик Қосимов О. дар рисолаи номзадиаш «Калимасозиии исм дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ» дар боби «Алоқаи калимасозӣ ва вазифаҳои пасванди -а» оид ба исмҳое, ки пасванди **-а** қабул карда, маънои луғавии худро ҳифз мекунанд, маълумоти пуррзиш дода, барои мисол исмҳои зеринро ҳамчун намуна овардааст: **кин-кина, хон-хона, чеҳр-чеҳра, набер-набера, карон-карона, ҳангом-ҳангома, ком-кома, нишон-нишона, дон-дона** ва монанди инҳо [6, с.56]. Муаллиф ҳангоми таҳлилу баррасии ин калимаҳо ба хулосае меояд, ки мақсади шоир дар чунин шакл истифода бурдани исмҳои мазкур риоя намудани вазну қофия дар шеър аст.

АДАБИЁТ

1. Амлоев А.Я. Калимасозии сарфии исм дар насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев. – Душанбе: ДСРТ, 2016. – 151 с.
2. Ализода С. Сарфу наҳви тоҷикӣ. – Душанбе, 2006. – 79 с.
3. Амонова Ф. Именное аффиксальнное словообразование в современном персидском и таджикиских языках: Учебное пособие. –Душанбе, 1982 – 55 с.
4. Аҳмадова Ӯ. Аффиксҳои муштараквазифа ва мавқеи онҳо дар таълими забони модарӣ. // Мактаби советӣ, 1970, №9. – С. 18-21.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (нашри академиӣ). Ҷ.1.-Душанбе, 1985. – 356 с.
6. Косимов О. Суффиксальное словообразование имён существительных в «Шахнаме» А. Фирдавси. АКД. – Душанбе, 1988.-24 с.
7. Муҳаммадиев М. Принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ. Дар кит.: «Масъалаҳои забони тоҷикӣ». – Душанбе, 1967. – С. 37-45.
8. Ниёзӣ Ш. Калимасозӣ дар исм. // Мактаби советӣ, 1949, №1. – С. 12-19.
9. Пейсиков Л. С. Очерки по словообразованию персидского языка. – М., 1973. – 210 с.
10. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1972. – 77 с.
11. Рустамов Ш. Исм. – Душанбе, 1981. – 220 с.
12. Тилавов Б. Мақоми суффикси-гар ва-гарӣ // Маориф ва маданият. 1979. 16 январ. 127.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – М., 1969 – 951 с.
14. Хоркашев С. Калимасозии исм бо пасвандҳо. – Душанбе, 2010. – 144 с.
15. Хоркашев С. Ташаккули таркиби луғавӣ ва калимасозӣ. – Душанбе, 2014.-106 с.
16. Шамси Кайси Розӣ. Ал-муъҷам. – Душанбе, 1991. – 232 с.

Манбаъ:

17. Шамсиддин Шоҳин. Девони ашъор. – Душанбе, 2018. – 277 с.

СЛОВООБРОЗОВАНИЕ ПРОИЗВЕДЯЮЩЕЕ ЧЕРЕЗ ПОДКЛЮЧЕНИЕ - А ОСНОВЕ МАТЕРИАЛА ГАЗАЛИИ ШАМСИДДИН ШОХИНА

Следует отметить, что роль суффиксов в словообразовании таджикского языка очень значительна. Основная функция каждого суффикса определяется тем, что он означает для слова,

из которого он сделан. По словам ученых, слова с префиксами используются чаще, чем слова с префиксами. В частности, словообразование с помощью суффиксов между существительными и прилагательными очень распространено. Суффиксы состоят из существительных из разных частей речи. Они делают новые существительные из простых слов, а также из сложных слов и фраз.

Ключевые слова: *грамматика, словообразование, суффиксы, словообразование суффиксы, Шамсиддин Шохин, лингвистика, лексическая структура, таджикский язык, словообразовательные элементы, газели.*

WORD FORMING PRODUCING THROUGH CONNECTION – A ON GAZALIA MATERIAL SHAMSIDDIN SHOKHINA

It should be noted that the role of suffixes in the word formation of the Tajik language is very significant. The main function of each suffix is determined by what it means for the word from which it is made. According to scientists, words with prefixes are used more often than words with prefixes. In particular, word formation using suffixes between nouns and adjectives is very common. Suffixes are made up of nouns from different parts of speech. They make new nouns from simple words, as well as from complex words and phrases.

Key words: *grammar, word formation, suffixes, word formation suffixes, Shamsiddin Shokhin, linguistics, lexical structure, Tajik, word formation elements, gazelles.*

Сведения об авторах:

Валиев Джамшед Абдурасулович *- докторант PhD кафедры теория и практики языкознания Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Телефон: (+992) 907048591. E-mail: jamshedvaliev93@gmail.com.*

Тоирзода Абдусаломи Рахим *- магистрант втарого курса кафедры теория и практики языкознания Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. (+992) 985556567. E-mail: toirzoda2019@mail.ru*

Айтаматова Наргиза Хурсановна *- преподаватель английского языка СОУ №42 района Фирдавси города Душанбе, тел: (+992) 918420597. E-mail: qala_ ob@Rambler. ru*

About the authors:

Valiev Jamshed Abdurasulovich*, Doctorate PhD in the Department of Tajik Philology of the Tajik State University named after Sadridin Any. Phone number: (+992) 907048591. E-mail: jamshedvaliev93@gmail.com; valiev_jamshed@mal.ru*

Toirzoda Abdusalomi Rahim *- 2st year of Magistrant in the Department of Tajik Philology of the Tajik State University named after Sadridin Any. Phone number: (+992) 985556567. E-mail: toirzoda2019@mail.ru*

Aitamatova Nargiza Khursanovna *- teacher of English language, middle School of General education №42 Firdausi district of Dushanbe city, tel (+992) 918420597. E-mail: Qala_ ob @ Rambler. ru*

ТДУ 809.155+8020:398.9

МАВҚЕИ СОМАТИЗМИ “ДАСТ” ДАР “ГУЛИСТОН”- И ШАЙХ МУСЛИҲИДДИН САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Мирзоалиева Ш.Э.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Саъдӣ аз бузургтарин шоирони адабиёти классикии форсу тоҷик аст, ки бо ғазалҳои дилошӯб, асарҳои панду ахлоқии “Бӯстон” ва “Гулистон” хазинаи адабиёти классикии форсу тоҷикро бою ғанӣ гардонидааст. Ин аст, ки муҳаққиқони адабиёти классикии тоҷику форс мақом ва ҷойгоҳи Саъдиро баланд арзёбӣ кардааанд. Ба андешаи адабиётшинос Ш.Исрофилниё “...агар Хоҷа Ҳофиз ба қавли Давлатшоҳи Самарқандӣ, «нодираи замону уҷубаи ҷаҳон» аст, ба андешаи устод Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ, «ҳаққи Саъдӣ бар гардани ӯст» ва ё агар «Нигористон»-и Ҷувайнию «Баҳористон»-и Ҷомӣ бехазонанд, вомдори «Гулистон»-анд” [5, с.5].

Хизмати Шайх Саъдӣ дар адабиёт, ахлоқ, балоғат, ҳикмат бебадал аст, аммо он чи манзури мост, бахши ҳунари Саъдӣ дар истифодаи моҳиронаи соматизмҳо мебошад. Саъдӣ, ки умри азизи худро сарфи омӯзиши забони арабӣ, балоғат, ҳадис, фиқҳ, фалсафа намудаву сафарҳои дуру дароз таҷрибаи бузурги зиндагиаш додааст, дар ин ду асари ахлоқӣ "Бӯстон" ва "Гулистон", ки аз бузургтарин осори ахлоқии тамаддуни башар мансуб меёбад, ба хонанда пешкаш намудааст. Ин аст, ки Саъдиро "муаллими ахлоқ" медонанд. Забони тоҷикӣ, ки аз бузургтарин забони дунёст,бо он латофату зарофат ва азамату қудрате, ки дорад, дар ифодаи ҳолатҳои гуногуни рӯзгор хизмат мекунад. Мо кӯшиш намудем, ки соматизми дастро дар осори Саъдии Шерозӣ нишон диҳем.

Ҷанбаи антрополитизм (инсонмеҳварӣ - М.Ш) дар илми имрӯза ба нуфузи калоне соҳиб гардида, инсон ва эъҷози беназире чун тани инсон мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор дорад. Аввалин ҷузъи таркиби исми инсон - бадан бештар дар адабиёти бадеи мавриди тасвир қарор гирифт. Ба андешаи муаҳаққиқ Красних В.В. "бадан дар дарки ҳақиқат ва маърифат ахамияти аввалиндарачаро дорост. Бадани инсон аввалин объекти таҳлил гардид" [6, с.233].

Ш. Балли қайд кардааст, ки инсон ба ҳамаи ашёву воқеиятҳои олами берун, хосиятҳову ҳаракатҳои ба шахсияти худаш хосро нисбат медиҳад. Сабаб он аст, ки дар ҷараёни фаъолияти маърифатӣ дар маркази таваҷҷуҳи инсон роҳу усули ҳамкорӣ ба олами атроф қарор дорад. А.М. Эмирова зикр намудааст ки инсон олами берунро дар заминаи таассуроте,ки тавассути узвҳои эҳсос гирифтааст,дарк месозад.Ғайр аз ин, бадан аз давраи кӯдакӣ барои инсон нишонаи асосӣ дар фазои воқеъияти ҷисмонист[10, с.22]. Узвҳои бадан дар ҳар маврид воситаҳои аз ҳама дастраси ташхису баҳогузории фазои атроф қарор мегиранду низоми ченкунии ҷомеи ба ҳамагон фаҳморо фароҳам меоваранд [9,80] Маҳз ҳамин аз бисёр ҷиҳат боис шуд,ки инсон ҳамеша мекӯшад воқеиятро тавассути ченакҳои барои худаш фаҳмо,айнан мисли худаш андозагирӣ кунад.

В.Г Гакк дар масъалаи меҳварӣ таъкид мекунад, ки "инсон худбин аст, вай худро ҳамеша дар маркази олам мебинад ва оламро мисли худаш тасвир мекунад" [2, с.702]. Ин андешаи В.В.Гак хамон андешаи хазорсолаи адабиёти классикии форсу точик аст, ки хануз дар асри Х1 Умари Хайём таъкид карда буд: "Максуд зи чумла офариниш моем, дар чашми чахон гавхари биниш моем"...

Ин ҳолат номи антропоморфизмро гирифтааст. Антропоморфизм тамоми паҳлуҳои зиндагии инсон: забон, тафаккур ва фарҳангро фаро мегирад. Муҳити атроф бо воситаи тасвири соматизмҳо равшан ва фаҳмо тасвир мешавад.

Лексикаи соматикӣ аз кадимтарин таркиби забон буда, он васеъ дар асарҳои бадеӣ истифода мешавад.

Дар адабиёти ҷаҳон асаре вуҷуд надорад, ки дар таркиби матни он соматизм вуҷуд надошта бошад. Зеро забоне,ки дар он вожаҳои дахлори бадан набошанд, вуҷуд надорад. Барои исботи ин фикр мо соматизмҳоро дар таркиби асари безаволи Саъдии Шерозӣ "Гулистон" мавриди баррасӣ қарор додем, зеро " ибораорӣ ва ҷумлапардозиҳои муъҷазу зебо, калимаҳои пурмаъновy ноби забони тоҷикӣ, ки аз килки сехрофарини ӯ баромадаанд, сармашқи суханвароёни баъдӣ гардидааст. Дар зебоиву латофат, зарофату ҷаззобият, шевоиву равонӣ, фасоҳату балоғати Шайх Саъдӣ саромади сухансароёни мост" [7, с.27].

Ҳамин тариқ соматизми "даст" дар маҷмӯъ дар асари мазкур 210 маротиба оварда шудааст. Азбаски Шайх Саъдӣ умри пурбаракати худро сарфи омӯзишу сафарҳо намудааст, бешак таъсири ин сафарҳо ба таркиби луғавии забони асари ӯ бетаъсир намондааст. Мо соматизмҳоеро мушоҳида намудем, ки сирф точикианд ва ҳамзамон соматизмҳои бо забони арабӣ низ дар асар ба чашм мерасанд.

Дар мақолаи мазкур мо тасмим гирифтем,ки соматизми "даст"-ро дар тарҷумаҳои "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ дар забони англисӣ мавриди таҳлил қарор диҳем.таъкид бояд кард, ки вожаи "даст" дар "Гулистон" ҳам ба маънои аслӣ, ҳам маҷозӣ ва ҳамчунин фразеологизм корбурд шудааст. Инчунин, аз вожаи "даст" чандин калимаҳои дигар сохта шудаанд, ки барои ифодаи вазифаҳои гуногуни граматикӣ корбаст гардидаанд.

Соматизми "даст" бо исми содда 90 маротиба ибораҳои ҷонишинӣ дасти хеш(2) , дасти дигар(1), дасти ман(1), ибораҳои исмӣ дасти дарвешон(1),дасти мутаваккиъон(1) дасти итоб(1),дасти қудрат(2),дасти тағобун(зиёнзадагӣ)(1)(дастдарозӣ ба касе ё чизе кардан),дасти гетӣ(1) дасти тоат(1), дасти душман(2), дасти тановул(1), дасти таҳаммул(1), дасти нафс(1) дасти қувват(1),дасти Довуд(1), дасти оҷизон(1), дасти ҳиммат(1), дасти дуо(2), дасти ҷавон(2), ибораҳои сифатӣ дасти бахил(1), дасти рост(1), дасти татовул(1), дасти карам(2) дасти ҷавон (1),дасти зишт(1), дасти ҷафо(1), дасти гурусна(1), дасти хушхӯй(1), дасти турушрӯй(1), дасти чап(1), дасти бало(1) дасти турушрӯй(1),дасти хӯи бад(1), дасти тазаррӯъ(1), дасти дароз(1), дасти танг(1), дасти ато (1),дасти таадӣ(2), дасти нигорин(1), дасти ёрӣ(1),ибораҳои фразелогӣ аздаст рафта(1),даст бар даст(1), даступобурида(1)сифати мураккаб дастболо(1),феъли таркибии номӣ даст додан(1) исми мураккаб зердаст(5), забардаст(3),тангдаст(7), уфтодадаст(1) тиҳидаст(5), кӯтаҳдаст(4), зердастозор(1), исми омехта дастгирӣ (1),

Нахуст дар ҳикояи зерин, соматизми “даст” ки якҷо бо соматизмҳои “китф”ва “каф” корбаст шудааст дида мебароем.

Соматизмҳои «даст», «китф», «каф», ки дар ҳикояи дигаре оварда шудааст, ба маънои аслӣ овардааст:

....Ман ҳамоно, ки тариқи ин сухан накардам ва бурҳону баён наёвардам, инсоф аз ту таваккуъ дорам, ҳаргиз дидаӣ **дасти дуое** бар **китф** баста ё бенавое ба зиндон дарнишаста, ё пардаи маъсуме дарида ё **кафе** аз миъсам бурида, илло ба иллати дарвешӣ шермардонро ба ҳукми зарурат дар нақбҳо гирифтаанду ва каъбҳо суфта. [8, с.201]

Дар тарҷумаи англисӣ айнан соматизмҳои **hands (даст), shoulders (китфҳо)** омадааст**.**

Although I have not fully explained this matter nor adduced arguments, I rely on thy sense of justice to tell me whether thou hast ever seen a mendicant with his tied up to his **shoulders** or a poor fellow sitting in prison or a veil of innocence rent or a guilty **hand** amputated, except in consequence of poverty?Lion – hearted men were on account of their necessities captured in mines which they had dug to rob hpuses and their heels were perforated [4, c.609].

Дар ибораи “**дасти таҳаммул”** вожаи даст, ки ба маънои маҷозӣ омада, ифодакунандаи маънои “сабр”-мебошад. Дар порчаи матни зер ибораи “дасти таҳаммул” бо “теғи забон” ки маънои “дуруштсуханӣ” ва “бадгӯиро” дорад якҷоя кор фармуда шудааст: “Ҳолӣ ки ман ин сухан бигуфтам,инони токати дарвеш аз **дасти таҳаммул** бирафт,**теғи забон** баркашид ва бар ман давонид асби фасоҳат дар майдонӣ, вақоҳат ҷаҳониду гуфт...[8, с.198].

Дар тарҷумаи англисӣ “дасти таҳаммул” ба маънои аслиаш кор фармуда шудааст, яъне “**patience from his hands” “теғи забон” дар шакли** “the sword of his **tongue”,** ки маънои асосии тоҷикиашро ифода мекунадтарҷума шудааст.

Whilst I was uttering these words, the darvish lost the bridle of patience from his **hands,** drew forth the **sword of his tongue**, caused the steed of eloquence to caper in the plain of reproach and said.... [4, c.613].

Дар ҳикояи дигар вожаи “даст” ибораи фразеологии **“дасти карам”,** яъне дасти хайру сахо истифода шудааст. “Маликзодае ганҷи фаровон аз падар мерос ёфт, **дасти карам** биркушоду доди саховат бидод ва неъмат бедареғ бар сипоҳу раият бирехт.... [8, с.47].

Дар тарҷумаи забони англисӣ “дасти карам” дар шакли таҳтуллафзии “**opened the hand” яъне дасткушод,** ба маънои саховатманд омадааст.

A royal prince, having inherited abundant treasures from his father, **opened the hand** of liberality and satisfied his impulse of generosity by lavishing without stint benefits upon the army and the population. [4, c.163]

Дар ҳикояти дигар, ки аз мардумозорӣ ҳикоят мекунад, Шайх Саъдӣ дар баробари соматизмҳои “бозу, сар, нохун, панҷа, ком ва мағз соматизми “даст”-ро низ истифода кардааст. Дар зер фақат қитъаи мазкур аз ҳикоя зикр мекунем:

Носазоеро, ки бинӣ бахт ёр,
Оқилон таслим карданд ихтиёр
*Чун надорӣ **нохуни дарранда** тез*
Бо бадон он беҳ, ки кам гирӣ ситез
*Ҳар кӣ бо пӯлод **бозу панҷа** кард*
Соиди симини худро ранҷа кард
*Бош, то **дасташ** бибандад рӯзгор*
*Пас ба **коми** дӯстон **мағзаш** барор [8, с.50]*

Дар инҷо вожаи даст дар таркиби феъли “даст бастан” истифода шудааст,ки маънои “1 тобеъ кардан; 2 ноилоҷ мондан”-ро дорад,ки дар тарҷумаи англисӣ он ба ҳамин маъно омадааст:

When thou seets an unworthy man in good look.
Intelligent men have chosen submission.
If thou has not a tearing sharp nail
If will be better not to contend with the wicked.
Who grasps with his fist one who has an arm of steel
Injures only his own powerless wrist.
Wait till inconstant fortune ties his hand.
Then, to please thy friends, pick out his brains [171]

Дар ҳикояти мазкур соматизмҳои “даст, ангушт, дил” истифода шудааст:

“Гуфтаҳои Худованд, банда дар ин ҳолат мар Худовандро хатое намебинам, балки такдири Худованди таъоло чунин буд, ки ин бандаро макрӯҳе бирасад. Пас ба **дасти ту** авлотар, ки савобиқи неъмат бар ин банда дорӣ ва аёдии миннат. Ва ҳукамо гуфтаанд:

***Ангушт** гар газандат расад зи халқ, маранҷ,*
Ки на роҳат расад зи халқ, наранҷ.
Аз Худо дон хилофи душману дӯст,

*Ки **дили** ҳарду дар тасарруфи ӯст.*
Гарчӣ тир аз камон ҳамегузарад.
Аз камондор бинад аҳли хирад [8, с.54]

He replied: My lord, it was the decree of God the most high that a misfortune should befall this servant but it was best that it should came from **thy hands**, which had formerly bestowed favours upon him and plased him under obligations.

If people injure thee, grieve not
Because neither rest nor grief come from the people
Be aware that the contrasts of friend and foe are from God
Because the hearts of both are in his keeping
Although the arrow is shot from the bow
Wise men look at the archer [4, c.181]

Дар ин ҳикоя соматизми "**даст**" ба маънои маҷозӣ омадааст, ки маънои аз ҷониби ту ё ин ки бо кӯмаки ту-ро медиҳад. Дар гунаи англисӣ бошад " **thy hands"** ба маънои **"дасти касе" омадааст.**

Дар қитъаи мазкур вожаи "даст" се маротиба истифода намудааст:

Чӣ солҳои фаровону умрҳои дароз,
Ки халк бар **сари мо** бар замин бихохад рафт.
Чунон ки **даст ба даст** омадаст мулк ба мо,
Ба **дастҳои** дигар хамчунин хохад рафт [8, с.56].

Соматизми **даст ба даст** ба маънои "силсила ё ба навбат" дар матни тоҷикии асар омадааст. Дар матни англисии он низ ба маънои "аз даст ба даст" оварда шудааст:

For how many years and long lives
Will the people walk over my head on the graind?
*As **from hand to hand,** the kingdom came to us*
So it will also go to other hands [4, c.187].

Дар ҳикояи дигар Саъдӣ зимни баёни андешаҳои ахлоқӣ дар матни ҳикоя соматизмро истифода накардааст. Аммо дар қитъа аз соматизмҳои **даст, сина шикам, пушт** истифода кардааст:

*Ба **даст** оҳаки тафта кардан хамир,*
*Беҳ аз **даст** бар **сина** пеши амир.*
*Эй **шиками** хира,ба тое бисоз,*
*То накунӣ **пушт** ба хидмат дуто [8, с.63].*

Дар тарҷумаи англисии матни мазкур низ соматизмҳо дида намешавад, аммо тарҷумаи қитъа "hand", "breast", "belly", "back" истифода шудааст, ки ба маънои аслии калима оварда шудааст.

*To leaven mortar of guicklime with the **hand***
*Is better to hold them on the **breast** before the amir*
*O ignoble **belly**,be satisfied with one bread,*
*Rather than to bend the **back** in service [4, c.211].*

Дар ҳикояти дигар ибораи **"даст кутоҳ кардан"** ба ду маъно омадааст. Якум ба маънои "аз ин кор даст намекашанд" ва дуюм ба маънои "дастбуридан" омадааст. Зикр бояд кард, ки "дасти дуздон буридан" дар кишварҳои Шарқи исломӣ роиҷ будааст.Яъне ҳар ки даст ба дуздӣ мезад ё ангушт ва ё дасташро мебуриданд.Дар ин ҳикоя Саъдӣ низ ба ҳамин ишора кардааст.

"Некбахтон ба ҳикояту амсоли пешиниён панд гиранд, аз он пештар ,ки пасиниён ба воқиаи ӯ масал зананд ва дуздон **даст кӯтаҳ накунанд,** то **дасташон** кӯтаҳ кунанд".

Дар тарҷумаи англисӣ ба ин маъно тарҷума нашудааст.

Fortunate men are admonished by the adventures and similes of those who have preceded them, before those who follow them can use the event as a proverb, like thieves who **shorten their hands**, lest their **hands be cut off**.

Дар қитъаи дигар "даст" дар таркиби "даст шустан" истифода шудааст, ки ба маънои "ноумед шудан" корбаст шудааст.

Хилофи ройи султон рой ҷӯстан,
*Ба **хуни** хеш бошад **даст шӯсттан** [8, с.59]*
To proffer an opinion contrary to the king's,
*Means **to wash the hands** in one's own **blood.** [4, c.201]*

Таркиби "дасти нафс" маънои идораи нафс аз рӯи ақл аст.

Ақл дар **дасти нафс** чунон гирифтор аст,ки марди оҷиз бо зани гурбуз.[8, с.226]

Дар тарҷумаи забони англисӣ соматизми "даст" оварда нашудааст, аммо аз мазмуни ҷумла муайян намудан мумкин аст, ки ҳадаф нафсро саришта кардан аст.

Дар ҳикояи дигар барои таҳвияти фикр шоир қитъа меорад, ки дар он соматизми "дасти чап", "дасти тағобун", яъне дасти зиён истифода шудааст:

Ҳазар кун,з-он чи душман гӯяд: "Он кун"

*Ки бар зону занӣ **дасти тағобун**.*
Гарат роҳе намояд рост чун тир,
*Аз ӯ баргарду роҳи **дасти чап** гир![8, с.213]*

Дар тарҷумаи англисӣ "дасти тағобун" ба маънои аслӣ "**hand of pain"** дасти чап, **"left hand"** оварда шудааст.

Be cautious of what a foe tells thee to do
*Lest thou strike thy knee with the **hand of pain**.*
If he points thy way to the right like an arrow
*Deflect therefrom and take that to the **left hand [4, с.**637]*

Адиб аз ибораҳои "дасти тиҳӣ" ва " дасти гурусна"-ро дар ҳикояи зер истифода карда онҳоро ба маъноҳоидасти бесахо аст, ки маънои маҷозӣ дорад:

Пайдост ки аз меъдаи холӣ чӣ қувват ояд ва аз **дасти тиҳӣ** чӣ мурувват ва аз поибараҳна чӣ сияр ояд ва аз дасти гурусна чӣ хабар [8,197]

Inasmuch as the power of obedience depends upon nice morsels and correct worship upon elegant clothes,it is evident that hungry bowels have but little strength, an empty hand can afford no liberality shakled feet cannot walk,and no good can come from a hungry belly.[607]

Дар тарҷумаи англисӣ бошад, ба ҷои соматизми меъда соматизми "рудаи холӣ" **hungry bowels**, ва **hungry belly** шиками холӣ истифода шудааст, ки маънои маҷозии калимаро ба маънои аслӣ- яъне шиками гурусна иваз намудааст.

Хамин тариқ дар таркиби "Гулистон"-и Саъди соматизми **"даст" 210** маротиба истифода шудааст, ки ифодакунанда маъно ва мафҳумҳои гуногун аст. Соматизми "даст" дар тарҷумаи англисии ин асар бештар ба маънои маҷозӣ омадааст. Ин шаҳодат ба он медиҳад, ки таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар муқоиса ба забони англисӣ хеле бой аст, зеро дар матни тоҷики ба миқдори зиёд омадани соматизми "даст" ва гунаҳои гуногуни он фикри моро тасдиқ менамояд.

АДАБИЁТ

1. Бодрова Ю.В.Русские пословицы и поговорки и их английские аналоги.- Москва ,АСТ, 2007.
2. Гак В.Г Языковые преобразования. Москва, Языки русской культуры,1998. - 768 с.
3. Гудков Д.Б., Ковшова М. Л. Телесный код русской культуры: материалы к словарю. Москва.:Гносиз,2007. - 288 с.
4. Иствик Э.Б. «Бустон ва Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ. Теҳрон, интишороти Амири Кабир,2009. - 690с.
5. Исрофилниё Ш.Р ва А.Раҳнамо шарҳи мунтахаби "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ. Душанбе "Пайванд"2016. - 220с
6. Красных В.В. Этнопсихолингвистика и лингвокультурология: Курс лекций. Москва. Гносиз, 2002. - 284 с.
7. Раҳмон Э. Забони миллат- ҳастии миллат. Душанбе, Нашриёти муосир, 2020 - 432 с.
8. Саъдии Шерозӣ,Гулистон.Душанбе: "Маориф",2014 - 248с.
9. Старых,О.В.Соматизм как особый класс слов в лексической системе церковнославянского языка // Вестник ПСТГУ:Филология.-2011.-№ 2.-С.80 -85.
10. Эмирова А.М.Основы крымскотатарской фразеологии:(учебное пособие для студентов филологических специальности высших учебных заведений. Симферополь: Крымучпедгиз, 2012. - 168 с.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СОМАТИЗМ "РУКА" В "ГУЛИСТОН"-Е СААДИ ШЕРОЗИ

Саади - один из величайших поэтов классической персидской и таджикской литературы, который обогатил сокровищницу классической персидской и таджикской литературы увлекательными газелями, моральными и этическими произведениями «Бустон» и «Гулистон». Вот почему исследователи классической таджикской и персидской литературы высоко оценили статус и место Саади. Служба шейха Саади в области литературы, этики, красноречия и мудрости бесценна, но то, что мы имеем в виду, является частью искусства Саади. В статье показана позиция соматизма "рука" в известном произведении Саади Шерози «Гулистон». Примеры из Гулистона приведены на таджикском и английском языках.

***Ключевые слова**: соматизмы, литература, моральные труды, произведения искусства, рука, рука на груди, рука на руке, правая рука, жесткая рука, пустая рука, еда рука, подчиненные, рука обездоленных, рука обездоленных, рука угнетенных.*

THE USE OF SOMATISM IN "GULISTAN" OF SHEIKH MUSLIHIDDIN SAADI

Saadi is one of the greatest poets of classical Persian and Tajik literature, who enriched the treasury of classical Persian and Tajik literature with captivating ghazals, moral and ethical works "Buston" and "Guliston". That is why scholars of classical Tajik and Persian literature have praised Saadi's status and place. Sheikh Saadi's service in literature, ethics, eloquence, and wisdom is invaluable, but what we mean is a part of Saadi's art. The article shows the position of somatists in the infamous work of Saadi Sherozi "Guliston". Examples from Guliston are given in Tajik and English.

***Keywords**: somatisms, literature, moral works, works of art, hand, hand on chest, hand on hand, right hand, ugly hand, tight hand power, empty hand, food hand, subordinates , the hand of the destitute, the hand of the destitute, the hand of the oppressed.*

Сведения об авторе:

Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна *– докторант (Phd) 3-ого курса кафедры английского языка Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева,17/6, тел.: (+992) 902 60 66 46.*

About the author:

Mirzoalieva Shukrona Emomalievna *- doctorate student (PhD) of the third course of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of Languages of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda. Address: 734019, Repablic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992) 902606646.*

АСПЕКТЫ КАТЕГОРИИ «ВЕЖЛИВОСТЬ» В РУССКОМ И ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКАХ

Бахталиева Л.А.

Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

В настоящее время формирования языковедческой науки русские филологи думают, что вежливость имеет основные элементы различного разговора между людьми. Вежливость принимается в современном французском языке поведении людей в государстве, потому что он является совершенствования для развития эффективной социальной жизни.

Фурманова В.П. писала: «Вежливость являются хранителем исторической хроники, непосредственным защитником все мирной культуры, активным и передовым опытом и практикой в создании прошлых поколений олицетворяют опыт развития вежливости и повышают важнейшие способы всестороннего развития и воспитания личности и развивают в нем духовную, эстетическую культуру, а также является важнейшей частью педагогической подготовки будущих филологов и педагогов» [4, с.87].

В гуманитарной жизни вежливость рассматривается как формирование или несколько слов, где показывают хорошие планы работы при получении хорошей жизни разговора специалистов филологов. Выбрать тему и стратегию коммуникации имеет различные факторы, которые показывают внешней и внутренней жизненные факторы, а именно от проблемы и разговоры, которые имеют связи с культурной темы. Поэтому наука, которая связана с филологических предметов для хорошего разбора, для понятия различных методов и развитие понятие должен рассмотреть развитие речевого развитие речи и для совершенствования формы устного творного творчество, которое в настоящее время используют для дальней речевого метода в различныз языках для понятия «вежливости».

Панкеев И. А. отметил: «Категории вежливость являются фактическим средством развития художественной и технологической культуры обучающихся, потому что в них зарождаются современные мастера бесконечного источника красоты, благозвучия и целеустремленности» [5, с.43].

Надо отметить, что категория «вежливость» имеет центральный раздел французского языка, которые показывают проблем, которые связанны для употребления категории «вежливость», рассматривающий в других раздел закон, которые посвящённые становление некоторых знаков, а также грамматики французского языка. Поэтому они имеют раздело формировании вежливый слов в французском языке и т. д. Для развития и формирования грамматики на подобия омонимии одиночного и парного слова, которые запятая характеризуют знаки препинания и зачастую не развивают общие закон грамматики. Поэтому они развивают правили или примечании, которые развивают или же их написания не подчиняются правилами русской грамматики. Центральное место в русской грамматики показывают на грамматической правиле, и развивает вместе для усвоения пунктуационные правили закрепить знания по грамматику французского языка.

Алексеев А.Н. писал: «Выбор определенного типа ответной реплики будет зависеть от множества факторов и определенным образом влиять на состояние и развитие общения» [1, с.62].

Надо отметить, что для развития устного народного творчество, которые показали в своих произведениях развитие вежливости во французском языке. Например : «Pour se sentira l'aise dans un pays etranger, il ne suffit pas d'en parler la langue. Toute communication avec des personnes d'une culture differente comporte une ensemble d'attitudes, de gestes, de marques de politesse qui parfois nous echappent, souvent nous deconcertent, tantellspeuventva-rier d'un pays a l'autre. Connaitre ces regles, plus oumoinscodifiees qui constituent le «savoir-vivre» d'un peuple, est donc tout aussies sentiel que de connaitre la grammaire d'une langue pur en comprende la structure» [8, с.53].

Категория вежливость в русском и французском языках является художественное творчество, которое основано на «способности людей заряжаться чувствами других людей они узнали» для

категории вежливости. Отсюда воспитательная целенаправленность языка, её умению заряжая силой примера, воспитывать и утверждать высокие рейтинги категории «вежливость». Однако для того, чтобы язык по- настоящему стало учебником смысла жизни для подрастающего поколения, школой нравственного и эстетического воспитания, необходимо очень корректное, умное и тонкое преподнесение её учащимся, чтобы они узнали вежливость при общении с другим человеком. Категории «вежливость» не должна превращаться в сухое перечисление имен писателей, дат, произведений и всё такое. Вопрос о том, как же изучать язык в современном русском языке, и составляет основное содержание методики преподавания русского языка.

Баранова Н.В. писала: «Методика преподавания русского языка – это педагогическая наука о художественной литературе как учебном предмете, о путях её преподавания (деятельность учителя по управлению учебным процессом) и изучения (деятельность ученика по приобретению знаний, навыков и умений). Она определяет цель и задачи преподавания и изучения литературы в школе, содержание литературного образования, разрабатывает научные критерии отбора из богатейшей сокровищницы литературы, произведений для школьного изучения, научно доказывать структуру литературного образования учащихся на том или ином аспекте обучения, в результате разрабатывается наиболее эффективные методические приёмы, посредством которых учащиеся познают ценность и богатство изученные литературно-художественных произведений». [2. с.5-6].

Специфика предмета «Литература» требует более осторожного подхода к использованию наглядности при изучении литературно-художественных произведений.

Педагогика считает наглядность одним из основных назидательных принципов, который помогает строить обучение на конкретность образов, непосредственно воспринимаемых учащимися. Наглядность активизирует работу воображения, рождает нужные ассоциации. Литература- являясь одним из видов искусства в силу своей образной природы при непосредственном восприятии (чтении) литературно-художественного текста сама рождает наглядные представления. Вовлечение тех или иных возможностей зрительной наглядности в этих условиях может привести к замене одного искусства другим, поскольку учащиеся будут воспринимать не словесно-художественный образ, а его живописный равнозначность (аналог). Обращение к зрительной наглядности в процессе преподавания русской литературы в национальной школе может быть представлено лишь в тех случаях, когда она порождает активность воображения, способствует вести учащихся в нужную ситуацию, давать представление не русским учащимся об особенностях русского быта, одежды, имущества и природы России. В практике русской школы все виды и визуальный и слуховой наглядности, чаще всего, используются при повторном прочтении, чтобы на образы рождённый при непосредственном понимании художественного текста появляются относительно близкие художественные образы.

В национальной школе проблема складывается иначе. При непосредственном восприятии литературно-художественного произведения образ отражающие национально-специфические явления, могут порождать в мыслях не русских учащихся недостаточные и даже ложные художественные представления. Поэтому в ряде случаев обязательному чтению литературного произведения может предшествовать работа с различными видами зрительной наглядности, которая стимулирует предположение работать в соответствующем направлении, поддержать определённый эмоциональный настрой. Под принципом досягаемости в методике преподавания русской литературы подразумевается реальный учёт возрастных особенностей, манеры и личностные потенциалы учащихся, позволяющих не только постигать содержание произведения, но и вникать на те, проблемы которые в нём поставлены. В национальной школе содержание этого принципа расширяется: в него включается также учёт психологии восприятия иноязычного и инонационального произведения.

В настоящее время не все нерусские учащиеся владеют русским языком в такой мере, чтобы суметь прочитать в подлиннике и осмыслить многочисленные творения русской классической литературы. Поэтому принцип досягаемости литературно-художественного произведения в лингвистическом отношении выдвигается в национальной школе на одно из первых мест. В условиях национальной школы мы нередко соприкасаемся с эмоциональной восприимчивостью учащихся к литературно-художественному произведению. Причина этого заключается, прежде, всего, в языковой сложности прилагаемого для изучения художественного текста. Текст, в котором непонятно большинство слов не может быть душевной воспринять при чтении. Для преодоления эмоциональной восприимчивости можно использовать возможности зрительной и слуховой наглядности, но, главное, необходимо большое внимание уделять самому художественному слову.

Рассматривая вопросы преподавания русской литературы в национальной школе, следует помнить и о совокупности основных принципов, и об особенностях преподавания предмета, заключающихся в том, что русская литература изучается в нерусской языковой и культурно-исторической среде. Необходимо иметь в виду такие факторы, как недостаточное владение

учащимися русским языком, которое оказывает большое воздействие на определение, как содержания, так и структуры предмета «Русский язык» в национальной школе.

Тараносова М.Н. писала : «Одновременно, изучение учащимися русской и родной литератур, что помогает предопределять задачи литературного образования с опорой на материал двух литератур, широко использовать методические возможности, заложенные в связах двух близких друг другу предметов, в особенности возможность переноса знаний и умений при изучении русской и родной литератур: [6. с.7-9].

«Mme Meursault est entrée ici il y a trois ans. Vous étiez son seul soutien». J'ai cru qu'il me reprochait quelque chose et j'ai commencé à lui expliquer. Mais il m'a interrompu: «Vous n'aez pas à vous justifier, mon cher enfant. J'ai lu le dossier de votre mère. Vous ne pouviez subvenir à ses besoins. Il lui fallait une garde. Vos salaires sont modestes». [3, c.9].

Мадам Мерсо поступила сюда три года назад. Я подумал, что он меня упрекает в чем-то, и я начал ему объяснять; но он прервал меня; вам не нужно оправдываться, мой мальчик: «мое дорогое дитя». Я прочел личное дело вашей матери; вы не могли содержать ее: ей требовалась сиделка. Ваша зарплата является скромной.

ЛИТЕРАТУРА

1. Алексеев А. Н. Особенности современного русского языка/ А. Н. Алексеев. – М.: Наука, 2001. – 276 с.
2. Баранова Н. В. Характеристика французского языка/ Н. В. Баранова. – М.: Высшая школа, 2010. – 243 с.
3. Алберт Камю. L`Etranger/ Edition Gallimard,1957-179 с.
4. Фурманова В. П. Межкультурная коммуникация и преподавание иностранных языков / В. П. Фурманова. –М.: Наука, 2001. – 143 с.
5. Панкеев И. А. Энциклопедия этикета/ И. А. Панкеев. –М.: Олма – Пресс, 2002. – 384с.
6. Тараносова Г.М. Современный русский язык.- М.: Наука, 2008.-243 с.
7. Фирсова И.Р. Особенности речевого этикета.- М.: Наука, 2007.- 265 с.
8. Гюго В. Отвержанные / В. Гюго. – М.: Художественная литература. – 2010. – 276 с.

АСПЕКТЫ КАТЕГОРИИ «ВЕЖЛИВОСТЬ» В РУССКОМ И ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКАХ

В этой статье автор анализирует категории «вежливость в русском и французском языках. Автор статьи на основе обширного материала исследует категории «вежливость» в русском и французском языках.

Надо отметить, что автор статьи традиционно категории вежливость не выделяется в особый раздел русского языка: проблемы, связанные с употреблением вежливость, рассматриваются в общих разделах правил, посвящённых становлению отдельных знаков, а также препинания. Это, прежде всего разделы об употреблении вежливые слова и т. д. Однако и здесь омонимия одиночной и парной запятых занимают особое место, так как зачастую не подчиняются общим законам правописания. Им посвящаются отдельные пункты правил или примечания, они попадают в исключения или же их написание вообще не регулируется правилами. Пунктуация излагается на синтаксической основе и даёт возможность вместе с усвоением пунктуационных правил углублять знания по синтаксису русского литературного языка.

Рассматривая, вопросы категория вежливость в русском и французском языках, следует помнить и о совокупности основных принципов, и об особенностях преподавания предмета, заключающихся в том, что русский язык изучается в нерусской языковой и культурно-исторической среде.

***Ключевые слова**: вежливость, русский язык, французский язык, категория, статья, употребление, слово, фразы.*

CATEGORY OF «POLITENESS» IN RUSSIAN AND FRENCH LANGUAGES

In this article the author analyzes the categories " politeness'' in Russian and French. The author of the article on the basis of extensive material explores the category of "politeness" in the Russian and French languages.

It should be noted that the author of the article is not traditionally allocated to the category of politeness in a special section of the Russian language: the problems associated with the use of politeness are considered in the General sections of the rules on the formation of individual signs and punctuation. It should be noted that the author of the article is not traditionally allocated to the category of politeness in a

special section of the Russian language: the problems associated with the use of politeness are considered in the General sections of the rules on the formation of individual signs and punctuation.

Keywords: *politeness, Russian and French, category, article, usage, word.*

Сведение об авторе:

Мубориза ба муқобили ивази истилоҳоти туркӣ солҳои 1925-26 аз тарафи ҳайиати махсус, ки дар назди вазорати ҳарбӣ ташкил шуда буд, оғоз гардида, рӯз ба рӯз доманаи густариш пайдо намуд ва дар соли 1934 дар байни равшанфикрон боз ҳам қувват гирифт. Тарафдорони ин ҷараён дар як муддати кӯтоҳ тавонистанд, ки бисёре аз истилоҳоти ҳарбии аз забони туркӣ иқтибосгардидаро бо истилоҳоти форсӣ бадал намоянд.

Барои ҳалли масъалаи лексика, грамматика, диалектология, лексикография ва интихоби вожаҳо, муассисаҳои илмиву тадқиқотӣ амал намуданд. Ба ғайр аз он дар назди Фарҳангистон гурӯҳи истилоҳ шиносӣ ташкил ёфт, ки ба он беҳтарин мутахассисони соҳаҳои мухталиф: иқтисодиёт, тиҷорат, тиб, забон, адабиёт ва ғ., дохил шуда буданд.

Дар солҳои аввали фаъолияти Фарҳангистон бисёре аз донишман дон мувофиқи гуфтаи собиқ раиси он Содиқ Киё: "Ба чорачӯй бар хостанд ва ба ёфтан ё сохтани вожаҳои форсӣ дар баробари вожаҳои бегона пардохтанд. Аммо кор ба ин сурат на дуруст буд, на анҷом гирифтанӣ, зеро ки ниёз

ба андозае набуд, ки чанд тан он ҳам так-так битавонанд онро бароваранд ; Ва агар вожагузинӣ бо завқ ва салиқаи фардӣ давом меёфт, забон дастхӯши ошуфтагӣ ва нобасомонии дигаре мегардид. Чунин буд, ки дар соли 1314 хуршедӣ бо хост ва фармони Паҳлавӣ, Фарҳангистони Эрон бунёд ниҳода шуд; Ва дар чанд соле, ки ба кор пардохт беш аз ҳазору панҷсад вожаро аз тасвиби он гузаронид, ки бештари онҳо ҳам акнун дар навиштаҳои илмиву фаннӣ ва фарҳангиву омӯзишӣ ва созмонҳои идории кишвар ба кор меравад. Афсӯс, ки он созмон дар соли 1320 хуршедӣ аз кӯшиш бозистод, дар ҳоле, ки тозиши вожаҳои бегона идома дошт ва балки фузунӣ мегирифт. Зиёни ин бозистоданро метавон аз шумораи вожаҳои бегонае, ки соли 1320 то имрӯз ба форсӣ роҳ ёфтааст дарёфт. Кӯшиши бархе аз донишмандон, ки аз он пас так-так ё гурӯҳ-гурӯҳ ба вожагузинӣ пардохтанд бароварандаи ниёзҳои рӯзафзуни забони форсӣ нагардид ва бештар вожаҳое, ки аз ин роҳ падид омад аз пазириши ҳамагонӣ баҳра мандӣ наёфт” (10. 16-17).

Чанде аз муҳаққиқони гунаи форсӣ тавре ки дар боло низ ишора гардид, бештар зидди тағйироту таҳаввулоти бавучудовардаи фарҳан гистонҳо буда, фикру назари худро дар мақолаву асарҳои худ борҳо изҳор намудаанд. Бархе аз онҳо, аз қабили М.С Каменева дар мақолаи худ сар то по зидди фаъолияти Фарҳангистон баромада, сиёсати онрӯзаи Эронро низ мавриди интиқод қарор дода буд.

Муҳаққиқи мазкур фикру назари худро роҷеъ ба вазифаҳои Фарҳангистони забон ва адаб ва Фарҳангистони забон ба тариқи фишурда баён намуда, ба чунин натиҷа расида буд. Агар Фарҳангистони якум вазифаи асосии худро пок сохтани забони форсӣ, аз вожаҳои арабӣ ва туркӣ ҳисоб кунад, пас Фарҳангистони дуюмӣ бештар мухолифи қабули вожаҳои забонҳои ғарбӣ буд. Фарҳангистони дуюм дар назди худ вазифа гузошта буд, ки на танҳо баробариҳои форсиро барои вожаҳои баромади аврупоӣ ва араби дошта, ки дар гунаи форсӣ фаъол ҳастанд, интихоб намояд, балки вожаҳои наву ибораҳоро барои ифодаи мафҳумҳо ва ҳодисаҳое, ки то ҳол дар забон мавриди корбурд қарор надоранд, ба вуҷуд ованранд. Барои ҳар ду давра ҳам пуризми забонӣ хос буд, вале ҳама давраҳои фаъолияти Фарҳангистонҳоро низ якхела баҳо дода наметавонем, зеро ҳар кадоме аз онҳо бо хусусиятҳои худ аз якдигар тафовут дошта, вазифаҳои дар пеш истодаи худро, то дараҷае ба анҷом расонидаанд (ниг.: 2. 89- 92).

Мо бо истилоҳи “навовариҳои лексикӣ” ҳама гуна таҳаввулотро дар риштаи лексикаи забон: ба вуҷуд омадани вожаҳои нав ва ибораҳо, инчунин падидойи маъниҳои нав ва тобишҳое, ки дар лексемаи забон мубҳаманд, ифода мекунем. Аз ин лиҳоз, навоварӣ - ин чун маводи нав ва вазифаи нав маҳсуб мешавад.

Зимни таҳлили навоварӣ қабл аз ҳама ногузир саволе ба вуҷуд меояд, ки кай имкон мешавад, ки тағйироти аллакай дар забон бо далелҳо ба амал омадаро нишон диҳем.

Забоншиноси рус В.Н. Ярцева зимни аз назар гузаронидани ин масъала фикри худро баён намуда, чунин изҳор намудааст “ ... что важно принятие инновации данным коллективом, т.е. изменение, с точки зрения говорящего коллектива, наступает тогда, когда “подавляющее большин ство данного коллектива ее оценивает позитивно, даже если не все начали ее употреблять”. Далее исследование инноваций непременно предполагает рассмотрение соотношения инноваций и традиций в языке (ниг.: 7. 46-59).

Ошкор намудани навовариҳо ва тавсифи Фарҳангистонҳо асосан чаҳор давраро фаро гирифтааст, ки давраи аввали он аз солҳои 1933-1934, аз ҳолати ташкилёбии вожагони гунаи форсӣ дар арафаи Фарҳангистони забон ва адабиёт то с. 1935; давраи дуюм солҳои 1946-1947-ҳолати лексикаи гунаи форсӣ баъд аз хотимаи фаъолияти Фарҳангистони забон ва адабиёт; давраи сеюм солҳои 1965-1969 – ҳолати лексика дар арафаи ташкилёбии Фарҳангистони забон(то соли 1970) ва давраи чаҳорум солҳои 1970-1978, то рушду такомули сохти вожагон дар замони фаъолияти Фарҳангистони забон мебошад, ки дар ҳар кадоме аз ин давраҳо ба чи гуна таҳаввулот дучор гардиданро бо назардошти дигар масоил, аз ҷумла: а) навовариҳо ва амалкарди онҳо; б) аз худ кардани навовариҳо тавассути гурӯҳҳои забонӣ; в) муносибати навовариҳо ва шаклҳои анъанавии забон; г) масъалаи номуташакиллона ва бошуурона дар забон, вобаста бо навовариҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар ин давраҳо, ба сифати маводи забонӣ, бештар аз вожагони матбуот, аз ҷумла рӯзномаи “Иттилоот” кор гирифта мешавад ва тавре ки мушоҳида мекунем, яке аз роҳҳои нисбатан сермаҳсули сохтани навоварии лексикӣ иқтибос ба шумор мерафт, ки онҳо нақши асосиро барои форсӣ дар тули асрҳои зиёд, то солҳои 20-уми асри гузашта бозидаанд.

Давраи аввал ба умум зиёдшавии доимии вожагони иқтибосӣ аз забонҳои аврупоӣ тавсиф мешавад, ки дар байни онҳо нақши асосиро вожаҳо ва ибораҳои баромади фаронсавӣ дошта, ишғол мекунанд.

Иқтибосоти фаронсавии дар шакли вожагони байналмилалӣ тартибёфта ба тамоми соҳаҳои фаъолият ворид гардидаанд, монандӣ:

1. **ба илм ва техника**: форсӣ- شیمی [šimi] ,اتم [atom]; тоҷикӣ-**химия** [ximiya], (кимиё- kimiyô), **атом** [atôm]; дарӣ-کیمیا [kimiyô], اتوم[atôm];

2. **ба иқтисод ва молиёт:** форсӣ بورس [burs], بانک [bänk]; тоҷикӣ- **биржа** [birža]**, банк** [bank]; дарӣ- بورس [bôrs], بانک [bânk];

3. **ба фарҳангу ҳунар ва маориф:** форсӣ–درام [derām], انستیتو [anstitu], پروفسور [p(o)rofessor]; тоҷикӣ- **драма** [drama], **институт** [institut], **профессор** [professor]; дарӣ- درامه [d^{e}râma], انستیتوت [enstitut], پروفیسر [porôfaisar];

4. **ба корҳои низомӣ:** форсӣ-ژنرال [ženerāl], مانور [mānovr]; тоҷикӣ - **генерал** [general], **манёвр** [manyôwr]; дарӣ – جنرال [žanrål], مانوره [mânawra];

5. **ба корҳои варзиш:** форсӣ – پوئن [puän], مدال [medāl]; тоҷикӣ- **хол** [xôl], **медал** [medal]; дарӣ- پاینت [påiynt] (نمره - numra), مرال [midål];

6. **ба ниёзҳои маишӣ:** форсӣ – تلفن [telefon], مد [mod]; тоҷикӣ-**телефон** [telefôn], **мӯд** [mud]; дарӣ – تیلفون [têlfun], مد [mod].

Ба давраи дуюм навовариҳои зиёди баромади форсидоштае хос мебошанд, ки дар натиҷаи фаъолияти Фарҳангистони забон ва адаб падид омада, барои рондан ва иваз намудани вожаҳои хоричӣ равона шуда буданд. Чи хеле ки натиҷаҳо нишон медиҳанд, бахше аз вожаҳои фаъоли то соли 1935 дар забон мавҷуд буда, амалан аз истифода хориҷ гардиданд, монанди вожаҳои: форсӣ- برنامه [barnāme] ба ивази پروگرام [porogram], باستانشناسی [bāstānšenāsi] ба ивази آرکئولوژی [arxaeology]; тоҷикӣ- **программа** [programma] (ба ивази он бештар **барнома** низ ба кор меравад), **археология** (дар тоҷикӣ ин истилоҳ нисбат ба **бостоншиносӣ** бештар мавриди истифода қарор мегирад); дарӣ- پروگرام [p^{o}rôgrâm] ارکیولوجی [arkiôlôji] (вожаи باستانشناسی дар гунаи дарӣ ба нудрат ба кор меравад).

Дар бештаре аз ҳолатҳо, навовариҳои вожагонии баромади форсӣ дошта, бо вожаҳои арабии роиҷгардида, муродифҳои худро ташкил намудаанд, монанди: арабӣ- طیاره [taiyāra], форсӣ هواپیما- [havāpeymā], тоҷикӣ- **самолёт** [samôlyôt]; дарӣ-طیاره [tayâra]. Ин ҳолатро дар вожаҳои роиҷшудаи аврупоӣ низ дучор меоем: фр. **rapport** [râport]; форсӣ- گزارش [gozāreš]; тоҷикӣ- **рапорт** [rapôrt] (хабар, гузориш); дарӣ- راپور [râpôr] ва ғ.

Маҳдудшавии ҳавзаи истифодаи вожаҳои иқтибосии қаблан ривоҷ дошта низ дар ин давраҳо зиёд ба мушоҳида мерасанд. Сабаби ин ба ивази онҳо ба кор рафтани вожаҳои пешниҳоднамудаи Фарҳангистон мебошад. Масалан, вожаи аз забони фаронсавӣ иқтибосшудаи انستیتو [anstitu], ки чанде пеш ба маъноии **институт** истифода шуда буд, ҳолҳо бештар ба маъноии **институти таҳқиқоти-илмӣ′** ба кор меравад, зеро барои ифодаи мафҳуми институти таълимӣ вожаи форсии دانشکده [dāneškade] пешниҳод гардид.

Бисёре аз вожаҳои пешниҳоднамудаи Фарҳангистонҳо, гарчанде муносиб бошанд ҳам, мавриди пазириши умум қарор нагирифтаанд. Масалан, вожаи фаронсавии- **bandaqe,** форсӣ- بانداژ [bāndāž] тибқи пешниҳоди Фарҳангистон бояд бо муодили форсӣ – نوارپیچ [navārpič] иваз карда мешуд. Лекин ин вожа дар форсӣ ҳоло ҳам ҳамон шаклу маъноии қаблии худро низ нигоҳ доштааст ва нисбат ба вожаи дуюмӣ, бештар мавриди корбурд қарор мегирад. Дар гунаи форсӣ ба ин вазифа, инчунин вожаҳои باندپیچ [bāndpič], زخم بند [zaxmband], پانسمان [pāns(e)mān] ба кор бурда мешавад. Дар гунаи тоҷикӣ- бо вожаҳои: **ҷароҳатбандӣ** [jarôhatbandi], **захмбандӣ** [zaxmbandi], **докапеч** [dôkapeč], **докабанд** [dôkaband] ва дар гунаи дарӣ, бо вожаҳои بنداژ [bandāž], زخم پیچ [zax^{e}mpêč], پانسمان [pâns^{o}mân] мувофиқат кардани онҳо ба мушоҳида мерасанд.

Дар давраи сеюм ба гунаи форсӣ бештар ворид гардидани вожаҳои иқтибосии аврупоӣ аз ҳисоби забони англисӣ сурат гирифтааст, ки он ҳам бо роҳҳои мухталифи вожасозӣ, аз ҷумла бо роҳи калкашавӣ, яъне вомвожаӣ ва таҳаввул дар маъноии лексемаҳои (таквожҳои қомусӣ) мавҷуда аст. Тавре аз маводи забонӣ бармеояд иқтибосоти Аврупоии Ғарбӣ дар тафовут аз иқтибосоти арабӣ ва забонҳои туркию муғулии ба гунаи ҳозираи форсӣ воридгардида, ҳар чи зуд мавриди корбурд қарор мегиранд, ки ба ин вожаҳои иқтибосии: **computer** [kəmpju:tə] (ки ба ивази он дар форсӣ - رایانه [rāyāne] ва дигар вожаҳое, ки ба он вобастагӣ доранд, аз қабили: اَبررایانه [abarrāyāne] (supercomputer), اپراتور رایانه [operātorrāyāne**]** (computer operator), برنامه سازی رایانه ای [barnāmesāzi-ye rāyāneyi](computer programming), خدمات رایانه ای [xadamāt-e rāyāneyi] (computer services), شخصی رایانه ی [rāyāne-ye šaxsi] (personal computer), مهندس رایانه [mohandes-e rāyāne**]** (computer engineer), ویروس رایانه [virus-e rāyāne**]** (computer virus) дохил мешаванд.

Вожаи мазкур дар гунаи тоҷикӣ низ дар шакли- **компютер** ва дар гунаи дарӣ ба шакли- کامپیوتر [kâmpyutar] ба кор рафта, солҳои охир дар байни равшанфикрон каму беш калимаи - **роёне** [rôyône] низ, ки хоси форсӣ аст, мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар баробари вожаи мазкур, соир калимаҳои иқтибосии дигар, чун: вожаи фаронсавии- **parquet**, дар шакли форсӣ-پارکت [pārket], ки Фарҳангистон онро дар шакли چوب فرش [čub-e farš] тасвиб кард ва дар тоҷикӣ- ҳоло ҳам дар шакли - **паркет** [parket] ва дар гунаи дарӣ ба шакли- پارکت (pårkat) ба кор меравад. Вожаи – **radiateur** дар форсӣ ба шакли- رادیاتور [rādiyātor] (дар фарҳангҳо бо вожаҳои: گرماتاب [garmātāb], رخشگر [raxšgar], سردکن [sardkon] низ ифода ёфтааст. Ин вожа дар гунаи тоҷикӣ дар шакли – **радиатор** [radiatâr] ва дар

гунаи дарӣ ба шакли- **رادیاتور** [râdiôtûr] мавриди истифода қарор гирифтааст. Вожаи англисии- **combine** дар форсӣ ба шакли- **کمباین** [kombâyn] навишта шуда, маънои дастгоҳе, ки дарав мекунад ва ғалларо аз коҳ ҷудо месозад, ба кор рафтааст. Калимаи мазкур дар гунаи тоҷикӣ- дар шакли **комбайн** [kâmbâyn] ва дар гунаи дарӣ дар шакли – **کومباین** [kōmbāyn] навишта ва хонда мешавад.

Навовариҳои вожагонии форсӣ, инчунин бо калкаҳои мухталиф, мисли: **شبهای سپید** [šabhā-ye sepid], **همه پرسی** [hameporsyi], **کفپوش چوبی** [kafpuš-e čubi], **برنامه نویس** [barnāmenevis]; бо вожасозии луғоти навзуҳур, мисли: **دردآشنا** [dardāšnā], **شهرستانی** [šahrestāni], **آینده نگاری** [āyandenegari]; бо луғоти навзуҳури маъной, мисли: **تورم** [tavarrom] низ сурат гирифтаанд. Дар ин давра вожаҳои навзуҳури дурага, яъне вожаҳое, ки дар онҳо калимаҳои аслии форсӣ ва унсурҳои иқтибосӣ якҷо шудааанд, хеле вусъат ёфта буд. Омили пайдо шудани чунин вожаҳо дар гунаи форсӣ низ гувоҳи амиқи дар онҳо воридшавии унсурҳои хоричӣ мебошад. Унсурҳои иқтибосӣ асосан аносури Аврупоии Ғарбӣ ва дар ҳудуди хеле кам лексемаҳои арабӣ мебошанд, монанди: **رپورتاژپرداز** [reportāžpardāz] (аз вожаи репортажи фаронсавӣ ва пардози форсӣ), **هتل دار** [hoteldār] (аз вожаи англисии **hotel**), **فیلم نامه** [filmnāme], **فیلم نامه نویس** [filmnāmenevis], **کامپیوترسازی** [kāmpyutarsāzi], **سرمقاله نویس** [sarmaqālenevis] (бо вожаи арабии- **مقاله**).

Бисёре аз вожаҳои тоҷикӣ ва дарӣ ба навовариҳои вожагонии бо роҳи калка сохташудаи Фарҳангистон низ мутобиқат мекунанд: тоҷикӣ **сафедашабҳо** (safedašabhô); дарӣ- **شبهای سفید** [šabhâ-ye safêd]; ба ивази **референдум** дар тоҷикӣ – **овоздиҳии умумӣ** [ôvôzdihiyi ûmûmi] ва дар гунаи дарӣ- **رای گیری عمومی** [râ ygiri-ye omumi]; ба ивази **паркет** дар тоҷикӣ - **паркет** [parket] (баъзан фарши паркет) ва дар гунаи дарӣ ба шакли- **پارکت** (pårkat); ба ивази **программист** дар тоҷикӣ- **программасоз** [prôgrammasôz] ва дар гунаи дарӣ- **پروگرام ساز** [p^{o}rôgrâmsâz]; бо вожасозии луғоти навзуҳур, инчунин вожаҳои: **вилоятӣ** [vilôyati], **ولایتی** [walâyati] ва пешбинӣ [pešbini], **پیش بینی** [pêšbini]-и гунаҳои тоҷикӣ ва дарӣ мувофиқат мекунанд; луғати навзуҳури маъноии форсии **تورم** [tavarrom] ба вожаи тоҷикии **беқурбшавӣ** [bequrbšavi] (гоҳе таваррум ё инфлятсия низ истифода мешавад) ва ба вожаи **تورم** [tawarrom]-и дарӣ мутобиқат мекунад. Ин вожа дар гунаи тоҷикӣ гоҳе ба шакли **инфлятсия** ва дар гунаҳои форсӣ ва дарӣ ба шакли **انفلاسیون** [i(e)nflāsiuyn] низ ба кор меравад. Вожаҳои **رپورتاژپرداز** [reportāžpardāz], **هتل دار**[hoteldār], **فیلم نامه** [filmnāme],**فیلم نامه نویس** [filmnāme nevis], **کامپیوترسازی** [kāmpyutarsāzi], **سرمقاله نویس** [sarmaqālenevis], ки дар форсӣ бо унсурҳои иқтибосии аврупой ва арабӣ сохта шудааанд, ба вожаҳои тоҷикӣ ва дарии зер мутобиқат мекунанд: тоҷикӣ- **гузоришгар** [guzorišgar], **хабарнигор** [xabarnigôr], **хабарнавис** [xabarnavis], **меҳмонхона дор** [mehmônxônadôr] (соҳиби меҳмонхона), **с(ц)енарий** [senariyi] (намоиш нома), **муаллифи с(ц)енарий** [muallifi senariyi] (муаллифи намоишнома), компютерсозӣ [kāmpyutersāzi], **сармақоланавис** [sarmaqôlanavis] ва ғ.

Таҳлили маводи забонӣ нишон медиҳад, ки бисёре аз навовариҳои пешниҳод намудаи Фарҳангистони забон ва адаб, дар гунаи форсӣ фаъол буда, бахши ҷудонашавандаи сохтори вожаҳои-маъной, чун: **دانشگاه** [dānešgāh],**دادستان** [dādsetān], **دادستانی** [dādsetāni] ва ғ., шудааанд, ки ҳоло ҷузъе аз онҳо, дар гунаи тоҷикӣ, ба мисли вожаҳои мазкур: **донишгоҳ** [donišgôh], **додситон** [dôdsitôn], **додситонӣ** [dôdsitôni] ва ғ., ворид гардида, мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Дар гунаи дарӣ, бахше аз ин вожаҳову истилоҳот, аз ҷумла вожаҳои фавқ ҳам зери таъсири забони пашту қарор гирифта ва ё бо онҳо иваз шудааанд, мисли: **پوهنتون** [pohantun] (донишгоҳ), **ثارنوال** [sārenwâl] (прокурор), **ثارنوالی** [sārenwâli] (прокуратура). (Мо ба ивази ҳарфи “цэ“-и пашту, ҳарфи “со”-и арабиро истифода намудем).

Ақидаҳои пуристии бахше аз донишмандони дохилӣ ва хоричӣ, новобаста аз таҳаввулоти назаррас, ки ҳангоми фаъолияти Фарҳангис тонҳо ба вуҷуд омад, идома ёфта, ба рушду такомул ва вожасозӣ таъсири зиёд расонид.

Дар рафти навовариҳои вожагонии пешниҳоднамудаи Фарҳангис тони забон як гурӯҳ вожаҳо ва ибораҳое бокӣ монд, ки дар ҳоли ҳозир, новобаста аз гузашти давраи на чандрн тулонӣ, хеле вусат ёфтаанд ,мисли: **واژه گزینی** [vāžegozini], **بهره جویی** [bahrejuyi], **وزارت راه و ترابری** [vezārat-e rāhotarābari]. Бояд гуфт, ки аксарияти ин вожаҳо ва иборот ҳама дар қолаби вожасозии форсӣ буда, зуд ба гунаи форсӣ ворид шудааанд. Ин вожаҳо дар гунаҳои тоҷикӣ ва дарӣ низ баробариҳои худро доро мебошанд, мисли: тоҷикӣ- **интихоби калима** [intixôbi kalima], **истифода барӣ** [istifôdabari] (судҷӯйи, баҳрагирӣ) **вазорати нақлиёт** [vazôrati naqliyôt]; дарӣ- **انتخاب کلمه** [intixâbe kalema], **استفاده بری** [istifâdabari], **بهره گیری** [bahragiri] **وزارت نقلیه** [wazârati naqliye] (ترانسپورت -).

Бахше аз вожаҳои ки дар давраҳои нахусти фаъолияти Фарҳанги стони забон пешниҳод гардида буданд ва инчунин чанде аз калимаҳое, ки бо маъниҳои нав пешниҳод шудааанд, мавқеи худро, то ба ҳол, дар сохтори вожагонии гунаи форсӣ наёфтаанд, яъне баробариҳои иқтибосии худро натавонистаанд берун ё маҳдуд созанд, мисли: **شادخانه** [šādxāne] ба ивази **کاباره** [kābāre] ки асл вожаи испанӣ аст. Вожаи мазкур дар гунаи тоҷикӣ, тибқи луғатҳои русӣ-тоҷикӣ дар шакли **кабаре** [kabare] ва ба маънии (ресторани хурди эстрададор дар мамлакатҳои хорича) ба кор меравад. Дар гунаи дарӣ ин вожа низ солҳои охир дар шакли **کبره** [kabare] гарчанде камистеъмол бошад ҳам, мавриди корбурд

қарор гирифтааст. Вожаи فركند [farkand] ба маънои канал, дар гунаи тоҷикӣ- **канал** [kanal] ва дар гунаи дарӣ дар шакли: كانال [kânâl] ба кор меравад. Бахши дигаре аз калимаҳои пешниҳоднамудаи Фарҳангистон, чун: پروازگاه [parvāzgāh] дар баробари فرودگاه [forudgāh], هم یاری [hamyāri] дар баробари همکاری [hamkāri] ва монанди онҳо, қабули умум нашудаанд.

Дар солҳои аввали фаъолияти Фарҳангистонҳо миқдори зиёди вожаҳо ба забон дохил шуда, ба кор рафтаанд, ки мо корбурди онҳоро дар матбуот ва асарҳои илмиву бадеӣ мушоҳида карда метавонем. Аз тарафи дигар қисми бештари муродифҳои калимаҳо, ки қаблан дар забон мавҷуд буданд, аз истифода хориҷ шуда буданд, дубора мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар аввали солҳои ҳафтодум 6650 вожаи форсӣ ба ивази калимаҳои иқтибосшуда пешниҳод гардида буд, ки асоси онҳоро лексемаҳо ва воситаҳои калимасозии гунаи форсӣ ва лаҳҷаҳои он ташкил менамуданд. Дар ин солҳо пуристоне низ пайдо шуда буданд, ки барои тамоман пок кардани гунаи форсӣ аз вожаҳои иқтибосӣ муборизa бурда, мехостанд, бо лексикаи мансухи форсии қадим ва миёна ҷойи онҳоро пур кунанд, вале ин кӯшиши онҳо пурра амалӣ нагашт, зеро ба ақидаи тарафдорони ин гурӯҳ бисёре аз калимаҳои арабии ба форсӣ дохилшуда муродифҳои худро надоштанд. Яке аз тарафдорони ин равия донишманди бузург, таърихшинос Аҳмади Касравӣ, дар асарҳои худ “Забони пок” (1943) ва “Забони форсӣ ва роҳи расо ва тавоно гардонидани он” (1955), масъалаҳои зиёди сотсиолингвистиро бардошта, барои тоза кардани гунаи форсӣ аз калимаҳои иқтибосӣ, роҳҳои ба вуҷуд омадани истилоҳоти нав, иваз намудани хат, наздик намудани забони асарҳои бадеӣ ва матбуот ба забони гуфтугӯӣ ва ғайра кӯшиш менамуд. Ӯ ҳангоми шарҳи маънии калимаҳо дар китоби худ “Забони пок” чунин баён намудааст: "Як ошуфтагии бузурги дигаре дар форсӣ он аст ки дар натиҷаи даромехтагии забон бо вожаҳои бегона бисёре аз вожаҳои худии он маъноящро аз даст дода ва дар як маънии бегонаи дигаре ба кор меравад. Масалан, бахшидан ба маънии тақсим аст ва ҳанӯз " бахш" ба маънии қисмат ба кор меравад. Вале худи вожаро аз маънии рости худ берун бурдаанд, ки гоҳе ба маънии омӯрзидан ва гоҳе ба маънии додан ба кор мебаранд” (8 .16-17).

Мухолифони ин равия аз соли 1948 ба баъд дар муқобили он, корҳои зиёдеро ба анҷом расонида, фикру ақидаҳои хешро дар рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо ба нашр мерасониданд, ки шоҳиди ин гуфта, ба табъ расидани мақолаи “Боз ҳам Фарҳангистон” мебошад, ки моҳи феврал ва марти ҳамон сол дар шумораҳои шашум ва ҳафтум, ба сифати сармақола дар маҷаллаи “Ёдгор” мунташир ёфта буд. Муаллифи он дар оғоз чунин менигорад: " Нигорандаи ин сатрҳо аз касоне ҳастам, ки надониста ва нахоста ба узвияти маҷмае, ки бинои он бар луғатсозӣ буда ва яке аз ҳамон луғот ҳам ҳамин калимаи "Фарҳангистон" аст интихоб шудаам, вале чун аз ибтидо ба ин асос мухолиф будаам банударт дар ҷаласоти он ширкат кардаам ва ҳар вақт ҳам, ки дар он ҷо ҳозир шудаам бидуни асабоният ва маломат ҷаласаро тарк нагуфтаам. Иллати ин асабоният ва маломат яке он будааст, ки мо ҳеҷ вақт надида ва нашунида будем, ки ҷамъияте - он ҳам ғайри мутаҷонис ва мураккаб аз ҳар навъ мардум- даври ҳам бинишинанд ва барои дигарон луғат вазъ кунанд, ё луғотеро, ки қарнҳост маъмул ба аҳли забон буда ва умарои каломи форсӣ онҳоро ба кор бурда ва ба онҳо ҳаёти ҷовид бахшидаанд бо салиқаҳои каҷи худ иваз кунанд. Дигар он ки дар вазъи луғот ва табдили калимоти мустаъмал ба луғоти сохтагии номафҳум ҳар навъ ҳарфи ҳисоб ва далел ва мантиқро зери по бигузоранд ва бо қиёму кууд ё таҳсили аксарияти оро ҳарфи номаъқули худро бар курсии қабул бинишонанд ва барои он ки касе ҷуръати мухолифат накунад аз зеҳни сода ва шӯри ватанпарастии Алоҳазрати собиқ сӯъистифода намуда, тасвибшудаҳои худро бо шайёди махсус ба саҳнаи мулукона бирасонанд ва базӯр онҳоро ба хӯрди мардум бидиҳанд" (9.1-2).

Чанде аз тарафдорони ҷамоати луғатсоз бар он ақида будаанд, ки гӯё Фарҳангистон зодаи фикри Аълоҳазрати фақид аст, вале бахше хилофи ин масъала баромада, гуфтаҳои онҳоро бо далелҳо инкор намудаанд. Ҳама медонанд, ки навиштаанд онҳо: «Фарҳангистон зодаи фикри Алоҳазрати фақид нест, балки ҷамоати луғатсоз, ки ё аз бемоягӣ ё шайёдӣ ба ин кор даст зада буданд ба тавассути мақомоте, ки шояд дар ватандӯстӣ ва покии нияти эшон шакке намерафт, лекин аз адабиёт ва луғат ҳеҷ хабар надоштанд, ба он марҳум чунин фаҳмонданд, ки луғатсозӣ ва "форсии сара" навиштан ҳам аз аҷзои аслии ватанпарастӣ ва ҷузъи лойанфакки Эрондӯстӣ аст ва ҳоло, ки Алоҳазрат даст ба ислоҳот задаанд аз иқдом ба ин ислоҳ ҳам набояд ғафлат шавад. Фақиди марҳум ҳам, ки пур аз шӯри ватанпарастӣ буд ва ба иллати мутаваҷҷеҳ будан ба умури муҳимаи дигар чандон ба ин қабил масоил иноят надошт, чун роҳнамоии он ҷамоатро хайрандешӣ мепиндошт бо он мухолифат накард ва оқоён ҳар чи мехостанд ба номи он марҳум карданд» (9. 3- 4).

Мухолифатҳои шадиди донишмандон ва аҳли илму фарҳанг дар солҳои нахусти пайдоиши Фарҳангистон ба вуҷуд омадаанд, ки бахши бештари онҳо фарогири масоили сохтмони вожаҳо, роҳҳои калимасозӣ, пазириши вожаҳои кӯҳна ва матрукшуда будаанд. Дар радифи онҳо, инчунин шахсоне будаанд, ки дар хориҷ аз кишвар зиндагӣ карда, ба маҷаллаи “Ёдгор” нома навишта, фикру андешаҳои худро, барои беҳбудии кори Фарҳангистонҳо ирсол мекарданд. Барои мисол, номаи оқои Фаррух ғаффорро, ки худ понздаҳ сол қабл кишварашро тарк намуда, дар Швейтсария зиндагӣ мекард, зикр менамоем, ки чунин менависад: "Будани маҷаллае монанди нашрияи саркор дар

кишвар як масъалаи воҷибе аст ва донистани ҷузиёти таърихӣ ва адабӣ ва ҷуғрофии он барои хонанда бисёр лозим буда ва мебошад. Шумо танҳо касе ҳастед, ки дар кишвар нашрияи худро мутобиқи усули илмии таърих тартиб дода ва аз охирин тозагиҳои илмии фарангӣ хоҳ дар ховаршиносӣ хоҳ дар улуми дигар истифода менамоед. Шумо танҳо маҷаллае ҳастед, ки бар алайҳи корхонаи луғатсозии коркунони вазорати ҷанг ва фарҳангистон эътироз карда ва нодонии як мушт авомро собит намудед. "Аммо шумо ва амсоли шумо монанди оқои Тақизода ва Фахриддини Шодмон чаро дар ин мавзӯъ сарусадои бештар намекунед. Навиштани мақола ва рисола (монанди тасхири тамаддуни фарангӣ) ва нутқ кардан (монанди хитобаи оқои Тақизода) бисёр хуб аст, аммо кофӣ намебошад. Бузургтарин масъулини ривоҷи ин луғоти сохтагӣ ва ғалат касоне ҳастед, ки бо истеъмоли ин луғот нуфузи зиёде дар мардум доранд ва он гурӯҳ муаллимин мебошанд... Ва ҳамчунин коркунони радио, ки мардум садои онҳоро мешунаванд махсусан арбоб ва аъзои матбуот. Пас барои он ки ҳарфи шумо ва амсоли шумо таъсири зиёдтаре дошта бошад ва дар масъулини харобии забон, асаре кунад бояд як ҳисобие ташкил диҳед ... то нуфуз пайдо кунед. Аз тарафи дигар чаро шумо худатон дар ҳар як аз шумораҳои маҷаллаи "Ёдгор" луғоти ғалатсохти Фарҳангистонро чоп наменамоед ва далоиле барои харобии онҳо намеоваред, то он ки моҳо ҳам, ки намедонем фалон луғат дуруст аст ё ғалат бифаҳмем, ки чӣ харобкориҳое нодонии коркунони вазорати ҷанг ва аъзои Фарҳангистон дар забони мо намудаанд (12. 8-9).

Ба қавли мухолифони Фарҳангистон, дар муборизае, ки онҳо дар роҳи дифои форсии фасеҳ кардаанд, баъзе аз арбоби қалам, тибқи гуфтаи онҳо: " Баъд аз сӣ чиҳил соли "қаламфарсоӣ" ҳанӯз дониста нашудааст, ки чӣ маслак ва равише доранд моро муттаҳам мекунанд, ки он қадар нодон ва бехабарем, ки намедонем забон ҳам таҳаввул ва иртиқоъ дорад ва имрӯз дигар мисли қудамо наметавон чиз навишт! хаёл мекунем, ки ҳамин қадар ки мо худ мисли қудамо чизе наменависем, балки ҳамон тавр ки як нафар форсизабони муаддил (яъне на авом ва на мутакаллими мутасанеъ) ҳарф мезанад чиз менависем кофӣ аст, ки ин иддаоро ботил кунад в- онгаҳе эшон ва амсоли эшон бояд бидонанд, ки таҳаввул ва иртиқои забон ба дасти замон аст, на ба дасти тафаннуни ину он" (12.13) .

Мухолифони Фарҳангистон ҳамеша кӯшиш мекарданд, ки гуфтаҳои худро бо далелҳо исбот намуда, чи гуна нуфуз доштани забонҳои хориҷиро, ки ба ақидаи онҳо сабаби вайрон гардидани забони умумидарӣ мешуд, нишон диҳанд: "Дар мавқеъҳое ки нуфузи лисонҳои хориҷӣ ва нақлияҳои номаъқул аз сабкҳои бегона дар миён набуд ва хориҷиён ҳам бидуни инки мо бифаҳмем дар садади хароб кардани забон, яъне танҳо василаи иртибот ва ягонагии мо набуданд ҳамон забони форсиро, ки аҷдоди мо дар Эрон маъмул медоштанд дар Ҳинд ва Кашмир ва Тибет ва Фарғона ва Осиёи сағир ҳатто то Албания ва Югославия мардум мефаҳмиданд ва агар ҳам чизе менавиштанд айни ҳамон буд ки масалан дар Шероз ё дар Нишопур ё дар Бухоро мардум бадон такаллум мекарданд ва менавиштанд, вале баъд аз заъфи қудрати марказии давлат ва аз даст рафтани нуфӯз... ва фавт ёфтани истилои хориҷиён ва султаи забони эшон ба тадриҷ забони форсии маъмул байни эшонро ба сурате даровард, ки агарчи ҷумлабандӣ ва қолаби калом ба зоҳир форсӣ буд, вале дигар як нафар форсизабон дар кишвар дуруст мафҳуми онро ба иллати касрати истеъмоли луғот ва таъбироти хориҷӣ намефаҳмид ва ҳанӯз ҳам ин шева байни форсизабонони он навоҳӣ маъмул аст. Луғатсозони мо бадбахтона шеваҳоеро пеш гирифтаанд, ки имрӯз навиштаи як нафар Теҳронӣ ба сурате даромадааст, ки имрӯз як нафар хориҷӣ ё мусташриқӣ, ки ба забони Фирдавсӣ ва Мавлавӣ ва Ҳофиз ошност, балки мардуми шаҳрҳои бузурги кишвар дар фаҳми он дучори заҳмат ва усрат мешаванд ва шояд ҳам бо ҳазор заҳмат натавонанд билохира маънии воқеии он навиштаро дарёбанд (12. 14-15).

Пайравони ин равия, ба унвони намуна, номаи яке аз донишман дони шинохтаи Ҳиндустонро, ки ба маҷаллаи онҳо навишта буд, мисол оварда, дорои чӣ гуна норасоиҳо будани онро манзури хонанда гардонидаанд. Вобаста ба он ишора мекунанд, ки луғатсозони мо бидонанд, ки тағйири луғоти мафҳум ба луғоти номафҳум ва сохтагӣ ё ба кор бурдани луғоти хориҷӣ ё маҳаллӣ чӣ гуна асли мақсуди эшонро дар назари дигарон, ки аз ин "мувозиоти шахсӣ" бехабаранд номафҳум месозад. Тавре ки дар номаи ӯ, ба қавли коркунони маҷалла, ин ҳолат ба мушоҳида мерасад: "Мӯҳтарам идитур соҳиби маҷаллии "Ёдгор" бесаломат, ассалому алайкум. Ман харидоршудани рисолаи маҷаллии "Ёдгор" ки аз идораи шумо шоеъ мешавад мехоҳам. Чандаи солонаи моро маълум бикунед, ки васотати лойиди банк ирсол бикунам. Як парча ба таври намуна ирсол бифармоед. То баъд дар шумоён" (12.15).

Сипас, коркунони маҷаллаи мазкур баъд аз таҳрири ин гуфтаҳо ба натиҷае расида, андешаҳои худро чунин хулоса намудаанд: "Бовар бифармоед, ки навиштаи баъзе аз нависандагон ва ҷароиди Теҳрон барои мардуми вилоёт ё дур аз кишвар номафҳумтар ва суст ибораттар аз навиштаи фавқ аст. Дӯсте дорам, ки бо инки дар ҳафдаҳ солагӣ аз кишвар ба хориҷа рафта ва алон қариб шаст сол аст, ки ба кишвар барнагашта боз ҳанӯз мисли яке аз муншиёни забардаст хат менависад ва дар ибороти форсияш ҳеҷ нуқсу иллате дида намешавад. Чанде пеш ба ман навишта буд, ки ман бисёре аз ибороти рӯзномаҳои Теҳронро намефаҳмам ва аз ман хоста буд, ки маҷмӯъаи луғоти сохтагии

Фарҳангистонро барои ӯ бифиристам. Воқеан оё аҷиб нест, ки як ҳам- ватани дарс хондаи таҳсил карда, пас аз ҳафтод соли ба забони модарӣ такаллум кардан ва навиштан тоза барои фаҳмидани забони ҳамвата нони худ ба китоби луғат мӯҳтоҷ шавад ва пойтахти мамлакати хешро пас аз як мусофират ба сурати шаҳри Бобул биёбад. Мо ҳанӯз надонис таем, ки чӣ ғаразу маразе даркор аст, ки ҷамъе мехоҳанд бо тарвичи луғоти сохтагӣ ва ғалат, ё маҳҷӯру мурда ё калимоте, ки мутародифоти мафҳумтару маъмултар доранд робитаи тафҳиму тафоҳуми форсизабо нонро бо якдигар қатъ кунанд ва баъли даст бизананд, ки пас аз гузаштани яке ду насли оянда “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва “Маснави”-и Мавлавӣ ва “Гулистон”-и Саъдӣ ва “Девон”-и Ҳофизро нафаҳманд ва ба ҳамон навиштаҳои таҳаввуъовару мағлут ва бемағзи баъзе аз удабо ва шуарои "мутаҷаддиди муосир" қаноат кунанд. Ҳамаи муҷаррабини аҳли луғат аз луғавиюни исломӣ гирифта, то уламои луғати фаранг гуфтаанд, ки луғот тавқифӣ аст ва қиёсӣ нест. Он луғате дар забони мардум роиҷ ва маъмул мешавад, ки яке аз бузургони аҳли фасоҳат ва яке аз устодони забон онро дар тайи навишта ё гуфтаи пурмағзи ҷовиде ба кор бурда бошад, он луғати валав инки қиёсан ва аслан ғалат бошад ба қудрати нуфӯзи калимаи истеъмолкунанда ва қуввати маъной, ки дар он гунҷонда шуда, хоҳӣ нахоҳӣ маъмул ва мусталеҳ мегардад ва агар касе бигӯяд, ки фалон калима ғалат аст ҳама дар ҷавоб хоҳанд гуфт, ки чун масалан Саъдӣ онро ба кор бурда, дигар ҳеч кас ҳақ надорад бигӯяд, ки он ғалат аст ва ҳама маҷбӯр ва мулзиманд, ки онро ба ҳамон шакл ба кор баранд (12. 15-16).

Фаъолияти гурӯҳи дигари пуристон бо сардории Фуруғӣ ва Тақизода авҷ гирифта буд, ки дар байни онҳо дар масъалаҳои ҷудогонаи ислоҳоти забон набудани ягонагӣ ҳис карда мешуд. Дар солҳои аввал, фаъолияти ин гурӯҳ зери танқид гирифта шуда буд. Вале баъдтар намояндагони ин гурӯҳ, аз ҷумла, Фурӯғӣ тавонистанд, ки ақидаҳои нисбатан муфассалеро доир ба ислоҳоти забон, масъалаҳои сотсиолинг- вистӣ баён намоянд. Фурӯғӣ дар асари худ “Паём ба Фарҳангистон” ишора намудааст, ки забони форсиро тамоман аз калимаҳои арабӣ ва иқтибосҳои дигар тоза кардан ва онҳоро бо лексикаи мансухи форсӣ иваз намудан ғайри имкон мебошад. Айни чунин гуфтаро мо дар хитобаи Тақизода “Лузуми ҳифзи форсии фасеҳ /1948/ ” мушоҳида мекунем, ки гуфта буд: "...агар мо ҳатто луғоти форсии арабиуласлро, ки дар забони худ дорем маҳзи нисбати аслӣ ва қадимии обо ва аҷдоди онҳо ихроҷ кунем, ки форсии аслии Дориюш ва Хушоёршо ва Зардушт нестанд чаро ин хусуматро ба луғати хоричии дигар, ки ба форсӣ омадаанд таъмим намедиҳем ва луғоти форсии юнониуласл ва суриёниуласл ё ҳиндӣ ё арманӣ ва Бобули ё туркиуласлро, ки дар форсӣ роиҷ аст тард намекунем, магар арабӣ чӣ гуноҳе кардааст ҷуз инки забони моро пурмоя ва бовусъат ва ғанӣ кардааст" (10. 21-22).

Чанде аз донишмандон бо вуҷуди дар маҷлисҳои Фарҳангистон иштирок намудан ва аъзои он будан, хилофи ин муассиса баромада, ташкилшавии чунин муассисаро нодаркор ҳисобида, ба ҷойи калимаҳои иқтибосӣ ба кор андохтани лексикаи форсии давраи бостон, миёна ва сохтани калимаҳои навро зери танқид қарор додаанд: " Мо ҳеҷ вақт надида ва нашунида будем, ки ҷамъияте - он ҳам ғайри мутаҷонис ва мураккаб аз ҳар навъ мардум- даври ҳам бинишинанд ва барои дигарон луғат вазъ кунанд ё луғотеро, ки қарнҳост маъмул ба аҳли забон буда ва умарои каломи форсӣ онҳоро ба кор бурда ва ба онҳо ҳаёти ҷовид бахшидаанд бо салиқаҳои каҷи худ иваз бикунанд. Дигар он ки дар вазъи луғот ва табдили калимоти мустаъмал ба луғоти сохтагии номафҳум ҳар навъ ҳарфи ҳисобу далел ва мантиқиро зери по бигузоранд ва бо қиёму қууд ё таҳсили аксарияти оро ҳарфи номаъқули худро бар курсии қабул бинишонанд ва барои он ки касе ҷуръати мухолифат накунад аз зеҳни сода ва шӯри ватанпарастии Алоҳазрати собиқ сӯъистифода намуда тасвибшудаҳои худро бо шиёри махсус ба саҳнаи мулукона бирасонанд ва базӯр онҳоро ба хӯрди мардум бидиҳанд (9. 1-2).

Вожагони гунаи форсӣ, дар як муддати кӯтоҳи фаъолияти Фарҳангистон, ба тағйироти зиёде дучор омада, таркиби он ба ҳисоби миёна аз вожаҳову истилоҳоти соҳаҳои мухталиф: тиббӣ -126; молия -100; ҳуқуқшиносӣ -75; идорӣ зиёда аз- 100; ҷуғрофӣ- 90 ва даҳҳову садҳо истилоҳоти дигар пурра гардид. Дар баробари ин номи шаҳрҳо, мисли: **قره خان** (qareghān) ба **سیاه دشت** (siyāhdasht); **احمد زای** (ahmadzāyi) ба **شهنواز** (šahnavāz); **номи моҳҳо**, аз қабили: **حمل** (hamal) ба **فروردین** (farvardin); **ثور** (savr) ба **ارد یبهشت** (ordibehešt) ва ғ., иваз карда шуданд.Моҳи апрели соли 1950 ҷамъияти илмии истилоҳшиносӣ маҷмӯаи дуҷилдаро тартиб дода буд, ки он дорои 20 ҳазор истилоҳот буда, қисми бештари онҳо дар асарҳои илмӣ низ ба кор бурда шудаанд.

Вожаҳову истилоҳоти аз ҷониби тарафдорони равияи пуризм пешниҳод гардида, рӯз ба рӯз дар матбуот ва асарҳои илмӣ истифода мешуданд, ки ҳамаи он сабаби рушд ва такомули лексикаи гунаи форсӣ аз як тараф ва аз тарафи дигар омили фарққунанда байни гунаҳои форсӣ, тоҷикӣ, дарӣ гардиданд.

Вожасозӣ ва ё сохтани калимаву истилоҳоти нав дар гунаи форсӣ бо роҳҳои мухталиф, бештар бо роҳи сарфӣ, яъне бо вандҳо сурат гирифтааст. Барои сохтани вожаҳои нав бештар пасвандҳои сермаҳсул, аз қабили: **گر** (gar) ва диг., мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки мо мисоли онро дар вожаҳои: **چپاولگر** (čapāvolgar);**ایثارگر** (isārgar); **آواگر** (āvāgar); **پرخاشگر** (parxāšgar) ва амсоли онҳо, мушоҳида карда метавонем, ки онҳо бо вожаҳои гунаи тоҷикӣ: **роҳзан, ғоратгар; нисоркунанда,**

қурбонику нанда; **сароянда** (ҳофиз); **дағал** ва дар гунаи дарӣ низ вожаҳои мазкур бо калимаҳои: **غارتگر** [qâratgar], **اعانه** [eane], **ایثار** [isâr], **آوازخوان** [âwâzxân], **دشنامگر** [dašnâmgar] мувофиқат мекунанд.

Мо ин ҳолатро инчунин, дар вожаҳое, ки бо пасванди (суффикс) каммаҳсули – **وند** (-vand)- и форсӣ, мисли: **شهروند** (šahrvand), ки ба тоҷикӣ гузашта, ҷойгузини калимаи иқтибосии "**гражданин**"- и русӣ ва дар гунаи дарӣ ба ивази вожаи **تبعه** [tabȧe] ба кор рафтааст, дучор меоем. Вожаи **هموند** [hamvand], низ ба тоҷикӣ гузашта, маънои: **аъзо** [a ̓zā ̓] ё **узв** [ozv]- ва дар гунаи дарӣ **عضو** [ozv], **اعضاء** [a ̓zā ̓] -ро мерасонад. Дар сохтани вожаҳои нав, инчунин, пешвандҳое (префикс), ки пеш дар истифода буданд, аз қабили: **پاد** (pād) ё **پد** (pad), **ابر** (abar) дубора мавриди корбурд қарор гирифтаанд, мисли: форсӣ- **پادزیوها** (pādzivhā),тоҷикӣ-**антибиотикҳо** [antibiôtikhô] (ин ҳам иқтибосшуда ба воситаи забони русӣ) бо ҳамроҳ шудани пасванди шакли ҷамъи тоҷикии "-**ҳо**") ва дар гунаи дарӣ- **مواد انتی بیوتیک** [mawâd-e antibiotik] ва ғ.

Вандҳои баромади феълӣ дошта, ки ҳамчун асоси замони ҳозираи феълҳо намудор мешаванд ва ё таркиби ҷудонашавандаи асоси замони ҳозираи феълҳо бо пасванди вожасози – **ی** (ӣ), ки дар пайдоиши калимаҳои нави форсӣ зиёд ба кор рафтаанд, мисли: форсӣ- **سرنوشت ساز** (sarneveštsāz) аз سرنوشت (sarnevešt) ва нимванди феълиساز (sāz), тоҷикӣ- **асосӣ** [asôsi], **муҳим** [muhim] **ҳалкунанда** [halkunanda]; ё ин ки вожаи форсии - **همه پرسی** (hameporsi), тоҷикӣ- **овоздиҳии умумӣ** [ôvôzdihiyi umumi] (ки ба калимаи иқтибосии байналхалқии "референдум") ва дар гунаи дарӣ ба- **رای گیری عمومی** [râigiri-ye omumi] мувофиқат мекунанд.

Воситаи дигари пайдоиши вожаҳо дар давраи Фарҳангистони забон–ҳамроҳ кардани ду калимаи мустақилмаъно ва сохтани вожаҳои мураккаби дорои маъноҳои нав мебошанд, ки дар ин марҳила хеле ривоҷ ёфтааст. Ба ин вожаҳои: **سرپزشک** (sarpezešk) **زمین پیما** (zaminpeimā);**دولت مرد** (doulatmard) ва даҳҳо калимаи дигар мисол шуда метавонанд, ки барои донанда ва ё намояндаи гунаи тоҷикӣ номаълум буда, (асосан, маънои калимаҳо дар назар аст) маънои онҳо бо вожаву таркибҳои тоҷикии: **сардухтур** [sarduxtur], **заминченкун** [zaminčen kun]**, геолог** [geôlôg], **ходими давлатӣ** [xôdimi davlati] мутобиқат мекунанд ва ҳоло бошад чанде аз ин вожаҳо низ дар гунаи тоҷикӣ ба кор мераванд. Дар гунаи дарӣ- вожаҳои мазкур бо баробариҳои зер мувофиқат мекунанд: **سرداکتر** [sardâktar], **جیالوجست** [jiâlôjest], **مأمور دولتی** [ma ̓mur-e dawlati] ва ғ.

Бо роҳи ҷобаҷоӣ (транспозитсия) ва ё бе вандҳо сохташавии вожаҳо ба тағйирёбии маънои калима вобаста мебошад, ки дар натиҷа вай маънои нави лексикӣ-грамматикӣ гирифта, ба ҳиссаи дигари нутқ мегузарад. Бахши бештари вожаҳои нави бо ин роҳ бавуҷудомадаи форсиро калимаҳои баромади феълӣ дошта, аз ҷумла: **پی آمد** (peiāmad), **کاربرد** (kārbord) ва ғайра ташкил додаанд, ки онҳо аз лиҳози маъно бо калимаҳои **натиҷа** [natija], **истифода** [istifâda]-и тоҷикӣ ва бо вожаҳои дарии мазкур: **نتیجه** [natija], **استفاده** [estefâda] мувофиқат мекунанд.

Ба вожаҳои устувор табдил ёфтани ибораҳо, яке аз воситаҳои асосии вожасозии забони форсӣ ба шумор меравад, ки он пеш аз ҳама дар асоси ибораҳои изофӣ ва пешояндӣ ба вуҷуд меоянд. Бо ин роҳ сохтани калимаҳо ва ё истилоҳот дар се давраи фаъолияти Фарҳангистон дар гунаи форсӣ хеле вусъат ёфт, ки мисоли онро мо дар фарҳангҳои форсӣ ва асару мақолаҳои тарафдорони ин равия мушоҳида мекунем: форсӣ- **صورت جلسه** (surat(e)jal(a)se); тоҷикӣ- **қарори маҷлис** [qarôri majlis] (Бояд зикр намоям, ки солҳои охир бахше аз ин вожаҳо, аз ҷумла: суратҷаласа низ, ба гунаи тоҷикӣ ворид шудааст); дар гунаи дарӣ- **پروتوکول** [porôtôkôl]; форсӣ- **مدیرعامل** (modirāmel),**مدیره عامل** (modire āmel); тоҷикӣ: **директор** [direktôr] (баъзан **мудир** низ, истифода мешавад); дарӣ - **مدیر** [modir]; форсӣ-**کل دبیره** (dabir-e kol), **دبیرکل** (dabirkol); тоҷикӣ- **котиби генералӣ** [kôtibi generali] (дар тоҷикӣ, баъзан ибораи: **дабири кулл** [dabiri koll] низ ба кор меравад); дарӣ – **سرمنشی** [sarmonši]; форсӣ-**توت فرنگی** (tut-e farangi), **توتفرنگی** (tutfarangi); тоҷикӣ- **клубник** [klubnik], (вожаи иқтибосӣ) **қулфинай** [qulfinay]; дарӣ - **توت زمینی** [tut-e zamini]; форсӣ- **گوجه فرنگی** (guj-e farangi), **گوجفرنگی** (gujfarangi); тоҷикӣ- **помидор** [pômidôr]; дарӣ- **بادنجان رومی** [bådinjåne rumi] ва ғ.

Тарафдорони ин равия дар баробари сохтани вожаҳо ва истилоҳоти нав, инчунин кӯшиш намуданд, ки ба бисёре аз калимаву ибораҳои дар забон мавҷуд буда, маъниҳои навро ворид намоянд. Масалан, вожаи **سازنده** [sāzande] дар аввал ба маъниҳои: معمار (me'mār), آفریننده- [āfarinande], ایجاد کننده– [ijādkonande], نوازنده – [navāzande] ба кор рафта, сипас, дорои маъниҳои нав, мисли: ساختمانی [sāxtemāni], ثمره بخشی [samarebaxši) гардид. Вожаи мазкур ҳоло дар гунаи тоҷик, маънои **офаринанда** [ôfarinanda] ва дар гунаи дарӣ - ба маънои **نوازنده** [nawâzenda] ба кор меравад. Чунин тарзи корбурд дар калимаҳои арабӣ низ, мушоҳида мешаванд.

Дар давраҳои зикргардида, ба шакли яклухт иваз намудани вожа ва истилоҳоти иқтибосӣ ва ба ҷойи онҳо қабул ва ба кор андохтани истилоҳоти нав, аз қабили: **هواپیما** (havāpeimā); **همگوارش** (hamguvāreš); **جشنواره** (jašnvāre); **فرامد** (farāmad); **باشگاه** (bāšgāh); **ویرایشگر** (virāyešgar) ва садҳо вожаҳои дигар ба мушоҳида мерасанд, ки имрӯзҳо дар форсӣ мавриди истифода қарор гирифта, ба забонҳои дигари эронӣ низ, ворид шудаанд. Дар тоҷикӣ вожаҳои мазкур, бо калимаҳои: **самолёт** [samôliyot], **ҳавопаймо** [havôpaymô], **фестивал** [festival], **ҷашнвора** [jašn vôra], **ҳайиат** [hey ̓at], **комиссия** [kômisiya], **толор** [tôlôr], **зал** [zal], **муҳаррир** [muharrir] (баъзан вироишгар) ва дар гунаи дарӣ ба вожаҳои: **طیاره** [tayâra], **فستیوال** [festiwâl], **هیئت** [hay ̓at], **کمیسیون** [komisyun], **تالار** [tâlâr], [**سالن**] [sālon] мувофиқат мекунанд.

Мушоҳидаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки бахше аз вожаҳо ва истилоҳоти сохтаи Фарҳангистони Эрон, тавре ки дар боло зикр гардид, ба соир забонҳо ворид гардида, рӯз ба рӯз ҷойгузини вожаҳои иқтибосии забонҳои дигари хорич̄ шуда истодаанд, ки теъдоди бештари онҳоро, ба хусус, дар гунаҳои ҳамгурӯҳи вай-тоҷик̄ ва дарии Афғонистон (новобаста аз таъсири вожагони пашту ба дар̄) дучор меоем, мисли : **دانشگاه** (dānešgāh) ба ивази: университет; **دانشکده** (dāneškade) ба ивази: факултет ё институт; **دانشجو** (donešju) - студент; **دادرس** (dādras)- судя; **دادستان** (dādsetān) - прокурор; **دادستانی** (dādsetāni)- прокуратура ва садҳо вожаҳову истилоҳоти дигар, ки дар соҳаҳои мухталиф ба кор бурда мешаванд.

Хулоса, ба миён омадани равияи пуризми забон̄, ки аз солҳои 30- юми асри XX ва ҳатто чанде пештар аз он солҳо оғоз гардида буд, ба рушду такомули вожагони форс̄, таъсири зиёд расонид ва аз тарафи дигар боиси зуҳур ёфтани тафовутҳои ҳар чи бештари вожагони тоҷик̄,

форс̄ ва дарии Афғонистон гардид, ки ҳамаҷониба омӯхтан ва мавриди тадқиқ қарор додани онҳо дорои аҳамияти илм̄ ва амал̄ мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов. М.: Издание второе, стереотипное. Издательство “Советская Энциклопедия”,1969.- 608 с.
2. Каменева М.С. О деятельности двух академий языка Ирана и некоторых иннова циях в лексике персидского литературного языка. //Развитие языков в странах зарубежного Востока. М., Издательство “Наука” Главная редакция восточной литературы,1983. С. 89-97.
3. Нечаев Г.А. Краткий лингвистический словарь. Издательство Ростовского университета. 1976.-183 с.
4. Пейсиков Л.С. Лексикология современного персидкского языка. М.:Издательство Московского университета, 1975.- 206 с.
5. Рубинчик Ю. А. Новая лексика персидского языка и пути ее пополнения. //Иранское языкознание. Ежегодник 1981. М., Издательство “Наука” Главная редакция восточной литературы, 1985. С. 133-139.
6. Ҳусейнов Х., Шукурова К. Луғати терминҳои забоншиносӣ. Душанбе:- Маориф, 1983.-255 с.
7. Ярцева В.Н. Роль традиции и инноваций в типологической характеристике английского литературного языка. // Типология германских литературных языков. – М., 1977.- С. 50-65.
8. . - .احمد کسروی. زبان پاک . چاپ سوم، تهران، 1339 87 ص
9. بازهم فرهنگستان ! مجلۀ "یادگار"، شماره های 6 ،7 ، 1348. ص. 7-10.1 ششم، تهران 1348. ص. 40-1 تقی زاده. لزوم حفظ فارسی فصیح. خطابه. مجلۀ " یادگار" شمارۀ
10. .فرهنگستان زبان ایران. پیشنهاد شما چیست؟ شمارۀ2، تهران، 1352. 64ص پیشگفتار صادق کیا. عباس اقبال.دفاع اززبان فصیح فارسی//مجلۀ "یادگار"ماهیانۀ ادبی وتاریخی وعلمی.- سال پنجم .12 1348.- ص.17-7 شمارۀ اول- دوم

АКАДЕМИЯ И ПУРИЗМ ЯЗЫКА КАК ОДИН ИЗ ФАКТОРОВ РАЗЛИЧИЯ ЛЕКСИКИ ВАРИАНТОВ ЯЗЫКА ДАРИ

В статье рассматривается создание Академии и пуризм языка в Иране, ставшей одним из отличительных факторов вариантов языка дари идеи и мысли мыслителей о возникновении развитии этого движения, его преимуществах и недостатках. Кроме того, ряд примеров иллюстрирует различия, с которыми сталкивается этот язык. Иллюстративные примеры взяты из прессы и литературы различных сборников, которые могут проиллюстрировать эти различия.

Ключевые слова: *Академия, пуризм, варианты, язык дари, различия, преимущества и недостатки, средства массовой информации, различные сферы, образец.*

ACADEMY AND THE LANGUAGE PURISM AS ONE OF THE FACTORS OF DISTINCTION THE LEXICON OF DARI LANGUAGE VARIANTS

The article deals with the establishment of Academy and language purity in Iran, which became one of distinction factors of the Persian, Tajik and Dari variants and the ideas and thoughts of thinkers about the appearance and development of this movement and are shown its advantages and disadvantages. In addition, a number of examples illustrate the differences encounter by these languages. The illustrative examples are taken from newspapers and literature of different fields which may illustrate these differences.

Key words*: Academy, purism, variants, Dari language, differences, advantages and disadvantages, mesas media, different spheres, example.*

Сведения об авторе:

У.Сулаймони *–Таджикский национальный университет, доцент кафедры иранской филологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан,г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: (+ 992) 919130825*

About the author:

U. Sulaimoni*- Tajik National University, Associate Professor of the Department of Iranian Philology. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: (+992) 919130825*

ҶУЗЪИ СЕРМАҲСУЛИ НОМВОЖАСОЗИ «АСП» ДАР АНТРОПОНИМҲОИ ЭРОНИИ «ШОҲНОМА»

Майнусов Д. Ф.

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Калимасозӣ яке аз роҳҳои асосии бой гардидан, равнақу ривоҷ ёфтан, такомулу тараққӣ кардани забон ва таркиби луғавии он мебошад. Маҳз роҳҳо ва воситаҳои гуногуни калимасозӣ аст, ки дар забон калимаҳои нав ба нав ба вуҷуд меоянд ва ин имконият медиҳад, ки соҳибони забон фикри худро бо тамоми нозукиҳояш баён созанд.

Яке аз роҳҳои асосии ба вуҷуд омадани номҳои наву тоза, хушобурангу зебо ва мақбули ҳар як шахс низ калимасозӣ мебошад. Маҳз калимасозӣ аст, ки миқдори антропонимҳо меафзояд.

Азбаски калимасозии номҳои тоҷикӣ роҳҳо ва воситаҳои гуногун доранд ва дар ин ҷо таҳқиқ кардани ҳамаи онҳо аз имкон берун аст, мо дар назди худ мақсад гузоштем, ки танҳо дар бораи яке аз жузъи сермаьсули номсоз ё бо ибораи дигар ҷузъи сермаҳсули антропонимсоз маълумот диҳем.

Номҳо бо ҷузъи «асп»

Дар таркиби номвожаҳои «Шоҳнома» бо ҷузъи «асп» номҳои зиёде сохта шудаанд ва он дар байни патронимҳои антропонимсози «Шоҳнома» ҷои намоёнро ишғол мекунад. Дар ин ҷо мо истилоҳи «патронимҳои антропонимсоз»-ро ба маънои ҷузъҳои номи шахссоз истифода бурдем. Ба амсоли Арҷасп, Гуштасп, Луҳрасп, Эзидгушасп, Шедасп, Ҷомасп, Таҳмасп ва ғайраҳо.

Номҳои бо патронимияи «асп» таркибёфта дар байни қабила ва ҳалқҳои эронинажод аз қадимулайём хеле васеъ паҳн шуда буд, зеро эрониёни бостонӣ мардуми бодиянишин - молпарвар буданд ва мумкин аст дар байни онҳо санъати асп вуҷуд дошт ва барои ҳамин аҷдодони мо орзу мекарданд, ки дар симои фарзандонашон хусусиятҳои аспҳои ҷангиро бинанд (4,71).

Ба ғайр аз ин, мардуме, ки дар бодия зиндагӣ мекунанду ба молпарварӣ машғул ҳастанд, асп ба монанди обу ҳаво лозим буд. Дар он давра аз асп дида нақлиёти (воситаи) ҳамлу нақли пурқувват вуҷуд надошт. Ин ҷиҳатро ба ҳисоб гирифта, пешгузаштагони мо аспро ҳайвони муқаддас эълон карда буданд.

Умуман, дар байни ҳайвоноти хонагӣ, аз рӯи маълумоти «Авесто» арзиш ва мақоми **асп** барои эрониёни қадим хеле баланд буда, қиёсан «10 гӯсфанд баробари як гов, даҳ гов баробари як асп, даҳ асп баробари як уштур маҳсуб меёфтааст (3,184).

Сайри таърихии «asp» чунин аст: дар «Авесто» «aspa», форсии қадим «asa» (17,47); ᾱs (дар «asa-bara» ба маънии «асп бурдан» (11,5,117) дар забони скифӣ «asp», суғдӣ «’sp», форсии миёна «asp», забони адабии ҳозираи тоҷикӣ «asp//b», форсии ҳозира «ᾰ́sp», забони пашту «ᾱs» (16,30-31).

Авестошинос Мӯбад Фирӯзи Озаргушасб менависад, ки «асб» аз решаи «ᾱs» ба маънии «даванда ё тезтак» - чун дар байни ҳайвонот аҳли асб тезтактарин ҳайвон аст, ба ҳамин муносибат онро «асб» номанд. Номи ағлаби (бештари) подшоҳон ва паҳлавонони давраи каёнӣ аз вожаи **асб** муштақ шудааст, монанди Гуштасб, Луҳрасб, Арҷасб, Зарасб ва ғайра. Дар форсии қадим ин вожаро «آسه» ва «aspa» мегуфтанд. Курдҳо низ asp гӯянд. Савор ва асворон ва саворкорон ҳамон «آسه باری» - и форсӣ мебошад, ки ба маънии «нишаста бар асп» аст (14,13-14). Дар тадқиқотҳои этимологии солҳои охир, аз ҷумла дар асари забоншинос Х.Х.Мирзоев оид ба таърихи баромади asp баррасии комилтаре манзур гардидааст. Аз ҷумла муаллифи мазкур нишон медиҳад, ки маънидоди этимологии asp (асп)-ро дар робита ба ду реша *ақwā (дақиқтар *hekwā) муайян кардан имконпазир аст: *ēkw- «об, дарё) ва ҳиндуаврупоӣ- *áśśah, прокритӣ- assa –āsa, авестоӣ – aspa, форсии қадим – asa, хетию сакоӣ – aśśa, суғдӣ, форсии миёна - ’sp, вохонӣ – yaś, мунҷӣ- yosp, ишкошимӣ –yasp, ормурӣ – yāsp, белуҷӣ – asp, hasp, asp, курдӣ – hesp (10,10). Ба ақидаи Мӯбад Фирӯзи Озаргушасб вожаи «оҳу ва оҳук»-и форсӣ низ аз ҳамин реша аст ва маънои «ҳайвони тунд ва тезтак»-ро ифода мекунад (14,13-14). Ин фикр то андозае баҳснок буда, ба таҳлили амиқ ниёз дорад.

Баъд аз истило шудани Эронзамин аз тарафи арабҳо шояд ба таъсири забони арабӣ «асп» ба «асб» табдил ёфтааст.

Мувофиқи баррасии профессор Д.Саймиддинов вожаи «asp» «яке аз иқтибосҳои куҳани мидӣ буда, гунаи ҷанубӣ-ғарбӣ ва ё форсии он аз тариқи забони форсии бостон дар исми aswar (форсии бостон asabara-) барҷой мондааст. Идома дар форсии нав: suwār ва ё баъдан sawār» (22, 254).

Аз гуфтаҳои боло чунин бармеояд, ки маҳз сифату хусусиятҳои нодири асп буд, ки вай дар он давра ба яке аз ҷузъҳои сермаҳсули номҳои эронӣ қарор гирифтааст.

Ҳамин тавр, дар «Шоҳнома»-и Ҳакими Тӯсӣ як иддаи муайяни номҳо мавҷуд ҳастанд, ки дар сохторашон ҷузъи «асп» ба назар мерасад. Дар зер мо ин силсиларо ҳадафи таҳлили сохторӣ, маъноӣ ва диахронӣ (то ҷое, ки имконият даст медиҳад) қарор хоҳем дод.

Арҷасп (Arjāsp)

Таърихи таҳаввул ва ташаккули **Арҷасп** ба таври зайл аз ҷониби муҳаққиқон баррасӣ гардидааст: дар «Авесто» **Аречатаспа** (ба маънии дорандаи аспи арзишманду гаронбаҳо) (30,586). Ин номвожа дар қисмати қадимтарини «Авесто» - «Готҳо» **Арчосб** шакл дорад, ки «бо Зардушт ва пазирандагони дини вай сари ситез дорад» ва душмани кеши Зардушт муаррифӣ гардидааст. Дар осори паҳлавӣ ба гунаи **Arjāsp** ба назар мерасад ва Фирдавсӣ онро дар шакли **Арҷасп** (ارجسپ) истифода бурдааст. Ҳамин тавр, ин ном аз ду ҷузъ ё ду баҳр таркиб ёфта, ҷузъи аввали он «arejat» (аречат) мебошад, ки маънои «арзиш, баҳо ва бузургворӣ»-ро дорад (2,41; 14,11). Дар паҳлавӣ ин вожа ба «arj» мубаддал шудааст. Ҷузъи дуюми ин номвожа «asp» (асп/б) мебошад, ки дар боло таҳаввули таърихӣ ва маънидоди он манзур гардид. Пури Довуд, Муҳаммад Муин, Баҳроми Фараҳвашӣ, Ҳусейн Шаҳиди Мозандаронӣ, Ҷалили Дӯстхоҳ ва дигарон ин номро «дорандаи аспи пурарзиш, арҷманд, боқимат (гаронбаҳо)» баррасӣ намудаанд (28,97-98; 2,14; 14,11; 29,30-31).

Беварасп (Bēvarasp)

Ҳамон Бевараспаш ҳамехонданд,

Чунин ном бар паҳлавӣ ронданд (24,1,44)

Мувофиқи баррасии муҳаққиқони бахши таърихи забон **бевар** дар «Авесто» шакли «baivara (байвара)» (даҳҳазор) (14,28), паҳлавӣ «bēvar» (даҳҳазор) (2,77) ва дар забони форсӣ-тоҷикии давраи нав «бевар» (даҳ ҳазор) (23,1,168; 1,55; 15,125) мебошад. «Бевар» ё даҳҳазор - Беварасп, ки лақаби Заҳҳок ва ба маънии **дорандаи даҳ ҳазор асб** мебошад, аз ин вожа муштақ шуда. Дар забони «Авесто» барои ин, ки теъдоди чизе хеле зиёд нишон дода шавад, вожаи **бевар** истеъмол шуда, масалан, дар «Меҳряшт» барои ин, ки қудрати тезбинӣ ва ҳисси даррокаи фаришта Меҳр нишон дода шавад, ӯро «беварчашм» ва «беваргӯш» хондаанд (14,28-29). Масалан, дар «Меҳряшт», кардаи дувум омадааст: «Меҳри фарохчарогоҳро меситоем, ки аз Мантра огоҳ аст. Забоновари **ҳазоргӯши даҳҳазорчашми** бурзманди баландболое, ки бар фарози бурҷе паҳн шудааст» (30,251), «[он меҳри] **даҳҳазор дидбони** аз ҳама чиз огоҳи нофирефтанӣ» (30,255), «Дуруд ба Меҳри фарохчарогоҳ [он] ҳазоргӯши даҳҳазорчашм» (30,265), «Дар гардунаи Меҳри фарохчарогоҳ ҳазор камони хушсохт ҳаст, ки басе аз онҳо ба зеҳи Гавасна оростааст» (30,271), «Он ҳазоргӯши даҳҳазорчашми даҳҳазор дидбон» (30,273) ва ғайра.

Гурзасп (Gurzasp)

Гурзасп аз ду ҷузъ таркиб ёфтааст: «qurz» ва «asp». **Гурз** дар «Авесто» - «varza» (14,93), ҳиндии бостон - «vāĵra» (гурзраъд, суръати раъд), дар паҳлавӣ - «vazra», дар курдӣ - «qūzr» (11,3,1793), дар забони осори классикӣ - «гурз», забони муосири тоҷикии адабӣ «гурз» аст. Ҳамин тавр, аҷдодони мо сифатҳои тездавию тезтагии аспро (махсусан, ҳолати аз боло ба поён ҳаракат кардани пойҳои он) ба афтиши **гурз** мушобеҳ намуда, номи **Гурзаспро** эҷод кардаанд, ки дар маҷмӯъ (ё таркибан) маънои «дорандаи аспи раъдсифат» мебошад.

Гаршосп (Garšāsp)

Чу шоҳи Яман сару дастурашон,

Чу Пирӯзи Гаршосп ганҷурашон (24,1,116)

Дар «Шоҳнома» панҷ тан бо номи Гаршосп ёдоварӣ шудаанд: 1) Гаршосп аз аҷдодони Рустами Зол, ки писари Атрад аст; 2) Гаршосп писари Зави Таҳмосп – шоҳи Эрон; 3) яке аз сардорону ганҷурони Фаридун; 4) Гаршосп номи паҳлавони эронӣ дар замони солории Нӯшервон; 5) Гаршосп номи сипаҳсолори Шопури Ардашер (27,700; 18,314).

Тибқи пажӯҳиши доктор Ҷалили Дӯстхоҳ, мутарҷими «Авесто», Гаршосп (дар «Авесто» - Кересаспа, ба маънии «дорандаи аспи лоғар») яке аз номдортарин чеҳраҳо дар асотири Эрон аст (30,621). Бо ақидаи муҳаққиқони дигар, ин ном дар «Авесто» дар сурати Keresāspa ва дар санскрит Kṛsasva омада, дар паҳлавӣ Kerešāspa шуда, аз ду ҷузъ таркиб ёфтааст: «Keresa+aspa». Ҷузъи аввали ин ном маънои «лоғар, танбал»-ро дорад (14,74; 11,3,1795; 2,256) ва аз ҳамин ҷиҳат аксари

донишмандон, аз ҷумла Пури Довуд, Муҳаммад Муин, Мӯбад Фирӯзи Озаргушасб, Ҷалили Дӯстхоҳ ва дигарон Гаршосбро «дорандаи аспи лоғар», «касе, ки асбаш танбал аст» маънидод кардаанд (20,195; 11,3,1795; 30,621; 14,74). Бо ташреҳи Ҷалили Дӯстхоҳ ва Пури Довуд, «Гаршосп яке аз номдортарин чеҳраҳо дар асотири Эрон» буда, «дар «Авесто» ба манзалаи Рустами «Шоҳнома» ё Ҳеракли асотири Юнон аст» (30,621-623). Авестошиноси маъруф Пури Довуд фарзияеро матраҳ месозад, ки тибқи он бар ивази Гаршосп (б) Каршосб хондан бештар ба воқеият қаробат дорад, зеро «дар нусхаи хаттии қадим дар байни ک (коф) ва گ (гоф) имтиёзе дар навиштан намедидаанд, шояд Фирдавсӣ ҳам дар аҳди хеш Гаршосб истеъмол карда бошад ва мумкин аст, ҳам «Каршосп» гуфта бошад» (20,195). Шояд чунин фарзия баҳсеро бо худ ҷалб намояд, зеро аз давраи китобати «Авесто» то «Шоҳнома» вақти дарозо сипарӣ шуда, имкони таҳаввули фонетикии ک ва گ ба воқеият бештар қарибӣ дошта бошад.

Гуштосп (Guštāsp)

Яке Гуштоспу дигар Зарир,

Ки зер оваридӣ сари наррашер (24,4,9)

Гуштосп дар «Шоҳнома»: 1) номи яке аз подшоҳони эронӣ (писари Луҳросп) ; 2) номи яке аз бузургони эронӣ - аз дудмони Меҳрон, ки падари бузурги Баҳроми Чӯбин буд (27,711; 29,625-627). Дар китоби муқаддаси зардуштиён - «Авесто» як силсилаи подшоҳони пешдодӣ ё каёнӣ маъруфу машҳуранд ва Кайгуштосп низ ба ин силсила дохил мешавад.

Сайри таърихии номвожаи «Гуштосп»-ро дар заминаи баррасии олимони эроншинос ба таври зер тарҳрезӣ кардан имконпазир аст:

«Гуштосп» дар «Авесто» Vištāspa, дар порсии қадим Vištāspa буда, аз ду ҷузъ шакл гирифтааст: Višta (Vishta) ба маънии «аз кор афтода» ва ҷузъи дувум aspa мебошад. Муҳаммад Муин ва Мӯбад Фирӯз ин номвожаро таркибан «дорандаи асби аз кор афтода» маънидод кардаанд (14,95; 91). Пури Довуд дар маънидоди «Виштосп» ва сайри таърихии он менигорад, ки «асрҳои аср аст, ки чанде ашхос дар таърихи Эрон Vištāspa (Виштоспа) номида шудаанд, ки дар ёдгориҳои адабию таърихии махсуси юнонӣ бо шакли Hystaspes (هیستاسپس) сабт шудааст ва аксари муаррихони эронӣ ва араб ин номро Bištāsb (بشتاسپ) ва Bištāsf (بشتاسف) сабт кардаанд ва маънои ин ном «дорандаи аспи саркаш, тундхӯ, ромнашуда» мебошад (20,269).

Ин номро номшинос О.Ғафуров «аспи зӯр» маънидод кардааст. Вай чунин пешниҳод ва арзи ақоид мекунад, ки «Гуштосп» ягона василаест, ки китоби муқаддаси дини Зардушт - «Авесто»-ро бо порсии қадим ва таърихи бостонии Эрон мепайвандад. Барои исботи фикри худ қайд мекунад, ки «Гуштосп, падари шоҳ Дорои машҳур мебошад, ки дар Порфия ҳоким буд ва Гуштоспи дар «Авесто» омада ҳомии Зардушт хонда шудааст» (4,71).

Тибқи баррасии ин номвожа Кент «Гуштосп»-ро «дорандаи аспи зӯр, омода, тайёр» маънидод намуда, дар қавсайн маънидоди муҳаққиқини дигарро низ меорад, ки дар шарҳи ин ном ҷонибдори маънои «дорандаи аспи лоғар» мебошанд (7,209).

Зарасп (Zarasp)

Зараспи сипаҳбад нигаҳдорашон,

Ки бурдӣ ба ҳар кор теморашон (24,4,17)

Дар хусуси таърихи таҳаввул ва маънои номвожаи Зарасп дар маъхазҳои илмӣ чизе навишта нашудааст. Тахмин меравад, ки ин ном таркибан аз ду ҷузъ (zar+aspa) иборат аст ва шояд маънои «дорандаи аспи зард, заррин мӯй ва тиллоранг»-ро дошта бошад. Муқоиса кунед: Зартушт, Зардушт. Ин ном дар «Авесто» шакли Zaratuštra (Заратуштра)-ро дошта, тибқи маънидоди олимони авестошинос «дорандаи уштури зард» ва ё «дорандаи рӯшноии заррин ранг» мебошад (30,643).

Лухрасп (Luhrasp)

Чу Лухрасп биншаст бар тахти дод,

Ба шоҳаншаҳӣ тоҷ бар сар ниҳод (24,6,9)

Ин ном дар «Авесто» ба сурати aurvat-aspa (14,6; 29,653) омадааст ва тадричан дар натиҷаи тағйироти фонетикӣ ба Лухрасп мубаддал шудааст. Ин ном дар матнҳои паҳлавӣ гунаи luhr-āsp-ро дорад (2,248). Лухрасп дар «Авесто» мураккаб аст аз ду ҷузъ: aurvat+aspa. Ҷузъи якуми ин номвожа

(aurvat) дар «Авесто» ба ду маъно омадааст: 1) тез, тунд, тездав ва тезтак; 2) барои ифодаи сифати хуршед (тиллоранг) (29,262-263).

Гурӯҳи дигари олимон, аз ҷумла О.Ғафуров, Ф.Абдулло ва дигарон бо такя бар маънои дувуми калимаи «aurvat» Луҳраспро маънидод кардаанд. Масалан, ба ақидаи номшинос О.Ғафуров, калимаи Луҳр<руҳр<рудҳр дар забони форсӣ (тоҷикӣ)-и муосир дар шакли танҳо боқӣ намондааст. Пас, маънои онро чӣ хел баррасӣ кард? Қайд кардан лозим аст, ки дар бисёр забонҳои ҳиндуаврупоӣ калимаҳое то ҳол дар истифодаанд, ки ба калимаи луҳр<руҳр<рудҳр ҳамреша мебошанд. Масалан, «rote»-и немисӣ (дар асри X1X дар шакли «rothe»-сурх мустаъмал буд), «rudy»-и чехӣ, «рудий»-украинӣ ба маънои «сурх, зард», «red»-и англисӣ ба маънои «сурх».

Пас, ба хулосаи номшинос А.Ғафуров, Руҳрасп, Луҳрасп маънои «аспи сурх ё ин ки дорандаи аспи сурх»-ро дорад (4,94-95).

Ба идомаи ин баррасӣ ҳаминро илова кардан бамаврид аст, ки дар гурӯҳи забонҳои помирӣ, аз ҷумла рӯшонию хуфӣ «rōšt», дар шуғнонӣ «rōšt, rūšt» (6,324) маънои «сурх»-ро дорад ва онҳо мустақиман ба «aurvat»-и «Авесто» ва луҳр<руҳр<рудҳр хешию қаробати қавӣ доранд. Фотеҳ Абдулло низ Луҳраспро «дорандаи аспи сурх, доро» шарҳ додааст, ки «доро» дар он мавқеъ надорад (25,59). Пас, ин мисолҳо бори дигар собит месозанд, ки «aurvat» дар номвожаи Луҳрасп (таърихан) маънои «сурх»-ро ифода мекардааст.

Шедасп (Šēdasp)

Пас озода Шедасп фарзанди шоҳ,
Чу Рустам дарояд ба рӯи сипоҳ (24,6,89)

Ин номвожа аз ду ҷузъ: Шед+асп иборат буда, дар маҷмӯъ маънои «аспи зебо ё бағоят зебо»-ро дорад.

Ҷомасп (jāmasp)

Бихонад он замон пири Ҷомаспро,
Кучо роҳбар буд Гуштоспро (24,6,77)

Аз таҳлил ва баррасии Мӯбад Фирӯз бармеояд, ки ин номвожа дар «Авесто» шакли yāmāspa-ро дорад. Доктор Мансур Растагори Фасоӣ бошад, зимни такя бо афкори Бартоломе ва Пури Довуд нишон медиҳад, ки ин ном дар «Авесто» шакли Jāmāspa, паҳлавӣ Jāmasp-ро доро будааст (9,1,301). Тибқи баррасии мавсуф, ин ном маъниҳои «дорандаи асб ё соҳиби асп ё касе, ки асбро маҳор (муҷаҳҳаз мекунад, зину афзор мезанад - Д.М.) мекунад ва меронад» ифода мекунад (9,301). Ба ақидаи олими эроншинос И.Гершевич, «дар мавриди луғати Ankamaššiš, ки дар катибаҳои ҳахоманишӣ дар тахти Ҷамшед омадааст, менависад, ки дар мавриди луғати авестоии Ĵāmaspa дар Персуполис Zamašba омадааст, ки «раҳбари аспҳо» маънӣ медиҳад» (9,301).

Гумон меравад, ки ин ном аз ду ҷузъ (yāma+aspa) иборат буда, ҷузъи аввали он ба yam-и авестоӣ ва «ҷам»-и Ҷамшед ҳамсанг мебошад. Маънии «yam» ё «ĵam» то ба ҳол ноошно маҳсуб меёбад, ки номшиносон бо ин матлаб борҳо таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд (5,1,301; 3,186).

Таҳмасп (Tahmasp)

Ин номвожа дар «Авесто» - Tumāspa (14,41) буда, аз рӯи сохташ мураккаб мебошад: «tuma (зӯрманд, фарбеҳ)+asp», яъне дар маҷмӯъ «дорандаи аспи зӯр ё аспи фарбеҳ» (11,2,1362). Қобили зикр аст, ки доктор М.Муин «tahm»-и Таҳмаспро аз «tahm»-и Таҳамтан, Рустам, Густаҳм ҷудо намуда, ҳар яки онҳоро ба таври мутафарриқ шарҳ медиҳад. Асос дар ин маврид тарзи навишти Таҳмасп (яъне «таҳм» бо ط-и иткӣ - طهم) ва Таҳамтан (бо т-и марбута - تهم) дар алифбои ачдодии мо - арабиасоси форсии тоҷикӣ мебошад (таваҷҷуҳ кунед: طهماسپ-تهمتن). Мӯбад Фирӯз Таҳмаспро «дорандаи аспи неруманд ва қавӣ» маънидод карда, собит месозад, ки «таҳм ба маънии «зӯр» ва «неру» дар аввали вожаҳои Таҳамтан, Таҳмина ва Таҳмасб омадааст» (14,37).

Чу Эзидгушасп, дигар Бурзмеҳр,
Дабири хирадманду бо фарру меҳр (29,89)

Ин ном аз рӯи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои Эзид+гушасп иборат мебошад ва маънои зеринро дар маҷмӯъ дар худ нуҳуфтаанд: Эзид (Эзад, Изад) аз вожаи авестоии «yazata» - «дархури ситоиш, сутуданӣ», дар забони паҳлавӣ «yazd» - «сутуданӣ» (19,94). Бо эътирофи авестошинос Ҷалили Дӯстхоҳ «Изад» унвони куллии ҳамаи менувиёни дастёру коргузори Офаридгор дар офариниши аҳуроӣ ва низ унвоне барои ашаванони минуиву ҷаҳонӣ сухан ба миён омада, ки Аҳурамаздо

сарвари изадони минуӣ ва Зардушт солори изадони ҷаҳонӣ аст» (30,645). Ҳамин тавр, «Эзид» дар ин номвожа маънои «писандида»-ро доро буда, дар якҷоягӣ ба «гушасп» маънои «Гушаспи писандида»-ро ифода мекунад. Баррасии «Гушасп» ё «Гуштосп» дар бахши боло манзур гардидааст.

Бонугушасп (Bānūgušasp)

Ин ном аз се ҷузъ: Бону+Гуш+асп шакл гирифта, маънои «бонуи дорандаи аспи қавӣ ва тездав»-ро ифода мекунад (дар бораи таърих, сохт ва маънидоди Гушасп таваҷҷуҳ гардад ба номи «Гуштосп» ва гунаи он - «Гушасп»).

Озаргушасп (Ozargušasp)

Яке ном Нӯзар, дигар чун Зарасп,

Ба майдон ба монанди Озаргушасп (29,7)

Ин ном дар паҳлавӣ Ātūr Gushnasp буда, аз Atūr ба маънии «оташ» ва Gushnasp: мураккаб аз «gushn» ба маънии «нару нарина» ва «asp» аст. Бинобар ин, номвожаи Озаргушасп маънои «оташи аспи нор»-ро дорад (29,4). Дар «Бурҳони қотеъ» ва фарҳангҳои дигар ин номвожа ба таври зайл шарҳу тавзеҳ ёфтааст, ки аз маънидоди боло тамоман фарқ мекунад: «Озаргушасп - номи оташкадаи Гуштосп аст, ки дар Балх сохта буд ва тамоми ганҷҳои худро он ҷо гузошта. Ва Зулқарнайн онро хароб кард ва ганҷҳоро бардошт. Ва мутлақ «оташкада»-ро низ гӯянд ва ба маънии «барқ» ҳам омадааст ва «оташ» ва «оташпараст»-ро низ гуфтаанд ва номи фариштаест муваккал бар оташ ва пайваста дар оташ мақом дорад ва маънии таркибии он **оташи ҷаҳанда** бошад, чи **озар** ба маънии «оташ» ва **гушасп** ба маънии «ҷиҳанда» ва «хезкунанда» омадааст. Ва ин маънӣ муносибате тамом ба барқ дорад» (13,47). Маънидоди ин номвожа дар «Ғиёс-ул-луғот» низ ба «Бурҳон…» қаробат дорад. Муҳаммад Ғиёсуддин дар тавзеҳи ин номвожа менигорад: «**Озаргушасп** - ба маънии оташи ҷаҳанда, ки иборат аз барқ аст ва номи оташхона: чун ҳамеша оташи он шуълазан мемонад, лиҳозо ба исми барқ мусаммо гардид. Ва баъзе гӯянд, ки ин мухаффафи **Озаргуштосп** аст, чаро, ки бинокардаи подшоҳ Гуштосп буд (аз «Сироҷ-ул-луғот» ва «Шарҳи Сикандарнома» ва «Рашидӣ»)» (12,22). Тибқи хулосаи доктор Мансури Растагори Фасоӣ «чунон ки дар «Бурҳони қотеъ» ва дигар фарҳангҳо омадааст, маънои он «оташи ҷаҳанда» нест» (9,4). Ҳусайн Шаҳиди Мозандаронӣ (Бежан) Озаргушаспро дар паҳлавӣ ба шакли āturgušnasp (آتورگشنسپ) баррасӣ намуда, нишон медиҳад, ки ин номвожа аз рӯи сохт «рӯи ҳам аз се баҳр» сохта шудааст: 1) атур (اتور) = озар (آذر), оташ; 2) Гушнасп, ки ин низ аз ду баҳр (қисм - Д.М.) дуруст шудааст. Gušan (گشن)+asp (اسپ). Gušan дар паҳлавӣ ва форсӣ ба маънии «нар ва нарина» аст. Ва дар бархе аз сурудаҳои порсӣ ба маънии «анбуҳ» ҳам омадааст. Маънии Озаргушасп ё Гушасп «оташи аспи нар» ё «оташи аспи ҷаҳанда» мебошад (9,4-5). Муаллиф маънии дувум - «оташи аспи ҷаҳанда»-ро такя ба тавзеҳи «Бурҳони қотеъ» ба анҷом расонидааст. Тавре ки дар боло зикр шуд, ташреҳи дувум (яъне «оташи аспи ҷаҳанда») ба асли маънии «Озаргушасп» тавъам набуда, барои собит шуданаш далелҳои воқеӣ зарур аст. Ҳамзамон шоистаи таъкид аст, ки Ҷалили Дӯстхоҳ низ муътақид бар он аст, ки ин номвожа дар «Авесто» - Отургушнасп ва дар паҳлавӣ – Одургушнасп, дар форсӣ - Озаргушнасп ё Озаргушнасб ё Озаргушасп ба маънии «оташи аспи нар» мебошад (30,628).

Ба андешаи олимон, Гушнасп ё Гушасп «номе буд, ки дар миёни эрониёни пеш аз ислом бисёр ривоҷ доштааст. Чунончи, дар номи бисёре аз эрониёни бостон онро мебинем, монанди Бонугушасп, Эзидгушасп, Гавгушасп, Номдоргушасп, Ойингушасп ва …» (29,7). Ба ин номгӯ боз Ҳамадонгушасп (Ба қалб андарун буд Ҳамадонгушасп, Ки дар най задӣ оташ аз наъли асп (29,761)), Нардогушасп (Ба пушти сипаҳ буд Нардогушасп, Куҷо думи шерон гирифтӣ зи асп (29,532)) афзудан айни матлаб аст.

Ҳамин тавр, дар ташаккули як теъдоди номвожаҳои «Шоҳнома» ҷузъи «асп» серистифода буда, собит месозад, ки он чун ҳайвони муқаддас дар байни ҷадду ниёгонамон мақоми хоса доштааст ва сифатҳои беҳини он гузаштагонамонро ҳидоят намудаанд, ки ин сифатҳоро дар симои ворисони худ бубинанд.

АДАБИЁТ

1. Ализода И. Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома». - Душанбе: Адиб, 1992. – 496 с.
2. Баҳроми Фараҳвашӣ. Фарҳанги паҳлавӣ. - Эрон: Интишороти бунёди Фарҳанг, 24.
3. Ваҳҳобов Т. Ҳақиқат зодаи баҳс аст. - Хуҷанд: Хуросон, 2010. – 288 с.
4. Гафуров А. Лев и Кипарис: о восточных именах. – М.: Наука, 1971.– 240 с.
5. Ғафуров О. Маънои ҳазору як ном. - Душанбе: Маориф, 1987. – 176 с.
6. Зарубин И.И. Шугнанские тексты и словарь. - М.-Л.: Из-во АН СССР, 1960. – 390 с.
7. Kent R. Old persian. Grammar, texts, lexicon (2nd ed). - New Hawen. Connecticut, 1953.
8. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён (тарҷумаи Рашид Ёсуман). – Теҳрон, 1332 шамсӣ.

9. Мансури Растагори Фасоӣ. Фарҳанги номҳои «Шоҳнома». Ҷ.1. – Теҳрон: Муассисаи мутолиот ва таҳқиқоти фарҳангӣ, 1369. – 594 с.
10. Мирзоев Х.Х. Таджикская и английская гиппологическая терминология в историческом сравнительном освещении. - Душанбе: Ирфон, 2010. - 152с.
11. Муин М. Фарҳанги форсӣ. Ҷ.1-6. – Теҳрон: Амири Кабир, 1363.
12. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. Таҳияи матн бо пешгуфтор, тавзеҳот ва феҳристи А.Нуров. – Душанбе: Адиб. - Ҷ.1, 1987.- 480 с.; Ҷ.2, 1988. - 416 с.; Ҷ.3, 1989. - 304 с.
13. Муҳаммадҳусейни Бурҳон. Бурҳони қотеъ (таҳияи матн Нуров А). Ҷ.1. – Душанбе, 1993. – 416 с.
14. Мӯбад Фирӯзи Озаргушасп. Бахш аз фарҳанги «Авасто» ва татбиқи он бо форсӣ ва курдӣ. – Шаҳриюр, 1337 хуршедӣ. – 105 с.
15. Нӯшин Абдулҳусайн. Вожаномак (Фарҳанги вожаҳои душвори «Шоҳнома»). Теҳрон: Интишороти Муин, 1386. – 479 с.
16. Оранский И.М. Введение в иранскую филологию. – М.: Наука, 1960. – 388 с.
17. Оранский И.М. Иранские языки. – М.: ИВЛ, 1963. – 204 с.
18. Парвиз Атобакӣ. Вожаномаи «Шоҳнома» (шомили шарҳи луғот, истилоҳот, номҳо ва ҷойҳои «Шоҳнома»). – Теҳрон: Фарзон, 1379. – 369с.
19. Пошанг М. Зебономҳои ориёӣ. - Душанбе: Бухоро, 2012. – 430 с.
20. Пури Довуд. Яштҳо. Ҷ.1. Чопи дувум. - Теҳрон, 1347 хур.
21. Расторгуева В.С., Эдельман Д.И. Этимологический словарь иранских языков. Т.1. – М.: Восточная литература, РАН, 2000. – 328 с.
22. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна. - Душанбе: Пайванд, 2001. – 310 с.
23. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. – М.: СЭ, 1969. - Ҷилди I. - 952 с.; Ҷилди II. – 948 с.
24. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Матни интиқодӣ. Ҷилдҳои 1-9. – М: Наука, 1960-1971 (бо ҳуруфи арабӣ).
25. Фотеҳ Абдулло. Номнома. - Душанбе: Ирфон, 1972. – 72 с.
26. Фрай Р. Наследие Ирана. Культура народов Востока. Материалы и исследования. – М.: Наука, 1-е изд., 1972; 2-е изд. – М.: Восточная литература, 2002. – 426 с.
27. Fritz Wolff. Glossar zu Firdosis Schahname. – Berlin, 1935. Инчунин чопи форсии ин луғат сурат гирифтааст. Ниг.: Фритс Волф. Фарҳанги «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. – Теҳрон, 1998.
28. Халафи Табрезӣ. Бурҳони қотеъ. Бо эҳтимоми доктор М.Муин. - Теҳрон, 1330 шамсӣ.
29. Ҳусайн Шаҳиди Мозандаронӣ. Фарҳанги «Шоҳнома». Номи касон ва ҷойҳо. Нашри Балх. - Бунёди Нишобур, 1337. - 814 с.
30. Ҷалили Дӯстхоҳ. Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. - Душанбе: Қонуният, 2001. – 792 с.

АНТРОПОНИМЫ С КОМПОНЕНТОМ «АСП»

В составе собранных личных имен огромный пласт составляют имена с компонентом «асп», занимающий видное положение среди имяобразующих патронимов «Шахнаме». Таких как Арҷасп, Гуштасп, Луҳрасп, Эзидгушасп, Шедасп, Ҷомасп, Таҳмасп и другие. В данном случае термин «имяобразующий патроним» нами был использован в значении имяобразующего компонента.

Так как древние иранцы были кочевниками – животноводами, антро-понимические наименования, построенные с патронимией «асп», были широко распространены с древнейших времен среди ираноязычных племен и народов.

Ключевые слова: *антропонимика, патроним, ономастика, словообразование, асп (конь).*

ANTHROPONYMS WITH THE «ASP» COMPONENT

In the composition of the collected personal names, a huge layer is made up of names with the "asp" component, which occupies a prominent position among the name-forming patronymics of "Shahnameh". Such as Arkasp, Gushtasp, Lurasp, Ezidgushasp, Shadasp, Komasp, Taumasp and others. In this case, the term "name-generating patronym" was used by us in the meaning of the name-forming component.

Since the ancient Iranians were nomads - livestock breeders, the anthro-understanding names built with the patronymic "asp" were widespread from ancient times among the Iranian-speaking tribes and peoples.

Key words: *anthroponymics, patronymics, onomastics, word formation, asp (horse).*

Сведения об автора:

Майнусов Дониш Фазлиддинович *– доцент кафедры иностранных языков, Таджикского государственного университет права, бизнеса и политики. E-mail: Info@tsulbp.tj*

About the author:

Mainusov Donish Fazliddinovich *- Associate Professor of the Department of Foreign Languages, Tajik State University of Law, Business and Politics. E-mail: Info@tsulbp.tj*

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ КОРБУРДИ ВОЖАҲОИ АСЛИИ ТОҶИКИИ МУАРРАБГАРДИДА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКИВУ РУСӢ

Қобилов А.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Иқтибос яке аз муҳимтарин манбаъҳои ғанӣ гардидани таркиби луғавии ҳар кадом забон ба шумор меравад. Аз ин рӯ, огоҳ гардидан аз асли решаи калимаҳои ба забони дигар интиқолёфта, ошкор кардани хусусиятҳои сохториву маъноӣ, ошноӣ пайдо намуданистифодаашон дар марҳилаҳои мухталифи инкишофи ҳар гуна забон яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносӣ маҳсуб мешавад.

Аз таҳлил ва муқоисаву муқобала мусаллам мегардад, ки дохил шудани унсурҳои луғавӣ аз як забон ба забонҳои дигар аз замони хеле қадим шурӯъ шудааст. Чунин манзараро дар мисоли забони тоҷикӣ метавон нишон дод, роҳёбии унсурҳои луғавии забонҳои дигар ба ин забон ва, баръакс, забонҳои дигар ба тоҷикӣ таърихи беш аз сеҳазорсола дорад. Ҳанӯз дар даврони пешазмелодӣ ҳиссаи муайяни калимаҳо аз забони ниёгони тоҷикон ба забонҳои дигар ва аз он забонҳо ба таркиби луғавии тоҷикӣ дохил гардида, бо гузашти замон қиёфаи аслии худро чунон тағйир додаанд, ки бегона буданашонро метавон танҳо дар натиҷаи таҳлили амиқи забоншиносӣ муайян кардан мумкин аст.

Аз таърих маълум аст, ки байни арабҳо ва қавмҳои дигари рубъи маскун муносибатҳои иқтисодиву сиёсиву фарҳангӣ барқарор буд. Иддае аз онҳо дар ҳамсоягии қавми араб зиндагӣ доштанд. Ҳамзистии якҷояи аҳвоми Бакру Ҳинду Ҳабашро бо юнониён дар ҷазираи Араб Суютӣ дар “Мазҳар”-и худ махсус таъкид намудааст [7, ҷ. 1, с. 14].

Ин ҷо маҷоли таҳлили муфассали кулли унсурҳои луғавии нест, аз ин рӯ, танҳо доир ба сайри таърихии чанд вожаи аслии тоҷикии ба истилоҳ “сайёр”-е сухан хоҳад рафт, ки замоне ба таркиби луғавии забони арабӣ роҳ ёфта, баъдан ба чанд забони дигар, аз ҷумла аврупоӣ ворид гардидаанд. Далели ин гуфта унсури луғавии аслии тоҷикии бадахш аст, ки дар забони русӣ ба гунаи *балас* ба маънои «санги қимат» ба кор меравад [2, ҷ. 1, с. 42].

Ба андешаи М.Фасмер унсури луғавии *балас* аз *balxash*-и арабӣ тавассути забони лотинӣ *balascius* ба забони франсавӣ дар шакли *balais* оҳ ёфта, аз он ба таркиби луғавии забони русӣ иқтибос шудааст. Ӯ қайд мекунад, ки бо вожаи фавқ калимаи *бадахшон* робита дорад [4, ҷ.1, с. 113]. Аз як қайди А. Деҳхудо маълум мешавад, ки калимаи *бадахш* гунаи мухаффафи *бадахшон* маҳсуб гардида, маъноияш ҳамон лаъл мебошад [9, ҷ. 10, с. 125].

Аз як ишораи муаллифи “Вожаҳои арабии форсишуда” маълум мегардад, ки вожаи *balxash* дар асл арабӣ набуда, *бадахши* форсӣ-тоҷикӣ аст, ки ба забони арабӣ бо ибдоли ҳамсадои ***д*** ба ***л***, ки аз ҷумлаи ҳодисаҳои маъмули баъзе забонҳои дунё, ба хусус оилаи забонҳои эронӣ ба шумор меравад, иқтибос шудааст [10, с. 43]. А. Деҳхудо низ вожаи *balxash*-ро шакли муаррабшудаи унсури луғавии *бадахш* ба шумор овардааст [9, ҷ. 10, с. 125].

Аз чунин қайду ишораҳо маълум мешавад, ки сарчашмаи вожаи *балас*и русӣ арабӣ набуда, мансуб ба форсӣ-тоҷикист, ки тавассути забони арабӣ ба забонҳои аврупоӣ, аз ҷумла русӣ интиқол ёфтааст.

Аён аст, ки кишваркушоиҳои арабҳо дар Испания баъди фатҳи Африқои шимолӣ аз даҳсолаи дуюми қарни VIII оғоз гардидааст ва ин ҳукмронӣ то соли 1492-юм, яъне то даврони шикасти ниҳоии онҳо аз Фердинанд идома ёфт [1, ҷ. 2, с. 199]. Дар ин ҳангом гурӯҳе аз калимаҳои тоҷикие, ки ба забони арабӣ иқтибос шуда буданд, тавассути забони арабӣ ба забонҳои Аврупои Ғарбӣ роҳ ёфтаанд.

Унсури луғавии *qafton* низ аз қабили ҳамин гуна калимаҳо буда, аз қадимулайём дар забони форсӣ-тоҷикӣ дар шакли *хафтон* гардиш дошт ва дорои маънои “ҷомаи аз таги зиреҳ пӯшидашавандаи сипоҳиён” аст [3, ҷ. 2. с. 432]. Ҳанӯз хеле барвақт тоифаҳои русзабон ин унсури луғавиро дар шаклҳои *кафтан, кавтанъ, кофтанъ* ба маънои “либоси болоии мардона” мавриди истифода қарор додаанд [2, ҷ. 2. с. 103]. Калимаи мавриди таҳлил дар забони номбурда дар шакли кофта низ ба кор рафтааст. Фарқи гунаи охир аз се шакли фавқ ҳамин аст, ки агар шаклҳои нахустро мардуми рус дар ифодаи маънои “либоси мардона” мавриди истеъмол қарор медода

бошанд, пас шакли тахфифёфтааш- *кофта*ро, ки ба андешаи бархе фарҳангнигорон бо *кафтан, кавтанъ, кофтанъ* ҳамреша мебошад [4, ҷ. 2, с. 356], дар баёни маънои “либоси занона” истифода намудаанд. Дар чунин маъно ба кор м рафтани ин вожа то ҳол дар забони русӣ маъмул аст. Сайри таърихии воҳиди луғавии мазкурро метавон ба таври зерин нишон дод: ин вожаи аслии форсӣ-тоҷикӣ нахуст ба забони арабӣ дохил гардида, баъдан ба чанде аз забонҳои туркӣ, мисли туркӣ, озарӣ, крим-тоторӣ ворид шуд ва тавассути онҳо ба таркиби луғавии забони русӣ роҳ ёфт [4, ҷ. 2, с. 212]. Забоншинос Холшехова С. оиди вожаи *кафтан* мулоҳизаронӣ карда, қайд менамояд, ки ин вожа шакли таҳаввулёфтаи унсури луғавии *хафтон* аст, ки аз забони ниёгони тоҷикон ба арабӣ дохил гардидааст [5, с. 23]. Аммо муҳаққиқи калдонӣ Э. Шир вожаи *хафтон*-ро муарраб шуморида, қайд кардааст, ки шакли форсии *хафтон* ба забонҳои туркӣ ба гунаи *қафтон* интиқол гардидааст [10, с. 88].

Аз таҳлилу муқоисаи гардиши ин калима дар чанд забони дунё метавон ба чунин бардошт расид, ки вожаи мавриди таҳлил мансуб ба забони форсӣ -тоҷикӣ буда, тавассути забони арабӣ ба забонҳои аврупоӣ дохил нагардидааст, балки ба воситаи забони туркӣ ба забонҳои аврупоӣ роҳ ёфтааст. Далели мо дар ин маврид ҳамин буда метавонад, ки Алиакбари Деҳхудо дар луғатномааш фармудааст: “Дар қавомиси араб истеъмоли ин калима аз қарни XVI болотар нест...” [9, ҷ. 15, с. 356]. Чунонки дар боло ишора шуд, роҳёбии аксари вомвожаҳои тоҷикӣ тавассути забони арабӣ, ё забонҳои туркӣ ба забонҳои аврупоӣ то асри XVI ба назар мерасад.

Аз таҳлил чанд аносири луғавии фавқ шояд равшан шуда бошад, ки дар хусуси асли онҳо дар байни муҳаққиқону фарҳангнигорон назари ягона вуҷуд надорад. Чунин баҳс дар мавриди калимаи *ёсуман* низ вуҷуд дорад. Вожаи мазкур низ яке аз унсурҳои луғавии сайёр ба шумор омада, дар забони юнонӣ дар шакли *yāsme*, дар оромӣ ба гунаи *yasme,* дар румӣ- *gelsiminum,* дар франсавию олмонӣ- *jasmin,* дар англисӣ- *jasmine* ва дар арманӣ- *hāsmik* ба кор меравад [10, с. 243].

Дар забони русӣ воҳиди луғавии *жасмин* ба маънои «растанӣ, навъи гул» ба назар мерасад [4, ҷ. 1, с. 628]. Олим ва луғатшиноси немис М. Фасмер доир ба мансубияти вожаи мазкур мулоҳизаронӣ карда, дар асл онро арабӣ донистааст ва таъкид намудааст, ки он ба воситаи забони франсавӣ (*jasmin*) ба русӣ ворид шудааст [4, ҷ. 2, с. 36], вале Э. Шир муарраб будани унсури луғавии номбурдаро ишора карда, бо такя ба гуфтаи Bescherelle сарчашмаи ин вожаро аз *asmi*-и мисрӣ ба шумор овардааст [10, с. 243].

Дар забони тоҷикӣ вожаи мазкур дар шаклҳои *ёсамин, ёсуман* ба маънои “гулбуттаи гули сафеду кабуд ва зарди хушбӯйдошта серистеъмол аст [3, ҷ. 1, с. 494]. Дар байни мардуми тоҷик калимаи мазкур дар шаклҳои тахфифёфтаи *саман, суман* низ мавриди истифода қарор дорад.

Ба ду гуна истифода гардидани ин воҳиди луғавиро дар забони русӣ низ метавон дучор омад, яъне мардуми рус *ёсуман* / *ёсамин*ро дар шаклҳои *жасмин* ва *ясминъ* низ ба кор мебаранд [2, ҷ. 4, с.702]. Сабаби чунин дугунагии ин воҳиди луғавӣ бояд натиҷаи тавассути саршчашмаҳои гуногун ё забонҳои мухталиф иқтибос шудани он бошад.

Унсури луғавии дигари эрониасл, ба хусус тоҷикӣ, ки ба воситаи забони арабӣ ба забонҳои дунё роҳ ёфта, дар ҷараёни воридшавӣ дар шаклу маънояш таҳаввулот ба вуқӯъ омадааст, *фағфур* мебошад. Иддае аз фарҳангнигорон сарчашмаи *фарфор*-и русиро иқтибос аз забони арабӣ ҳисоб кардаанд, ки забонҳои туркӣ ворид шудааст [4, ҷ. 4, с. 187].

Дар бораи унсури луғавии *фағфур* А. Деҳхудо овардааст: “Лақаби подшоҳони Чинро гӯянд. *Фағфур* вожаи мураккаб буда, қисми аввали вожа *фаг* – ба маънои “Худо, бут” ва қисмати дувумаш *фур* ё *пур* –ба маънои “писар” аст. Корбурди ин калима дар таърихи забони тоҷикӣ собиқаи басо куҳан дошта, онро ҳанӯз Абулқосими Фирдавсӣ дар “Шоҳнома”-аш истифода намудааст:

Чу огоҳӣ омад ба ***фағфур*** *аз ин,*

Ки омад фиристоде сӯи Чин.[ниг. 9, ҷ. 37, с. 285]

Дар бораи этимологияи вожаи *фаг* ё *фуг* забоншинос А. Ҳасанзода мулоҳизаронӣ намуда, чунин навиштааст: “*Фаг* аз *bagа* ё *baγa*-и аҳди бостон ба маънои «Худо, Яздон» буда, ҳар ду мувозии тазаккурёфта аз решаи *bag* ба маънои «тақсим кардан; ихтисос додан» ибтидо ёфтаанд. *Bagа* ва *baγa* минбаъд дар «Авесто» бо тобиши нави маъно- «сарвар, арбоб, Худо, Яздон» ва дар порсии бостон ба гунаи *bagа* ба маънои «Худо, Яздон» мустаъмал гардид” [6, с. 442].

Дар хусуси усули пайдоиши шакли фағфур бояд гуфт, ки он сараввал дар шакли *бағпур* маъмул гардида, баъдан гунаи *фағфур* ба вуҷуд омадааст. Шакли *бағпур*ро мураттибони «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» қайд намуда, онро «фарзанди Худо: форсиёни қадим подшоҳи худро чунин меномиданд» эзоҳ додаанд [3, ҷ. 1, с. 109].

Аз таҳлил маълум мегардад, ки бахши дуюми калима- *пур* дар асл *пусра* буда, бо калимаи *путра* забони санскит робита дорад [9, ҷ. 37, с. 285]. Аз ҳамин шакл минбаъд дар таърихи забони

тоҷикӣ бо таъсири хусусиятҳои гуногуни овоии ду шохаи забонҳои ғарбиэ́ронӣ: шимолӣ-ғарбӣ ва ҷанубӣ-ғарбии эронӣ шаклҳои *пус, писар, пуҳр* ва *пур* ба вуҷуд омадаанд.

Аз баррасии чанд вожаи фавқ маълум гардид, ки чунин аносири луғавӣ дар асл решаи сирф эронӣ дошта, бо гузашти замон ва таҳозои даврон аз як забон ба дигаре бо вижагиҳои муайяни овоиву маъноӣ ворид шуда, дар такмили таркиби луғавии онҳо саҳми муносиб гузоштаанд. Дар роҳёбии ин гуна унсурҳои луғавӣва ба дигаргунии шакливу маъноӣ гузаштани чунин калимаҳо нақши забони арабӣ ҳамчун забони миёнарав калон аст. Зикр намудан бамаврид аст, ки таҳаввулоти овозии дар онҳо бавуҷудомада зери таъсири забонҳои бегона ҷараён гирифтааст.

Маълум мешавад, ки забони тоҷикӣ дар гузаштаи дуру наздик на танҳо дорои таркиби луғавиибой будааст, балки он ҳамчун забони тавоно дар ғаноманд гардидани забонҳои дигари дунё хидмати шоистаеро ба ҷо овардааст.

АДАБИЁТ

1. Абдусаттор А. Таърихи адабиёти Араб Абдусаттор А. Ҷилди 2. -Душанбе, 2009. -259 с.
2. Даль В. Толковый словарь великорусского языка. Том 1 А-З / В Даль. -М.: Кузнецкий мость, 1980. -658 с.
3. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1.949 с.; ҷилди 2, 944 с. – Душанбе, 2008.
4. Фасмер М. Этимологический словарь русского языка. В четырех томах / М. Фасмер. – М.: Прогресс. Том 1 [А-Д], 1986. – 573 с.; том 2 [Е-муж], – 1987. -671 с.; том 4 [Т-ящур], 1987. -860 с.
5. Холшехова С. Калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони русии садаҳои XI-XVII: рисола барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ / Холшехова С. – Хуҷанд, 2019. – 151 с.
6. Ҳасанзода А. Асолати забон ва маҳдрати баён. -Хуҷанд: Ношир, 2018.-516 с.
7. المزهر فی علوم اللغۀ و انواعها. الجوء الاول. مکتبۀ دار التراث 2008
8. لسان العرب. ابن المنظور. بیرت 1982- دار الصادر
9. لغتنامه. دهخدا ع . جلدهای اوّل بنجاهم. مؤسسهء انتشارات و چاپ دانشگاه تهران1372-1373
10. واژه های فارسی عربی شوده. السید ادّی شیر. ترجمهء حمید طبیبان. مؤسسهۀ انتشارات امیر کبیر .تهران 1386.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИСКОННЫХ ТАДЖИКСКИХ АРАБИЗИРОВАННЫХ СЛОВ В ТАДЖИКСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается пути и способы перехода исконно таджикских слов через один или несколько других языков в лексический состав русского языка.

Исследуя языковых материалов таджикского, арабского и русского языков, автором сделана попытка показать как переходят слова с одного языка на другой.

Для определения этимологии некоторых из обсуждаемых в статье слов автор обратился к ряду толковых и этимологических словарей, стремясь отразить их долгий путь и судьбу на нескольких языках.

***Ключевые слова**: соотношение языков, заимствованные слова, таджикский, русский, арабский языки, арабизированные слова, иранские языки, словари, этимология слов, элементы / лексические единицы, типы слов, эволюция форм и значений.*

SOME PECULIARITIES OF USAGE OF ORIGINAL MUARRAB TAJIK WORDS IN TAJIK-RUSSIAN LANGUAGES

The article dwells on some peculiarities of borrowing a number of lexical elements of original Tajik words by means of one or other languages in the Russian language word-stock.

Proceeding from the assumption of the available materials referring to Tajik, Arabic and Russian languages, the author makes an endeavor to determine the ways of their borrowing.

While having analyzed the etymology of certain words in question, the author of the article relies on a considerable number of interpretation and etymological dictionaries to reflect the formers` long history in some world languages, upon the whole.

***Key-words:** languages relation, borrowing, Tajik-Russian and Arabic languages, Iranian languages, lexicography, etymology of words, lexical elements, types of words, evolution of form and meaning.*

Сведения об авторе:

***Кобилов Ахмаджон Абдуллоевич**- соискатель межуниверситетской кафедры таджикского языка Худжандского государственного университета имени акад. Бободжона Гафурова (Республика Таджикистан, г. Худжанд) E-mail: qobilov58@inbox.ru*

About the autor:

***Kobilov Ahmadjon Abdulloevich,** claimant for candidate degree of the department of the Tajik language under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" E-mail: qobilov58@inbox.ru*

ТАЛМЕҲОТ ДАР АШЪОРИ ШАЙХ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Ғаффорова У. А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Дар ташаккули сувари хаёли адибону арабизабону форсизабон ва дертар халқҳои дигар қиссаҳои қуръонӣ аз авомили муҳимтарин ва аз он мароҷеи мақоми аввал буданд. Густариши ҷаҳоншиносии исломӣ омили ба тору пуди афкори адабию ҳунарӣ пайвастани оҳангҳои қуръонӣ гардидааст.

Масъалаи истифодаи маъхазҳои арабӣ-исломӣ ва маорифи қуръониро дар ашъори Камоли Хуҷандӣ шарқшиносони тоҷик Абдушукури Абдусаттор, Фахриддин Насриддинов, Нурулло Ғиёсов, Ғаффорова Умеда баррасӣ намудаанд. Ба гуфтаи арабшиноси мумтоз Абдушукури Абдусаттор “Аз мутолиаи ашъори девони Камол маълум мегардад, ки дар онҳо таъсири забону адаби арабӣ, оёти арабӣ ва аҳодиси набавӣ, мазомини қиссаҳои пайғамбарон ва авлиёуллоҳ ба шаклу василаҳои гуногун зуҳур кардаанд, ки муҳимтарини онҳо истифода аз алфозу таъбироти арабӣ ва ҳуруфи алифбои арабӣ ба хотири образофаринӣ, истифодаи мазомини оёту аҳодис ё ишораи бевосита ба онҳо, вуфури талмеҳоти марбут ба қиссаҳои пайғамбарон ва бузургони дину ирфон, эҷоди абёти муламмаъ бо забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ, корбурди истилоҳоти арабии марбут ба аҳкоми мусулмонӣ ва амсоли онҳо ҳисоб меёбад” [4, с.19].

Таъсири достонҳои қуръониро дар ашъори Камоли Хуҷандӣ донишманди тоҷик Ф.Насриддинов низ таъкид намуда, талмеҳоти истифодабурдаи шоирро дар ду сурат тавзеҳ медиҳад: талмеҳот ба достонҳои анбиё ва талмеҳот ба дигар достонҳои қуръонӣ [15, с.201]. Аз ҷумла шарқшиноси тоҷик Н.Ғиёсов дар ин бобат чунин менависад: “Шиносоӣ бо осори Шайх Камол нишон дод, ки эшон аз донандагони хуби қиссаҳои қуръонианд, зеро дар бисёре аз маворид ишораҳои зебое ба қиссаҳо ва номҳои таърихӣ, ки дар Қуръони маҷид зикр шудааст, мекунанд ва ин тарзи истифода аз маонӣ ва қиссаҳои илоҳӣ ба ашъори Хоҷа таровати махсусе мебахшад.”[9, с.224].

Дар ин мақола мо таҷаллии достонҳои бархе аз паёмбаронро дар ашъори Шайх Камол баррасӣ менамоем. Қобили зикр аст, ки қиссаи **Мӯсо (а)** дар Қуръон аз ҷумлаи қиссаҳои бисёршоҳа аст ва дар зимни 22 сура аз **Мӯсо** ва достони ӯ ёд шудааст. Ин қисса дар оинаи адаби форсӣ таҷаллии аслии худро дар ҳамон тарҳи ҳандасавӣ ва хӯшаӣ маҳфуз доштааст. Баррасии осори адабии форс-тоҷик ҳақиқати ин падидаи ҷолибро аз дидгоҳи таъсирпазирӣ комил собит месозад. Зеро дар осори чӣ манзум ва чӣ мансури форсӣ аз лавҳаи ба дунё омадан то лавҳаҳои мулоқоти **Мӯсо** бо Хизр ҳамаи ҷузъиёти рӯзгору мӯъҷизоти ӯ ба қалам омадаанд [5, с.288].

Агар ба ҳолату кайфияти корбурди талмеҳот бар достони Мӯсо (а) дар ашъори Камоли Хуҷандӣ ва ҷузъиёти он чашм андӯзем, бармеояд, ки бисёр лавҳаҳои қиссаи Мӯсо(а) дар ашъори Камоли Хуҷандӣ чун ҷузъиёти зиндагӣ ва муъҷизоти Мӯсо (а) ба ҳайси муҳаррики муҳимтарин мавзӯъу матлабҳо ба кор рафтаанд. Билхосса лавҳаву мафҳумҳои зерин таҷаллии бештаре дар оинаи андешаи ин суханвар доштааст:

1. **Водии муқаддас** аз маъмултарин истилоҳи шеъри форсист, ки бо ишороти талмеҳӣ маонии бисёрро дар осори адабӣ бо он талаққӣ кардаанд. Азбаски маҳз дар ҳамин водӣ муҳимтарин марҳилаи рӯзгори **Мӯсо (а)** ва яке аз нуқтаҳои баландтарини қисса ифода ёфтааст, чи дар тафосир ва чи дар осори адабӣ таваҷҷуҳи махсусе бар он равона шудааст ва бо исми водии муқаддаси Туво ва водии Тур ёд шудааст, ин водиест, ки **Мӯсо** он ҷо садои ҷонбахши илоҳиро шунид ва чанд лавҳаи муҳими ҳаёти ӯ маҳз дар ҳамин водии муқаддас сурат гирифт.

Кӯҳи Тури Сино ва таҷаллии анвори илоҳӣ (сураи Тин: 2), ки кӯҳи Байтулмуқаддас низ номида мешавад, байни Миср ва Иёла дар наздикии Мадян қарор дорад ва дар муҷоварати он водии муқаддас ё водии Туво воқеъ аст. Ин мафҳумҳо бо идомаи мантиқии муколамаи Мӯсои калим иртибот дорад. Ҳазрати Мӯсо бо ҳафтод тан ба ин кӯҳ рафт ва як моҳ он ҷо рӯза дошт ва Худованд даҳ рӯзи дигар низ бар он мазид кард (Аъроф:142). Таҷассуми бадеии ин лавҳа дар шеъри Камоли Хуҷандӣ низ бағоят пурмаъно анҷом ёфтааст:

Кӯҳҳо дар нолаанд аз риққати мастони Тур,
З-ин ҳама шӯру шағаб боре садое бишнавед! [10, с.561]
* * *
Нахост ҷаннати аълову ҳур соҳиби Тур,
Зи ёр толиби дидор ёр металабад [10,с.604].
* * *
***Ошиқ ар** омад ба кӯяш, дунйиву уқбо нахост,*
*Ҷониби Тур омадан мақсуди **Мӯсо** дигар аст* [10, с.258].

Чунонки донишманди мумтози тоҷик Абдулманнони Насриддин менависад “Дар зимни ғазалиёти Шайх Камоли Хуҷандӣ як сатҳи дигари маъноиро вомехӯрем, ки бидуни зикри номи ашхос омадаанд. Ин қиссаҳо низ ба зоти худ хеле муҳим буда, нақши муассире дар андарёфти мазмунҳои таҳтонии ғазал доранд. Чунончи:

Акси ҷамолат афтад гаҳ-гаҳ ба кӯйи дилҳо

Чун партави таҷаллӣ бар водии муқаддас [10, с.713].

Ифодаи акси ҷамол, партави таҷаллӣ, водии муқаддас аз таъбироти маъруфи ғазалсароии форсианд, ки ҳамагӣ аз қиссаҳои Мӯсо (а) сарчашма гирифтаанд” [1, с.94].

2.**Ҳадиси «рабби аринӣ» ва «лан таронӣ».** Ин ифодаҳо, ки аввалӣ сухани Мӯсо ва дуввумӣ ҷавоби Парвардигор бар ӯст, аз пуркорбурдтарин ифодаҳои қиссаи Мӯсо ба ҳисоб рафта дар мавриди муноҷот ва дуову ниёиш бисёр аз он ёд шудааст, ҳамчунин дар достонҳои тамсилии маснавиҳои ирфонӣ нақши бориз дорад Тарҷумонҳои «Тафсир» -и Табарӣ дар тафсири сураи “Аъроф” чунин овардаанд: «Чун Мӯсо сухани Худойро бишунид, орзу омадаш, ки дидори ӯро бубинад. Ва табъи мардум чунин аст ва башариро таркиб бад-ин ниҳодааст, ки ҳар сухан ки аз касе бишнавад ва он сухан ӯро хуш ояд, хоҳад ки сухангӯяндаро бубинад, то дили ӯ қарор гирад ва он сухан ҷойгиртар бошад. Пас он башарият бар Мӯсо кор кард ва гуфт: «Ё раб, ҳамчунон ки сухани хеш маро бишнавонидӣ, дидори хеш низ маро бинамой», чунонки гуфт: «Раббӣ аринӣ, анзур илайка. Қола лан таронӣ» [6, с.296].

Маҳмуд ибни Умар Муҳаммади Замахшарӣ дар “Тафсири ал-кашшоф” ин оятро чунин шарҳ медиҳад: “Аз Ибни Аббос ривоят кардаанд, ки Худои муттаол чиҳил шабонарӯз бо Мӯсо (а) сухан гуфт ва алвоҳро барояш муқаррар дошт. Бархе дигар ҳам гуфтаанд, ки дар оғоз чиҳил рӯз бо ӯ сухан гуфт... Агар бипурсанд: Руъят агар айни назар бошад, чӣ гуна мефармояд: “Аринӣ анзуру илайка” Дар посух бояд гуфт: “Худро ба ман бинамоён, ба маънои он аст,ки тавонӣ ба мани банда бидеҳ, ки тавонам туро бубинам, бар ман таҷаллӣ кун, то дар ту бингарам ва туро бубинам” [12, с.202]

Донишманди эрони Муҳаммадҷавҳари Ёҳақӣ оид ба ин лавҳа чунин навиштааст: “Худой гуфт: “Ҳаргиз маро набинӣ, аммо бад-он кӯҳ бингар, агар ба ҷойи худ қарор гирифт, маро хоҳӣ дид”. Чун парвардигораш бар кӯҳ таҷаллӣ кард, он пора-пора гардид ва Мӯсо ба рӯй дарафтод ва аз ҳуш бишуд. (Фаламмо таҷалло раббуҳу лилҷабали ҷаъалаҳу даккан ва харра Мусо саиқо). Навиштаанд, кӯҳ ба шаш пора шуд ва Мӯсо он чизе, ки кӯҳ дида буд, надид. Ӯ кӯҳро дид ва ҷунин мадҳуш шуда (Балъамӣ). Чун Мӯсо ба худ омад, тавба кард [13, с.530].

Дар тафсири “ал-Кашшоф” дар тавзехи ояти 143 чунин омадааст: “Чӣ гуна истидроки “ва локини-нзур ила-л-ҷабал” ба иборати пеш аз худ (лан таронӣ- Ғ.У.) пайваста аст? Дар посух бояд гуфт: “Аз он рӯй ки ин маъноро ифода кунад, ки нигаристан ба ман ношуданӣ аст ва онро аз ман нахоҳ, балки ту мебояд ба чизе дигар бингарӣ, пас ба кӯҳ бингар, то ҳам ту ва ҳам касонеро, ки ба хотири онон чунин дархосте кардай, ба ларза андозад. Пас бингаред, ки бо кӯҳ чӣ мекунам ва чӣ гуна онро барои чунин дархосте ҳамвор мекунам ва бо намоёндани яке аз бузургтарин осори худовандӣ ба ту, бар ту маълум шавад, ки чӣ дархости бузург ва ношуданӣ доштай ва Худои муттаол пас аз чунин дархосте посухе дар миён оварда, ки монанди посухе аст, ки ба он бузургвор фарзандеро нисбат доданд ва дар посухи онон фармуд: “тахарра-л-ҷиболу ҳаддан ан даъав ли-р-раҳмони валадан” (Марям:91) “Фа ин истақарра маконаҳу” чунон ки дар ҷои худ устувор ва собит истодааст, “фа савфа таронӣ” дар ин иборат вуҷуди руъят ба вуҷуди кӯҳе ташбеҳ шудааст, ки пас аз ҳам пошидан ва ҳамвор шудан ҳаргиз бар ҷои худ устувор намемонад. Ин иборат каломе дар ҳам омехта ва аз сабке шигарф ва шевае бадеъ бархурдор аст.

Тибқи қиссаи қуръоние, ки шоир ба он ишора мекунад, “онон (қавми Мӯсо.-Ғ.У.) лаҷоҷат ба харҷ доданд ва дар ин кор пой фишурданд ва гуфтанд: Қатъан бояд чунин кунӣ ва мо то Худоро ошкоро надидаем, ба ту имон намеоварем. Ва Мӯсо мехост, ки нассеро аз ҷониби Худо бишунаванд ва бидонанд, ки коре оре чунин кмаҳол аст. Ва он насс ин буд, ки фармуд: “Лан таронӣ”, то яқин кунанд ва шубҳаи онон аз байн биравад ва аз ин рӯй арза кард: “Рабби аринӣ анзур илайка”. [8, с.203].

Замахшарӣ дар тафсири худ “Ал-Кашшоф” чунин менависад: “Агар бипурсанд: “лан” дар ин ҷо ба чӣ маънӣ аст? Дар посух бояд гуфт: “Барои таъкиди нафй ҳосилшуда аз “ло” аст... ки ҳама барои нафйи руъят дар оянда ҳастанд ва “лан таронӣ” таъкид ва баён аст, зеро он чи мавриди нафй қарор гирифта, бо Зоти Худо мунофот дорад.

Аз назари ирфонӣ руъят ба замми аввал ва фатҳи “йо” дар луғат ба маънии дидор ва дидан ба чашм аст (Луғатнома) ва дар истилоҳ мушоҳида ба чашми сар аст, на ба биниш ва басират. Дар шарҳи таъриф омадааст: “Иҷмоъ аст аҳли маърифатро, ки Худойро бубинад ба чашми сар андар он ҷаҳон”... Ба наздики аҳли суннат ва ҷамоат руъяти басар бошад ба ҳақиқат ва мар ӯро муъминон бубинанд ва кофирон набинанд. Аз баҳри он ки дидори ҳақ таъоло каромате аст аз Худои таъоло ва каромат андар ҷаҳон набошад магар муъминони хосро. Дар хабар омадааст, ки бандаро ба биҳишт андар оранд, малики таъоло бифармояд, то парда бардоранд, то ҳуру қусур ва анҳору ашҷор

бубинанд ва сар ба зону ниҳад андӯҳнок, хозинони биҳишт ӯро гӯянд: “Чашм боз кун, то неъматҳо бинӣ”. Гӯяд: “Валлоҳ агар чашм боз кунам, то Худойро бубинам”.

Ва низ дар ахбор омадааст, ки чун аҳли биҳишт ба биҳишт дароянд, Худои таъоло фармояд: “Шуморо наздики ман ваъда аст...Амр ояд, ки неъмати бузургтарин мондааст ва он дидори ман аст”. Пас ҳичоб бардоранд, то Худованди хешро бечуну бе чи гуна бубинанд (16,ҷ.5-6, 128).

Камоли Хуҷандӣ низ ин маъниро ба воситаи истифодаи моҳиронаи санъати талмеҳ чунин ифода намудааст:

Мӯсӣ аз нури таҷаллӣ “аринӣ” гуфту гузашт,
Ҳамчунин аҳли назар мунтазири дидоранд [10, с.267].

Дар ин байт шоир ба лавҳае аз достони Мӯсо (а) ишора мекунад, ки он қиссаи ба умеди дидор ва шунидани садои Худо бо ҳафтод тан ба сӯи Тури Сино раҳсипор шудани Мӯсо (а), таҷаллии нури илоҳӣ бар кӯҳи Тур ва умеди руъят ё дидори Худованд, ки яке аз таъбирҳои ирфонӣ мебошад, фаро гирифтааст.

Таҷаллӣ дар луғат ба маънии падидор шудан ва пайдоист ва дар истилоҳе, ки дар ин ҷо мурод мекунем, падидор шудани анвори Ҳақ аст ба ҳазрати Мӯсо пас аз нузули алвоҳи Таврот. Дар як ривоят “Қиссаи Нишопурӣ” омадааст, ки нури Худо бар кӯҳ натобид, зеро ки ҳама чизҳо ба нури ӯ истодааст: Ва ашрақатиларзу бинури Раббиҳо (Зуммар,69), балки нури Худо барои яу лаҳза кӯҳ бозгирифта шуд ва кӯҳ ба ҳафтод ҳазор пора гашт. Мӯсо дар ҳар санге монанди об ҳамчун хештан медид бо асое дар даст, ки аринӣ мегуфт ва чун чунон дид, беҳуш шуд [8, с.530].

Дар байти зерин низ Шайх Камоли Хуҷандӣ ба ояти 143 сураи сураи “Аъроф”-и Қуръони карим ба вобситаи талмеҳ ва истифодаи мазомину истилоҳоти ирфоние чун “маҳв”, “дидор” (руъят) ишора мекунад:

Бо Мӯсии дидорталаб ваъда ҳамин буд:
Гар маҳв шавӣ, давлати дидор биёбӣ [10, с.1183].

Маҳв дар луғат ба маънои сутурдан, зоил кардан ва пок кардани ҳуруф ва нуқуш аз лавҳ ва ҷуз он аст. Ба истилоҳи сӯфиён гуму нобуд ва маъдум шудани авсоф ва одоти башарӣ аст (Онандроҷ). Маҳв рафъи авсофи одот аст ба тавре ки ҳангоми он банда аз ақли худ ғоиб шавад ва ӯро афъолу ақволе ҳосил гардад, ки ақлро дар он мудохилат нест, мисли мастӣ аз шароб. Дар назари сӯфиён маҳв иборат аз рафъи авсофи ҳар гуна одате аст, ки боиси таваккуф ва рукуди солик шавад ва он рафъи авсофи нафс аст... Ҷамъе дигар гуфтаанд: “Маҳв изолаи вуҷуди солик аст ва сутурдани ҳар навъ зиштиву бадӣ аз лавҳи дили ӯ” [11, с.197].

Шоир маҳв шуданро шарти асосии дидори Худованд меҳисобад, чунонки кӯҳ аз таҷаллии нури Ӯ пора гашт: “чун Парвардигораш бар кӯҳ таҷаллӣ кард, он пора-пора гардид ва Мӯсо (а) ба рӯ дарафтод ва аз ҳуш бишуд. Навиштаанд, кӯҳ ба шуд ва Мӯсо он чизе, ки кӯҳ дида буд, надид [9, с.530].

3. Талмеҳ бар Сомирӣ ва гӯсолаи ӯ аз пуркорбурдтарин талмеҳоти адабиёти форсист, ки дар маънигустарӣ бештар барои ифодаи муъҷизоти илоҳӣ ва тардиди сеҳру соҳирӣ ба кор рафтааст. Азбаски муъҷиза ва сеҳр аз авсофи муҳимтарини шеър аст ва одатан сухани ноби ҳунармандонаро ё ба муъҷиза ё ба сеҳри ҳалол тавсиф мекунанд, ҳам дар ифтихорияҳои суханварони бузург, ҳам дар баёни ҳолоту суханони онҳо борҳо аз Сомирию сеҳри ӯ ёд кардаанд. Агарчи ин ҷузвҳои қисса таҷассуми лаҳзавӣ доранд, аммо ба зоти худ бисёр пурҷозиба ва маънизо ҳастанд, аз ин лиҳоз дар ифодаи қабатҳои маънавӣ хидмати шоиста ба анҷом расонидаанд. Ҷолиб аст, ки ин мафоҳим на танҳо барои ифодаи зуҳуроти мӯъҷизаосо ва сеҳрангези ҷаҳони моддию маънавӣ балки дар таҷассуми ҳолатҳои гуногуни худи адибон ва қаҳрамонони осори эшон таъсири бофайз доштаанд .

Аз ҷумла Камоли Хуҷандӣ тавассути санъати талмеҳ ба қиссаи мазкур, ки зикри он дар оёти 85-98 сураи То Ҳо омадааст, ишора намуда чунин фармудааст:

Ношиносе ду-се гӯсолапарастанд, чӣ суд?
Сабр кун, то бирасад Мӯсии Имрон аз Тур [10, с.688].

Ҷузви дигари қиссаи Мӯсо (а) ва лавҳаҳои муҳимтарини зиндагии ӯро баъди баъсат мӯъҷизоти ӯ, анвои он мӯъҷизот, муносибати Мӯсо (а) бо Фиръавн, мулоқоти Мӯсо (а) бо Хизр ташкил медиҳанд. Ин мафоҳим низ барои ифодаи мазмунҳои гуногун ва ҳолоту ҷаҳоншиносии шоир истифода шудааст. Масалан, маънибандӣ бар мабнои асои муъҷизанамои Мӯсо (а) рангомезиҳои ачиб дорад, ки аз байтҳои зерин собит мешавад:

Ҳангоми дуост, даст бардор,
Эй Хизр, ки Исии ту дар дам! [10, с60].

* * *

Кафши Хизиру асои Мӯсо,
Шоистаи пою дасти шал нест [10, с.223].

* * *

Ҳаст дар ангушти Камол он қалам,

Ё на асоест ба дасти Калим?
Гуфт: Қалам нест, асо низ нест,
Ҳаст калиди дари ганҷи ҳаким [10, с.1271].
* * *
Хизри ҷон об аз лаби дилҷӯи ту ёфт,
Мӯсӣ анвори таҷаллӣ ҳама аз рӯи ту ёфт [10, с.207].

Дар ин байтҳо талмеҳот ба сураҳои То Ҳо: 10-47; Аъроф: 43; Марям, 52; Шуаро: 10-17; Намл: 7-12; Қасас: 29-35; Нозиот: 16-19 истифода шудааст(15, 422).

Ба воситаи санъати талмеҳ, шоир дар байти зерини яке аз ғазалҳои муламмаъи худ ба Хизр, ки пири тариқат ва зиндаи ҷовид аст, ишора мекунад:

Лав ваҷадта-л-Хизра айнан фантабиҳ,
Кайфа яҳйӣ-н-нуну фӣ айни-л-бақо [10, с.76].

Мақсади шоир ин аст, ки чашмаи Хизр ин ишқ аст, ки зиндагонии инсонро фанонопазир намуда, номашро ҷовидон месозад. Мегӯянд, ки дар водии зулумот чашмае ҷорӣ аст, ки ҳар кас аз оби он бинӯшад, ҳаёти ҷовидонӣ меёбад. Ин чашмаро оби ҳаёт ва ё чашмаи Хизр мегӯянд. Хизр – пайғамбар аз ин чашма об нӯшида, ҳаёти абадӣ ёфтааст. Оби ҳаёт ё айну-л-бақо даруни зулумот ҷой дорад ва Хизр соликро бад-он роҳ менамояд. Барои расидан ба ин чашма, инсон бояд ба вахдат бо асли худ, яъне иттисол бо вуҷуди мутлақ бикӯшад [5, с.217].

Қиссаи Юсуф аз муҳимтарин заминаҳои ангезиши завқу эҳсос ва сувари хаёли шуарои форс-тоҷик аст, агар гӯем, ки ҷонмоя, оинаи зебоӣ, ҳодии собирону содиқону ошиқон, чароғи Юсуфистони адабиёти форсист, иштибоҳ нахоҳем кард. Дар саросари адабиёти форс-тоҷик шоире наметавон дарёфт, ки маъние аз тамошогоҳи рози ин қисса начида бошад. Яъне қиссаи Юсуф фаротар аз ҳама гуна тасаввури мо ба решаҳои амиқтарини тафаккури адабӣ ва завқи миллӣ расида, аз ҳамон дунёи масоҳатнопазир берун меояд. Зеро дар шеъри ғиноии форсӣ аз хоб дидани Юсуф то равшан шудани чашми Яъқуб ва гавҳари мақсуд ба даст овардани Зулайхо ҳамаи ҷузъиёти мазмуни ин қисса баъзан ба ҳайси мисолия, гоҳи дигар талмеҳан, дар мақоме айнан ҷои дигар маҷозан баён шудаанд. Баррасии сайру таҳаввули ҷузъиёти қиссаи Юсуф ва ангезаҳои маъниофари он аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳар яке аз ҷузъиёти мазмуни қисса вобаста ба тақозои замон, шеваи нигоҳ, усули нигориш, сатҳи тахайюлу тадаббури адибон рангу мазмунҳои хосе касб карда дар натиҷа аз ҳар ҷузъи он боз садҳо маънӣ бархостааст. Ин тамоюл аз ибтидои адабиёти нави форсӣ яъне аз шеъри Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ қувват гирифта дар асрҳои дигар бештар доман густурда ва нерӯманд шудааст.

Талмеҳот бар достони Юсуф (а) дар девони Шайх Камоли Хуҷандӣ низ ба ҳадде фаровон мавриди истифода қарор гирифта, ҷилвaҳои тамоман нав ва бағоят ҷолибе дорад. Талмеҳот бар достони Юсуф (а) ҳафт мавриди маънибандӣ дорад, ки инҳоянд:

1. Ҳадиси маҳви ҷамоли Юсуф беихтиёр дасти хеш буридани занони Миср. Чунончи:

Дуздида ҳусни Юсуф диданду каф буриданд,
З –ин шева дасти дуздон доим бурида бошад.
* * *
Дидӣ рухи Юсуф, зи чи бар ҳарфи Зулайхо
Ангушт ниҳӣ дам ба дам, эй дастбурида?!
* * *
Дори сари Юсуф, бибур аз ҳар чи азиз аст,
К-он васл ба як даст буридан натавон ёфт.
* * *
Мо рӯи ту дидему зи ҷон меҳр буридем,
Наззорагии Юсуф агар даст бурида.
* * *
Юсуф бубину ҳусн, мабин корд дар миён,
Ин теғи ғамза буд, ки кафҳо бурида буд.
* * *
Зи ҳайрати хати ту чун қалам кунад ангушт,
Фаришитае, ки ба ангуштҳо қалам дорад.
(Талмеҳ ба ояти 31-уми сураи Юсуф).

2. Яъқуб ва пироҳани Юсуф. Ин мазмун барои талқини сабру шикебоӣ ва анҷоми шодиовари он, таъкиди қазову қадар, рамзи сапедаи умед ва муждаи некӣ истифода шудааст:

Нурам аз дида бирафтаст, чу Юсуф биравад,
Лоҷарам дидаи Яъқуб бимонад бе нур.
* * *
Мекунад бо ту шикебоши Яъқуб, Камол,

Ки ҷамилӣ туву сабр аз ту бувад сабри ҷамил.
(Талмеҳ ба оёти 84-86-уми сураи Юсуф).
* * *
Яъқуб равшанӣ зи қудуми Азиз ёфт,
Ё худ зи Миср роиҳаи пероҳан расид.
Нури чашме бари соҳибназаре меояд,
Пеши Яъқуб зи Юсуф хабаре меояд.
* * *
Гул туро боду маро ёри азиз,
Суҳбати Юсуф беҳ аз сад пероҳан.
* * *
Дар домани мо чок фитодаст зи ҳар сӯ,
Эй боди сабо, бӯи ту аз пероҳани кист?
* * *
Накҳати пероҳанат омад ба ман,
Ёфтам ҷони наве аз роиҳа.
(Талмеҳ ба оёти 93-94-ум ва 96-уми сураи Юсуф).

3. **Байти эҳзони Яъқуби Паёмбар (а).** Дар байти зерин аз андӯҳи Яъқуби Паёмбар, ки дар ҳичрони фарзанди азизи худ Юсуф ҳамвора бо ранҷе ҷонкоҳ ба сар мебурдааст ва мегӯянд дар утоқе танҳо менишаста ва дар дурии Юсуф ашк мерехтааст, ки баъдҳо аз он утоқ бо номи «байт-ул-эҳзон» (хонаи андӯҳҳо) ёд шудааст, сухан мегӯяд:

Он шоҳ, к-аз ӯ хонаи дил шоҳнишин буд,
Аз кулбаи эҳзони гадо боз кучо рафт?
* * *
Хонаи дида зи дидори ту равшан бошад,
Байти эҳзони ман аз рӯи ту гулшан бошад.
(Талмеҳ ба ояти 84-уми сураи Юсуф).

4. **Фурӯхтани корвониён Юсуфро дар бозори Миср.** Ин лавҳа аз қиссаи Юсуф дар талқини гаронқадрии ҳусни Юсуфӣ, баландтар аз ҳама гуна баҳову қиматгузорӣ будани ишқ ба кор рафтаанд ва бар асоси ин лавҳа зарбулмасали маъруфи «Дин ба дунёфурӯшон харанд, Юсуф фурӯшанд, то чӣ харанд» ба вуҷуд омадааст.

Донӣ, ки бо Юсуф чи гуфт он пиразан нолакунон
Гар бар дирам қодир наям, боре харидори туям (Исроилиёт).

5. Юсуф дар чоҳ ва зиндон. Ин ду лавҳаи зиндагиномаи Юсуф барои ифодаи сабру начот, хиёнату тӯҳмат, шикебоиву растагорӣ, озмоиши ирода, риояти маъсумият ва амсоли инҳо ба кор рафтааст,ки баъзе шигифтангез аст, аз ҷумла:

Анвори ҳусни туст, ки аз ҷайби осмон
Хуршед сар кашид чу Юсуф зи қаъри чоҳ.
* * *
Агар зи ҳусни рухат ёфтӣ нишон Юсуф,
Зи шарми рӯи ту берун наёмадӣ зи чоҳ.
* * *
Дами Исо ҳама аз лаълу шакар меборад,
Ҳусни Юсуф ҳама дар чоҳи занахдон дорӣ.
(Талмеҳ ба ояти 19-уми сураи Юсуф).

6. **Зулайхо ва пироҳани Юсуф.** Ин лавҳаи қиссаи Юсуф барои ифодаи маъсумият ва ахлоқи сутуда, ҳамчунин ҷазабаи ишқ, ки инсонро аз пардаи исмат берун меорад, зиёд ба кор рафтааст:

Аз ҳолати Зулайхо он бӯ барад, ки чун гул
Пероҳани сабурӣ сад ҷо дарида бошад.
(Талмеҳ ба ояти 25-уми сураи Юсуф).
Пераҳан гар танат озурд, чӣ пӯшӣ онро,
Айби Юсуф натавон кард ба нозукбаданӣ.
(Талмеҳ ба ояти 23-уми сураи Юсуф).

7. Ҷозибаи ишқи Зулайхо. Ин ҳолати тасвирнопазири Зулайхо аз лаҳзаи Юсуфро дар хоб дидан то гавҳари мақсуд ба каф овардан ҳамчун таҷаллии ишқи поённопазир, дар баъзе мавридҳо ҳамчун зинаи аввали расидан ба ишқи ҳақиқӣ бисёр вақт омили маънигузорӣ қарор гирифтааст:

Бӯи ту расонданд зи Юсуф ба Зулайхо,
Ин наъразанон омаду он ҷомадарон рафт.
(Талмеҳ ба ояти 25-уми сураи Юсуф).
* * *

Ба васли суҳбати Юсуф, азизи ман, маштоб,
Ҷамоли ёр набинӣ, магар ба сабри ҷамил.
(Талмеҳ ба оёти 18-ум сураи Юсуф.

Аз мазмуни байтҳо пайдост, ки шоири орифулмаслак Шайх Камоли Хуҷандӣ бо ишораи зариф ё гоҳе ишораву таваҷҷуҳи гӯё ба оятҳои Қуръон ва қиссаҳои қуръонӣ, бидуни такрор худ дар ҳар байт мазмуне офаридааст ва ҳамешагӣ решаи он маъно аз ҳадиси достони Юсуф моявар шудааст. Тавре худи шоир мефармояд:

Ҳадиси Юсуфи Мисрӣ, ки аҳсанулқасас аст,
Касе ба сӯз нахонад чу пири Канъонӣ.
(Талмеҳ ба оёти 84-86-уми сураи Юсуф).

Шахсияти Муҳаммад пайғамбари ислом (с) ба унвони намунаи инсони комил дар таквини шахсияти мусулмонон ва эҷодиёти шоирони форсу тоҷик, аз ҷумла Шайх Камоли Хуҷандӣ бисёр муассир аст. Камоли Хуҷандӣ чун шоирони ҳазамони худ девони худро аз тавҳид ва наъти Паямбар (с) оғоз кардааст.

Шайх Камол Паямбари ислом Муҳаммадро комилтарин инсон, яъне акмал мешуморид ва дар фаъолияти худ аз ӯ, чорёр ва аҳли байти ӯ ибрат гирифтанро талқин менамуд. Мувофиқи ақидаи ӯ модоме ки аҳли байти ӯ аз шарафи суҳбати ӯ иззу ҷалол ёфтаанд, пас бояд ҳар як инсон пайрави М.(с) карда, дунёи маънавии худро ғанӣ гардонад. Тавре ки муаллифони “Малики адаб” менависанд: “Камоли Хуҷандӣ дар осори худ найли инсонро ба сӯи рашодат ва такомули маънавӣ нишон медиҳад. Дар назари ӯ инсон дар ин роҳ бояд аз Муҳаммад пайравӣ бикунад. Бесабаб ҳам нест, ки ӯ дар қасидаи ифтитоҳии девони ашъори худ аз Худо сухан оғоз карда (Ифтитоҳи сухан) сипас мефармояд:

Ба камолоти Муҳаммад, ки ба Ҳақ ёфтаанд
Аҳли байт аз шарафи сӯҳбати ӯ иззу ҷалол,
Ки аз он ҷо, ки иноёти Худовандии туст,
Назари раҳмати худ бознагирӣ зи Камол.
Ҳар як аз моидаи васл насибе талабанд,
То киро бахт нишонад ба сари хони висол.
Шуда аз соқии лутфи ту ҷаҳоне сероб,
Ҳамчунон баҳри карам мавҷзанон моломол. [10, с.51; 1, с.162].

Ҳамин тариқ, шоири орифулмаслак Шайх Камоли Хуҷандӣ бо ишораи зариф ё гоҳе ишораву таваҷҷуҳи гӯё ба оятҳои Қуръон ва қиссаҳои қуръонӣ, бидуни такрор худ дар ҳар байт мазмуне офаридааст. Ашъори зикршуда намоишгари чирадастӣ дар истифодаи санъати талмеҳ ва иттилооти фарогири шоир дар заминаи маорифи қуръонӣ ва қиссаҳои қуръонӣ маҳсуб мешавад.

АДАБИЁТ

1. Абдулманнони Насриддин. Сеҳри мубин.-Хуҷанд: Ношир, 2012.
2. Абдулманнон Насриддинов. Рӯдакӣ (нусхашиносӣ ва баррасии ашъори бозмонда).-Хуҷанд: Нашриёти ба номи Р. Ҷалил, 1999.
3. Абдуҷаббори Шоаҳмад (А.Суруш). Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ.-Хуҷанд: Хуросон, 2015.
4. Абдушукури Абдусаттор. Арабият дар шеъри Камол/Муқаддимаи камолшиносӣ. Хуҷанд: Ношир, 2015, С.228-237.
5. Атахон Сайфуллоев, Сайдулло Абдуллоев. Малики адаб.- Душанбе: Адиб, 1996;
6. Ғаффорова Умеда. Қиссаҳои Қуръон дар «Тарҷумаи «Тафсир» -и Табарӣ».- Хуҷанд: Ношир, 2004.
7. Ғаффорова Умеда. Муламмаот дар ашъори КамолиХуҷандӣ. Хуҷандӣ/Мақолоти маҷмаъи бузургдошти Камоли Хуҷандӣ.-Табрез, 1996, С.216-221.
8. Ғаффорова Умеда. Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ ва муколамаи фарҳангҳо.- Хуҷанд: Хуросон, 2018.
9. Ғиёсов Нурулло. Партави Қуръон дар оинаи ғазал/ Мақолоти маҷмаъи бузургдошти Камоли Хуҷандӣ.-Табрез, 1996, С.222-228.
10. Девони Камоли Хуҷандӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2015.
11. Қуръони маҷид. Мусҳаф-ул-мадина ал-мунаввара, 1426.
12. Маҳмуд ибни Умар Муҳаммади Замахшарӣ. Тафсири ал-Кашшоф. Тарҷумаи Масъуд Ансорӣ. Теҳрон: Фиқнус,1389,ҷ.2.
13. Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ.- Душанбе: Бухоро, 2014;
14. Насриддинов Фахриддин. Мазомин ва луғоту таъбироти қуръони дар ашъори Камоли Хуҷандӣ/Муқаддимаи камолшиносӣ. -Хуҷанд: Ношир, 2015, С.415-430.
15. Насриддинов Фахриддин. Манобеи қудсии ашъори Камоли Хуҷандӣ/Муқаддимаи камолшиносӣ.-Хуҷанд: Ношир, 2016.
15. Саййид Содиқ Гавҳарин. Шарҳи истилоҳоти тасаввуф.Теҳрон: Заввор,1388, ҷ.5-6.
16. Саййид Содиқ Гавҳарин. Шарҳи истилоҳоти тасаввуф.Теҳрон: Заввор,1388, ҷ.9-10.

17. Саййид Муҳаммади Ҳусайнӣ. Талмеҳ ва иҳом дар шеъри Камоли Хуҷандӣ/ Муқаддимаи камолшиносӣ. Хуҷанд: Ношир, 2015, с.366-382.
18. Хуррамшоҳӣ Баҳоуддин. Донишномаи қуръонпажӯҳӣ.-Теҳрон: Дӯстон-Ноҳид, ҷ.2.

РЕМИНИСЦЕНЦИЯ (ТАЛМИХ) В ПОЭЗИИ КАМАЛА ХУДЖАНДИ

Статья посвящена рассмотрению реминисценции (талмих) в поэзии великого персидско-таджикского поэта Камала Худжанди. Автор статьи детально анализирует коранические сказания о таких пророках, как Муса (а), Юсуф (а), Мухаммад (с), которые Камал Худжанди мастерски использовал в своей поэзии посредством реминисценции. Она приходит к такому выводу, что великий поэт Камал Худжанди владел знаниями о Коране и коранических науках, которыми воспользовался в своих стихах.

Ключавые слова: *Талмехот, рассказ, повествование, Коран, пророки, Муса (а), Юсуф (а), Мухаммад (ы), поэзия, Камоли Худжанди, искусство, искусство.*

REMINISCENCE (TALMIH) IN THE POETRY OF KAMAL KHUJANDI

The article is devoted to the consideration of reminiscence (talmih) in the poetry of the great Persian-Tajik poet Kamal Khujandi.The author analyzes in details the Qur'anic stories of prophets such as Musa (a), Yusuf (a), Muhammad (c), which Kamal Khujandi masterfully used in his poetry through reminiscence. The author concludes that the great poet Kamal Khujandi had knowledges about the Koranic sciences and stories, which he used in his poems.

Key words: *Talmehot, story, narration, Koran, prophets, Musa (a), Yusuf (a), Muhammad (s), poetry, Kamoli Khujandi, art, art.*

Сведения об авторе:

Гафарова Умеда Абдуллоевна *- доктор филологических наук, директор Научно-исследовательского Института гуманитарных наук Худжандского госуниверситета им. академика Б. Гафурова (Республика Таджикситан, г.Худжанд),* **E-mail:** *umedagafari1 @mail.ru*

About the author:

Gaforova Umeda Abdulloevna *- Doctor of philology, Director of Research Institute of Arts, Khujand State University named after academician B.Gafurov (Khujand, Sughd Region, Tajikistan), E-mail: umedagafari1@mail.ru*

НИГОҲЕ ДАР БОРАИ ДУ ВАРИАНТИ СУРУДИ «САРШӮЁН»

Саъдӣ Қ.А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Яке аз масъалаҳои муҳими илми фолклоршиносӣ ин таҳқиқи вариантҳои матнҳои фолклорӣ мебошад. Чунки маҳз далели матни фолклорӣ будани матн ин нусхаҳои зиёд доштани он аст. Агар матн дар байни мардум бо вариантҳояш машҳур набошад, он гоҳ он матн фолклорӣ шуда наметавонад, ки дар ин бора муҳаққиқон сухан гуфтаанд [4, 26-27].

Аз ҷумла, оид ба таҳқиқи сурудҳои халқӣ Б. Шермуҳаммедов соли 1987 зери унвони «Рецепция произведений таджикско-персидской поэзии. (Текстологические исследования. Опыт количественного анализа вариативности)» (Нусхаҳои асарҳои манзуми тоҷикӣ-форсӣ. Таҳқиқи матншиносӣ. Таҷрибаи таҳлили миқдории омезиши нусхаҳои матн) дар бораи ҳашт матни сурудҳои машҳури китобӣ рисолаи илмӣ навишта, варинатҳои он ва сабаби густариши матнҳоро нишон дод [6].

Аз ин рӯ, ҳар суруд вариантҳо дошта, дар раванди ҳар бор сароидан, овозхон метавонад матнро дар контекст дигар созад; калима, ибора ва ҳатто мисраъҳоро тағйир диҳад [6]. Ҳамчун мисол ду матни суруди «Саршӯён»-ро, ки дар маҷмӯаҳои фолклорӣ нашр шудааст, аз назар мегузаронем.

Соли 1956 яке аз аввалин маҷмӯаҳои фолклорӣ зери унвони «Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб» ба нашр расид [7]. Дар ин маҷмӯа суруди «Саршӯён» ба ин шакл ба нашр расидааст, ки он соли 1949 аз Давлатов Қобил [7, 231] сабт шудааст:

Гуларӯсак сар бишӯ, Пага ваъдай рафтанай!
Сарма шуста чӣ кунум, Ношустагим бе(х)тарай.
Гуларӯсак курта бишӯ, Пага ваъдай рафтанай!
Куртапӯшӣ чӣ кунум, Нопӯшиданум бе(х)тарай.
Гуларӯсак гушвор бидоз, Пага ваъдай рафтанай!

Гушвор дохта чӣ кунум, Надохтанум бе(х)тарай.
Гуларӯсак мӯ(х)ра бибанд, Пага ваъдай рафтанай!
Мӯра баста чӣ кунум, Набастанум бе(х)тарай.
Гули гиланакум, Шохи рангинакум,
Шонаи шамшод биёр Ба сари бегимакум.
Саршувонем мо, Сар мешӯёнем мо.
Тағораи шишагин Биёр, мешӯёнем мо. [7, 168].

Агар ба матни боло бо диққат таваҷҷуҳ намоем, мебинем, ки дар матн калимаҳои «гуларӯсак», «бишӯ», «куртапӯшӣ», «нопӯшиданум», «мӯ(х)ра», «мӯра», «мешӯёнем» бо садоноки «ӯ» оварда шудааст. Аз ишораи тартибдиҳандаи маҷмӯа Р.Амонов маълум мешавад, ки маҷмӯа бо талаботи илмӣ-моммавӣ нашр шуда, матнҳо то ҳадде ба меъёри забони адабӣ наздик карда шудааст, ки дар ин бора худи ӯ чунин гуфтааст: «…дар лаҳҷаҳои Кӯлоб садоноки «ӯ» мавҷуд нест. Ба ҷои он бо як навъ задае «у» кор фармуда мешавад. Дар ин маврид низ талаботи забони адабӣ ба назар гирифта шуда, навиштани ӯ мувофиқ дониста шуд» [7, 9].

Ҳамин матн айнан соли 1963 ба нашр расида, дар он садоноки «ӯ», ки дар байни мардуми Кӯлоб талаффуз намешавад, бо садонони «у» ба шакли зерин «гуларусак», «бишу», «куртапушӣ», «нопушиданум», «мухра», «мура», «мешуёнем» оварда шудааст [8, 175-176].

Маълум мешавад, ки нашри соли 1963 бо ислоҳ ва иловаҳои Ф.Муродов (намояндаи лаҳҷаи мардуми Кӯлоб) чоп шудааст. Дар ҳар ду маҷмӯа тартибдиҳанда Р.Амонов аст. Пас муҳаққиқон бо машварат, мувофиқи овонигории гӯиши мардуми Кӯлоб матни нашри дуюмро ислоҳ намуда, шакли илмии матнҳоро барқарор намудаанд.

Бо вуҷуди ислоҳ шудани матн дар он боз як нуқсони дигар роҳ ёфтааст, ки ин тарзи иҷрои суруди мазкур мебошад. Зимни хондани матни мазкур, зоҳиран маълум аст, ки суруд аз ҷониби сарояндагон (занҳо) ва арӯс иҷро шудааст. Аммо дар суруди мазкур номи иҷрогарон дар раванди контекст ишорат нагардидааст.

Матн соли 1949 сабт шудааст [ниг.: 7; 8]. Табиӣ аст, ки он солҳо аксари муҳаққиқони навкор равишҳои гирдоварии фолклор, дар котекст сабт кардани матн, муҳим будани варианатҳои матн, бо ҷузъиёт гирд овардлани онро намедонстанд. Ба назари мо ин аз камтаҷрибагии сабткунандаи матн рух додааст. Чунки дар солҳои 50 асри ХХ илми фолклошиносӣ ҳанӯз ба таври бояду шояд шакл нагирифта буд.

Ф.Зеҳниева дар маҷмӯаи «Гуларӯсак» яке аз вариантҳои ин сурудро зери унвони «Гуларӯсак, сар бишӯй» ба нашр расонидааст, ки мисарҳояш бештар буда, он соли 1970 аз Ашуров Сафар (аз Кӯлоб) сабт шудааст [2]. Варианти ин матн муфассал бо ҷузъиёт сабт ва нашр шудааст, ки талаботи илми фолклоршиносӣ ҳамин аст. Ин аст он матн:

Занҳо:Гуларусак сар бишуй, Пага ваъдай рафтанай.
Арӯс: Сарма шуста чӣ кунум?
Ношустанум беҳтарай. Дугонаҳо:
Сарша намешуяде, Хонай оташ беҳтарай.
Занҳо: Гуларусак сар бибоф,
Пага ваъдай рафтанай. Арӯс:
Сарма намебофуме, Набофтанум беҳтарай.
Дугонаҳо: Сарша намебофаде,
Хонай бобош беҳтарай. Занҳо:
Гуларусак, курта бипуш, Пага ваъдай рафтанай.
Арӯс: Курта пушида чӣ кунум?
Напушиданум беҳтарай. Дугонаҳо:
Курта намепушаде, Хонай оташ беҳтарай.
Занҳо: Гуларусак, гушвор бидоз,
Пага ваъдай рафтанай! Арӯс:
Гушвор дохта чӣ кунум? Надохтанум беҳтарай.
Дугонаҳо: Гушвор намедозаде,
Хонай очаш беҳтарай. Занҳо:
Гуларусак, мухра бибанд, Пага ваъдай рафтанай.
Арӯс: Мухра баста чӣ кунум?
Набастанум беҳтарай. Дугонаҳо:
Мухра намебандаде, Набастанаш беҳтарай.
Занҳо: Галарусак, туфлӣ бипуш,
Пага ваъдай рафтанай. Арӯс:
Туфлӣ пушида чӣ кунум? Напушиданум беҳтарй.

Дугонаҳо:
Напушиданаш беҳтарай.
Гул духтар, ҷонум духтар,
Пагоҳ туют меоран,
Арӯс:
Холаи саршуякум.
То накана муякум.
Саршуёнем мо,
Тағораи шишагин,
Туфлӣ намепушаде,
Модар:
Нури ду чашмонум духтар.
Вахт хуш ку, эй духтар!
Шинакуму шинакум,
Оста бизан шонара,
Занҳо:
Мешуёнем мо,
Биёр, шуёнем мо. [2, 9-12].

Мо ин матнро барои он пурра овардем, ки хонанда ва муҳаққиқи ҷавон тафовути онро дақиқан бинад ва худ қазоват намояд. Дар ҳақиқат матни дуюм аз ҳар ҷиҳат комилтар буда, муҳаққиқон онро он тавре ки шунидаанд, сабт намудаанд.

Фосилаи нашри аввали суруд аз маҷмӯаи «Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб» (1956), то матни маҷмӯаи «Гуларӯсак» (1986) 30 сол аст. Аммо фосилаи сабти байни матни аввал (1949) ва дуюм (1970) 21 сол аст. Хеле ҷолиб аст, ки гӯяндаи ҳар ду матн мард аст. Оё дар ин бора дар бойгонӣ тавзеҳе ҳаст ё не, намедонем, ки дар оянда ин ҷиҳати масъала низ бояд таҳқиқ шавад.

Дар бораи мавқеи ин суруд дар байни мардум муҳаққиқон Р.Амонов, Ф.Зеҳниева, Р.Ҷумаев [1; 3; 5] ва дигарон назари худро баён намуда бошанд ҳам, вале то ҳол ҳамаи вариантҳои ин суруд нашр ва бо диди матншиносӣ таҳқиқ нашудааст, ки ин кори оянда аст.

Аз ин таҳқиқ мухтасар маълум мешавад, омӯзиши вариантҳои гуногуни сурудҳои халқӣ муҳим аст. Дар охир ёдовар мешавем, ки дар оянда яке масъалаҳои муҳими илми фолклоршиносӣ вариантнокии сурудҳои ҳалқӣ буда, он ба таври ҷудогона ва дақиқтар таҳқиқ шавад.

АДАБИЁТ

1. Амонов, Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб (Дар асоси материалҳои фолклори Сари Хосор) / Р.Амонов. – Душанбе: Нашриёти АФ РСС Тоҷикистон, 1963. – 346с.
2. Гуларӯсак (Сурудҳои тӯи арӯсии тоҷикон) / Мураттиб: Ф.Зеҳниева. – Душанбе: Дониш, 1986. – 180 с.
3. Зеҳниева, Ф. Сурудҳои маросими тӯи тоҷикон / Ф.Зеҳниева. – Душанбе, 1978. – 162 с.
4. Раҳмонӣ Р., Қосимӣ С. А. Адабиёти гуфтории тоҷикон (Фолклори тоҷик, дастури таълимӣ) / Раҳмонӣ Р., Қосимӣ С. А. – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2020. – 352 с.
5. Ҷумаев Р. Ҷашни арӯсии тоҷикон / Р.Ҷумаев. – Душанбе: ЭР-Граф, 2014. – 212 с.
6. Шермухаммедов, Б. Рецепция произведений таджикско-персидской поэзии. (Текстологические исследования. Опыт количественного анализа вариативности). / Б. Шерухаммадов. – Душанбе, 1987. – 326с.
7. Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб / Тартибдиҳанда: Р.Амонов. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1956. – 240 с.
8. Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб / Тартибдиҳанда: Р.Амонов / Нашри дуюм бо ислоҳ ва иловаҳои Ф.Муродов. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 252 с.

ВЗГЛЯД НА ДВА ВАРИАНТА ПЕСНИ "САРШУЙОН"

В данной статье исследуются два варианта песни «Саршуйон», которые пели в прошлом в свадебные дни. На основе двух вариантов одного и того же текста автор комментирует запись, публикацию, форму, различия текстов. Факты говорят о том, что важно изучать тексты песен. В то же время одним из важнейших вопросов в изучении фольклора в будущем является вариативность народных песен, которую следует изучить более внимательно.

***Ключевые слова**: песня, текст, контекст, вариант, копия, фольклор, сборник, издание, исследование, невеста, саршуйон.*

A VIEW TO THE TWO VARIANTS OF SONG "SARSHUYON"

This article deals with the study of two variants of song "Sarshuyon" that were sung in the past during of the wedding days. On the basis of two variants of the same text, the author comments on the recording, publication, form, differences of the texts. Evidence suggests that it is important to explore song lyrics. At the same time, one of the most important issues in the study of folklore in the future is the variability of folk songs, which should be studied more closely.

***Keywords:** song, text, context, variant, copy, folklore, collection, publication, research, bride, sarshuyon.*

Сведение об авторе:

***Саади Косими Абдулкадир** - кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и истории литературы факультета таджикской филологии Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни*

About the author:

Saadi Kosimi Abdulkodir *- candidate of philology, associate professor of the Department of Theory and History of Literature of the Faculty of Tajik Philology, Tajik State Pedagogical University. Sadriddin Aini*

ҶОЙГОҲИ ФАХРИЯ ДАР РУБОИЁТИ ХАЛҚӢ

Мирзоалиева А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Рубоӣ ҳамчун жанри мустақили назми лирикӣ дар адабиёти шифоӣ мақоми хоса дорад. Он ҳам дар адабиёти китобӣ ва ҳам эҷодиёти даҳонакии халқ аз маҳбубтарин жанри лирикӣ маҳсуб меёбад.Бунёди рубоиро аз таронаҳои халқӣ медонанд. Ба андешаи фолклоршинос Р.Амонов «…рубоиёти халқӣ моҳиятан эҷоди коллективонаи аҳли меҳнат буда, дар онҳо на афкору андешаи муаллифи алоҳида, балки маҷмӯи муносибатҳои одамон дар ҷамъияти феодалӣ, вазъияти оммаи меҳнаткаш дар ин ҷамъият, тарзи зиндагии мардум, манзараҳои табиат ва ғайра таҷассум ёфтааст [2, с.23].

Мавзӯи рубоӣ нисбат ба дигар жанрҳои лирикӣ фарохтар буда, бештар мазмунҳои шиква аз замон, чархи качрафтор, рӯзгори талху нохуш, муаммои маргу зиндагӣ, тақдир, эҳсоси дарду ҳасрат, сӯзу гудоз, яъсу ноумедӣ, муаммои маргу зиндагӣ, панду ахлоқ, тараннуми некиву накукорӣ ва мазаммати хислати разила, ҳамчунин мазмунҳои ишқӣ, шодию нишот, ҷавонӣ, васф, мадҳ, ҳазлу мутоиба,панду ахлоқ, ҳабсия, марсия, фахрия ва амсоли инро фаро мегирад.

Фахрия чуноне ки Алиакбари Деҳҳудо шарҳ медиҳад «…дар лафз иборат аст аз «нозиш ва бар дигарон болидан ва изҳори бузургӣ ва мунофисат дар ҳасб ва ҷузъи он аст» [4, с.265]. Вожаи мафохира дар ҳавзаи адабии имрӯз ба унвони навъи адабӣ ё зермаҷмӯае аз навъи адабии ҳамоса шинохта мешавад ва дар маънии он низ навъи мунофисат. хешхоҳӣ, нозишу бартарихоҳии табиӣ аст, яъне шеърест, ки гӯяндаи он худро аз чанд ҷиҳат бар дигарон боло медонад. Ин бартариҳо дар ҳунар, зебоӣ, дониш, авлоду аҷдод, макони зист, табиати дилфиреби маҳал ва гайра ба назар мерасад. Ба андешаи Сируси Шамисо «мафохира махсусан дар адабиёти арабӣ ривоҷи бисёр доштааст ва аъроб зоҳиран мафохираро беш аз ҳар навъи адабии дигар дилбаста будаанд. Раҷз, ки он ҳама аъроб ба он шефта буданд, дар ҳақиқа мафохираи фардӣ ё қабилавӣ буд» [7, с.228].

Ба ақидаи Зайнулобидини Муътаман фахрия ашъорест, ки шоир дар маротиби фазлу камол ва сухандонӣ ва тахаллук ба ахлоқи ҳамида ва малакоти фозила аз ҳайси олитабъ ва иззати нафсу шуҷоату саховат ва амсоли он ва аҳёнан ифтихороти қавмӣ ва хонаводагӣ ва дар шарафи насаб ва камоли ҳасаби хеш суруда аст» [5, с.258]

Гӯяндаи рубоиии халқӣ зерномаълум аст, аммо аз мазмуни он бармеояд, ки сухан дар бораи ҷавоне меравад, ки новобаста ба ҷавон буданаш аз ақлу фаросати худ меболад, ки кӯчак ҳам бошад, мисли одамони калон ақлу фаросат дорад. Ба ҳама ҷафои маъшуқ ишқи ӯро пинҳон медорад, то маҳбуба дар миёни мардум бадном нашавад:

Паскӯча гузар макун, ки ман нор хӯрам,
Ман хурдтаракам, чаро ғами ёр хӯрам.
Ман хурдтаракам, ***ақли калонон*** *дорам,*
Сад тир занӣ, ишқи ту пинҳон дорам [3, с.21].

Гӯяндаи рубоӣ шахси ботинан худхоҳ буда, акли худро аз дигарон боло медонад, аз ин рӯ хурдтарак будану ақли калонсолон доштанаш ӯ фахромезона баён кардааст.

Дар рубоии дигар гӯянда духтар аст. Зеро аз хабари издивоҷи дӯстдоштаи худ сахт дар изтиробу ҳаяҷон аст. Аммо ғурӯраш иҷозат намедиҳад, ин шикастро қабул намояд. Аз ин хотир ёри дигар гирифтани ошиқашро ба хор гирифтани сарчашмаи боги булбулон монанд мекунад:

Сарчашмаи боғи булбулон хор гирифт,
Омад хабараш, ки бевафо ёр гирифт.
Ӯ ёр гирифт, баробари ман нагирифт,
Аз ***гул*** *бигузашту домани* ***хор*** *гирифт [9, с.65].*

Мақсади асосии гӯянда дар байти сеюм «ӯ ёр гирифт баробари ман нагирифт» буда, байти чорум хулосакунандаи мақсади гӯянда аст, яъне «аз гул гузаштану домани хор гирифтан»-и ёр қиммати ӯро паст намекунад, боифтихор худашро аз ёри гирифтаи ӯ боло медонад.

Як хусусияти вижаи фахрия аз он иборат аст, ки гӯянда худро аз дигарон боло мегузорад. Ба ин васила нишон додан мехоҳад, ки аз дигарон кам нест. Дар рубоии мазкур худро ба дурре аз қаъри уммон, гули нодир дар тарфи бӯстон дониста, ҳамзамон аз атрофиён эътироз карда, онҳоро ба бехирадон ташбеҳ медиҳад, ки дар чашмашон хору гул ва дурру санг фарқе надорад:

Чун ман на ***дурре ба қаъри уммон*** *бошад,*
Чун ман на ***гуле ба тарфи бӯстон*** *бошад.*
Аммо чи кунам, ба чашми ин ***бехирадон****,*
Хору гулу дурру санг яксон бошад [3,с.59].

Дар рубоии дигар гӯянда худро бо сифатҳои қонеъ, анқоравиш, баландҳиммат, аз қайду ду олам раҳо, лабрези муҳаббат тасвир карда, бо ин хусусиятҳои фардии худ ифтихор дорад:

Ман кистам? Аз қайди ду олам фарде,
Анқоравише, баландҳиммат марде.
Девонаи худсари биёбонгарде,
Лабрези муҳаббату саропо дарде [8, с.74].

Агар дар рубоиҳои фавқуззикр гӯяндагон сифатҳои худро дар навбати аввал таърифу тавсиф кунанд, дар рубои мазкур маъшуқ аз ошиқи бевафо интиқом гирифтанӣ шуда, киноямезона ӯро бо ёри нави гирифтааш муборакбод гуфта, ҳамзамон таъкид мекунад, ки мисли гули тоза, ҷавону зебо аст, аз ин рӯ киноямезона аз таъбири халқии «дар раҳ намондан»-ро истифода мекунад, ки маънои харидори зиёд доштанро ифода мекунад:

Дар боғ даромадам ба бӯи гашниз,
Андешаи хотирам накардӣ ҳаргиз.
Бо ***ёри нават муборак, эй ҷони азиз****,*
Ман тозагулам, ба роҳ намонам ҳаргиз *([9, с.78].*

Ин маънӣ дар рубоии дигар пурқувваттар шуда, гӯянда худро ба «гундушки паранда» (гунҷишк) ташбеҳ медиҳад, ки барояш шохи дарахт кам нест ва аз ошиқ қасос гирифтанӣ шуда, аз мақоли халқии «сар амон бошад кулоҳ бисёр» - ро мазмунан истифода намуда, аз омадан ё наомадани ошиқ дигар парво накарда, мегӯяд:

Оӣ ғамум нест, ҳаргиз наёӣ ғамум нест,
Гундушки парандаюм, дарахтум кам нест.
Ҳар шохи гуле, ки бар сарум соя куна,
Сарум саломат боша, ёрум кам нест *[9, с.84]*

Гӯяндаи рубоии дигар худро солики роҳи фақр ва маскуни каъбаи таслим, шукргузори нозу итоби дӯст ва гарқа дар баҳри ҳайрат медонад. Ин рубоӣ оҳанги тасаввуфӣ дошта, гӯянда аз садоқати хеш дар сулуки тариқат ифтихор дорад

Дар олами фақр солике нест чу ман*,*
Дар ***каъбаи таслиму ризо*** *карда* ***ватан.***
Бо ***нозу итоби дӯст шокир*** *бошам,*
Ғарқем ба баҳри ҳайрату хушкдаҳан [8, с.129].

Гӯяндаи рубоии дигар аз ишқи худ фахр карда, ишқи Маҷнун, сӯзу гудоз, рӯ ба дашту куҳу ҳомун ниҳодани ӯро пеши ишқи худ ночиз дониста, дар ишқ Маҷнунро ба худ шогирд медонад:

Маҷнун , ки дар ин водӣ зи аҳли Хутан аст,
Аз вай сухани ишқ ба ҳар анҷуман аст.
Бо ин ҳама авсоф, ки з-ӯ мегӯянд,
Дар роҳи вафо камина шогирди ман аст *[8, с.186].*

Образи Лайлию Маҷнун, Вомиқу Узро, Хусраву Ширин, Фарҳод дар адабиёти шифоӣ зиёд ба назар мерасад. Агар дар рубоии боло гӯянда Маҷнунро дар ишқ шогирди худ донад, дар рубоии мазкур муҳаббаташро аз ишқи Маҷнун дар сӯзи Лайлӣ болотар медонад:

Он рӯз, ки нақши кӯҳу ҳомун бастанд,
Тасвири сиҳиқадони мавзун бастанд.
Побастаи занҷири ҷунун ман будам*,*
Мардум ***ба ғалат ба пои Маҷнун*** *бастанд [8, с.45].*

Дар рубоиёти халқӣ бештар сӯзу гудози ошиқ, дарди ишқ, васфи ҳусну ҷамоли маҳбуба, бераҳмию назарбалании ӯ бештар дида мешавад. Дар рубоии зерин маҳбуба дар муқобили бечорагиву сӯхтадилии ошиқ нархи бӯсаашро ба хироҷи мулки Самарқанду Бухорову Бадахшон баробар донистааст:

Лабат қанду лабат қанду худат қанд,
Харидорат манам, қимат бигӯ чанд?
-Агар гӯям баҳои ростиро,
Бухорову Бадахшону Самарқанд *[8, с.171].*

Гӯяндаи рубоии мазкур зан аст. Занест, ки дар муқобили фарҳанги шарқӣ аз дӯст доштани марди зандор шарм намедорад, балки таъкид ҳам мекунад, ки ӯро рӯйрост мегирад:

Оина ба дасти рост мегирам ман,
Аз гуфтагиёт қиёс мегирам ман,

Не қозию не муфтӣ, не ҷуфти гувоҳ,
Шӯякта ба рӯи рост мегирам ман *[9, с.175].*

Дар ин рубоӣ, маънии асосӣ ва мақсади ниҳоии гӯянда дар байти чорум баён гардидааст.

Ифтихор аз ҳунар навъи дигар муфтахорот аст. Гӯяндаи рубоиёти мазкур ҷавонмардест, ки аз ҳунари ҷанговарии хеш ифтихор намуда, душманро ба василаи ҳунари шамшерзанияш аз худаш хабардор мекунад:

Бо дӯст муборакему бар душман шум,
Бар ҷанг ҷу оҳанему бар сулҳ ҷу мум.
Сарчашмаи нури Ғиждувон манзили мост,
Шамшери дурӯя мезанем то дари Рум *[8, с.96)].*

Дар баробари ифтихороти шахсӣ аз қабили зебоиву вафодориву ҳунар дар рубоиёти халқӣ ифтихор аз маҳалли зист, зодгоҳ, обу хоки Ватан, мардумони донишманду ҳунармандаш низ ба назар мерасад. Ин навъи фахрияҳо мо ба ду давра дар рубоиёти халқи ҷудо намудем. Аввалӣ, ифтихорот аз маҳалу ватан пеш аз Инқилоб ва дуюм ифтихор аз ватани ободу озоди шӯравӣ. Масалан дар рубоиёти зерин гӯянда аз маҳали зисти худ Яғдур – қишлоқе дар Ишкошим ёд карда, як рӯз зиндагӣ кардан дар ин гӯшаи биҳиштиро барои худ тоҷи сар дониста, ба воситаи санъати тазоду муқобала аз Ёгурда -агбаи байни вилояти Ғорони Бадахшон ва маҳаллаи Зардев, ки дар замони гӯянда ободу зебо будааст, боло медонад:

Имрӯз дилам ҳавои абри кӯтал аст,
Ин кӯтали Ёгурда ба ман дарди сар аст.
Ҳарчанд бигаштам ба гирди Зардев,
Як гаштани Яғдуру ба ман тоҷи сар аст *[6, с.75].*

Дар рубоии дигар, ки мазмуни фахрияро дорад, гӯянда аз мардони банангу пирони қавии маҳали зисташ ифтихор мекунад. Бовар дорад, ки ҳар кас, ки ба нияти бад ба мулки онҳо назар кунад, саломат ба манзил намерасад. Ин матлабро бо шеваи мардумӣ «ҳар кас, ки ба мо кач нигар, ҷон набара» ифода кардааст:

Дарвешонем нишаста дар кӯҳи Кара,
Ҳар ҷо, ки палангу шеру аждар гузара.
Пирони қавӣ дорему мардони сара,
Ҳар кас, ки ба мо кач нигара, ҷон набара [6, с.8].

Дар фолклори Бадахшон ифтихор аз маҳалли зист зиёд ба чашм мерасад. Гӯянда аз маҳали зисти худ аз чилчашмаю марғзор, чил духтари пурхумор, аз обҳои ширини маҳали зисташ Нуд – маркази Ишкошим ифтихор дорад:

Чилчашмаи марғизор дорад, Нуди мо,
Чил духтари пурхумор дорад Нуди мо.
Ҳар кас , ки ба қишлоқи Нуд ояд ба мурод,
Бо ӯ тамъи ҳазор дорад Нуди мо [6, с.74].

Боло гузоштани маҳалу шаҳри худ аз марказҳои адабию фарҳангӣ, ба мисли Самарқанду Бухоро, Ироқу Деҳлӣ аз ҳисси ватандӯстии гӯянда маншаъ гирад, аз ҷониби дигар аз қаноатпешагивии ӯ далолат мекунад. Зеро пораи нони хушке, ки дар Кара –маҳалли худ мехӯрад аз барраи бирён ва маҳали зисташро аз чор шаҳри адабию фарҳангии машҳури олам боло медонад:

Қонеъ шудам ба хушкноневу тара,
Майлам набувад ба сӯи бирёни бара.
Деҳливу Самарқанду Бухорову Ироқ,
Ҳар чор туро бод, маро бод Кара [6, с.12].

Дар рубоиҳои халқӣ мавзуъҳои ғарибӣ, дарду кулфат, ҷудоӣ,чабру чафо, яъсу ноумедӣ, шикоят аз ҷавру чафои рӯзгор, фалаки кажрафтор, носозгорихои замон, бевафоии умр, дунёи гузарон, шиква аз тақдири пасти носозгор, муаммои маргу зиндагӣ, ки бештар мазмуни иҷтимоӣ доранд, дида мешавад

Дар рубоии зерин мо ду мавзӯъро эҳсос менамоем. Аввалан, гӯянда аз чархи фалак шикоят мекунад ва баъдан бо ин шикоят аз обҳои ширину ҳавои софу замони хушбахтии худ дар ватанаш ёд мекунад, гарчанде Балх як маркази бузурги илмию фарҳангии замони гӯянда ба шумор мерафт, аммо дар Кӯлоб буданро барои худ авлотар медонад ва ифтихор низ дорад:

Чархофалаке мара ба чарх овардӣ,
Кӯлоб будум, маро ба Балх овардӣ.
Кӯлоб будум ови ширин мехурдум,
Саргашта мара ба ***ови талх*** *овардӣ [9, с.37].*

Ё дар рубоии дигар, ки оҳанги шикоят, яъсу ноумедӣ, ғарибӣ дорад, гӯянда аз ватани сарчашмаи боги булбулон, хушобу ҳавои гулистонаш бо ҳасрат ёд мекунад ва ифтихор дорад, ки чунин ватан

дорад, гӯяндаи он ба ҳар васила ватанашро аз ватани бегона,обу чашмаву кӯҳсори ватанашро аз сояи тубову лаби ҳавзи кавсар кам намедонад.

Сарчашмаи боғи булбулонай ватанум,
Хушобу ҳавои гулистонай ватанум.
Як бори дигар бирасам ба ватанум,
Дил пора кунум ёди ғарибӣ накунум [9, с.20].

Баррасии ҷойгоҳи фахрия дар рубоиёти халқӣ мо ба хулосае омадем, ки фахрия аз ду вижагӣ бархӯрдор аст:

1.Ифтихороти маъмулӣ - ишқ, эҳсосот, дониш, ҳунар,фахр аз миллату нажод, ватани обод, маҳали зист ва ғ.

2. Ифтихороти иҷтимоӣ (сохти нави колхозӣ, ҳунарнамоӣ дар саҳнаҳои бузурги ватани советӣ, Ленин, сиёсати ленинӣ, роҳи нав ва ғайра, ки бештар аҳамияти иҷтимоиро касб кардааст.

Ифтихороти иҷтимоӣ дар рубоиёти халқии тоҷикӣ бо дигар шудани сохти ҷамъияти синфӣ ҷойгузин шудааст. Аз намунаи зиёди рубоиёти иҷтимоӣ мо мавзуъҳои ифтихор аз Инқилоби Октябр, ба хондан ҷалб шудани духтарон, соҳибкасб гардидани онҳо, дар баробари мардон соҳибҳуқуқ гардидани занон, сохтмони роҳҳои нав, мактабҳо ва гайра ба назар мерасад.Ҷои шак нест, ки Инкилоби Октябр дар ҳаёти мардуми Осиёи Миёна таҳаввулоти бузурги иҷтимоӣ-иқтисодиро ба вуҷуд овард. Ифтихори гӯяндаи рубоии зерин фахр аз ватани ободу озоди Шӯравӣ аст, ки давлати Шӯро зулмро решакан карда, мавқеаш дар ҷаҳон мисли фӯлод сахт буда, Ленини муаззам вайронаҳоро обод карда, имконияти омӯхтан ба ҳама додаву мардум аз чанги мазлум озод шудаанд. Ин навъи фахрия дар замони Шӯравӣ дар эҷодиёти аксари шоирони даврони шуравӣ ва эҷодиёти даҳонакии халқ ба назар мерасад:

*Шӯро ба **ҷаҳон сахт чу пӯлод** шудаст,*
*Вайрона зи **илми Ленин** обод шудаст.*
Эй ранҷбарон илм бихонед шабу рӯз,
Мардум зи чанги мазлум озод шудаст [3, с.106]

Рубои дигар баёнгари ифтихори гӯянда аз ҳунари ҳунарманди тоҷик аст, ки дар саҳнаи Москва – пойтахти ватани бузургу бепаҳнои Шӯравӣ мераҳсад. Дар саҳнаи Москва раҳсидани як ҳунарманди маҳаллӣ ифодакунандаи ҳунари волои ӯ ҳисобида мешуд. Аз ин рӯ гӯяндаи рӯбоӣ аз як ҳамватанаш ифтихор мекунад.

Ин духтари ҳадбаланди Рӯшонро бин,
Озода нигоҳи чеҳрахандона бин.
Дар саҳнаи Москва баромад дорад,
***Раҳҳосаи хуби Тоҷикистонро бин** [6, с.107]*

Мавзӯи Инқилоби Октябр, озодии занон аз мавзӯъҳои меҳварии адабиёти замони Шӯравӣ буд. Ин аст, ки гӯяндаи рӯбоии мазкур аз файзи инқилоб саводнок шудани занон ифтихор дорад:

Маҳро нигар, ба даст китоб меояд,
Гӯё, ки гуле ба рӯи об меояд.
Хушбахт шаванд духтарони Ховар,
Дар мулки ман инқилоб меояд (8,107).
Идомаи ҳамин мавзӯъ дар рубоиёти
Оина ба дасти рост мегирум ман,
Мехонаму ихтисос мегирам ман.
Аз ғайбати ҳамсоя наметарсам ҳеҷ,
Диплома ба дасти рост мегирум ман [8, с.187].

ба назар мерасад, ки гӯянда духтарест, ки шояд аз минтаҳаи дурдаст ба шаҳр ба хондан меояд ва пас аз хатми донишгоҳ ба сари баланд ба зодгоҳаш бармегардад ва дар сафи мардон барои Модар-Ватан хизмат мекунад.

Обод гардидани дашту чӯлҳои беобу бекорхобида дар замони Шӯравӣ барои мардуми шӯравӣ ифтихор маҳсуб мешуд. Фахр аз қудрати давлати тавоно, иттиҳоду ҳамбастагии мардум дар ободонии ин кишвар ифтихороти дигари иҷтимоии замони шуравӣ ба ҳисоб меравад:

Ҳукумати мо ҳам падару ҳам модар,
Дар рӯи ҷаҳон ягона бошад роҳбар.
Чӯлҳои ҷаҳон мешавад ободӣ,
Бо роҳбарии Партияи Коммунистӣ [3, с.51].

Аз баррасии мавзӯи мазкур ба хулосае омадан мумкин аст,ки рубоӣ ҳамчун жанри ҳадимаи халқӣ на танҳо ифокунандаи мавзуъҳои ишқ, яъсу ноумедӣ, гарибӣ, шикоят аз чархи качрафтор, фалсафаву ҳикматро фаро мегирад, ҳамчунин мавзӯъҳои ифтихор аз худ, аз ҳунар, дониш, маҳорату малака, зебоии диёр, обу чашмаҳои зололи он, мардумони ба нангу номуси меҳанро низ фаро мегирад.

АДАБИЁТ

1. Абдусаттор, Абдушукур. Рубоӣ дар адабиёти форс- точик. - Душанбе, 2016 ,- 403с.
2. Амонов, Р. Рубоиёти халқӣ ва рамзҳои бадеӣ. – Душанбе, 1987.
3. Байту рубоиёти кӯҳистони Зарафшон (Ҷамъоваранда С. Мирсаидов). Душанбе, Дониш, 1982 - 258 с.
4. Деҳҳудо, Алиакбар. Лугатнома. - Теҳрон, созмони лугатномаи Деҳҳудо. (1325-1341).
5. Мӯътаман, Зайнулобидин. Шеъру адаби форсӣ. Теҳрон,интишороти Зарин, 1374.
6. Рубоиёт ва сурудҳои халқии Бадахшон (нашркунанда ва тартибдиҳанда Нисор Шакармуҳаммадов. - Душанбе, Ирфон,1965, 118
7. Шамисо, Сирус. Анвои адабӣ. – Теҳрон: Оина,1387,
8. Ҳабибов А. Рубоиёти халқӣ ва китобӣ (Зери назари академики АФ РСС Тоҷикистон Рачаб Амонов, - Душанбе: Дониш, 1981, 264.
9. Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб (тартибдиҳанда Рачаб Амонов) Душанбе: Нашрдавлтоҷ, 1963, 248 с.

ЗНАЧЕНИЕ И МЕСТО ПОЧЁТА В ФОЛЬКЛОРЕ

В статье автор попытался проявить почёт за фольклор. Автор приходит к выводу, что наряду с темами любви, увещевания, философии и отчуждения в устной литературе, особенно в жанре поэзии (рубаи), присутствует почёт и гордость. Ветераны на поэзии (рубаи) олицетворяют красоту, изящество, мастерство, достаток собственности, чистые источники Родины и так далее.

***Ключевые слова**: устная литература, честь, рубай, гордость за мир, гордость за благополучную Родину, красота природы страны, женская свобода.*

THE MEANING AND PLACE OF HONOR IN FOLKLORE

In the article, the author tried to show honor and respect for folklore. The author comes to the conclusion that along with the themes of love, exhortation, philosophy and alienation in oral literature, especially in the genre of poetry (rubai), there is honor and pride. Poetry (rubai) veterans personify beauty, grace, skill, wealth of property, pure sources of the Motherland, and so on.

***Keywords**: oral literature, honor, rubai, pride in the world, pride in a prosperous homeland, the beauty of the country's nature, women's freedom.*

Сведения об авторе:

***Мирзоалиева Адолат** - кандидат филологических наук, преподаватель кафедры теории и истории литературы Таджикского государственного университета им.С. Айни. Тел, (+992) 918554419 E-mail: amirzoalieva@ mail.ru*

About the author:

***Mirzoalieva Adolat** - Candidate of Philological Sciences, teacher in the Department of theory and history of literature of the Tajik State Pedagogical University, named after S. Aini. Tel.: (+992) 918554419 E-mail: amirzoalieva@ mail.ru*

УДК:070.4

ОСВЕЩЕНИЕ ВОПРОСОВ СОЦИАЛЬНОГО ПАРТНЕРСТВА В НОВОСТНЫХ ПУБЛИКАЦИЯХ ГАЗЕТЫ «ИМПУЛЬС»

Рахимов А.А.

Российско-Таджикский (Славянский) университет

Вопросы формирования социального партнерства в СМИ являются одним из важных проблем теории и практики журналистики, на которые обратили внимание многие исследователи. В частности, А.В. Пустовалов и А. И. Березина опираясь на известного российского исследователя И.М. Дзялошинского определяют три типа современной журналистики: «журналистика управления, журналистики успеха или информации, журналистика соучастия, сотрудничества, соратничества» [8, с.194]. Гражданская журналистика относится к третьему типу – журналистики соучастия или социального партнерства, когда граждане активно сотрудничают со средствами массовой информации или же профессиональные журналисты активно освещают проблемы гражданского общества.

Необходимо заметить, что открытый и результативный диалог, как результат социального партнерства мы можем наблюдать более всего в тех печатных СМИ, которые непосредственно представляют структуры гражданского общества, т.е. являются их периодическими изданиями. Одним из таких периодических изданий в первом десятилетии XXI века была газета «Импульс» - издание Центра поддержки гражданского общества «Калам» (далее: ЦПГО «Калам»). ЦПГО

«Калам» был учрежден в ГБАО и адрес газеты находился в городе Хороге, улица Ленина 139, кВ. 14. В то же время, сама газета из печати выходила в городе Душанбе.

Газета выходила на 12 страницах формата А 3. Помимо бумажного варианта ряд номеров газеты помещены в интернете в формате А 4. На первой странице газеты указано, что «Импульс» является изданием Центра поддержки гражданского общества «Калам» и отмечается, что она выпускается с 1 февраля 2004 года.

Первая страница – это анонсы наиболее важных материалов; вторая страница – рубрика «Новости»; третья страница – рубрика «Общество»; четвертая страница –«Экономика»; шестая страница – «Литература»; седьмая страница – «Культура»; восьмая страница – «История»; девятая страница – «Право»; десятая страница – «Здоровье»; одиннадцатая страница – «Досуг»; двенадцатая страница – «Объявления, гранты, конкурсы, стажировки».

Материалы газеты в основном размещены в соответствии с содержанием рубрик. Публикации газеты на двух языках – таджикском и русском, но в то же время материалов на таджикском языке больше. В свою очередь содержание рубрик также определяет жанры материалов.

Следует заметить, что анализ всех номеров газеты «Импульс» - это предмет отдельного, целостного исследования. В нашей же работе мы рассмотрим только некоторые номера газеты с анализом соответствующих примеров из рубрики «Новости» так, как публикации данной рубрики наиболее полно освещают проблемы гражданского общества.

Следует отметить, что в рубрике помещены материалы в информационных жанрах, как того требует само назначение данной рубрики.

В восьмом номере от апреля 2014 года опубликованы следующие заметки: Сабина Мамадназарбекова - «Последствия чернобыльской трагедии», Мавзуна Шарипова – «Ба хизмати ҳарби довталабона», «Дасти мадад ба занон», Зарифмо Додмамадова – «Новая книга о Насире Хусраве», Файз Мирхасанов – «Хамкории «Помирэнерджи» бо ширкати «Хидро Ду»

Для новостной заметки З. Додмамадовой «Новая книга о Насире Хусраве» [3, с. 2] информационным поводом является книга американского профессора, доктора Элис К. Хансбергера о великом таджикск-персидском поэте и мыслителе Носире Хусраве. Автор старается в одной короткой новостной заметке дать массовой аудитории интересные сведения об этой книге, так как таджикский читатель, особенно жители Бадахшана, хорошо осведомлены о жизненном пути, поэтическом, научно-религиозном и публицистическом творчестве, общественно-политической деятельности Носира Хусрава. Исходя из этого, информация для осведомленной аудитории должна быть новой и интересной. Именно эти факторы обеспечивают интерес читателя к этой новости.

С учетом этого автор в лиде заметки, прежде всего, сообщает читателю необычное название книги: «Носири Хусрав – рубин Бадахшана: портрет персидского поэта и путешественника». Это оригинальное и своеобразное название книги сразу же привлекает читателя, вызывая у него интерес и побуждая к чтению текста.

Суть информации в предметной части заметки уже известна таджикскому читателю. Интерес вызывают сведения, которые указывают на подход американского ученого к исследованию жизни и творчестве Носира Хусрава. Причинной основой информации для автора заметки является «документальный источник» то есть новая книга о Носире Хусраве. Не была бы напечатана эта книга, не был бы повод для этой заметки. Именно появление этой книги вызвал интерес автора для подготовки и публикации данной заметки. В этом заключается замысел автора, который воплощен в форме новостной заметки.

Автор предъявляет свое сообщение методом описания содержания текста. Рассуждения и цитирования отсутствуют, так как они в данном случае не нужны. Объяснения, рассуждения и переосмысления были бы уместны в жанре рецензии.

Хотя текст небольшой, но мы явно видим роль и положительное отношение автора к тем, к выбранному объекту. Автор приветствует появление такой книги о Носире Хусраве, называя исследование «уникальным синтезом» его многогранного творчества и мировоззрения.

Таким образом, короткий материал З. Додмамадовой, как с точки зрения построения текста, так и информационной насыщенности отвечает критерию жанра новостной заметки.

В двадцать третьем номере от сентября 2014 года опубликованы материалы Муниси Мехрубон – «Азим Иброхим: Мо киро фиреб медихем? Худро!»; «Президент США Барак Обама заявил о партнерстве с сетью развития Фонда Ага Хана»; «Духовный лидер исмаилитов: принц Карим Ага Хан открыл в Торонто музей исламского искусства из числа экспонатов крупнейшей в мире частной коллекции»; «Иттиходи Аврупо ва шабакаи ягонаи иттилорасони»

Материал Муниса Мехрубона под названием «Азим Иброхим: мы кого обманываем? Себя!» [7, с.3] подготовлен в жанре информационного отчета, в котором изложены основные итоги встречи А. Иброхима с активистами области. Лид материала непосредственно связан с заголовком и является его продолжением. Фактической основой материала является проведение заседания передвижного

штаба в Хороге с участием заместителя премьера-министра Республики Таджикистан Азима Иброхима по вопросам подготовки к осенне-зимнему сезону. Материал написан по итогам этого заседания и читатель уже из заголовка узнает о критическом отношении Азима Иброхима к обсуждаемой на заседании проблеме.

Источником информации, по нашему мнению, является предметно-вещественная среда, то есть заседание на котором участвовали руководящие лица и обсуждали вопросы по конкретному заданному направлению.

Сам текст с точки зрения содержания освещает вопросы, обсуждаемые на заседании, которые волнуют общество. Методами подачи результатов заседания являются: констатация, описание и рассуждение. В свою очередь метод рассуждения также предполагает определенный критический анализ, что видно из содержания.

Из текста читатель узнает о том, что в ГБАО, в частности в джамоате Язгулом Ванджского района существует острая нехватка электроэнергии и от этого страдает население. На заседании выявляется нерешенность данного вопроса и по этому поводу Азим Иброхим выражает недовольство и в резкой форме восклицает: «Мы кого обманываем! Только себя!».

Отношение автора к позиции зампремьер-министра республики положительное. Из его изложения видно, что он согласен с выводами и критическим отношением Азима Иброхима по поводу неудовлетворительного положения дел.

Следует отметить, что стиль изложения данного критического материала соответствует задачам «Импульса», как издания гражданского общества и отражающий социальные потребности простых граждан.

В двадцать четвертом номере от октября 2014 года напечатаны такие материалы, как «Огохони 4 – яке аз бонуфузтарин мусулмонони дунё», А. Масъуд – «Роддом готов к приёму», «Юный шахматист из ГБАО на чемпионате мира»; А. Мардонов - «Дороги Рошткалинского района будут частично отремонтированы»; К. Аъзам – «Рохи нав ба Спинз кушода шуд».

Публикация А. Масъуда «Роддом готов к приему» [5, с. 2] написана в жанре событийной заметки, которая информирует читателя о готовности к приему нового здания родильного дома области. Лид материала связан с основным текстом подготавливая читателя к его восприятию.

Первичной реальностью материала является факт готовности роддома к приему. То есть именно этот факт послужил для автора причиной подготовки материала. Судя по содержанию такое современное здание роддома было давней мечтой жителей области.

Источником информации является, как предметно-вещественная среда, так и люди. Из текста мы чувствуем, что (так как автор явно не говорить, что побывал в новом здании) автор посетил новое здание, т.е. непосредственно видел среду. Его посещение подтверждает другой его источник – люди, граждане – в лице строителей.

С точки зрения содержания в заметке освещаюся современные условия нового здания роддома, которое отвечает возрастающим потребностям гражданского общества.

Факт готовности нового областного роддома автором подается посредством методов сообщения и объяснения. Сообщается о состоянии нового роддома, объясняется его значение в жизни области. В процессе изложения события, через фиксацию мнения одного из строителей затрагивается тема миграции особо волнующее наше общество.

Мы узнаем о том, что именно трудоустройство в строительстве этого объекта позволило одному из строителью не ехать в трудовую миграцию, так как зарплата его устраивает и может содержать свою семью. В лице этого строителя можно также наблюдать положительную реакцию гражданского общества на возможность трудоустройства на своей родине.

Автор в основном использует монологическую форму персонификации, с элементами диалогизации. Монологическая форма выражается в беседе автора с одним из строителей.

Что касается отношения автора к событию, то оно положительное и это можно увидеть в самом стиле изложения текста.

Публикация А. Мардонова «Дороги Рошткалинского района будут частично отремонтированы» [4, с.2] является краткой заметкой. В ней сообщается о предстоящем частичном ремонте дорог этого района и об этом читатель узнает уже с заголовка. В лиде уже становится ясно, почему речь идет не о полном ремонте, а только о частичном. Основанием этому является то, что дорожники для частичного ремонта должны были получить 40 тонн асфальта, а получили только 25 тонн, «по причине недофинансирования». Когда автор подчеркивает причину недофинансирования, то чувствуется критический мотив, что делает публикацию читабельной.

Первичной реальностью является новость, которую сообщает автору заметки Н. Мастибеков являющийся начальником предприятий по эксплуатации автодорог Рошткалинского района. Без его информации такая заметка бы не появилась.

Исходя из этого, источником информации автора является конкретный человек, ответственный за ремонт и эксплуатации, который ему представил эту информацию.

Содержание текста определяет ее тема. Замысел автора заключается в том, чтобы сообщить читателю о плохом состоянии автодорог Рошткали, которые были асфальтированы еще в советское время. Автор подводит читателя к тому, что эти дороги давно требуют ремонта, что население страдает от этого и, хотя бы их частичный ремонт устранить эти неудобства.

Методами предъявления информации автор выбрал описание, объяснение и рассуждение. Он, во-первых, излагает суть вопроса, во-вторых, объясняет читателю причину его появления и в-третьих, рассуждает о том, как будут осуществляться частичные ремонтные работы.

Позиция автора проявляется в ряде моментах. Он одобряет частичный ремонт автодорог, но вместе с тем опосредованно подвергает критике то, что асфальт в полном объеме не выделяется для того, чтобы отремонтировать дороги от начала до конца.

В пятом номере от марта 2015 года опубликованы следующие материалы: А. Масъуд - «Центральная улица Хорога будет носить имя Героя Таджикистана», «Шахриёр Алидодов стал чемпионом Азии»; А. Мардонов – «Таваччух ба дзюдо дар ВМКБ афзудааст»; «Прокурори нави Бадахшон муаррифи гардид»;

Материал А. Масъуда «Центральная улица Хорога будет носить имя героя Таджикистана» [6, с.2] написан в жанре развернутой заметки с элементами беседы. С заголовка читатель узнает о том, что главная улица административного центра ГБАО будет носить имя героя Таджикистана, а из лида какого именно героя – т.е. Шириншо Шотемура. Также в лиде говориться о том, что «жители Хорога восприняли это решение с одобрением».

Как известно, в советское время все центральные улицы городов и районов СССР носили имя Ленина – основателя советского государства. После распада СССР центральные улицы столичных и других городов стали переименовываться на имена великих национально-исторических личностей. Центральная улица города Душанбе переименована на проспект Абуабдулло Рудаки – родоначальника персидско-таджикской литературы, а на главной площади, где ранее стоял памятник Ленину, установлен памятник основателю первого таджикского государства Исмаила Сомони.

В большинстве других областных и административных центрах главные улицы переименованы в честь Исмоила Сомони или же великого уроженца той местности. Исходя из этого, переименование центральной улицы Хорога в честь Шириншо Шотемура – уроженца Памира, закономерное явление, так как он был одним из лидеров таджикской нации в 20-е годы XX века. В тот период, как один из лидеров и покровителей таджиков он сделал очень многое для защиты своей нации от реакционных сил и приложил все усилия для создания Таджикской АССР, а затем, Таджикской ССР. В качестве примера можно привести его письмо на имя И.В. Сталина под названием «О культурно-социальном и экономическом положении таджиков на территории Республики Узбекистан» в котором довел до руководителя СССР о несправедливом отношении националистических кругов к таджикам. В своем письме он не только изложил факты, но также представил ряд предложений по их решению подчеркивая, что «прошу ЦК ВКП(б) уделить серьезное внимание таджикском вопросу» [9, с. 22].

За эти великие деяния Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон удостоил его звания Героя Таджикистана и переименование центральной улицы Хорога – это честь как для жителей ГБАО, так и всего Республики Таджикистан. А потому подчеркивание того, что «герой Таджикистана Шириншо Шотемур гордость всех жителей республики» показывает всенародную любовь к герою-земляку.

Автор в качестве источника использует документ и человека. Документальным источником является решение Маджлиса народных депутатов города Хорога, на основе которого автор пишет свою заметку. Человеческим источником выступают два известных местных журналиста. Один из них Курбон Аламшоев, который также исследовал жизнь и деятельность Шириншо Шотемура. Другой Шонавруз Афзалшоев - также неплохо осведомленный об истории своего народа. Оба в своей беседе выражают поддержку такому решению, отмечают, что некоторую запоздалость такой инициативы и уже как знатоки истории говорят о том, что надо чтить свою историю и своих героев.

Методами репрезентации являются:

- констатация свершившегося факта, т.е. принятия решения о переименовании центральной улицы Хорога;
- объяснение этого решения читателям;
- рассуждения специалистов по этому поводу для обосновывания прниятого решения.

Хотя в заметке отсутствует авторское заключение, и материал завершается словами журналиста Ш. Афзалшоева, но по ходу текста можно определить положительное отношение автора к этому.

В восьмом номере от апреля 2015 года напечатаны такие материалы, Гулбону Холмамадова – «Сохтмони иншоотхои мухим дар шахри Хоруг»; Р. Ватаниева - «Пешгирии саратон аз мурочиати саривакти вобаста аст»; Н. Мубораккадамова – «Близкородственные дети – нездоровые дети»; А. Абайдуллоева – «Кумак ба донишгохи Хоруг»; «Дальнобойщики остались без работы», «Водоканал Хорога на грани банкротства»

Заметка: «Дальнобойщики остались без работы» [2, с.2] редакционный материал, так как конкретный автор не указан. Уже из заголовка можно увидеть, что публикация является новостным материалом, но с элементами социальной критики. Читатель узнает, что у местных дальнобойщиков появились проблемы с работой и в материале освещается данный вопрос.

Первичной реальностью является факт, согласно которому большегрузные китайские фуры, привозящие из Китая различные товары, раньше останавливались в терминале Танг. В этом терминале стоят местные большегрузные фуры, которые ожидают перекидки товаров. Другими словами, из ГБАО до Душанбе товары привозились местными фурами, и таким образом таджикские граждане были обеспечены хорошо оплачиваемой работой. Начиная с марта 2015 года, китайские фуры перестали останавливаться в терминале Танг, и продолжили свое движание в сторону столицы.

Автор методом сообщения излагает для массовой аудитории суть проблемы, который в результате не остановки китайских фур появились у местных дальнобойщиков. Но без работы остались не только водители, но и местные жители. На территории терминала была построена инфраструктура. Действовали столовая, магазин, парикмахерская и т.п., которые обслуживали как местных, так и иностранных водителей. Таким образом, они были обеспечены работой и кормили свои семьи.

Ситуация, как видно из заметки, изменилась, как только китайские водители стали игнорировать этот терминал. Это привело к тому, что появилась острая социальная проблема, а именно безработица.

Цель автора привлечение внимания общественности к данной проблеме соответствующих государственных структур, которые пока не торопятся решить (*имеется в виду по состоянию апреля 2015 года, когда была опубликована рассматриваемая здесь заметка – А.Р.)* проблему.

Источниками информации автора являются:

- предметно-вещественная среда, т.е. состояние самого терминала и инфраструктурных сооружений;
- человек, люди – т.е. водители и местные жители, которые излагают ситуацию и рассуждают о своем социальном состоянии.

По этим рассуждениям мы можем наблюдать реакцию гражданского общества на возникшую ситуацию и критическое отношение редакционного коллектива, опосредованно призывающую соответствующие министерства и учреждения к решению данной социальной проблемы.

В десятом номере от мая 2016 года напечатаны такие материалы, «КМИР: 94,7% ба чонибдории тагйиру иловахо раъй додаанд»; «Таъсиси корхонаи махсуси рохсози дар Бадахшон»; Сабохати Донаёр – «ВАО ва вахдати милли»; Ш. Афзалшоев - «ДВВ усиливает институциональный потенциал ЦОВ Хорога».

Материал Сабохата Донаёра «СМИ и национальное единство» [2, с. 2] написан в жанре информационного отчета. Материал предоставляет информацию о круглом столе журналистов и ученых посвященных дню национального единства. Следует отметить, что именно в форме информационного отчета подаются сообщения о конференциях, круглых столах, симпозиумах и т.п.

Исходя из этого, фактической основой материала является событие, относящееся к вторичной реальности т.е. круглому столу, который дал повод к появлению данного информационного отчета.

Источником информации о событии является информационная среда, т.е. сама среда круглого стола в ходе, которого выступали ученые и журналисты о различных аспектах взаимовлияния средств массовой информации и сущности национального единства.

Замысел материала у автора появился по итогам работы круглого стола. Хотя С. Донаёр не указывает свое участие на этом мероприятии, но из текста видно, что автор непосредственно участвовал в работе круглого стола и был свидетелем всех выступлений.

Именно важность и актуальность данной темы для общественного сознания побудил автора методом констатации и изложения предъявить информацию об этом круглом столе.

Из заголовка читателю еще не известно, что речь будет идти о круглом столе. Заголовок имеет общей характер, говорящий только о теме СМИ и национального единства. Но в какой форме эта тема была рассмотрена, мы узнаем в лиде, в котором констатируется факт о круглом столе.

Метод изложения использован в самом тексте, в котором излагается процесс работы круглого стола, с констатацией имен и фамилий выступающих, а также названий их докладов, отражающих содержание темы круглого стола.

Форма персонификации информации является монологической, так как автор ни с кем из выступающих не беседовал и не брал у них интервью. Публикация заканчивается сообщением о награждении ряда ветеранов и сотрудников СМИ ГБАО.

Хотя автор только излагает факт и никаких собственных выводов не делает, но из общего содержания текста видно его положительное отношение.

Таким образом, из сказанного можной прийти к выводу, что освещение вопросов социального партнерства является важным для журналистики соучастия, сотрудничества и соратничества. Особый интерес в освещении данной проблемы проявляют периодические издания, учрежденные гражданским обществом (или: третьим сектором), что и наглядно показывает контент-анализ новостных публикаций газеты «Импульс».

ЛИТЕРАТУРА

1. Дальнобойщики остались без работы [Текст] // Импульс. – 2015 - апрель, №8 (214).
2. Донаёр, С. СМИ и национальное единство [Текст] / С. Донаёр // Импульс. – 2016 - май, № 10 (240).
3. Додмамадова, З. Новая книга о Носире Хусраве [Текст] / З. Додмамадова //
4. Импульс. – 2014 – апрель, №8(185).
5. Мардонов, А. Дороги Рошткалинского района будут частично отремонтированы [Текст] / А. Мардонов // Импульс. – 2014. – октябрь, №24(201).
6. Масъуд, А. Роддом готов к приему [Текст] / А. Масъуд // Импульс. – 2014. – октябрь - №24(201).
7. Масъуд, А. Центральная улица Хорога будет носить имя героя Таджикистана [Текст] / А. Масъуд // Импульс. – 2015. – март - № 5(211).
8. Мехрубон, М. Азим Иброхим: Мы кого обманываем? Себя! [Текст] / М. Мехрубон // Импульс. – 2014. – сентябрь - № 23(200).
9. Пустовалов, А.В., Березина И.А. Аудитория, создающая новость: новые течения в современной зарубежной журналистике [Текст]/ А.В. Пустовалов, И.А. Березина// Вестник Пермского университета. – 2012. – № 2(18). – С. 194-201.
10. Шотемур Ш. Письмо Сталину. О культурно-социальном и экономическом положении таджиков на территории Республики Узбекистан [Текст]/Ш Шотемур//Дарси хештаншиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1991. Т. 2. – 400 с.

ОСВЕЩЕНИЕ ВОПРОСОВ СОЦИАЛЬНОГО ПАРТНЕРСТВА В НОВОСТНЫХ ПУБЛИКАЦИЯХ ГАЗЕТЫ «ИМПУЛЬС»

В статье рассматриваются вопросы социального партнерства на основе публикаций газеты «Импульс» написанных в информационных жанрах. В ходе анализа текстов применена теория журналистики соучастия и соратничества сформулированной изевестным российским теоретиком И.М. Дзялошинским. В ходе детального анализа выявлено, что новостные материалы данной газеты, которая сама представляет структуры гражданского общества, вполне отвечают критериям этого направления журналистики.

Ключевые слова: *газета «Импульс», периодическое издание, гражданская журналистика, гражданское общество, социальное партнерство, новостные материалы, диалог, рубрика.*

COVERAGE OF SOCIAL PARTNERSHIP ISSUES IN THE NEWS PUBLICATIONS OF THE NEWSPAPER "IMPULSE»

The article deals with the issues of social partnership based on the publications of the newspaper" Impulse" written in information genres. In the course of the analysis of the texts, the theory of journalism of complicity and complicity formulated by the famous Russian theorist I. M. Dzyaloshinsky is applied. In the course of a detailed analysis, it was revealed that the news materials of this newspaper, which itself represents the structures of civil society fully meet the criteria of this area of journalism.

Keywords: *newspaper "Impulse", periodical publication, civil journalism, civil society, social partnership, news materials, dialogue, category.*

Сведения об авторе:

Рахимов Абдухамит Абдибосирович *- кандидат филологических наук, доцент заведующий кафедрой отечественной и международной журналистики Межгосударственного образовательного учреждения высшего образования Российско-Таджикский (Славянский) университет ул.М.Турсунзаде 30, 734025, Душанбе Республика Таджикистан, Электронная почта: rtsuok@mail.ru, Тел: (+992) 918622121*

About the autor:

Rahimov Abduhamit Abdibosirivich *- Candidate of Philological Sciences,Associate Professor at the Department of national and international journalism Russian -Tajik (Slavonic) University*

M. Tursunzoda 30, 734025 Dushanbe, the Republic of Tajikistan E-mail: rtsuok@mail.ru, Tel: (+992) 918622121

ҶАМОЛИДДИНИ ИСФАҲОНӢ ВА ҲУНАРИ ШОИРИИ Ӯ

Салимӣ Ҷ.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Ҷамолиддин Абдурраззоқи Исфаҳонӣ аз шоирони маъруфи асри Х11 аст, ки бо сурудани ашъори баландмазмун ва ҳунармандона ҷойгоҳи баланде дар арсаи суханварӣ дошта ва таъсири чашмгире дар пешрафту шукуфоии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дорад.

Ин аст, ки ӯро ҳамвора дар манобеи адабиву таърихӣ ва ба вижа тазкираи шоирон бо сифатҳои маънипарвар, офтоби ҷаҳонтоби фалаки нуктадонӣ , лӯълӯъпоши муҳити хушбаёнӣ ва амсоли ин ёд кардаанд [1, с.957].

Баррасии ашъори вай гуфтаҳои болоро комилан собит месозад ва хонанда зимни мутолиаи осори ӯ ба вежа қасоид ва ғазалиёташ пай мебарад, ки то чӣ ҳад ин шоир дар офаридани маъниҳои тоза ва баёни онҳо дар беҳтарин шева, тасаллут доштааст.

Муаллифи тазкираи «Арафот-ул-ошиқин» доир ба ҳунари шоирии вай чунин таъкид доштааст, ки: «…баёнаш аз музахрафоти ҳашву лағв пероста. Гавҳари алфозаш дар ғояти хушобӣ, ниҳоли фитраташ дар ниҳояти шодобӣ…Донаи алфозаш мағзи ҷазолат ва далолат, гавҳари ашъораш кони ҳаловату тароват…»[1, с.957].

Дар манобеи дигар низ аз ин гунна тавсифоте, ки баёнгари ҳунари баланди шоирии Ҷамолиддин бошад, ба мушоҳида мерасад, ки зикри ҳамаи онҳо дар ин ҷо намегунҷад.

Аммо нуктае, ки бояд таъкид шавад посух гуфтан ба ин аст, ки Ҷамолиддини Исфаҳонӣ чӣ нақше дар адабиёти форсӣ ва чӣ таассуру таъсире аз дигарон дорад?

Аввалин нуктае, ки дар маврид ӯ таъкидаш инҷо ба маврид ҳаст ин аст, ки вай дар замоне зиндагӣ кардааст, ки шеъри форсӣ оҳиста-оҳиста сабки хуросониро тарк гуфта ва ба истиқболи шеваи дигар, яъне сабки ироқӣ ҷараён мегирифт ва дар ин миён нақши Ҷамолиддини Исфаҳонӣ бисёр муассир аст. Муаллифони «Таърихи адабиёти Эрон» дар ин маврид чунин ибрози назар намудааст: «Ҷамолиддин аз пешгомони тағйири сабк аз хуросонӣ ба ироқӣ буд. Гарчи вай аз шоирони сабки ироқӣ пайравӣ мекард, аммо дар шеъраш вежагиҳое роҳ ёфт, ки ба оромӣ ӯро аз ҳинҷорҳои сабки хуросонӣ ҷудо сохт ва муқаддимоти сабки ҷадидеро фароҳам кард, ки ба сабки ироқӣ шӯҳрат ёфт»[4, с.135].

Дар воқеъ метавон ин шоирро пуле байни сабки хуросонӣ ва ироқӣ донист. Вай дар ғазалиёташ бештар майл ба сабки ироқӣ дорад. Барои ҳамин дар шеъри ӯ тағйиротҳоеро метавон мушоҳида кард, ки дар камтер девоне аз шоирони дигари он давра вуҷуд дорад.

Масалн яке аз корҳое, ки дар робита ба жанри қасида Ҷамолиддини Исфаҳонӣ анҷом дода ин кам кардани теъдоди абёти он ва то андозе ворид кардани мавзӯи дигар, яъне ҳикмату зуҳд дар он аст. Ин шоир бо пайравӣ аз шоирони дигар чанд қасидае суруда аст, ки бо андаке диққату тааммул дар онҳо хонанда мутаваҷҷеҳи дигаргуниҳо ва тозакориҳои шоир хоҳад шуд.

Муҳимтарин нуктаи шеъри Ҷамолиддин, ки дар сарорсари девонаш мушоҳида мешавад содагиву равонии каломаш ба ҳисоб меравад. Дар замоне, ки аксари шоирон талош мекарданд шеърашон мубҳам ва ботакаллуф бошад, Ҷамолиддин саъй кардааст, ки соддагии шеърро дар авлавияти эҷодии худаш қарор диҳад. Чуноне, ки З.Сафо дар ин маврид мегӯяд: «Шеъри Ҷамолиддин холӣ аз такаллуфу равону содда аст. Дар қасоиди худ гоҳ аз Саної ва гоҳ аз Анварӣ таклид намуда, вале чӣ дар таклидҳои худ ва чӣ дар маворидиди дигар ҳамвора суҳулат ва равонии суханро риоят кардааст»[4, с.773].

Абёти зер андешаҳои болоро комилан тасдиқ менамояд:
Оби тира к-аз миёни барф меояд бурун,
Рост гӯйи сандалиш суда зи кофур омадаст[10, 12].
***
Аз шукуфа чу сурайёст мурассаъ ҳама шох,
Эй маҳи чордаҳ охир ба сурайё ойи[10, 183].
Ё:
Лаби лаъли ту дар тарабзойӣ,
Таънаҳо бар шароб донад зад[10, 97]..

Аз хусусиёти дигари шеъри Ҷамолиддин истифода аз оёту ҳадис ва амсолу ибороти арабӣ аст, ки бо истифода аз санъати талмеҳ дар шеъраш ба кор бурдааст:

То кай ин зоҳир ба даҳ ороиву ботин ба зарқ,
Олам ас-сир нек донад рамзи «мо юхфо ал-судур» [10, 90].

Табиӣ ҳаст, ки бад-ин васила дар шеъри ӯ мазмунҳои зуҳду мавъиза ва ахлоқу ҳикмат роҳ ёфтаанд. Чуноне ки дар идома хоҳад омад вай дар ин замина бештар пайрави Саноӣ аст. Ҷамолиддини Исфаҳонӣ дар анвои мухталифи шеъраш ин мавзӯъро матраҳ намудааст, ки дар ин ҷо ба зикри намунае аз он иктифо мешавад:

Расули марг паёме ҳамерасонд ба ман,

Ки мехи хаймаи дил з-ин сарои гил, баркан[10, 100].

Дар канори ин мавзӯот зимни баррасии осори шоир ба огоҳии вай аз асотири қадим низ метавон пай бурд, ки намунаҳои зиёде дар девонаш дида мешавад:

Эй ки човуши раҳи ҳашмати ту Хусрави Ҷам

Эй ки сарҳанги дари ҳайбати ту Рустами зол[10, 150].

Ҷамолиддини Исфаҳонӣ дар шеъри худ вомҳои зиёде аз шоирони гузашта ва ҳатто ҳамзамононаш гирифтааст. Яке аз шоироне, ки ӯ ба вай алоқаи зиёде дошта, Анварии Абевардӣ устоди шеъри дар асри 12 мебошад. Чунончи қасидае, ки Анварӣ бо матлаъи:

Ҳаббазо базме, к-аз ӯ ҳар дам дигаргун зеваре,

Осомн бар оламе бандад замин бар кишваре [2, 464].

дорад, Ҷамолиддини Исфаҳонӣ онро ингуна истиқбол намудааст:

Инак-инак навбаҳор овард берун лашкаре,

Ҳар яке чун наварӯсе дар дигаргун зеваре [10, 332]

Тафовуте, ки дар ин ду қасида мушоҳида мешавад ба сурати хулоса чунин аст: Анварӣ қасидаи худро дар 55 байт суруда, аммо Ҷамолиддин дар 40 байт. Ин кам кардани теъдоди абёти қасида берун аз сарзамини Хуросон ва ба ҷои он афзӯдани теъдоди ғазалу қолабҳои дигари шеърӣ аз хусусиёти девони шоир ва аз падидаҳои ба вуҷуд омадани сабки тозае дар шеъри форсӣ аст.

Ба ғайр аз ин қофияҳое, ки Ҷамолиддини Исфаҳонӣ оварда ба мисли лӯъбатгар, шаҳпар, миҷмар, шакар, динпарвар, абтар ва ғайра мавриди таваҷҷуҳи Анварӣ набудааст.

Дар муқоиса бо Ҳаким Саноӣ ҳам ба чунин тағйироте аз сӯйи Ҷамолиддини Исфаҳонӣ рӯ ба рӯ хоҳем шуд.

Саноӣ қасидае дорад дар 107 байт бо ин матлаъ:

Эй Худовандони мол алэътибор алэътибор,

Эй худохонони қол алэътизор алэътизор[5, с.182].

Ҷамолиддин дар пайравӣ ба он дар 82 байт чунин қасидае сурудааст:

Алҳазар эй ғофилон з-ин ваҳшатобод алҳазар,

Алфирор эй оқилон з-ин девмардум алфирор[10,161.

Дар ин қасида боз ҳам мушоҳида мекунем, ки тақрибан теъдоди абёти қасидаи Ҷамолиддин 20% камтар аз қасидаи Саноӣ аст. Фузун бар ин Ҷамолиддин аз қофияҳои наве истифода карда, ки дар қасидаи Саноӣ вуҷуд надоранд:алҳазар, алфирор, сӯгвор, шоҳвор, даввор ва ғара. Қофияҳои муштараке низ дар ин ду қасида дида мешавад ба мисли Исфандиёр, Қандаҳор, оинадор, сусмор…Аммо фарқиятҳои ошкоре дар корбурди онҳо ба назар мерасад, ки нишон аз тағйири сабк дорад.

Масалан Саноӣ бо қофияи Исфандиёр ба тарзи марги ӯ ишора мекунад, аммо Ҷамолиддин мегӯяд: Асл ахбор аст машнав қиссаи Исфандиёр

Саноӣ ба зебогии шаҳри Қандаҳор ишора дорад, аммо Ҷамолиддин паймудани роҳи Қандаҳорро ба умеди бартарӣ ёфтан дар назар доштааст.

Дар мавриди Қофияи сусмор ҳам ҳамин тавр Саноӣ онро барои чеҳраи пурчин ба кор мебарад, Ҷамолиддин ба пусти сусмор ишора дорад, ки нишони одамият дар абойи ӯ дида намешавад.

Қофияи зулфиқор ва зулхумор ҳам дар қасоиди ҳарду ба шеваҳои мухталиф корбаст шудааст:

Саноӣ гуфтааст: Зулфиқри ишқро чи Муртазо чӣ зулхумор.

Ҷамолиддин гуфтааст: З-он ки сарҳо зулхумор асту забонҳо зулфиқор

Ба назар мерасад, ки шеъри Ҷамолиддин аз лиҳози ҳунарӣ тасвиритар аст.

Бо мутолеаи дақиқи ин ду қасида ва муқоисаи онҳо метавон ба пайравии Ҷамолиддин аз Саноӣ дар заминаи зуҳд пай бурд.

Дар ҷои дигар Саноӣ гуфтааст:

Чанд аз ин рамзу ишорат роҳ бояд рафт, роҳ

Чанд аз ин рангу иборат кор бояд кард, кор [5, с.186].

Ҷамолиддин гуфтааст:

То кай ин ҳоли музаввар роҳ бояд рафт роҳ,

То кай ин қавли муҳарраф кор бояд кард кор [10, 223].

Дар ин байтҳо илова бар иқтибоси мазмуни ҳакимона аз Саноӣ дар иборот низ аз сухани ӯ истифода кардааст.

Мавзӯи дигаре, ки мебояд таъкид шавад оид ба таъсиргузории Ҷамолиддин бар шоирони дигар аст. Фурӯзонфар зимни ёдоварӣ аз ҳунару маҳорати шоир доир ба ғазалиёти ӯ чунин гуфтааст:

«Ғазалҳои вай дар радифи аввал аз ғазалиёти он аср аст. Маонии латифу алфози нарм ва диловез дар бар дорад ва дилрабоии сӯхтадилон яди байзо мекунад ва бад-он ҳад зебост, ки тавон ӯро нисбат ба Саъдӣ чун сапедадам нисбат ба хуршеди оламафрӯз гирифт»(Сух. Ва сух.543).

Дар воқеъ ин баҳои баланд ва бачо дар мавриди ғазалиёти Ҷамолиддин аст, ки агарчи дар даврае будааст, ки ғазал ҷойгоҳи каме дар девони шуаро дошта, вай талош кардааст, ки ин холигоҳро бо офаридани ғазалҳои дилпазир ва ҷаззоб то андозае пур кунад. Метавон ӯро дар арсаи ғазал ҳалқаи пайванди Анварӣ бо Саъдӣ донист. Ҷойи тардиде нест, ки Саъдӣ дар ғазалиёти хеш ба ғазалиёти Ҷамолиддн таваҷҷӯҳ доштааст. Ҷамолиддин мегӯяд:

Дилам зи дарди ту хун шуд туро чӣ ғам дорад
На ишқи ту чу манне дар замона кам дорад?[10, 383] Саъдӣ гӯяд:
Туро зи ҳоли парешони мо чӣ ғам дорад,
Агар чароғ бимирад, сабо чӣ ғам дорад?[7, 249].
Ё ҷойи дигар Ҷамолиддин мефармояд:
Бархез, ки мавсими тамошост,
*Бихром, ки рӯзи боғу саҳрост[10,400].*Саъдӣ гӯяд:
Бӯйи гулу бонги мурғ барҳост,
Ҳангоми нишоту рӯзи саҳрост[7,67].

Ҳунари ғазалсароии Ҷамолиддини Исфаҳонӣ ба ҳаддест, ки шоире чун Ҳофиз дар сурудани ғазалҳояш дар маворидиз зиёде аз ӯ вом гирифтааст. Ин таъсирпазириҳои Ҳофиз аз Ҷамолиддин ба шеваҳои мухталифе сурат гирифтааст.

Бештарин шабоҳатҳо байни Ҳофиз ва Ҷамолиддин мазмунӣ ва мафҳумӣ ҳастанд. Албатта ҳуанри Ҳофиз беназир аст, аммо ҳамонгуна, ки дар идома мушоҳида хоҳед кард мазмунҳо ва мафҳумҳо дар шеъри Ҷамолиддин ҳам зебову дилпазиранд.

Ҷамолиддин:
Ҳайф бошад ба чунин ройу кифоят, ки турост
Гандапирӣ ба каф ориву ҳазорон анбоз[10, 200].
Ё ҷойи дигар:
Мадор чашм аз ин гандапири дунё з-он,
Ки шумсуҳбату шавҳаркуш аст ин нопок[10,216]
Ё:
Мабош ғарра бад-ин гандапири дунё з-онк
Ҳазор шавҳар кушту ҳанӯз бикр ин зан [10, 294].
Ҳофиз зимни истиқбол аз ин абёт гуфтааст:
Маҷӯ дурустии аҳд аз ҷаҳони сустниҳод,
Ки ин аҷӯза арӯси ҳазор домод аст [8, 30].
Ё:
Ҷамилаест арӯси ҷаҳон, вале ҳуш дор
Ки ин аҷӯза дар ақди касе намепояд [8, 178]
Дар ҷойи дигар Ҷамолиддин дар баёни покизагии дил аз бути ағёр чунин гуфтааст:
Дил, ки хилватгоҳи ӯ омад мабанд андар иқор,
Лоиқи каъба набошад лошаи калби уқур[10,198].
Ҳофиз:
Хилвати дил нест ҷойи суҳбати аздод,
Дев чу берун равад фиришта дарояд [8, 180]
Дар боби таслим бар қазову тақдир Ҷамолиддин чунин суруда:
Чӣ чора ҷуз ризо додан ба тақдир,
Чу тадбири қазои осмон нест[10, 79].
Ё:
Бар қазои осомонӣ чун ризо буд аз нахуст
З-он дар абрӯйи ризояш ҳеч печу хам намонд[10,185]. Ҳофиз гуфтааст:
Ризо ба дода бидеҳ в-аз ҷабин гираҳ бигушой,
Ки бар ману ту дари ихтиёр нагшодаст[8,30].

Бо таваҷҷӯҳ ба истиқболҳои ёдшуда аз ин ду шоири тирози авали адабиёти форсӣ аҳамияти шеъри Ҷамолиддинро ошкор месозад. Албатта бо ин чанд намунае, ки зикр шуд масъалаи таъсирпазирии Саъдиву Ҳофиз ва дигар шоирони пас аз Ҷамолиддин тамом намешавад ва ончи дарҷ гардид аз сад як ҳиссаи он гуфта шуду халос.

Ба назар чунин мерасад, ки Ҷамолиддин як шоири маъмулӣ набуда, балки ҳунари ӯ дар офаридани мазмунҳои тоза боис гаштааст, ки мавриди истиқболи шоирони дигар қарор гирад.

АДАБИЁТ

1. Авҳадӣ Балёнӣ. Тақиуддин Муҳамад ибни Муҳаммад. Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин. Бо кӯшиши Забеҳуллоҳи Соҳибкор ва Оминаи Фахраҳмад.-Теҳрон, Маркази пажуҳишии мероси макутб, 1389.-5493 с
2. Анварӣ Абевардӣ.Девон/Тасҳеҳи Тақии Мударрис.-Теҳрон, Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1364.
3. Маҷмӯаи мақолоти Ҳамоиши байналмилалии нақши Исфаҳон дар тавсеаи забон ва адабиёти форсӣ.-Исфаҳон, 1386
4. Сафо, Забеҳуллоҳ.Таърихи адабиёт дар Эрон.-Ҷ.2-Теҳрон, Фирдавсӣ, 1373
5. Саноӣ. Девон. Тасҳеҳи Мударриси Разавӣ.Теҳрон, 1380
6. Фурӯзонфар Бадеуззамон.Сухан ва суханварон.-Теҳрон, Хоразми, 1350
7. Саъдӣ.Девони Ғазалиёт.-Теҳрон, Асотир, 1367
8. Ҳофиз.Девон/Тасҳеҳи Парвиз Нотил Хонларӣ.-Теҳрон, Хоразмӣ, 1359
9. Ҷамшеди Мазоҳирӣ, Ҳамидризо Қонунӣ. Нигариши нав ба забон ва шеъри Ҷамолиддини Исфаҳонӣ.-Исфаҳон, 1384
10. Ҷамолиддин Муҳаммад ибни Абдурраззоқ. Девон/Тасҳеҳи Ваҳиди Дастгирдӣ.-Теҳрон, Саноӣ, 1390

ДЖАМАЛИДДИН ИСФАХАНИ И ЕГО ПОЭЗИЯ

В данной статье автор пытается на конкретных примерах описать поэтическое искусство Джамолиддина Исфахани, известного поэта XI века, а также описать важнейшие черты поэзии с точки зрения его влияния на своих предшественников и современников. Автор приходит к выводу, что Джамолиддин Исфахани является связующим звеном Анвари с Саади на арене газелей. Нет сомнений в том, что Саади интересовались газелями Джамолиддина в его газелях.

***Ключевые слова**: Джамолиддин Исфахани, иракский стиль, рифма, рифма, газель, поэтическое искусство, подражание, влияние.*

JAMALIDDIN ISFAHANI AND HIS POETRY

In this article, the author tries to describe the poetic art of Jamoliddin Isfahani, a famous poet of the XI century, with specific examples and to describe the most important features of the poet's poetry in terms of his influence on his predecessors and contemporaries. The author concludes that Jamoliddin Isfahani is Anwari's link with Saadi in the ghazal arena. There is no doubt that Saadi was interested in Jamoliddin's ghazals in his ghazals.

***Keywords:** Jamoliddin Isfahani, Iraqi style, rhyme, rhyme, ghazal, poetic art, imitation, influence.*

Сведение об авторе:

***Салими Джахонгир** – соискатель Худжандского государственного университета им. Б. Гафурова, Электронный почта: E-mail: saidzoda 1968@mail.ru*

About the author:

***Salimi Jahongir** - a graduate of Khujand State University named after B. Gafurov, E-mail: saidzoda 1968@mail.ru*

МИРЗО ШӮХИИ ХУҶАНДӢ –СУХАНВАРИ МУМТОЗ

Ҳайдарова С.

Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик асри ХУIII-Х1Х бо вуҷуди мавриди омӯзиши муҳаққиқони номвар қарор гирифтанаш ҳанӯз паҳлӯҳои ноомӯхтаи худро дорад. Ин асрҳо ҷамъбасти инкишофи бештар аз чаҳор асраи Мовароуннаҳр ҳамчун адабиёти мустақил маҳсуб шуда, бо истифода аз дастовардҳои адабиёти Хуросон ва Ҳиндустон ривоҷу иникшоф ёфт ва як давраи мукаммал ва ғаниро рӯи кор овард. Ҳини омӯзиши адабиёти ин давра возеҳ ба назар мерасад, ки доираҳои адабии Мовароуннаҳр махсусан, дар Самарқанду Бухоро баъдтар Хӯқанд ба адабиёт шоирони соҳибқаламро эҳдо кардааст.

Дар ин доираи адабӣ чун дар тамоми қаламрави адабиёти форсизабон анвои адабӣ монанди ғазал, қасида, рубоӣ, маснавӣ, назира ва татаббӯъ густариш меёбад. Муҳаққиқони каломи бадеъ аз рӯи мавзӯъ ва мундариҷа адабиёти ин давраро ба адабиёти иртиҷоӣ ва пешқадам қисмат намуда, аз ҳамин чашмандоз ба осори адибон баҳогузорӣ кардаанд. Ҳарчанд аз ин ҷанба баҳо додан ба осори адибон, ҳунари онҳо нисбӣ мебошад, вале мавқеи иҷтимоии суханварро ҳини баҳо додан ба осораш ба инобат гирифтан арзиши илмиро дорост.

Муҳаққиқи маъруфи адабиёти тоҷику форс Е.Э.Бертелс дар мақолаи худ «Адабиёти форсӣ дар Осиёи Миёна» менависад:«дар таърихи адабиёти форсу тоҷик давраҳои томи то кунун омӯхтанашуда бисёранд ва хусусан дастнависҳои зиёди дар китобхонаҳои Осиёи Миёна маҳфуз моро бо даҳҳо ва садҳо шоиру нависандагон шинос хоҳанд кард, ки номи онҳо алҳол дар илми шарқшиносӣ пайдо нест». Аз ин суханони адабиётшиноси беҳамто Е.Э.Бертелс бармеояд, ки ҳанӯз ин давраи адабиёт ҳамҷониба омӯхта нашудааст.

Шӯхии Хуҷандӣ низ аз қабили он шоирони соҳибдевонест, ки ҳаёташ ба ҳамин давраи камомӯхташудаи адабиёти тоҷик иртибот дорад ва ҳанӯз осораш ба тариқи густурда мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор нагирифтааст.

Шӯхии Хуҷандӣ аз зумраи шоирони номдори асри ХУШ-Х1Х-и милодӣ маҳсуб шуда, фарзанди ориф ва шоири маъруфи он замон Шайдои Хуҷандӣ мебошад. Шӯхӣ пайрав ва давомдиҳандаи кори падари хеш буданашро дар байти зерин таъкид месозад:

Нозимон Шӯхӣ аз он ҳурмати назмам доранд,
Дар сухан хомаи меросии Шайдо дорам

Ё ҷои дигар мегӯяд:

Вориси Фарҳоди ишқам хеши Маҷнуни ҷунун
Бас бувад баҳри гувоҳам нисбати Шайдоиям

Мувофиқи ақидаи адабиётшинос Абдуманнон Насриддинов Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар Хуҷанд ва шаҳрҳои дигари Мовароуннаҳр таҳсили илм карда, як рӯзгори пуразоб ва сангинро аз сар гузаронидааст. Ин нукта дар байтҳои зерин ифода ёфтааст:

Барнамеояд арӯси фитна аз оғӯши мо,
Нест як дам фориғ аз тифли ҳаводис дӯши мо
Тӯтиям аммо шакар дар коми ман заҳр асту бас
Гӯё берун аз даҳони мор ояд нӯши ман

Махсусан замоне,ки шоир аз шаҳри азаизаш Хуҷанд дур буд азобу оқубати беше насибаш гардид:

Аз фиғон як дам зи ғам Шӯхӣ наёсояд равост,
Булбулаш дур аз чаманзори Хуҷанд афтодааст.

Боиси зикр аст, ки вафоти шоир дар шаҳри Қаршӣ рух додааст,ки ин аз ғарибиву заҳаматҳои зиёд кашидаи шоир дарак медиҳад

Дар бораи ҳаёту рӯзгори шоир дар китобҳои дастраси имрӯза маълумот ниҳоят кам буда, танҳо омӯзиши сарчашмаҳои ноомӯхташудаи таъриху адабиёт имкон медиҳад то маълумоти бештар дар ин маврид ба даст ояд. Дар бораи зиндагӣ ва осори Шӯхӣ дар мақолаҳои суханшиносон Саидумар Султонов, Эргашалӣ Шодиев ва Абдуманнони Насриддин сухан рафтааст. Махсусан дар китоби “Тазкираи шоирони Хуҷанд”-и Абдулманнон Насриддин ва “Мунтахаби девони Шӯхии Хуҷандӣ”-и адабиётшинос Баҳроми Раҳматзод дар баробари нашри намунаҳои осори шоир нуктаҳои муҳими ҳаёташ ба қалам омадааст.

Мақолаҳои номбурда агар аз як ҷониб Шайдо ва намунаи ашъори ӯро бори аввал дар адабиётшиносии муосир ба хонандагон муаррифӣ карда бошанд, аз ҷониби дигар онҳо роҳу равиши минбаъдаи тадқиқоти зиндагӣ ва ашъори ӯро баён кардаанд.

Боиси зикр аст, ки дар мавриди ҳозир маводҳои мӯътамади тазкираҳо, луғатномаҳо, девонҳои ашъори боқимонда имкон фароҳам меорад,ки аз ҷараёни адаби даврони шоир, бурду бохт, вазъи суханварию суханшиносӣ, ҳаёт ва эҷодиёти шоир бештар ошно гардем.

Вале алъон дар мавриди осори шоир аз он намунаҳое,ки то имрӯз дастрас гардидааст метавон баъзе хулосаҳои саҳеҳӣ илмиро ҳосил намуд. Аз ҷумла аз омӯзиши осораш пайдост,ки шоир ҳини эҷод ба осори суханварони бузурги Мовароуннаҳр – Сайидои Насафӣ, Шавкати Бухороӣ, Малеҳои Самарқандӣ ва дигарон пайравӣ кардааст. Вале мустақилияти шоир дар эҷоди шеър,бозёфтҳои ҳунарии ӯ нотакрор буда,суханварро ҳамчун қаламкааши соҳибистеъдод муаррифӣ кардааст.

Аз ҷониби дигар эҷодиёти Шӯхӣ дар заминаи адабиёти ҳазорсолаи форсу тоҷик рӯи кор омадааст, ки дар он таъсири шеъри шоироне чун Низомии Ганҷавӣ,Аттори Нишопурӣ, Мавлавии Румӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ эҳсос мешавад. Ашъори шоир дорои мавзӯотти мухталиф буда, Шӯхӣ чун суханварони дигари тоҷик мавзӯи ишқу ошиқӣ, масоили иҷтимоӣ, сиёсӣ, ирфон ва ғайраро ба қалам кашидааст. Андешаву афкори шоир асосан дар қолаби ғазал ифода ёфтааст.

Чунин ба назар мерасад, ки дар сурудаҳои шоирони садаи XVII ва XVIII, ки ашъори қисме аз онҳо мавриди пажӯҳишу таҳқиқ қарор гирифтааст, мавзӯи асосии ғазал – ишқ як дараҷа мавқеи худро аз даст дода, ба зинаи дуюм фаромадааст. Чунончи, таваҷҷӯҳ ба ашъори шоири тавонои ин аҳд – Сайидои Насафӣ ва пажӯҳишоте, ки дар заминаи ашъори ӯ ба майдон омадаанд, андешаи моро дар ин маврид таҳвият мебахшанд.

Ин андешаҳо, ки ҳамчун меъёри шинохти мавзӯъҳои ғазалиёт баён шудаанд, дар эҷодиёти Шӯхии Хуҷандӣ низ ба назар мерасад. Зеро дар ашъори шоир дар баробари мавқеъ пайдо кардани ашъори мазҳабӣ, ки мақоми аввалия доранд, мавзӯъҳои муносибати инсони воқеӣ ба ҳаёт ва ҷомеа, садои инсони аз вазъи замон ва сохти ҷомеа норизо баръало эҳсос мегардад. Шоир аз даврони нобасомон шикоят дорад ва зикр мекунад,ки дар ин дунё танҳо дард кашидем ва зиндагии пуркасодеро аз сар гузаронидем:

Рӯзгоре зи фалак дард кашидем рафтем,
Адам аз миннати номард кашидем рафтем
Баҳри қути мани савдозада з-ин дайри хароб,
Гарди кулфат ба рухи зард кашидем рафтем.

Дар ғазали зерин низ шоир аз сипеҳри бемуруват шикоят дорад ва як манзари ҳузнангезро,ки аз ҷабру ситами он ба дӯшаш афтодааст тасвир менамояд:

Аз сипеҳри бемуруват ғам ба ҷони мо расид,
Ин камонро тир охир бар нишони мо расид.
Бар замин чандон чакид аз дидаҳо селоби ашк,
Мавҷаи хуноби ҳасрат то миёни мо расид

Дар осори шоир мавзӯи ишқ низ мақоми хоса дорад ва шоир дар васфи муҳаббат ва ишқ нигоштаҳои пурсӯз дорад:

Синасӯзам забонаи ишқам,
Дилхарошам,таронаи ишқам.
Нола аз ман баландрарвоз аст,
Булбулт ошёнаи ишқам,
Шоҳи дил дар канори худ дорам,
Пардаи шомиёнаи ишқам....
Фориғ аз дайру каъбаам, Шӯхӣ
Сокини остонаи ишқам.

Дар осори Шӯхӣ дар баробари ғазал жанрҳои дигари адабӣ аз қабили рубоӣ, маснавӣ ва мухаммас низ ба назар мерасад. Махсусан маснавии шоир дар тавсифи Хуҷанд ифодагри муҳаббати беандозаи шоир ба зодгоҳаш мебошад.

Ҳамин тариқ Шӯхии Хуҷандӣ аз шоирони намоён ва соҳибдевони охири садаи ҲҮIII форсу тоҷик буда, дар густаришу инкишофи адабиёти давр саҳми босазо гузоштааст. Осору ашъори шоир аз ҷиҳати мавзӯъ доманаи фарох дошта, масоили мухталифи зиндагӣ, ҳаёти иҷтимоӣ ва ҷанбаҳои мазҳабиро фаро гирифтааст.

Омӯзиши минбаъдаи осори шоир имкон фароҳам меорад, ки паҳлӯҳои ҳунарии шоир,мавзӯъ ва мундариҷаи нигоштаҳояш ҳамаҷониба муаррифӣ шавад, саҳифаи рӯшани дигар даркитоби таърихи адабиёти тоҷик боз гардад.

АДАБИЁТ

1. Абдуманон Насриддин.Тазкираи шоирони Хуҷанд.Хуҷанд 2015
2. Малеҳои Самарқандӣ. Музаккируласҳоб. Нусхаи хаттии Институти Шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон. №58.
3. Насриддинов А. Донишмандон ва сухансароёни Хуҷанд. Хуҷанд: - Нури маърифат. – 2003. 434с.
4. Шодиев Эргашалӣ. Тазкираи шоирони Хуҷанд. Хуҷанд: Раҳим Ҷалил. 1997
5. Шӯхии Хуҷандӣ.Девон.Нусхаи хаттии Академияи улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон.Шумораи 2313

МИРЗО ШУХИИ ХУДЖАНДИ - ОТЛИЧНЫЙ СПИКЕР

Шухии Худжанди описывается в статье как плодовитый поэт, чья жизнь восходит к неразвитому периоду таджикской литературы и чьи произведения еще не получили широкого распространения. Автор доказывает, что произведения поэта имеют широкий тематический диапазон и охватывают различные вопросы быта, общественной жизни и религиозных аспектов.

***Ключевые слова**: анекдоты, литература Мовароуннахра, Шайдо, девон, жанр газели, содержание и содержание.*

MIRZO SHUKHII KHUJANDI - A GREAT SPEAKER

Shuhii Khujandi is described in the article as a prolific poet, whose life dates back to an underdeveloped period of Tajik literature, and whose works have not yet been widely studied. The author proves that the works of the poet have a wide range of themes and cover various issues of life, social life and religious aspects.

***Keywords**: Jokes, Movarounnahr literature, Shaido, devon, ghazal genre, content and content.*

Сведение об авторе:

***Хайдарова Саноат** - преподаватель педагогического колледжа Худжандский государственный университета им. ак. Бободжон Гафуров, Саидзода 1968@mail.ru*

About the author:

***Haidarova Sanoat** - teacher of the Pedagogical College of Khujand State University named after ak. Bobojon Ghafurov, Saidzoda 1968@mail.ru*

ҚАДАМИ ДИГАР ДАР МАТНШИНОСИИ ОСОРИ КАМОЛ (НАЗАРЕ БА “ДЕВОНИ КОМИЛ” И КАМОЛИДДИН МАСЪУДИ ХУҶАНДӢ МАЪРУФ БА ШАЙХ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ. ТАСҲЕҲ ВА МУҚАДДИМАИ МАҶИД ШАФАҚ, ТЕҲРОН, 1389.)

Саидов С.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Дар давоми 60 соли охир девони Шайх Камоли Хуҷандӣ дар асоси чандин нусхаҳои қаламӣ ҳамчун нусхаи илмӣ-интиқодӣ ҳафт маротиба чоп шуд, ки Маҷид Шафақ алъон охирин мусаҳеҳ ба ҳисоб меравад. Қаблан 6 нашри осори Шайхи бузург аз ҷониби суханшиносон Азизи Давлатободӣ (Табрез, соли 1958), Козим Шедфар (Маскав, соли 1958), Шарифҷон Ҳусейнзода ва Саъдулло Асадуллоев (Душанбе, соли 1986), Аҳмади Карамӣ (Теҳрон, соли 1993), Эраҷи Гулисурхӣ (Теҳрон, соли 1995), Азизи Давлатободӣ (баъди бозназар ва таҳрири нав. Теҳрон, соли 1996) таҳия гардидааст (6.3). Ҳар яке аз ин нашрҳо нусхаҳои хаттии қадима ва шоистаи эътимодро аз назари илми матншиносӣ меҳвари кори тадқиқӣ қарор доданд.

Маҷид Шафақ қабл аз он, ки нусхаи илмӣ-интиқодии Камолро пешрӯи хонанда қарор диҳад дар пешгуфтори китоб назаре ба рӯзгор ва осори Шайх Камоли Хуҷандӣ андохта дар заминаи тадқиқоти қаблии суханшиносон хулосаҳои омӯзишии хешро ироа намудааст. Мусанниф шоири моро “Шайх Камолиддин ибни Масъуд маъруф ба Шайх Камоли Хуҷандӣ мутахаллис ба Камол муаррифӣ карда мавлудашро дар ибтидои қарни ҳаштуми ҳуҷрӣ дар шаҳри Хуҷанд воқеъ дар канори руди Сайҳуни Мовароуннаҳр медонад”. [1, с.4] Ӯ иштибоҳан исми дар замони Шӯравӣ доштаи шаҳри Хуҷанд, Ленинободро Ленингрод хондааст ё худ дар фасли “Хуҷанд ва зодгоҳи ӯ аз соҳиби “Тариқ-ул-ҳақоиқ” меорад: “Хуҷанд арӯси русӣ аст”, ки ин нуқтаҳо саҳви илмии нигоранда мебошад. [1, с.5]

Маҷид Шафақ дар ин пешгуфтор Камоли Хуҷандиро нахуст аз “барҷастатарин машоихи тасаввуф” муаррифӣ карда мегӯяд, ки шоири хуҷандӣ “Шеъру адабро бо порсоиву зӯҳду инзиво дар ҳам омехт”. Мусанниф бар он ишора мекунад, ки дар он замоне, ки ҷангу муҳорибаҳо ва нооромӣ дар манотиқ ҳукмрон буд, Камоли Хуҷандӣ бо ҳиммати баланду дурбинии оқилона инсониятро ба ишқу меҳрварзӣ ба тариқаи сӯфиён даъват мекард. Заминаи андешаи Ҳофизи Шерозиро, ки “Машраби Камолро олӣ” хонда буд, Маҷид Шафақ аз дарсҳои ишқу ахлоқии Камол медонад, ки муридонро шефтаи тариқати инсонии хеш карда буд ва аз баракати он арҷу манзалати беназире дар назди аҳли башар пайдо кард. Дар ин пешгуфтор Маҷид Шафақ аз зодгоҳи шоири хуҷандӣ тавассути шеъри Асириддини Ахсикатӣ ёд мекунад:

Зиҳӣ ба номи ту ҷовид зинда ҷони Хуҷанд,
Чи соябахши ҳумоӣ зи ошёни Хуҷанд.
Хуҷандро маталаб дар саводи ҳафт иқлим,
Ки бартар аст зи ҳафт осмон макони Хуҷанд. [1, с.13]

Дар идома аз Хуҷанд ва мардуми он бо як муҳаббати хос ва беандоза сухан меронад: “ Аммо Хуҷанд вилояте дилкушо ва ба хубиву фаровонии мева маъруф аст. Ин шаҳри бостонӣ дар сарзамини Мовароуннаҳр маркази илму тамаддун ва хостгоҳи донишмандону сухансароёни соҳибзавқ буд, ки собиқаи он беш аз 2500 сол бароварда шудааст”. Ин ҷо сухани муаррихи маъруф Ёқути Ҳумавиро дар бораи Хуҷанд ёдрас мекунад: “ Хуҷанд дар шарқу ғарб мумтоз бо назҳату сафо ва ба форсӣ номи некаш дилбаранда аст”. Дар идомаи ин андешаву тасвирҳо мусанниф аз осори Зайнулободин Шервонӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Шамси Сомӣ ва чанде дигар нуқтаҳои бориз ва маъруфро дар бораи Хуҷанд ва мардуми он истинбод менамояд. Дар мавриди таърихи таваллуд ва

вафоти Камоли Хуҷандӣ Маҷид Шафақ бо ишора ба умри дарози шоир ва такя ба чанд мисраъ ашъораш, сухани тозае бар замми тадқиқоти пешиниён нагуфтааст. [1, с.23]

Дар ин пешгуфтор фасле бо унвони “Камоли Хуҷандӣ аз дидгоҳи тазкиранависон” ба қалам омадааст, ки Маҷид Шафақ назари тазкиранигорон ва муҳаққиқони адабиётро аз Абдураҳмони Ҷомӣ то Эдвард Браун таҳлилу баррасӣ кардааст. Дар ин фасл мусанниф матлабҳои дар китобҳои қаблӣ инъикосёфтаи муҳаққиқони муосирро такрор кардааст. Маҷид Шафақ дар пешгуфтораш бо “ Матолибе чанд аз зиндагонии Камол” афкору андешаҳое, ки муҳаққиқин қаблан оид ба зиндагӣ ва рӯзгори Хоҷа Камол аз қабили маскуну иқомати шоир, зиндагӣ ва вафоти ӯ, нусхаҳои хаттии девони шоир, робитаи эҷодии Камол бо суханварони маъруф чун Ҳофизу Салмону Имод баррасӣ кардаанд, ба доираи таҳқиқ кашида, нуктаи назари илмии худро ироа кардааст. Мусанниф дар асоси санаду мадорики таърих оид ба Хоҷа Убайдулло, силсилаи сӯфиён ва хоҷагон нақшбандия ва Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд, ҳамчунин шаҳри Сарой изҳори назар кардааст. Гузашта аз ин мусанниф назариёти муҳаққиқони номвар, Ян Рибка, Э. Бертелс ва Брагинскийро дар бораи Камоли Хуҷандӣ дар маҳаки санҷишу омӯзиш қарор медиҳад. Дар ин фасл Маҷид Шафақ баъзе бардошти илмии ин олимонро оид ба зиндагӣ ва ҷаҳонбинии шоир қобили қабул намешуморад.Махсусан ба масоили иқтисодӣ марбут намудани мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори шоир мавриди интиқоди мусанниф қарор гирифтааст.Аз ҷумла бозҷустани маъниву мазмунҳои маҳрумият аз озодӣ , шикоят аз ғарибӣ,дасткӯтоҳӣ дар рӯзгор ва монанди инҳоро аз ашъори шоир нодуруст меҳисобад. Дар мавриди баҳси “ғарибӣ”-и Камоли Хуҷандӣ Маҷид Шафақ нуктаи назари Эраҷи Гулисурхиро [5, с.12) дастгирӣ менамояд. Аз ҷумла, андешаи Гулисурхиро аз муқаддимаи “Девони Камоли Хуҷандӣ” оид ба асорати шоир дар Чин ва ғазали “Во ғарибӣ” меорад: “Шайх бо майл ва ишқи худ аз Хуҷанд ё аз Чоч ба Макка ва Мадина ва Бағдоду шаҳри Табрез сафар кардааст ва дар он ҷо низ дар ниҳояти неъмату осудагӣ рӯзгор мегузаронид ва агар чунин намебуд дар ашъораш ба ранҷу иқомат дар ғурбат ишора мекард. Бахусус бо таваҷҷӯҳ ба ин нуқта, ки он замон Хуҷанд ва Чоч ва Бухоро ва Самарқанд ва Нишопур ва Машҳаду Рай ва Исфаҳону Табрез ҳама сарзамини Эрон буд ва ҳама ҷо ватани Камоли Хуҷандӣ, ки забонашро мефаҳмиданд, бар ҳунараш офарин мегуфтанд ва ошиқона дӯсташ доштанд ва ончунон нуфузе дошт, ки дар хонақоҳаш самоъ мекард ва мардуми қишри он замон тавони пешгириву ҷилавгирии ӯро надоштанд. Замоне мухолифате бо самои ӯ пеш омад, қитъае барои Султон Ҳусайни Ҷалоир навишта, ки онро ба вай расониданд ва тақозояш эҷоди боғе барои хонақоҳ дар Волиёнкӯҳ буд.Ҳоло Камол аз моли худ ё ҳадяи Султон Ҳусайн хонақоҳро дуруст кардааст намедонем ва ин мусаллам аст, ки Шайх пули онро шахсан пардохта зеро надидаем, ки аз касе кӯмак қабул кунад ва чун ба макони ҷадид рафта, хонақоҳро дар он ҷо густурдатар намуд ва шояд бештарин ашъори худро барои самоъи дарвешони хонақоҳ суруда бошад. Чунонки дигар сӯфиёни дорои саҷҷодаи иршод чунин кардаанд ва албатта на ба ин осонӣ ва фароғбол ва дар ин байт ба он ишора мекунад:

Дар самоъе, ки ғазалҳои ту хонанд, Камол
Сӯфиёнро ҳама аз сар ҳаваси ҳалво рафт,

Ин нишонаест ба доштани болотарин дараҷа дар силсилаи маротиби тасаввуф, ки шоҳӣ буда ва ҳаст, бинобар ин камтар метавон эҳтимол дод, ки Шайх дар Табрез ғариб монда бошад ва он замон ба шаҳр Сарой меравад низ бинобар навиштаи муридон ӯ дар замони ҳаёташ бо гурӯҳе аз ёрон ба он ҷо азимат фармудааст ва дигар ин ки миёни шаҳр Сарой ва Хуҷанд роҳи осонтар расидан ба Хуҷанд саҳлтар аз Табрез будааст ва чӣ басо имкон дорад, ки шоири мо аз ҳамон роҳи Хуҷанд ва Хуросон ба сӯи Табрез равона шуда бошад ва бидуни тардид агар дар Табрез ғариб буд ба Хуҷанд боқӣ мемонад, вале мебинем ба ҳангоми ошуфтагӣ, ки дар Сарой пеш меояд шоир мефармояд:

Шаҳри Сарой чун дилат ошуфта шуд, Камол.
Вақт аст агар азимати Табрез мекунӣ.
Ва боз мебинем он қадар ба Табрез ва хонақоҳи худ дилбастааст, ки мегӯяд:
Аз баҳри поси хотири Табрезиён Камол,
Бо сорбон магӯй ки Шерозам орзуст.

Боиси зикр аст, ки масъалаи аз ғарибӣ шикоят надоштани Хоҷа Камоли Хуҷандӣ солҳои охир борҳо аз забони муҳаққиқоне, ки ба рӯзгор ва осори шоир бо нигоҳи нав назар мекунанд зикр мегардад. Ошноии комил бо ашъори шоир аз рӯи мавзӯъю мундариҷа бо назардошти ҷаҳонбинии Камоли Хуҷандӣ ин афкори илмиро тасдиқ мекунад.

Маҷид Шафақ ҳамчунин бар он қоил аст, ки Камоли Хуҷандӣ ва Ҳофизи Шерозӣ бо ҳамдигар мулоқоти рӯ ба рӯ надоштанд. Ё худ оид ба асорати шоир ки дар ғазали зерин омадааст назари дигар дорад:

Гар коми худ аз лабат бигирам,
Чун Хизр ба солҳо намирам.
Дорад зи ғами ту бар дили реш,
Дарде, ки даво намепазирам

Бигзар ба Хуҷанду гӯ ба ёрон
Аз ман ки ба шаҳри Чин асирам.

“Аммо тардид нест, ки ин асорат ишқӣ аст ки Шайхи мо ба зебоиву зебоён доштааст ва агар бихоҳем ба тасаввуфи ӯ нисбат диҳем. “Шаҳри Чин”, ва “Нақши Чин” ва “Наққоши Чин” ва “Суратгари наққоши Чин” ки дар ашъори Саъдӣ ва Ҳофиз ва Хоҷии Кирмониву Камол фаровон ба кор бурда шудааст, мақулаи дигарро матраҳ менамояд”. Ниҳоят масъалаи мазкурро Маҷид Шафақ чунин ҷамъбаст мекунад: “ Пас сӯфии вораста ва мутавакалӣ чун Шайх Камол бидуни тардид ҳаргиз аз ранҷҳои зиндагӣ нола накардааст. Агар асорате дошта дилаш дар печу тоби мӯйе ва зеборӯе ва ё ишқи ба он наққош ки нақши ҳастиро бо қалами тавонои худ аз оғоз то анҷом расм кардааст, буда”.

Маҷид Шафақ дар бахши “Шеъри Камол ва иртиботи он бо шоирони дигар” оид ба муносибати эҷодии шоир бо ҳамасронаш менависад. “Мусаллам ин аст, ки Камол таҳти таъсири шоирони мутақаддим абёте суруда, ки каму беш аз лиҳози вазну қофия ва мавзӯъ бо сурудаи устодони пеш аз ӯ шабоҳати том дорад, вале маълум нест дар мавриди муосирон ҳамеша ӯ аз дигарон касби файз карда бошад, чӣ басо ки шоирони бузургу ба номи замон мавзӯеро ки Камол суруда буда гирифта ва беҳтар аз ӯ сохта ва пардохта бошанд...”. [1, с.24] Бо ин андеша ва ҳамчунин зикри афкори адабиётшиноси маъруф Азизи Давлатободӣ мусанниф собит месозад, ки Камоли Хуҷандӣ ҳаргиз зери таъсиру нуфузи ин ё он суханвар шеър нагуфтааст.

Дар идома Маҷид Шафақ аз тинати софу ҳиммати баланди шоир ҳарф мегӯяд ва бо истинбот аз ашъораш чеҳраи мунаввару рӯшани Камоли Хуҷандиро, ки шахсияти орӣ аз тамаъ ва риёст ба хонанда бознамо мекунад ва хуб ҷамъбаст менамояд. “Ниҳоят аксар ашъори Камол муттазамини ваҳдати вуҷуд, ҷабр ва соири матолиби ирфонӣ аст. Ва кашиши зебоиву ишқи ҳақиқӣ ва осмонӣ тавъам бо тахаюлоти бадеъ ин ҳама ғазалиёти нағзу дилкашро ба вуҷуд овардааст.

Маҷид Шафақ оид ба таърихи марги Шайх Камоли Хуҷандӣ, лаҳзаҳои охирини зиндагонии шоир, мадфани Камол, асосан санадҳоеро зикр мекунад, ки аз ҷониби муҳаққиқони қаблии зиндагӣ ва осори Камоли Хуҷандӣ баён шудааст.Ӯмегӯяд.ки тамоми тазкираноигорон мадфани шоирро дар Табрез медонанд ба ҷуз муаллифи тазкираи “Оташкада”,ки онро дар Язд меҳисобад.Маҷид Шафақ дар заминаи маълумоти сарчашмаҳои мӯътамад манзараи рӯзи вафоти шоирро ба қалам медиҳад. Аз ҷумла,аз китоби Ҳусайн Ҳофизи Карбалоӣ муаллифи “Равзан-ул-ҷинон”менависад:”Ба ҳар ҳол Ҳазрати Шайх Камол раҳматуллоҳ муддате дар Волиёнкӯҳи Табрез мутавван буданд ва эшонро дар он баққия хилвате буда,ки шаб дар он ба сар мебурданд ва ҳеҷ касро дар он хилват роҳ набуда ва яке аз муридони эшон ҳар шаб сабӯи обе меоварданд ва пеши дари он хилват мегузошта ва мерафта то шаби реҳлат вай ки об оварда овози Ҳазрати Шайх аз даруни хилват ба гӯши вай расида.ки ба шеъре мутаранаманд,чун гӯш дошта мутараннам ба ин ду байти худ будаанд:

Бо субҳ бигӯед.ки бевақт мазан дам,
Ин шаб шаби васл аст нигаҳ дор нафасро
Чун дид Камол он сари кӯ тарки Ватан кард,
Булбул чу чаман дид раҳо кард қафасро.(1.25)

Чун сабоҳ гашта Ҳазрати Шайх ба тариқи маъҳуд берун наёмада.асҳобу муридонро дағдаға шуда ба хилвати дарун рафтанд,диданд,ки бӯрёе афтод ва машоруллия бар болои он хиште зери сар ниҳода рӯй ба қибла оварда аз марҷаи хок ба олами пок интиқол намудаанд....”.

Дар мавриди таҳия ва тасҳеҳи “Девони комил”- и Камоли Хуҷандӣ Маҷид Шафақ кӯшиш кардааст,ки нусхаи илмиву интиқоддии ӯ аз нусхаҳои қаблӣ тафовут ва афзалият дошта бошад. Қабл аз ҳама ӯ ду нусхаи муътабар яке чопи Маскав бо эҳтимоми Козим Шидфар ва чопи Табрез бо тасҳеҳи Азизи Давлатободиро мавриди омӯзиш қарор дода, дар назди худ суоле гузошт, ки афзун аз кори эшон ба алоқамандони шеъри Камол чи чизе наве арза карда метавонад?

Муҳаққиқ тасҳеҳи “Девони Камоли Хуҷандӣ” нусхаҳои зеринро мавриди истифода қарор додааст:

Нусхаи чопии Маскав ба нишонаи (м), ки дар заминаи нусхаҳои қаламии зерин аз ҷумла нусхаҳоихаттии Академияи улуми Озарбайҷони Шӯравӣ, шаҳри Боку, ба хатти Султоналии Машҳадӣ, китобхонаи шӯъбаи Институти Ховаршиносии Академияи улуми шаҳри Петербург, Институти Ховаршиносии шаҳри Тошканд, нусхаи китобхонаи Институти Ховаршиносии шаҳри Душанбе, нусхаи китобхонаи Ховаршиносии Академия улуми шаҳри Петроград,,нусхаи мавҷуд дар китобхонаи умумии шаҳри Самарқанд, ҳамчунин нусхаи чопи Табрез, ки дар соли 1996 мавриди истифодаи Азизи Давлатободи қарор гирифта, ҳосили муқобалаи панҷ нусхаи хаттӣ ва як ҷунги ашъор мебошад.

Оид ба мазият, арзиши илмӣ ва дигар сифатҳои нусхаҳои қаламӣ ва чопӣ, Маҷиди Шафақ фикру андешаҳои ҷолибу илмии худро баён мекунад. Махсусан оид ба шеваи кори худ барои таҳияи “Девони Камол” муқаҳҳиқ зикр кардааст, ки ҳамешагӣ амонати сухани Камолро нигоҳ дошта, ба хотири аносири шаклии девон маъниҳои ашъори шоирро тасҳиф накардааст. Дар ин маврид Маҷиди Шафақ ду байти шайх Камолро истинод мекунад:

Макун Хоҷа ислоҳи шеъри Камол,
Қабул аз ту аз банда фармудан аст.
Ки пеши ман ислоҳи шеъре чунин,
Ба гил байти маъмур андудан аст.

Муҳимтарин кори таҳқиқии ӯ ин муқоисаи ашъори шоир чи аз лиҳози мазмуну мундарича ва чи аз лиҳози шаклу вазни шеър бо осори шоирони қабл аз Ҳазрати Камоли Хуҷандӣ мебошад.Чунончи аввалғазали "Девон"- Камол

Аз пероҳанат бӯе омад ба гулистонҳо

Карданд пур аз накҳат гулҳо ҳама домонҳо - ро мусаҳҳеҳ нигоштае дар пайравии ғазали шайх Саъдӣ медонад:

Вақте дили савдоӣ мерафт ба бӯстонҳо
Бехештанам кардӣ бӯи гулу райҳонҳо

ва муқарар мекунад, ки охирин мисраи ғазали Камол: "Мо низ яке бошем аз ҷумлаи қурбонҳо" низ моли Саъдист.

Маҷиди Шафақ дар баробари муқоисаву муқобилаи матни девони Шайх Камоли Хуҷандӣ бо осори суханварони бузурге чун Анварии Абевардӣ, Шайх Саъдии Шерозӣ, Хоҷа Ҳофиз, Хоҷуи Кирмонӣ, Салмони Совачӣ, Имоди Фақеҳ аз нигоштаҳои суханварони камноме монанди Ҷалоли Асир низ монандиву шабоҳати маънавиву шаклиро бозҷӯӣ намудааст.Чунончи дар ҳошия оид ба матлаи зерини Камол

Эй ғамат бори бенавоиҳо,
Бо ман аз дерат ошноиҳо
менависад:
"Ҷалол Асир:
Баски метарсам аз ҷудоиҳо
Мегурезам зи ошноиҳо.

Бо ин вазну қофия аз дигарон низ ғазалиёти дархури таввачӯҳе вуҷуд дорад вале ғазали Ҷалоли Асир аз беҳтарини онҳост" .

Ё дар мавриди ғазали шоир бо ин матлаъ:
Чӣ раҳо кунӣ ба шӯхӣ сари зулфи дилраборо,
Ки аз ӯ баҳам барорӣ ҳама вақт ҳалқаҳоро
дар ҳошия аз ашъори чанде аз суханварон ёд мекунад:
Ҳофиз:
Ба мулозимони султон,ки расонад ин дуоро,
Ки ба шукри подшоҳӣ зи назар марон гадоро
Салмони Совачӣ:
Зи шароби лаъли нӯшин мани ринди бенаворо
Мададе,ки чашми мастат ба хумор кушт моро
Имоди Фақеҳ:
Ба муолиҷат чи ҳоҷат дили дардманди моро,
Ки маризи дарди ишқат накунад талаб даворо.

Маҷиди Шафақ оид ба кадоме аз ин намунаҳо мавриди пайравии дигарон гардидааст хомӯшӣ мегузинад, ки он тадқиқоти минбаъдаро тақозо менамояд. Вале ин усули таҳқиқи муаллиф имкон медиҳад,ки возеҳан ба пайравии Хоҷа Камоли Хуҷандӣ аз Шайх Саъдиву Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ бовар ҳосил намоем. Чунончи ғазале бо матлаи зер:

Тариқи ишқ меварзӣ, раҳо кун дину дунёро,
Халоси хеш меҷӯӣ, маҷӯ номусу даъворо
дар пайрави Мавлоно Ҷалолиддин Балхӣ нигошта шудааст:
Аё нури рухи Мӯсӣ макун аъмо сафурорo,
Ҷунин ишқе ниҳодастӣ ба нураш чашми биноро
Ё ғазали дигар бо ин матлаъ:
Карданд сайд он зулфу рух дилҳои беоромро,
Баҳри шикори булбулон бар гул ниҳодӣ домро
Ғазали Шайх Саъдии Шерозиро бо ин матлаъ ба ёд меорад:
Имшаб сабуктар мезананд ин табли нооромро,
Ё вақти бедорӣ ғалат будаст мурғи бомро

Дар баъзе мавридҳо Маҷиди Шафақ мӯътақид аст, ки Шайх Камол аз Хоҷа Ҳофиз бардошти маънавӣ кардааст. Чунончи дар ҳошияи ғазали Камол бо ин матлаъ :

Моро ба ишқ мекунад иршод пири мо,
Донад, ки зоҳидӣ набувад дилпазири мо
менависад:

“Камол назаре ба ин ғазали Ҳофиз доштааст:
Дӯш аз масҷид суи майхона омад пири мо,
Чист ёрони тариқат баъд аз ин тадбири мо”

Дар заминаи муқоисаву муқобалаи амиқ бо девону ҷунгҳо муҳаққиқ тавонистааст ағлаби байт ё мисраҳои суханварони дигарро дар ашъори Шайх Камол дарёб намояд,ки ин таҷриба дар нусхаҳи илмиву интиқодии матншиносони дигар камтар ба назар намерасад..Воқеан Камоли Хуҷандӣ ҳини оаврдани намунаи осори суханварони дигар аз ҷумла мисраъ ё байти Саъдии Шерозӣ камоли ҳунарварии худро нишон додааст. Корбурди намунаи осори суханварони дигар ба дараҷае оливу бамаврид аст,ки мисра ё байти истинодшуда дар миёни байту мисраҳои баланд худро бегона эҳсос намекунад.Чунончи дар байти зерин мисраи дуввум моли Саъди Шерозист :

Дӣ мешудӣ хиромон чун сарву ақл мегуфт:
«Хуш меравӣ ба танҳо, танҳо фидои ҷонат!»

Мусаллам аст, ки бардошти Шайх Камоли Хуҷандӣ аз Аттору Мавлоно ва Саъдии Шерозӣ бештар ба назар мерасад ва дар миёни ин се тан Шайхи аҷал бештар мақом дорад.Маҷиди Шафақ дар ин маврид кулли абёт ё мисраҳое ки моли суханварони дигар аз ҷумла Саъдии Шерозист дар ҳошия зикр карда,.зимнан роҳу усулҳои бардошт ва заминаҳои таъсиргузории онҳоро ба ашъори Камоли Хуҷандӣ зикр кардааст. Дар ағлаби маврид дар ҳошия матлаи ғазали мавриди таваҷҷӯҳи шоир қарор дода, ё мисраи истифодашуда зикр гардидааст. Чанд мисол:

Камол:
Эй зи сад гулбарг нозуктар танат,
Бар ту ларзонтар гул аз пероҳанат.
Дар ҳошия:
Саъдӣ гӯяд:
Эй ки раҳмат менаёяд бар манат
Офарин бар ҷону раҳмат бар танат
Камол:
Ту тифли мактаби ҳуснӣ, муаллими ту ду чашм,
«Муаллимат ҳама шӯхиву дилбарӣ омӯхт».
Дар ҳошия:
Ин байт аз Саъдӣ аст:
Муаллимат ҳама шӯхиву дилбарӣ омӯхт,
Ҷафову нозу итобу ситамгарӣ омӯхт

Аз тадқиоти Маҷиди Шафақ дар мавриди таъсири шеъри Саъдӣ ба ғазалиёти шоир чунин ба мушоҳида мерасад,ки Камоли Хуҷандӣ ҳини истифодаи мисраҳои суханварони дигар аз ҷумла Саъдӣ баъзан онҳоро тағйир додааст.Чунончи :

Камол:
Гарчи зи ғам пир шуд Камол дар ин дар,
«Пир набошад, ки дар биҳишти барин аст».
Дар ҳошия:
Саъдӣ:
Бахти ҷавон дорад он, ки бо ту қарин аст
Пир нагардад.ки дар биҳишти барин аст.

Муҳаққиқ дар баробари оавардани ин гуна мисолҳо осори Шайх Камоли Хуҷандиро аз назари мазмуну мундарича низ қиёс карда матлабҳои воқеан ҷолибро арза доштааст.Чунончи дар ҳошияи ғазали зерини Шайх Камоли Хуҷандӣ :

Сарв пеши қаду болои ту дидам, паст аст,
Иқди зулфи ту ба ангушт гирифтам, шаст аст.
менависад:
Матлаи ин ғазал қариб ба мазмуни шеъри Саъдӣ аст:
Сарви чаман пеши эътидоли ту паст аст,
Руи Ту бозори офтоби шикаст аст.

Мусаллам аст, ки Маҷиди Шафақ ашъори Камоли Хуҷандиро на танҳо бо девонҳои суханварони пешину ҳамзамонаш муқоиса кардааст балки ҳар як нусхаи илмиву интиқодии қаблиро амиқ омӯхта дар заминаи муқоисаву муқобала ба натиҷаҳои саҳеҳи илмӣ расидааст. Муҳақиқ ҳамчун матншиноси воқеъбин дар перомуни тасҳеҳи ин ё он байт ё мисраъ фикри худро баён месозад вале онро ҳамчун нусхаи саҳеҳ пешниҳод намесозад.Чунончи дар мавриди байти зерин:

Гӯ, сияҳ боду сапед он растаи дандону хол,
Мушк некутар сиёҳу дур(р) бувад хуштар сапед.
дар ҳошия мехонем:

“ин байт дар нусхаи Табрез наёмадааст ва дар мисраи аввал эҳтимолан “ришта”(ба ҷои раста) буда,ки таҳриф шудааст”.

Ҳамин тариқ мусаҳеҳи китоб чун дигар матншиносон дар заминаи муқоисаву муқобала варианти аз назари худаш беҳтарро асос гирифта нусхабадалҳоро дар ҳошия зикр кардааст. Зоҳиран бо ин амали худ Маҷид Шафақ як нусхаи мунҳасир ба фардро руи кор овардааст,ки он дорои хусусиятҳо хоси худ мебошад. Дар китоб ду ғазали тоза дар бахши “Изофат” бо матлаи “Аз ту натвонад буридан кас ба осонӣ маро” ва “Чашми ғамдидаи моро нигаронӣ ба шумос”ҷой шудааст, ки дар нусхаҳои қаблӣ ба назар намерасад. Тадқиқоти муаллиф дар мавриди муқоисаи ашъор бо суханварони пешин ва муосири Шайх Камол имкон фароҳам меорад то минбаъд тадқиқот дар мавриди сабку салиқаи суханвар забони баён ва ҷойгоҳаш дар адабиёти тоҷику форс доман афрозад. Гузашта аз ин бо кӯшиши муҳаққиқ бисёре аз ғазалҳои номукаммал шакли комил гирифта ба хонандагонд ар шакли ҷомеътар пешниҳод гардид. Ҳамчунин дар поёни китоб ”Феҳрасти эъдом”иборат аз номҳои инсонҳо ва шаҳрҳо, номи сарчашмаву маъхазҳо зикр ёфтааст, ки он барои пажӯҳишгарони сонӣ дастури муфид маҳсуб мешавад. “Девони комили Камолиддин Масъуди Хуҷандӣ” ҳамчун нусхаи хуби илмиву интиқодӣ дар ҷодаи камолшиносӣ хоса шинохти мутуни адабии суханвар мақом хоҳад дошт.

АДАБИЁТ

1. Камолиддин Масъуди Хуҷандӣ. Девони комил. Бо тасҳеҳ муқаддимаи Маҷиди Шафақ. Теҳрон 1389
2. Камоли Хуҷандӣ. Девон. Бо тасҳеҳ ва муқобалаи Аҳмади Карамӣ. Теҳрон,1372
3. Камолиддин Масъуди Хуҷандӣ. Девони комил. Бо тасҳеҳ ва эҳтимои Азизи Давлатободӣ Табрез 1375
4. Камоли Хуҷандӣ. Девон. Бо тасҳеҳ ва муқобалаи Козим Шедфар. Маскав,1975
5. Камоли Хуҷандӣ. Девон, Бо эҳтимоми Шарифҷон Ҳусейнзода, Саъдулло Асадуллоев. Душанбе 1983
6. Камоли Хуҷандӣ .Девон. Бо эҳтимоми Абдуҷаббори Суруш ва Саидумрон Саидов. Хуҷанд, 2012
7. Насриддинов Абдуманнон.Сеҳри мубин. Хуҷанд, 2013
8. Шайх Камоли Хуҷандӣ.Девон, Бо эҳтимоми Эраҷи Гулисурхӣ.Теҳрон, 1374

ЕЩЕ ОДИН ШАГ В ЛИТЕРАТУРЕ РАБОТЫ КАМОЛА (ВЗГЛЯД НА КАМОЛИДДИН МАСУД ХУДЖАНДИ "ПОЛНЫЙ КАБИНЕТ", ИЗВЕСТНЫЙ ШЕЙКОМ КАМАЛОМ ХУДЖАНДИ И ВВЕДЕНИЕ В МАДЖИД ШАФАК, ТЕГЕРАН, 1389.)

В статье исследуется и анализируется один из новейших научных и критических копий поэзии шейха Камоли Худжанди XIV века. Составитель и комментатор этой копии, Маджиди Шафак, попытался классифицировать копию, которая близка к оригиналу и свободна от неточностей, на основе источников предыдущих научных и критических копий. Метод сравнения и критики Маджиди Шафака выгоден еще и тем, что он, помимо источников и почерка поэта, сравнил и глубоко изучил текст с девонами бывших ораторов и современников Камола.

Ключевые слова: *шейх Камоли Худжанди, девон, текстологические исследования, Маджид Шафак, исправления, рукописи, научные и критические копии.*

ANOTHER STEP IN THE LITERATURE OF KAMOL'S WORK (A LOOK AT KAMOLIDDIN MASUD KHUJANDI "FULL CABINET", FAMOUS SHIK KAMAL KHUJANDI AND INTRODUCTION TO MADJID SHAFAK, TEHERAN, 1389.)

The article examines and analyzes one of the newest scientific and critical copies of the poetry of the 14th century Sheikh Kamoli Khujandi. The compiler and commentator of this copy, Majidi Shafaq, has tried to classify a copy that is close to the original and free from inaccuracies, based on the sources of previous scientific and critical copies. Majidi Shafaq's method of comparison and criticism is also advantageous in that he, in addition to the poet's sources and penmanship, has compared and studied the text in depth with the devons of former speakers and contemporaries of Kamol.

Keywords: *Sheikh Kamoli Khujandi, devon, textual studies, Majid Shafaq, corrections, manuscripts, scientific and critical copies.*

Сведение об авторе:

Саидов Саидумрон Ганиджонович *- кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской классической литературы Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова(Республика Таджикистан, Худжанд), E-mail: saidzoda1968@mail.ru*

About the autor:

Saidov Saidumron Ganidjonovich *- Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Tajik Classical Literature, Khujand State University named after academician B. Gafurov (Republic of Tajikistan, Khujand), E-mail: saidzoda1968@mail.ru*

ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ БИДЪАТИ РИНДӢ ВА САРЧАШМАҲОИ ОН

Собирова Г.А.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Бидъати риндӣ дар давраи инкишофи феодалӣ ба вуҷуд омадааст. Он шароити иқтисодӣ ва иҷтимоие, ки дар давраи феодализм ва ҳукмронии ислом, мазҳабҳо, бидъат[3] ва ҷараёнҳои гуногуни фалсафиро ҳамчун оппозитсияи зидди исломӣ ба вуҷуд оварда, ба давом ёфтани баъзе анъанаҳои динӣ ва фалсафии гузашта сабаб шудааст, ақидаи риндиро ҳам ба миён оварда буд. Заминаи асосии пайдоиши ақидаи риндӣ дар ҷамъиятест, ки дар он ҳамаи табақаҳои болоии ҷомеа аз ҳисоби истисмор кардани халқи заҳматкаш зиндагонӣ доштанд.

Мо тасдиқи ин андешаро аз гуфтаҳои файласуфона, шоирона ва публисистонаи риндҳо мефаҳмем, ки онҳо дар асарҳояшон аз нобаробариҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии ҷамъияти феодалӣ шикоятҳо кардаанд:

Ин ба сари ганҷ бароварда тахт,
В-он ба яке кунҷ-дарун бенавост.
Холид бар бистари хазз асту бас,
Ҷаъфар дар орзӯи бурёст [4, с.57]

Ҳолат ва вазъияти ҳокиму муфтхурон ва бойгарии зиёди онҳоро, ки бо он фахр мекарданд, шоири дарбори Ғазнавиён Фарухии Сиистонӣ аз забони ин гурӯҳ баён кардааст:

Тавонгарам ба ғулому тавонгарам ба сутур,
Тавонгарам ба нишоту тавонгарам ба сурур.
Либоси ман ба баҳорон зи тузиву қасаб аст,
Ба тирамоҳ хази қиматеву қаззу самур [1, с.535].

Чунон ки маълум аст, оппозитсияи зидди феодалии асрҳои миёна дар шакли ташкилотҳои мистикии тасаввуф ва исмоилияву қарматия, ки дар айни замон ба дини ислом илҳод ё ки бидъат ба шумор мерафтанд , пайдо шуда, тараққӣ кардаанд. Яке аз бидъатҳои асрҳои миёна риндӣ мебошад. Азбаски дар аввалҳо тасаввуф ва исмоилия ба хилофати араб ва мафкураи он муносибати оппозитсионии зиддифеодалӣ дар ниқоби динӣ буданд (ва он хислати қувваҳои муборизи асрҳои миёна буд), риндон ҳам дар зери парчами умумии ин ҷараёнҳои ғоявӣ мерафтанд. Қувваҳои пешқадам дар ҷаҳонбинии назарӣ- фалсафӣ ба муқобили догмаҳои суннати дини ислом, илми фиқҳ, ҳадис ва илми илоҳии он ҷараёнҳои гуногуни фалсафии моддиюнро пеш рондаанд ва бо ин роҳ низ мубориза мебурданд.Ин ҷараёнҳои эътирозӣ аз сарчашмаҳои фалсафии гузаштаи ватани худ- ҷаҳонбинии фалсафии зарвонияи материалистӣ ва атеистӣ аз фалсафаи материалистона ва атеизми кишварҳои ҳамсоя баҳраёб гардидаанд. Ба ҳамин тариқ аз як тараф ислом бо догмаҳои худ аз тарафи дигар илҳод ва бидъат аз тарафи сеюм илмҳои дунёвӣ ва фалсафаи моддиюн бо ақидаи атеистии худ бо ҳам даст ба гиребон буданд. Динҳо - чи ислом ва чи илҳоду бидъату мистика тарки дунё, хор доштани оламу одам, тарғиби ҳаёти «он дунё» - ро, вале фалсафаи моддиюн ба муқобили дин ҳаётдӯстӣ, тарк кардани орзӯи ширин ва ваҳии «он дунё», ин дунёи нақдро ба насяи охират надодан, ва аз ҳаёт лаззат бурданро тарғиб мекарданд. Ин хусусияти ғоявии гуруҳҳои тараққипарварро файласуфи илми колом Шаҳристонӣ (ваф.1154) аз мавқеи душманона бошад ҳам, хеле хуб ва дуруст майян кардааст. “. . . Пас, касе, ки худоро инкор кунад . . . бо чизҳои ҳисшаванда хӯй мегирад ва ба он такя менамояд ва гумон мекунад , ки оламе ҷуз он чӣ ӯ дар он аст аз хӯрдании лазиз ва дидании нағз вуҷуд дорад ва ҷаҳоне ғайр аз ҷаҳони ҳисшаванда махсус нест. Ва инои табииюн ва даҳриюнанд , ки ба маъқули ақида надоранд” [5, с.71].

Авҷ гирифтани қувваҳои зидди феодалӣ дар асрҳои миёна ва вобаста ба он ба ҷӯшу хурӯш даромадани илмҳои дунёвӣ ва фалсафаи моддиюн қувваҳои иртиҷоиро ба аксулҳаракат даровард, муттаҳид намуд, ҷиҳатҳои иртиҷоии онҳоро боз ҳам зиёдтар кард. Қувваҳои иртиҷоии тасаввуф бо ислом забон як карданд. Дар натиҷа ба муқобили қувваҳои халқии тараққипарвар ҳуҷуми калоне аз асри 1Х сар шуд ва он дар муддати асрҳои зиёд давом кард. Он гоҳ қувваҳои чап, тараққипарвар ва демократӣ , ки дар зери байрақи илҳоди бидъати тасаввуф буданд, ҷудо шуда баромаданд.

Ба ҳамин тариқ, ба муқобили феодализм ва мафкураи он ислом ва тасаввуф гурӯҳҳои нави оппозитсионии дарвешӣ, қаландарӣ, риндӣ ва хароботӣ ё ки аз нав ташкил кардани қувваҳо ба амал меояд, ки машҳуртарини онҳо риндист. Байни тасаввуфи зоҳидӣ, обидӣ ва сӯфиёни риёкор аз як тараф, дарвешону қаландарон, махсусан риндон аз тарафи дигар, муносибати оштинопазири душманона ба миён омад:

Бандаи якравони якрангем,
Душмани шайхакони қаллобем [2, с.189].

[3] Бидъат-фикру ақида ва расму қоидаҳои нав дар дин, ки мухолифи таълимоти ҳукмрони дин мебошад

Дарвешӣ ва қаландарӣ бештар дар байни оммаҳои нодон паҳн шуд. Риндӣ равияи зидди феодалии соҳаи мафкуравӣ буда, бештар табақаи зиёиёни ҷамъияти феодалиро дарбар гирифтааст ва адабиётро, ки ягона майдони нисбатан озоде буд, ҷавлонгоҳи худ қарор додаст. Пас, дар давраи нави таърихӣ- ғалабаи иртиҷои динию феодалӣ, ки тасаввуфи бо он иттифоқбаста ҳамкорӣ ва дастгирӣ мекард, ақидаи риндӣ ягона оппозитсияи зидди феодалӣ буд, ки чи ақидаи сиёсӣ, ичтимои ва маишии феодализм ва чи ҷаҳонбинии мистикиро ба зери танқиди беамон гирифтааст. Шубҳае нест, ки дар ақидаи риндӣ боқимондаи ақидаи кӯҳнаи тасаввуфӣ низ мавҷуд буд, вале мавқеи калон надошт. Дар ақидаи риндӣ ҷои асосиро ҳаётдӯстӣ ба муқобили тарки дунё, рафтори атеистӣ ба муқобили диндорӣ ва худоҷӯй, тарғиби инсондӯстӣ, дӯстӣ ва рафоқат ишғол менамояд, ки он ба муқобили зулм, ҷабр, ваҳшоният, ғурури молу ҷоҳ, хасосат, бераҳмӣ ва бемуруватӣ, ки он ба муқобили ахлоқи ашроф буд, пеш ронда шуд.

Акнун бубинем, ки ақидаи риндӣ аз кадом сарчашмаҳои маънавӣ об хӯрдааст. Анъанаҳои ғоявии риндиро аз анъанаҳои пешрави мамлакати худ ва кишварҳои ҳамсоя, ки гузаштаи ватани мо бо онҳо алоқаи маданӣ дошт, ҷустуҷӯ кардан лозим меояд. Ақидаи риндӣ пеш аз ҳама маҳсули ҳаёти иқтисодӣ ва ичтимоии давраи феодализми Шарқи Миёна буда, аз сарчашмаҳои иқтисодӣ ва маънавии он об хӯрдааст.

Ақидаи риндӣ дар навбати аввал аз чор манбаи маънавии гузашта баҳраманд шудааст: манбаи нахустин ақидаи материалистӣ ва атеистии стихиявии зарвония аст, ки ҷараёни фалсафии ватани мо буд.

Риндон аз зарвония ғояи ҷаври табиӣ, инкори Худо, ради дин, инкори маоди охират, тарғиби ҳаётдӯстӣ, варзидани ишқи инсонӣ ва ғайраро мерос гирифтаанд. “Бархе аз муаллифони эронӣ низ ҳадс заданд, мӯҳтамал аст, ки баъзе аз назариёти риндон ва хароботиёни даврони пас аз ислом бо баҳоё аз андешаҳои меҳрпарастӣ марбут бошад” (3,53). Риндӣ аз тасаввуфи ибтидоӣ, озодфикрӣ, тавсифи ишқ, шубҳа ба дурустии таълимоти дин, танқиди зоҳидпарастӣ, ахлоқи солим, сабру қаноат, маломаткашӣ, погизагии ахлоқ, танқиди охирату низоми дину давлат, тавсифи инсондӯстӣ рафҳму шафқат, иродаи қавӣ ва ғайраро мерос гирифтааст. Дар ҷаҳонбинии баъзе аз риндон вуҷуд доштани ақидаи Худоҷӯии ирфонӣ (ваҳдати вуҷуд-Г.С.) низ аз таъсири тасаввуфи пешина аст. Риндӣ аввомфиребӣ, солусу риё, бо ҳокимону рӯҳониён забон як кардан, дар гуфтору амал фарқ доштан, хуруфотпарастӣ, душманӣ бо илму ақл, фасодкорӣ, тӯҳмат ва ғайраро, ки хислати суфизми давраҳои сонист, бо танқид ва сарзаниш рад менамояд.

Сарчашмаи дуюм, ақидаи моддиюнӣ ва атеистии Ҳинд **локоята**_аст, ки одамони тараққипарвари гузаштаи ватани мо аз қадим бо он шиносоӣ ва алоқаи ғоявӣ доштанд. Сардори ин ҷараён Брисҳоспоси (асрҳои 8-7 пеш аз милод) ба муқобили оини риёзат, тарки дунё ва дарвешии Ҳинд айшу лаззат ва парастиши зиндагиро пеш ронда буд. Ақидаи риндӣ ва ҷараёни фалсафии он даҳрия бо мактаби фалсафии “чорвожа” –и халқҳои эронӣ ва “чорвок” – Ҳинд, ки шохае аз локоята буд, робитае дошт. Пойравони ақидаи чорвок ба чор унсур: обу хоку оташу об эътиқотманд буданд. Онҳо аз мавқеи материализми стихиавӣ ба муқобили таълимоти дин мебаромаданд. Онҳо ҷаннатро инкор кард, мегуфтанд, ки инсонҳо бояд аз неъматҳои моддии ҳаёт бахравар шаванд ва барои ҳаёти нобудаи «ондунёӣ» худро қурбон накунанд. Пайравони риндӣ ақидаи дарвешии тарки дунёро, ки роҳи аз азобҳои моддӣ ва маънавии ҷамъият халос шудан медонистанд, қабул намекарданд, зеро ин тавр аз ҳаёт гузаштан инсонро аз лаззати ҳаёт маҳрум мекард. Мақсади ҳаёт бошад, дар лаззат аст,- мегуфтанд….

Сарчашмаи сеюме, ки ақидаи риндӣ бояд аз он баҳра бурдааст, оини айшпарастии Миср аст. Осиёи Миёна ва Эрон бо ин мамлакати қадимии гаҳвораи маданияти ҷаҳон алоқаи дерина дошт. Дар яке аз порчаҳои қадими коғази попируси Миср, ки онро дар форсӣ-тоҷикӣ «нағмаи барбатнавоз» тарҷума кардан мумкин аст, фикрҳои зиддинӣ ва зидди зоҳидӣ акс ёфтааст. Шеърҳои акскунандаи ин нағма дар замонҳои гузашта машҳур будааст, онҳоро дар базмҳо мехондаанд ва ба деворҳои қабр меканондаанд.

Сарчашмаи чоруме, ки риндӣ аз он метавонист баҳраёб бошад,- ҳедонизми Юнони қадим ва таълимоти Эпикур (341-270 то мелод) аст. Ҳедонизм дар Юнони қадим ва мактаби фалсафии Серномкҳо сар шудааст. Асоси пайдоиши ин ҷараён он аст, ки ҳисро воситаи маърифати инсонӣ мешумориданд. Онҳо мегуфтанд, ки «Агар манбаи илм ҳис бошад, пас, ором кардани ҳиссиёт ва онро бо лаззат таъмин кардан асоси беҳтарин ва муҳимтарин ахлоқ аст». Аристипп (435-355 пеш аз милод), ки дар маъхазҳои шарқӣ Аристифс меномиданд ва Теодори машҳури кофир (атеист-Г.С), ки асри 1У милод гузаштааст, асосгузор ва сардори мактаби фалсафии ҳедонизм будаанд. Теодорро барои бо Худо мухолифат карданаш аз ибодатхона (Отам) рондаанд. «Адана» монанди «комо»-и ҳиндӣ ба маънои «лаззат» ё ки «айш» аст. Агар алоқаҳои мадании Шарқи Миёна ва атрофи баҳри Миёназаминро ба назар гирем, байни ҳамдигар алоқаи ғоявӣ доштани ин ҷараёнҳо яқин аст. Пайдоиши ин ё он ақида дар ягон кишвар на ҳамеша аз таъсир, бештар аз ягонагии заминаи ҳаётии он мамлакатҳост. Ҳар се ҷараёни ғоявӣ ҳам бар зидди ақидаҳои динӣ равона шудаанд. Онҳо ба

дунёи пурҳавфу ҳароси қиёмату дӯзах, дунёи моддии бороҳату айшро муқобил гузоштаанд. Шиори ин ҷараёнҳо: «Дунёи нақд аз они мо ва дунёи нася аз они зоҳидон» буд. Азиз доштани тани инсонӣ ба ақидаҳои зоҳидӣ- мистикии онро хор доштани сӯфиён ва рӯҳониён зид гузошта шудааст.

Хулоса, дар ин фикрҳо бисёр мазмунҳое ҳастанд, ки мо онҳоро дар шеърҳои Рӯдакӣ, Хайём, Убайди Зоконӣ, Ҳофиз ва дигарон мебинем. Дар гуфтаҳои онҳо эътирози ғазаболуди риндон фикрҳои ба муқобилидину мазҳаб баён карда шудае ҳастанд, ки зоҳидонро сарзаниш мекарданд. Ин гуфтаҳо зимнан барои тасаллои хотири нозуки зиракон ва донишмандони ҷаҳон буд, то ки азоби замони шум ва хатарноки худро фаромӯш кунанд, ки дигар онҳоро азоб надиҳанд. Барои ин бояд худро ба айшу роҳат зананд, то ки азобҳоро фаромӯш намоянд. Фикрҳои айшпарастии инҷаҳонӣ ҳар чанд ки ба муқобили тарки дунё ва тарси азоби қабру қиёмат роли бузурге бозидаанд, вале барои камбағалон аҳамияти амалӣ надоштанд, зеро танҳо одамони сарватманд (агар онҳо мумсик набошанд-Г.С.) аз пайравии ин ақида метавонистанд, бахраманд шаванд. Барои ғуломон ва меҳнаткашони дунёи қадим, ки пули рӯзмарраи худро базӯр меёфтанд, қимате надошт , баръакс ба онҳо ҳамон тарғиботи динӣ ва митикӣ мефорид, зеро аз нодорӣ бо таълимоти мистикӣ тасалло меёфтанд. Аз ин ҷост, ки меҳнаткашони ҷамъиятҳои гузашта хотири ранҷида ва азобкашидаи худро на бо оини айшу лаззат, балки бо кеши риёзат, тарки дунё, таслим ва қаноат ором мекарданд. Аз ин ҷост, ки риёзат ва тарки дунёро гузаштагони донишманди мо аломати нафрат ба сарватмандон ва рад кардани молу мулки дороён медонанд, ки он нуқтаи назар хоси ақидаи мистикист. Кеши лаззату айш ва аз мастӣ бехабар аз кори дунё будан воситаи гурези аҳли меҳнати ақлӣ аз ҳаёти носозкор буд. Ин равиш дар айни замон огоҳии оммаҳое буд, ки қуввати бо он авзои бад муборизе карданро ҳам надоштанд, вале ба он ҳол таслим ҳам намешуданд ва ба бори вазнинаш сабру таҳаммул ҳам намекарданд. Аз кори ҷаҳон бисёр огоҳ будан ҳам боиси дарди сари зиёде мешуд. Ин маъниро Шаҳиди Балхӣ дар қитъаи бо мисраи «Агар ғамро чу оташ дуд будӣ» саршавандаи худ хеле хуб баён кардааст.

АДАБИЁТ

1. Биҳишти сухан, ҷ. 1, с. 535.
2. Зоконӣ Убайд. Куллиёти мунтахаб,.-Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон ,1963.- с.189.
3. Табарӣ Эҳсон . Дар бораи тафаккури фалсафӣ дар Эрон// Маҷаллаи «Дунё».- №3, нашри 3, соли 3.- с. 53.
4. Хисрав Носир. Гулчине аз девони ашъор.- Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1957.- с.57.
5. Шаҳристонӣ. Ал-милал ва ал-нахл. Қисми 2. Иқтибос аз маҷаллаи «Дунё», нашри 2, с.71.

ПРЕДПОСЫЛКИ ВОЗНИКНОВЕННЫЕ ТЕНДЕНЦИИ РИНДИ И ЕЕ ИСТОЧНИКИ

Про проблемы и роль возникновения тенденции ринд в истории таджикско-классическое литературе и литературоведение написано много статьи, но тщательное исследование отсутствует. Автор данной статьи старается на основе примеры и фактов впервые даёт предпосылки возникновение тенденции ринди и её источники.

Ключевые слова: *основа, нововведения, свободомыслящий, источник, духовное единство, убеждения, ислам, арабский халифат, суфизм*

BACKGROUND OF THE RANDY TREND AND ITS SOURCES

Many articles have been written regarding the problems and the role of the rind trend in the history of Tajik classical literature and literary studies, but there is no thorough research. The author of this article tries on the basis of examples and facts for the first time gives the prerequisites for the emergence of the randy trend and its sources.

Key words: *the Foundation of innovation, free-thinking, the source of spiritual unity, beliefs, Islam, the Arab Caliphate, Sufism.*

Сведение об авторе:

Собирова Гулистон Абдуджабборовна *- аспирант кафедры теории и истории таджикской литературы Таджикского государственного института языков им. С. Улугзода.г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. Тел.: (+992) 917017676*

About the author:

Sobirova Guliston Abdujabborovna *- postgraduateof the Department of theory and history of Tajik literature of Tajik state institute of languages named after S. Ulughzoda. Phone: (+992) 917017676*

ШАРҲИ МУХТАСАРИ ЗИНДАГИНОМАИ АЗИЗУДДИНИ НАСАФӢ

Сатторов Ҳ.А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Шайх Абдулазиз ибни Муҳамади Насафӣ (Нахшабӣ) аз орифони бузурги асри ҳафтуми ҳиҷрӣ, ки мутобиқ ба сездаҳуми милодӣ баробар аст, ба шумор меравад. Ӯ ба унвони яке аз бузургони донишманди олами ирфон ва фалсафа эътироф гардидааст, ки аз мақоми хосае бархурдор аст. Бо алқоби Пири Сиддиқ ва пири Ҳамзаи Сабзпӯш маъруф буда, роҷеъ ба зиндагиномааш маълумоти зарурӣ ва кофӣ дар сарчашмаҳо вуҷуд надорад. Танҳо аз осори бозмонда ва бархе аз сарчашмаҳо ва таъкидоти худи вай муҳимтарин лаҳазоти рӯзгорашро метавон ба таври зарурӣ донист.

Азизуддуни Насафӣ зодаи шаҳри Насаф ё номи дигари он Нашхаб аст, ки имрӯз ба унвони Қаршӣ маъруф аст, мебошад ва яке аз парчамбардорони насри форсу тоҷикӣ дар Мовароуннаҳр ба шумор меравад. Худи Азизуддини Насафӣ дар китоби «Инсони комил»-и хеш ба Насаф ё нашхаб будани зодгоҳаш, ки аз аёлати Суғди Мовароуннаҳр будааст, ишорат намуда ва ҳамзамон таъкид варзидааст, ки ин шаҳр ватан ва хостгоҳи бисёре аз донишмандон ва орифони бузург буда, маҳалли муносибе барои парвариши шахсияти Азизи Насафӣ будааст.

Мусаҳҳеҳи китоби “Зубдат-ул-ҳақоиқ”-и Насафӣ Ҳақвардии Носирӣ дар муқаддимаи китоби мазкур ба қалам додааст: “Маъхазе, ки битавон нишони Насафиро дар онҳо ёфт, кам аст. Ва он чӣ дар мавриди вай омада, ин аст, ки номи ӯ Азизуддин писари Муҳаммад аҳли Насаф (Нахшаб) аст ва маъруф ба Азизи Насафӣ аст (1, 9). Ҳамзамон, ҳамин муҳаққиқи маъруф дар ин муқаддима иттилоъ додааст, ки “то он ҷое ки нигоранда иттилоъ дорад, дар қарни 14 Оқоризо Ҳузуралӣ, бародари Сафӣ Алишоҳ рисолаи “Канз-ул-ирфон”-ро дар шарҳи истилоҳоти Шайх Азизуддини Насафӣ сурудааст [1, с.13].

Аз муҳимтарин воқеоти айёми рӯзгори вай ошноӣ бо Шайх Саъдиддини Ҳамавӣ (вафоташ соли 649 ҳ.қ.) мебошад, ки ба андешаи аҳли таҳқиқ солҳои 641 то 649, яъне то замони вафоти вай дар хидматаш будааст. Сабаби аслии ручуи Шайх Азизуддини Насафӣ ҳам ҳамин шахсияти барҷастаи олами ирфон ба шумор меравад. Тавассути ӯ Насафӣ ба сайру сулуки маънавӣ пардохт ва ҳатто аз мутолиаи осори вай низ маълум мегардад, ки бархе аз ақидаҳои ирфонии Саъдуддини Ҳамавӣ дар китобу рисолаҳояш муҷассам гардидаанд. Ҳатто тазкиранависони баъдӣ низ зимни муаррифии ақидаву андешаҳои ирфонии Ҳамавӣ ба рисолаҳои ҷудогонаи Насафӣ муроҷиат намудаанд. Ҳамин тавр, бо таваҷҷуҳ ба ин андешаҳо ва ҷойгоҳи андешаҳои Саъдуддини Ҳамавӣ дар осори Насафӣ метавон бо итминон изҳор дошт, ки дар ташаккули шахсияти ирфонӣ ва андешаву орой ин адиби ориф, нақши Ҳамавӣ хеле бузург аст. Ҳамин тавр, Насафӣ қисмати асосии умри худро дар Хоразм сипарӣ кард ва пас аз вафоти Саъдуддини Ҳамавӣ ба Бухоро сафар карда, тӯли муддати дароз он ҷи иқомат варзидааст.

Бомдоди рӯзи ҷумъаи аввали моҳи Рачаби ҳамон сол, қабл аз омадани муғулон Бухороро тарк намуд ва ба сӯи Хуросон сафар кард. Дар Баҳрободи Хуросон бар сари турбати Мурод ва Шайхи Худ Саъдуддини Ҳамавия иқомат ихтиёр кард ва пас аз чанд аз онҷо ба Исфаҳону Шероз сафар намуд. Аз он муддат ҳар рӯз ва ё шабе ба ҷое истиқомат ихтиёр менамуд ва бар ҳеҷ ҷову мавзее қарор надошт. Ниҳоят ба шаҳри Абаркӯҳ расид ва ҳамон ҷо раҳли иқомати ҳамешагӣ ихтиёр кард ва мунтаҳо дар ҳамин шаҳр ин дори фониро падруд гуфт ва ҳамакунан мазораш ҳам дар ҳамон ҷост.

Ризоқулихони Ҳидоят муаллифи тазкираи «Риёз-ул-орифин» дар бораи мақом ва ҷойгоҳи ӯ навиштааст: «Шайх Азизуддини Насафӣ аз машоҳири муҳаққиқин ва аз муридони Шайх Саъдуддин аст, бо Султон Ҷалолуддин писари Хоразмшоҳ муосир буда, «Манозил-ус-сорин» ва «Мақсад-ул-ақсо» ва «Кашф-ул-ҳақоиқ» ва «Усул ва фуруъ» аз мусаннифоти ӯст. Шайх Саъдуддини Ҳамавии мазкур гуфта, ки ҳар сирре, ки ман дар чаҳорсаду чиҳил ҷилд китоб пинҳон кардаам, Азизи Насафӣ дар «Кашф-ул-ҳақоиқ» изҳор кардааст. Ғараз дар санаи 616 ҳиҷрӣ дар Абарқу фавт шуд».

Аз ахбори сарчашмаҳо ҳувайдост, ки бештари замони зиндагонии хешро дар зодгоҳаш сипарӣ намуда, баъдан замоне нисбатан тулонитар дар шаҳри Бухоро раҳли иқомат густардааст. Дар Бухоро буд, ки илмҳои ҳикмат ва фалсафа омӯхт ва дар тиб низ табаҳҳури комил ҳосил кард. Ин нукта аз осори худи вай пеш аз ҳама равшан мегардад, зеро ба таъкиди худи Насафӣ вай ҳам аз илми фалсафа бархурдор буд ва ҳам дар мавориди зарурӣ ба табобати беморон машғул мегардид. Мирбоқии Фард низ, ки ковишҳое дар мавриди зиндагонии адиб анҷом додааст, бар ин назар аст, ки дар бештари манобеъ матолибе, ки дар бораи зиндагии вай навишта шуда, кутоҳ, такрорӣ ва бештари вақт ғайривоқеӣ мебошад. Аз ин иттилоот метавон тасвире куллӣ ва мубҳам аз зиндагии ӯро тарсим кард. Осори Азиз, танҳо манобеи муъатабар ва қобили итминоне аст, ки моро ба иҷмол бо зиндагонии ӯ ошно месозад (1,2). Аз иттилои худи вай дар китоби “Кашф-ул-ҳақоиқ” машғулият ба касби табибиаш равшан мегардад, чун он ҷо сухан аз табибон ва шарҳи ҳавос мекунад ва менависад: «Ба наздики атибо ҳавоси ботин бар се беш нест. Тахайюл, таваҳҳум ва тазаккур. Аз ҷиҳати он ки ба наздики эшон ҳисси муштарак ва хаёл яке аст ва маҳалли вай мақдами димоғ аст ва ваҳм ва

мутасаррифа яке аст ва маҳалли вай васати димоғ аст ва ҳофиз ва зокира яке аст ва маҳалли вай муаххари димоғ аст ва ҳақ ба дасти эшон аст, аз ҷиҳати он ки ин бечора ба вақти муолиҷа чандин навбат таҷриба кард, ҳисси муштарак ва хаёлро яке ёфт ва ваҳм ва мутасаррифаро яке дид ва ғарази ин бечора дар таҳсили тибб ва машғул будан ба муолиҷа чандин сол ин буд, то дар ташреҳ ба таҳқиқ итминоне ҳосил шавад» [4, с.89].

Замони зиндагонии адиби ориф дар Бухоро ба ҳамлаи муғулон мутобиқ афтод ва дар натиҷа дар соли 617 ҳиҷрӣ қабл аз он ки муғулон ба Мовароуннаҳр ҳамла намуда, онро хароб намоянд, бомдоди рӯзи ҷумъаи аввали моҳи Раҷаби ҳамон сол қабл аз омадани муғулон Бухоро ки қасди ҳамла доштанд, ин шаҳрро тарк намуда, маҷбуран роҳи муҳоҷиратро ихтиёр ва ба сӯи Хуросон ҳаракат кард. Роҷеъ ба ин давраи зиндагонии хеш низ, ки ба ҳиҷрати вай марбут аст, низ чунин навишта: “Бидон ки дархости дарвешон дар санаи аҳади ва сабъину ситтамия буд ва дар он сол лашкари куффор ба Мовароуннаҳр омаданд ва вилоятро хароб карданд ва ин бечора дар он таърих, дар шаҳри Бухоро буд ва бо ҷамоати дарвешон бомдоди рӯзи ҷумъаи аввали моҳи Раҷаби санаи мазкур пеш аз расидани лашкари куффор ба шаҳри Бухоро ва ба қатлу ғорат машғул шудан, бад-ин сабаб аз шаҳр берун омадем ё худ чунин гӯй, ки берун оварданд ва аз оби Хуросон гузаштем ва ба шаҳрҳои Хуросон расидем ва аз он муддат боз ҳар рӯзе ба мавзее ва ҳар шаб ба ҷое будем” [4].

Аз мутолиаи асари худи Насафӣ хатти сафари вай аз Хуросон ба шаҳрҳои дигар равшан мегардад. Маълум мегардад, ки вай баъд аз ин ба самти ҷануб ба шаҳрҳои Кирмон, Исфаҳон ва Шероз то ба Абаркӯҳ расидааст. Ҳамин тавр, нахуст муддате дар Баҳрободи Хуросон бар сари турбати мурод ва Шайхи Худ Саъдуддини Ҳамавия иқомат ихтиёр кард ва пас аз чанд аз онҳо ба Исфаҳон ва Шероз сафар намуд. Аз он муддат ҳар рӯз ва ё шабе ба ҷое истиқомат ихтиёр менамуда ва ҳеҷ ҷо қарор надошт. Ниҳоят ба шаҳри Абаркӯҳ расид ва ҳамон ҷо раҳли иқомати ҳамешагӣ ихтиёр намуда, мунтаҳо дар ҳамин шаҳр ин дори фониро падруд гуфт ва ҳамакнун мазораш ҳам дар ҳамон ҷост. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки Насафӣ дар ин шаҳрҳо муддате қарор гирифта ва ҳатто бархе аз осорашро ин ҷо ба қалам овардааст, ки худ ба ин ишорат мефармояд. Аз ҷумла, рисолаи дувуми китоби “Инсони комил”-ро бино ба иттилои хеш дар шаҳри Баҳробод қабл аз соли 647 ба қалам овардааст. Рисолаи чаҳоруми ин китобро бошад дар Шероз дар соли 680 ҳ.қ. ва як рисолаи дигарро аз ҳамин китоб дар Кирмон навиштааст. Рисолаҳои изофии нахуст ва дувуми китоби мазкурро бошад дар Исфаҳон ба қалам овардааст. Аз ин матолиб бармеояд, ки зиндагинома ва пайкорҳои илмиву адабии Насафиро метавон тавассути мутолиаи осори худи вай барқарор ва ба қалам овард, ки ин нукта ба аҳамияти муҳими шарҳиҳолӣ доштани таълифоташ таъкид мекунанд.

Пас аз бархурд бо яке аз номоварони ирфони аҳди худ Саъдуддини Ҳамавия, ки аз андешаҳои ирфонии Наҷмуддини Кубро пайравӣ менамуд, ба тариқати Кубравия гаройиш намуд. Дар ин айём дар қаламрави Хуросон ва ҳам Эрон асосан аз андешаҳои Наҷмиддини Кубро ва Муҳйиддин ибни Арабӣ аҳли ирфон истиқбол менамуданд ва амр боис шуд, ки бо иллати иродати хеш ба Саъдуддини Ҳамавия Азизуддини Насафӣ тариқати Кубравияро ихтиёр кунад. Аммо, нуктаи қобили таъкиди дигар он аст, ки бо ҳузури ин ду шахсияти номвар дар қаламрави ирфони исломӣ як навъ робита ва пайванд миёни андешаҳои Наҷмиддини Кубро ва Муҳйиддини ибни Арабӣ эҷод гардид, ки албатта ин мавзӯи баҳси таҳқиқии дигар аст.

Ҳамин тавр, таъкидот ва ишороти худи муаллиф равшан месозад, ки поёни зиндагонии Насафӣ дар шаҳри Абаркӯҳ сипарӣ гардида ва ҳамзамон ӯ муддати бештар аз ҳаштод сол умр дидааст. Ҳатто, бархе таъкид ҳам доштаанд, ки сад сол зиндагӣ кардааст. Ҳарчанд дар ин маврид санади қатъӣ вуҷуд надорад, аммо дар мавриди ҳаштод соли умри хеш дар китоби “Мақсад-ул-ақсо”-и хеш чунин навишта: “Ҳаштод сол аз умрам гузашта, то ин роҳро ба поён расонидам ва дар ин ҳаштод сол ҳар кучо доно ва зираке нишон медоданд, мерафтам ва муддатҳо дар хидмати эшон мебудам ва мурод аз ин ҷумла он буд, то худро бишносем” (Мақсад-ул-ақсо, нусхаи хаттии мутааллиқ ба нигоранда).

Дар мавриди соли вафоти Насафӣ низ андешаҳои мухталиф ҷой доранд. Нависандаи “Маҷолис-ул-ушшоқ” таърихи вафоташро тахминан ба солҳои 616 то 661 муқаррар намудааст. Ризоқулихони Ҳидоят дар китобҳои хеш “Риёз-ул-орифин” ва “Маҷмаъ-ул-фусаҳо” низ соли 616 ҳ.қ. донистаанд. Дар китоби “Райҳонат-ул-адаб”-и Мирзо муҳаммадалии Мударрис низ ҳамин таърих зикр шудааст, вале нависандаи “Муъҷам-ул-муаллифин” соли 686-ро соли даргузашти Насафӣ унвон кардааст. Аммо бар асоси он матолибе, ки худи Насафӣ дар осораш овардааст, метавон тахмин намуд, ки ӯ то соли 691 ҳ. дар Абаркӯҳ дар қайди ҳаёт будааст. Ин матлаб сарчашма дар он дорад, ки Насафӣ дар рисолае таҳти унвони “Маърифати инсон”, ки дар таркиби китоби “Инсони комил” ҷой дорад, ишорат дорад, ки ин рисоларо дар моҳи Рамазони 691 дар Абаркӯҳ ба қалам овардааст. Ба эҳтимоли зиёд имкон дорад, ки таърихи даргузашти ӯро ба ҳамин соли 691 ё баъд аз он муқаррар намоем, ки бар асоси навиштаҳои худи вай мушаххас шудааст. Ин нукта ҳам таъкид бар он дорад, ки то кунун дар бораи шарҳи ҳоли дақиқи Шайх Азизуддини Насафӣ ва поёни зиндагонии вай тадқиқоти мушаххасе сурат нагирифтааст ва танҳо аз мутолиаи комил ва пажӯҳиши муфассали мероси

адабииву ирфонии нависанда дар оянда имкон дорад, ки муҳимтарин лаҳазоти зиндагии вай барқарор карда шавад.

Ҳамин тавр, Шайх Азизуддини Насафӣ аз ҷумлаи орифони маъруфи асри сездаҳуми милодӣ маҳсуб мешавад, ки бо таълифи осори гаронмояи ирфонӣ маъруфияти тамом пайдо кардааст. Ба қалами ӯ беш аз 30 рисолаи илмии ирфонӣ тааллуқ мегирад, ки дар онҳо масоили мубрами тасаввуфи исломиро шарҳу тавзеҳ додаанд. Ба навиштаи донишманди эронӣ Саид Алиасғар Мирбоқии Фард аз маҷмӯи осори ин нависандаи сӯфимашраб ҳудуди 27 тои он то кунун тасҳеҳ ва нашр нашудаанд. Ҳамин пажӯҳишгари номвар соли 1381 китоби «Баён-ут-танзил»-ро бар асоси чаҳор нусха тасҳеҳ ва рӯи чоп оварда, ҳамзамон як таҳқиқоти судманде дар мавриди Азизуддини Насафӣ анҷом додааст. Дар баробари ин, дар тасҳеҳ ва нашри осори дигари Насафӣ ҳатто олими фаронсавӣ Морижон Мула ва чанд тан аз донишмандони дигар низ саҳм гирифтаанд, ки дар фасли баъдии рисола дар ин бора изҳори назар хоҳад шуд. Ин нукта бисёр барои зикр муҳим аст, ки дар Тоҷикистон ҷойгоҳ ва мақоми ин орифи номвар ба таври шоиста муқаррар нашудааст. Танҳо аз тариқи маҷаллаи «Садои Шарқ» як рисолаи кӯчаки ӯ бо номи «Зубдат-ул-ҳақоиқ» мунташир гардидааст, ки ба назар мерасад, он ҳам ба сурати комил таҳия ва интишор наёфтааст. Ҳамин ношинохтагии осори адиб зарурати онро пеш меоварад, ки имрӯз барои анҷоми ковишҳои бештаре роҷеъ ба зиндагинома ва мероси адабиву ирфонии ӯ таҳқиқоте қобили мулоҳиза анҷом бидиҳем, зеро дар адабиётшиносии тоҷик низ то кунун дар мавриди шарҳи ҳоли ин нависандаи суфӣ ва корномаҳои адабиву ирфонии вай тадқиқоте қобили мулоҳиза ба поён нарасидааст.

АДАБИЁТ

1. Насафӣ, Шайх Азизуддин. Зубдат ул ҳақоиқ. Тасҳеҳ, муқаддима, таълиқот аз Ҳақвардии Носирӣ. – Теҳрон: Китобхонаи Таҳурӣ, 1363. – 163 с.
2. Насафӣ, Шайх Азизуддин. Инсони комил. Бо муқаддимаи Ҳенри Корбен. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Морижон Мула. Тарҷума, муқаддима аз доктор Саид Зиёуддини Ваҳшерӣ – Теҳрон: Китобхонаи Таҳурӣ, 1993. – 613 с.
3. Насафӣ, Шайх Азизуддин. Бист рисола . Нусхаи хаттии китобхонаи Маҷлиси Шӯрои Исломӣ. Шумораи нусха, 1879 соли китобат 862 ҳиҷрӣ. – 369с.
4. Насафӣ, Шайх Азизуддин. Кашф ул ҳақоиқ. Тасҳеҳ ва таълиқи Саид Алиасғар Мирбоқирии Фард. – Теҳрон: Сухан, 1391. – 627с.
5. Насафӣ, Шайх Азизуддин. Баён ут танзил. Тасҳеҳ ва таълиқи Саид Алиасғар Мирбоқирии Фард. – Теҳрон: Сухан, 1391. – 610 с.

КРАТКОЕ СОДЕРЖАНИЕ ЖИЗНИ АЗИЗУДДИНА НАСАФИ

Шейх Азизуддун Насафи является одним из великих мудрецов мистики и философии. Он стал популярным за свои произведения при жизни. Он был известен под прозвищами «Пири Сиддик» и «Пири Хамзаи Сабзпуш». Не существует подробной информации о его жизни. Следует отметить, что до сих пор не было произведено конкретного исследования о его жизни. Именно благодаря чтению его подробных мистических работ у автора данной статьи есть возможность исследовать самые важные моменты его жизни в будущем.

Ключевые слова: *Шейх, Насаф, Сабзпуш, суфий, сиддик, пир, человек, мистика, суфизм, Нашхаб, Абаркух.*

A SUMMARY OF THE LIFE OF AZIZUDDIN NASAFI

Shaikh Azizuddin Nasafi is one the great sages of mysticism and philosophy. He became popular for his writings during his lifetime. He was known under the nicknames "Piri Siddiq" and "Piri Hamzai Sabzpush". There is no a detailed information regarding his life. It should be pointed out that it has been not carried out a concrete investigation about his life yet. Just thanks to reading of his detailed mystical works the writer of this article has an opportunity to research the most important moments of his life in the future.

Keywords: *Shaikh, Nasaf, Sabzpush, sufi, siddiq, pir, human, mysticism, Sufism, Nakhshab, Abarkuh.*

Сведения об авторе:

Сатторов Хабибулло Абдуджабборович *- соискатель кафедры теории и истории литературы Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, Тел.: (+992) 987822221. Email: sattori1990@mail.ru*

About the author:

Sattorov Habibullo Abdujabborovich *- applicant in the Department of Theory and History of Literature of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, Tel.: (+992) 987822221. Email: sattori1990@mail.ru*

ЗАМИНАҲОИ ТАЪЛИФИ АСАРИ «РИСОЛАИ ДИЛКУШО»-И УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Холова Х. Қ.
Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакӣ

Осори саропо хандарезу дилкушои Убайди Зоконӣ дар адабиёти форсу тоҷик ягона ва бесобиқа аст. Ҳеҷ як суханваре мисли вай пояи танзу хаҷвро ба ин баландиҳои ҳунарӣ набардоштааст. Мо ин ҳамаро дар ҳикоёту ҳикматҳо аз асари рисолаи «Дилкушо»-и нависандаи соҳибзавқ хондаву хулосабарорӣ намудаем.

Ҳар миллати бедор ва худогоҳ фарҳанги худро ҳифз намуда, онро меомӯзад ва ба он фарҳанг зиндагӣ мекунад, то ки фарҳанги дигар бар фарҳанги вай мусаллат набошад.

Адабиёти пурмӯҳтаво ва паҳновари форсӣ – тоҷикӣ беш аз ҳазор сол аст, ки ташнагони каломи нобро шодоб мегардонад ва ҳазорон дӯсторони сухани шево на танҳо аз мардуми форсизабон, балки аз миллати муҳташор низ аз он баҳра бурдааанду барои пешрафти миллати худ суд ҷустаанд. Ин адабиёти пурбор, ки инъикоскунандаи талошҳои ҳазорсолаи мардуми эронитабор, аз ҷумла тоҷикон дар заминаҳои гуногуни фарҳангу ҳунар, фалсафаву ирфон ва илму маориф аст, дар шаклҳои мухталиф чун рубоиву ғазалу қитъав, достону ҳикоят ва амсоли он баён ёфтааст.

Дар миёни, миллатҳои мухталиф мо бо адабиёти худ ифтихор дорем. Пас далели зинда мондани мо ҳамин забону фарҳанг ва адабиёти мост. Аз ин рӯ, бояд онро ҳифз кунему биомӯзем, бо он зиндагӣ кунем ва ба насли оянда интиқол диҳем. Ҳамин гуна асолати фарҳангиро метавон дар эҷодиёти адиби нотакрор Убайди Зоконӣ пайдо намуд, ки ҳикмати андешаи ӯ таваҷҷӯҳи олимону Шарқу Ғарбро ба худ кашида, маншаи таҳқиқҳои ҷолибе дар ҳунари эҷодии ӯ гаштааст. Дар меҳвари ақидаҳои тараққиҳоҳи шоир падидаҳои созандаву озодиандеш ва илҳо бахшидан ба ҷамъияти дунпарвар пеш оварда шудааст, ки ин манзаллатро олими шарқшиноси англис Э. Браун чунин таъриф додааст: "Ба иллати ибтикор ва ҷасорати калом Убайдро назди ман шаъне рафеъ ва мақоме баланд аст ва беш аз он чи то кунун дар бораи ӯ баҳс кардаанд, вайро мустаҳаққи таҳқиқ ва мутолиа медонам" [1, с.340].

Дар байни осори мансури адабиёти мо осори Убайди Зоконӣ ҷойгоҳи хос дорад ва беш аз 650 сол аст, мавриди истифодаи на танҳо тоҷикону эрониён ва дигар форсизабонон, балки аксари миллатҳои мутараққии ҷаҳон қарор гирифтааст.

Латифаҳои Убайди Зоконӣ намунаи олии танз ва муъҷазбаёнӣ буда, дар адабиёти башарӣ назир надорад. Ба қавли А. Ҳалабӣ "Агар ҳамосаи Эрон Фирдавсиро дорад ва шеъри базмии он Низомиро ва шеъри насиҳату панду ғазал Саъдиро ва ғазали ошиқонаи орифона Ҳофизро ва шеъри ирфонӣ Мавлавии Балхиро, бе ҳеҷ тардид яккатози паҳнои танзу шӯхтабъӣ ва фукаҳоти Эрон низ Убайди Зоконист". Мухтасар Убайди Зоконӣ миёни саёҳои 1270-80 дар деҳаи Зоконӣ назди Қазвин таваллуд шудааст. Ӯ дар Қазвин таҳсили ибтидоӣ гирифта, сипас барои идомаи таҳсил ба Бағдод меравад. Яке аз далелҳо ва василаҳои исботи маҳорати Убайд дар интихоби мавзӯъ низ фасеҳсуханӣ ва мӯъҷазбаёнии ӯ, таҳлили интихобии латифаҳои "Рисолаи дилкушо" ва қиёси онҳо бо маъхазҳои арабии он латифаҳо буда метавонад. Зикри ин нукта ҳам бамаврид аст, ки Убайди Зоконӣ дар аксари рисолаҳои ҳаҷвии худ аз ҷумла, дар "Рисолаи дилкушо" низ аз маъхазҳои зиёди арабӣ истифода намудааст ва баъзе рисолаҳои худро ба арабӣ ҳам таълиф кардааст. Шояд ин ҳолат бесабаб ҳам набошад. Зеро Убайди Зоконӣ аслан аз арабҳои Бани Хафоҷа ва аз авлоди арбоби судур ва вазорат будааст, ки дар давраи муҳоҷират ба Зокони Эрон омада, лақаби "Зоконон"-ро гирифтаанд. Ҳамдуллоҳи Муставфӣ дар "Таърихи гузида" ва Давлатшоҳи Самарқандӣ дар "Тазкират-уш-шуаро" ӯро бо лақабҳои "Хоҷа", "Соҳиби муаззам", "Соҳиби аъзам" зикр кардаанд [5, с.322], ҳарчанд дар бораи мақом ва мансаби баландро соҳиб будани ӯ иттилои дақиқе нест. Аммо ин ки Убайди Зоконӣ баъд аз таҳсил муддате дар мансабҳои гуногун хизмат карда, боқии умрашро дар нодорию дармондагӣ ба сар бурдааст, ҷои тардид нест. Шоир китоби «Наводир-ул-амсор»-ро (1328) бо забони арабӣ навишта, бо қасида бо воситаи хоҷа Алоуддини вазир ба султон Абусаиди Элхони (ҳукумрониаш 1315-35) тақдим менамояд, ки мадади ӯ аз камбағали раҳо ёбад. Аммо умедаш бар бод меравад ва ӯ ба хулоса меояд, ки дар ин давра касе ба шеъру шоирӣ коре надорад, ҳама мутрибу масхарабозанд. Шояд яке аз сабабҳои ба ҳаҷв рӯ овардани Убайди Зоконӣ ҳамин ноомади кораш бошад. Ҳамин тариқ поёни умри шоир чандон равшан набуда, ба гуфтаи муҳаққиқон, вай соли 1371 дар Шероз аз олам гузаштааст.

Аз ӯ мероси гаронмоя боқӣ мондааст, ки барои насли башар хизмати созгор карда истодааст.

Яке аз беҳтарин осори мансури Убайди Зоконӣ “Рисолаи дилкушо” буда, бо ду забон - форсӣ ва арабӣ навишта шудааст ва аз ҳикоятҳои хурди дилнишин иборат мебошад. Дар он ба мисли дигар асарҳои нависанда ахлоқу одоби табақаҳои гуногуни ҷомеа ва умуман рафтору кирдори ношоистаи шахсони алоҳида мазаммат мешавад. Ба қавли шарқшиноси рус И. Брагинский “Унсурҳои алоҳидаи танз ва заҳрхандаҳои нишондор алакай дар ашъори классикони асрҳои X – XII вуҷуд дошт, аммо

танҳо Убайди Зоконӣ ҳаҷви иҷтимоиро ба қуллаи баланд расонид" [6, с.224]. Ин ақидаро муҳаққиқони дигари осори Убайди Зоконӣ Х. Мирзозода ва И. Усмонов низ таъкид намудаанд.

Ҳадаф аз навиштани ин мақолаи илмӣ баррасӣ ва таҳлили муҳтавои достонҳои «Рисолаи дилкушо»-и асари Убайди Зоконӣ ва заминаҳои таълифи ин асари мондагор мебошад.

Аз ин рӯ, кӯшиш бар он равона гардидааст, ки аз дидгоҳи илмӣ заминаҳои таълифи асари мазкурро муайян карда, бо донишҳои зеҳнӣ ва назарсанҷии амиқ дар атрофи масъалаи мавриди баҳс, фикри худро перомуни он баён намуда, даричаҳои фаҳми мухотабонро то ба андозае боз намоем.

Пеш аз навиштани ин афкори илмӣ моро зарурияте пеш омад, ки ибтидои ин асари барҷастаро мутолиа намуда заминаҳои асосии таълифи онро пайдо намоем. “Чи тавре дар муқаддимаи асари худ - “Рисолаи дилкушо” Убайди Зоконӣ менависад: “Баъзе нукоту ишорот ва ҳикоёт, ки бар хотир ворид аст, дар қалам овард, муштамил бар ду боб аст- яке арабӣ ва яке форсӣ”. Кристенсен низ дар ишора ба ин маънӣ менависад: “Латоифи арабии Убайд, эҳтимолан бар асоси манобеи катабӣ аст, дар ҳоле, ки латоифи форсии вай аз достонҳоест,тики дар замони зиндагиаш дар афвоҳ роиҷ” [7, с.229].

Ҳарчанд Убайд дар таълифи латоифи "Рисолаи дилкушо"-и худ аз маъхазҳои зиёди арабӣ ва форсии то замони ӯ таълифшуда истифода кардааст, вале дар таҳрири вай ва ба туфайли сабки хоси танзнигорӣ ва муҷазбаёнии ӯ матнҳои истифодашуда мунтахабу мухтасар ва латифтару нишонрастар гардидаанд.

“Рисолаи дилкушо” аз рӯи муҳтаво тақсимбандӣ шудааст. Ин тақсимбандӣ ба се гурӯҳи ба ҳам тавъам ҷудо шуда асарро зебу зинат дода маҳорат ва обрӯи нависандаро дучандон баланд бардоштаанд, ки мондагор будани онро бечуну чаро нишон медиҳад.

Онҳо дар устухонбандии латифаҳои асар хизмати нотакрореро ба ҷо оварда воқеиятро чун навор дар рӯ ба рӯи хонанда ба намоиш мегузорад ва хонандаро ба олами андеша бурда, кайфияти хосеро ба он ройгон ҳадя мекунад. Дар банду басти латифаҳо калимаҳо мавқеи худро касб намуда ба холоҳ расидаанд, ки камбудие ба назар намерасад.

Дар латифаҳо тафаккури интиқодӣ ва ҳолоту муроқибат дар якҷоягӣ маҳаки асосии тафаккури фалсафии шоирро ташкил медиҳанд ва дар равиши таҳлилҳо ва муҳтавои қиёс, бо таваҷҷуҳ ба чаҳорчӯби назари фароҳамшуда дар ҳар бахши латифаҳои тафаккури фалсафӣ дошта, достонҳои мунтахаб аз «Рисолаи дилкушо» шиносоӣ ва таҳлил гардидаанд.

Чунон ки омӯзиш нишон медиҳад, ҳар латифаи «Рисолаи дилкушо» ба далели он ки онҳо дар заминаи маъниҳои гуногуни ахлоқию маънавӣ эҷод шудаанд, , пеш аз ҳама, дорои тафаккури фалсафӣ ҳастанд.

Тавоноии лозимаро дар парвариши ин навъ тафаккуро дорад ва ба афзудани бархе тамринҳо ва пурсишҳо метавон зарфияти онҳоро ҷиҳати истифода дар барномаи фалсафӣ барои мухотабону аҳли завқ бо таҳлили илмӣ ҳавола кард.

Агар мурод аз фалсафа, пурсишкорӣ ва ҷустуҷӯи огоҳонаи ҳақиқат ва моҳияти ашё ва инчунин талош барои ёфтани посух ба саволҳои муамогуна бошад, метавон гуфт, ки дар ҳикояҳои асари «Рисолаи дилкушо»- и Убайди Зоконӣ ҳамаҷиҳата рангу бӯи фалсафӣ доранд.

Убайди Зоконӣ пайваста кӯшиш ба он равона кардааст, ки барои кашфи ҳақиқоти худу дунёи пур аз тазод, суханҳои барҷастаро истифода бурда ба дили қаҳрамонҳо то ба андозае раҳмро ҷой диҳад.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми "Рисолаи дилкушо" дар он зоҳир мегардад, ки ҳадафи шоир аз таълифи он танҳо хандидану хандонидан нест, балки бо дар латофати маънӣ ғунҷонидани тамоми мушкилоти дар ҷомеа ҷойдошта мебошад. Ба таъбири доктор Забеҳуллоҳи Сафо, Убайд дар рисолаи худ "ҳам баёни ширину намакин дорад ва ҳам таънаҳои заҳролуди худро ба шакари сухрия ва шӯхиву ҳазл андуда, мутаваҷҷеҳи ҳамаи табақоти иҷтимоии замони хеш карда ва ҳеҷ як аз онҳоро муоф ва мустасно нашумурдааст" [8].

"Рисолаи дилкушо" обишхӯр аз латифаҳои халқӣ буда, тавассути ин ҳикоёт ахлоқу одоби табақаҳои ҳокими ҷамъият, ақидаи онҳо ва дигар тасвирҳо воқеие, ки нависанда ба мушоҳида гирифтааст, танқиду мазаммат мешаванд. Барои мисол ду ҳикоятро аз “Рисолаи дилкушо” меорем:

"Султон Маҳмуд рӯзе дар ғазаб буд. Талҳақ хост, ки ӯро аз он маломат бурун орад. Гуфт:

-Эй Султон номи падарат чи буд:

Султон биранҷид, рӯй бигардонид.

Талҳақ боз баробар рафт ва ҳамчунин савол кард.

Султон гуфт:

-Мардаки калтабони саг, ту ба он чӣ кор дорӣ?

Гуфт:

-Номи падарат маълум шуд. Номи падари падарат чун буд?

Султон бихандид" [9, с.27].

ё:

"Аз Қазвинӣ пурсиданд:

-Амирулмуъмини Алиро шиносӣ?

-Гуфт: шиносам.

Гуфтанд:-Чандум халифа?

Гуфт: ман халифа надонам. Он аст, ки Ҳусейн ӯро дар дашти Карбало куштааст" [10, с.30].

Латифаҳои мазкурро наметавон тасвири воқеаҳои айнан рухдода маънидод намуд. Назари интиқодию услуби ҳаҷвнигории Убайди Зоконӣ дар "Рисолаи дилкушо" нишон медиҳад, ки ҳарчанд дар ин ду латифаи овардашуда сухан дар бораи шахсиятҳои воқеӣ - таърихӣ равад ҳам, аммо маҳз мушоҳидаи хислату характери одамони ҷудогона ва дараҷаи фаҳмишу ахлоқи онҳо сабаби таълифи ҳикоёти мазкур гардидааст. Агар дар ҳикояти аввал нависанда устокорона Султон Маҳмудро ҳаҷв кунад, дар ҳикояти дуюм як навъ инкори равияи мазҳаби динӣ мазаммат мешавад.

Убайди Зоконӣ дар таърихи адабиёти тоҷик аз шоиронест,ки тавонистааст унсурҳои воқеъгароёнаро дар ҳаҷв ба таври олӣ ба намоиш гузорад. Махсусан, дар "Рисолаи дилкушо"-и Убайди Зоконӣ, ки дар нишон додани унсурҳои воқеъгароёна дар ҳаҷви шоир мо ба он такя намудаем, тамоми аносири ҳаҷви вуқӯъгаро ба назар мерасад.

Таъсирпазирии Убайди Зоконӣ аз манобеи пеш аз ӯ мавҷудбуда дар "Рисолаи дилкушо" ба чашм мерасад, ки маҳсули мушоҳидахои чандинсолаи шоир маҳсуб меёбад. Баид нест, ки барои навиштани ин рисола Убайди Зоконӣ солҳои зиёде мавод ҷамъоварӣ намудааст.

Аз мавзӯъҳои мундариҷ дар "Рисолаи дилкушо" маълум мегардад, ки муаллиф ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти замони худ дахл кардааст. Мавзӯи хикояҳои "Рисолаи дилкушо" аз танқиди вазъияти замон харобии аҳволи мазлумон, бехонумонӣ ва гуруснагӣ, танқиди подшоҳон, рӯҳониён, хурофотҳои динӣ, масхара кардани аҳли дин, такаббур, ғурури аъёну ашроф, танқиди зулму золимӣ, сахтии ҳоким, танқиди бахилӣ ва ҳассосат, соддагии қазвиниён, ҳозирҷавобии одамони оддиву камбағал ва монанди инҳо иборат аст.

Аксаран ҳикоёти "Рисолаи дилкушо" характери таърихӣ доранд ва қаҳрамонони онҳо шахсони таърихианд. Дигар маҷмӯи ҳикоёти он латифаҳои халқиро ба хотир меоваранд.

Қаҳрамонони "Рисолаи дилкушо" бештар Талҳак, Ҷуҳӣ, Ҳаҷӣ, Қазвинӣ барин шахсонеанд, ки бо ҳозирҷавобӣ ва суханҳои намакину нешдорӣ худ золимону подшоҳон ва аҳли риёву рӯҳониёни мутаасибро масхараю танқид мекунанд. Зоконӣ ба василаи қаҳрамонони худ ақидаҳои додхоҳонаи худро баён мекунад.

Масалан:

Анушервон рӯзе ба додраси нишаста буд. Марде кӯтоҳқомат фароз омад ва бонги додхоҳи бардошт. Хусрави Анушервон гуфт:- касе бар кӯтоҳқомат ситам натавонад кард.

Гуфт:- Шаҳрёро, он ки ба ман ситам ронд, аз кӯтоҳтар аст.

Хусрав бихандиду додаш бидод [11, с.7].

Аз овардани ин ҳикоят, яъне истифода аз зарбулмасали халқӣ нашъа гирифтани он дарак медиҳад, ки чунин аст «забони ширин морро аз хонааш берун кардааст» ва илмӣ будани ҳикоят низ гувоҳи гуфтаҳои болост. Бе ҳеҷ шакку шубҳа метавон гуфт, ки қаҳрамони асосии латифаҳои асари «Рисолати дилкушо» худи шоир Убайди Зоконӣ мебошад. Сарчашмаи ин ҳама рӯҳи қавӣ ва неотарсию бебокӣ, озодагӣ ва озодандешиҳои Убайди Зоконӣ ва қаҳрамононаш дар маънавиёти бузурги эшон аст, ки решаҳояш ба таълимоту дастурҳои ирфонӣ, қаландарию риндӣ ва ҷавонмардӣ ба муҳити маънавӣ ва ахлоқии аҳли заҳмат ва пешаварону зиёиёни шаҳрӣ ва рустоӣ мерасад.

Дар асари мазкур қаҳрамон шахси болоназар, ҳозирҷавоб нотарс, далер, шикастанафас ва дигар характерҳои хуби инсониро доробуда, барои ба даст овардани хушбахтӣ муборизa бурдан мехоҳад, аммо беадолатиҳои замон ӯро сади роҳ мешаванд.

Убайди Зоконӣ беҳтарин ҳаҷвнигорест, ки пайки суханаш ҳадафмандона ва бо мақсади муайяне гуфта шудааст. Аниқтараш ҳаҷви ӯ ҷанбаи тарбиявию ахлоқӣ ва ислоҳотхоҳӣ дорад. Убайд барои ислоҳу равшан намудан ва фош сохтани даврони торикаш, аз суханони тезу тунд истифода намудааст, то ин ки мардумро аз фасод бираҳонад, корҳои бадашонро барояшон нохушу ногувор ва нофорам зоҳир намояд, нангу номусашонро бедор созад, то аз пайи ҳавову ҳаваси худ нагарданд.

Ҳамин тариқ, Убайди Зоконӣ бо ин асари худ беадолатиҳои замони гузаштаро, ки ҳадду ҳудуде надошта буданд, бо латифа ва ҳикоятҳо рушанӣ андохта, нисбати онҳо нафрат баён кардану муборизa бурданро талқин кардааст.

АДАБИЁТ

1. Браун Э. Таърихи адабиёти форсӣ. Аз Саъдӣ то Ҷомӣ. - Теҳрон,1948. – С. 340.
2. Ҳалабӣ, Алиасғар. Зоконинома. – Теҳрон: Заввор, 1384. - С.9.
3. Қазвинӣ, Ҳамдуллоҳ ибни Абибакр ибни Аҳмади Муставфӣ. Таърихи гузида. Таҳқиқи Абдулҳусайн Навоӣ. - Теҳрон: Амири кабир,1364, ҷ.3. - 567с. – С. 804.
4. Давлатшоҳи Самаркандӣ.Тазкират-уш-шуаро. Гузиниши матн, нигориш, дебочаву тавзеҳот аз М. Ансор. А.

Худодод /Д. Самарқандӣ. - Душанбе, 1999. – С.322.
5. Брагинский И.С. Из истории таджикской народной поэзии. - Москва, 1956. – С. 224.
6. Амидсолор, Маҳмуд. Муллоҳузотӣ дар бораи латоифи Убайди Зоконӣ дар “Рисолаи дилкушо”. Маҷаллаи Ироннома № 6. - Теҳрон, 1366- С.229
7. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи таҳаввули назму насри форсӣ. Нашри 2. - Теҳрон, 1333.
8. Убайди Зоконӣ. Мунтахаби осор. - Душанбе: Адиб, 2016. - 480 с.
9. Ҳамон ҷо: - С. 30.
10. Шарҳи мунтахаби «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ. Ба кӯшиши Ш.Исрофилниё. – Душанбе, 2017.- С.7.

ОСНОВА ДЛЯ НАПИСАНИЯ "ДИЛКУШО РИСАЛА" УБАЙДИ ЗОКОНИ

Статья посвящена изучению основы составления «любимого трактата» Убайди Зокони и его исследовательских работ.

Эта научная статья содержит информацию о рассмотрении и анализе содержания рассказов «Прекрасный трактат» Убайди Закани и основы для создания этого прочного произведения.

Также сделана попытка определить научную основу для создания этой работы, выразить наши взгляды на обсуждаемую проблему с интеллектуальными знаниями и глубоким исследованием и в некоторой степени открыть двери понимания аудитории.

Ключевые слова: *Убайди Закани, проникновенный трактат, рассказ, сатира, таджикский, иранский, Тазкират-уш-шуаро*

BASIS FOR WRITING “DILKUSHO RISALA” UBAID ZOKONI

The article is devoted to the study of the basics of compiling the "favorite treatise" by Ubaidi Zokoni and his research works.

This scholarly article provides information on the consideration and analysis of the narrative content of Ubaidi Zakani's The Beautiful Treatise and the foundations for creating this lasting work.

An attempt is also made to define the scientific basis for the creation of this work, to express our views on the discussed problem with intellectual knowledge and in-depth research and to some extent open the doors to understanding the audience.

Keywords: *Ubaydi Zakani, heartfelt treatise, story, satire, Tajik, Iranian, Tazkirat-ush-shuaro*

Сведение об авторе:

Холова Хубон Курмахмадовна *- соискатель Институт язык и литература именни Абуабдуллохи Рудаки Национальнный академии наук Республики Тадикистан, Тел: (+992) 919825070*

About the autor:

Kholova Khubon Kurmakhmadovna *- Applicant of the Institute of Language and Literature named after Abuabdullohi Rudaki National Academy of Sciences of the Republic of Tadikistan, Tel: (+992) 919825070*

ТАФСИФИ МЕВАҲО ДАР ОСОРИ ШОИРОНИ АРАБИЗАБОНИ ФОРСУ ТОҶИК (АСРҲОИ IX-X)

Ҳомидиён Ҳ.К.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғаффуров

Васф аз ҷумлаи жанрҳое ба шумор меравад, ки дар адабиёти Арабу Аҷам таърихи куҳан дорад ва ҳануз дар адабиёти тоисломии мардуми машриқзамин, ки баъди зуҳури дини ислом як адабиёти муштаракеро ба саҳнаи илму дониш пешкаш намуданд ва тамаддуни башарият мислаш надида буд, вуҷуд дошт. Ин адабиёт, ки тавассути адибону шоирон ва фарҳехтагони араб ва арабизабоини милали мусалмоншуда ба миён омад, дар худ мавзӯъ, расму ойин, фарҳангу тамаддун ва таърихи чандҳазорсолаи намояндагони худро таҷассум менамуд, зеро ҳангоми мутолиаи адабиёти тоисломии арабӣ маълум мешавад, ки жанри васф ё худ васфиёт дар адаби он аҳд маъмул буда, танҳо доираи мавзӯъоти он маҳдуд буда, тавсифи мушкилоти сафари шоир дар биёбони хушку холӣ аз дарахту гиёҳ, тасвири маркаби шоир, ҳайвоноти биёбонӣ, бутта ва меваи саҳроӣ, баъзе дарахтони аз гарми пуртоқат чун хурмо ва дигар лавозимоти саҳро ва манотиқи он замонаи арабиро дар худ таҷассум менамуд. Дар ин бора муаллифи “Адабиёти арабизабони форсу тоҷик аз истилои араб то аҳди Сомониён” чунин таъкид мекунад, ки ин навъи қасида дар адабиёти араб то замони ислом ҳам маъмул буд, вале танҳо мавзӯъҳои он аз васфи он чи дар бодия вуҷуд дошт, берун намебаромад [2, с.104].

Нуктаи қобили зикр ин аст, ки тавассути саъю талоши шоирони аҳди хулафои асрҳои охири умавӣ ва нахусти аҳди аббосӣ, ба вижа, намояндагони ҳаракати “таҷаддуд” ё худ “навгаро”анъанаҳои адабии тоисломии эронӣ ба адабиёти араб ворид гардид ва бо талоши сухансароёни ин ду миллати ба ҳам дӯсту қарин яъне арабу форс адабиёти муштараки арабӣ–мусалмонӣ ба авҷи баланди худ расид. Ҳамин тавр, ба сабаби таъсирпазирии мутақобилаи ҷонибайн, дар осори адибони арабизабони форсу тоҷики асрҳои IX-X, ки маҳз дар қаламрави Эрони Ғарбӣ ва он манотиқе, ки сулолаҳои эронитабори хонадонҳои Зиёриён ва Бувайҳиён ҳукумат меронданд, ба таври равшан ба назар мерасад. Қобили зикр аст, ки шоирону сухансароёни аҳди мазкур дар мавзӯъҳои тасвири баҳор, эҳёи табиат, шукуфоии боғу марғзор, тавсифи меваҳои гуногун, навъҳои таом, инъикоси ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон, Сада ва ғайра қасоиди тафсиффи худро таълиф менамуданд, ки худ боиси тазоҳур ва тадовум ёфтани анъанаҳои эронӣ дар адабиёти арабизабони ин аҳд ба шумор меояд. Дар радифи ин қайд кардан ба маврид аст, ки шоирону нависандагон барои барҷаставу санъаткорона тавсиф кардани меваҳо миёни худ мусобиқа менамуданд, ки дар ин масъала ҳикоёти ҷолибе дар сарҷашмаҳо зикр гардидааст (7,III,207). Ҳамин тавр, тавсифи меваҳо дар ашъори шоирони эронитабори арабисаройи ин давр нақши боризеро дар офаридани маонии гуногун бар уҳда доштааст, ки мақолаи мазкур низ ба ҳамин мавзӯъ равона карда шудааст.

Аз ҷумлаи ин шоирон, метавон нахуст шоир ва нависандаи арабизабони форсу тоҷик-Соҳиб ибни Аббод (326/936-385/995)-ро зикр намуд, ки ӯ аз аввалин шоирони арабисаройи форсу тоҷик маҳсуб мешавад, ки ин анъанаро худ ба адабиёти давраи мазкур ворид намуда, ҳамзамон барои ташаккули он бевосита таъсиргузор шудааст. Соҳиб дар ин қабил ашъораш ҳар навъи меваро бо ашёе, ки аз назари арзиш чанд баробар аз он гаронтар мебошад, ташбеҳ дода, ҳусну ҷамол ва лаззати ба худ хоси онро мавриди ситоиш қарор додааст. Аз ҷумла, вай дар тавсифи ангур чунин сурудааст:

وحبَّةٍ من عنبٍ قطفتُها تسحدها العقودُ فی الترائبِ

كأنها من بعد تَمييزی لها لؤلؤةٌ قد ثُقِبَتْ من جانبَ (8,122)

(Яъне: Донаи ангуреро чидам, ки аз зебойии он, шаддаи гарданбанд ҳасад мебарад.

Ҳангоми ҷудо кардан гавҳареро мемонад, ки гуё аз як сӯ сурох карда шудааст).

Дар байти мазкур, шоир бо истифода аз санъати муболиға, донаҳои ангури навчидаро чунон тавсиф намудааст, ки ҳусну ҷамоли онҳо боиси рашки гарданбанд ва ё шадда гардидааст. Сипас, донаҳои ангурро, ки баъди тоза намудан, зебоии дигареро бо худ касб мекунад, ба гавҳаре ташбеҳ додааст, ки аз як сӯ сурох карда шудааст.

Шабеҳи ин Соҳиб дар ҷойи дигар анҷирро чунин васф кардааст:

تينٌ يزينُ رداؤه مخبوءهُ مُتَخيِّرٌ فی وصفِهِ يُتخَيَّرُ

عسلُ اللعاب لديه مما يُجتوی وجنی النخيل لديه مرٌ مُمْقِرُ

وكأنما هو فی ذری أغصانه قطع النضار أدارهُنّ مُدَوِّرُ

ويقول ذائقُهُ لطيب مذاقه: الله أكبر والخليفةُ جعفر(4,230)

(Яъне: Анҷире, ки пӯсташ ороиши он асту тавсиф намудани онро ҳар касе ихтиёр мекунад.

Асали ширин ва хурмои тару тоза дар назди шираи он талх аст.

Дар шохаҳои худ тавре чида шудааст, ки гуё он пораҳои зар бошад, ки ва ба шакли доира дароварда шудаанд.

Ҳар касе, ки каме аз он мечашад, аз лаззати он ба ваҷд омада мегӯяд, ки Оллоҳ Акбар аст ва халифа Ҷаъфар аст).

Аз муҳтавои шеър равшан мегардад, ки Соҳиб дар тавсифи лаззат ва маззаи анҷир, санъати муболиғаро корбаст намуда, онро аз асалу хурмои тару тоза, ширинтар тасвир намудааст. Сипас, бо истифода аз санъати ташбеҳ, зебоӣ ва ранги анҷирро дар шохаҳои он, ба тиллои соф, ки чандин баробар ҳам аз лиҳози ранг ва ҳам аз назари арзиш аз он қиматтар мебошад, монанд кардааст, ки истеъмолкунанда аз хушии мазза ва зебогии зоҳирии он ба ваҷд омада, аснои тановул Худовандро ба ягонагӣ ёд карда, ба хилофати Ҷаъфар сано мехонад.

Ба ин монанд, Соҳиб дар ҷойи дигар норинҷро тавсиф намуда, аз ҷумла чунин сурудааст:

بعَثنا من النارنج ما طاب عَرفُه فقيّل: علی الأغصان منه نوافجُ

كُراتٌ من العِقيانِ أحكم خَرطُها وأيدی النُدامی حولهُنّ صَوالجُ (8,129)

(Яъне: Норинҷе фирисиодем, ки бӯи хуш дорад, ба мисли духтарони зеборӯйеҳ, ки дар болои шохаҳояш хобидаанд.

Норинҷҳо чун тубҳо ҳастанд, ки аз тиллои соф хуб сохта шудаанд ва дастони ҳамқадаҳи надимон дар атрофи онҳо чун чуби чавгон аст).

Шоир дар ин ду байт, маҳфили бодаеро офаридааст, ки дар он ҳусну ҷамоли норинҷҳоро нахуст ба ҷамоли хубрӯён шабоҳат дода, ҳамчунин дар давоми калом, онҳоро бо тубҳои тиллоӣ низ ташбеҳ додааст, ки аз зебоии он хабар медиҳад.

Дигар шоири арабисаройи давраи мазкури форсу тоҷик-Абулҳусайни Ҷавҳарӣ (тав. ваф. номаълум), низ дар осори худ, ин анъанаи аҷдодии худро дар қолаби арабӣ идома дода, дар тавсифи меваҳои мухталиф, ки махсуси манотиқи эронзамин мебошад, ба таври васеъ идома додааст. Аз ҷумла шоир дар яке аз абёти худ анорро васф намуда чунин сурудааст:

وحَبّاتِ رُمّانٍ لِطافٍ كأنّها شوارِدُ ياقوتٍ لَطُفنَ عن الثّقبِ
أُشَبِّهُها فى لَوْنِها وصَفائها بقَطَراتِ دَمعٍ وُرِّدت مِن دَمِ القلبِ (7,4,34)

(Яъне: Донаҳои зебои анор, ки гуё донаҳои ёқути пароканда мебошанд ва дар шиддати ҳусну ҷамол наметавон онро сӯрох намуд, чунки онро дар рангу сафояш ба қатраҳои ашк, ки аз хуни дил рангин шуданд, монанд мекунам).

Шоир дар абёти мазкур, тавонистааст бо истифода аз санъати маънавии ташбеҳ, донаҳои анорро нахуст аз лиҳози шаклу сурат бо донаи ёқути сурх монанд карда, сипас ранги зебо ва совофу равшани онро, чунин васф намудааст, ки гуё ба хуни дил ранг карда шудааст.

Шоири дигари арабизабони форсу тоҷик-Алӣ ибни Абдулазиз Қозии Ҷурҷонӣ (323/935-393/1003) низ дар ин мавзӯи тоисломии эронӣ ашъори зиёде навиштааст. Шоир дар мадҳи яке аз дӯстонаш қасидае навишта, дар байте аз он бодимҷонро тавсиф намуда чунин сурудааст:

وسُودًا تَروَّت بالدُهان وبُدِّلَت بتَوريدِها لَونًا مِن النارِ أكلَفا
كأفواهِ زَنجٍ تُبصِرُ الجِلدَ أسودًا وتُبصِرُ إن فُرِّت لُجَينًا مُؤلَفا (5,104)

(Яъне: Бодимҷони сиёҳранге, ки гӯё онро равған молидаанд ва бо сабаби сурх (қирмиз) шудан, ба ранги оташ, ки он сурх ва сиёҳ аст монанд шудааст.

Он чун даҳони марди зангие ҳаст, ки ҳангоми пӯшида будан онро сиёҳ мебинӣ ва чун онро кушояд, мисли нуқра дурахшон мешавад.)

Дар абёти вафқуззикр шоир тавонистааст, ки бо истифода аз санъати ташбеҳ, нахуст ранги пӯсти бодимҷонро бо сурхӣ ва сиёҳии шӯълаи оташ монанд карда, ҳамчунин шакли зоҳирӣ ва дарунмояи онро ба даҳони марди зангии сиёҳпӯсте монанд кардааст, ки чун даҳонашро пӯшад тамоман сиёҳ аст ва чун онро воз намояд ба мисоли нуқра дурахшон мешавад.

Ҳамчунин дар ин мавзӯъ дигар шоири арабисаройи форсу тоҷик-Абӯомири Ҷурҷонӣ (тав. ваф. номаълум) ашъори зиёде сурудааст ва аз ҷумла дар яке аз абёти хеш дар тавсифи анор чунин мегӯяд:

خُذوا صفةَ الرُمّانِ عَنيفٍ إنّ لِى لسانًا عن الأوصافِ غيرَ قَصيرِ
حِقاقٌ (كأمثالِ الكُرات) تَضَمَّنَتْ فُصوصَ بَلَخْشٍ فى غشاءِ حَريرِ (6,1,591)

(Яъне: Васфи анорро аз ман бишнавед, зеро маро дар тавсифи он забони кӯтоҳе нест.

Халтаҳое ҳастанд, ки чун туб курашакл буда, донаҳои ёқутии бо абрешим печонидашударо дар худ ғунҷонидааст).

Шоир, дар ин абёт, бо истифода аз санъати ташбеҳ анорро ба халтаи курашакл ташбеҳ дода, донаҳои онро ба донаҳои марворид ва ҷойи ҷойгиршавии ҳар як донаи онро бо матои абрешим шабоҳат додааст, ки ин навъи ташбеҳ дар адабиёти давври мазкур бисёр нодир маҳсуб мешавад.

Ҳамин тавр метавон ҳадс зад, ки туфайли шоирони арабисаройи форсу тоҷик дар адабиёти араб ва адабиёти арабизабони форсу тоҷик дар асрҳои III-IVҳ. баробар ба VIII-IXм. дар ашъори тавсифӣ ва хоссатан васфи меваҳо дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омадааст. Чунончи қаблан зикр гардид, дар адаби араб танҳо дарахти хурмо ва меваи он мавриди тавсифи шоирону нависандагони араб қарор мегирифт, чунки аз лиҳози ҷуғрофӣ, ин мева хоси кишварҳои арабӣ ва дарахти ягонаи он замонаи онҳо ба шумор мерафт. Аммо шоирону суханварони арабизабони форсу тоҷик, ки дар манотиқи зебо, дорои табиати қашанги дилрабо ва дарахтони гуногуну меваҳову сабзавоти мухталифро соҳиб буданд, дар сурудаҳои худ мавриди васфу тавсиф қарор дода, дар адабиёти садри ислом ва ё худ адабиёти арабӣ-аҷамӣ инқилоби шеъриеро ба вуҷуд овардаанд, ки дар пайравӣ аз онҳо чакомасароёни араб низ ашъори зиёде суруда, ба сабку услуб ва мавзуъоти шеърии ниёгонашон яъне адабиёти аҳди ҷоҳилият дигаргунии куллӣ ворид намудаанд. Ин ташаббусот ва ё худ навоварӣ боиси ба миён омадани мавзӯъҳои нав ва ташаккули минбаъдаи он дар адабиёти араб ва адаби арабизабони форсу тоҷик гардид.

АДАБИЁТ

1. Бертельс Е. Э., Бертельс А. Е., Болдырев А. Н., Усмонов М. Н., Ҳодизода Р. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV. .-Душанбе: Дониш, 1976. -345 с.
2. Зоҳидов Н.Ш. Адабиёти арабизабони форсу тоҷик аз истилои араб то аҳди Сомониён.- Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 1999. -142 с.
3. Саймиддинов Д. Адабиёти паҳлавӣ (Пажуҳиш, тарҷума ва ташреҳ). –Душанбе, 2003.

1. .آل ياسين، الشيخ محمد حسن. ديوان الصاحب بن عباد. قم ، 1412ش. 336 ص.
2. .الباخرزى، أبوطيب. دمية القصر و عصرة أهل العصر.3- ج. بيروت. دار الجيل، 1415.

3. .الجرجانى، على بن عبدالعزيز.ديوان القاضى الجرجانى. أشرف عليه وراجعه إبراهيم صالح، جمع وتحقيق ودراسة سميح إبراهيم صالح. دمشق، دار البشائر، 2003/1424. 198ص
4. الثعالبى النيسابرى. يتيمة الدهر فى محاسن أهل العصر. 7 أجزاء.تحقيق مفيد محمد. دار الكتب العلمية. 2000.
5. .شمس الدين ابراهيم. ديوان صاحب بن عباد شرحه وضبطه. بيروت، لبنان 1422/ 2001 م. 247 ص

ОПИСАНИЕ И ПОХВАЛА ФРУКТОВ В ТВОРЧЕСТВЕ АРАБОЯЗЫЧНЫХ ПОЭТОВ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ (IX-X ВВ)

В данной статье рассматривается поэтический жанр хвалебного стиха (касыды), история и его особенности в арабоязычной поэзии персидско-таджикской литературы. Также приводится информация о формировании этого вида касыды в доисламской Персии, ее развитие и распространение в период расцвета арабской литературы и ее роль в арабоязычной поэзии персидско-таджикской литературы. В статье приводятся анализ образцов из произведений-бейты арабоязычных поэтов 9-10 вв.: Сахиба ибни Аббада, Казия Джурджани, Абулхусайна Джавхари и Абуомира Джурджани. В статье приводится примеры из хвалебного стиха, в котором описывается каждый фрукт: яблоко, гранат, инжир и т.д. Этот жанр хвалебного стиха был введен в арабскую поэзию благодаря уисилиям арабоязычных поэтов персидского происхождения, о чем в статье дана исчерпывающая информация. Также в статье приведены данные, свидетельствующие о том, какое влияние оказали арабоязычные поэты персидско-таджикской литературы на формирование арабской литературы в разные периоды.

Key-words: *Arabic poets, eulogistic poem, fruit, poetry in Persian-Arabic literature written in Arabic.*

DEPICTION AND PRAISE OF FRUIT IN THE CREATION OF ARABIC POETS OF PERSIAN-TAJIK LITERATURE (REFERRING TO THE IX-TH – THE X-TH CENTURIES)

The article under consideration dwells on the poetic genre of eulogistic poem (qasidi) the history and its peculiarities in the poetry of Persian-Tajik literature written in Arabic. The author adduces information concerned with such kind of kasidi referring to the pre-Islamic Persia, its development and spread in the period of Arabic literary dawn and its role in the poetry of Persian-Tajik literary written in Arabic. In his article the author analyzes dealing with patterns out of literary production-beyts belonging to the pen of Arabic poets who lived in the IX-th – the X-th centuries, they are Sohib ibn Abbod, Kazi Jurjoni, Abulhusayn Jurjoni. He adduces examples from eulogistic poem in which the following fruit are described: apple, garnet, fig etc. The relevant genre was produced in Arabic poetry due to the effort of the poet of Tajik-Persian origin and is given an exhaustive information in the article by the author. As well as, the author adduces the data promoting the fact that how impacted Arabic poets of Persian-Tajik into the formation of Arabic literature in various periods.

Ключевые слова: *арабоязычные поэты, хвалебный стих, фрукт, арабоязычная поэзия в персидско-арабской литературе.*

Сведение об авторе:

Хомидиён Хикматшох Комили *- докторант Худжандского государственного университет именни академик Б. Гафурова, E-mail: Komili1978@mail.ru*

About the autor:

Homidiyon Hikmatshoh Komili *- Doctorial student of Khujand State University named after acad. B.Gafurov. E-mail: Komili1978@mail.ru*

УДК 008+7.0+8
ББК 71+80+85
Н34

ТАСНИФОТ, САБКИ НИГОРИШ ВА МУНДАРИҶАИ МЕРОСИ АДАБИИ АБУЛФАЗЛИ МИКОЛӢ

Холов Н. Ё.

Муҳити мадраса ва қишри фарҳангии ҷомеа, зарурати иҷтимоӣ ва сиёсӣ барои ҳифзи мақому пояи хонаводаи фарҳангпарвари Миколиён, омӯзишу мутолиаи пайвастаи кутуби диниву дунявӣ, ҳамкории адабӣ ва ҳамнишинӣ бо адибони замон, дар атрофи худ ҷамъ кардани аҳли завқу адаб омилҳои таъсиррасоне ба ҳисоб мераванд, ки бар асоси онҳо Абулфазли Миколӣ аз овони ҷавонӣ рӯ ба таълифу таснифи асарҳои илмиву адабӣ овардааст.

Мувофиқи иттилои сарчашмаҳо Абулфазли Миколӣ ҳангоми ҷавонӣ зимни сафарҳои корӣ дар Нишопуру Бухоро ва Макка аз донишмандони бузурги илми ҳадис дарс омӯхта, бино ба навиштаи

Муҳаммад Боқирӣ баъди даргузашти Саолибӣ дар поёни умр ба ривоёту имлои ҳадис пардохт [8, с.195] ва ба унвони муҳаддиси соҳибмактаб ва соҳибмаҷлису маъруф шинохта шуд. Дар бораи он ки Абулфазли Миколӣ дар Хуросон аз муҳаддисон Ҳоким Абуаҳмад Ҳофиз, Абуамр ибни Ҳамдон, дар Бухоро аз Абубакр ибни Муҳаммад Ёфиси Бухорӣ дар Макка аз Абулҳусайни Разиқ, Абӯалӣ Ҳамд ибни Абдуллоҳи Розӣ дарс ҳадис гирифтаву пас аз соли 1031 м. ба вазъи ҳадис пардохтааст, аз мутақаддимон Абдулғаффори Форисӣ дар «Таърихи Нишопур» (11, 461) ва Муҳаммад ибни Шокири Кутубӣ дар «Фавот-ул-фаваёт» (12, 2/428) маълумот додаанд (15). Ҳамчунин роҷеъ ба он ки аз Абулфазли Миколӣ ба ҷуз Абӯсолеҳи Муаззин, Масъуди Носир гурӯҳе аз муҳаддисон мисли Аблуфазл Муҳаммад ибни Аҳмади Табсӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Аҳмади Муаззин, Абулқосим Абдуллоҳ ибни Алӣ низ ҳадис ривоят кардаанд, Абдулкарим ибни Муҳаммад Самъонӣ дар «ал-Ансоб»-аш (10, 12/528) иттилоъ додааст.

Ӯ дар баробари фиқҳу ҳадис аз забону адабиёти арабӣ огоҳии комил дошт. Донишу ҷаҳонбинии ҳаматарафаи ин адиб дар ашъори то мо омада расидааш ба таври барҷаста мушоҳида мешавад.

Хотиррасон кардан бамаврид аст, ки намунаи осори манзуми Абулфазли Миколӣ бештар дар таркиби асарҳои Саолибӣ мундариҷ гашта, бад-ин васила то замони мо омада расидаанд. Саолибишиноси эронӣ Муҳаммадбоқир Ҳусайнӣ дар мавриди имконоти эҷодӣ ва чигунагии дӯстии Абулфазлу Саолибӣ чунин навиштааст: “Миколӣ зимни он ки дар нависандагӣ ва шеър чирадасту тавоно буд ва Саолибӣ борҳо аз маҳорати ӯ дар адаб ба некӣ ёд кардаасту ҳатто ӯро беҳамто донистааст, аз мавқеияти иҷтимоӣ, динӣ ва сиёсӣ бисёр бартар аз Саолибӣ дар замони худ бархӯрдор буд” (8, 192). Бо такя ба ин нукта метавон ҳадс зад, ки теъдоди осори манзуму мансури Абулфазли Миколӣ аз он чи дар сарчашмаҳо фақат номе аз онҳо боқӣ мондааст, зиёд мебошад.

Дар мавриди ҳунари шоирӣ ва мақоми ӯ Саолибӣ чунин навиштааст: “Ҳар кас бихоҳад асрори суханони манзум ва сеҳри каломи шеър ва афсуни рӯзгор бо гӯш (-и ҷон) бишнавад ва нузули (борони) ақлу ҷараёну сайлони суханони зебо ва ҳосили фазлу камолро (ба чашм) бибинад, бояд аз ӯ (Абулфазли Миколӣ) бихоҳад то бо табъи баланду андешаи волояш, ашъори зебову малеҳ бисарояд, ки ба ҷиҳати арзишмандӣ он дар ачзои тани одамӣ нуфуз кунад ва ба ҷиҳати равонию гувороии калом дилҳоро рому мусаххари хеш созад” [8, с.182]

Аз «Тарҷумаи таърихи Яминӣ», равшан мешавад, ки: «Абулфазл дар латоифи адаб бореътар буд ва фароиди арабро ҷомеътар ва назми ӯ чун вашии Санъо ва чеҳраи Узро бадеъ» [3, с.181].

Тавсифоти мазкур, ки тақрибан дар як замон дар сифати Абулфазли Миколӣ ба қалам омадаанд, аз ҷойгоҳи баланди ӯ дар ҷодаи шоирӣ дарак медиҳанд.

Бояд таъкид кард, ки дар бораи осори илмиву адабии Абулфазли Миколӣ маълумоти зиёде дар даст нест ва худи асарҳои ин шоиру нависандаи тавоно ҳам пурра то мо омада нарасидаанд. Ин аст, ки дақиқан муайян кардани шумораи асарҳои илмию адабии ӯ берун аз имкон аст. Новобаста аз камии иттилоот, дар муайян кардани осори манзуму мансури Абулфазли Миколӣ саҳми муҳаққиқони эронӣ Муҳаммад Боқирӣ, Саид Алӣ Оли Довуд, олимони тоҷик Сайдулло Абдуллоев ва Низомиддин Зоҳидов зиёд аст. Маълумоти афроди номбурда барои мо ҳамчун маводи асосӣ ва раҳнамо қарор гирифт. Он чи мо бар ин маълумот афзудем, иттилооте мебошад, ки аз ашъори бозмондаи ӯ зимни таҳқиқ дастрас гашт.

Абулфазли Миколӣ мисли гузаштагонаш ба эҷоди асарҳои мансуру манзум даст зада, аз худ мероси фаровоне боқӣ мондааст, ки чи тавре болотар таъкид шуд, фақат номи онҳо то мо тавассути сарчашмаҳо омада расидааст.

Сараввал аз рӯи нишондоди сарчашмаҳо дар зер номгӯи асарҳои мансури Абулфазли Миколӣ бо иловаи баъзе андешаҳо мураттаб оварда мешавад ва сипас ашъори бозмондаи ӯ мавриди таҳлил қарор мегирад.

Асарҳои мансури Абулфазли Миколӣ ба тариқи зайланд:

1.«Махзун-ул-балоға». Ин асар маҷмӯаи номаҳои Абулфазли Миколӣ ба аҳли илму адаб ва ҳуккоми замонаш мебошад. Саолибӣ дар боби ҳаштуми “Ятимат-уд-даҳр” аз ин китоб ба унвони «Китобу-л-махзун» ёдовар шуда, онро хеле ситоиш кардааст: (тарҷума: “Ва дар ин боб қиматтарин фаслҳое, ки аз рисолаҳояш, ҷудо нашудааст. Ва дар китобе, ки онро «Махзун» номида аст ба бобҳо ҷудо кадааст, ворид намудам. Он чӣ ки аз маҳосини калом навишта мешавад ва дар фахри қаламҳо зиёдӣ мекунад ва меарзад, ки лафзи дурр номида шавад” [5, с.366]

Дар ифодаи дақиқи номи ин китоб байни муаллифони сарчашмаҳо ихтилофҳост. Байҳақӣ ва Кутубӣ ин китобро «Махзуну-л-балоға» номидаанд, аммо Ҳоҷӣ Халифа ва Мирхонд онро «Махзану-л-балоға» хондаанд. Ба эҳтимоли қавӣ, тасмияи «Махзуну-л-балоға»-ро ба ин китоб, ба сабаби он ки онро нахустин бор Саолибӣ “китоби махзун” гуфтааст, додан дуруст мебошад. Ин асар таҷассумгари намунаи боризи насри мусаҷҷаи охири асри X ва аввали асри XI ба шумор меравад. Порчаҳои насрии зерин далели равшани ин нукта мебошанд:

إِنَّه أَلقِى إِلَىّ كتاب كريم عنوانه غنم جسيم وعيانه فضل عميم فَلَو اسْتَطَاعَ قلبِى لسعى إِلَيْهِ إعناقا والتف عَلَيْهِ عنَاقًا (14, 2101

(Тарҷума: маро номае расид, ки карим асту унвони он ғанимати бузург ва дидани он фазлест фарогир. Агар имкон мебуд, дилам сӯйи он ба шавқ метохту бар атрофи он ҳалқа мезад).

Дар порчаи мансури мазкур се гурӯҳи калимаҳо сачъ шуда омадааанд: (1)“كريم”, “جسيم”, “عميم”, (2)“إِلَيْهِ”, “عَلَيْهِ”, (3)“إعناقا”, “عنَاقًا”.

2.«Фазоилу-л-мулук». Таърихӣ будани ин асарро профессор Низомиддин Зоҳидов аз номаш истинбот карда, таъкид мекунад, ки номи он фақат дар “Равзат-ус-сафо”-и Мирхонд ва “Кашфу-з-зунун ан асомӣ ал-кутуб ва-л-фунун”-и Ҳоҷӣ Халифа ба қайд омадааст. Ҳарчанд аз ин асар то мо фақат ном боқӣ мондааст, бо такя ба маводи сарчашмаҳо оид ба рӯзгори Абулфазли Миколӣ ва Оли Микол метавон таъйид кард, ки аз рашҳаи қалами адиби сиёсатмадору давлатмарди хирадманду боистеъдод чун ӯ ба вуҷуд омадани китобе доир ба фазилатҳои давлатдории маликон аз ҳақиқат дур нест.

3. «Шарҳу ҳамосат Абитаммом». Номи ин асар ва аз таълифоти Абулфазли Миколӣ ба шумор омадани онро Ҳоҷӣ Халифа “Кашфу-з-зунун ан асомӣ ал-кутуб ва-л-фунун” қайд кардааст. Бино бар таъкиди адабиётшинос Низомиддин Зоҳидов “асаре аз ин китоб боқӣ намондааст” [2, с.65].

4. «Шарҳ дивон ал-Мутанаббӣ». Ҳоҷӣ Халифа ин китобро аз таълифоти Абулфазли Миколӣ донистааст. Тибқи таъкиди профессор Низомиддин Зоҳидов “ин ва китоби қаблӣ («Шарҳу ҳамосат Абитаммом»- Н.Х.) далел бар дасти қавии Абулфазли Миколӣ дар шарҳи ашъори сухансароёни бузурги араб аст” (2, 65). Дар тақвияти ақидаи адабиётшиноси номбурда метавон гуфт, ки донишу истеъдоди суханварӣ ва суханшиносии Абулфазли Миколӣ то ба дараҷае баланд будааст, ки ӯ на фақат ба шарҳи ашъори бузургон даст задааст, балки дар ашъораш иддаои мунтақидӣ ҳам кардааст:

يا منْ يقول الشعرَ غيرَ مهذّبٍ *** ويَسومُنى التعذيبَ فى تهذيبِهِ
لو أنَ كلّ الناس فيک مُساعِدىً *** لعجزتُ عن تهذيبِ ما تهذى بِه *(13, 9)*

(Тарҷума: Эй он кас, ки шеър ноозмуда мегӯйӣ,
Маро дар дуруст кардани он ба азоб меандозӣ.
Агар ҳама мардум дар ин кор ба ман мадад мекарданд, ҳама
Бешак, ман аз дуруст кардани он чӣ ту лоф мезанӣ, оҷиз будам).

Мазмуни байти боло собит мекунад, ки Абулфазли Миколӣ ҳамчун мунаққиди адабӣ аз шоирони шеъри ноозмудаю хом мегуфта эрод мегирифтааст. Ибораи хусусияти интиқодидоштаи “ҳатто худро ҳамроҳ бо халқ дар таҳрири газофаҳои шоирони нопухтасухан оҷиз дидан” киноя ва танзе нешдор дар ифодаи белаёқативу беистеъдодии шоирони ёвагӯй аст, ки аз тарафи Абулфазли Миколӣ шоирона баён гардидааст. Ҳамчунин аз муҳтавои абёти мазкур шореҳу мунтақиди чирадаст будани вай, чакидаи хомаи ӯ будани асарҳои тафсирии «Шарҳу ҳамосат Абитаммом» ва «Шарҳ дивон ал-Мутанаббӣ» баръало мушоҳида мегардад. Зеро шарҳнависӣ ҳам дар зоти худ ҳамчун як шохаи илми адабиётшиносӣ навъе интиқоди адабӣ аст.

5. «Милаҳ-ул-хавотир ва масбаҳ-ул-ҷаво-ҳир». Номи ин асар, аз рӯи нишондоди профессор Низомиддин Зоҳидов, дар “Кашфу-з-зунун ан асомӣ ал-кутуб ва-л-фунун”-и Хоҷӣ Халифа ба шакли Милаҳу-л-хавотир ва масбаҳу-л-ҷаво-ҳир» ва “Фавот-ул-вафаёт”-и Кутубӣ дар сиғаи «Милаҳу-л-хавотир ва минаҳу-л-ҷавоҳир» зикр гардидааст [2, с.77]. Ғайр аз иттилои мазкур то имрӯз дар бораи ин асар маълумоти дигаре дар даст нест.

6. «Китоб-ул-мунтаҳил». Аз рӯи таҳқиқи ховаршинос Низомиддин Зоҳидов ба Абулфазли Миколӣ мансуб будани ин китобро Байҳақӣ ва муаллифони баъдӣ тазаккур додаанд. Ин китоб мунтахабе аз назму насри араб аз давраи ҷоҳилия то асри Х буда, 15 бобро шомил аст. Бино бар маълумоти муҳаққиқи турк Феҳмӣ Адҳам Қаротой ва Эдуард Браун ду нусхаи хаттӣ аз ин китоб дар китобхонаи Тӯпқопусарои Туркия ва Кембричи Англия маҳфуз аст [2, с.64-65). Аммо аз навиштаи саолибишиноси эронӣ Муҳаммадбоқир Ҳусайнӣ бармеояд, ки «ал-Мунтаҳил» -ро (номи ихтисоршудаи асари мазкур) Муҷтабо Минуӣ низ аз Абулфазли Миколӣ донистааст. Муҳаммадбоқир Ҳусайнӣ бо чанд далел, аз ҷумла бо сабки Саолибӣ навишта шудан, ба Саолибӣ мансуб будани асари мазкурро собит намуда, навиштааст: “Агар нависандаи китоби “ал-Мунтаҳил” Миколӣ мебуд, бо таваҷҷуҳ ба дӯстии бисёр наздик... ашъоре аз Саолибиро дар китоби мазкур мегунҷонид. Дар сурате, ки баръакс аст ва мо ду қитъаи Миколиро дар китоби ёдшуда бо зикри номи шоир мулоҳиза мекунем. Ва ин нишон медиҳад, ки агар муаллифи китоб Миколӣ мебуд, аз хештан бо ном ёд намекард, балки тибқи расми он аҳд ба зикри “лилмуаллифи” иктифо менамуд... Далели дигаре, ки сухани моро дар интисоби китоб ба Саолибӣ таъйид мекунад, зикри ашъори Абулфатҳи Бустӣ–дӯсти мушатараки Абулфазл ва Саолибӣ аст [8, с.128,129]. Бо такя ба далелҳои раднопазири Муҳаммадбоқир Ҳусайнӣ зарур аст, ки «Китобу-л-мунтаҳил»-ро бино бар сабаби Саолибӣ мансуб будан аз рӯйхати осори Абулфазли Миколӣ хориҷ карда шавад. Ҳамин тариқ, метавон ба натиҷае расид, ки аз шаш асари номбурдаи Сайид Алӣ Оли Довуд як асари мансуб ба Абулфазли Миколӣ аслан асари Саолибӣ буда, панҷ асар моли худи ӯ маҳсуб меёбад.

Илова ба осори ёдшуда дар манобеъ китобҳои «ал-Махзун вал дур-ул-манзум вал лафз-ил-маъдум», «ал-Мунтахаб-ал-Миколӣ», «Иншо-ал-Амир Абулфазл Убайдуллоҳ ибни Аҳмад-ал

Миколӣ», «Рисола васф китобот» мансуб ба қалами Абулфазли Миколӣ медонанд. Бино бар маълумоти Аҳмад Абдурраззоқ Рақиҳӣ дар “Феҳрасти асарҳои хаттии китобхонаи Ҷомеъи кабир”-и шаҳри Санъо нусхаи ба хатти насх соли 1148 ҳ.қ/1735 м. китобатшудаи «ал-Махзун вал дур-ул-манзум вал лафз-ил-маъдум», мавҷуд аст [9, с.4/1701]. Ба ин монанд дар китобхонаҳои Кембриҷ, Санъо, Теҳрон ва Туркия низ чанд дастнависи асарҳои мансуб ба Абулфазли Миколӣ нигаҳдорӣ мешаванд, ки дастраси инҷониб нагардид.

Дар канори таълифоти мазкур, ки дар наср иншо шудаанд, Абулфази Миколӣ теъдоде аз осори манзум низ ба қалам оварда, ки ба баррасии мухтасари онҳо хоҳем пардохт.

Аз осори манзуми Абулфазли Миколӣ ба мо фақат намунае аз анвои гуногуни шеърӣ боқӣ мондааст.

Муҳаққиқи эронӣ Сайид Алӣ Оли Довуд менависад, ки тазкиранависони муосири худи ӯ ва муаллифони баъдӣ ашъори Абулфазли Миколиро гирд оварда, дар осори худ дарҷ сохтаанд. Саолибӣ дар «Ятимат-уд-даҳр» [5, с.4/355-381] гузидаи нисбатан муфассале аз осори ӯро нақл карда, дар китобҳои дигари худ, чун «ал-Эъҷоз ва ал-иҷоз» (6, 270) ва «Сеҳр-ул-балоға» [7, с.196-197] қитаъоте аз вай овардааст. Саолибӣ дар баробари ҳифзи осори ӯ ҳамчунин дар мадҳи вай ашъоре сурудааст. Ҳусрӣ низ намунаҳои бисёре осори манзуму мансури Абулфазлро бо чанд қитъае, ки дигарон дар васфи ӯ гуфтаанд, нақл кардааст [4, с.172].

Тибқи маълумоти адабиётшинос Н.Зоҳидов ашъори бозмондаи Абулфазли Миколӣ дар шакли як маҷмӯа соли 1908 дар Лейпсиг ба нашр расидааст [2, с.64]. Хушбахтона, нусхаи электронии ин маҷмӯа, ки шомили 618 байт аст, дастраси мо гардид. Чунонки муҳаққиқи ёдшуда таъкид мекунад, ашъори маҷмӯа “дар мавзӯоти мухталиф, аз қабили ишқ, тавсифи ашёи гуногуни табиат, ихвониёт, марсия, шиква аз замон, панду ҳикмат ва зӯҳд иншо шудаанд (2, 64). Барои далел намуна аз шеъри андарзии ӯ оварда мешавад:

ربما أمتعَ القليلُ *** من المالِ أو كَفَى
وإذا زادَ كثرةً *** وعَدا القَدر أتلَفا
كسراجٍ مُنوّرٍ *** إن طفا دُهنُه انطفى(*13*,13

(Тарҷума: Шояд моли андак суд бахшад
Ва ё басандагӣ кунад.
Аммо агар афзун гардад,
Ва аз ҳад гузарад, ба нестӣ барад.
Мисли чароғи фурӯзоне, ки агар
Равғанаш зиёд шавад, хомӯш гардад).

Абулфазли Миколӣ дар заминаи як ташбеҳи содда ҳакимона мардуми дороро насиҳат мекунад, ки сарвати кам монанди чароғи фурӯзонест, ки кам ҳам бошад атрофро равшан мекунад. Агар сарват зиёд бошад, ба чароғе монанд мешавад, ки аз зиёдии равған хомӯш гаштааст. Шоири ҳакиму носеҳ ба молу сарвати андак қонеъ буданро талқин медиҳад. Қаноат аз мавзӯоти муҳими ахлоқист, ки дар адабиёти Шарқ, хоса Арабу Аҷам аз тарафи шоирону нависандагон мавриди таблиғу ташвиқ қарор гирифтааст.

Муаллифи мақолаи «Абулфазли Миколӣ»-и “Донишномаи Сомониён” таъкид мекунад, ки ӯ “хусусан, дар эҷоди васф маҳорати тамом дошт. Вижагии боризи васфиёти шоир он аст, ки ӯ ашёи муайян, аз қабили гулҳои райҳон, лола, наргис, бунафша, дамидани субҳ, барфи рӯи барги дарахтон, шароб, асп ва ғайраро тавсиф намуда, хусусиятҳои онҳоро бо рамзу киноя баён мекунад. Ин аст, ки гоҳо васфҳои шоир ба луғз монанд мешаванд. Ҷанбаи ҳунарии ашъори Абулфазли Миколиро истифодаи моҳиронаи санъатҳои бадеӣ, хоссатан ташбеҳу истиора тақвият бахшидааст» [2, с.64].

Тавре дар боло ишора рафт, шоир дар сурудани васфиёт истеъдоди тамом доштааст. Ин ҷо ҳунари шоирии ӯро дар тасвири субҳ ва дамидани он, васфи асп, мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Тасвирпардозӣ ва ташбеҳсозие, ки шоир дар тавсифи субҳ кардааст, далел аз табаҳҳури ӯ дар илми синоати бадеӣ мебошад. Таваҷҷуҳ ба ду байти зерин собит мекунад, ки шоир дар ҳақиқат шоири ташбеҳофару манзарапардоз аст:

أهلاً بفجرٍ قد نَضَا ثوبَ الدُجى *** كالسّيفِ جُرّدَ من سوادِ قِرابِ
أو غادةٍ شُقّت صِدَاراً أزرقاً *** ما بينَ ثُغْرِتهاَ إلى الأقرابِ *[13, 13]*

(Тарҷума: Марҳабо ба субҳе, ки ҷомаи торикӣ баркашид,
Мисли он ки шамшерро аз ғилофи тор мекашанд.
ё нозанине, ки пероҳани кабуд,
Аз гулӯ то миён чок намудааст).

Албатта, ин тасвири шоирона, ба сабаби он ки идомаи ду байти васфиёти мазкур то мо омода нарасидааст, мантиқан нопурра аст. Чунки шоир мухотабашро фақат ба тамошои субҳ даъват карда, ҳамзамон бо истифода аз санъати ташбеҳ субҳро хеле ҳунармандона васф намудаасту ё имкони баёни дигар аз хусусиёт ё манзараи субҳро пайдо накардааст, ё ин амалро барои баён дар байтҳои то мо омаданарасида вогузоштааст. Бо вуҷуди ин нопуррагӣ ҳам, ду байти мазкур ҷаззобияти хос

дошта, хонандаро бо манзараи дамидани субҳ ошно месозад. Ташбеҳсозии шоир дар ду байти боло ниҳоят ҷолиби диққат аст. Вай субҳро дар ташбеҳи аввал ба шамшер ва шабро ба ғилоф монанд кардааст. Сабаби чунин ташбеҳ кардан дар он аст, ки дамидани субҳ ба шамшерро аз ғилоф берун кашидан хеле монанд аст. Дар ташбеҳи дуюм, ки тавассути санъати ташхис сурат гирифтааст, шоир субҳро ба инсон–духтари куртаи кабудпӯше, ки сафедии баданаш аз гиребони аз гӯлу то миён чок менамояд, монанд кардааст.

Сайдулло Абдуллоев ҷанбаи пурзӯр доштани ихвониёти шоирро таъкид карда, барои исботи андешааш чунин навиштааст: "Дар ихвониёти хеш ал-Миколӣ дӯстон, олимон, шоирон ва соири ашхоси намоёни рӯзгорашро ситоиш намуда, баробари ин дар бо бархе аз шеърҳояш бо сӯзу гудоз аз рӯзгори пурнеъмати афроди фурӯмояву сифла ва баръакс, қашшоқиву бадбахтии ашхоси хирадманду сазовор андешаронӣ мекунад. Чун соири шуаро ӯ дар ашъораш ба дӯстон, наздикону ҷавонон маслиҳату дастур медиҳад ва эшонро ба ҷавонмардиву росткорӣ даъват менамояд» [1, с.452]. Гуфтаҳои муҳаққиқи номбурдаро порчаи шеъриии зерин тасдиқ мекунанд:

تَمّتْ محاسنُه فما يُزرى به ❋❋❋ مع فَضلِه وسخائِه وكمالِه
إلاّ قصورُ وُجوده عن جُودِه ❋❋❋ لا عونَ لِلرجلِ الكريمِ كَماله
أُنصُرْ أخاكَ إن اجتداكَ فوَاسِه ❋❋❋ وإنْ استَغَاثَكَ واثقاً بك مالِه13 ,12]

(Тарҷума: Ӯ дар маҳосин ба камол расидаву
Акнун дар фазлу сахо ва камолаш осебе нарасад.
Магар камбуди вуҷудаш дар ҷуд,
Зеро барои карим беҳтарин мададгор молаш аст.
бародаратро даст гир, агар аз ту пурсид,
Ба ӯ ҳамдардӣ кун ва молатро дареғ мадор).

Мавзӯи дӯстиву рафоқат аз мавзӯоти меҳварии ашъори боқимондаи Абулфазли Миколӣ ба шумор меравад. Зеро ӯ на фақат дар сухан, балки дар ҳақиқат ҷавонмарду дӯстпарвар буд. Чи тавре болотар таъкид шуд, дӯстии ӯ бо Саолибӣ олитарин намунаи дӯстиву рафоқати ду адиби тавоност. Аз навиштаҳои Муҳаммадбоқир Ҳусайнӣ бармеояд, ки ӯ ғайр аз «Ҷоҳизи Нишопур» ном асараш дар бораи робитаи дӯстии Абулфазли Миколӣ бо Саолибӣ китобе дигар навишта, ё нийяти навиштан доштааст [8, с. 201, 202]. Дар ин мавзӯъ ба таълифи китоби алоҳида пардохтани муҳаққиқи эронӣ низ далели аҳамиятнокӣ ва воқеияти дӯстии Абулфазли Миколӣ ва Саолибӣ аст, ки дар осори ин ду нафар ба таври барҷаста инъикос ёфтааст.

Ба шарҳи ашъори шоирони маъруф пардохтану дар шеър ба даъвои мунаққидӣ бархостани Абулфазли Миколӣ ҳуҷҷатест,ки аз мавқеи адабӣ ва фарҳангии ӯ дар ҳавзаи илмиву адабии Хуросони замони зиндагиаш ҳикоят мекунад.

Дар маҷмӯъ, осори манзуму мансури Абулфазли Миколӣ дар баробари исботи соҳибмақомии ӯ дар адабиёту суханварӣ, инчунин ҷойгоҳу нуфузи маънавияшро ҳамчун намояндаи барҷастаи хонадони Миколиён нишон медиҳад. Дар канори ин ин таълифот баёнгари он ҳастанд, ки ин адиб дар канори ибтикороти сиёсиву фарҳангӣ, дар паноҳи хеш қарор додани аҳли сухан худ бевосита ба таълифи осори манзум ва мансур иштиғол гардида, аз ин роҳ дар ташаккули адабиёти арабизабони форсу тоҷик нақшу мақоми густардае гузоштааст.

АДАБИЁТ

1. Абдуллоев С. Фарҳанги Сомониён / С.Абдуллоев.–Москва: 4-й филиал Воениздат, 2001.– 600 с.
2. Донишнома 2008. Донишномаи Сомониён. Дар ду муҷаллад. Ҷилди якум(А–М). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2008. – 545 с.
3. Ҷурфодиқонӣ, Абушшараф Носеҳ ибни Зафар. Тарҷумаи таърихи Яминӣ. Муқаддима, таҳия, таҳшия, таълиқот, луғот ва феҳристи Н.И.Ғиёсов /Абушшараф Носеҳ ибни Зафари Ҷурфодиқонӣ.–Хуҷанд: Ношир, 2013.– 420 с.
6. بهرامی، اکرم.آل میکال/اکرم بهرامیww.ensani.ir/storage/Files/20120326151806-4019-1678.pdf .
7. الثعالبی النیسابری. یتیمۀ الدهر فی محاسن اهل العصر. ج.1–4.شرح و تحقیق الدکتور مفید محمد قمیحۀ/ الثعالبی النیسابری.– دار الکتب العلمیۀ. 2000
8. الثعالبی النیسابری. الاعجاز و الایجاز. حققه محمد ابراهیم سلیم /الثعالبی النیسابری. مکتبۀ القران 1998. 223 ص.
9. الثعالبی النیسابری. سحرالبلاغه و سرالراعه. بالتحقیق احمد عبید/الثعالبی النیسابری.– دمشق، ۱۳۸۶
10. حسینی، محمد باقر.جاحظ نشاپور/محمد باقر حسینی.– مشهد: دانشگه فردوسی مشهد، ۱۳۸۲. - ۳۸۷ ص.
11. رقیحی، احمد عبدالرزاق و دیگران، فهرست مخطوطات مکتبه الجامع الکبیر سنعاء، دمشق، 1984م
12. سمعانی، عبدالکریم بن محمد، الانساب، به کوشش شرف‌الدین احمد، حیدرآباد دکن، 1401ق/1981م
13. فارسی، عبدالغافر، تاریخ نیشابور، به کوشش محمدکاظم محمودی، قم، 1362ش.

14. کتبی، محمدبن شاکر، فوات الوفیات، به کوشش احسان عباس، بیروت، 1974م.
15. میکالی، عبیدالله بن احمد بن علی ابوالفضل. الدیوان/ المیکالی ابوالفضل عبیدالله بن احمد بن علی المیکالی-

КЛАССИФИКАЦИЯ, СТИЛЬ СОДЕРЖАНИЯ И СОДЕРЖАНИЕ ЛИТЕРАТУРНОЕ НАСЛЕДИЕ АБУЛФАЗЛИ МИКОЛИ

В этой статье посторались вникнуть в суть и содержание подлинного наследия Абулфазли Миколи в поэзии и прозе. Автор статьи посторался с исползованием доступных научно-литературных источников показать нам всё наследие персидско-таджикского арабоязычного поэта и писателя, исследовать тему и содержание на примеру его подлинных стихов и прозы.

Автор в своих трудах хотя и не до конца познал все границы исследования, но смог дать полную информация о наследиии этого великого поэта и писателя, который оставил след в процветаний арабоязычного персидско-таджикого литература.

Ключевые слова: *Абулфазл Миколи, Саолиби, наследие в поэзии и прозе, касидэ, аллегория, арабская поэзия.*

CLASSIFICATION, CONTENT STYLE AND CONTENT LITERARY HERITAGE OF ABULFAZLI MIKOLI

In this article, we tried to delve into the essence and content of the true heritage of Abulfazli Mikoli in poetry and prose. The author of the article tried to use the available scientific and literary sources to show us the entire heritage of the Persian-Tajik Arabic-speaking poet and writer, to investigate the topic and content on the example of his genuine poetry and prose.

Although the author did not fully understand all the boundaries of research in his works, he was able to give complete information about the heritage of this great poet and writer, who left a mark on the prosperity of the Arabic-speaking Persian-Tajik literature.

Key words: *Abulfazl Mikoli, Saolibi, heritage in poetry and prose, kaside, allegory, Arabic poetry.*

Сведения об автора:

Холов Назармухаммад Ёрмахмадович *- соискатель кафедры классической литературы Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова*

About the author:

Kholov Nazarmuhammad Yormahmadovich *- Applicant for the Department of Classical Literature, Khujand State University named after academician B. Gafurov*

ДИЛУ ДИЛДОР ДАР ОИНАИ ИРФОНИ МАВЛОНО

Мӯсозода Ҳ.Ҳ.
Шӯрои уламои вилояти Суғд

Дар адабиёти ирфонии форсу тоҷик ва дар умум худи қаламрави шеъри гузаштаи мо дил ҳамчун узви меҳварии инсон дар баробари сифат шудан ҳамчун аслу маънои ҳастии одамӣ муқаррар шудааст, ки ба таъбири орифон макони таҷаллии ҳақиқати илоҳӣ дониста мешавад. Боз ҳам худи Мавлонои бузург аст, ки дар шарҳи ирфонии дил ба таври барҷаста таъкид доштааст:

Худои Азза ва Ҷалл гуфт ман нагунҷидам,
Даруни арзу само ҷуз, ки дар дили инсон.

Албатта, дар фарҳангҳои ирфонӣ ва кутуби назари тасаввуф роҷеъ ба мақом ва ҷойгоҳи дил дар шинохти ҳақиқати инсон назарҳои мухталифе баён гардидааст. Аз ҷумла, Рузбеҳони Бақлӣ дар ҳақиқати дил чунин нигошта: “Дил манзари рӯҳ аст ва маҳалли хос ҳаст, ки он макон латифаи хос аст, дар он макон ҷуз таҷаллӣ нашавад, он оламро дил хонанд, ки шоҳиди машҳади ғайб аст. [4, с.184]

Саноӣ дар тавсифи дил чунин овардааст:

Ҳаст бар соликон ба вақти басеҷ,
Роҳи дилро чу зулфи занги печ.
Дин надорад касе, ки андар дил,
Мар варо нест мағзи дил ҳосил.
Инчунин пурхалал диле, ки турост,
Даду доманд бо ту з-ин дил рост. [7, с.338-340]

Баъдан Саноӣ дар кашфи ҳақиқати ирфонии дил сухан мекунад, ки дар андешаи солики навроҳ он гӯё як пораи гушт аст, зеро ҳоло дили таҳҳикро нашнохтааст, зеро аз мақоми дил ғофил аст. Аз ин

рӯ, соликро ба маърифати ҳақиқати дил, ки роҳи шинохти худи инсонро боз мекунад, даъват мекунад:

Пораи гушт номи дил кардӣ,
Дили таҳқикро биҳил кардӣ.
Ту зи дил ғофиливу бехабарӣ,
Дигар аст он дилу ту худ дигарӣ. [7, с.338-340]

Ба андешаи Саноӣ дил роҳи он ҷаҳонии инсон, пару боли хирад, ботини солик, асли дин, манзари раббонӣ, меъроҷгоҳ, каъбаи мақсуд ва ба қавли ӯ дорои ҳазору як ном аст, ки дар он ҳақиқати инсон таҷассум мекунад. Ин шуруҳи хосаи Саноӣ баёнгари андешаҳои ирфонӣ ва тасвифоти вай дар бораи дил мебошанд, ки сарчашма дар дидгоҳҳои орифонаи шоир доранд. Аз ин рӯ, ӯ тани бедилро ба ҷуволи гил, ҳуҷраи дев меномад ва менависад:

Дил бувад роҳи онҷаҳонии ту,
Лек дилро зада надонӣ ту.
Пару боли хирад зи дил бошад,
Тани бедил ҷуволи гил бошад.
Ботини ту ҳақиқати дили туст,
Ҳар чӣ ҷуз ботини ту ботили туст.
Дин зи дил хезаду хирад зи димоғ,
Дин чу рӯз омаду хирад чу чароғ.
Дил яке манзарест раббонӣ,
Андар ӯ тарҳу фарши нуронӣ.
Аз сари ҷаҳлу рӯи нодонӣ,
Ҳуҷраи девро чӣ дил хонӣ?
Ҳаст меъроҷи дил ба вақти фароғ,
Қоби қавсайни ақлу шарҳи димоғ. [7, с.338-340]

Аз нигоҳи Аттори Нишобурӣ низ дил дар мақоми оина аст, ки дар он камоли лутфи илоҳӣ таҷаллӣ мекунад:

Бо ҷамолаш ишқ натвон бохт,
Аз камоли лутфи худ оина сохт.
Ҳаст аз оина дил дар дил нигар,
То набинӣ рӯи ӯ дар дил нигар. [3, с.62]

Аттор ҳам дилро мавзеъи таҷрид, сарои хилвату тавҳид, манзари аълои Ҳақ, назаргоҳи шабонарӯзӣ ном мебарад ва таъкид медорад, ки бояд рӯи дил аз гарду ғубор, аз сӯи гил покиза кунӣ, то он нур бигирад:

Дили ту мавзеъи таҷрид омад,
Сарои хилвату тавҳид омад.
Дил ту манзари аълост Ҳақро,
Валекин сахт нобиност Ҳақро.
Назаргоҳи шабонрӯзӣ дили туст,
Вале рӯи дили ту дар гили туст.
Чу рӯи дил кунӣ аз сӯи гил дур,
Барин пастӣ бигирад рӯи дил нур. [3, с.62]

Дар мақолоти Шамси Табрезӣ- пири Мавлоно бошад дар шарҳи дил омадааст, ки бояд дари дил шавад, зеро аслу моҳияти анбиёву авлиё ва ба таъбири ин Ҳазрати бузургвор ҷон кандани онҳо ба хотири ҳамин боз шудани дил аст: “Дари дил мебояд, ки боз шавад, ҷон кандани ҳама анбиёву авлиёву асфиё барои ин бувад. Ин меҷустанд”. [15,204]

Мавлонои Балхӣ низ дар идомаи ин роҳи устодони хеш дар шинохти ҳақиқати дил бар асоси сулуки анҷомдодааш дидгоҳҳои хосаи ирфониро чӣ дар Девони Шамс ва чӣ дар “Маснавии маънавӣ” изҳор доштааст. Аз ҷумла, дар “Маснавии маънавӣ” чунин меоварад, ки набояд дилро онгуна, ки ту тасаввур мекунӣ, бишносӣ, зеро ҳамин тасаввуроти ботили ту дар бораи дил буд, ки аз аҳли дил дур мондӣ.Баъдан, Мавлоно дилро лутфи ширу ангубин, сарчашмаи маҷмуи хушиҳо, дил ҷавҳару олам араз, дарёи нур, назаргоҳи Худо, муҳити зарафшону эҳсонбор медонад, ки ҳамагӣ ишорат ба таъбирҳои шоиронаи сарчашма дар дидгоҳи орифонаи суханвар мекунанд:

Дил, ту ин олударо пиндоштӣ,
Лоҷарам дил з-аҳли дил бардоштӣ.
Худ раво дорӣ, ки он дил бошад ин,
К-ӯ бувад дар ишқ ширу ангубин.
Лутфи ширу ангубин акси дил аст,
Ҳар хуширо он хуш аз дил ҳосил аст.
Пас бувад дил ҷавҳару олам араз,

Сояи дил чун бувад дилро ғараз.
Он диле, к-ӯ ошиқи мол асту ҷоҳ,
Ё забони ин гилу оби сиёҳ.
Дил набошад ғайри он дарёи нур,
Дил назаргоҳи Худо в-онгоҳ кӯр.
Дил муҳитест андарин хитта вуҷуд,
Зар ҳаме афшонад аз эҳсон вуҷуд. [129]

Ҳамон андешаи дар дили инсон ғунҷоиш ёфтани Ҳақро Мавлоно ҷои дигар дар дафтари аввали "Маснавии маънавӣ" низ тавзеҳ дода онро аз забони Паёмбари Акрам (с) чунин меоварад:

Гуфт пайғамбар, ки Ҳақ фармудааст,
Ман нагунҷам дар хаму болову паст.
Дар замину осмону арш низ,
Ман нагунҷам ин яқин дод, эй азиз.
Дар дили муъмин бигунҷам эй аҷаб,
Гар маро ҷӯи дар он дилҳо талаб. [6, с.163]

Аз ин ҷост, ки таъбири дил назаргоҳи Ҳақ сарчашма дар ҳамин ҳадиси Расули Акрам дорад, ки Мавлоно онро бо шевае шоирона баён доштааст ва такрори ин матлаб чӣ дар Маснавӣ ва чӣ дар Девони Шамс аз шинохти ҳақиқати мақоми маънавии дил ва талқини он баҳри соликони роҳи ҳақ дарак медиҳад.

Мавлоно шеваҳои расидан ба мақоми маънавии дилро, ки ҳамон назарагоҳи ҳақ аст, тафсир мекунад ва баён медорад, ки ин дил ҳамон вақт ба манзури Ҳақ мешавад, ки аз ҷузв сӯи кул раҳ кушояд, чун назари Ҳақ ҳам ба дил аст. Сурати инсон ҳамон обу гил асту бас, асл бошад ҳамоно дил бошад, ки онро Мавлоно бо шеваи орифона фарози арш унвон мекунад:

Эй дило, манзур ҳақ онгаҳ шавӣ,
Ки чу ҷузве сӯи кулли худ шавӣ.
Ҳақ ҳамегӯяд, назармон бар дил аст,
Нест бар сурат, ки он обу гил аст.
Ту ҳамегӯӣ маро дил низ ҳаст,
Дил фарози арш бошад не зи паст. [6,Дафтари 2, с.128]

Дар девони Шамс низ дидгоҳу назарҳои муайяне аз Мавлоно дар бораи дил ба мушоҳида мерасад. Ҳамон андешаи дил назаргоҳи Ҳақ буданро шоир тавассути истифодаи таъбири дил ба кафи Худованд чун калам баён мекунад, ки дар дасти қудрати Офаридгор қарор дорад. Мавлоно бо истифода аз ин мақоми дил аз Худованд тақозо мекунад, ки исломро даме тозаву гилаҳоро раҳо созад аз вуҷуди ин дил:

Мекашад он шаҳ рақаме, дил ба кафаш чун қаламе,
Тоза кун ислом даме, Хоҷа раҳо кун гилаҳо. [5, с.512]

Дил дар афкори ирфонии Мавлоно аз замири инсони солик сухан мечинад, яъне ин суханчинии муқаррарӣ нест, балки ҳамон ваҳйи илоҳӣ аст, ки ба назаргоҳи Ҳақ дили инсони комил нозил мегардад:

Дил суханчин аст, аз чини замир,
Ваҳҷуён андар он чин шеваҳо. [5, с.1968]

Сафову покиҳои қалби инсон тавассути ҷоми Ҳақ таъоло барои равандаи роҳи тариқат насиб мегардад ва ин ҳол ба таъбири Мавлоно замоне муяссар мегардад, ки дил ишқбоф шавад:

Сина шикоф гашта, дил ишқбоф гашта,
Чун шиша соф гашта, аз ҷоми Ҳақ таъоло. [5, с.2047]

Барои Мавлоно дар баробари ҳамаи ин азамату шукуҳи илоҳӣ доштани дил он ҷойгоҳи бархостани дуост. Аз ин рӯ, мефармояд, ки:

Дар дил хаёли хиттаи Табрез нақш баст,
К-он хонаи иҷобату дил хонаи дуост. [5,4758]

Нуктаи баланди маърифати Мавлоно дар шинохти дил ба мақоми мерасад, ки шоир чун дигар орифону сӯфиён дилро подшоҳ ва султони тан унвон мекунад, ки дар ин маврид дар чандин абёт аз Девони Шамси Табрезӣ мо мулоҳизаҳои шоирро муҷассам мебинем:

Эй дил чи мастиву хушӣ, султониву султонвашӣ,
Бо ин димоғу саркашӣ, чун ишқ ромат мекунад. [5,2/5751]
Шоҳест дил андар тан монандаи гове,
В-ин гов бубинад шаҳ агар жож нахояд. [5, 6814]
Дил зи тан зод, лек шоҳи тан аст,
Ҳамчунонки бизояд аз зан мард. [5, 10241]

Дар умум, Мавлонои Балхӣ дар идомаи роҳи бузургони адабиёти тасаввуф дар маърифати мақоми ирфонии дил назару дидгоҳҳои хосае дорад, ки ҳамагӣ сарчашма дар ҳамон афкори улвии

назаргоҳи ҳақ шуморидани ин узви муқаддаси инсон доранд. Мавлои бузург бо кушодани роҳ дар шинохти ҳақиқати инсон чун устоди хеш Шамсиддини Табрезӣ дар андешаи он аст, ки бар асоси тасфияву тазкия дарҳои ин дил замоне барои соликон боз шаванд, то онон яқин ҳосил намоянд, ки дар ҳақиқат Худои Азза ва Ҷалла ломаконро макони бемаконӣ ҳамин дили инсони комил бошад.

АДАБИЁТ

1. Аттор, Фариддудин, ибни Иброҳим. Мантиқ ут-тайр. Бо тасҳеҳи доктор Сайид Содиқи Гавҳарин. Теҳрон: ширкати интишороти илмӣ- фарҳангӣ, 1365.
2. Аттор, Фариддудин, ибни Иброҳим. Мусибатнома. Бо тасҳеҳи доктор Нуронии Висол: - Теҳрон: интишороти Заввор, 1338.
3. Аттор, Фариддудин, ибни Иброҳим. Асрорнома. Бо тасҳеҳи доктор Сайид Содиқи Гавҳарин. Теҳрон: - Теҳрон: интишороти Сафӣ Алишоҳ, 1337.
4. Бақлии Шерозӣ, Рӯзбеҳон. Шарҳи Шатҳиёт.Ба тасҳеҳи профессор Анри Корбен. – Теҳрон, институти Эрон ва Фаронса. 1344.
5. Мавлавӣ, Ҷалолуддин Муҳаммад. Куллиёти Шамс ё Девони Кабир. Ба тасҳеҳ ва ҳавошии Бадеуззамони Фурузонфар. – Теҳрон, интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1330.
6. Мавлавӣ, Ҷалолуддин Муҳаммад. Маснавӣ. Ба тасҳеҳ Риналд Николсон. – Теҳрон, интишороти Мавло, 1360.
7. Саноии Ғазнавӣ. Ҳадиқат ул ҳақиқат ва шариат ул-тариқат. Бо тасҳеҳи Муҳаммадтақии Мударриси Разавӣ- Теҳрон:Саноӣ, 1362.
8. Саҷҷодӣ, Сайдҷаъфар. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ. – Теҳрон, Таҳурӣ, 1370.
9. Табрезӣ, Шамсиддин, Муҳаммад. Мақолот. Ба тасҳеҳи Муҳаммад Алии Муваҳҳид.- Теҳрон: Хоразмӣ, 1349.

ПОНЯТИЯ “СЕРДЦЕ” (ДИЛ) И “ВОЗЛЮБЛЕННАЯ” (ДИЛДОР) В СУФИЙСКОЙ ИНТЕРПРЕТАЦИИ МАВЛЯНА

В статье предпринята попытка исследовать оттенки суфийского значения слова сердце, выявить роль и место созданных с помощью этого слова поэтических выражений и конструкций в “Диване Шамса Табризи” и в “Месневи ма’нави” Мавляна Джалалуддина Балхи. На основе рассмотрения точек зрения Санаи и Аттара относительно данного понятия, выявляется, что Мавляна, развивая мысли и воззрения своих выдающихся предшественников, наравне с суфийским толкованием этого ключевого понятия суфийской поэзии, также создал многочисленные поэтические выражения и конструкции с использованием этого слова.

***Ключевые слова**: Мавляна, Шамс Табризи, дил (сердце), дилдор (возлюбленная), хранилище истины, мистицизм, суфийская терминология, суфийские выражения*

THE NOTIONS “HEART” (DIL) AND “LOVED” (DILDOR) IN SUFI INTERPRETATION BY MAVLAVI

The author of the article makes an endeavor to explore the shades of the Sufi meaning of the word “heart”, to reveal the role and place of poetic expressions and constructions created by dint of the relevant word in “Divan” by Shams Tabrizi” and in “Mesnevi Ma’navi” by Mavlavi Jaloluddin Balkhi. Proceeding from the assumption of Sanoi and Attar`s viewpoints dealing with the given notion, it is revealed that Mavlavi, developing the thoughts and views of his distinguished predecessors, alongside with the Sufi interpretation of this key notion of Sufi poetry, created numerous poetic expressions and constructions by using the mentioned word as well.

***Keywords:** Mavlavi, Shams Tabrizi, bil (heart), dildor (beloved), repository of the truth, mysticism, Sufi terminology, Sufi expressions.*

Сведения об авторе:

***Ходжи Хусайн Мусозода** –кандидат филологических наук, председатель Совета улемов Согдийской области. Тел: (+992) 927716401; E-mail: musozoda@mail.ru*

About the author:

***Hoji Husain Musozoda** – PhD in Philological sciences, Head of Ulama Council in Sogd region. Tel: (+992) 927716401; E-mail: musozoda@mail.ru*

ТАМОЮЛҲОИ НАВ ДАР НАСРИ МУОСИРИ ТОҶИК

Абдуҷалили А. Х..

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Зуҳури тамоюлҳои тоза ва навназариву ибтикорот на танҳо ба таҳаввули дохилии адабиёти тоҷик, балки ба вусъати робитаҳои адабӣ низ вобаста мебошад, ки дар солҳои ҳаштодуми садаи гузашта вусъати дигаре пайдо карда буд. Дар улуми адабӣ низ яке аз мавзӯъҳои асосӣ, муҳим ва мавриди баҳс ин масъалаи таъсирпазирӣ ва таъсири мутақобилаи мактабҳои нави адабӣ мебошад, ки инкишофи адабиёт, таҳаввули анвои адабӣ, сабк, поэтика ва шеваҳои нақлу тасвир, умуман таҷаддуди адабиётро бидуни он наметавон тасаввур кард. Зеро ин ҳодисаи адабӣ аз тарафи аксари муҳаққиқон ва мунаққидони адабиёти муосир ба ҳайси муҳимтарин омили инкишоф ва ғановати ҷараёни адабӣ ва эҷодиёти суханварони ҷудогона эътироф шудааст. Ба қавли академик Конрад: «Пайвандҳои адабӣ ба таври куллӣ ва аҳамияти он дар таърихи адабиёти халқҳои алоҳида дар давраҳои гуногун ва дар шароити мухталифи таърихӣ гуногун будааст [2, 210]. Аз ин рӯ вақте мо дар атрофи падидаҳои тозаи насри тоҷикии солҳои охири садаи ХХ ва ибтидои асри ХХI сухан меронем, бояд ин омили муҳимми инкишофи адабиётро аз ёд набарем, чунки ҳикоя, қисса ва романнависии адибони тоҷик дар давраи мавриди назар таҳти таъсири адибони Рус, Ғарб ва форсизабонон ба воситаи тарҷумаву таҳияи ҳикоя, достон ва романҳои онҳо буда, ба ин васила ба он шаклҳои нав ворид омадааст. Дар ибтидо осори Л.Н. Толстой, Ф. Достовский, М. Горкий, А.П. Чехов ва дигар адибони рус ба тоҷикӣ тарҷума гардида, дастраси васеи хонанадагон қарор гирифтанд. Аз адибони Ғарб, асарҳои Ҷек Лондон, Шекспир, Даниэл Дифо, Ҳемингуей, аз адибони эрон Саид Нафисӣ, Мирзо Бархурдор Фаррухи Мирзо, Козим Мушфиқии Муртазо тарҷумаву баргардон шуданд, ки албатта ин барои рушди адабиёти тоҷик шароити муфиде фароҳам овард. Аммо баъдтар вазъият шакли дигар мегирад.

Нуктаи бисёр муҳимро, ки дар мавриди тарҷума осор ва доираи мутолиаи адибон бояд зикр кард, ин ҳама тағйири кайфии он аст. Аввалан, дар баргардони осори адибони шӯравӣ, хосса адабиёти рус тағйир ба амал омад. Акнун, ба ҷойи осори инқилобӣ ва синфгароии сирф, асарҳои асили воқеъгароёна ва адибони назарашон чандбӯъда амсоли «Ҷанг ва сулҳ» ва «Анна Каренина»-и Л. Толстой, қиссаҳои Достоевский, ҳикояҳои Чехов, «Дони ором»-и М. Шолохов, қиссаву ҳикояҳои Айтматов, намунаҳои хуби адабиёти Наздибалтик ва Қафқоз, ки ҳама намунаҳои сара ва марҳилавӣ буданд, тарҷума мешуданд. Дар ин маврид доираи мутолиа тавассути забони русӣ ва ҳамчунин ҳамзабонони мо вусъати тоза гирифт. Адабиёти тоҷик, бахусус адибони ҷавон, аз адабиёти реалистии амиқ, «сели эҳсос», сюрреалистӣ, реализми муъҷизаии Аврупо, Амрикои Лотин ва ғайра меомӯхтанд. Адабиёти форсизабонон бо тарҷума ва осори тозаназароне чун таълифоти Содиқ Ҳидоят дар дастрасӣ ва мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор гирифт.

Фарҳангу тамаддун ва таҷрибаҳои умумӣ ва хусусии адабӣ, ки ҳосили шинохт аст, мустақим ва ғайримустақим, сиришту сохтори истеъдодҳои инсонро ҳам фаъолият мебахшад ва ҳам таҳти таъсир қарор медиҳад, аммо аз миён намебарад, балки ба зуҳури шахсиятҳои тозаи адабӣ мусоидат мекунад.

Ба ин тариқ куллан насри тоҷикӣ дар пояи ҷӯяндагии босамар қарор гирифт ва ин ҳама сабаби шакл гирифтани ҷараёну тамоюлҳои тозаи ҳунарӣ ва адабӣ гардид. Дар натиҷа дастовардҳои шакливу услубии адабиёти ҷаҳон дар заминаи забону адаби тоҷикӣ татбиқ шуда, бо тамоюлҳои хос ибтидо гузошта мешавад. Ҳамин тавр нависандагони тоҷик бо навиштани насри нав ё мудерн гароиданд ва дар ин равиш осори арзишманде таълиф намуданд. Муҳтаво, шакл ва сохтори наср тағйир ёфт ва як ҷунбиши адабии тозае ба вуҷуд омад. Ҳамин тавр баъд аз солҳои 80 нависандагоне чун Муҳаммадзамони Солеҳ, Сайф Раҳимзоди Афардӣ, Баҳманёр, Муаззама, Муҳаммадраҳими Сайдар ва дигарон таҳти таъсири достоннависони рус ва Ғарбу Шарқ осори худро ҷилои нав дода, дар натиҷа ҳам аз назари сабки нигориш, ҳам аз назари мавзуъ ва вежагиҳои фаннӣ, насрро як зина пеш бурданд.

Яке аз чунин нависандагони дар навоварӣ пешрав Баҳманёр аст, ки баъди ҷустуҷӯҳои адабӣ ва мутолеоти ҷиддӣ қолабҳои шахшудаи насрро дарҳам шикаст. Вай то ба имрӯз чандин маҷмӯаи осораш бо номҳои «Ишқи сайёд» (1984), «Аспи обӣ» (1988), «Дуди ҳасрат» (1994), «Сармаддеҳ» (Румон дар қиссаву ҳикояҳо, 2012) ва румони «Шоҳаншоҳ» (2014) ба табъ расидаанд, ки метавон онҳоро аз намунаи осори навоваронаи арзишманд дар адабиёти муосир ба шумор овард.

Ҳунари нависандагии Баҳманёр аз чанд ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ аст. Нависанда ҳарчанд дар осори нахустини худ «Ишқи сайёд» ба муаммои доғи онрӯза ва ба иҷтимоъгароию ҷабҳагарӣ майл мекунад, аммо дар «Аспи обӣ» ба тасвирҳои зеҳнӣ ва ба реализми ҷодуӣ бештар такя мекунад. Ниҳоят дар «Сармаддеҳ» (румон дар қисса ва ҳикояҳо), «Сармаддеҳ (китоби дуввум) ва румони «Шоҳаншоҳ» чун нависанда, дар мактаби реализми ҷодуӣ, ки бунёдгузори онро нависандаи Коллумбиёӣ Габрриэл Гарсиа Маркес медонанд, сабки фардии худро шакл медиҳад.

«Сармаддеҳ»-ро метавон намунаи барҷастаи реализми ҷодуӣ номид, ки нависанда дар тахайюли худ деҳаеро бо номи Сармаддеҳ бунёд намуда, ҳолоту вазъияти як қарияи дурдастро ба тасвир мекашад. Румони «Сармаддеҳ» романи «Сад соли танҳоӣ»-и Габриэл Гарсия Маркесро ба ёд меорад, ки дар он «Окандо» шаҳрест бофтаи нависанда. Агар Г.Г. Маркес дар ин асараш фарҳанги мардуми Амрикои Лотиниро иникос намуда бошад, Баҳманёр ҳаёти шарқиро бо ҷузиёташ мавриди тасвир қарор додааст. Албатта, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Баҳманёр ба мактабҳои нави адабӣ ошноии комил дошта, аз осори адибони ҷаҳон таъсири босамар бардоштааст.

Асари дигаре, ки аз нигоҳи шаклу устухонбандӣ ба «Сармаддеҳ» монандӣ дорад, романи «Ғавғо ва ғазаб»-и Уилям Фолкнер аст, ки дар он минтақаеро офаридааст бо номи «Йокнапатофе». У. Фолкнер дар ин минтақа қаҳрамонҳо ва шахсони зиёдеро гирд оварда, асари мукаммале меофарад, ки ҳатто харитаи онро ҳам худаш кашидаву манзури хонандагон кардааст.

Аммо аз нигоҳи шаклу сохтор монанд будани ин ё он асар ҳанӯз маънии онро надорад, ки аз тақлиди маҳз сухан ба миён оварем. Худи Баҳманёр дар як мусоҳибааш гуфтааст: «Дар адабиёти дунё назири ин хеле зиёд аст (манзур «Йокнапатофе»-и Уилям Фолкнер аст. – А.А). Аз Фолкнер пеш ҳам ба ин тариқ менавиштанд. Масалан, воқеаҳои «Ҳазору як шаб» дар Бағдод аст. Ё масалан «реализми ҷодуӣ» (магический реализм)-и Маркесро (дар шаҳри Маконда) бигирем. Агар «Ҳазору як шаб»-ро варақ бизанед, «реализми ҷодуӣ»-иро дар он фаровон меёбед. Аз Маркес пештар дар китоби «Мастер и Маргарита»-и Булгаков он ба назар мерасид. Ман гумон намекунам, ки Маркес Булгаковро хонда бошад. Шояд хонда бошад, лекин ин аҳамият надорад. Ӯ асосгузори «реализми ҷодуӣ» дар тамоми дунё шинохта шудааст» [8].

Ҳамин тавр «Ғавғо ва ғазаб» Уилям Фолкнер дар «Йокнапатофе» ном минтақае ӯ сокинони зиёдеро ҷо кардааст ва тамоми китобҳои ӯ дар бораи ҳамин минтақа ва бошандагони он аст. Дар кӯҷо зангиҳо, дар кӯҷо ҳиндиҳо, дар кӯҷо сафедпӯстон зиндагӣ мекунанд, дар ин нақшааш нишон медиҳад. Яъне нависанда худ пайваста ба вуҷуди воқеии «Йокнапатофе» бовар мекунад ва ин талқини ӯ ба хонанда низ беасар намемонад.

Ва вежагии ҳунари нависандагии Баҳманёр низ дар ҳамин зоҳир мешавад, ки аз таҷрибаи достоннависии муосири тоҷик по фаротар ниҳода, аз анъанаҳои барҷастаи насри садаи ХХ-и Амрикои Лотинӣ, Ҷопон, Олмон, Чин ба хубӣ истифода кардааст. Зиёда аз он, ба қавли адабиётшинос Шамсиддини Солеҳ: «Баҳманёр дар тамоми давраҳои эҷодиёташ бо осори суханварони бузурги эронӣ аз қабили Содиқ Ҳидоят, Содиқи Чӯбак, Ҷамолзода, Маҳмуди Давлатободӣ ва дигарон таваҷҷуҳи хоса дорад ва аз онҳо назокати сухани форсиро меомӯзад» [14, 152].

Нависандаи дигари тоҷик Сайф Раҳимзод аст, ки бо таълифи осоре бо номҳо «Ситораҳои сари танӯр» (1884), «Дурӯғи Сафед» (1997), «Падруду Пайғом» (2000), «Доғҳои офтоб»(2003), «Чашми саҳар» (2014), сафҳаи адабиётро на танҳо рангин намуд, балки дар сабки насрнависӣ тобиши дигаре ворид сохт. Агар Баҳманёр хонандаро ба кӯчаи тахайюлоти ҷодуӣ барад, Сайф Раҳим мехоҳад бо таъбири хобу руъё дунёи рангини инсонро кашф намояд. Аз ин рӯ насри Сайф Раҳим бештар ба нависандагони сурреалист, ки дар ибтидои садаи ХХ зуҳур намуд, монанд аст.

Нависанда Ҳамроҳи Авлиёпур дар такя ба ин ҷӯяндагиҳо гуфтааст, ки «Сайф Раҳимзодро дар қатори нависандаҳои ҷаҳонӣ аз қабили Франс Кафка, Марсел Пруст, Ҷеймс Ҷойс, Эрнест Ҳеменгуэй... мебинам. (Ин нависандагон дар офардиҳояшон санъати рамзро бештар истифода кардаанд). Гумон мекунам, ӯ асари ин чандтан нависандаро хуб омӯхта буд. Ва аз навиштаҳои онҳо ҷо-ҷо илҳом гирифтааст» [11].

Воқеан Сайф Раҳимзоди Афардӣ дар қатори нависандагони ҳамсоли худ, ки дар роҳи ҷӯяндагӣ ва ибтикорот қарор доштанд, кӯшиш намудааст аз нависандагони машҳури он даврон бештар омӯзад. Бояд қайд намуд, ки таъсирпазирӣ боис гардидааст, ки нависанда барои кушодани воқеоти иҷтимоӣ масоили зиндагӣ ва ҷаҳони андешаи инсонҳо аз миф, андарзу ривоёт истифода кунад, ки адибони дигар низ истифода кардаанд. Таъсирпазирӣ маънои онро надорад, ки агар нависанда сабку услуб ва ё тарзи баёнро аз дигар адибон барои ифодаи мавзуоти эҷодиёти худ истифода мекунад, соҳибсабк нест. Аммо адабиётшинос Беҳрӯзи Забеҳулло бар ин андеша аст, ки «Онарзишҳои адабӣ ва ҳунарӣ, ки Сайф Раҳимзод ба даст овардааст хоси усул, сабк ва тафаккури шахсии ӯ ҳастанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон онҳоро бо асари нависандаи дигаре шабоҳат дод» [1]. Мутаассифона то ба имрӯз перомуни сабки нависандагии Сайф Раҳим кори шоистае анҷом нагирифтааст. Бештари мақолаҳои перомуни фаъолияти синамогарии Сайф Раҳим навишташуда, аз хотироту ёддошт, сугнома, очеркҳои эссемонанди дӯстону ҳамкорони нависанда, киношиносон, кормандони радиову телевизион ба мисли Саъдулло Раҳимов, Искандар Мирзоев, Холмаҳмади Мавлон, Абдулҳамид Самад, Абдуқодири Раҳим, Шаҳобиддини Ҳақназар, Нигинаи Муъмин, Мирзоалӣ Миралиев, Нозигул Зайдуллоева, Аброри Зоҳир ва дигарон иборат буда, берун аз баррасии ҳунари нависандагии ӯ мебошанд.

Перомуни сабки нависандагии Сайф таҳқиқоти ҷиддӣ хеле кам аст. Ҳол он ки доир ба сабки нависандагӣ ва таъсирпазии Сайф Раҳим метавон аз чанд дидгоҳ иброзн назар кард.

Дар китоби «Васвасаҳои зикривах (таронаи хоки париён)» ҳикояи «Ваъз» таъсирпазирии Сайф Раҳим аз Фридрих Нитше бармало мушоҳида мешавад. Зеро С. Раҳим дар ҷумлаи аввали ҳикояи худ мегӯяд: «...Одамӣ, ранҷ кимекашад, сазовори эҳтиром аст. Ранҷаш ӯро эҳтиром миёрад! Ҳазрати Исоро мардум барои ранҷу азобҳояш ҳурмат ниҳоданд ва парастиш намуданд... Ранҷ зӯрие (дурусташ зӯре - А.А) дорад, ки инсонро инсон бикунад! Ранҷу сахтиҳо инсонсоз аст! Ранҷ зӯрие дорад, ки инсонро дар чашми дигарон худо бикунад!» [7, 4].

Ҳамин мазмунро Нича дар китоби машҳураш «Чунин гуфт Зардушт» чунин баён намудааст: «Дар даст, ки инсонро комил мекунад ва Худо месозад» [10, 46].

Дар ҳикояи «Дурӯғи сафед» худи Сайф Раҳим иқрор мекунад, ки: «Суратҳо?! Ҳа, сурате аз Ҳемингуэй ва: боз сурате аз Толстой... Ин далели достони хоб бошад? Яъне пайванди маънавӣ вуҷудҳоҳаддошт! На, иншабеҳаестубас: шабоҳати ҳол. Ҳолатедорадназдикбаонон?! Вазъидушворидунёиандарунаш, рафтан ё будан!...» [6, 8]. Порчаи мазбур аз он шаҳодат медиҳад, ки С. Раҳим аз осори адибони машҳури давру замонҳои гуногун огоҳ буд ва барои сабки фардии худ аз онҳо суд меҷуст.

Бо бовар метвон гуфт, ки таъсирпазирӣ аз Кафка, Нича, Ҳемингуэй, Толстой ва дигарон буд, ки насри С. Раҳиро аз дигар нависандагон тафовут дошт. Бино ба гуфтаи муҳаққиқ Умар Сафар: «Сайф аз пайравони мактаби сюрреализм ё фаровоқеият буд, ки мутаассифона дар ҷомеаи адабии мо ба ҷузъиёту шигардҳои он чандон ошноӣ надоранд» [9]. Мо поёнтар перомуни насри сюрреалистии Сайф таваққуф хоҳем кард. Воқеан пайрави мактаби сюрреалистӣ будан ва аз пайравони он мактаб таъсир гирифтан як кори табиӣ аст. Таъсирпазирии С. Раҳим баҳси алоҳидаест, ки таҳқиқи бештар мехоҳад.

Муаззама Аҳамадова низ бо баёни нафису эҳсосоти занона аз нависандагони навовари тоҷик пазируфта шудааст. Вай аз нахустин бонувони тозаназари солҳои 80-ум буд, ки бо ҳикоёти худ, таваҷҷуҳи мунаққидону аҳли назарро ҷалб намуд. Мутаасифона риштаи умри ин нависандаи тозагӯ хеле зуд канда гардид ва нагузошт, ки ӯ сабки фардии худро то ба охир шакл диҳад ва ҳунари худро комил ташаккул диҳад. Талъат Нигорӣ ҳикояву очеркҳои дар ҳафтаномаҳо нашргардидаи Муаззамаро бо номи «Афсонаи танҳоӣ» дастраси хонандгон гардонид, ки баъдан чандин нақду тақризҳо аз ҷониби мунаққидон нашр гардида, паҳлӯҳои гуногуни осори ӯро равшан намуданд.

Адабиётшинос, Абдувалӣ Давронов перомуни насри Муаззама гуфтааст: «Адабиёти ин давраи тоҷик (солҳои 80-ум – А.А) симоҳоеро муаррифӣ кард, ки намунаи насрашон ба ягон қолиби маъмули асарсозӣ (сужетбофӣ) намеғунҷад, балки махсусияте дорад, ки бунёдаш бар таассуроти тозаи ҳиссиёт ва тасвиргарии хеле нозук асос ёфтааст. Яъне, насри ин давра насри шоирона ном гирифт, ки эҷодиёти Муаззама бо хусусиятҳои ғайриихтиёрӣ ва ногаҳониаш ба ин адабиёт ворид шуда, балки адабиёти ин даҳсоларо дар радифи ҳикояҳои Баҳманёру Муҳаммадзамони Солеҳ ва Сайф Раҳиму чанд тани дигар пур кард» [3, 196]. Дар рӯзи сӯгаш ҳафтавори «Адабиёт ва Санъат» доир ба ҳунари нависандагии Муаззама чунин навишта буд: «Муаззама адибае буд, ки бори аввал дар насри бадеии тоҷик хислату характер, покизагию иффату исмат ва олами орзуву андешаи духтари тоҷикро мӯшикофонаю табиӣ ба риштаи тасвир кашидааст, ҷаҳони ботинӣ ва нозуктарин ҷунбишу лағзиши қалби ӯро ба тозагӣ дарк кардааст, «Рӯймолчаи сари девор», «Ман, Амур ва очаам», «Соҳиби аспи сафед» ва силсилаи дигари ҳикоёташ на танҳо аз софии дилу маънавиёти қаҳрамонҳояш, балки аз покии қалби муаллиф башорат медиҳанд» [3,222].

Бинобар гуфтаи мунаққид Абдухолиқ Набавӣ: «Насрнависии ҳирфаӣ аз байни занон ба номи Муаззама иртиботи бевосита дорад (ҳарчанд маълум гашт, ки вай дар таълифи шеър низ қувва озмудааст)» [5, 231].

Ин ҳама баҳову нақд барои як нависанда аз соҳиб будан ба истеъдоди асили ӯ гувоҳ аст. Ва чунин маҳбубият аз он шаҳодат медиҳад, ки Муаззама осори худро ба осонӣ рӯи чанд пора коғаз қаламӣ накардааст, балки, меҳнати ҷиддиву ҳамешагӣ ва диди тоза ӯро нависандаи навоваре гардонидааст.

Ҳамин тавр аксари ин адибон чун нависандагони навовар дар насри муосири тоҷик шинохта шудаанд. Дар ин радиф ковишҳо ва бозёфтҳои эҷодии адаби нотакрор Муҳаммадзамони Солеҳ низ назаррас ва сазовори баррасиҳои муфассалу доманадори илмӣ мебошад.

Зеро ӯ бо таъсирпазирӣ аз осори нависандагоне чун Нича, Кафка, Сорт, Камю Дастаевскӣ, Чехов, Ҳидоят ва дигарон мазомин шакли осори худро он тавре сохт, ки саҳна, вазъият ва мавқеиятҳо сареҳ ва бавоситаи рамзу истиора ба тасвир омаданд ҳиҷоби аз мазомини нависандагони пеш аз худро аз миён бардошт ва пардаи рӯи зиштиҳо ва палидиҳои ҷомеа боло зад ва тавонист зиндагии ҳайвонӣ ва ниёзҳои ғаризии шахсиятҳоро ба намоиш гузорад. Дар ин таъсирпазирии эҷодӣ ва бобарори М. Солеҳ пеш аз ҳама осори Фридрих Нича (1844-1900) раҳнамо будааст.

Аслан дар қарни бистум таъсири андешаҳои Нича, бавежа дар ҳавзаи фалсафа ва адабиёт, беандоза будааст. Албатта дар кишварҳои англисизабон афкори вай чандон танинандоз нашуд. Дар даҳаи охири қарни нуздаҳум ва даҳаи аввали қарни бистум афкори Нича барои ҳунармандони пешгоме, ки худро дар ҳошияи русум ва оинҳои шахшудаи иҷтимоӣ медиданд, бисёр мачзубкунанда буд. Гароиши Нича барои ковидани арзишҳои умумӣ пазируфта шуда, назароти вай бахусус, барои тадвини равоншиносии Зигмунд Фрейд пур аҳамият буд. Аз онҷое, ки фазои фалсафӣ-донишгоҳии Фаронса дар даҳа 1960 таҳти таъсири Гегел, Мортин Ҳайдигер ва низ ҷунбиши фикрии сохторгароии даҳаи 1950 қарор дошт, Нича низ аз ҷониби нависандагон ва ҳунармандони ин давра истиқбол гардид. Бавежа дар солҳои 1960 то 1980 Нича дар маҳфилҳои фалсафии Фаронса таъсиргузор шуд. Гурӯҳҳои фикрӣ ва иҷтимоии хосе, ки дар қарни бистум иборат аз нақкошон, мусиқидонҳо, намоишноманависон, адибон романнависҳо, равоншиносон, ҷомеашиносон, муаррихин ва файласуфон таҳти таъсири Нича қарор гирифтанд. Теъдоде аз шахсиятҳои барҷастаи ин қарн, аз осри Нича илҳом гирифтанд: Олфред Одилр, Олбер Комю, Мишел Фуко, Зингмунд Фрейд, Ҳерман Ҳессе, Корл Гостов Юнг, Сорт, Кофко, Ҳидоят, Ҷуброн Халил, Иқболи Лоҳурӣ аз Нича илҳом гирифтаанд. Дар Тоҷикистон адибони ҷавони дар солҳои ҳаштод бар арсаи эҷод омада амсоли Муҳаммадзамони Солеҳ, Сайф Рахимзод, Баҳаманёр, Қодири Рустам ба осори Нича гароиши хос зоҳир намуданд, ки онро аз навиштаҳояшон метавон ба хубӣ эҳсос кард. Маҳз бо ибтикори ҳамин адибон ва ҳамсафону ҳампешагони онҳо «Чунин гуфт Зардушт»-и Неча дар шумора №3,4,5,6,7 соли 1991 мачаллаи «Садои Шарқ» аз ҷониби шарқшинос Муҳаббат Қаноат, нашр гардид ва дастраси хонандагони тоҷик қарор гирифт, ки баёнгари зиёд будани ҳаводорони осори Нича дар кишвари мо мебошад.

Бояд қайд кард, ки дӯстдоштатарин нависандагон барои М. Солеҳ, Нича, Содиқ Ҳидоят, Кафка, Камю, Сорт, Ҳерман Ҳессе, Дастаевскӣ ва А.П. Чехов мебошанд. Мусоҳибаи нависанда дар рӯзномаи «Кайҳони Ҳавоӣ»-и Эрон ин андешаи моро тасдиқ мекунад. Вай ба саволи мухбири ин рӯзнома чунин посух гуфтааст:

«Ҳунару адаб: Оё Шумо таҳти таъсири нависандае қарор доштаед?

М.Солеҳ: Содиқ Ҳидоят. Барои ман Содиқ Ҳидоят шахсияти печидае буд, ки намедонист чӣ мехоҳад. Қиссаҳои ӯ мамлӯ аз шахсиятҳое буданд, ки бо вазъияти рӯҳии ман ҳамхонӣ надоштанд. Қиссаҳои «Зиндабагӯр», «Буфи кӯр» ва «Ҳоҷӣ Оқо» ҳамеша дар зеҳнам ҷой доранд» [12].

Дар мусоҳибаи дигараш адиб Нича, Содиқ Ҳидоят, Ҳерман Ҳессе, Сартр, Камю, Кафка ва чанд нависандагони дигарро ҳамчун улгӯи ҳунари адабии худ ном мебарад. Масалан дар посухи хабарнигори ҳафтаномаи «Машъал» чунин ҷавоб додааст: «Аз мактабҳои эҷодии чун Содиқ Ҳидоят, Ҳерман Ҳессе, Сартр, Камю, Кафка ва дигарон бештар хушам мебиёд ва кӯшиш мекунам осорам ба сабки дигарон монандие надошта бошад» [13].

Ин посухҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки Муҳаммадзамони Солеҳ бо адабиёти Ғарб ошоноии кофӣ дошт ва таъсири нависандагони мазбур дар осори вай бенатиҷа нест. Чунки вай ба тасвири мавзӯъҳои таърихиву фалсафӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ аз назари инсон ва дунёи равонии ӯ таваҷҷуҳи хоса дошт. Дар воқеъ инсон ба сифати қувваи асосии ҷамъият дорои нақши таъйинкунанда дар сайру такомули иҷтимоиву маънавии башарӣ мебошад. Аз ин рӯ, мавзӯи инсон, замону макон, ҳастӣ, фанову бақо ҳамвора барои адибону равшанфикрон ба унвони мавзӯоти ҳассоси ҷомеа маҳсуб шуда, бо забони ҳунар онро бештару хубтар бозгӯ карда метавон. Бад-ин ҷиҳат, дар кори офаридаҳои адибони мухталиф шабоҳатҳои зиёде ба чашм мерасад. Чун табиату қобилиятҳои инсонӣ маҳдуд буда, дарду ангезаҳое, ки одамиёнро ба тафаккур бармеангезанд, тобеи маҳдудиятҳо ва ниёзҳои зиндагии ҳамарӯзаи инсониятанд ва аз ин ҷост шабоҳату ҳамсониҳо дар диди бадеии онҳо зиёд аст. Дар натиҷаи омӯзиш нависандагони ҳамеша ба мавзуъҳои ҳаммонанд, ҳар яке ба қадри тавону диди хоси ҳунарии худ рӯ овардаанд. Яъне мавзӯъ як аст, вале аз зовияҳои мухталиф ба онҳо пардохта мешаванд ва аз ин роҳ нависанда тибқи дониш ва зеҳни миллии худ ба он маъниву шакли тоза медиҳад. Аммо зикри ин нукта ҳам дар ин маврид лозим аст, ки шиносоии Муҳаммадзамони Солеҳ бо Нича ва осори ӯ ба воситаи фарҳанги миллии форсӣ масъалаҳои Содиқ Ҳидоят сурат гирифтаст. Аз ҷумла таъсирпазирии бавостиаи Муҳаммадзамони Солеҳ аз Нича дар «Ардавирафнома ё сояҳои шикаста» равшан аст. Қиссаи «Ардавирафнома ё сояҳои шикаста» пас аз «Ишқи актёри пир» нашр шудааст. Ва Муҳаммадзамони Солеҳ дар «Ишқи актёри пир» иқрор мекунад: «Намедонам, дар «Буфи кӯр» ва ё «Зиндабагӯр» (осори Ҳидоят) буд, ки қаҳрамон дар худ иқрор мекард: Марг аст, ки дурӯғ намегӯяд» [4, 12].

Бидуни тардид М. Солеҳ аз нависандагони мазкур бахусус Нича, Камю ва Ҳидоятро барин намояндагони барҷастаи адабиёти ҷаҳон таъсир пазируфтааст. Ва лозим ба зикр аст, ки ин асарпазирии огоҳонаву эҷодӣ Муҳаммадзамони Солеҳро бар ба самти нависандаи файласуф савқ дод. Аз ин рӯ метавон андешаву осори ӯро бо пайравоӣ аз мактаби Нича санҷид. Нича файласуф аст

то нависанда, Муҳаммадзамони Солеҳ бештар як нависандааст то файласуф, вале осори вай дар бистари фалсафаи ахлоқӣ қарор гирифтааст. Бар асоси ин назаргоҳ метавон миёни Фридрих Ничаи олмонӣ ва Муҳаммадзамони Солеҳ дар мавриди сохтори ҷаҳон ва равони инсон шабоҳатҳоеро ба мулоҳиза гирифт.

Пас аз мутолиаи осори адибони Ғарбу Шарқ аз солҳои 50-ум ва 80-ум на танҳо адабиёти тоҷик аз бисёр ҷиҳатҳо рушд кард, балки ибтикороти сифатан наве дар насри муосири тоҷик ба зуҳур омад. Адибон бо роҳи тозакорӣ қадам бардошта, саҳифаи наверо дар адабиёт боз намуданд. Ва ин боис гардид, ки дар наср ба роҳи қолабшиканӣ ворид гардад дар муҳтаво ва дарунмояи он дигаргуниҳо зуҳур намоянд. Албатта адибони навовар ба тағйири сифатӣ дар солҳои 80-ум зиёд нестанд, аммо месазад осори эшонро аз чанд ҷиҳат таҳлилу баррасӣ намуд.

АДАБИЁТ

1. Беҳрӯзи Забеҳулло. Дар бешаи андешаҳо (Ё нақди куллӣ ба асари «Дурӯғи сафед»-и нависанда Сайф Раҳимзоди Афардӣ) / З.Беҳрӯз // Адабиёт ва санъат. – ***2000.*** – № 27-28 (1016).
2. Конрад, Н.И. Запад и Восток / И.Н. Конрад. – М.: Наук, 1972. – 495 с.
3. Муаззама, А. Афсонаи танҳоӣ (ҳикоя, очерк, тарҷума, нақди адабӣ, ёднома) / А. Муаззама. – Душанбе: Адиб, 2010. – 224 с.
4. Муҳаммадзамони, С. Оҳанги шаҳри ишқ. / С. Муҳаммадзамон. Душанбе: Адиб, 1989. – 190 с.
5. Набавӣ, А. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср. / А. Набавӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – 283 с.
6. Сайф, Р. А. Дурӯғи сафед (маҷмӯи ҳикояҳо ва қиссаҳо) / Р.А. Сайф. – Душанбе: Салим, 1998. – 192 с.
7. Сайф, Р. А. Васвасаҳои зикриваҳӣ (таронаҳои хоки париён) (маҷмӯи ҳикояҳо) / Р.А. Сайф. – Душанбе: МС Унверсал–З, 1999. – 60 с.
8. Толиби Луқмон. Баҳманёр: Адабиёт дар ҳама давру замон буд ва хоҳад монд / Л. Толиб. – // Минбари халқ. - 2013. – №17. – С.
9. Умар Сафар. Гувоҳ бар ватандорӣ / Сафар. Умар // Ба қуллаҳои дониш.– 2014. – №10. – С.
10. Фридрих Вилгелм Нитше. Чунин гуфт Зартушт. – Душанбе: “Донишварон”, 2017. – 376 с.
11. Ҳамроҳи Авлиёпур. Ҳусни Нӯшин ҳусни зоҳирӣ аст? (ё худ андешае чанд перомуни филми «Ситораҳои сари танӯр»-и Сайф Раҳим) / А. Авлиёпур // Ҷавонони Тоҷикистон. 2000. – № 35 (8634).
12. Ҳумо, К. Сояҳои шикаста / К. Ҳумо // Кайҳони ҳавоӣ. – 1993. – №1050.
13. Ҳамдам Ш. Ман ба ояндаи нек боварӣ дорам / Ш. Ҳамдам // Машъал. – 2002. – №1. – С. ?
14. Шамсиддини, С. Адабиёт ва шинохти он (маҷмӯаи мақолаҳо) / С. Шамсиддин. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 240 с.

НОВЫЕ ХУДОЖЕСТВЕННЫЕ ТЕНДЕНЦИИ СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ПРОЗЫ

В данной статье автором были проанализированы и выявлены аспекты появления новых литературных школ в таджикской современной прозе на примере Сайф Рахимзода Афарди, Бахманёра, Муаззамы Ахмадовой и Мухаммадзамона Солеха. В статье отмечено, что читатель, прочитав произведения, почувствует себя в положении и образе героя, в гуще событий описанных писателем и станет свидетелем новых явлений в современной таджикской прозе. Автором был раскрыт важный фактор, который повлиял на круг литераторов в изучении техники перевода произведений, было отмечено появление новых литературных школ, именно в процессе перевода произведений литераторов Запада и Востока.

Также, в данной статье изучено творческое влияние известных мировых философ таких как Фридрих Нитсше, Албер Камю, Жан пол Сартр и других на Мухаммадзамона Солеха, его мышления и произведений. Это свидеельствует о том, что влияние этих великих представителей мировой литературы на М. Солеха, как писателя с новыми взглядами, способствовало тому что-бы Солеха узнали как талантливого писателя с особым стилем.

***Ключевые слова**: Литературные школы, сюрреализм, магический реализм, внимание к истории, свобода, религия, совесть истории, цивилизация, национальная культура, история нации, таджикская литература, нововведение в прозе.*

NEW ARTISTIC TRENDS OF MODERN NEW ARTISTIC TRENDS OF MODERN TAJIK PROSE

In this research author analyzed and revealed the aspects of emergence of new literary schools in the modern Tajik prose on the examples of Saif Rahimzoda Afardi, Bahmanyor, Muazzama Ahmadova and Muhammadzamoni Soleh and tried to shed light on some unclear aspects of this phenomenon. The author states that while reading creations of these authors, the readers feel themselves in the process of the described historical events, struggle and aspiration of the heroes. In general, the reader feels thyself in the atmosphere of imaged events and circumstances, witnessing new phenomena in the modern Tajik literature. The author noted one important aspect that influenced reading and translation of literary creations by literary scholars, relating the emergence of the new schools to the translation of creations of western and eastern writers.

In the article, the author also analyzes the influence of famous philosophers such as Friedrich Nietzsche, Albert Camus, Jean-Paul Sartre and others on Muhammadzamoni Soleh, his thoughts and creations. This indicates that the influence of these great representatives of the world literature, as a writer with new viewpoints, helped him to emerge in Tajik literature as a talented writer with a unique stile.

Keywords: *Literary schools, Surrealism, Magical realism, Attention to history, Freedom, Religion, Historical conscience, Civilization, National culture, History of nation, Tajik literature, Modernism in prose.*

Сведения об авторе:

Абдуджалили Амон Холикзода *– кандидат филологических наук, докторант кафедры теории и истории литературы Таджикского государственного педагогического университета имени. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 121, тел.: (+992)902550290, E-mail. abdujalil.amon@outlook.com*

About the author:

Abdujalil Amon Kholiqzoda *– candidate of philology, Department of Theory and History of Literature of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, avenue Rudaki 121., phone: (+992)902550290, E-mail. abdujalil.amon@outlook.com*

АРЗИШИ АДАБИИ «ШАРАФНОМАИ ШОҲӢ»

Маҳмадшоев М. М.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Асари таърихнигор Ҳофизи Таниш “Шарафномаи шоҳӣ” дар баробари додани ахбори арзишманди таърихӣ ҳамчун сарчашмаи муҳими адабии асри XYI шинохта шудааст. Ин асари таърихӣ барои омӯхтани адабиёти асри XVI ва рӯзгору осори баъзе намояндагони ин аҳд ҳамчун сарчашмаи зарурии адабиву таърихӣ маҳсуб мешавад. Ҳамин андеша дар дар дебочаи “Шарафномаи шоҳӣ” қайд шудааст, ки мақсади Ҳофизи Таниш дар хусуси “фузалои фасоҳатисор ва шуарои нуктасанҷи нодирагуфтор”-и замонаш дар хотимаи асар маълумот диҳад[4,19]. Ҳарчанд ки ин қисм нонавишта мондааст, муаллиф дар рафти зикри воқеаҳои сиёсию таърихӣ оид ба лаҳзаҳои ҷудогонаи ҳаёти нуҳ нафар адиби асри XVI амсоли Мушфиқӣ, Низоми Муаммоӣ, Вафоӣ, Ҳозирӣ, Садриддини Муҳаммад, Муҳиббӣ, Ахсӣ, Қатилӣ ва Мавлоно Абдулҳаким ахбороти ҷолиби диққате пешниҳод кардааст.

Тарзи пешниҳоди маълумоти Ҳофизи Таниш доир ба адибони зикршуда гуногун аст. Ӯ гоҳо пеш аз овардани намунаи шеърӣ баъзе лаҳзаҳои тарҷумаҳолии шоирро зикр мекунад ва дар мавриди дигар танҳо маълумоти шарҳиҳолӣ медиҳад. Масалан, Ҳофизи Таниш дар хусуси муосир ва дӯсти наздики худ Мавлоно Мушфиқӣ маълумотҳои ҷолибе додааст, ки мо онҳоро аз сарчашмаҳои дигари асри XVI пайдо карда наметавонем. Дар ин маълумотҳо ҷиҳати иштироки Мушфиқӣ дар маҷлисҳои гуногуни аз тарафи Абдуллоҳхон тартиб додашуда ва қасидаҳои худро хондани ӯ (солҳои 1559, 1572, 1579, 1582), муносибати шоир бо Хоҷа Муҳаммад Исломи Ҷӯйборӣ, сафарҳои ӯ ба Султонобод ва Акчоб, солҳои 1559 ва 1563, дар Бухоро маскан доштани вай, муносибати байни шоир ва Ҳофизи Таниш, ниҳоят, дар замони зиндагии худ ҳамчун шоири малеҳгуфтору баландмаҳорат шӯҳрат пайдо кардани адиб сухан рафтааст.

Дар асари мазкур натанҳо баъзе қисматҳои рӯзгори адибони ин аҳд оварда шудааст, балки намунаҳо аз мероси адабии онҳо низ дарҷ гардидааст, ки барои муайян намудани мавқеъ ва мундариҷаи осори ин суханварон бисёр аҳамиятнок мебошад. Мувофиқи навиштаҳои адабиётшиноси тоҷик Н. Сайфиев дар асари мазкур миқдори абёти овардашуда 4760 байтро ташкил дода, дар жанрҳои қасида, маснавӣ, қитъа, рубоӣ ва абёти пароканда оварда шудаанд[...,..].

Тибқи навиштаҳои олими зикршуда як қисми ин ашъор ба қалами худи Ҳофизи Таниш бо тахаллуси Нахлӣ (359 байт) ва 15 нафар шоирони шинохта монанди Фирдавсӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Биноӣ, Мушфиқӣ, Муҳиббӣ ва ғайра (143 байт) мансуб буда, муаллифони шеърҳои боқӣ (4258 байт) барои мо номаълуманд. Ин гуфтаҳо далели он мебошанд, ки ҳамингуна суханварони гумном , ё ношинохта дар ҳама даврон зиндагиву фаъолият намудаанд. Вазифаи мо адабиётшиносону муҳаққиқон аст, то барои муаррифии рӯзгору осор, баррасии ашъор ва арзиши

адабии онҳо таҳқиқотҳои судманди илмиро анҷом диҳем.

Ба андешаи як қисм муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ аксари абёти бемуаллиф, ки мазомини сиёсӣ ва таърихӣ доранд, ба Ҳофизи Таниш нисбат дода мешаванд. Боиси зикр аст, ки як қисм абёти овардаи муаллифи "Шарафномаи шоҳӣ" наву тоза буда, дар сарчашмаҳои адабии ҳамон аср ва ё девони ашъори суханваронаш ба чашм намерасанд. Ҳамин ақидаро олими тоҷик Н. Сайфиев дар асараш оварда, таъкид менамояд, ки қитъаи мазкур аз ашъори Маҳмуд бинни Амин буда, дар сарчашмаҳои дигари ин даврон ба назар намерасад. Оғози қитъаи мазкур чунин аст:

Сифати кимиё агар хоҳӣ,

Бо ту гӯям, ки чист иксираш[4,16].

Ҳофизи Таниш дар баробари муаллифи асари таърихӣ буданаш, тавонистааст, ки маълумотҳои муҳимро бобати аҳволу осори бархе аз шуарои даврони хеш иброз намуда, намунаҳои ашъорашонро ҳамчун далел нишон диҳад ва аз саноеъи бадеӣ дар навиштаҳояш моҳирона истифода намояд. Бахусус ӯ аз санъати саҷъ фаровон истифода намуда, ба ҳамин минвол насри асарашро дар баъзе ҳолатҳо мусаҷҷаъ намудааст. Ҳамин махсусият "Шарафномаи шоҳӣ"-ро, бо вуҷуди як асари таърихӣ буданаш, ба насри бадеӣ табдил дода, аз маъхазҳои маълуми таърихии даврони хеш ба куллӣ фарқ кунонидааст.

Ба андешаи аксари олимони ватаниву хориҷӣ «Шарафномаи шоҳӣ»-и Ҳофизи Таниш, илова бар он ки барои омӯхтани ҳаёти сиёсии нимаи дуюми асри XVI дар Мовароуннаҳр ва қисман Хуросон сарчашмаи асосии таърихист, дорои қимати муҳимми адабӣ низ мебошад.

"Шарафномаи шоҳӣ " дар баробари асари таърихӣ, намунаи хуби насрӣ бадеӣ буданаш тавонистааст, ки ҳамчун сарчашмаи арзишманди адабии садаи XVI барои шинохти мактабҳои адабӣ, вазъи адабиёти дарборӣ, истифодаи жанрҳои гуногуни шеърӣ, мазмунсозӣ ва андешаороии адибони ин давр хидмат намояд.

Ҳофизи Таниш ҳангоми тасвири воқеаҳои таърихӣ, тасвири муҳорибаҳо, макони ҷангу набардҳо, шаҳрҳои алоҳидаи Мовароуннаҳр, тавсифу мадҳи ашхоси алоҳидаи даврони худ ва ё исботи фикри баёнкардааш аз абёти гуногун истифода намудааст. Бино ба ахбори маъхазҳо ва таҳқиқотҳои олимони тоҷик шумораи шеърҳои дар «Шарафномаи шоҳӣ» овардашуда 4760 байтро ташкил медиҳад, ки як қисми онҳо ба худи Ҳофизи Таниш ва суханварони шинохтаи давронаш таалуқ дошта, муаллифони қисми дигараш муайян нестанд.

Мувофиқи навиштаҳои муҳаққиқи рӯзгор ва осори ин таърихнигори қарни XVI, олими шинохтаи тоҷик Н. Сайфиев дар «Шарафномаи Шоҳӣ» аз намунаи ашъори худи Таниш 359 байт оварда шудааст, ки аз қасида, таркиббанд, рубоӣ, қитъаҳои таърихӣ, порчаҳои маснавӣ ва мақтаъҳо иборат мебошад. Аҳамияти ин порчаҳо дар он аст, ки мо онҳоро дар манбаъҳои дигар дучор намешавем. Аз ин ҷиҳат ӯ бо «Шарафномаи Шоҳӣ» мероси адабии худро пурра менамояд. Ҳофизи Таниш дар як қисми шеърҳои худ тахаллуси шоириашро ҳамчун «Нахлӣ» қайд карда бошад ҳам, аксарияти онҳоро бетахаллус, бо ишораҳои «мусаввиди авроқ…», «хомаи анбариншамома…», «лимуаллифиҳӣ» ва ғайра зикр намудааст[4. 18].

Аксари абёти Таниш барои тасдиқ, ё пурқувват намудани андешаҳои ӯ оварда шудаанд, ки лашкаркашиҳо, воқеаҳои сиёсӣ, ё муборизаҳои Абдуллохонро тасвир намудаанд. Масалан дар маснавии себайта, ки дар китоб бо ишораи «Қалами бадеънигор дар назораи сунъи офаридгор раҷами эътибор… бар лавҳи рӯзгор намуда» зикр ёфтааст, бо мақсади барчаста тасвир намудани ҳолати ба таъқиби душман аз оби Фарак гузаштани аскарҳои Абдуллохонро чунин қаламдод намудааст:

Дар он шаб, ки шуд монеи разм рӯз, Ниҳон гашт ин шамъи гетифируз...
Даровехт аз тоқи ин боргоҳ Шаби қиргун, пешгири сипоҳ,
Ба аксуни нилуфарӣ баст уфуқ Бар айвони коҳи минотутуқ.
Чу фонуси афлок шуд бечароғ, Ҷаҳон гашт торик чун парри зоғ[5, 22].

Дар асари мазкур баробари ашъори Ҳофизи Нахлӣ абёти шуарои дигар низ алоқамандона бо тасвири ягон воқеаи таърихӣ оварда мешаванд. Бино ба ахбороти сарчашмаҳо миқдори ин гуна шеърҳо 143 байт аст, ки ба 15 нафар суханварон мутаалиқ аст. Таниш аз абёти суханварони мозӣ ва ҳамзамонаш ҳамчун далел ва ё ҷамъбастгари афкораш намунаҳо овардааст. Вақте бобати шаҳри Балх сухан мегӯяд, пораеро аз "Шоҳнома" – и безаволи Фирдавсӣ барои таъсирбахшии афкораш овардааст:

Ба Балхи гузин шуд ба (р)-он Навбаҳор, Ки яздонпарастон бад – он рӯзгор.
Мар он ҷойро доштандӣ чунон, Ки мар Каъбаро ин замон тозиён.

Муаллиф пеш аз овардани ин шеър исми суханварро низ зикр мекунад: “Гӯянд, Манучеҳр дар Балх хонае бино карда буд, ки онро “Навбаҳор” меҳонданд ва он аъзами бутхонаҳо буд; онро таъзими бисёр карданд ва бунёди он хона сад дар сад газ ниҳода буданд ва иртифоаш аз сад газ зиёда буд ва тамоми он хонаро дар ҳариру дебо гирифта буданд ва ҷавоҳири нафис аз ӯ овехта ва аҳли турку фурс онро таъзими тамом доштандӣ ва он ҷо ҳаҷ карданд ва ҳадяҳо ба ӯ фаровон оварданд ва Фирдавсӣ дар ин ду байт ишорат ба он кардааст” [5,19].

Боиси қайд аст, ки баъзе намунаҳои аз осори адибони даврони хеш овардаи Таниш дар девони шуаро ва ё маъхазҳои арзишманди ин аҳд ба чашм нарасидаанд, мисоли ду рубоии ба забони узбекӣ навиштаи Биноӣ, ки муаллифи “Шарафномаи шоҳӣ” дар асараш ҳамчун намуна овардааст. Рубоиҳои оварда дар ситоиши Муҳаммадхони Шайбонӣ гуфта шуда, дар дигар сарчашмаҳо ба назар намерасанд, ки ин яке аз хусусиятҳои хоси “Шарафномаи шоҳӣ” мебошад.

Чӣ тавре ки болотар ишора намуда будем дар асари Ҳофизи Таниш дар баробари оварданинамунаи ашъор аз суханварони гузашта ва даврони худаш инчунин порчаҳои назмие вомехӯранд, ки ба кадом суханвар тааллуқ доштани онҳо муайян нест. Нахлӣ ҳангоми овардани як порчаи шеърӣ, ки ба васфи шаҳрҳои машҳури Мовароуннаҳр, амсоли Бухоро, Самарқанд, Тирмиз ва Хуҷанд бахшида шудааст, ному тахаллуси гуяндаро қайд накарда, чунин ишора менамояд: “Шуароро дар тавсифи шаҳрҳои Мовароуннаҳр абёти бисёр аст ва ашъори бешумор ва баъзе аз онҳо ин аст”:

Мовароуннаҳрро аз чор ҳад омад, бубин Чор шаҳру ҳар яке хуштар зи фирдавси барин:
Аввало шаҳри Бухоро маншаи илм асту фазл, Хоки ӯро фахр дар диёри Руму Чин.
Ҳазрати шаҳри Самарқанду макони салтанат, Дар шараф аз шаҳрҳо чун тоҷ бошад дар нигин.
Баъд аз он Тирмиз – макони авлиёю асхиё, Бар канори руди обаш ғайрати моъи маин.
Ҷои ишрат, мавзеи нузҳат, мақоми сӯфиён Хитаи шаҳри Хуҷанд омад аз он буму замин.

Мувофиқи гуфтаҳои муҳаққиқон дар асари таърихии Ҳофизи Таниш бо унвони “Шарафномаи шоҳӣ” 4258 байт мавҷуд аст, ки муаллифонии онҳо қайд нагардидаанд. Агарчӣ дар баъзе аз онҳо мисоли порчаи назмии дар боло овардашуда тахаллуси суханвар оварда нашуда бошад, ҳам ба шакли ишора қайд мавҷуд аст, аммо дар қисмати зиёди ҳамин гуна порчаҳои назмӣ ягон қайду ишорае оварда нашгудааст. Як миқдори ин гуна шеърҳо, ки дар “Шарафномаи шоҳӣ” бидуни қайду эзоҳ дохил гардидааст, низ монанди шеърҳои дар боло зикршуда бо воқеаҳои таърихӣ аз ҷиҳати мазмун сахт вобаста аст.

Масалаи зеринро адабиётшинос Н. Сайфиев зимни таҳқиқоти хеш бобати осори таърихии асри XVI хело возеҳ баррасӣ намуда, ба ҳайси намуна чанд пораи назмиро, ки ба воқеаҳои таърихии даврон марбутанд, овардааст, монанди воқеаи зерин:

“Ҳофизи Таниш дар бораи моҳи шаъбони соли 994 (июли 1584) баъди салтанати шашсола аз тарафи Мирзо Абдураҳим ном яке аз феодалони дарборӣ кушта шудани ҳокими он вақтаи Самарқанд – Ибодулло Султон маълумоти муфассал дода, пас 10 байт қитъаи “таърихии” ба ин муносибат гуфташударо меорад”:

Шоҳи Ҷамшедфар Ибодулло, К – аз ҷаҳон шуд ба аҳди султонӣ;
Зубдаи дудмони чингизӣ, Қидваи хонадони шайбонӣ,
Валади ҳазрати Сикандархон, Ҷами аввал, Сикандари сонӣ;
Салхи моҳи муборакі шаъбон Шуд шаҳид аз қазои субҳонӣ.
Кушта теғи зулм то шкд, рафт, Сӯи ҷаннат зи олами фонӣ.
Хони анҷумсипоҳ Абдулло, Хусрави маснади сулаймонӣ...
З – ин мусибат чу лола бар дили худ Доғҳо сӯхт, лек пинҳонӣ .
Баҳри таърихи соли ӯ гуфтам, Мар хирадро, ки ҳеҷ медонӣ,
Дӯш ногаҳ суруши олам ғайб Гуфт: “Ҳайфо Сикандари Сонӣ”[5,25].

Ҳамингуна порчаҳои шеърии бе муаллифро дар саҳифаҳои баъдии “Шарафномаи шоҳӣ” низ дучор мешавем. Қисмати мазиди ин гуна шеърҳо ба воқеаҳои таърихӣ ё сиёсии замони зиндагии шоир рабт дошта, дар ибтидо ба тариқи насрӣ шарҳ дода шуда, баъдан дар либоси назм тасвир гардидаанд. Монанди: ... Хони рустамнишон Муиннудин Ӯзбакхон бо созу яроқи фаровон дар

ҷониби Авнак шитофт ва фарикҷ аз мардуми ҷангҷӯй ва палангони пурҳамлаи шаррхӯй дар зери сояи чатри офтобасоси ӯ таъйин ёфт:

Сӯи маймана Узбакхон ситод, Ба дил кинаи хасмро ҷой дод.
Фарози таковар ба давлат нишаст, Ба давлат – ба рахши саодат нишаст.
Зирех кард пӯшиш хадеви замон, Чу аз абр хуршеди ховар аён.
Кулаҳ шуд пулод зеби сараш, Чу меҳр аз шараф бар сипехр афсараш[5,28]..

Бо назардошти он ки аксари порчаҳои шеърӣ ва ё маснавиҳои овардаи Таниш дар "Шарафномаи шоҳӣ" ба воқеаҳои сиёсӣ вобастагӣ доранд, бархе аз муҳаққиқон ба хулосае омадаанд, ки шояд қисме аз ин шеърҳо моли худи муаллифи асар бошанд. Аммо дар ин бобат ба ин фикр ба таври комил розӣ шуда наметавонем, зеро ки ин масъала тадқиқоти амиқ ва далелҳои мушаххасро мехоҳад.

Тавассути навиштаҳо ва таҳқиқотҳои олимони ватаниву хориҷӣ бобати омӯзиши "Шарафномаи шоҳӣ" ҳамчун сарчашмаи муҳими адабӣ ба хулосаҳои зерин расидан мумкин аст:

1. "Шарафномаи шоҳӣ" дар баробари додани ахбори арзишманди таърихӣ ҳамчун сарчашмаи муҳими адабии асри XYI шинохта шудааст. Ин асари таърихӣ барои омӯхтани адабиёти асри XVI ва рӯзгору осори баъзе намояндагони ин аҳд ҳамчун сарчашмаи зарурии адабиву таърихӣ маҳсуб мешавад.
2. Ҳофизи Таниш пешниҳоди маълумотро доир ба адибони зикршуда ба таври гуногун пешниҳод менамояд. Вай гоҳо пеш аз овардани намунаи шеърӣ баъзе лаҳзаҳои тарҷумаҳолии шоирро зикр мекунад ва дар мавриди дигар танҳо маълумоти шарҳиҳолӣ медиҳад.
3. Истифодаи образҳои дилчаспу соддаи адабӣ, устодона кор фармуда шудани санъати саҷъ, зарбулмасалҳои халҳӣ ва ғайра забони ин асарро, бо вуҷуди ин ки як китоби таърихист, ба намунаи хеле хуби забони адабии аср табдил додааст.
4. Аксари маълумотҳои овардаи муаллиф дар сарчашмаҳои дигар пайдо намешаванд, бинобар ин онҳо тарҷумаи ҳоли суханвар ва ҳамасронашро хеле пурра менамоянд. Ин хусусиятҳои асар аҳамияти адабии онро ҳамчун маъхази зарурӣ низ хеле пурқувват мегардонанд. Аз ин ҷост, ки "Шарафномаи шоҳӣ " барои омӯхтани адабиёти тоҷик, алалхусус ҳаёту эҷодиёти намояндагони адабиёти асри XVI қиммати муҳими адабӣ дорад.
5. Бахши зиёди шеърҳои бе муаллиф ба воқеаҳои таърихӣ. ё сиёсии замони зиндагии шоир рабт дошта, дар ибтидо ба тариқи насрӣ шарҳ дода шуда, баъдан дар либоси назм тасвир гардидаанд.
6. Нигорандаи "Шарафномаи шоҳӣ" дар як қисми шеърҳои худ тахаллуси шоириашро ҳамчун «Нахлӣ» қайд карда бошад ҳам, аксарияти онҳоро бетахаллус, бо ишораҳои «мусаввиди авроқ…», «хомаи анбарин-шамома…», «лимуаллифиҳӣ» ва ғайра зикр намудааст.

АДАБИЁТ

1. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон, китоби дуюм. -Душанбе: Ирфон, 1985, 430 саҳ.
2. Каримов У. Адабиёти тоҷик дар асри XVI. – Душанбе: Дониш, 1985, 228 саҳ.
3. Мирзоев А. Адабиёт(ёрӣ барои дарси адабиёти асрҳои XVI, XVII, XVIII ва X1X-и тоҷик). - Сталинобод, 1948.
4. Мирзозода Х. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XVI- XIX ва ибтидои асри XX). Барои омӯзишгоҳҳои педагогӣ. – Сталинобод, Нашр.дав.тоҷик. 1950
5. Сайфиев Н. Таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX), - Душанбе, "Бухоро", 660 саҳ.
6. Сайфиев Н. Ҳофизи Таниш ва "Шарафномаи шоҳӣ"-и ӯ. - Душанбе: Ирфон, 1973, 60 саҳ.
7. Ҳодизода Р., Каримов У., Саъдиев С. Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI- XIX ва ибтидои асри XX. – Душанбе: Маориф, 1988, 416 саҳ.

ЛИТЕРАТУРНАЯ ЦЕННОСТЬ «ШАРАФНОМАИ ШОХИ»

В статье автор показывает литературную ценность «Шарафномаи шохи», ссылаясь в основном на исследования ученых-современников, и отмечает, что Хафизи Таниш наряду с тем, что был замечательным историком, смог показать быт и наследие поэтов своего времени. Также автор статьи подчеркивает, что основная часть литературного произведения безызвестных авторов, которые указаны в «Шарафномаи шохи», связаны с исторической и политической ситуацией времен проживания писателя. Приведенные им сведения сначала написаны прозаическим текстом, затем переведены в поэтическую форму. Таким образом, Таниш

посредством своего произведения внёс неоценимый вклад в развитие литературы XVI века и их литературой ценности.

***Ключевые слова**: Хафизи Таниш, произведения поэзии, безымянные произведения, быт поэтов, XVI век, литературные и исторические источники.*

LITERARY VALUE OF "SHARAFNOMAI SHOHI"

In the article, the author shows the literary value of "Sharafnomai shokhi", referring mainly to the research of contemporary scholars, and notes that Hafizi Tanish, along with being a remarkable historian, was able to show the life and heritage of the poets of his time. The author of the article also emphasizes that the main part of the literary work of unknown authors, who are indicated in «Sharafnomai shokhi», are associated with the historical and political situation of the times of the writer's residence. The information given by him was first written in prosaic text, then translated into poetic form. Thus, Tanish, through his work, made an invaluable contribution to the development of literature of the XVI century and their literature of value.

***Key words**: Hafizi Tanish, works of poetry, unnamed works, everyday life of poets, XVI century, literary and historical sources*

Сведения об авторе:

***Махмадшоев М. М.** - кандидат филологических наук, доцент кафедры гуманитарных наук и библиографии Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова.*

About the author:

***Makhmadshoev M.M.** - Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Humanities and Bibliography of the Khujand State University named after Bobodzhon Gafurov.*

ЗАПАДНЫЙ КИТАЙ И ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКАЯ ЛИТЕРАТУРА

Муроди Н.

Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафуров

В современном литературоведении и востоковедении начальным периодом персидско-таджикских и уйгурских литературных связей признан средней период истории литературы уйгурского народа, так как именно этот период (XVI-XIX вв.) считают одним из самых ярких страниц этого народа.

Следует отметить, что, во-первых, связи между персидско-таджикской и уйгурской литературами имеет в основном односторонний характер, т.е. больше всего уйгурской поэзией заимствованы лучшие традиции персидско-таджикской средневековой литературы. Во-вторых, влияние персидско-таджикской литературы на уйгурскую происходило в основном двумя путями - посредством перевода произведений выдающихся представителей персоязычной литературы на уйгурский язык и путем подражания уйгурских литераторов знаменитым памятникам персидско-таджикской литературы.

Литературоведы и востоковеды Европы, России, Узбекистана, Турции, Японии, Казахстана и сами уйгуры исследовали ряд вопросов, относящиеся к языку, истории, традициям, фольклору, культуре уйгурского народа, однако, их работы в основном носят историко-филологический характер, а специальных научных исследований, посвященных влиянию персидско-таджикской культуры на процессе становления и развития уйгурской литературы, до сих пор отсутствует в современном литературоведении.

Исходя из этого, наше исследование представляет собой введению системного анализа процесса проникновения и влияния традиций персидско-таджикской литературы в формирование и развитие тематической, художественно-эстетической и жанровой системы уйгурской поэзии в Восточном Туркестане. А так же, влияния персидско-таджикской литературы на литературу Западного Китая - уйгурскую поэзию и прозу с точки зрения проникновения литературных традиций, проявляющееся в создании месневи и «Хамса», сочинении сакинаме и газелей, продолжении традиции двуязычия уйгурскими литераторами, использовании литературных приемов. Исследование диванов уйгурских поэтов и рассмотрение вопроса о переводах и татаббу' - подражаниях литераторами сегодняшнего Синьцзяна в XVI-XIX вв., а также определяются их особенности. Наряду с поэтами-мужчинами, представлены имена и произведения двух женщин-литераторов - Амоннисахан и Зулайхабегим, которые до настоящего времени не упоминались в работах других исследователей.

В действительности, этническое родство уйгурского народа с иранскими народностями является недостаточно изученной страницей истории. Персы-согдийцы были основной движущей силой в развитии цивилизаций. Благодаря Великому Шелковому пути не только ощущалось влияние согдийской культуры вдоль данной дороги, но также происходил диалог культур. В особенности, изучение северо-западной частей Китая выявляет их связь с иранской цивилизацией и тюркской культурой (2, 263). Данное обстоятельство впоследствии послужило причиной появления коренных жителей - персов в Китае. В исторических источниках говорится о том, что персидские племена здесь жили еще до начала правления династии Тан (VII век), и более того способствовали ее развитию.

Предки китайских мусульман - хуэй были из мусульманского племени персов «даши» (от слова "таджик"), мигрировавших из Центральной и Западной Азии. Часть из них составляли таджики-выходцы из Средней Азии. Предки хуэй, которых также называют дунган, в период правления династии Юань и Мин проживали в Юннане и Нинься, и они на самом деле прибыли из Бухары и Самарканда [1, 269].

Можно говорить о том, что захват Средней Азии Караханидами способствовала приближению Кашгарской культуры к народу Мавераннахра и Хорасана. Сами же они смогли взять все самое лучшее из персидской цивилизации и культуры. Изучение страниц истории взаимосвязей персидско-таджикской культуры с уйгурской литературой выявляет, что на протяжении истории связи с Китаем и Кашгаром являлись постоянными. В персидско-таджикской литературе трудно найти литератора, который в своем творчестве ни разу бы не упомянул бы о Китае, Хутане и Кашгаре, или же о китайских ремеслах.

«Шахнаме» Абулькасима Фирдоуси относится к первым источникам, в которых содержатся упоминания о Хутане.

Еще в XII в., Махмуд Кашгари в своем произведении «Диван лугат-ат-турк», комментируя топонимику слов Чин и Мочин, приводит ценные сведения: «Чин состоит из трех частей: Верхний Чин, который находится на Востоке и называется Тавгач. Другая часть, Средний Чин, который является Китаем и Нижний Чин - Бархан, где находится Кашгар. Сейчас Тавгач называют Мочином, Китай - Чином. Расстояние между Мочином и Чином - несколько месяцев пути» [5, с.33-34].

Адам поэтов Рудаки в IX веке воспевал в своих стихах мускус Хутана и красавиц Тароза. Доказательством тому является газель из его творчества: Хар бод, ки аз суи Бухоро ба ман ояд...

Са'ади Ширази в «Гулистане» в пятой главе «О любви и молодости» рассказывает интересный хикаят, упоминание о котором еще раз подтверждает присутствие иранской культуры и персидской литературы на территории Кашгара.

Махмуд Кашгари в своем сочинении «Диван лугат-ат-турк» (XI в.), приводя толкование слова «тот», отмечает: «Для всех тюрков «тот» - человек, говорящий на персидском языке. Об этом существует пословица: «Без тота нет тюрка и без головы - шапки» [6, 240].

Наравне с этим произведением следует упомянуть еще об одном тюркском шедевре, которое считается уйгурским классическим наследием. Это «Кутадгу билиг» - «Знания, приносящие благополучие», Юсуфа Хоса Хаджиба. В предисловии пишет:

Арабча, тожикча китоблар укуш

Бизнинг тилимизга бу юмги укуш.

Смысл бейта заключается в утверждении того, что чтение арабских и таджикских книг на тюркском языке является началом знаний [3, 143].

Можно говорить о том, что уйгуры создали богатую и своеобразную культуру, которая многое почерпнула из литературного наследия и искусства персоязычных народов. В свою очередь, архитектурное искусство, музыкальное наследие и литература уйгуров, безусловно, также оказали влияние на цивилизацию стран Востока. Изучение и анализ данного вопроса позволяет обнаружить новые и интересные факты.

Если, с одной стороны, их подражание нашей литературе является свидетельством влияния лучших персидско-таджикских литературных традиций, то с другой стороны, владение литераторами Восточного Туркестана собственными литературными принципами, присущими их литературному кругу, а также их творческое отношение ко всем персидским произведениям освобождает их от абсолютного подражательства.

Анализ стихотворений Залили, Аязбека Кушчи, Абдаррахима Низари, Хароботи, Малика Амоннисахан, Навбати, Хиркати, Билола Нозима, Машхури, Махзуна, Нокиса, Каландара, Арши, Зухури, Мансурбахши, Рашиди, Аязи, Зулайхабегим, Мазхари, Амини, Гайрати, Ниязи, Мискина, Асири и десятков других представителей этой классической литературы, которые жили в XVI-XIX вв. являются олицетворением роли и значимости поэзии и литературы на уйгурской земле [4, 130].

Размещение персидских произведений в сборниках и диванах демонстрировало не только обладание мастерством зуллисонайна, а также свидетельствовало о высоком положении литератора в своем времени. Представители уйгурских литературных кругов, кроме того, что владели персидским языком, также создавали произведения на этом языке, что явилось причиной признания и прославления их произведений. Следует отметить, что язык фарси в тот период и до него приобрел статус языка общения между учеными, аристократии и придворных.

В действительности, сближение арабской и персидской литератур и их влияние на уйгурскую классическую поэзию и прозу способствовали тому, что народ Кашгара стал наследником великолепной литературы и культуры, имеющей мировое значение.

ЛИТЕРАТУРА

1. Кадырбаев, А. Таджики: Вехи истории и культурное наследие [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://central-eurasia.com/tajikistan/?uid=269: 23.04.2014
2. Камалов, А. Проблемы истории и культуры согдийцев и тюрок Центральной Азии и Китая в трудах японских исследователей // Иран-наме. Научный востоковедческий журнал. - №1. – Алматы, 2008. - С.263
3. Маллаев, Н. Узбек адабиёти тарихи. Биринчи китоб (XVII асргача). - Тошкент: Урта ва олий мактаб, 1963. - С.143
4. Муроди Н. Традиции персидско-таджикской поэзии в уйгурской литературе XVI-XIX вв. - Худжанд: Нури маърифат, 2017. - С.130
5. Хасанов, Х.Х. Ценный источник по топонимике Средней и Центральной Азии // Топонимика Востока. - М., 1962. - С.33-34
6. Чвырь, Л.А. Обряды и верования уйгуров в XIX-XX вв. - М.: Восточная литература, 2006. - С.240

ЗАПАДНЫЙ КИТАЙ И ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКАЯ ЛИТЕРАТУРА

Наше исследование представляет собой введению системного анализа процесса проникновения и влияния традиций персидско-таджикской литературы в формирование и развитие тематической, художественно-эстетической и жанровой системы на литературу Западного Китая - уйгурскую поэзию и прозу.

Ключевые слова: *Персидско-таджикские литературные традиции, Восточный Туркестан, уйгурская литература, Китай, поэзия и проза.*

WESTERN CHINA AND PERSIAN-TAJIK LITERATURA

Our research is an introduction of a systematic analysis of the process of penetration and influence of the tradition of Persian-Tajik literature in the formation and development of a thematic, fictional-aesthetic and genre system into the Western Chinese literature - Uyghur poetry and prose.

Key words: *Persian-Tajik literary traditions, East Turkestan, Uyghur literature, China, poetry and prose.*

Сведения об авторе:

Муроди Низомиддин *- доктор филологических наук, профессор кафедры персидско-китайского языков ХГУ им. академика Б.Ғафурова, E-mail: murodinizomiddin@mail.ru*

About the author:

Murodi Nizomiddin *– the doctor of philology of sciences, professor pulpit of Persian and Chinese languages of Khujand State University the named academician B. Gafurov, E-mail: murodinizomiddin@mail.ru*

ТАЪСИРИ АШЪОРИ САНОИИ ҒАЗНАВӢ БАР НОМАҲОИ АЙНУЛҚУЗОТИ ҲАМАДОНӢ

Зоиров Ҳ. З.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Ҳаким Саноии Ғазнавӣ аз худ мероси пурбаҳое ба ёдгор гузоштааст, ки маъруфтаринашон «Девони ашъор», маснавиҳои «Корномаи Балх», «Сайр-ул-ибод илал маъод», «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа ва шариат-ут-тариқа» ва «Макотиб» мебошанд. Афзун ба ин, чанд маснавии дигарро ба ӯ нисбат медиҳанд, ки мисолашон «Тариқ-ут-таҳқиқ», «Ақлнома», «Ишқнома», «Таҳримат-ул-қалам» ва «Таҷрибат-ул-илм» мебошанд [4, с. 54- 61].

Аз «Девони ашъор»-и Ҳаким Саної, ки фарогири қасоид, тарҷеоту таркиббандҳо, мусаммат, ғазалиёт, муқаттаот ва рубоиёт аст [2], маълум мешавад, ки дар сурудани тамоми анвои шеърӣ маҳорати тамом доштааст. Маҳз ҳунари суханварии ӯ боис шуда, ки аксари ҳамзамонон ва сухансароёни баъдӣ пайравии ӯ ихтиёр карда ва аз сурудаҳояш судҳо бардоштаанд. Яке аз суханварони орифе, ки аз сурудаҳои Ҳаким Саної бештар мадад ҷуста ва мисраъву абёти зиёдеро бидуни зикри муаллиф истишҳод намудааст, Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Миёнҷӣ, маъруф ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ мебошад. Дуктур Алинақии Мунзавӣ мегӯяд, ки Қозӣ аз Ҳаким Саної-шоири ҳамрӯзгори худ ҷойе як мисраъ ва ҷойи дигар ду байти дигари дунболаи онро бе зикри номи гӯянда нақл кардааст [12, с. 78]. Аммо ҳангоми таҳқиқи ин мавзӯъ ва муқоисаю муқобалаи абёти шоҳиди «Номаҳо»-и Айнулқузот бо «Девони ашъор»-и Ҳаким Саної равшан гардид, ки миқдори абёте, ки Қозӣ аз ин суханвари ориф истишҳод намудааст, даҳҳо байтро ташкил менамояд.

Ба андешаи мо истишҳоди ашъори Саної дар осори Айнулқузот дорои ду аҳамият аст. Агар аз як сӯ, абёти истишҳодшуда ҷиҳати фаҳми муроди нигорандаи номаҳо ба мухотаб ва хонандаи имрӯз кӯмак созанд, аз ҷиҳати дигар номаҳои Қозӣ метавонанд ҳамчун куҳантарин нусхаи ашъори Ҳаким Саної дар тасҳеҳ ва маърифати ашъори ин суханвар хидмат намоянд. Чунончи, Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаи чаҳоруми хеш ҷое дар бораи нийят сухан намуда, ҷиҳати шоҳид мисраи зеринро бидуни зикри гӯянда меорад: «Он рӯз ошкоро гардад, ки кӣ муъмин бувад ва кӣ мушрик, аънӣ дар миллати Халил- салъам- кӣ буд ва кӣ набуд? Ва Мустафо мегӯяд- салъам- ки «Йаҳшуру-н-носу йавмал- қиёмати ғурлан». Бош то бидонӣ, ки миллати Халил хаттон аст, он гоҳ ғурлан бидонӣ, ки «Ва мо йуъмину аксаруҳум биллоҳи илло ва ҳум мушрикун» («Ва аксари онҳо ба Худо имон намеоранд, магар он ки барои Ӯ шарик муқаррар кардаанд», маъхуз аз сураи Юсуф(12), ояти 106-ум аст- З.Ҳ.) Эй дӯсти азиз! Аҳрал хаттон нокарда буд. Вал-хаттону миллату-л-Халили. Надонам, ки ту чӣ карда ва чӣ дониста, дар мазиқи ташбеҳи аҳли одат вомондай. Айн (ҳарфи айн (ع) аломати мисраъ аст, яъне нисфи байт- З.Ҳ): **Яке з-ин чоҳи зулмонӣ бурун шав! То ҷаҳон бинӣ!**» (11, с. 29].

Мисраи мазкур сурудаи Ҳаким Саної буда, сатри дувуми байти аввали қасидаи «Натиҷаи ҳоли Нишобур» аст. Ҳаким Саної дар нахустбайти қасидаи мазкур мефармояд:

Дило то кай дар ин зиндон фиреби ину он бинӣ,
Яке з-ин чоҳи зулмонӣ бурун шав то ҷаҳон бинӣ [2, с.704].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаи сию сеюм баъд аз дуои хайри мухотаб нахуст ҳамчун орифи роҳдон дар хусуси ғайриимкон будани баёни ҳақиқат ва асрори дил дар нома ёд мекунад ва мегӯяд, ки аҳволи дил танҳо дил донад: «Бидон, ки пайваста менависам ва арҷу, ки мерасад. Ва умед медорам, ки ба ту менависам. Ва ту дар миён чун ҳалқа бар дар нестӣ, ки тақдир булаҷабӣ чунин бисёр ёд дорад. Аз яке котиб созад ва аз яке мактубилайҳ созад. Ва на котибро хабар аз ҳақиқати кор ва на мактубилайҳро. Набинӣ, ки дастро ва қаламро туҳмати котибӣ ҳаст ва аз мақсуд хабар на? Ва коғазро туҳмати мактуб фиҳӣ ва алайҳӣ бошад, валекин ҳайҳот, ҳайҳот. Ал-ақиқу ва аҳлиҳи. Ҳар котиб, ки на дил бувад, бехабар аст. Ва ҳар мактубилайҳ, ки на дил аст, ҳамчунин. …бал ҳар котиб, ки на Ҳақ(қ) бувад ва ҳар мактубилайҳ, ки на дил бувад, ба кор наёяд. Котиб ва мактубилайҳ фӣ қулубиҳим бояд» [11, с. 276]. Ҳамчунин мегӯяд, ки дасту қалами маро бо он ҳама нависандагӣ наметавон котиб хонд ва чашму гӯши туро бо вуҷуди хондани ин мактуб наметавон мактубилайҳ гуфт. Ваҳму димоғ, илм ва ақли ту низ наметавонанд мактубилайҳ бошанд. Агар дили бедору огоҳ дорӣ танҳо он метавонад, ки мактубилайҳ бошад [11, с. 276-277]. Ин ҷо Айнулқузот муроди худро аз вожаҳои «котиб», «коғаз» ва «мутарҷим» ба таври зерин баён медорад, ки дар ҳеҷ як фарҳангҳои тафсириву ирфонӣ ва дастурҳои дабирӣ наметавон дарёфт: «Котиб Ҳақро донад, таоло ва тақаддус, аммо йатахаййалаҳу ва йатаваҳҳамаҳ-ул-амйони. Чун **котиб** ба ҳақиқат Ҳақро донад, дили маро **коғаз** донад, ки маҷрои маонӣ аст ва маҳалли ҳақоиқ ва ақли маро **мутарҷим** шиносад аз он ҳақоиқ, зеро ки дар олами малак забони аҳли малакут касе фаҳм натавонад кард, агар тарҷумон ҷабарутӣ набувад. Охир дида бошӣ, ки аҷамӣ забони арабӣ фаҳм накунад, илло ба воситаи тарҷумоне, ки ҳам арабият донад ва ҳам аҷамият» [11, с. 277]. Баъд аз баёни муфассали ин мавзӯъ ва андешаҳои беназиру бесобиқаи орифона аз муқассир будани мухотаб дар талаби Ҳақ, ҳанӯз як қадам ба ихлос нарафта даъвии восилӣ кардан ва дар шариату тариқат собитқадам набудани ӯ сухан намуда, дар ниҳояти нома дар хусуси каме аз мавзӯи баҳс дур афтодани худ ёд месозад ва ҳамчун муршиди комил панд медиҳад, ки пайваста абёти зерро бихонад:

«Вақтро бад-ин ду байт тасбеҳ мекун:
Гар пойи ман аз аҷз талабкори ту нест,
То зан(н) набарӣ, ки дил гирифтори ту нест.
Не з-он н-оям, ки дил харидори ту нест,
Худ дидаи ман маҳрами дидори ту нест» [11, с. 282].

Агарчи Айнулқузоти Ҳамадонӣ муаллифи рубоии мазкурро зикр накардааст, он аз сурудаҳои Ҳаким Саної мебошад ва дар девони суханвар ба гунаи зер омадааст:

Гар пойи ман аз аҷз талабкори ту нест,

То зан(н) набарӣ, ки дил гирифтори ту нест.
На з-он **болам, ки ҷон** харидори ту нест,
Худ дидаи **мо** маҳрами дидори ту нест [2, с. 1123].

Ба андешаи мо рубоие, ки дар номаи Айнулқузот омадааст, нисбат ба нусхаи Мударриси Разавӣ саҳеҳ ва ба асл наздик аст. Зеро ин ҷо суханвар мегӯяд: Агарчи дил гирифтори ишқи туст, пойи ман дар талабат оҷиз аст. Агар наёмадам ва васли ту дарёб накардам на аз он аст, ки харидорат наям, бал аз он бошад, ки ҳанӯз дидаи ман маҳрами дидори ту нест.

Дар номаи сию ҳафтум Айнулқузот барои таҳвияти фикр байти зерро бидуни зикри муаллиф овардааст, ки зоҳиран нусхаи куҳани сурудаи Ҳаким Саноӣ аст:
Мулкати Оли Банӣ Одам надорад қимате,
Бандагӣ бояд намудан миллати Парвизро [11, с. 310].

Байти мазкур дар девони Саноӣ ва осори мунтахаби ӯ зайли қасидаи «Соқиё, май деҳ, ки ҷуз май нашканад парҳезро» ба гунаи зер омадааст:
Мулкати Оли Банӣ Одам надорад қимате,
Хоки раҳ бояд шумурдан **давлати** Парвизро [2, с. 26; 10, с. 22].

Дуктур Раҳими Фарманиш дар фасли «Ашъори истишҳодшуда»-и китоби худ гоҳе ба иштибоҳ ашъори суханварони дигарро, ки дар «Номаҳо»- и Қозӣ бе зикри муаллиф нақл шудаанд, ба Ҳаким Саноӣ нисбат додааст. Аз ҷумла, рубоиеро ба гунаи зер оварда ва бар он бовар аст, ки онро Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз Ҳаким Саноӣ истишҳод намудааст:
Дар дидаи дида дида мебинҳодем,
В-онро ба камоли ӯ ҷило медодем.
Ногаҳ ба сари кӯйи камол афтодем,
В-аз дидаву диданӣ кунун озодем [8, с. 307].

Айнулқузот дар номаи чиҳилу дувум, ки пур аз ақоиди ирфонӣ, шарҳу тафсири истилоҳоти тасаввуф ва ҳуруфи муқаттаъ аст, нахуст дар бораи маърифати зот ва сифоти Худованд сухан намуда, баъд аз баёни муфассали ин мавзӯъ пиромуни ба дарки асмо ва сифоти Худованд муяссар гардидани солик ва бо ҳама диданӣ аз дидан боз мондани ӯ ёд мекунад ва барои шоҳид рубоии мазкурро бидуни зикри гӯянда ба таври зайл меорад: «Инҷо бувад, ки асмоу-л-Лоҳу-л-ҳусно ва сифотиҳу-л-уло рӯйи ҷамоли худ ба солик намудан гирад. Ҳар зарраро бинад, ки дар вуҷуд аст, ки аз мунъимии Ӯ гӯяд ва аз ҳакимии Ӯ гӯяд ва аз қодирӣ ва аз қуддусии Ӯ. «ар-Раҳмани-р-Раҳим» («Бахшояндаи Мехрубон», маъхуз аз сураи Фотиҳа(1), ояти 2-юм аст- З.Ҳ.), «ал-Малику-л-Қуддус» («…Подшоҳ, Ниҳоят Пок…», маъхуз аз сураи Ҳашр (59), қисмате аз миёнаи ояти 23-юм аст- З.Ҳ.), «ал-Азизи-л-Ваҳҳоб» («… Ғолиби Бахшоянда», маъхуз аз сураи Сод (38), қисмати охири ояти 9-ум аст- З.Ҳ.)- ро бинад, ки аз ҳама рӯй менамояд… Бидонад, ки «Фало уқсиму бимо тубсирун. Ва мо ло тубсирун» («Пас, қасам мехӯрам ба он чи мебинед; ва он чи намебинед», маъхуз аз сураи Ҳоққа (Қиёмат) (69), оятҳои 38 -39-ум аст- З.Ҳ.) чист? Қасам аст, ки ба худ ёд мекунад, бо ошиқони худ. Бегонагонро аз он чӣ? Ҳамон аст, ки «Фа ва Рабби-с-самои вал арзи» («Пас, қасам ба Парвардигори осмону замин», маъхуз аз сураи Зориёт (51), қисмати аввали ояти 23-юм аст- З.Ҳ.), «Фа ва Раббика ланасаланнаҳум» (маъхуз аз сураи Ҳиҷр (15), қисмати аввали ояти 92-юм аст. Худованд дар сурати комили ин оят мефармояд: «Пас, қасам ба Парвардигори ту, албатта, аз ҳамаи онҳо якҷо суол мекунем»- З.Ҳ.) ба худ ёд мекунад қасам. Ин ҷо бидояти «юҳиббуҳум» пайдо гардад ва «юҳиббунаҳу» рӯй дар оварад. Ва ин ҷо солик дидаи худро бо ҳама диданӣ дарбозад, мақом ин бувад, ки мегӯяд:
Дар дидаи дида **дидае бинҳодем**,
В-онро ба камоли **худ ғизо** медодем.
Ногаҳ ба сари кӯйи **ҷамол** афтодем,
Аз дидаву диданӣ кунун озодем» [11, с. 332].

Рубоии мавриди баҳс дар номаи 25-ум низ бидуни зикри муаллиф бо андаке тағйир оварда шудааст. Чунонки гӯяд: «Пас бидонӣ, ки мардон мардро дар ин роҳ чӣ гуна дида ва диданӣ аз даст фаро ниҳодаанд. Чунонки яке аз ин маънӣ хабар дод! Рубоӣ:
Дар дидаи дида **дидае бинҳодам**,
В-онро ба **ҷамоли ӯ ҷило медодам**.
Ногаҳ ба сари кӯйи **камол афтодам**,
Аз дидаву диданӣ кунун **озодам**» [11, с. 216].

Таҳиягар ва мусаҳҳеҳони нашри китоб- дуктур Алинақии Мунзавӣ ва дуктур Афифи Усайрон дар як ҷилд ин рубоиро ба ду навъ овардаанд. Аз ҳошияи сафҳа [11, с. 332] маълум мегардад, ки зоҳиран дар чаҳор нусхае, ки мусаҳҳеҳони мазкур зери даст доштаанд «бинҳодем» ва дар ду нусхаи дигар «бинҳодам» омадааст, вале дар хусуси тағйироти дигари матни рубоии мазкур ишорае ба назар намерасад. Хуб мешуд, ки мусаҳҳеҳони китоб тибқи усул ва қавоиди илми матншиносӣ баъд

аз муқоиса ва муқобалаи нусхаҳои боэътимод ва қадимтарин як матни нисбатан саҳеҳ ва ба асл наздики рубоии мавриди баҳсро меоварданд.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ рубоии мавриди баҳсро дар фасли «Тамҳиди асли робеъ (Худро бишнос то Худоро бишносӣ)»- и китоби «Тамҳидот» низ бо андаке тағйир оварда ва таъкид намудааст, ки Абулаббоси Қассоб дар маҷолиси самоъ онро пайваста месурудааст. Чунонки гӯяд: «…Инҷо солик муроди худро ба ҳама муродӣ дарбозад ва дидаи худро ба ҳама дида дарбозад, то ҳама дида шавад. Абулаббоси Қассоб дар самоъ пайваста ин байтҳо гуфтӣ:

Дар дидаи дида дидае бинҳодем,
В-онро **зи раҳи дида ғизо медодем.**
Ногаҳ ба сари кӯйи ҷамол афтодем,
Аз дидаву диданӣ кунун озодем» [14, с. 63].

Мо рубоии мавриди баҳсро аз "Девони ашъор"- и Ҳаким Саноӣ пайдо накардем [2]. Зоҳиран рубоии мазкур аз Шайх Абулаббос Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абдулкарим Омулии Табаристонӣ, маъруф ба Абулаббоси Қассоб аст, ки бино ба қавли Қозӣ онро пайваста дар самоъ гуфтӣ [14, 63]. Абулаббоси Қассоб аз машоихи маъруфи қарни Х ва аз ҳамзамонони Шайх Абӯсаиди Абулхайр буд. Соҳиби хонақоҳ ва муридони зиёд буда ва Шайх Абӯсаид хирқа аз дасти ӯ пӯшидааст. Маҳмуди Мудаббирӣ бо такя ба "Номаҳо" ва "Тамҳидот"-и Айнулқузот рубоии мазкурро аз Абулаббоси Қассоб медонад ва онро ба гунае нақл мекунад, ки дар "Тамҳидот" омадааст [7, с. 256].

Аз баҳсҳои фавқ метавон ба ин натиҷа расид, ки нусхаи нисбатан саҳеҳи рубоӣ ҳамон аст, ки дар "Тамҳидот" [14, с. 63] омадааст ва сарояндаи он зоҳиран Абулаббоси Қассоб мебошад, на Ҳаким Саноӣ. Аммо ба чӣ далел дуктур Раҳими Фарманиш онро аз Ҳаким Саноӣ донистааст, моро маълум нашуд. Афзун ба ин, дуктур Раҳими Фарманиш чанд байти дигари "Номаҳо"-и Айнулқузотро аз Саноии Ғазнавӣ медонад, ки дар девони суханвар ба назар намерасанд ва баръакси он дар "Номаҳо" чанд байти истишҳодшуда аз ин суханвар бидуни зикри муаллиф ҷой доранд, ки донишманди мазкур аз онҳо ёд накардааст, ки баёни он ҳама баҳси дигар мехоҳад.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаи чиҳилу дувум рубоии зерро низ бидуни зикри муаллиф оварда ва гуфтааст, ки агар солики тариқат ҳушёр гардад, ин рубоӣ бихонад:

З-он як назари ниҳон, ки мо дуздидем,
Дур аз ту ҳазор гуна меҳнат дидем.
Дар кӯйи ҳавас пардаи худ бидридем,
Ту ишқ фурӯхтиву мо бихридем [11, с. 333].

Дар асл рубоии мазкур аз Ҳаким Саноӣ аст ва дар девони ашъори суханвар ба гунаи зер омадааст:

З-он як назари ниҳон, ки мо дуздидем,
Дур аз ту ҳазор **дарду** меҳнат дидем.
Андар ҳавасат пардаи худ бидридем,
Ту **ишва** фурӯхтиву мо бихридем [2, с. 1157].

Аз муқоиса ва муқобалаи нусхаҳои мазкур маълум мешавад, ки ихтилофе байнашон ҷой дорад. Бешак, мисраи охири рубоӣ, ки дар девон омадааст, нисбатан саҳеҳ аст. Зоҳиран бинобар шабоҳати навишт дар хати арабӣ котибони нусах ва ё таҳиягарони матни номаҳо ба иштибоҳ вожаи «ишва»-ро «ишқ» хондаанд.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаи чиҳилу шашум ҷое пас аз баёни ақоиди ирфонӣ мегӯяд: «Ин ҳадис ҷуз асҳоби воқеаро ба кор наёяд.

Онро, ки биёмадаст, зебо омад,
Ишқ омаданӣ бувад, на омӯхтанӣ» [11, с. 360].

Ба андешаи мо Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаи мазкур мисрае аз рубоиёти Ҳаким Саноиро истишҳод намудааст. Чун забони номаҳои Қозӣ бисёр ширину дилкаш ва гоҳи зиёд мавзуну муқаффост, зоҳиран таҳиягарони матн- Алинақии Мунзавӣ ва Афифи Усайрон сухани дар ҳамон вазн гуфтаи нигорандаи номаро мисраи якуми байт пиндоштаанд. Сурати комили рубоӣ дар девони Саноии Ғазнавӣ ба гунаи зайл омадааст:

Пурсӣ, ки зи баҳри маҷлис афрӯхтанӣ
Дар ишқ чӣ лафзҳост бардӯхтанӣ.
Эй бехабар аз сӯхтаву сӯхтанӣ,
Ишқ омаданӣ бувад, на андӯхтанӣ [2, с. 1176].

Рубоии мазкур дар «Куллиёти Шамси Табрезӣ» ба гунаи зер омадааст:

Шамъест дили мурод афрӯхтанӣ,
Чокест, зи ҳаҷри дӯст бардӯхтанӣ,
Эй бехабар аз сохтану сӯхтанӣ,
Ишқ омаданӣ бувад, на омӯхтанӣ [6, с. 1485].

Агарчи мисраи истишҳоднамудаи Айнулқузоти Ҳамадонӣ айни сурудаи Мавлонои Балхӣ аст, ба занни қавӣ Қозӣ онро аз Ҳаким Саноӣ овардааст, на аз Мавлонои Балхӣ. Зеро фаъолияти эҷодии

Мавлонои Балхӣ (1207-1273) тахмин баъд аз як қарни даргузашти Айнулқузот (ваф.1130-1131) оғоз гардидааст. Зоҳиран Айнулқузот дар асл ин мисраъро ба сурати «Ишқ омаданӣ бувад, на андӯхтанӣ» оварда, аммо минбаъд бо айби котибон ва ё маъруфияти сурудаи Мавлонои Балхӣ онро тағйир ва ё таҳрир кардаанд. Ҳамчунин имкон дорад, ки асли сурудаи Саноии Ғазнавӣ «Ишқ омаданӣ бувад, на омӯхтанӣ» буда ва Айнулқузот ва ҳам Мавлонои Балхӣ онро ба ҳамон сурат нақл намудаанд. Зеро бо як назар ба ашъори Ҳаким Саноӣ ва Мавлонои Балхӣ метавон дарёфт, ки шеъри Мавлоно аз Саноӣ таъсири зиёд пазируфтааст. Мавлоно гоҳе айнан мисраъву абёти Саноиро такрор карда ва гоҳи зиёд мазмунеро аз сурудаҳои ӯ баргирифтааст.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаи панҷоҳум ҷое аз аҳволи соликони роҳи Илоҳ ва толибони ҷамол ёд намуда, барои истишҳод ду байт аз сурудаҳои Ҳаким Саноиро бидуни зикри муаллиф ва дар алоҳидагӣ овардааст. Чунонки гӯяд: «Ҷавонмардо! солик ин ҷо расад, ки тасбеҳи зарроти вуҷуд шунавад, оёти ҷамол бинад ва ҳанӯз беруни кор бувад. Инро намоиш гӯянд: «Сануриҳим ойотино» (маъхуз аз сураи Фуссилат (41), оғози ояти 53-юм аст. Худованд мефармояд: «Нишонаҳои Худро дар атрофи олам ва дар нафсҳои онҳо (низ) ба онҳо хоҳем намоёнид…»), «Ва казолика нури Иброҳима малакута-с-самовоти вал арзи» (Ва ҳамчунин малакути осмонҳо ва заминро ба Иброҳим нишон медодем…», маъхуз аз сураи Анъом (6), қисмати аввали ояти 75-ум аст- З.Ҳ.). Надидӣ, ки Халил ҳама дида буд, баъд қатъи ақабот бад-ӯ расид. «Инни бариум миммо тушрикун. Инни ваҷҷаҳту ваҷҳийа лил-лазӣ фатара-с-самовоти вал арза» («…ба дурустӣ ки ман аз он чи шарик мукаррар мекунед, безорам. Ман – дар ҳолате, ки ҳанифам – рӯи худро ба сӯи Он Зоте мутаваҷҷеҳ сохтам, ки осмонҳову заминро биофарид…», маъхуз аз сураи Анъом (6), қисмати охири ояти 78-ум ва қисмати аввали ояти 79-ум аст.- З.Ҳ.). Агар дар дидани ин оёти ҷамол ва шунидани ин анвои алҳон бимонад, ҳаргиз ба намояндаи ин оёти ҷамол нарасад. Пас агар чунонки равандае гармрав бувад, Халилвор аз ин ақабот баргузарад, ки «ло уҳиббу-л-офилин» (маъхуз аз сураи Анъом (6), қисмати охири ояти 76-ум аст. Худованд мефармояд: «…Фурӯравандагонро дӯст надорам»):

Киро лабони ту бояд, шакар чӣ суд кунад?

Ба ҷойи меҳри ту меҳре дигар чӣ суд кунад?

Эшон ӯро нек донанд, дар ғалат наяфтанд, зуд баргузаранд ва гӯянд: «Гуфтем, расидем сари роҳ на он буд». Аз ҷаноби азал бо эшон гӯянд: Ин ҳама ҳиҷоб аст, то акнун дидӣ. Дар даруни парда қадаме дарниҳанд.

Чор табъу ҳафт чарху панҷ ҳис маҳрам наянд,

Хаймаи ишрат бурун з-ин ҳафту панҷу чор зан» [11, с. 390-391].

Байти аввали мазкур матлаи яке аз ғазалҳои Ҳаким Саноӣ мебошад, ки дар девони суханвар ба гунаи зер омадааст:

Маро лабони ту бояд, шакар чӣ суд кунад?

Ба ҷойи меҳри ту **меҳри** дигар чӣ суд кунад? [2, с. 861].

Зоҳиран Айнулқузоти Ҳамадонӣ байти мазкури Саноиро ба ҳамон сурате нақл намудааст, ки дар девони суханвар омадааст. Аз ҳошияи сафҳа низ маълум мешавад, ки дар яке аз нусхаҳо (мавқуфоти Мулло Мурод, ки соли 803ҳ./1149м. китобат шудааст) «маро» омада, вале таҳиягарони матн ҳангоми тасҳеҳ матни чаҳор нусхаи дигарро, ки «Киро лабони ту бояд, шакар чӣ суд кунад?» омадааст, пазируфтаанд [11, с. 391]. Аз ин нигоҳ, дар нашрҳои баъдӣ ба эътибор гирифтани нусхаи мазкур савоб хоҳад буд.

Байти сонӣ дар девони Ҳаким Саноӣ зайли таркиббанде, ки дар мадҳи Имодуддин Сайфулҳақ Абулмафохир Муҳаммад ибни Мансур сурудааст, ба сурати зерин омада:

Ҳафт чарху чор табъу панҷ ҳис маҳрам наянд,

Хаймаи ишрат бурун з-ин ҳафту панҷу чор зан [2, 719].

Аз ҳошияи сафҳаи номаҳои Айнулқузот [11, 390-391] маълум мешавад, ки зоҳиран дар ҳамаи нусахе, ки мусаҳҳеҳони китоб зери даст доштаанд, байти мазкур ба ҳамон сурат нақл шудааст. Таҳиягари девони Ҳаким Саноӣ низ дар поёни сафҳа [2, 719] аз ихтилофи нусхаҳои девони суханвар хабар намедиҳад. Аммо дуктур Раҳими Фарманиш дар фасли дувуми китоби худ байти мавриди баҳсро аз як номаи Айнулқузот чунон нақл кардааст, ки дар девони Саноӣ омадааст [8, с. 308]. Бо такя ба китоби дуктур Раҳими Фарманиш ва нусхаи мактуботе, ки зери даст дошт, метавон хулоса намуд, ки зоҳиран Айнулқузот дар номаи мазкур байти Саноиро ба ҳамон тарз истишҳод намудааст, ки дар девони суханвар омадааст, аммо минбаъд бо айби котибон матни аслии байт тағйир пазируфта ва мусаҳҳеҳони китоби номаҳо низ онро ба ҳамон сурат овардаанд.

Дар номаи дигари худ, ки таҳти рақами 55-ум қарор дорад, Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар хусуси махсусиятҳои равиши роҳи Илоҳ, тафовути равандагон, фарқи хосу ом дар фаҳми маонии ирфонӣ, ба дил бояд дар роҳи Худо рафтан, фарқи табиби дил аз табиби қолаб, ба гӯшу чашм ғайриимкон будани фаҳми суханони аҳли дил ва ғ. баҳс намуда, таъкид месозад, ки мардуми омӣ ва мубтадиён бояд дар ҳар кор ручӯъ ба олим ва муршиде намоянд, зеро онҳо монанди беморе ҳастанд, ки ниёз ба

табиб доранд. Ҷое ҳамчун муршиди комил мухотабро панд медиҳад, ки чун уҷб расид, тарки тоат намудан беҳ бувад ва барои истишҳод байти зеринро бидуни зикри муаллиф меорад:

Ба ҳар-ч аз роҳ **бозафтӣ**, чӣ (куфр) он **(дин)**-у чӣ имон,

Ба ҳар-ч аз дӯст вомонӣ, чӣ зишт он нақшу чӣ зебо [11, с. 438].

Байти мазкур аз қасидаи «Макун дар ҷисму ҷон манзил, ки ин дун асту он воло»-и Саноии Ғазнавӣ буда, дар девони суханвар ба гунаи зер омадааст:

Ба ҳар-ч аз роҳ **дур афтӣ**, чӣ куфр он **ҳарфу** чӣ имон,

Ба ҳар-ч аз дӯст вомонӣ, чӣ зишт он нақшу чӣ зебо [2, с. 51; 10, с. 34].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаи дигари худ, ки дар ин нусха зайли шумораи 68-ум омадааст, нахуст аз шарҳи ояти «Аллоҳу йataваф-ал-анфуса ҳина мавтиҳо» (маъхуз аз сураи Зумар (39), қисмати аввали ояти 42 аст. Худованд дар ин оят мефармояд: «Худо рӯҳҳоро наздики марги онҳо қабз мекунад…»- З.Ҳ.)- ро пурсидани мухотаб ёд намуда, мегӯяд, ки шарҳи комили ин оят дар як нома намеғунҷад ва чанд муҷаллад мехоҳад. Сипас, ба тафсил дар бораи фарқи донандагони маънои Қуръону олимон аз ноқилону ҳофизони Каломи Худо баҳс мекунад ва мегӯяд, ки агарчи ноқилону ҳофизон бисёранд ва чандин қавл дар тафсири ин оят медонанд, ин ҳанӯз илм набошад, зеро донистан дигару сухани дигаронро ёд гирифтан ва ё ҳифз кардан дигар бошад. Ба андешаи Қозӣ донистани маънои оёт нафареро мемонад, ки лаззати асал медонад ва аз он бевосита хӯрдааст ва мегӯяд, ки он ширин аст, аммо хондану ёд гирифтан ва ҳифз намудани оёт мисоли шахсе бошад, ки номи асал ба чанд забон медонад, вале боре онро надида ва маззаи он ночашида мегӯяд, ки он ширин аст [12, с. 47-48]. Ҷое дар бораи фарқи ҳофизони кулли Қуръон, ки маънои он надонанд ва орифоне, ки ба маърифати Худо даст ёфтаанду панҷоҳ оят ё сураи Фотиҳаро ҳифз надоранд, баҳс мекунад ва барои тақвияти фикр аз Билоли Ҳабашӣ ёд намуда, барои истишҳод ду байт аз Ҳаким Саноӣ меорад. Чунонки гӯяд: «Эй дӯст! Билоли Ҳабашӣ мегуфт: «Ашҳаду анна ло илоҳа иллаллоҳу». Ба «син» мегуфт, ба «шини муъҷам» наметавонист гуфт. Пас, Саййид- салъам- гуфт: «Сину Билоли индаллоҳи шин». Аммо Бӯҷаҳл ва Бӯлаҳаб «ашҳад» рост битавонистандӣ гуфт. Чӣ гӯйӣ аҳли Қуръон, аҳлуллоҳи ва хосатуҳу Бӯҷаҳл буд, ё Билол?... Олимӣ на он аст, ки ту донистаӣ то ин ғоят. Саноӣ гӯяд:

Имомат гар зи кибру ҳирсу бухлу кин бурун н-ояд,

Ба дӯзах донаш аз маънӣ в-араш дар гулситон бинӣ.

В-агарчи тайласон дорад, машав ғарра бад-он, к-он ҷо

Яке тавқест аз оташ, ту он к-аш тайласон бинӣ» [12, 49-50].

Абёти мазкур аз «Қасидаи натиҷаи ҳоли Нишопур»-и Ҳаким Саноӣ буда, дар нусхаи Мударриси Разавӣ ба гунаи зер омадааст:

Имомат гар зи кибру ҳирсу бухлу кин бурун н-ояд,

Ба дӯзах донаш аз маънӣ **гараш** дар гулситон бинӣ.

В-агарчи тайласон дорад, машав ғарра, **ки дар дӯзах**

Яке тавқест аз оташ, **ки онро** тайласон бинӣ [2, с. 709].

Аз ҳошияи сафҳаи нусхаи Мударриси Разавӣ маълум мешавад, ки ҳеч як аз нусхаҳои зери дасти ӯ буда, айни абёти номаи мазкури Айнулқузот нест. Аз ин рӯ, абёти мазкури номаи Қозиро метавон ба ҳайси яке аз нусхаҳои қадим ва даврони зиндагии Ҳаким Саноӣ пазируфт ва дар нашрҳои минбаъда ва нусхаҳои илмӣ-интиқодии девони суханвар ба эътибор гирифт.

Айнулқузот дар қисмати поёни номаи мазкур ба тафсил пиромуни ишқи ҳақиқӣ баҳс намуда, ҷое барои шоҳид рубоии зерро бидуни зикри муаллиф меорад, ки бешак аз Ҳаким Саноӣ аст. Чунонки гӯяд: «Бидояти ин кор ишқ аст, то расӣ он гаҳ бинӣ. Ҳоле донам, ки дурӣ, эй азиз!

Бар сини **сипеҳри** сир сипоҳ омад ишқ,

Бар кофи **кулоҳи гул** кулоҳ омад ишқ.

Бар мими мулуки мулк моҳ омад ишқ,

Бо ин ҳама як қадам зи роҳ омад ишқ» [12, с. 59].

Мударриси Разавӣ дар девони Ҳаким Саноӣ рубоии мазкурро бо андаке тағйир ва табдили мисраъҳои дуюм ва сеюм овардааст:

Бар сини сарири сир сипоҳ омад ишқ,

Бар мими мулук **подшоҳ** омад ишқ

Бо кофи **камоли** кул кулоҳ омад ишқ,

Бо ин ҳама як қадам зи роҳ омад ишқ [2, с. 1149].

Аз ҳошияи сафҳаи нусхаи Разавӣ маълум мешавад, ки дар яке аз нусхаҳо рубоии мазкур монанди номаи Айнулқузот омадааст [2, с. 1149]. Мураттиби «Осори мунтахаб»-и Ҳаким Саноӣ зоҳиран рубоии мавриди баҳсро аз нусхаи Мударриси Разавӣ баргузида ва онро ба гунаи зер хондааст:

Бар сини сарир **сарсипоҳ** омад ишқ,

Бар мими мулук **подшоҳ** омад ишқ

Бо кофи **камоли** кул кулоҳ омад ишқ,

Бо ин ҳама як қадам зи роҳ омад ишқ [9, с. 298].

Зоҳиран нусхаи нисбатан саҳеҳ ва ба асл наздики рубоии мавриди баҳс дар «Тамҳидот»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба назар мерасад, ки онро ба таври зер метавон хонд:

Бар сини сарири сир сипоҳ омад ишқ,
Бар кофи каломи кул кулоҳ омад ишқ.
Бар мими мулуки мулк моҳ омад ишқ,
Бо ин ҳама як қадам зи роҳ омад ишқ [14, с. 114].

Дар сурати дуруст будани фикри мазкур мусаҳҳеҳони нусхаҳои баъдии девони Ҳаким Саноиро лозим аст, ки дар тасҳеҳи рубоии мазкур нусхаи «Тамҳидот»-ро ҳамчун яке аз нусхаҳои қадима ба эътибор бигиранд. Зеро дуктур Афифи Усайрон, ки мусаҳҳеҳи китоби «Тамҳидот» мебошад, аз чӣ сабаб бошад, ки ҳангоми тасҳеҳ ва таҳияи «Номаҳо»-и Айнулқузот ҳамроҳи дуктур Алинақии Мунзавӣ нусхаи нисбатан саҳеҳи рубоии мазкурро, ки дар «Тамҳидот» омадааст, ба назар нагирифтааст.

Ҳаким Саноӣ дар яке аз рубоиёти худ, ки баёнгари ишқи ирфонӣ ва ваҳдати вуҷуд аст, мефармояд:

То бо худӣ арчи ҳамнишинӣ бо ман,
Эй бас дурӣ, ки аз ту бошад то ман.
Дар ман нарасӣ то нашавӣ аз худ гум,
К-андар раҳи ишқ ё ту гунҷӣ ё ман [2, с. 1161].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар яке аз номаҳои худ, ки зайли шумораи ҳафтоду якум омадааст, байти сонии рубоии мазкурро бидуни зикри сарояндаи он ба гунаи зер овардааст: «Агар пашшае ошиқи бод ояд, чӣ гӯйӣ ҳаргиз висол миёни эшон тавонад буд? Ҳайҳот! …

Дар ман нарасӣ то нашавӣ **як бо ман**,
К-андар раҳи ишқ ё ту гунҷӣ ё ман» [12, с. 84].

Айнулқузот дар номаи дигари худ, ки зайли рақами ҳаштоду ҳафт омадааст, баъд аз дуои мухотаб нахуст аз се нома дар ҷавоби пурсиши ӯ навиштани худ ёд мекунад ва мегӯяд, ки пеши ҳар кас баён намудани ин улум ҳаром бошад ва танҳо онҳое, ки дар мақоми ризо ва мақомоти соликони пухта қарор доранд, дарки ин маонӣ метавонанд кард [12, с. 212-213]. Сипас, ҳамчун орифи беназир аз мақоми ишқ ва аҳволи ошиқони ҳақиқӣ сухан карда, барои истишҳод рубоии зеринро бидуни зикри муаллиф меорад: «Ин ҷо пайдо нест, ки хол кадом аст ва ҷамол кадом? …Агар ошиқ шавӣ, фарқ надонӣ миёни рӯйи дӯст ва мӯйи дӯст… ин ҷо доноӣ дар нодонӣ гум шавад. Ин ҷо дил ҷуз бедилонро набувад... Басо саро, ки ин ҷо дар сар карданд, ин ҷо бувад, ки сар бохтан ва сар ёфтан як таъм дошт:

Чун ман набувад кас ба ҷаҳон дархури ишқ,
З-он бар сари ман ниҳод чарх афсари ишқ.
Якбора шудам ба табъи дил чокари ишқ,
Дорам сари он, ки сар кунам дар сари ишқ» [12, с. 214-215].

Рубоии мазкур дар девони Ҳаким Саноӣ ба гунаи зайл омадааст:

Ҷуз ман ба ҷаҳон набуд кас дархури ишқ,
З-он бар сари ман ниҳод чарх афсари ишқ.
Якбор ба табъи хуш шудам чокари ишқ,
Дорам сари он, ки сар кунам дар сари ишқ [2, с. 1149].

Айнулқузот дар номае, ки таҳти рақами наваду якум омадааст, ҷое дар раҳи ишқ сарсупурда будан, ҷон бохтан ва ба ҳар балою дард розӣ ва шокир буданро аз шарти адаб медонад ва баъд аз ишораи кӯтоҳ ба қиссаи қурбонӣ намудани Иброҳими Халил рубоии зеринро меорад: “Ин ташриф на бас аст Халилро, ки гӯянд: “Исмоилро қурбон кун”. Ҷони худ бояд, ки ба шукронаи ин дар миён ниҳад, ки ӯро бар чунин маҳаке зананд.

Рӯзе, ки бувад **дилам** зи ҷонон пурдард,
Шукрона ҳазор ҷон фидо бояд кард.
К-андар сари кӯйи ошиқӣ, эй сарамард,
Бе шукр қафои некувон натвон хвард» [12, с. 243].

Рубоии мазкур аз рубоиёти Ҳаким Саноӣ буда, дар нусхаи Мударриси Разавӣ мисраи якуми он «Рӯзе, ки дилат бувад зи ҷонон пурдард» омадааст [2, с. 1130]. Зоҳиран «дилат» гуфтан нисбат ба «дилам» саҳеҳ аст, зеро суханвар ба мухотаб мегӯяд: эй некмард, рӯзе, ки дилат аз ғами маъшуқ пурдард гашт, бояд ба он дарду бало шукрона намоӣ ва бар ивазаш на як, балки ҳазорон ҷон фидо созӣ. Аз ҳошияи сафҳаи номаи мазкур маълум мешавад, ки дар яке аз нусхаҳо «дилат» омадааст, вале мусаҳҳеҳони китоб вожаи «дилам»-ро, ки дар се нусха омадааст, пазируфтаанд [12, с. 243]. Мусаҳҳеҳони китоби «Номаҳо»-и Айнулқузотро лозим аст, ки дар нашрҳои баъдӣ он нусхаеро ба эътибор бигиранд, ки нисбатан саҳеҳ ва айни девони суханвар аст, на матни таҳрифшударо, ки дар чандин нусах ба такрор омадааст.

Айнулқузот дар номае, ки таҳти рақами наваду панҷум омадааст, барои истишҳод абёти зерро бидуни зикри муаллиф овардааст, ки аз ғазалиёти Ҳаким Саної мебошад:

«Соқиё, **пур шуд дил** аз тимор пур кун ҷомро,
Бар кафи ман неҳ се бода **давлати айёмро**.
То замоне бе замона **ҷону дил шодон кунем**,
Кам кунем аз дил замоне меҳнати фарҷомро.
Номи мо бар ях нигору соткине сар бимол,
Ҷуз ба беномӣ кӣ ёбад дар ду гетӣ номро?!» [12, с. 322].

Дар девони суханвар ғазали мазкур ҳамагӣ шаш байт аст ва байти якуму дувуми он ба сурати зер омадааст:

Соқиё, **дил шуд пур** аз тимор пур кун ҷомро,
Бар кафи **мо** неҳ се бода **гардиши ачромро**.
То замоне бе замона **ҷоми май бар каф ниҳем**,
Бишканем андар замона гардиши айёмро [2, с. 796].

Байти севуме, ки дар номаи мазкур омадааст [12, с. 322], дар девони суханвар ба назар намерасад [2, с. 796]. Аз ҳошияи сафҳа равшан мешавад, ки Мударриси Разавӣ аз абёте, ки дар номаи Айнулқузот омадааст, огоҳ аст [2, ҳошияи с. 796]. Аз муқоиса ва муқобалаи абёти мундариҷ дар номаҳо ва девони Саної маълум мешавад, ки зоҳиран Айнулқузот абёти мазкурро аз нусхаи дигар, ки дар замони зиндагии Ҳаким Саної дастрас буд, истишҳод намудааст, дар акси ҳол Мударриси Разавӣ дар ҳошияи сафҳа ба онҳо ишора мекард.

Айнулқузот дар поёнтари номаи мазкур нақле аз Шайх Барака- муршиди хеш меорад [12, с. 323] ва сипас сухан аз ишқ ва ошиқӣ намуда, барои истишҳод чаҳор байти зерро бе зикри муаллиф нақл мекунад, ки бешак аз нусхаҳои куҳани ашъори Саної ба ҳисоб мераванд. Чунонки гӯяд: «Ва он ки маъшуқи худро дар хоб низ надид, ӯро ошиқ кай гӯянд? Фарёд, аз пиндори беҳосил!

Эй пайки ошиқон гузаре кун ба боми дӯст,
Баргард бандавор ба гирди мақоми дӯст.
Гирди саройи дӯст тавофе куну бибин
Он бору борномаву он эҳтишоми дӯст.
Хоҳӣ, ки нархи мушк шикаста шавад ба Марв
Барзан ба зулфи пуршикани мушкфоми дӯст.
Хоҳӣ, ки бори нав камаре бандӣ аз Сарахс
Ҳамроҳи хеш кун ба сӯйи ман саломи дӯст [12, с. 323-324].

Дар девони Ҳаким Саної ғазали «Эй пайки ошиқон гузаре кун ба боми дӯст» 12 байт аст. Ду байти аввали мазкур дар девони Саної низ ду байти нахустини ғазал аст ва байнашон ҳеч фарқ ба назар намерасад. Байти севуми мазкур низ дар девони суханвар байти севум аст, аммо дар мисраи якуми ин байт ба ҷои «Марв» вожаи «Чин» омадааст [2, с. 819]. Байти чоруми мундариҷ дар номаи мазкур аз байти чоруми девон куллан фарқ мекунад, зеро мисраи ҳафтуми мазкур дар девони суханвар чун мисраи нӯҳум ва ба гунаи «Хоҳӣ, ки бори анбар бахшӣ ту аз Сарахс» омада ва мисраи ҳаштуми мундариҷ дар номаи Айнулқузот дар девони Саної ҳамчун мисраи чордаҳум ва бо андаке тағйир, яъне бар ивази «сӯйи ман» «сӯйи мо» омадааст [12, с. 324; 2, с. 819].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ на танҳо ҳангоми баёни андешаҳои ирфонӣ, балки ҳини шарҳу тавзеҳ ва тафсири оёти Қуръон ва аҳодиси Расул (с) низ аз ашъори Ҳаким Саної мадад ҷустааст. Аз ҷумла, дар номаи 127-ум ҷое аз шифобахшанда ва шарҳи маъҷунҳои бемориҳои мухталиф будани Қуръон ёд намуда, барои истишҳод байтеро бидуни зикри муаллиф аз Саноии Ғазнавӣ овардааст. Чунонки гӯяд: «В-агар на он будӣ, ки маъҷунҳои рангоранг будӣ дар Қуръон Худойи таоло нагуфтӣ, ки «Қул куллуй йаъмалу ъало шокилатиҳи» (маъхуз аз сураи Исро (17), қисмати оғози ояти 84-ум аст. Худованд мефармояд: «Бигӯ: «Ҳар касе бар тариқаи худ кор мекунад…» -З.Ҳ.). Маънӣ он аст, ки ҳар бемор аз маъҷун хӯрад, ки пайғамбар-салъам- фармояд, ки ин вайро суд дорад. Яке ин маъҷун хӯрад, ки «фаълам аннаху ло илоҳа иллаллоҳу» (маъхуз аз сураи Муҳаммад (47), қисмати аввали ояти 19-ум аст. «Пас, яқин кун, ки ба ҷуз Худо ҳеҷ маъбуде нест…»- З.Ҳ.) ва яке ин хӯрад, ки «Ва ақиму-с-салота ва ату-з-закота» (маъхуз аз сураи Бақара (2), қисмати аввали ояти 43-юм аст. «Ва намозро барпо доред ва закотро бидиҳед…»- З.Ҳ.) ва яке ин хӯрад, ки «Ит-тақуллоҳа ва зару мо бақийа мина-р-рибо» (маъхуз аз сураи Бақара (2), қисмате аз миёнаи ояти 278-ум аст. «…аз Худо ҳазар кунед (ва агар аз аҳли имон ҳастед), он чиро, ки аз суд мондааст, тарк кунед» - З.Ҳ.) ва яке ин хӯрад, ки «унзуру мозо фи-с-самовоти вал арзи» (маъхуз аз сураи Юнус (10), қисмате аз миёнаи ояти 101-ум аст. «…Бибинед, ки дар осмонҳову замин чӣ чиз аст?...»- З.Ҳ.) ва яке ин хӯрад, ки «фаътабиру йа ули-л-абсори» («…Пас, ибрат гиред, эй соҳибони дидаҳо», маъхуз аз сураи Ҳашр (59), қисмати охири ояти 2-юм аст- З.Ҳ.) ва бештар Қуръон ҳама шарҳи маъҷунҳо ва матбуҳҳо ва шарбатҳои бемории мухталифи халқ аст.

Аввалу охири Қуръон зи чӣ «бо» омаду «син»,

Яъне андар раҳи дин раҳбаратон Қуръон бас» [12, с. 485-486].

Байти фавқ аз қасидаи «Даргаҳи халқ ҳама зарқу фиреб асту ҳавас» буда, дар нусхаи Мударриси Разавӣ ба гунаи зайл омадааст:

Аввалу охири Қуръон зи чӣ «**бе**» омаду «син»,

Яъне андар раҳи дин раҳбаратон Қуръон бас [2, с. 309].

Зоҳиран асли сурудаи Ҳаким Саноӣ ҳамон аст, ки дар номаи мазкури Айнулқузот истишҳод шудааст [12, с. 485-486]. Аз ҳошияи сафҳаи девон низ маълум мешавад, ки дар яке аз нусхаҳо «бо» омада, вале мусаҳҳеҳи китоб онро сарфи назар намудааст [2, ҳошияи с. 309].

Айнулқузот дар номае, ки таҳти рақами 155-ум омадааст, дар хусуси одоби пир ва мурид сухан намуда, ҳар як фармудаи пирро барои мурид чун хилъати Илоҳӣ медонад, ки ҳар ҷо бувад дар ҳимояти он хилъат бошад ва парокандагии муридро сабаби дур шудани ӯ аз ҳимояти пир меҳисобад ва барои истишҳод байти зерро бидуни зикри муаллиф меорад:

Ё бирав ҳамчун занон рангеву бӯйе пеш гир,

Ё чу мардон андар ойу гӯй дар майдон фикан [13, с. 435].

Байти мазкур аз қасидаи «Барги бебаргӣ надорӣ, лофи дарвешӣ мазан»-и Ҳаким Саноӣ буда, дар «Девон» ва «Осори мунтахаб»-и суханвар айнан омадааст [2, с 484; 10, с 94].

Афзун ба ин, Айнулқузоти Ҳамадонӣ боз чанд байти дигари Ҳаким Саноиро бидуни зикри гӯянда дар «Номаҳо» ва «Тамҳидот»-и худ истишҳод намудааст, ки баён ва қиёсу муқобалаи ҳамаи онҳо бо «Девони ашъор»-и суханвар баҳси алоҳидаро меҳоҳад.

Аз таҳқиқи ин мавзӯъ ва муқоисаву муқобалаи «Девони ашъор»-и Ҳаким Саноӣ бо ашъори истишҳодшудаи ӯ дар «Номаҳо»-и Айнулқузот метавон ба ин натиҷа расид:

1. Айнулқузоти Ҳамадонӣ (тахмин 1096- 1131) аз ҳамзамонони Ҳаким Саноӣ буд ва пеш аз ӯ дар синни 35-солагӣ ба шаҳодат расид.

2. Ҳаким Саноӣ ҳамчун суханвари ориф ҳанӯз дар замони зиндагии худ обрӯ ва маъруфияти беназир дошта ва сурудаҳояш дар осори ҳамзамонон ҳамчун истишҳод нақл шудааст.

3. Айнулқузоти Ҳамадонӣ бо он ҳама дониш, ҳунари нависандагӣ ва мақом дар тасаввуф Ҳаким Саноиро ҳамчун суханвари ориф ва беназир эътироф мекарда ва дар осораш аз сурудаҳои ӯ мадад ҷустааст.

4. Овозаи шуҳрати Ҳаким Саноӣ ва сурудаҳои ӯ ҳанӯз дар даврони зиндагияш на танҳо дар Ғазнину Балх ва Сарахс, балки то Ҳамадон ва дигар манотиқи форсизабонон расида ва дар маҳофилу маҷолиси аҳли тариқат ва осори сухансароёни ориф ба касрат нақл мешудааст.

5. Аз омӯзиш ва таҳқиқи мавзӯъ маълум мешавад, ки «Номаҳо»-и Айнулқузот ва «Девони ашъор»-и Ҳаким Саноӣ ниёз ба тасҳеҳ доранд ва ҷойи нусхаҳои интиқодии онҳо ҳанӯз холӣ аст.

6. «Номаҳо» ва «Тамҳидот»- и Айнулқузоти Ҳамадонӣ яке аз қадимтарин сарчашмаҳое мебошанд, ки дар замони зиндагии Ҳаким Саноӣ таълиф шудаанд ва метавонанд ҳамчун нусхаи куҳан дар тасҳеҳи ашъори ин суханвар хидмат кунанд.

7. Айнулқузоти Ҳамадонӣ на танҳо барои тасдиқ ва таҳвияти фикр аз ашъори Ҳаким Саноӣ мадад ҷуста, балки гоҳи зиёд бо андешаҳои орифонаи худ ҷиҳати маърифати абёти алоҳида ва рубоиёти суханвар хидмат аст.

8. Нусхаҳои боэътимоди осори Айнулқузотро метавон ҳамчун яке аз куҳантарин нусхаи ашъори Ҳаким Саноӣ ва ҳам шарҳномаи абёти алоҳидаи ин суханвари ориф пазируфт ва дар тасҳеҳу нашри нусхаҳои илмӣ-интиқодии осори ӯ ба кор гирифт.

АДАБИЁТ

1. Ғазнавӣ, Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноӣ. Макотиб. Ба кӯшиши Назир Аҳмад. -Теҳрон: Бунёди мавқуфоти дуктур Маҳмуди Афшор, 1379.- 415 с.

2. Ғазнавӣ, Ҳаким Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноӣ. Девон. Бо муқаддима ва ҳавошиву феҳраст ва саъйу эҳтимоми Мударриси Разавӣ. - Теҳрон: Интишороти Саноӣ, 1388. - 1227 (+яксаду шасту ҳафт) саҳ.

3. Деҳҳудо, Алиакбар. Фарҳанги мутавассити Деҳҳудо. Дар ду ҷилд. Зери назари дуктур Саид Ҷаъфари Шаҳидӣ. Ба кӯшиши Ғуломризо Ситуда, Эраҷ Меҳракӣ ва Акрам Султонӣ. - Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1385. Ҷилдҳои аввал ва дувум. -3224 саҳ.

4. Зоиров Ҳ. Адабиёти тасаввуф (асрҳои XI- XIII). - Хуҷанд: Ношир, 2013. - 236 саҳ.

5. Қуръони карим. Матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров. - Душанбе: «Эр-граф», 2011. - 640 с.

6. Мавлавӣ, Ҷалолуддин Муҳаммад. Куллиёти Шамси Табрезӣ. Ба инзимоми шарҳи ҳоли Мавлавӣ ба қалами Бадеъуззамон Фурӯзонфар. - Теҳрон: Муассисаи интишороти Амири Кабир, 1376. - 1570 с.
7. Мудаббирӣ, Маҳмуд. Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон. - Теҳрон: Понус, 1370. - 704 саҳ.
8. Фарманиш, Раҳим. Аҳвол ва осори Айнулқузот. - Теҳрон: Асотир, 1392. - 385 саҳ.
9. Ҳаким Саноӣ. Осори мунтахаб: Ҷилди 1. - Душанбе: Адиб, 1993. - 400 саҳ.
10. Ҳаким Саноӣ. Осори мунтахаб: Ҷилди 2. - Душанбе: «Адиб», 2004. - 296 саҳ.
11. Ҳамадонӣ, Айнулқузот. Номаҳо. Ҷилди аввал. Ба эҳтимоми дуктур Алинақии Мунзавӣ, дуктур Афифи Усайрон. - Теҳрон: Асотир, 1377. - 480 саҳ.
12. Ҳамадонӣ, Айнулқузот. Номаҳо.Ҷилди дувум. Ба эҳтимоми дуктур Алинақии Мунзавӣ, дуктур Афифи Усайрон. - Теҳрон: Асотир, 1377. - 488 саҳ.
13. Ҳамадонӣ, Айнулқузот. Номаҳо.Ҷилди севум. Ба эҳтимоми дуктур Алинақии Мунзавӣ. - Теҳрон: Асотир, 1377. - 444 саҳ.
14. Ҳамадонӣ, Айнулқузот. Тамҳидот. Бо муқаддима ва тасҳеҳу таҳшия ва таълиқи Афифи Усайрон. - Теҳрон: Интишороти Манучеҳрӣ, 1373. - 523 саҳ.

ВЛИЯНИЕ ТВОРЧЕСТВА САНОИИ ГАЗНЕВИ НА ПИСЕМ АЙНУЛКУЗОТА ХАМАДОНИ

Саноии Газнави оставил после себя бесценное творческое наследие, самыми известными из которых являются “Диван стихов”, маснави “Корномаи Балх”, “Сайр-ул-ибод илал маъод” «Хадикат-ул-хакика ва шариат-ут-тарика» и «Макотиб». Читая книгу автора “Девони ашъор” можно делать такой вывод, что Хаким Санои был мастером по написанию од, таркиббандов, газелей, мусамматов, мукаттаот, рубаи, которые составляют его книгу. Именно его поэтическое мастерство стало причиной того, что ряд его современных и последующих поэтов пошли по его стопам. Один из великих мыслителей, который выучил стихи поэта и одно время написал некоторые стихи Хакима Санои под своим именем, не показывая основного автора, Абдуллох ибн Мухаммад Миёнджи или по другому зовут Айнулкузот Хамадони. Как показывает исследование письма Айнулкузота Хамадони из творчества Хакима Санои имеют влиятельную силу и его стихи под подлинным автором могут служить как самыми древними свидетелями литературных источников и стать верным экземпляром для дальнейшего изучения творчества и переиздания «Диван стихов» Хакима Санои.

Ключевые слова: *Айнулкузат Хамадони, Санои Газнави, “Письма”, диван стихотворений, рубаи, ода, истишход*

THE INFLUENCE OF SANAI GHAZNAVI ON LETTERS AYNULQUZOT HAMADANI

Sanoi Ghaznavi left behind a priceless creative legacy, the most famous of which are "Diwan of poems", masnavi "Kornomai Balkh", "Sayr-ul-ibod ilal ma'od", "Hadiqat-ul-haqiqa wa Shariat-ut-tariqa" and "Makotib". Reading the author's book “Devoni ash'or(Diwan of poems)”, we can conclude that Hakim Sanoi was a master of writing odes, tarkibbands, ghazals, musammats, muqattaot, rubai, which make up his book. It was his poetic skill that caused a number of his contemporary and subsequent poets to follow in his footsteps. One of the great thinkers who learned the poems of the poet and at one time wrote some of the poems of Hakim Sanoi under his own name, without showing the main author, Abdulloh Ibn Muhammad Mienji or otherwise called Ainulkuzot Hamadoni. As the study shows, Ainulkuzot Hamadoni's letters from Hakim Sanoi's work have an influential force and his poems under the original author can serve as the most ancient witnesses of literary sources and become a faithful copy for further study of the work and reissue of Hakim Sanoi's "Diwan of poems".

Keywords: *Aynulquzot Hamadani, Sanai Ghaznavi, “Letters(Nomaho)”, the Diwan of poems, the Rubaiyat, an ode, istishhad*

Сведения об автора:

Зоиров Халимджон*, к.филол.. н., заведующий общеуниверситетской кафедрой таджикского языка ГОУ «ХГУ им. акад. Б. Гафурова» (Таджикистан, Худжанд) E-mail: z.halimjon@mail.ru*

About the author:

Zoirov Khalimjon, *candidate of philological sciences, head of the all-University chair of the Tajik language under the State Educational Institution "KhSU named after acad. B. Gafurov (Tajikistan, Khujand) E-mail: z.halimjon@mail.ru*

СВОЕОБРАЗИЕ ПЕЙЗАЖА В ПОЭЗИИ АБУЛЬКАСИМА ЛАХУТИ

Хабибуллоева Н.Н.
Таджикский государственный институт языков имени С. Улугзода

Абулькасим Лахути один из выдающихся поэтов XX столетия. Его имя хорошо известно широкому кругу читателей не только в Таджикистане и странах СНГ, но и за её пределами. Стихи Абулькасима Лахути вызвали живой отклик. Они были у всех на устах.

Первые литературоведческие взгляды о Лахути, были выдвинуты основоположником советской таджикской литературы Садриддином Айни в антологии «Образцы таджикской литературы» в 1926 году, еще до прибытия Абулькасима Лахути в Таджикистан.

Ученый, литературовед, вложивший крупный вклад в изучение творчества А. Лахути, Махмуд Давлатов в 1973 году издал книгу «Ғазал ва анъанаи он дар эҷодиёти Абулқосим Лоҳутӣ» («Газель и ее традиция в творчестве устода Абулькасима Лахути»). Автор изучив лирические газели Лахути в восточной поэзии, традиции короткого любовно-лирического стихотворения в классической персидско-таджикской литературе, отметил ряд смелых художественных исканий поэта-новатора.

В преддверии столетия А. Лахути сотрудники института Языка и литературы имени А. Рудаки Академии наук Республики Таджикистан А. Абдуманнонов, Х. Отахонова. Х. Шодикулов напечатали книгу под названием «Абулькасим Лахути» (1987), которая является единственным источником достоверных фактов о жизни и творчестве Лахути.

В 2008 году вышло в свет книга Худойназара Асозода «Приключения Лахути», где приведены много исторических фактов и достоверных материалов о литературной и культурной деятельности Лахути.

Первая поэма А. Лахути «Кремль» написана 1923 году, это встречное стихотворение на знаменитую касыду «Развалины Медоина» Хокони Ширвани крупнейшего поэта XII века, которое дало этому традиционному жанру новое развитие.

Поэма «Мы победим!», которую Лахути написал 1930 году относится к лучшим произведениям таджикской поэзии. Данная поэма, это противопоставления двух миров - расцвета социализма и обреченность капитализма.

Одно из лучших произведений Лахути поэма «В Европе» (Путешествия в Фарангистан) написанная 1935 году, после участия Лахути в работе международного антифашистского конгресса защиты культуры в Париже.

В 1947 году Лахути пишет свое большое эпическое произведение о победе простых людей в его борьбе за счастье. Подчеркивая прямую связь своей поэмы с фольклором, Лахути дает ей название «Пери Счастья».

У Лахути был значительный опыт в создании образцовых стихотворений, таких как «Три капля», «Меч завоевателя», «Гора и Зеркало», а также ряд стихов «Для слепого Хафиза», «Гвардии Отечество», где показывает возможность изображения, реальной жизни.

Проблема человека является основной проблемой общенародной значимости, которая затрагивает интересы народных масс, стремящихся к освобождению. Лирика, где изображается внутренняя жизнь человека, отражает историческую обстановку, которая его окружает и в передаче особенностей природы языка, отвечающий самому духу языка природы. Изображая какой-либо внешний предмет, явление природы, поэт старается передать его отношения к человеческим переживаниям, которые им же, и вызваны.

Пейзаж – один из компонентов мира литературного произведения, изображения незамкнутого пространства.

Пейзажная лирика является обширным и глубоко разработанным жанром поэзии.

Пейзаж не только воспроизводит картину природы, а дает определенное к ней отношения, раскрывает картину внутренней духовной жизни человека.

Пейзажная лирика – это отображение словами того, что поэт видит вокруг себя. Поэт может восхищаться падающим снегом, тихим шелестом листвы, шепотом ветра и бездонным небом. При виде природы поэт описывает красоты окружающего мира, и в том числе родных мест. Эти описания могут быть грустными, радостными и спокойными.

Человек и природа едины, поэтому природа олицетворяет человеческую душу. С помощью природных явлений, растений, животных и птиц приписываются черты человеческие, а их поведение похожи на человеческие действия.

Национальное своеобразие проявляется в использовании тех или иных пейзажных образов в литературном портрете.

Если в классической персидско-таджикской поэзии характерно употребление «красавица луна, походка куропатки, стон кипариса, глаза газели», взятые для сравнения и обозначения женской красоты. У всех народов фиксируется устойчивая традиция, обращения к пейзажным образам. Пейзажный образ в контексте приобретает богатую символику, тогда когда становится многозначным:

Взлетай, ликуй, свободный соловей,
Над розою счастливою своей!
Рассыпь на землю серебристый гром,
Мелодию навстречу солнцу лей!
Пусть мир услышит, что родной твой сад
Еще прекрасней стал, еще пышней
Любуйся нежным пурпурным цветов
И плодоносной тяжестью ветвей!
Той тополю: свободно ввысь расти!
Тюльпану пой: красуйся, пламеней!
Запой – и всюду смолкнут соловьи –
Певцы иных садов, иных полей, –
С восторгом песню слушая твою,
Акын Джамбул, казахский соловей! [5, с.160]

В своих притчах Лахути в качестве персонажей использует птиц, животных, насекомых, неодушевленные предметы и людей. Например, в притче «Гора и зеркало», которая была написана в 1933 году, где присутствует гора, зеркало, юноша в зеркале и отец юноши. У подножия величественной степи лежит огромная гора. Молодой человек повернулся спиной к горе и хотел увидеть гору в зеркале своей руки, чтобы рассказать людям секрет горы. Поскольку большая гора не полностью отражается в маленьком зеркале, он начинает идти вперед. Вдали, гора отражается в зеркале руки молодого человека, но ее величие не оставляет следов. Отец осуждает действия сына:

«Послушай! У юношей пылки сердца.
Последуй благому совету отца!
Рвать финики с ивы – волшебнику впору!
Не легче увидеть и в зеркале гору! [3, с.447]

Стихотворение «Восток» было написано в Багдаде 1914 году, имеет революционный мотив и критикует империалистов. Пейзажные образы представляют собой состояние души поэта, чувства родины:

О, свет и ясность летных дней Востока,
Очарованье гор, полей Востока!
Едва глаза сомкну, душа моя
Стремится птицей вдоль полей Востока,
Где краше сад цветет, где соловьи
Нежной поют, чем соловей Востока?
Востока солнце ласковая мать,
Но черен путь иных детей Востока!
Торгаш продавший родину врагу,
Что купишь ты, скажи, ценней Востока?
Сплотись, родной народ, и поднимись
На чужеземных палачей Востока?
Увижу ли прекрасный тот рассвет,
Когда взовьется стяг алей Востока?
Восток – в беде! Отдай, о Лахути
Всю жизнь во имя светлых дней Востока! [5, с.46]

В стихах Лахути прослеживаются следы той традиции, которым он следует сознательно, или невольно безотчетно подражает стилям классиков персидско-таджикской литературы. Например, величайший лирик XIV века Шамсиддин Хафиз, большую часть его поэтического наследства составляют газели, в которых иносказательные образы, аллегории, и символы достигают высокого совершенства:

Пальцы я грызу в досаде и вздыхаю без конца,
Что горю я весь, как роз, страсти огненной бедой,
Был вчера я очарован песней звонкой соловья –
Роза уши распустила и бутон свой молодой. [11, с.44]

Изображая какой- либо внешний предмет, явления природы, поэт передает, раскрывая его отношения к человеческим переживаниям, которые им же и вызваны.

Я гнездо увидел средь густых ветвей,
Свил его весною звонкий соловей,
Свил, влюбленный в розу, в пышном цветнике,
В потайном зеленом, тихом уголке.
Раз, меня заметив в чаще близ гнезда,
Стаями слетелись соловьи туда.
Тишина, молчанье, щелканье и свист,
Слышу, распевают, славя свой цветник,
Рокот соловьиный в сердце мне проник.
Расплескалась трели по садам, лесам,
Вслед за соловьями я запел и сам… [5, с.175-176]

Вода – это источник жизни на земле, все живое в природе не могут жить без воды. Когда вода течёт с гор с такой силой, что разрушает построенные мосты. Вода сравнивается со степным хищником, дерзким вором, злым волшебником. Стихи были написаны в 1936 году, когда народ не мог пересекать реку, благодаря большевикам и советской власти, начали строиться бетонные мосты.

Здравствуй, Вахш, угрюмый Вахш,
Здравствуй, Дикая река!
Дай словечка мне сказать,
Не сердись на земляка…
Помнишь, летом ты вола
У меня волной унес?
С тем волом ты, дерзкий вор,
От меня покой унес.
Но пришли большевики,
Поглядели на тебя –
Как вола, в ярмо впрягли, –
Мост надели на тебя
Побежден волшебник злой,
Хищник приручен степной,
Не смирился б лютый Вахш,
Если б не советский строй. [2, с.8]

Учёные, писатели, литературоведы, поэты, которые вложили огромный вклад в изучении творчества А. Лахути, отметили, что пейзажная лирика поэта внесла большой вклад в развитии не только советской, таджикской литературы, но и за её пределами.

ЛИТЕРАТУРА

1. Абдуманонов А. Абулькосим Лахути: (Крат. очерки) / А.Абдуманонов, Х. Отахонова, Х. Шодикулов. А. – Душанбе: Адиб, 1987. – 158 с.
2. Абулькасим Л. Ветер утро / Л. Абулькасим. – М.: Изд-во Художественная литература, 1967. – 33 с.
3. Абулькасим Л. Избранное / Л. Абулькасим. – М.: Изд-во Художественная литература, 1987. – 622с.
4. Абулькасим Л. Избранные стихотворения / Л. Абулькасим. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 320 с.
5. Абулькасим Л. Стихотворения и поэмы / Л. Абулькасим. Перевод Ц. Бану. Ленинградское отделение, 1981. – 494 с.
6. Асозода Х. Таджикская литература. учебник 11 класса / Х. Асозода, А. Кучаров. – Душанбе, 2007. – 400 с.
7. Давлатов М. Газель и ее традиция в творчестве Абулькасима Лахути. (на тадж. яз.) / М. Давлатов. – Душанбе: Дониш, 1973. – 190 с.
8. Киёмиддин С. Избранное стихотварение Абулькосима Лохути / С. Киёмиддин. – Душанбе: Детская литература, 2012. – 232 с.
9. Кухзод У. Лахути и после него / У. Кухзода. – Душанбе - 2002. – 100 с.
10. Умарова С. Изучение жизни и творчества Абулькасима Лахути в средней школе: (Метод. пособие) / С. Умарова. – Душанбе: Маориф, 1986. – 86 с.
11. Хофиз Ш. Газели. Избр. худож. Литературы. перевод Е. Дунаевского. – М., 1969. – 87с.

СВОЕОБРАЗИЕ ПЕЙЗАЖА В ПОЭЗИИ АБУЛЬКАСИМА ЛАХУТИ

В статье рассматривается описания явлений природы в литературном произведении. Пейзаж передаёдся через восприятия поэта, его психологического состояние, об устойчивых чертах его мировосприятия.

Также отмечается мнения ученых, литературоведов, вложивший крупный вклад в изучение творчества А. Лахути, Махмуд Далатов в 1973 году издал книгу «Ғазал ва анъанаи он дар эҷодиёти Абулқосим Лоҳутӣ» («Газель и ее традиция в творчестве устода Абулькасима Лахути»).

Национальное своеобразие проявляется в использовании тех или иных пейзажных образов в литературном портрете. В классической персидско-таджикской поэзии характерно употребление "красавица луна", "походка куропатки", "стон кипариса", "глаза газели", взятые для сравнения и обозначения женской красоты. У всех народов фиксируется устойчивая традиция, обращения к пейзажным образам. Пейзажный образ в контексте приобретает богатую символику, тогда, когда становится многозначным.

В лирике поэта, где изображается внутренняя жизнь человека, отражает историческую обстановку, которое его окружает и в передаче особенностей природы языка, отвечающий самому духу языка природы.

Далее, отмечается, что, изображая какой-либо внешний предмет, явление природы, поэт старается передать его отношения, к человеческим переживаниям, которые им же и вызваны. Так он создаёт красочное определение явления природы.

Ключевые слова: *пространство, горы, природный мир, шепот ветра, источник жизни, растения, человеческое переживание, падающий снег, роза и соловей, свеча и мотылек.*

THE ORIGINALITY OF THE LANDSCAPE IN THE POETRY OF ABULKASIM LAHUTI

The article deals with the description of natural phenomena in a literary work. The landscape is transmitted through the perception of the poet, his psychological state, about the stable features of his worldview.

Also noted are the opinions of scientists, literary critics, who made a major contribution to the study of the work of A. Lahuti, Mahmud Dalatov in 1973 published the book "Gazal va ananai on dar ejodioti Abulkosim Lohuti" ("the Gazelle and its tradition in the work of ustod Abulkasim Lahuti").

National identity is manifested in the use of certain landscape images in a literary portrait. In classical Persian-Tajik poetry, the use of "beautiful moon", "partridge's gait", "cypress's moan", "Gazelle's eyes" is characteristic, taken for comparison and designation of female beauty. All peoples have a stable tradition of turning to landscape images. A landscape image in context acquires rich symbolism when it becomes ambiguous.

In the poet's lyrics, which depict the inner life of a person, reflects the historical situation that surrounds him and in the transmission of the features of the nature of the language, which corresponds to the very spirit of the language of nature.

Further, it is noted that by depicting an external object, a phenomenon of nature, the poet tries to convey its relationship to human experiences, which are also caused by it. So he creates a colorful definition of a natural phenomenon.

Keywords: *space, mountains, natural world, wind whisper, source of life, plants, human experience, falling snow, rose and Nightingale, candle and moth.*

Сведения об авторе:

Хабибуллоева Нилуфар Нурхоновна *- старший преподаватель кафедры теории и истории Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода* ***тел:*** *(+992) 907085718* ***E-mail:*** *gkarimjon@mail.ru* ***Адрес:*** *734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева17/6*

About the author:

Khabibulloeva Nilufar Nurkhonovna *- senior lecturer of the Department of theory and history of the Tajik state Institute of languages named after Sotim Ulughzoda* ***Phone:*** *(+992) 907085718,* ***E-mail:*** *gkarimjon@mail.ru* ***Address:*** *734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhamadiev Str. 17/6*

БАРРАСИИ «ДЕВОН»-И КАМОЛИ ХУҶАНДӢ АЗ ДИДИ МАТНШИНОСӢ

Оқилов О.Ҷ.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад.Б.Ғафуров

Камоли Хуҷандӣ аз суханварони номвару орифони машҳури садаи XIV мебошад, ки то имрӯз девони ашъори ӯ 12 маротиба аз ҷониби матншиносони Тоҷикистону Эрон тасҳеҳ, таҳия ва нашр шудааст. Дар навбати худ ин 12 нашр аз рӯйи чигунагии таҳияшавӣ ба ду гурӯҳ: илмӣ-интиқодӣ ва илмӣ-оммавӣ ҷудо мешаванд. Аз ин 12 нашр 6 нашр илмӣ-интиқодӣ ва 6 нашр илмӣ-оммавӣ мебошад. Тасҳеҳу таҳияи девони ашъори шоир аз рӯйи чигунагии равиши тасҳеҳ ва хронологияи нашр ва ба тариқи зайл аст:

I. Гурӯҳи аввал – нашрҳои илмӣ-интиқодӣ:

1 – Тасҳеҳи (аввали) Азизи Давлатободӣ соли 1958 дар Табрез;

2– Тасҳеҳи Козим Алиевич Шидфар соли 1975 дар Москва;

3 – Тасҳеҳи Шарифҷон Ҳусейнзода ва Саъдулло Асадуллоев солҳои 1986-87 дар Душанбе;

4 – Тасҳеҳи Аҳмади Карамӣ соли 1993 дар Теҳрон;

5 – Тасҳеҳи Эраҷи Гулисурхӣ соли 1995 дар Теҳрон;

6 – Тасҳеҳи (дуюми) Азизи Давлатободӣ соли 1996 дар Табрез;

II. Гурӯҳи дуюм – нашрҳои илмӣ-оммавӣ:

1 – Тасҳеҳи Шарифҷон Ҳусейнзода, Назира Қаҳҳорова, Саъдулло Асадуллоев солҳои 1983-84 дар Душанбе;

2 – Тасҳеҳи Саъдулло Асадуллоев соли 1995 дар Душанбе;

3 – Тасҳеҳи Маҷиди Шафақ соли 2010 дар Теҳрон;

4 – Тасҳеҳи Абдуҷаббори Суруш ва Саидумрон Саидов соли 2011 дар Хуҷанд;

5 – Тасҳеҳи Абдуҷаббори Суруш соли 2015 дар Хуҷанд;

6 – Тасҳеҳи Бадриддин Мақсудов соли 2015 дар Душанбе;

Ҳар як аз ин 12 нашр, новобаста аз расоӣ ва норасоиҳои илмӣ, аз дастовардҳои муҳимми адабиётшиносӣ ва матншиносии амалии девони шоир ба шумор рафта, ҳамзамон дорои вижагиҳои матншиносие мебошанд, ки дар маҷмӯъ муҳит ё фазои матншиносии ашъори Камоли Хуҷандиро ба вуҷуд меоранд. Аз ин рӯ, баррасии алоҳида ё муқоисавии ин нашрҳо имкон фароҳам меоварад, ки дар оянда нашри нисбатан дақиқтари девони ашъори Камоли Хуҷандӣ ба даст ояд.

Дар ин мақола, ки давоми мантиқии мақолоти ҳамин қабили нигоранда аст, талош бар он шуд, ки ҳусну қубҳи нашри Аҳмади Карамӣ дар муқоиса бо нашрҳои дигар муайян гардад.

Девони мавриди баррасӣ чаҳорумин нашри илмӣ-интиқодии девони шоир аст, ки онро Аҳмади Карамӣ бар асоси муқоисаву муқобалаи панҷ нусхаи хаттиву ду нашр (нашри Табрези соли 1337 ва нашри Маскави соли 1975) дар соли 1372/1993 дар Теҳрон ба табъ расондааст. Аммо худи мусаҳҳеҳ дар муқаддимаи девон тасҳеҳи илмӣ-интиқодяшро тасҳеҳи «бори савум»-и девони шоир (7, се) қайд кардааст, ки аз нашри илмӣ-интиқодии Ш.Ҳусейнзода ва С.Асадуллоев иттилоъ надоштани ӯро нишон медиҳад.

Нашри мазкур бо муқаддимае таҳти унвони «Шарҳи мухтасаре аз зиндагии Камол» оғоз гашта, мусаҳҳеҳ баъд аз баёни рӯзгори шоир ба зикри ном ба номи нусхаҳо, равиши кори худ ва ихтилофи нашру нусхаҳо ба таври мухтасар пардохтааст (7, як-чаҳор).

Мусаҳҳеҳ дар муқаддима мушаххасоти нусхаҳоро нишон надода, танҳо ба макони нигаҳдории онҳо ишора кардааст (7, се). Аммо аз панҷ нусхаи хаттии дақиқу муфассал аз тарафи Карамӣ муаррифинашуда ду нусха баъдан аз ҷониби Азизи Давлатободӣ дар муқаддимаи нашри дувум (1375/1996) ба таври зайл рӯнамоӣ шудааст: «…нусхаи шумораи 2482-и Маҷлиси Шӯрои Исломӣ (садаи 11) ва нусхаи шумораи 5299 Китобхонаи Малик (настаълиқи садаи 10)» (10, бисту панҷ).

Нашри мавриди назар нисбат ба нашрҳои қаблӣ беш аз ҳафтод ғазалро фаро гирифта, дар асоси нашри нахустини Азизи Давлатободӣ мураттаб гаштааст (7, чаҳор).

Нусхаҳои хаттии мавриди истифодаи Аҳмади Карамӣ дар тасҳеҳи нашри мазкур «нусхаҳои хаттии мавҷуд дар китобхонаи Маҷлиси Шӯрои Исломӣ ва китобхонаи Малик ва бо истифода аз китобхонаи Донишгоҳи Теҳрон ва нусхаи хаттии милкии худ ва нусхаи хаттии

музеи Ландан» (7, се) будааст. Нашри мазкур, чи хеле ки аз навиштаи мусаҳҳеҳ маълум мешавад, дорои 4 қасида, 1079 ғазал, 106 қитъа, 1 мустазод, 1 маснавӣ, 44 рубоӣ, 9 муаммо ва 9 фард аст, ки дар маҷмӯъ 8079 байтро ташкил медиҳад (7, чаҳор), мебошад.

Камолшинос А.Суруш, баъд аз қиёсу муқобалаи нашрҳои девони Камоли Хуҷандӣ ва таҳияи нашри соли 2015 оид ба теъдоди абёти нашри А.Карамӣ чунин навиштааст: «Вақте камина нусхаи омодакардаи хешро бо нусхаи Аҳмади Карамӣ қиёс кардам, муайян гардид, ки дар нусхаи ӯ як рубоӣ дар бахши қитъаҳо ва панҷ ғазал, ки ҳуруфи аввали онҳо дар нусхаҳои дастнавис тафовут доранд, дар се маврид такрор ва дар ду маврид таҳрифу такрор шудаанд. Аз ин рӯ, дар нусхаи Аҳмади Карамӣ теъдоди ғазалиёти Камол на 1079, балки 1074 ғазали комил аст… дар маҷмӯъ нусхаи Аҳмади Карамӣ фарогири 8047 байти ашъори Камоли Хуҷандӣ мебошад» (11, 6).

Сабаби сар задани ин иштибоҳро А.Суруш дар он медонад, ки А.Карамӣ бидуни муқоисаву татбиқи дақиқ аз нашри К.Шидфар истифода кардааст. Чунин такрор омадани ғазалҳо дар нашри Шидфар дида мешавад, ки ин хатои матншиносӣ бори аввал аз ҷониби камолшиноси фақид С.Асадуллоев дар асари «Камоли Хуҷандӣ» (Хуҷанд, с.1996) ошкор гардидааст (ниг.: 11, 9).

Новобаста аз саҳву иштибоҳоти матншиносӣ дар нашри Аҳмади Карамӣ дурустхониҳое дида мешавад, ки дар нашрҳои дигар ба назар намерасад. Ҳарчанд баррасии ҳамаи дурустхониҳо дар ҳаҷми ин мақола ғайриимкон аст, зарурати овардани мисолҳо ва муқоисаву муқобалаҳои онҳо ҳатмӣ мебошад. Барои он ки ба андешаи мо замоне расидааст, ки тасҳеҳоти гуногуне, ки доир ба ашъори Камоли Хуҷандӣ мебошанду то имрӯз рӯи кор омадаанд, бояд сарҷамъ ва хӯша-хӯшаву пора-пора шаклҳои дурусти шеърҳо аз онҳо ҷамъ гарданд. Чунонки агар аз ин манзар ба тасҳеҳи Карамӣ назар карда шавад, кори анҷомдодаи ӯ аҳаммияти вежае касб мекунад. Бо назардошти он, ки ин муҳаққиқ дар кори худ аз баъзе нусхаҳое, ки берун аз истифодаи муҳаққиқони пешин мондаанд, истихдом мекунад, кори ӯ аҳаммият ва мақоми хоссае дорад. Бояд зикр шавад, ки мақсади асосӣ ва ягонаи Карамӣ дар ҷамъу тадвини ашъори Камоли Хуҷандӣ, пеш аз ҳама ҷамъоварии ҳарчи бештари ашъор будааст. Аз ин рӯ, чунонки аз ишораи Абдуҷаббори Суруш ва пайгирона мутолиа кардани девон ҳам бармеояд, бархе дарҳамбарҳамиҳо дар кори ӯ вуҷуд дорад. Вале баҳои холисона ва мунсифона он ки дар тасҳеҳи бархе ғазалҳо ва абёти чудогона кори ӯ мақоми шоён дорад. Чунончи, калимаи «гум», ки дар байти зерини нашри Карамӣ дуруст хонда шудааст, дар нашрҳои дигар, ки зикрашон хоҳад омад, ба гунаи барғалати «кам» сабт ёфтааст.

Нашри Карамӣ:

Ғайр аз дили ошиқ чу нашуд чизи бутон <u>гум</u>,
Ин турфа чӣ карданд даҳонрову миёнро? (7, 17).

Нашрҳои Ш.Ҳусейнзода ва С.Асадуллоев, Эраҷи Гулисурхӣ:

Ғайр аз дили ошиқ чу нашуд чизи бутон <u>кам</u>,
Ин турфа чӣ карданд даҳонрову миёнро? (5, 36; 10, 20).
Ғайр аз дили ошиқ чу нашуд чизи бутон <u>кам</u>,
Ин турфа чӣ карданд миёнрову даҳонро? (8, 174).

Чунонки мушоҳида мешавад, дар нашри Эраҷи Гулисурхӣ дар мисраи дувум калимаҳои ҷуфтистеъмолии шеърии «даҳонрову миёнро» ба сурати «миёнрову даҳонро» сабт шудааст, ки чандон тағйироте дар мантиқи сухани шоир ворид намесозад. Аммо «гум»-ро ба гунаи «кам» хондану навиштани мусаҳҳеҳон далели камтаваҷҷуҳӣ ва гусастагии завқи адабиву шеършиносии онҳо ҳангоми бозхониву бознависии байти мазкур мебошад. Бояд ёдовар шуд, ки шоирони классики мо дар баёни матолиби ирфонӣ бештар ибораҳои «дил аз даст додан», «дил гум кардан»-ро ба кор бурдаанд. Албатта, ибораи «кам кардани дил» ҳам нодуруст нест, аммо дар байти мазкур мақеи дуруст надорад. Нуктаеро дар ин ҷо бояд ёдовар шуд, ки дар нусхаҳои хаттии асрҳои миёна аксар вақт ҳарфҳои ҳамшакли «гоф»-у «коф», «шин»-у «син», «чим»-у «ҷим» бидуни аломатҳои «саркаш» ва «нуқта» китобат мешуданд. Дар байти болоӣ низ чунин муносибат бо ҳарфи «гоф»-и калимаи «гум» аз тарафи котибон рух додааст, ки минбаъд аз бетаваҷҷуҳии мусаҳҳеҳон вориди нашрҳои интиқодӣ шудааст.

Бояд такроран ёдовар шуд, ки ҳанӯз аз тарафи устоди равоншод А.Насриддин нодурустии чунин тарзи хондану баргардондани калимаи мазкур, яъне мисли таъбири «ошиқони дунйӣ» маънӣ ва лутф надоштани ибораи «ошиқони динӣ» (1, 577) таъкид шудааст.

Дурустхониву дурустнависии калимаи «дунйӣ» аз тарафи Аҳмади Карамӣ дар байти зерин ба мушоҳида расид, ки дар нашрҳои Азизи Давлатободӣ (нашри аввал) ва Ш.Ҳусейнзода ва С.Асадуллоев ба шакли «динӣ» омадааст, ки ғалат аст. Чи тавре, аз тарафи нигоранда дар мақолаи қаблӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифт, калимаи мавриди назар дар байти ғазали нусхаи Китобхонаи Остони Қудси Разавии Машҳад таҳти №4739а ба гунаи «дунйӣ» омадааст (2, 67), ки ҳамзамон далел аз бозхониву бознависии дурусти Аҳмади Карамӣ дар мавридҳои муайян мебошад.

Нашри Карамӣ:

Донӣ, чӣ гуфт Исӣ бо ошиқони дунйӣ,

Чандин ҳичоб бинед аз нимсӯзани мо (7, 19).

Нашрҳои Азизи Давлатободӣ, Козим Шидфар, Ш.Ҳусайнзода ва С.Асадуллоев:

Донӣ, чӣ гуфт Исӣ бо ошиқони динӣ,

Чандин ҳичоб бинед аз нимсӯзани мо

(3, 79; 4, 40; 5, 39).

Нашри Гулисурхӣ бошад чунин омада:

Донӣ, чӣ гуфт Исӣ бо ошиқони диӣ,

Чандин ҳичоб бинед аз нимсӯзани мо (8, 177).

Зимни муқоисаи нашрҳо маълум шуд, ки ибораи «ошиқони динӣ» дар нашри дуюми Азизи Давлатободӣ ислоҳ шуда, ба сурати дурусти «ошиқони дунйӣ» сабт ёфтааст (10, 27). Чунин ранг гирифтани кор далели он аст, ки Давлатободӣ нашри Карамиро зери даст доштааст.

Диққату тааммули Карамӣ дар дуруст хондану навиштани калимаву ибораҳо ва интихоби имтиёзноки нусхабадалҳо боз дар мисоли калимаи «гӯш»-ро бар «кӯй» имтиёз додани ӯ дар байти навбатӣ ба назар мерасад. Чунин бартаргузории нусхабадалҳои ёдшуда дар нашрҳои Шидфар, Эраҷи Гулисурхӣ, Ш.Ҳусейнзода ва С.Асадуллоев дида мешавад.

Нашрҳои Козим Шидфар, Ш.Ҳусейнзода ва С.Асадуллоев, Аҳмади Карамӣ, Эраҷи Гулисурхӣ,:

Хурӯши нолаи мастон ба гӯши ӯ нарасид,

В-агарна мардуми чашмаш куҷо шудӣ дар хоб?

(5, 75; 4, 78; 7, 31; 8, 1049).

Нашрҳои А.Давлатободӣ (нашри аввал), Козим Шидфар, Эраҷи Гулисурхӣ:

Хурӯши нолаи мастон ба кӯи ӯ нарасид,

В-агарна мардуми чашмам куҷо шудӣ дар хоб?

(3, 24; 10, 30).

Ин гуна тафовут дар нашрҳои илмӣ-интиқодӣ дар муқоиса бо ҳамдигар хеле зиёд ба чашм мерасад, лекин ҳар як нашр зимни доштани тафовуту камбудӣ дар тасҳеҳи ашъори Шайх Камол аз аҳамияти бузург бархурдор буда, дар шинохти асолати шеъри шоир мақоми ба худ хосеро дорост.

Аз баррасии матншиносии байтҳои мазкур ва тавофуту монандии нусхабадалҳои онон дар нашрҳои девони ашъори шоир бармеояд, ки сатҳи кори мусаҳҳеҳон дар тасҳеҳу таҳия баробар набудааст.

Барои таквияти ин гуфтаҳо байтҳои зеринро аз нашрҳои дигар дар муқоиса бо нашри Карамӣ оварда, баъдан шарҳу тавзеҳ додан ба мақсад мувофиқтар аст:

Мисоли 1.Нашри Карамӣ:

Аз пеши ман он шӯх чӣ таъҷилкунон рафт,

Дил наъра баровард, ки ҷон рафту равон рафт (7, 38).

Нашрҳои дигар:

Аз пеши ман он шамъ чӣ таъҷилкунон рафт,

Дил наъра баровард, ки ҷон рафту равон рафт (3, 32; 6, 97; 10, 108).

Мисоли 2. Нашри Карамӣ:

Иттифоқи ту гар ин аст, ки хунам резӣ,

Ҳарчи раъйи ту, дилу дида бар он мутаффақ аст (7, 39).
Нашрҳои дигар:
Иттифоқи ту гар ин аст, ки хунам резӣ,
Ҳарчи дорӣ ту, дилу дида бар он мутаффақ аст (3, 33; 5, 99; 10, 63).
Мисоли 3. Нашри Карамӣ:
Ба лавҳи орази ту он хати дигар гӯӣ,
Кашида хомаи қудрат, ки ал-байозу саҳеҳ (7, 109).
Нашрҳои дигар:
Ба лавҳи орази ту он хати дигар гӯӣ,
Кашида хонаи қудрат, ки ал-байозу саҳеҳ (3, 106; 5, 295; 10, 118).
Мисоли 4. Нашри Карамӣ:
Фақеҳу воизи моро, ки баҳри илм ниҳанд,
Ҳамон ҳикояти кал-баҳр дону кал-маллоҳ (7, 110).
Нашрҳои дигар:
Фақеҳу воизи мо гарчи баҳри илм ниҳанд,
Ҳамон ҳикояти кал-баҳр дону кал-маллоҳ (3, 106; 5, 296; 10, 117).
Мисоли 5.Нашри Карамӣ:
Сӯхтед аз аташ, эй аҳли назар, бе майи ишқ,
Чӯби хушкед, бисӯзед, ки хуш месӯзед! (7, 117).
Нашрҳои дигар:
Сӯхтед аз аташ, эй аҳли назар, бе майи ишқ,
Ки чу хушкед, бисӯзед, ки хуш месӯзед! (3, 114; 5, 317; 10, 208).
Мисоли 6. Нашри Карамӣ:
Баҳри ӯ ҷангкунон дар сафи ушшоқ оед,
Ки дар он саф ҳама лашкаршикану пирӯзед (7, 117).
Нашрҳои дигар:
Ба ҳаво ҷангкунон дар сафи ушшоқ равост,
Ки дар он саф ҳама лашкаршикану пирӯзед (3, 114; 5, 317; 10, 208).

Дар мисоли аввал Карамӣ «шӯх»-ро ба ҷойи нусхабадали «шамъ» интихоб кардааст. Эҳтимолан, чунин интихоб бар асоси он аст, ки «шамъ» нисбат ба «шӯх» дида, таносуб ва иртиботи мантиқиаш ба «таъҷилкунон рафтан – шитобон роҳ гаштан, яъне саросема ҳаракат кардан» (13, 565-566) чандон қавӣ нест. Бояд қайд кард, ки дар ғазали мазкур калимаи «шамъ» дар байти сеюм омада, бо феъли «афрӯхтан» ва калимаи «парвона» таносуб шудааст. Ҳамчунин, мумкин аст котибон ҳангоми рӯнависӣ калимаи «шӯх»-ро «шамъ» хондаву китобат кардаанд.

Дар мисоли дувум Аҳмади Карамӣ нусхабадали «раъй»-ро бар нусхабадали «дорӣ» тарҷеҳ додааст, ки мантиқан дуруст, зеро дар мисраи аввал шоир аз шартан хоҳишу ният, қарори хунрезӣ доштани маъшуқа хабар дода, бар асоси он дар мисраи дуюм иҷрои ин қарорро ба райъю майли маъшуқа ҳавола кардааст. Дар ин маврид агар ба ҷойи «раъйи» нусхабадали «дорӣ» интихоб шавад, чунин назокату латофати сухан, ки хоси шеъри Камол аст, аз байн меравад.

Дар мисоли савум, ки байти матраҳ дорои нусхабадалҳои «хона» ва «хома» аст, бидуни баҳсу баррасӣ интихоби Карамӣ дуруст мебошад, зеро «кашидан – тасвир кардан» хоси «хома» аст, на «хона».

Дар мисоли чаҳорум муайян кардани дурустиву нодурустии интихоби Карамӣ кори мушкил аст, чунки ифодаи «моро, ки» ва «мо гарчи» дар таъмини лутфи сухан, мантиқи расо, таносуби дилхоҳи калом дар назари аввал мақоми якхела доранд. Яъне, дар ҳар ду гуна ҳам байт дорои лутфу нозукии хос мешавад, аммо дар гунаи Карамӣ мантиқи байт дуруст ифода мешавад. Яъне, фақеҳу воизи моро, ки мардум баҳри илм мениҳанд, яъне гумон мекунанд. Дар сурати «мо гарчи» интихоб намуданаш ин маъно дуруст ифода намешавад ва латмаи мантиқӣ ба байт ворид мегардад.

Дар мисоли панҷум, ки гунаи «ки чу хушкед» ва «чӯби хушкед» аст, завқи баланди шеършиносии Аҳмади Карамӣ мушоҳида мешавад, зеро лутфи сухани шоир дар байти мазкур бар гунаи «чӯби хушкед» асос дорад, на гунаи «ки чу хушкед».

Дар мисоли шашум низ интихоби Аҳмади Карамӣ аз гузиниши дигар мусаҳҳеҳон тарҷеҳ дорад. Дар байти мавриди баҳс нусхабадалҳо феълҳои «оед» ва «равост» мебошанд, ки ҳар ду

хабари ҷумла – мисраи авваланд («Баҳри ӯ ҷангкунон дар сафи ушшоқ *оед // равост»)* ва Карамӣ аввалиро интихоб кардааст.

Дар нашри Аҳмади Карамӣ дар ғазали «Дӯш аз дари майхона бидидем ҳарамро» байти зерин омадааст:

Дар шиша гар *аз бода каме ҳаст, гаме нест*,

Лекин ғами бисёр бувад давлати камро (7, 24).

Байти мазкур дар нашри К.Шидфар якранг аст, вале дар ҳар ду нашри Азизи Давлатободӣ ба таври зерин омадааст:

Дар шиша агар *май накунӣ, нест хаёлат*,

Лекин ғами бисёр бувад давлати камро (3, 16; 10, 19).

Аммо дар нашрҳои Ш.Ҳусейнзода ва С.Асадуллоев ва Э.Гулисурхӣ бошад, чунин сабт шудааст:

Дар шиша *гар аз май камие ҳаст, зиён нест*,

Лекин ғами бисёр бувад давлати камро (5, 55; 8, 190).

«Бода» ҳарчанд бо «май» муродиф аст, лекин истифодаи он дар байти мазкур аз лиҳози маъниву мантиқ дар нашрҳои Карамиву Шидфар зоҳиран дуруст менамояд. Оморгирии корбурди калимаҳо нишон медиҳад, ки «май» дар осори суханварони адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ, бахусус дар ашъори Шайх Камол доираи истифодааш нисбат ба «бода» густардатар буда, дар байти мазкур низ лутфи сухани шоирро дар худ бештар зоҳир месозад. Ҳамчунин, ба истиснои намунаи нашрҳои Давлатободӣ, ки байти мазкур дорои ишкол ва маънии муғлақ аст, дар нашрҳои Ш.Ҳусейнзода ва С.Асадуллоев ва Гулисурхӣ низ аз маънии дархӯри тааммул холӣ нест, аммо намунаи беҳтари он дар нусхаи хаттии №4739а, ки ақдами нусах дар ҳоли ҳозир аст, чунин омадааст:

Дар шиша гар аз май камие ҳаст, гаме нест,

Лекин гами бисёр бувад давлати камро (12, 17б).

Аз ин лиҳоз, гунаи мазкури нусхаи хаттии Китобхонаи Остони Қудси Разавӣ №4739а-ро қиёсан бо намунаҳои нашрҳои ёдшуда тарҷеҳ додан ба инсофи илмӣ рост меояд ва ҷойгоҳи ин нусхаи хаттиро нишон медиҳад. Албатта, дар нусхаи хаттии мазкур низ камбудиву навоқиси зиёд ба чашм мерасад, вале бо ин ҳама нуқсон, он то ҳол аз нусхаҳое ба шумор меравад, ки ба пуррагӣ омӯхта нашудаву аз ҷиҳати матншиносӣ дорои афзалиятҳои вижа ҳам ҳаст. Бар пояи ин се намунае, ки бо шарҳу тавзеҳ дар боло зикр гардид, аз бартариятҳои нусхаи мазкур дар тасҳеҳи ашъори шоир бар тамоми нашрҳо ба ҳисоб рафта, далели қадимтарин нусхаи хаттии девони Камоли Хуҷандӣ будани он дар ҳоли ҳозир аст.

Аз таҳлилу баррасии абёти мазкури дорои нусхабадалҳо ва муқоисаи онҳо дар нашрҳои гуногун ва нусхаи №4739а бармеояд, Карамӣ ҳамчун мусаححеҳ дар интихоби нисбатан дурусти нусхабадалҳо аз худ донишу лаёқати назарраси матншиносӣ нишон дода, талош бар он доштааст, ки девони ашъори шоирро дар сатҳи матлуби илмӣ таҳия намояд. Бо вуҷуди ин ҳама саъю талош, саҳву иштибоҳот дар нашри Карамӣ низ ворид шуда, ҳусни кори ӯро костааст.

Чунончи дар оғози мақола ишора рафт, Карамӣ дар муқаддимаи нашри худ таъкид кардааст, ки «ашъору ғазалҳо»-ро бар асоси нашри Давлатободӣ (Табрез, 1337) ва «танзими абёт»-ро бар асоси нашри Шидфар мураттаб сохта (4, чаҳор), бо нашрҳову нусхаҳои хаттии дигар муқоиса намудааст. Ҳангоми баррасӣ равшан шуд, ки ҳатто тасҳеҳи нашри мавриди таҳқиқ низ дар асоси нашри Маскав мураттаб гаштааст, зеро беш аз 80 дарсади ғазалҳо, ки мо имкони нишон додани онро дар ин мақола надорем, бар асоси нашри Маскав тасҳеҳ шуда, бо нашрҳои Давлатободӣ (ҳар ду нашр) ва Ш.Ҳусейнзода ва С.Асадуллоев ихтилоф доранд. Ҳатто дар нашри Гулисурхӣ, ки пас аз нашри Карамӣ ба табъ расидааст, чунин таъсирпазирӣ аз нашри Маскавро дар худ инъикос намудааст.

Ҳамчунин, намунаҳоро Карамӣ дар нашраш бо гузоштани аломати «ситорача» ба охири китоб – қисми «Ихтилофи нусах» бурда, дар охири китоб аз рӯйи навъи шеър (қасида, ғазал,..), шумораи навъи шеърӣ ва тартиби омадани «ихтилоф» ҷой додааст. Албатта, чунин равишро пеш гирифтани Карамӣ шояд иштибоҳ маҳсуб нашавад, аммо саҳлангории вай дар нишон додани нусхабадалҳо (ба қавли худаш «ихтилоф») ва муайян кардани мансубияти онҳо ба панҷ нусха ва ду нашри зери дасташ навъе беэътиноиву бепарвоӣ ба талаботи таҳияи нашрҳои илмӣ-интиқодӣ ва инҳирофи илмӣ мебошад.

Бо вуҷуди ин ҳам, чунон чи тазаккур ёфт, нашри вай холӣ аз аҳамият нест ва ҳамин аҳамиятнокии вай бояд дар доираи матншиносии ашъори Камоли Хуҷандӣ ба инобат гирифта шавад.

Муқоисаи нашри Карамӣ бо нусхаи хаттии №4739а нишон медиҳад, ки дар баъзе ҷо тасҳеҳи вай нодуруст ва дар баъзе ҷойи дигар дуруст аст. Албатта, барои дақиқан нишон

додани бартарии яке аз ду нусхабадал дар байтҳои зерин муқобалаву муқоиса кардани онҳо бо дигар нашрҳову нусхаҳои хаттӣ зарур аст, ки берун аз ҳаҷми ин мақола мебошад. Аз ин рӯ, чанд байтро аз нашри Карамӣ ва нусхаи хаттии №4739а оварда, бидуни таҳлилу баррасӣ пешкаши алоқамандон мегардонем:

Нусха:
Ин ҷурм, ки ошиқ зи ту хурсанд зи сӯзест,
Бо шамъ чӣ гӯем, ки парвона касе нест [12, с.41б].
Нашри Карамӣ:
Ин ҷурм, ки ошиқ зи ту хурсанд ба сӯзест,
Бар шамъ чӣ гирйем, чу парвона касе нест [7, с.59].
Нусха:
Чун зулфу орази ту даври тасалсул омад,
Он ҳар ду гар набинанд аҳли назар, муҳол аст [12, с.48б].
Нашри Карамӣ:
Чун зулфу орази ту даврӯ тасалсул омад,
Он ҳарду гар бубинанд аҳли назар, муҳол аст (7, 68).
Нусха:
Аз зоҳидӣ ба риндӣ кардӣ Камол тавба,
Ҷуз покбози форид тарки дуо кӣ гӯяд (12, 93а).
Нашри Карамӣ:
Аз зоҳидӣ ба риндӣ кардӣ Камол тавба,
Ҷуз покбози қодир тарки дуо кӣ гӯяд (7, 127).
Нусха:
Дил аз он ғамза бинолад, ки ҳаромӣ ҳама вақт,
Роҳ бар қофила аз бонги ҷарас мегирад (12, 94а).
Нашри Карамӣ:
Дил аз он ғамза нанолад, ки ҳаромӣ ҳама вақт,
Роҳ бар қофила аз бонги ҷарас мегирад (7, 139).
Нусха:
Раҳ ғалат кардаму лекин ба мулоқоти рақиб,
Бозам он раҳзани дилҳо зи куҷо пеш омад? (12, 98а).
Нашри Карамӣ:
Раҳ ғалат кардаму пай гум ба мулоқоти рақиб,
Бозам он раҳзани дилҳо зи куҷо пеш омад (7, 153).
Нусха:
Ҳар дарахте, ки барояд зи сари кӯи бутон,
Меваи ӯ ҳама шева-сту гули ӯ ҳама ноз (12, 153).
Нашри Карамӣ:
Ҳар дарахте, ки барояд бар кӯи бутон (?)
Меваи ӯ ҳама шева-ст, гули ӯ ҳама ноз (7, 212).

Ба ҳар ҳол, нашри Карамӣ, новобаста аз номушаххасии соли китобати нусхаҳо, номуайянии мансубияти нусхабадалҳо ба нусхаҳо, такрор омадани баъзе ғазалҳо ва дигар камбуду норасоиҳои матншиносӣ, аз лиҳози фарогирии ашъори Камоли Хуҷандӣ аз комилтарин нашрҳои илмӣ-интиқодӣ ба шумор меравад, ки мусаҳҳеҳони баъдӣ аз он ба таври васеъ истифода бурдаанд.

Ҳанӯз бо боварӣ наметавон гуфт, ки ғазалҳои ин нашр ба пуррагӣ ашъори шоиранд. Мумкин аст теъдоде аз онҳо илҳоқӣ бошанд, зеро, чунончи аз равиши кори Карамӣ маълум мешавад, нусхаҳои зери дасти ӯ зоҳиран тарқима надоранд ва аз ҳамин сабаб соли китобати онҳо дар муқаддима нишон дода нашудааст. Тахмин меравад, ки вай нусхаҳои аз асри XVI ба баъд китобатшударо низ истифода бурда бошад. Ҳақиқати илмӣ пайдо кардани ин фарзия дар матншиносии ашъори шоир чандон муҳол нест, зеро пайравони мактаби ғазалсароии ин шоири соҳибсабк ғазалиёти зиёдеро дар татаббӯи вай эҷод кардаанд, ки баъзе аз онҳо дар салосату равонӣ дар пояи ғазалҳои Камоли Хуҷандӣ набошанд ҳам, равиши суханварии ӯро доранд.

Мусаҳҳеҳи нашри мазкур ҳам аз ҷиҳати танзими абёт ва ҳам аз ҷиҳати тасҳеҳи ашъор бештар пойбанди нашри Маскав шудааст. мусаҳҳеҳ дар муқаддима аз истифодаи панҷ нусхаи хаттӣ хабар дода, таъсири онҳо дар тасҳеҳи ашъори шоир камтар ба чашм мехӯрад.

АДАБИЁТ

1. Насриддин, Абдулманнон. Сеҳри мубин / Куллиёти осор (иборат аз ҳафт ҷилд). -Ҷ.1. – Хуҷанд: Хуросон, 2013, -608 с.

2. Оқилов О. Баррасии Девони Камоли Хуҷандӣ аз диди матншиносӣ (Тасҳеҳи интиқодии Козим Алиевич Шидфар, зери назари И.С.Брагинский. –Маскав, 1975) // Фаслномаи илмӣ-адабии Камоли Хуҷандӣ. – №3(19)2019. – Хуҷанд: Ношир, 2019. –С. 59-70.
3. Хуҷандӣ, Камолуддин Масъуд. Девон / Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Азизи Давлатободӣ. – Табрез, 1337. -398 с.
4. Хуҷандӣ, Камолиддин Масъуд. Девон / Матни интиқодӣ ба эҳтимоми Козим Алиевич Шидфар (иборат аз 2 бахш ва 4 ҷилд). – Бахши 1. -Ҷ.1. – Маскав: Дониш, 1375. -244 с.
5. Хуҷандӣ, Камол. Девон / Матни интиқодӣ ва муқаддимаи Шарифҷон Ҳусейнзода ва Саъдулло Асадуллоев (иборат аз ду ҷилд). -Ҷ.1. – Душанбе: Ирфон, 1987. -510 с.
6. Хуҷандӣ, Камол. Девон / Матни интиқодӣ ва муқаддимаи Шарифҷон Ҳусейнзода ва Саъдулло Асадуллоев (иборат аз ду ҷилд). -Ҷ.2. – Душанбе: Ирфон, 1987. -551 с.
7. Хуҷандӣ, Камол. Девон / Тасҳеҳ ва муқобалаи Аҳмади Карамӣ. – Теҳрон: Муассисаи фарҳангии ҳунарии «Мо», 1372. -532 с.
8. Хуҷандӣ, Камол. Девон / Бо эҳтимоми Эраҷи Гулисурхӣ (иборат аз ду ҷилд). -Ҷ.1. – Теҳрон: Суруш, 1374. -639 с.
9. Хуҷандӣ, Камол. Девон / Бо эҳтимоми Эраҷи Гулисурхӣ (иборат аз ду ҷилд). -Ҷ.2. – Теҳрон: Суруш, 1374. – С.641-1290.
10. Хуҷандӣ, Камол. Девон / Ба тасҳеҳи Азизи Давлатободӣ. – Табрез: Маҷмаъи бузургдошти Шайх Камоли Хуҷандӣ, 1375. -480 с.
11. Хуҷандӣ, Камол. Девон / Муаллифи пешгуфтор ва таҳиягари матни девон бо ҳуруфи тоҷикӣ ва форсӣ Абдулҷаббори Суруш. – Хуҷанд: Хуросон, 2015. -1292 с.
12. Хуҷандӣ, Камол. Девон / Нусхаи № 4739а, китобхонаи Остони Қудси Разавии Машҳад. Соли 800/1398. -248 в.
13. Шоҳаҳмад, Абдулҷаббор. Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2015. -736 с.

ТЕКСТОЛОГИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ «ДИВАНА» КАМОЛА ХУДЖАНДИ”

Статья посвящена сравнительному исследованию критического издания поэтического сборника Камола Худжанди, отредактированного и подготовленного усилиями Ахмада Карами, изданного в Тегеране в 1372 году. В начале статьи представлена хронологическая последовательность издания критических и научно-популярн изданий поэтического сборника Камола Худжанди, далее осуществляется сравнительный анализ критического издания, подготовленного Ахмадом Карами, рукописи Остони Кудси Разави 4739 и издания Козима Шидфара, Ш. Хусейнзаде, С. Асадуллоева, Эраджа Гулисурхи и др. Для сравнения из указанных изданий представлены примеры разночтений, достоверность и недостоверность которых проверена на основании издания Ахмада Карами.

***Ключевые слова**: текстология, поэтический сборник, Камол Худжанди, редактирование, Ахмад Карами, критическое издание, рукопись, разночтение*

TEXTOLOGICAL STUDY OF KAMOL KHUJANDI`S DIVAN

The article under consideration dwells on a comparative study beset with the critical edition of Kamol Khujandi`s poetry collection which was edited and prepared by the efforts of Ahmad Karami and published in Tehran, in 1372. Initially, the author of the article displays the chronological sequence of publication of critical and popular science editions of Kamol Khujandi`s poetry collection, then conducts a comparative analysis dealing with the critical edition prepared by Ahmad Karami and the manuscript of Ostoni Qudsi Razavi under the number of 4739 and the editions by Kozim Shidfar, Sh. Huseizoda, S. Asadulloev, Eraj Gulisurkhi and others. In comparison with the indicated editions the author adduces examples of discrepancies in reference to both the reliability and unreliability of which was verified based on Ahmad Karami`s edition.

***Key words:** textual criticism, poetry collection, Kamol Khujandi, editing, Ahmad Karami, critical edition, manuscript, discrepancy*

Сведение об авторе

***Окилов Окилбой Джурабоевич** - докторант (PhD) - третего курса факультета восточных языков ГОУ “ХГУ имени акад. Б. Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

About the autor:

***Okilov Okilboy Juraboevich** - the third-year doctoral student (PhD) of the Faculty of Oriental Languages under the SEI “KSU named after academician B. Gafurov” (Tajikistan, Khujand), E-mail: okilov_1987@mail.ru*

АКАДЕМИК В.В.БАРТОЛЬД В ТАДЖИКСКОЙ ИСТОРИОГРАФИИ

Пирумшоев Х.
Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни

В.В.Бартольд без преувеличения был и остается самой величественной фигурой в мировой ориенталистике. Благодаря усилиям его учеников и последователей, лидерство России в этой отрасли науки получило мировое признание как бартольдовская школа востоковедения.

Диапазон интересов ученого чрезвычайно широк и охватывает почти весь Восток, но по его, же признанию, он оставался «преимущественно историком Средней Азии».

О том, что он был и остаётся непревзойденным историком древнего и средневекового периодов этого обширного региона, написано немало, но для адекватной оценки его громадной заслуги в этом направлении предстоит ученым вложить еще немало коллективных усилий. Это не может быть исключением для историографии Таджикистана.

Период сложения и получения мирового лидерства в области востоковедения В.В.Бартольда, совпал с процессом перехода от исторических знаний в науку в нашей отечественной историографии, т.е. в конце XIX – начале XX столетия. По праву он являлся одним из тех ученых, которые практически заложили основу подлинно научного, изучения истории таджикского народа.

В.В.Бартольд прочно вошел в отечественную историографию еще до образования Таджикской АССР (1924 г.). По инициативе востоковедов Москвы и Петрограда в Ташкенте были открыты востоковедческие центры. Первым такой центр был открыт в ноябре 1918 г. под названием «Институт Востока», в качестве руководителя которого был назначен М.С.Андреев. В учебной и исследовательской работе института принимали активное участие В.В.Бартольд, С.Ф.Ольденбург, Е.Э.Бертелс, А.А.Семёнов, И.Д.Ягелло, И.И.Умняков. и др. В.В.Бартольд читал курс истории Туркестана.

Так как в Средней Азии не было официальной школы по подготовке историков, эту задачу взяли на себя русские ученые, в том числе и В.В.Бартольд. Одним из первых шагов в этом направлении было открытие 16 марта 1918 г. Туркестанского народного университета. Вторым важным на пути решения этой проблемы, являлось создание по инициативе В.И.Ленина 7 сентября 1920 г. Среднеазиатского государственного университета в городе Ташкенте.

Первым советским научным учреждением на территории Средней Азии являлся созданный в августе 1919 г. научный отдел Народного Комиссариата просвещения Туркестанской республики. В июле 1921 г. отдел реорганизован в Государственный ученый совет (ГУС) Наркомпроса [21, с. 84]. При совете были учреждены национальные научные комиссии - узбекская, таджикская, туркменская, казахская. В задачи этих комиссии входил сбор исторических и этнографических материалов о народах Средней Азии, а также подготовки к печати литературы на языках этих народов[21, с. 85]. В.В.Бартольд принимал участие в деятельности этих комиссии.

В 1921 г. при Комиссариате просвещения Самаркандской области создается Комиссия по охране древних памятников. 23 мая 1921 г. при Комиссариате народного просвещения Туркестанской АССР по непосредственной инициативе В.В.Бартольда, создан Комитет по делам архивов и охраны памятников истории, культуры и природы (Туркомстарис).

После национально-территориального размежевания (1924 г.), в 1925 г. Комитет преобразован в Комитет по делам архивов и охраны памятников истории, культуры и природы Средней Азии (Средазкомстарис). В период деятельности Комитета (до 1928 г.) В.В.Бартольд вложил немало усилий в организацию научных экспедиций, исследование различных проблем истории и культуры народов региона, главным образом таджиков.

В январе 1925 г. при непосредственной инициативе В.В.Бартольда, М.С.Андреева и А.А.Семёнова при поддержке правительства Таджикской АССР в Ташкенте создано «Общество для изучения Таджикистана и иранских народностей за его пределами»[28, с.9]. Это было первое краеведческое научное учреждение в Общесоюзном масштабе. В.В. Бартольд был избран почетным членом данного Общества. Следует отметить, что членами Общества за время его существования (1925-1929) было сделано немало для научного освещения отдельных проблем истории таджикского народа.

В 1925 г. была организована 4-х месячная совестная научная экспедиция Средазкомстарис с указанным Обществом. Согласно плану, маршрут экспедиции пролегал через Ура-Тюбе, Зеравшанскую долину, Фалгар, Ягноб, Гиссарскую горную цепь, Анзобский перевал, Сталинабад, Каратегин, Дарваз, Памир и Ош. Руководителем Экспедиции был назначен известный этнограф

М.С.Андреев. В результате было собрано огромное количество ценного исторического и этнографического материала, ставшего впоследствии основой множества научных публикаций.

В 1925 г. вышла программная статья В.В. Бартольда – «Изучение Востока – главнейшая задача академии», в которой указывает на важность исследования истории Востока, главным образом народов Средней Азии. «Средней Азией, - указывает ученый, - интересовались и интересуются не одни русские ученые, но во многих отношениях Средняя Азия была открыта для науки русскими, и без русских работ изучение Средней Азии остаётся до сих пор невозможным»[5, с. 581-582].

Выдающимся событием в таджикской историографии являлся выход в свет научного сборника подготовленного членами Общества «Таджикистан» в 1925 г. В нем особый интерес вызывал исторический очерк В.В.Бартольда «Таджики»[6, с.451-469].

Следует отметить, что до выхода данной статьи таджики в той или иной степени фигурировали почти во всех работах ученого, касательно истории и культуры народов Центральной Азии, в частности в фундаментальном исследовании – «Туркестан в эпоху монгольского нашествия», вышедшее в 1900[11, с. 45-601], его последующие труды: «История Туркестана» (курс лекции, прочитанный в Туркестанском университете, издан в 1922)[8, с. 107-166], «История культурной жизни Туркестана» (издана в 1927 г.)[7, с. 167-433], «Улугбек и его время» (опубликована в 1918)[12, с. 23-196], многочисленных историографических исследованиях[9], статях и рецензиях, а также, некоторых статей из цикла «Энциклопедии ислама».

Но, несмотря на все это, «Тажики» по сути, была первая сугубо научная академическая работа, сжато вместившаяся 24-х вековая история таджикского народа. Данная работа фактически стала эталоном научного подхода к трагической и вместе с тем славной истории таджиков.

Не вдаваясь в подробности анализа трудов В.В.Бартольда, в той или иной мере причастных к истории таджикского народа. Она прослеживается почти во всех его работах, так или иначе связанных с историей Центральной Азии, начиная с первым фундаментальным исследованием «Туркестан в эпоху монгольского нашествия», завершая его оригинальным историческим очерком «Таджики», мы останавливаемся лишь на определения место академика В.В.Бартольда в отечественной историографии.

В 1926 г. издан получивший вскоре широкую известность труд В.В.Бартольда «Иран. Исторический обзор». В нем дается хотя и краткий, но ёмкий по содержанию анализ места иранской культуры в мировой истории и в этом контексте большое внимание уделяет исторической литературе на персидско-таджикском языке широко используемой в русской и европейской историографии.

Как отмечено выше, участие В.В. Бартольда во всех начинаниях связано с начальным этапом становления исторической науки нашей республики является очевидным фактом. Поэтому, обращение к его работам, в отечественной историографии прослеживается еще в начале 20-х годов прошлого столетия, до образования Таджикской АССР (1924 г.).

Разумеется, первыми исследователями, которые широко привлекали выводы и заключения имеющихся в работах В.В.Бартольда касательно истории и культуры народов Средней Азии, главным образом таджикского народа были А.А. Семёнов, М.С.Андреев, Ф.А.Розенберг, Я.И.Бездека, И.И.Умняков и др.

В.В.Бартольд и после смерти (1930 г), оставался главным и определяющим авторитетом русских и советских ученых, причастных к изучению истории и культуры таджикского народа. Среди них особо выделялись Е.Э.Бертельс (1890-1957), А.Ю.Якубовский (1886-1953), А.А.Фрейман (1879-1968), М.М.Дьяконов (1907-1954), И.И.Зарубин (1887-1964) и др. Мнение В.В.Бартольда фактически по всем проблемам древней, средневековой и новой истории таджикского народа служило надежным ориентиром для последующих поколений ученых, посвятивших себя служению таджикской исторической науке. К ним относятся А.Е.Маджи, Н.А.Кисляков, А.Н.Болдырев, А.З.Розенфельд, Б.А.Лившиц. И.С.Брагинский, Б.А.Литвинский, Е.А.Давидович и др.

Следует отметить, что все перечисленные исследователи и многие другие, которые посвятили себя служению таджикской истории и литературы таджикского народа, как ученые сложились не в нашей республике. Здесь они оказались по зову сердца, вернее к этому решению их побудил повышенный интерес к истории Центральной Азии, в особенности, определению ведущего места древних аборигенов этого пространства – таджиков в региональной цивилизации. Здесь нельзя не заметить вдохновляющее влияние на них исследования В.В Бартольда, по истории и культуры Средней Азии в целом, таджикского народа в частности.

Разумеется, следует заметить влияние В.В.Бартольда, его ближайших последователей на сложение исторической науки в республике и прихода на авансцену отечественной историографии местных, таджикских исследователей.

Как известно, после образования Таджикской ССР (1929 г.) в республике наряду с другими направлениями начали создаваться научные учреждения, в том числе и гуманитарного профиля.

Важными для серьёзного научного старта являлись создание в Москве в августе 1930 г. под руководством А.Е.Ферсмана Таджикская научная комиссия (ТНК) при Академии наук СССР, а в Сталинабаде (Душанбе) в 1930 – 1932 гг. Комитет таджиковедения и Таджикский государственный научно-исследовательский институт (ТГНИИ), а также в 1932 г. – Таджикская база АН СССР. Вскоре, в 1933 г. ТГНИИ передан Таджикской базе. Одной из главных задач этих учреждений была подготовка местных научных кадров для республики.

Благодаря созданию соответствующих условий, появились первые обнадеживающие молодые ученые, в числе которых были будущие академики А.М Богоутдинов, и З.Ш.Раджабов, поступившие в 1932 г аспирантуру соответственно в Самарканде и Ленинграде, а также А.Мирзоев поступивший по направлению в Ленинградский институт истории, философии, литературы и языкознания. К этому времени и относится сложения научного мировоззрения будущего известного в масштабе СССР политического деятеля и выдающегося ученого-востоковеда Б. Гафурова. Они и многие последовавшие за ними будущие таджикские ученые гуманитарного направления не могли не испытать на себе благотворного влияния наследия великого востоковеда, а для нас – таджиковеда В.В.Бартольда.

Крайне трудно, фактически невозможно обнаружить среди трудов исследователей дореволюционной истории таджикского народа, работу в которой автор в подтверждении своих аргументов и достоверности научных выводов, не ссылался бы на мнение В.В.Бартольда.

Во избежание чрезмерного загромождения нашей статьи примерами из работ отечественных историков, которые многократно ссылались на исследования В.В.Бартольда, ограничимся лишь таким весомым аргументом. В трудах академика Б.Гафурова по истории таджикского народа[15], как в первом, так и во втором изданиях многотомного фундаментального академического труда – «История таджикского народа»[18, 17], аргументированное мнение великого востоковеда, касательно древней средневековой и новой истории таджиков являются доминирующими.

Отрадно отметить, что историки республики не могли ограничиться только ссылками из трудов В.В.Бартольда с целью обоснования своих заключений по тем или иным проблемам древней и средневековой истории таджикского народа. Начиная с конца 50-годов прошлого столетия, следом за ведущими бартольдоведами Всесоюзного масштаба, С.Ф.Ольденбургом[27, с.1-6], А.Ю.Якубовским[31, с.62-79], И.И.Умняковым[29, с.27-33], И.Ю. Крачковским[19, с.428-434], Б.В.Луниным[22, 23, 24] и др., приступили к определению его роли в исследовании различных проблем истории Центральной Азии в целом, таджикского народа в особенности.

В этом плане особая заслуга принадлежит Н.М. Акрамову. Он впервые в республике по рекомендации своего наставника, видного историка – археолога Б.А. Литвинского избрал тему кандидатской диссертации «Выдающийся русский востоковед В.В. Бартольд». По завершению и защиты, данная работа была опубликована в качестве монографии[2].

Заслуга автора заключается в том, что он впервые ознакомил специалистов и широкого круга читателей республики с основными этапами жизни выдающегося востоковеда и его неизгладимый след в исследовании древней и средневековой истории Центральной Азии. Характеризуя огромный вклад В.В.Бартольда в научном освещении истории Востока, Н.Акрамов пишет: «Нужно подчеркнуть, что, несмотря на все пороки мировоззрения В.В. Бартольда (имея ввиду, что он оставался на позиции буржуазно-либерального осмысления исторических событий – Х.П.), совершенно очевидно, что его труды выгодно отличаются от трудов его современников – историков Востока. Богатство и разнообразие привлекаемого материала и первоисточников, тщательная проверка отдельных фактов, событий, хронологических дат, собственных имен и географических названий, равно как и восточных терминов, умелое использование языковых данных и приемов текстологического анализа – все это дает возможность при соответствующем подходе к трудам В.В.Бартольда использовать большинство из них и в наше время… Они остаются важными пособиями для всякого изучающего средневековую историю народов Средней Азии»[2, с. 94].

В работе последовательно прослеживаются этапы, предпосылки и основные этапы достижения научной зрелости В.В. Бартольда, его научные изыскания в Средней Азии и его место в становлении и развитии советского востоковедения.

Работа Н. Акрамова, основанная на надежных архивных материалах, сведениях соратников, учеников, ведущих бартольдоведов, и поныне не потеряла свою научную свежесть. Она, как ценное исследование, занимает достойное место в отечественной историографии, касательно выявления вклада В.В.Бартольда в мировое и региональное востоковедение. Также вызывают интерес и другие работы ученого, посвященные жизни и деятельности академика В.В. Бартольда, среди которых выделяется «Академик В.В.Бартольд»[1, 4, 3].

Особый интерес к научному наследию В.В. Бартольда главным образом, в той части, которая непосредственно связана с историей и культурой таджикского народа, проявлялся и проявляется после приобретения независимости республики. Необходимость более глубокого, достоверного

изучения нашей славной, вместе с тем, трагической древней и средневековой истории стала серьезным побудительным мотивом очередного, более пристального обращения к трудам великого знатока нашей истории – В.В.Бартольда. В этом плане перевод с русского на таджикский язык осуществленного видным литературоведом М. Муллоахмадовым[10] является важным для расширения читательской аудитории ученого, теперь уже на родном языке.

Заметными явлениями в отечественой историографии в плане изучение вклада В.В.Бартольда в исследования истории и культуры таджикского народа, в целом популяризации его бесценного наследия является проведение ряда научных мероприятий посвященные к 140-летию великого таджиковеда в 2009 г. Приуроченные к этой дате Международной конференции "Роль Бартольда в изучении истории таджикского народа" организованной в Таджикском государственном педагогическом университете им. С. Айни и республканской "Научное наследие В.В. Бартольда и современная историческая наука" – в Институте истории археологии и этнографии АН Республики Таджикистан, на которых с докладами выступили ведущие ученые республики. В докладах даётся обстоятельный анализ широкого круга проблем вытекающих из поистине гигантского наследия великого востоковеда. Особое внимание уделено выявлению его вклада в изучение истории и культуры таджикского народа. Материалы конференции опубликованые в двух сборниках[25, 26] стали достоянием широкого круга читателей как в нашей республике, так и за ее пределами.

Следует отметить, что не все доклады и работы нацеление на определение вклада В.В.Бартольда в иследование истории и культуры таджикского народа, являются однозначно ценными и достойними памяти великого ученого. Обстоятельный анализ или оценка каждой публикации в этом плане требует специального историографического исследования.

В данном случае для примера, можно упомянуть монографическое иследование молодого историка С. Шарофуддинова "Роль академика В.В. Бартольда в изучении истории и культуры таджикского народа IX-XV вв.»[30]. Хотя автор в аннотации к данной книге подчеркивает, что «он на основе источников и редких изданий, значительная часть которых впервые вводится в научный оборот», но в работе вовсе не прослеживается обращения к таким «источникам». Например, в упомянутой выше работе Н.М.Акрамова привлечены архивные материалы из личного фонда В.В. Бартольда из Архива Академии Наук СССР находившегося в Ленинграде (Санкт-Петербург), материалы Государственного исторического архива, Центрального государственного исторического архива, которые находятся там же, а также из Центрального государственного архива Узбекской ССР (Республики Узбекистан).

Разумеется, отсутствие таких источников, лишает любого исследователя возможность сопоставительного анализа проблемы. А в данном случае пересказ или очередное повторение отдельных эпизодов из сочинения В.В. Бартольда и его заключения выдавать за своё, не только не прибавить ничего в определение заслуги ученого такого ранга как В.В.Бартольд, а скорее идет во вред отечественной историографии. На мой взгляд, полезность работы С.Шарофуддинова заключается только в составлении им списка литературы. Хотя солидная их часть оставалась вне поля анализа автора. Можно надеется, что молодой человек, вступивший на стезю науки, в дальнейшем более серьёзно относится к избранной им трудной профессии историографа. В данном случае, высказанное нами замечание, должно восприниматься как благое пожелание и напутствие для профессионального роста молодых ученых.

В настоящее время нас радует то, что интерес общества к исторической науке все больше обретает заметный темп. Благодаря поддержке руководство республики, лично Президента страны, уважаемого Эмомали Рахмона, регулярно проводятся мероприятия, посвященные тем или иным важным судьбоносным вехам, юбилейным датам, организуются международные и республиканские симпозиумы, конференции оказывается финансовой поддержки в издание исторических исследований и многое другое. Повышенный интерес к изучению и переосмыслению богатого наследия В.В. Бартольда, является одним из сотен примеров в этом направлении.

Те, кто знакомы с архивами, где хранятся рукописи В.В.Бартольда знают, что далеко не все его работы увидели свет. Среди них имеются и рукописи касающиеся истории таджикского народа. В частности и поныне не увидел свет его уникальный труд «История Согда». Нас в этом плане радует то, что это рукопись в скором времени по инициативе директора Института истории, археологии и этнографии Н.К. Убайдулло может увидеть свет и стать достоянием специалистов и широкого круга читателей.

Итак, из всего изложенного вытекает заключение о том, что научное наследие выдающегося востоковеда В.В.Бартольда, касательно истории и культуры таджикского народа, является ценным достоянием нашей исторической науки. Оно стало неотъемлемой частью нашей отечественной историографии. Трудно, фактически невозможно найти в республике исследователя в той или иной мере причастного к древней и средневековой истории Центральной Азии, главным образом таджикского народа, обходившего стороной труды В.В.Бартольда. Его суждения и выводы по тем

или иным проблемам иногда фактически являлись неоспоримым аргументом в решении сомнительных вопросов.

Разумеется, В.В.Бартольд при всей гениальности его исторического мышления, был продуктом своей эпохи и не мог безупречно определить исключительно всю историческую истину. Даже сам факт, что в его исследованиях такие понятия как «Центральная Азия», «Средняя Азия», «Мавераннахр», «Хорасан» подменяются термином «Туркестан», судя по содержанию самих работ, выглядит несколько преднамеренным. Автор придерживается той географической административной терминологией, которой исходила из интересов царской колониальной политики в Средней Азии.

За прошедшее после В.В. Бартольда время, историческая наука далеко шагнула вперёд. Появились новые источники, вошедшие в научный оборот, менялись методологические подходы к анализу исторических событий. Да и с другой стороны, историческая наука это постоянный процесс поиска если не абсолютной, то относительной истины, исходя из принципа историзма. Поэтому переосмысления научных ценностей, содержащиеся в трудах В.В.Бартольда, остаётся актуальной.

Исходя из такой постановки вопроса, следует отметить, что в целом, в республике проделано немало для изучения наследия великого ученого, но это недостаточно. Известно, что в наше время, идет все усиливавшаяся историческая экспансия, соседние историки, преднамеренно выполняя политические наставления, пытаются все глубже искать свои родовые генетические корни. Они пытаются выдать все исторические достижения и ценности за заслуги своего народа. При этом упорно не хотят оставлять место для истинно коренных аборигенов Центральной Азии, создателей духовной и материальной культуры – таджиков.

В таких условиях, остаётся только одно, основываясь на неопровержимые материальные, письменные источники и заключение выдающихся востоковедов, которые фактически однозначно показали определяющую роль таджиков в истории Центральной Азии, продолжить более интенсивные исследования средневековой истории региона в целом, таджикского народа в особенности. В этом плане, труды В.В.Бартольда остаются по-прежнему востребованными. Исходя из этого, одной из приоритетных задач современной национальной историографии является более пристальный и углубленный сопоставительный с новыми источниками анализ трудов В.В. Бартольда, в той или иной мере причастных к истории и культуре таджикского народа.

ЛИТЕРАТУРА

1. Акрамов Н.М. Академик В.В. Бартольд. – Душанбе: «Ирфон», 1976.
2. Акрамов Н.М. Выдающийся русский востоковед В.В. Бартольд. Научно-биографический очерк. – Душанбе: Изд-во АН Тадж ССР, 1963. – 112 с.
3. Акрамов Н.М. Из неопубликованных писем А.А.Семенова В.В. Бартольду // Ученые записки кафедры истории СССР Душанбинского государственного педагогического института. – Душанбе, 1970. – С. 71-92 и др.
4. Акрамов Н.М. О некоторых материалах биографии В.В. Бартольда // Известия АН ТаджССР. – Вып. 1 (28). – Душанбе, 1962. – С. 3-13;
5. Бартольд В.В. Сочинения. – Т. IX. – М.: «Наука». 1977. – С.581-582.
6. Бартольд В.В. Таджики. Исторический очерк // Сочинения. – Т.II. – Ч.1. – М. ИВЛ, 1963. – С.451-469.
7. Бартольд В.В. История культурной жизни Туркестана // Сочинения. – Т.II. – Ч.1. – М. ИВЛ, 1963. – С. 167-433.
8. Бартольд В.В. История Туркестана // Сочинения. – Т.II. – Ч.1. – М. ИВЛ, 1963. – С. 107-166.
9. См.: Бартольд В.В. Работы по истории востоковедения // Сочинения. – Т.IX. – М.. «Наука»,1977, - 967 с.
10. Бартольд В.В. Тоҷикон // Садои Шарқ. – 1990. – № 1. Этот же перевод 13. Бартолд В.В. Тоҷикон. Очерки таъриҳӣ // Андар шинохти тоҷикон. Китобхонаи донишҷӯ. – Душанбе: ДДОТ, 2016. – С. 5-34.
11. Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Сочинения. Т. I. – М.: Изд. Вост. Литературы, 1963. – 45-601.
12. Бартольд В.В. Улугбек и его время // Сочинения. – Т.II. Ч.2. – М.: «Наука», 1964. – С.23-196.
13. Бернштам А.Н. В.В. Бартольд // Изв. Киргизский ФАН СССР. – Вып. 2-3. – 1945. – С. 130-131;
14. Бернштам А.Н. В.В. Бартольд. В кн. В.В. Бартольд. Киргизы. – Фрунзе 1943. – С. 3-11 и др.
15. Гафуров Б.Г. История таджикского народа. Издания 1,2,3 – М.: Госполитиздат, 1949,1952,1955; его же:
16. Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя, средневековая история. – М.: «Наука», 1972.
17. История таджикского народа. – Т. I-VI. – Душанбе: «Дониш», 1998-2013.
18. История таджикского народа в трёх томах пяти книгах. – М.: ИВЛ, 1963-1965;
19. Крачковский И. К переизданию трудов В.В. Бартольда // Избр. Соч. – Т. 5. – М. – Л., 1958. – С.428-434.
20. Крачковский И.Ю. Памяти В.В. Бартольда // Красная газета (вечерний выпуск) – Л., 1930. – 21 август;
21. Культурное строительство в Туркестанской АССР (1917-1924 гг.). Сборник документов. – Т.1. – Ташкент, 1973. – С. 84.
22. Лунин Б.В. Жизнь и деятельность академика В.В.Бартольда: Средняя Азия в отечественном востоковедении. – Ташкент: «Фан», 1981 - 223 с. и др.

23. Лунин Б.В.. Жизнь и труды В.В. Бартольда // Обществ. Науки в Узбекистане. – Ташкент: «Фан», 1969. - № 11. – С.12-33;
24. Лунин Б.В. Средняя Азия в дореволюционном и советском востоковедении. - . – Ташкент: «Наука», 1965. – 408 с.;
25. Нақши В.В. Бартолд дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик. Маҷмӯаи маърӯзаҳои Конфронси байналмилалӣ бахшида ба 140-солагии академик В.В. Бартолд. – Душанбе: ДДОТ, 2010. – 248 с.;
26. Научное наследие В.В. Бартольда и современная историческая наука (Материалы Республиканской конференции. Душанбе, 27 ноября 2009 г.). – Душанбе: «Дониш», 2010.
27. Ольденбург С.Ф. Василий Владимирович Бартольд // Изв. АН СССР, VII, сер. Отд. общ. Наук. - № 1. – 1931 . – С.1-6.
28. Семенов А.А., Козачковский В.А. Историческая наука в Таджикистане за 25 лет // Докл. АН Тадж. ССР. – Вып.12. – Сталинабад, 1954. – С.9.
29. Умняков И.И. Значение трудов В.В. Бартольда по истории Средней Азии // Первая всесоюзная конференция востоковедов. Тезисы докладов и сообщений. – Ташкент, 1957. – С.27-33.
30. Шарофуддинов С. Роль академика В.В.Бартольда в изучение истории и культуры таджикского народа IX-XV вв. – Душанбе: ТНУ, 2016. – 208 с.
31. Якубовский А.Ю. Проблемы социальной истории народов Востока в трудах академика В.В. Бартольда // Вестник Ленинградского университета – Л., 1947. - № 12. – С. 62-79.

АКАДЕМИК В.В.БАРТОЛЬД В ТАДЖИКСКОЙ ИСТОРИОГРАФИИ

Выдающийся русский востоковед В.В.Бартольд по праву является одним из тех ученых, которые стояли у истоков подлинно научного изучения истории таджикского народа. Его неоценимый вклад в этом отношении с особой благодарностью отмечены все ученые, в той или иной мере причастные к древней и средневековой истории таджиков, сыгравших определяющую роль в центрально-азиатской цивилизации.

В статье на конкретных примерах указывается степень причастности В.В.Бартольда к изучению ключевых проблем истории таджикского народа, которые послужили фундаментальными открытиями, сохранившими научную значимость и в современной отечественной историографии.

Ключевые слова: *Академик В.В.Бартольд, бартольдоведение, историография, таджикский народ, востоковедение, Центральная Азия, Средняя Азии, С.Ф.Ольденбург, А.Ю.Якубовский, И.И.Умняков, И.Ю.Крачковский, Б.А.Литвинский, Н.М.Акрамов.*

ACADEMISIAN V.V. BARTHOLD IN TAJIK HISTORIOGRAPHY

The distinguished Russian orientalist V.V. Barthold is one of those scientists who stood at the source of a truly scientific study of the history of the Tajik people. His invaluable contribution in this regard is especially appreciated by all scientists involved in one way or another in the ancient and medieval history of the Tajiks, who played a decisive role in the Central Asian civilization. The article uses specific examples to indicate the degree of involvement of V. V. Barthold in the study of key problems of the history of the Tajik people, which served as fundamental discoveries that have preserved scientific significance in modern Russian historiography.

Key words: *Academisian V.V. Barthold, the Barthold's study, historiography, Tajik people, oriental studies, Central Asia, Middle Asia, C.F. Oldenburg, A. Yu. Yakubovsky, I.I. Umnyakov, I.Yu. Krachkovsky, B.A. Litvinsky, N.M. Akramov*

Сведения об авторе:

Пирумшоев Хайдаршо *- член-корреспондент НАНТ, доктор исторических наук, профессор, главный научный сотрудник Отдела древней, средневековой и новой истории Института истории, археологии и этнографии им. А.Дониша НАНТ, профессор кафедры истории Отечества Таджикского государственного педагогического университет им. С. Айни Тел: (+992) 919148736; E-mail: pirumshoev. 44@mail.ru*

About the author:

Pirumshoev Haidarsho *- corresponding member of the TNAS, doctor of historical sciences, professor, chief researcher of the A.Donish Institute of History, Archaeology and Ethnography, Tajikistan National Academy of Sciences. Tel.: (+992) 919148736;*

“ДИРҲАМИ ТИЛЛОИИ” СОМОНИИ ЗАРРОБХОНАИ РАШТ

Довудӣ Д.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон (минбаъд кутоҳ ОМТ) як сиккаи нодири тиллоии сомонӣ мавҷуд аст. Ҷойи бозёфти ин сикка маълум нест, онро осорхона с. 2014 аз як сокини ш. Душанбе харидааст.

Дар рӯйи сикка дар марказ номи Алӣ ва калимаи тавҳид علی / لا اله الا / الله/ وحده/لا شریک له “Али /Ла илаҳа ила / Аллаҳу ваҳдаҳу / ло шарика лаҳу”. Дар гирди рӯйи ин сикка навишта шудааст, ки بسم الله ضربهذا الدرهم براشت ..ستین..... . “ Бисмиллаҳ, зуриба ҳаза ал дирҳам би Рашт санат.....”, яъне “Ба номи Аллоҳ, зада шуд ин дирҳам дар Рашт дар соли .....”. Мутаассифона баъзе ҷойҳои навиштаи гирд пок шудааст.

Дар сатри дуюми гирд оятҳои 3-4, сураи 30 Қуръони карим ҷойгир мебошанд. Дар п.с. қисми дуюми калимаи тавҳид, номи халифа ал-Мутеъ лиллаҳ ва номи амири сомонӣ Мансур б. Нуҳ навишта шудааст: بن نوح / منصور / المطع لله / الله / رسول / محمد / لله дар гирди он ояти 33 сураи 9 Қуръони шариф сабт шудааст (Тасвири 1.).

Ҳаминтавр, аз навиштаҷоти ин сикка бармеояд, ки он аз номи амири сомонӣ Мансур б. Нуҳ ва ҳокими маҳаллӣ Алӣ дар зарробхонаи Рашт зада шудааст.

Аҳамияти хоси илмии ин сикка дар он аст, ки он ягона сиккаи тиллоии сомонӣ мебошад, ки дар навиштҷоташ ба ҷойи вожаи динор, ки сиккаҳои тиллоро ифода мекунад, калимаи дирҳам, ки ба сиккаҳои нуқрагӣ нисбат дорад, ҷойгир аст. Аҳмияти дуюми ин сикка дар он аст, ки ин ягона сиккаи тиллоии зарробхонаи Рашт мебошад, ки то имрӯз маълум аст.

Дар бораи Рашт сарчашмаҳои хаттӣ, аз ҷумла Ҳудуд ул-олам маълумот додаанд. Дар Ҳудуд ул-олам омадааст: “Рашт ноҳиятест андар куҳҳо ва шикастагиҳо ва андар миёни Буттамон ва Хатлон ниҳода бо рустоҳо ва кишт ва барзи бисёр. Ва меҳтарони ин ноҳиятро деҳқонони Рашт хонанд” [4, с.75]. Ин шаҳрро олимон, аз ҷумла В.В. Бартолд дар ноҳияи Рашти (собиқ Қаротегин ва Ғарми) ҷануби Тоҷикистон ҷой додаанд [1, с.120]. Дар зимн мо бояд ёдовар шавем, ки дар шимолу ғарби Эрон дар вилояти Гелон дар наздикии баҳри Каспӣ низ шаҳре бо номи Рашт вуҷуд дошт ва он то имрӯз обод аст. Аммо он шаҳр ба ҳайати давлати Сомониён дохил намешуд ва бинобарин аз номи амирони сомонӣ задани сикка дар он аз имкон берун аст. Ин дар ҳолест, ки Рашти ҷануби Тоҷикистон ба ҳайати давлати сомониён дохил мешуд ва дар ин асос мо бо боварии пурра гуфта метавонем, ки “дирҳами тиллоӣ”ва дирҳамҳои дигар бо номи амири сомонӣ Мансур б. Нуҳ, ки дар боло ёд кардем, дар ҳамин шаҳр зада шудаанд.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар робита бо “дирҳами тиллоӣ” муайян кардани мансубияти он мебошад. Гап дар сари он аст, ки ду амири сомонӣ Мансур б. Нуҳ ном доштанд. Инҷо саволе ба миён меояд, ки “дирҳами тиллоии” ОМТ ба кадоми онҳо мансуб аст. Маъмулан ин масъала аз рӯйи соле, ки дар сикка навишта шудааст, муайян карда мешавад. Мутаассифона сол дар “дирҳами тиллоӣ” пок шудааст. Танҳо калимаи дуюми сол каме намоён аст ва ба шумораи ستین (ситина), яъне “шаст” монанд мебошад. Аз ин бармеояд, ки сикка дар солҳои 360– ӯми ҳиҷрӣ, яъне дар давраи ҳукмронии Мансури I б. Нуҳ (350-365/ 961-976 гг.) зада шудааст. Ин шиносоиро сиккаҳои зарробхонаи Рашт, ки олими рус В. Тизенгаузен [3,с.226; 6,с.138] чоп кардааст, тасдиқ менамоянд.

“Дирҳами тиллоӣ” аз рӯйи вазн, андоза, намуди берунӣ ва хатт аз динорҳои тиллоӣ фарқ дорад. Вазни он 3,1 гр ва андозааш 29-30 мм буда ба вазну андозаи дирҳамҳо мувофиқ аст. Ин дар ҳолест, ки ду динори амири сомонӣ Нуҳ б. Наср, ки дар ОМТ мавҷуданд, нисбат ба “дирҳами тиллоӣ” андозаи хурдтар (22-23 мм) ва вазни зиёдтар (4,3 г) доранд. Навиштаҷоти ин динорҳо низ фарқ мекунанд ва зебову нозуктар мебошанд (Тасвири 2,3) .

Ба дирҳамҳои нуқрагӣ монанд будани “дирҳами тиллоӣ” фикреро ба миён овард, ки он бо муҳри дирҳам зада шудааст. Дар ҳақиқат дар байни дирҳамҳои дар Рашт зада шуда, ки В.Тизенгаузен нашр кардааст, мо намудеро пайдо кардем, ки бо “дирҳами тиллоӣ” пурра монанд аст. Он дирҳам дар с. 364/974-975 зада шудааст ва дар рӯйи он низ мисли “дирҳами тиллоӣ” номи Алӣ навишта шудааст [3,с.226]. Дар ин асос мо бо боварии пурра гуфта метавонем, ки “дирҳами тиллоӣ” бо муҳри дирҳамҳои нуқрагии Рашт солҳои 360 –ӯми ҳиҷрӣ зада шудааст.

Дар баробари номи амири сомонӣ Мансур б. Нӯҳ дар “дирҳами тиллоӣ” ҷой доштани номи Алӣ ҷолиби диққат аст. В.Тизенгаузен Алиро ҳокими Бадахшон гуфтааст, ки Рашт ба ҳайати он дихил мешуд [3,с.226]. Аммо аз маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ, аз ҷумла Мақдиси Рашт дорои имтиёз буда ба Сомониён хироҷ намесупорид ва танҳо туҳфа равон мекард [1,с.292]. Дар ин асос гуфтан мумкин аст, ки Рашт ба ҳайати Бадахшон дохил намешуд ва мустақиман тобеъи давлати Сомониён буд ва Алӣ ҳокими он буд.

Ҷиҳати дигари фарққунандаи “дирҳами тиллоӣ” аз динорҳои тиллоӣ фулузи он мебошад, ки ранги сурхчаи паст дорад, дар ҳоле ки ранги ду динори сомонии ОМТ зарди баланд аст. Шояд ин

фарқият аз он бошад, ки ин дирҳам аз тиллои маҳаллӣ сохта шудааст, ки дар таркибаш омехтагиҳои табии дигар фулузҳоро дорад. Аммо ҳалли ин масъала то гузаронидани санҷиши лабаратории таркиби фулузи “дирҳами тиллоӣ” ба таваққуф гузошта мешавад.

Дар робита бо “дирҳами тиллоӣ” шояд фикре ба миён ояд, ки он тасодуфан зада шудааст, яъне сикказан иштибоҳан ба ҷойи муҳри динор муҳри дирҳамро истифода бурдааст. Аммо андоза ва вазни “дирҳами тиллоӣ”, ки баробар ба дирҳамҳои нуқрагӣ мебошад, амали бошуурона ва мақсаднок будани онро нишон медиҳад. Гумон меравад, ки аз аввал ин сиккаи тиллоӣ барои бо муҳри дирҳам задани он тайёр карда шуда буд. Яъне мақсади ҳокими Рашт баровардани сиккаҳои тиллоӣ буд. Аммо ӯ сиккаҳои тиллоиро на аз рӯйи вазну андозаи динорҳо, балки аз рӯйи вазну андозаи дирҳамҳо баровардааст. Зиёда аз ин ӯ барои зарби сиккаҳои тиллоӣ муҳри марбут ба динорҳоро насохта, муҳрҳои тайёреро, ки барои зарби дирҳа пешбини шуда буданд, истифода бурдааст. Дар зимн ӯ кӯшидааст вазну андозаи сиккаҳои тиллоӣ ва нукрагиро якхела намояд. Шояд ин кор ба мақсади осон кардани ҳисоби таносуби арзиши сиккаҳои тиллоӣ ва нуқрагӣ иҷро карда шудааст. Аён аст, ки ин навоварӣ хусусияти минтақавӣ дошт, аммо маълум нест, ки он чӣ натиҷа дод ва зарби “дирҳамҳои тиллоӣ” чӣ қадар давом кард ва онҳо ба кадом миқдор бароварда шуданд.

Якчанд сухан дар браи дирҳамҳои нуқрагии Рашт. Дирҳамҳои Рашт дар таркиби як теъдод ганҷинаҳои дирҳамҳои куфӣ ва сомонии дар Россия ва дигар кишаварҳои Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ ёфт шуда ба миқдори начандон зиёд - як ё ду донагӣ мавҷуданд. Биноан онҳо ҳанӯз дар а.19 мавриди омӯзиш қарор гирифта буданд. Дирҳамҳои Рашт дар яке аз аввалин феҳристи сиккаҳои сомонӣ, ки ба қалами олими рус В.Тизенгаузен тааллуқ дошта, дар с. 1855 дар Санкт- Петербург нашр шудааст, тавсиф ва таҳқиқ шудаанд [3,с.226] . Ин дирҳамҳо дар Феҳристи топографии дирҳамҳои куфӣ ва сомонии сиккашиноси рус А.Марков [2], ки с. 1910 чоп шудааст ва дар дигар асару мақолаҳои сершумори дар Аврупо чоп шуда,таҳқиқ шудаанд [5,с.602;6,с.138;7с.,380].

Аз рӯйи бозёфтҳои Аврупо маълум мегардад, ки мунтазам баровардани дирҳамҳо дар Рашт ба давраи ҳукмронии Мансури I б. Нуҳ (350-365/ 961-976 гг.) рост меояд. Зарби дирҳамҳо с. 357/967-968 сар шуда то с. 366/976-977 идома меёбад. Ҳамаи ин дирҳамҳо аз номи Мансур б. Нуҳ зада шудаанд. Дар дирҳамҳои с. 357/967-968 дар баробари номи амири сомонӣ номи Ҷаъфар б. Алӣ низ навишта шудааст. В.Тизенгаузен ин шахсро ҳокими Рашт номидааст. Дар дирҳамҳои пас аз ин, яъне дар солҳои 358/968-969 ва то с. 366/976-977 зада шуда дар баробари номи амири сомонӣ номи Алӣ низ навишта шудааст. Бо эҳтимоли зиёд ӯ писар ва вориси Ҷаъфар б. Алӣ буда, номи бобояшро дошт.

Ҳаминтавр, дар асоси сиккаҳо номи ду ҳокими Рашт маълум гардид, ки яке аз онҳо Ҷаъфар б. Алӣ то с. 357/967-968 ва дуюми бо номи Алӣ аз с. 358/968-969 то 366/976-977 ё аз ин ҳам зиёдтар ҳукмронӣ кардаанд.

Донишманди Туркия Умар Далер низ дирҳамҳои с. 368/978-979 Раштро бо номи Мансур б.Нуҳ ёд кардааст. Аммо маълум нест, ки дар ин дирҳамҳо низ номи Алӣ ҳаст ё не. Ин муҳаққиқ ҳамчунин фалси, яъне сиккаи мисии с. 363/973-974 Раштро ёдовар шудааст [5,с.602].

Ҳаминтавр, дар Рашт дар давраи ҳукмронии Мансур I б. Нуҳ аз с. 357/967-968 то с. 368/978-979 мунтазам дирҳам мезаданд. Зиёда аз ин дар Рашт ғайри мунтазам сиккаҳои тиллоӣ ва мисӣ низ бароварда мешуданд. Ин санадҳо дар бораи рушди иқтисодиёт ва мубодилоти пулӣ дар Рашт дар давраи ҳукмронии Мансури 1 б. Нуҳ, барҷало гувоҳӣ медиҳанд. Тоҷирони Рашт дар савдои минтақавӣ фаъолона иштирок мекарданд. Дар натиҷаи ин дирҳамҳои Рашт ба марказҳои муҳими тиҷоратии Осиёи Миёна– Балх,

Ҷадвали 1

Номи подшоҳи сомонӣ	Соли зарб	Шумораи сиккаҳо	Номи ҳокими маҳаллӣ	Адабиёт
Мансур I б. Нух	357/967-968	1	Р.с. Дар зери калимаи тавҳид. ين على....	[3,219-220]
Мансур I б. Нух	357?/967-968	1	Р.с. Дар зери калимаи тавҳид. جعفر ين على	[7,380, n.3078]
Мансур I б. Нух	358/968-969	1	Р.с. Дар болои калимаи тавҳид على	[6,138]
-	359/969-970	-	-	[5,602]
Мансур I б. Нух	360/970-971	1	على	[3,224]
Мансур I б. Нух	361/971-972	1	على	[3,225]
Мансур I б. Нух	361/971-972	3	على	[7,380,n.3073]
-	362/972-973	-	-	[5,602]
Мансур I б. Нух	363/973-974	1	على	[7,380, n.3076]

Мансур I б. Нух	364/974-975	1	على	[3,226]
Мансур I б. Нух	364/974-975	1	على	[7,380, n.3077]
Мансур I б. Нух	365/ 975-976	1	على	[7,380, n.3079]
Мансур I б. Нух	366/976-977	1	على	[3,228]
-	368/978-979	-	-	[5,602]

Самарқанд, Бухоро ва ғайра расида, аз онҷо ҳамроҳи дирҳамҳои шаҳрҳои дигар ба Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ бурда мешуданд.

Ва дар охир ҳаминро гуфтаниам, ки феҳристи мукаммали дирҳамҳои Рашт, ки дар Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ ёфт шудаанд, то ҳанӯз тартиб дода нашудааст ва иҷрои ин кор яке аз вазифаҳои муҳими сиккашиносони тоҷик мебошад.



Тасвири 1. “Дирҳами тиллоии” Мансури I б. Нух, зарби Рашт.

Тасвири 2. “Дирҳами тиллоии” Мансури I б. Нух, зарби Рашт ва динори Наср б. Нуҳ, зарби Нишопур дар ОМТ.

Тасвири 3. “Дирҳами тиллоии” Мансури I б. Нух, зарби Рашт ва динори Наср б. Нуҳ, зарби Нишопур дар ОМТ.

АДАБИЁТ

1. 1.Бартольд В.В. Соч., Т. I, М., 1963.
2. Марков А. Топография кладов восточных монет (сасанидских и куфических). С.-Петербург, 1910.
3. 3.Тизенгаузен В. О саманидских монетах // Труды Восточного отдела Императорского археологического общества. Часть первая. Санкт Петербург, 1855.
4. Худуд ул- олам. Подготовка текста Н.Косимов. Душанбе, 1983.
5. Ömer Diler. Islamic Mints. Istanbul, 2009.
6. Sylloge Numorium Arabicorum Tübingen. Balh und Landschaften am oberen Oxus. XIV c. Hurasan III, bearbeitet by Florian Schwarz. Tübingen . Berlin, 2002.
7. Sylloge of Islamic coins. Estonian public collection, by Ivar Leimus. Tallinn, 2007.

САМАНИДСКИЙ «ЗОЛОТОЙ ДИРХЕМ» МОНЕТНОГО ДВОРА РАШТ

В Национальном музее Таджикистана имеется редкая золотая монета, чеканенная от имени саманидского эмира Мансура I б. Нуха в монетном дворе Рашт. Уникальность этой монеты заключается в том, что она золотая, но в круговой легенде л.с. написано слово «дирхам», означающий серебряную монету. Примечательно, что вес (3,1гр.), диаметр (29-30мм), почерк надписей и форма этой монеты отличаются от золотых динаров и полностью соответствуют серебряным дирхемам. Эти признаки наглядно свидетельствуют о том, что эта золотая монета чеканена штемпелем дирхема. Это подтверждается аналогичным дирхемом Рашта, опубликованным В.Тизенгаузенном. На его л.с., как и на нашем «золотом дирхеме» находится имя Али.

В Раште с 357/967-968 г. до 366/976-977г. систематически выпускали дирхемы. Известен также дирхем 368/978-979 и фельс 363/973-974г. Чекан дирхемов, золотых монет и фельсов свидетельствует о подъёме экономики Рашта в указанный промежуток времени.

Ключевые слова: *"золотой дирхем", дирхем, Рашт, саманиды,золото, серебро, надписи, стих Корана, год, чекан, Мансур I б.Нух, Али, Джафар б. Али, символ ислама, монетный двор.*

SAMANID "GOLD DIRHAM" OF RASHT MINT

The National Museum of Tajikistan has a rare gold coin minted during the reign of the Samanid amir Mansur I b. Nuh in the Rasht Mint. On the obverse in the center above is the name of Ali. The uniqueness of this coin is that it is gold, but in the circular legend of the obverse the word "dirham" is written, meaning a silver coin. It is noteworthy that the weight (3.1 g.), Diameter (29-30 mm), handwriting of inscriptions, design and appearance of this coin are different from gold dinars and fully correspond to silver dirhams. These signs clearly indicate that this gold coin is minted with a dirham stamp. This is confirmed by a similar silver coin of Rasht, published by V. Tiesenhausen. On the obverse of the dirham, as on our "golden dirham" is the name Ali.

In Rasht from 357/967-968 to 366/976-977 systematically issued dirhams. Also known is Rasht dirham 368 / 978-979 and fals 363/973-974. The minting of dirhams, gold coins and fals indicates the rise of the Rasht economy during the Samanid amir Mansur I b. Nuh.

Keywords: *"golden dirham", dirham, Rasht, Samanids, gold, silver, inscriptions, , year, coinage, Mansur I b. Nuh, Ali, Jafar b. Ali, the symbol of Islam, mint.*

Сведения об авторе:

Давлатходжа Довуди *- доктор исторических наук, заведующий отдела археологии и нумизматики Национального музея Таджикистана. Адрес: 734001, ш. Душанбе, проспект Исмоила Сомони, 11. Телефон: (+992) 2278477, (+992) 987605041, E-mail: dovutov@mail.ru*

About the author:

Davlatkhoja Dovudi *- Doctor of Historical Sciences, head of the Department of Archeology and Numismatics of the National Museum of Tajikistan. Address: 734001, Dushanbe, Ismoil Somoni Avenue, 11. Telephone: (+992) 2278477, (+992) 987605041, E-mail: dovutov@mail.ru*

ИНЪИКОСИ ТАЪРИХИ ДАВЛАТИ ПОРТ ДАР «ТОҶИКОН» - и АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ

Сайнаков С. П.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Давлати Парфия дар давраи мавҷудияташ дар баробари Рим, Кӯшониён ва Чини Ханӣ бузургдавлати ҷаҳонӣ ба шумор рафта, қариб 500 сол арзи ҳастӣ дошт. Сулолаи Аршакиён тавонистанд, ки ҳукуматро дар як минтақаи начандон калон ба даст оварда, сипас ҳудуди давлаташонро васеъ намуда, онро ба як империяи муқтадир табдил диҳанд. Ашкониён аз миёни эронинажодон аввалин шуда, аз тобеияти юнону мақдуниён баромаданд ва Порт – намуна давлате буд, ки баробари Рим тавоної дошта, қариб панҷ аср истиқлолияти моддию маънавии эронинажодонро ҳифз намуд.

Баъзе масъалаҳои давлатдории Ашкониён ҳоло ҳам дар илми таърихи ҷаҳонӣ баҳсталаб буда, ба замъи ин бо ҳама бузургию хизматҳои анҷомдодаи портҳо дар назди таърихи эронинажодон нигоҳ накарда, дар таърихнигории ватанӣ дар ин самт таҳқиқоти алоҳида анҷом дода нашудааст ва яке аз муҳаққиқони нахустине, ки ба пажӯҳиши давлатдории Ашкониён даст зад, маҳз академик

Бобоҷон Ғафуров буд. Дар давраи истиқлолият бошад масъалаҳои таърих ва давлатдории Ашкониён дар асарҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳқиқ гардидаанд [13, с. 73 – 88; 14, с. 131 – 153].

Академик Б. Ғафуров дар баррасии масъалаи давлатдории Ашкониён ба сарчашмаҳои антиқа, ёдгориҳои бостоншиносӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқони варзидаи сатҳи ҷаҳонӣ такя намуда, фикру хулосаҳои худро пешниҳод намудааст.

Дар масъалаи таъсисёбии давлати мазкур ӯ қайд менамояд, ки дар рафти муборизаи байни бародарон Селевки II ва Антиохи Гиеракс барои соҳиб шудан ба тахт аз давлати Селевкиён Порт ҷудо шуд, ки ба он Андрагор ном юнониасл сардорӣ мекард [7, с. 137 – 138]. Дар натиҷа Аршак шунид, ки Селевкиён дар Порт ҳокимияти худро аз даст додаанд, дар натиҷаи як ҳамла аз болои Андрагори юнонӣ пирӯз шуда, ӯро ба қатл расонд ва дар Порт ҳукуматро ба даст гирифт [7, с. 138].

Ба ин тариқ, дар баррасии масъалаи ба сари қудрат омадани Ашкониён академик Бобоҷон Ғафуров хулоса мебарорад, ки раванди он дар маъхазҳои таърихии антиқӣ парокандаю хилофи якдигар зикр шуда, ахбори муфассал вуҷуд надорад.

Дар ҳақиқат, баробари гуфтаҳои боло мавриди зикр аст, ки як қисми маъхазҳои муаррихони юнону римӣ, ки мавзӯи мазкур дар онҳо инъикос ёфтааст, то ба замони мо нарасида, танҳо иқтибосҳои аз онҳо бардоштаи муаррихони баъдина дастраси муҳаққиқони имрӯза мебошанд. Дар баробари ин, дар баъзе ҳолатҳо муаллифони бостон дар асарҳояшон таърихи портҳо ва дигар эронитаборонро бо лаҳни тунду хусуматона ё ихтисоршуда инъикос менамуданд. Албатта, ин сабки навишт яке аз меъёрҳои таърихнигории давраҳои гузашта буд ва аз ҷониби дигар дар бисёр ҳолатҳо халқҳои ҷавони ба саҳнаи сиёсӣ воридшудаву сулолаҳои нав низ таърихро аз сари нав навиштанд. Аз ҷониби дигар баъзе муаррихони бостон далелҳои ғайривоқеиро дар раванди ҳодисоти воқеӣ илова менамуданд, ба мисоли он ки Геродот шумораи сипоҳи шоҳаншоҳи Ҳахоманишиҳо Хшоёршоҳро, дар ҷанг бо лашкари чанд даҳҳазораи юнониён, рақамҳои фантастикии 5 283 220 нафар [8, с. 363] ба қалам додааст, ки имрӯз муҳаққиқон маҷбур мешаванд ин шумораро 50 маротиба камтар нишон диҳанд. Ё ин ки Искандари Мақдунӣ дар Осиёи Миёна аз аҷдодони тоҷик – сакоиҳо шикаст хӯрда, бар зидди онҳо ҳеҷ коре карда натавониста бошад ҳам, аксарияти муаррихони ғарбӣ дар ин бора хомӯшӣ ихтиёр намуданро афзалтар донистаанд. Аксарияташон баҳона меоаранд, ки лашкариёни юнонӣ бо сабаби бемории Искандар аз таъқибкунии сакоиҳо даст кашиданд. Масъалаи дигар ин аст, ки мувофиқи ахбори муаллифони антиқа Искандар чи тавр фурсат ёфтааст, ки дар ду соли ҳузураш дар Осиёи Миёна, ки он ҳам пайваста бо ҷангу набард гузашт, 8 – 12 шаҳр сохтааст ва ин маълумот низ интизори ҷавоби воқеӣ мебошад.

Муаррихи франсузӣ Жан Боден дар бораи масъалаи дар бархе марҳилаҳои таърихӣ бо сабки панегиристона ба манфиати хеш навишатани таърих ва ихтисор намудани таърихи дигар халқҳоро аз ҷониби муаллифони юнону римӣ барҳақ менигорад: «Яке аз анъанаҳои навиштани таърихи қадим барои скифҳо (сакоиҳо. – С. С.) хеле таҳқиромез ба ҳисоб мерафт ва онҳоро ба майли нест намудани тамоми китобу ҳуҷҷатҳои қадима тела медод. Ин хосият дар он зоҳир мегардид, ки китобхонаҳо ва бойгониҳои юнониёну римиён аз ёдгориҳои хаттие, ки кирдори қаҳрамононаи худи онҳоро ҳамду сано мегуфтанд, пур буданд, аммо дар баробари ин, ҳамаи дигар халқҳо, ки аз онҳо на камтар кору пайкори бузургро нишон доданд, ноодилона фаромӯш карда шуданд ё таърихи онҳо бо тарзу услуби нофорам, тунду тез ва ҳатто душманона инъикос карда мешуд. Ва ин дар ҳақиқат рост аст, зеро юнониён ва римиён дар ҳамдусаногӯии хеш аҳду ҳудудро намешинохтанд» [6, с. 42]. Аммо дар баробари иқтибоси овардашуда бояд дар макону замон эҳтиром гузошт, ки новобаста ба ин ҳама, муаррихони Юнону Рим оид ба таърихи тоҷикони қадим, хусусан портҳо, маълумоти нодире пешкаш менамоянд, ки наметавонем онҳоро дар дигар маъхазҳо дарёфт ва дар инъикос намудани таърихи давраи қадими худ мо имрӯзу рӯзҳои дигару абадан ба ахбори онҳо ниёз дорем.

Ин анъанаи таърихнависӣ дар минбаъда низ роиҷ буд ва дар давраи нав низ он дар таърихнигорӣ ҷой дошт. Минҷумла, муҳаққиқи забардасти Шӯравии таърихи Ашкониён А. Г. Бокшанин менависад, ки ҳатто муаррихи машҳури немис Теодор Моммзен ҳам дар баъзе ҳолатҳо аз истифодаи ин сабк канор намондааст ва ӯ воридшавии Ашкониёнро ба қаламрави таҳти назорати римиён тасодуфӣ ва инкоркунанда шуморида, он ҳудудҳое, ки дар зери таъсири юнону римиён

набуданд, варварӣ шумурда, худи портҳоро такягоҳи зуҳуроти варварият ва ғайримаданӣ донистааст [5, с. 13].

Аз ҷониби дигар мо аз бегонагон чи нолем, ки дар бархе мавридҳо худамон ба ихтисори таърих даст задаем, дар ин маврид ишора ба маълумоти муаррихи тоҷик Абурайҳон Берунӣ менамоем, ки навиштааст: «Баъзе аз муаррихони Эрон миёни давраи салтанати Искандар ва аввалин подшоҳи Ашкониро ба ҳам муттасил намуда, нуқсони фоҳише содир карданд» [3, с. 135] ва дар ин заминаю дигар ахборот Ричард Фрай меорад, ки ҳатто Сосониён низ мекӯшиданд, ки дар бораи ашрофони ашконӣ ва таърихи онҳо хотиротро нобуд кунанд, то ки хизмати пешгузаштагони мазкури худро паст зананд [17, с. 243 – 244] ва Малколм Коллеҷ бошад суханони муаррихони мазкурро хулосаи ҷамъбастӣ дода, менависад, ки баъди заволёбии Порт маълумот дар бораи он зуд аз даст рафтанду ба ривоёт табдил ёфтанд ё ки нест карда шуданд [10]. Аз ин ҷониб илова менамоем, ки таърих бо сиёсати давр доимо печида буда, аз ҳамаи донишу илмҳо дида, бештар зарар дидааст. Аз ин ҷиҳат ва аз лиҳози набудани маълумоти кофӣ дар «Шоҳнома» - и Фирдавсии бузургвору ширинсухан низ оид ба таърихи сулолаи мазкур ба ҷуз чанд байт ахбори дигар оварда нашудааст. Худи академик Б. Ғафуров низ ба чунин хулоса омадааст, ки «солномановисони асрмиёнагии Эрон тамоми давраи бисёрасраи давлати Портро аз эътибор соқит сохта, онро ноҳақ чун давраи ҳокимияти мустабидаи пурҷаҳолат ба қалам додаанд» [7, с. 163].

Дар акси ҳол бошад Ашкониён маданияти баланди давлатдорӣ ва тамаддун дошта, онро аз пешгузаштагони худ – Ҳахоманишиҳо, ки аввалин давлати мутамаддини ҷаҳониро таъсис дода буданд, мерос гирифтанд [2, с. 51].

Агар ба воқеияти гузаштаи раванди таърихӣ назар намоем маҳз аҷдодони тоҷик нахустин эъломияи ҳуқуқи башарро қабул ва эълон намуданд ва халқҳое, ки ба доираи қаламрави таҳти назорати онҳо даромаданд, урфу одат, дин ва афкори миллии онҳоро нест накарда, баръакс шароит фароҳам оварданд, ки он рушд ёбад [11, с. 2]. Ин анъанаи некро аз Куруши Кабир сар карда, ба Ашкониён мерос монда, дар оянда низ аҷдодони мо нигоҳ доштанд. Ё худ бо овардани як мисоли оддӣ хонандаи закӣ қазоват кунад, ки замоне, ки шоҳаншоҳ Куруши Кабир ғуломдориро барҳам дода, озодии халқҳо ва адёну бовариҳои мардумонро эълон намуд, дар Империяи Рим дар аввали давраи мелодӣ низ кирдори ваҳшоний, яъне бозиҳои гладиаторӣ, маъмул буданд.

Ҳамин тавр, хулоса баровардан мумкин аст, ки бо сабаби фақат вуҷуд доштани маълумоти парокандаю хилофи якдигари таърихӣ оид ба таърихи раванди таъсисёбии давлати Ашкониён, муҳаққиқони муосир зарур мешуморанд, ки дар таҳқиқу масъалагузории давлатдории Порт ва васеъ инъикос намудани таърихи таъсисёбии он аз корбурди усули контаминатсионии маълумоти бо ҳам номувофиқ (омехтакунии ду ё якчанд ҳодисот ҳангоми тасвир кардани онҳо) истифода баранд [1, с. 146].

Дар натиҷаи таҳлили асарҳои намояндагони таърихнигории антиқа ба хулосае меоем, ки дар адабиёти он давра ду анъанаи баёнкунии масъалаи мазкур мавҷуд мебошад, ки тибқи аввалаш давлати Ашкониён дар натиҷаи аз ҷониби кӯчманчиён – парнҳо (гуруҳе аз сакоиҳо. – С. С.) бо сардории Аршак забт шудани Парфия таъсис ёфта, ба сулолаи Ашкониён асос гузошта шуд. Тибқи назари дуюм давлати Порт дар натиҷаи пирӯзии шӯриши мардумӣ бар зидди юнону мақдуниён бо сарварии бародарон Аршак ва Тирдод, ки шаҷараи онҳо ба шоҳи Ҳахоманишиён Ардашер мерасад, таъсис ёфтааст.

Аллома Б. Ғафуров дар бораи қудрати Ашкониён зикр менамояд, ки дар муддати кӯтоҳ Аршакиён қувват гирифта, ба яке аз давлатҳои тавоно табдил ёфтанд. Онҳо расму русуми аҷдодиро аз нав эҳё намуда, ҳангоми ичрои маросими тоҷгузорӣ шоҳони Порт «барои исботи худодод будани ҳокимияти худ ҳангоми тоҷгузорӣ маросимоти оташпарастиро (зардуштӣ. – С. С.) истифода мебурданд, ки аз он қадимтарин урфу одатҳои эронӣ бармеояд» [7, с. 142].

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳқиқоти худ тавонманд шудани Ашкониёнро ба давраи Меҳрдоди I нисбат дода, менависад, ки «хизмати Меҳрдоди I дар назди портҳо ва умуман халқҳои ориёӣ хеле бузург буд. Ӯ Парфияро аз як вилояти начандон калон ба як давлати паҳновару пурқувват, ки аз сарҳади Бохтар то Байнаннаҳрайнро дар бар мегирифт, табдил дод. Баъди истилои юнониёну мақдуниҳо ин муҳимтарин ғалабаи халқҳои ориёӣ буд. Аршак портҳоро аз асорати юнониён озод кард ва Меҳрдоди I онҳоро ба ҳукмрони як минтақаи калон табдил дод» [14].

Тибқи ахбори муаррихони антиқа ва ёдгориҳои аз Нисо ба даст омада Бобоҷон Ғафуров фикри худро идома дода, қайд менамояд, ки аз ҷиҳати шакли идоракунӣ Порт давлати аристократӣ (ашрофсолорӣ) будааст. Ӯ менависад, ки «дар давлати Порт ҳокимияти подшоҳро ду шӯро – шӯрои ашроф ва шӯрои коҳинон ба андозае маҳдуд мекарданд. Ба шӯрои ашроф ғайр аз намояндагони сулолаи ашконӣ, аз афти кор, намояндагони боз шаш хонаводаи ашроф дохил мешуданд. Подшоҳро аз байни хонадони ҳукмрони ҳамин ду шӯро интихоб карда, васияти подшоҳи марҳумро ҳам ба эътибор мегирифтанд» [7, с. 159].

Ҳанӯз Страбон дар асари худ такя ба ахбори Посидоний (с. 135 – 45 п. м.) намуда, менависад, ки Шӯрои олии портҳо аз ду қисм иборат мебошад, ки ба қисми якум хешовандони шоҳ дохил мешаванд ва ба қисми дуюм доноёну коҳинон. Шоҳонро ҳар ду қисм интихоб менамоянд [16, с. 487]. Мувофиқи хулосаи М. М. Дяконов дар давлати Порт ҳафт хонавода мартабаи асосиро ишғол мекарданд ва ин анъанаро портҳо аз Ҳахоманишиҳо, ки дар давлати онҳо низ ҳафт авлод мақоми махсус доштанд, ба мерос гирифтаанд [9, с. 195]. Ҳамин тавр, тибқи хулосаи олимони рус дар байни портҳо хонаводаҳои Аспахапет (Испахпат), Дахай, Карен, Миҳран, Парни, Сохай, ва Сурен дорои мартабаи олӣ буданд [12, с. 139]. Дар маъхазу таҳқиқоти эронӣ онҳо ба ин тарз зикр шудаанд: хонадони Меҳрон ҳавзаи нуфуз Рай, хонадони Коран, доираи таъсир – Наҳованд, хонадони Суран – Систон, хонадони Испандёз – Рай, хонадони Зик – Озарбойҷон, хонадони Аспаҳбуд – Гургон.

Андешаронии худро идома дода, академик Б. Ғафуров чунин ибрози назар намудааст, ки аз ҷиҳати маъмурӣ ба ҳайати Порт дигар давлатчаҳои тобеъ, аз ҷумла Гиркония ё Сакистон, ки волии онҳо баъзан бо номи худ сикка мезад, инчунин сатрапияҳо дохил мешуданд. Сатрапияҳо дар навбати худ ба гипархияҳо ва он ба статмаҳо тақсим мешуданд. Дар идомааш академик иброз менамояд, ки тибқи бойгонии Нисои Куҳна муайян шудааст, ки воҳиди хурдтарини маъмурӣ диз, яъне деҳаи ҳисорӣ будааст, ки ба он дизпат сардорӣ мекардааст [7, с. 159 – 160].

Сиёсати динии сулолаи мазкурро таҳлил намуда, аллома Б. Ғафуров менависад, ки дар давлати Порт дар баробари дини зардуштӣ, ки мақоми махсус дошт, динҳою бовариҳои гуногун, аз қабили парастиши Митра, мазҳабҳои юнонӣ, яҳудия, насрония амал мекарданд [7, с. 162].

Дар ҳақиқат маҳз бори нахуст шуда, пас аз ҳуҷуми юнону мақдуниён Ашкониён китоби муқаддаси Авесторо ҷамъоварӣ намуданд. Нусхаҳои боқимондаи Авесто ва сарчашмаҳои шифоии он, ки мубадон дар ёд доштанд, ҷамъоварӣ карда, китоби мазкур дар намуди пештарааш барқарор карда шуд. Аз гуфтаҳои болои академик Б. Ғафуров метавонем хулоса баровард, ки Аршакиён низ сиёсати таҳаммулпазиру гуногунандешии динии Ҳахоманишиҳоро нусхабардорӣ ва риоя мекарданд, ки тибқи он дар баробари дини аҷдодиашон – зардуштия дигар адёну эътиқодҳоро озод мондаанд. Ричард Фрай низ менависад, ки маҳз портҳо пас аз истилои юнону мақдуниён дини зардуштиро начот доданд [17, с. 242], баробари ин дар масъалаҳои динӣ таҳаммулпазир буданд ва пайравони дигар адёнро таъқиб намекарданд [17, с. 272]. Жан - Пол Ру ҳам эътироф намуда, зикр кардааст, ки таҳаммулпазирии динии портҳо бе баҳс аст [15, с. 81].

Дар «Тоҷикон» муносибати Порт бо Селевкиён ва қабилаҳои ориёии кӯчӣ низ мухтасаран ва моҳирона инъикоси худро ёфтааст. Аз ҷумла, зикр шудааст, ки соли 138/7 п. м. ба тахти Порт Фарҳоди II нишаст, ки хурдсол буд ва давлатро модараш идора мекард. Дар ҳамин вақт Селевкиён ба қаламрави Порт ҳуҷум менамоянд ва қисмати ғарбии мамлакат Бобулистонро ба тасарруфи худ дароварданд. Аммо ин зафари Селевкиён дер давом накард. Аҳолии қаламравҳои ғасбшуда ба шӯриш бархестанд ва Фарҳод тавонист, ки ғосибонро торумор намуда, қаламравҳои аз даст рафтаро дубора баргардонад [7, с. 170]. Бар такя ба ахбори муаррихони антиқа Бобоҷон Ғафуров менависад, ки айни ҳамин вақт дар шарқи мамлакат вазъият ноором шуд, яъне сакоиҳо исён бардоштанд. Онҳо бояд ба ивази маблағ дар ҷанги зидди Селевкиён иштирок мекарданд, аммо танҳо пас аз тамом шудани ҷанг омада расиданд. Хамин тавр, дар вақти даркорӣ, ки нарасиданд, портҳо аз додани музд худдорӣ намуданд. Сакоиҳо талаб намуданд, ки роҳи тӯлониро сарф намудаанд ё ба онҳо музд диҳанд ё бар зидди ягон душмани дигар фиристонанд. Фарҳод, ки талаби онҳоро рад намуд, сакоиҳои ин хулосаро барои худ таҳқир дониста, ба ғорати мамлакат сар карданд [7, с. 170 – 171]. Фарҳод соли 130 п. м. бар зидди онҳо ҳамон лашкари юнониёнро фиристонд, ки дар ҷанги зидди Антиох асир гирифта буд. Ин лашкариён, ки дар асорат бо муомилаи бераҳмона рӯ ба рӯ шуданд, чун диданд, ки мавқеи портҳо андак заиф гардид, ба тарафи сакоиҳо гузаштанд ва «ҳам лашкари

портҳо ва ҳам худи Фарҳодро аз дами теғ гузаронда, ғарқи хун сохтанд» [7, с. 171]. Ба тахт Ардавони II нишаст. Сакоиҳо Портро ғорат карда, ба даштҳои худ баргаштанд, дар натиҷа давлати Ашкониён маҷбур шуд, ки муддате ба онҳо боҷ ҳам диҳад. Ардавон кӯшид, ки аз тобеияти онҳо раҳо ёбад, аммо дар яке аз муҳорибаҳо бо онҳо тақрибан соли 123 п. м. аз дасташ тир хӯрду муддате пас ҷон медиҳад. Танҳо писари ӯ Меҳрдоди II (с. 123 – 87 п. м.) тавонист пеши роҳи сакоиҳоро гирифта, қаламравҳои худро аз тобеияти онҳо раҳо намояд. Меҳрдоди II унвони Кабирро гирифт. Дар аҳди ӯ Порт чунон қудратманд шуд, ки ҳеҷ вақт ба чунин дарачаи тавоної нарасида буд [7, с. 171].

Муҳаққиқони баъдина низ ба хулосае омаданд, ки маҳз Меҳрдоди II аввалин ҳокими портҳо буд, ки бори нахуст дар тангаҳои ашконӣ бо унвони шоҳаншоҳ (шоҳи шоҳон) зикр шудааст [17, с. 251 – 252].

Зарур аст қайд намоем, ки низоъҳои байни Порт ва сакоиҳо проблемаи дохилии аз ҷиҳати баромади этникии як халқ ба шумор рафта, дар роҳи мустаҳкам намудани ваҳдати эронинажодон таъсири манфӣ дошт. Низои зикршудаи миёни ин ду ҳамнажоду ҳамхун ба мавқеи Ашкониён дар сиёсати байналхалқӣ таъсири ҷиддӣ мерасонд, ки ҳатто дар ҳалли бисёр масъалаҳои сатҳи байналхалқӣ он эҳсос мешуд.

Масъалаи дигаре, ки Бобоҷон Ғафуров овардааст, ин муносибатҳои байни Риму Порт мебошанд, муаллиф яке аз аввалинҳо шуда, дар таърихнигории ватанӣ юриши нокоми сарлашкари Рим Красс бар зидди Ашкониён ва шикасти ӯро дар муҳорибаи назди Ҳаррон (Карр) овардааст [7, с. 185 – 186]. Бобоҷон Ғафуров дар асараш меорад, ки таърихи нимаи дуюми Порт дар қаламрави Эрону Байнаннаҳрайн сурат гирифта, аз доираи таърихи Осиёи Миёна қисман берун мондааст. Мумкин он кас ин ҷиҳатҳоро ба инобат гирифта, муносиботи давраи мазкури Порт бо Римро дар таҳқиқоташ мухтасаран инъикос намудааст.

Академик Б. Ғафуров пас аз баррасии муҳорибаи Ҳаррон менависад, ки солҳои 40 - уми п. м. дар аҳди шоҳ Покор портҳо Сурия ва Фаластинро низ забт намуданд [7, с. 186].

Дар оянда низ сиёсатмадорону лашкаркашони Рим бар зидди Порт амалиёти ҳарбиро гузаронданд, аммо дар муқоиса бо нақшаи Красс мақсаду амалкарди онҳо маҳдуд буд. Сиёсатмадорони ҷиддӣ ва дурбини римӣ, ба монанди Октавиан Август ва Публий Элий Траян Адриан бошанд мағлубият дар Ҳарронро абадан дар хотир гирифта, нигоҳ доштани сулҳ бо Ашкониёнро барои Рим беҳтар медонистанд [4, с. 41 – 51].

Бобоҷон Ғафуров сабабҳои барҳамхӯрии давлати Портро низ баррасӣ карда, хулосаи ҷамъбастии худро чунин овардааст, ки ҷангҳои дуру дароз бо империяи Рим ва низоъҳои дохилӣ боиси он шуданд, ки давлати мазкур дар асри III мелодӣ завол ёбад. Дар натиҷа соли 224 ҳокими вилояти Истахр Ардашери Бобакон аз болои портҳо ғалаба намуда, ба сулолаву давлати нави эронӣ (тоҷикӣ) – Сосониён асос гузошт [7, с. 257].

Дар баробари масъалаҳои зикршуда, боз паҳлӯҳои дигари давлатдории Ашкониён низ дар асари академик Бобоҷон Ғафуров оварда шудаанд, аммо мо дар мақолаи мазкур бештар ба таҳлили таърихи сиёсии мавзуъ қаноат намудем.

Хулоса, дар таърихи ватанӣ академик Б. Ғафуров яке аз аввалинҳо шуда, масъалаи давлатдории Ашкониёнро аз нуқтаи назари илмӣ таҳқиқ намудааст ва пешниҳоду назари ӯ айни замону фардо низ аҳамияти илмии хешро нигоҳ медоранд.

АДАБИЁТ

1. Балахванцев А. С. Политическая история ранней Парфии. Диссертация на соискание ученой степени доктора исторических наук. М. , 2018. 467 с.
2. Беликов А. П. Рим и Парфия: Истоки взаимного неприятия // Античный мир и археология. Выпуск 11. Саратов, 2002. С. 51 – 52.
3. Берунӣ А. Осор - ул - боқия. Душанбе: Ирфон, 1990. 432 с.
4. Бокщанин Г. А. Битва при Каррах (Война Марка Лициния Красса с Парфией в 54 – 53 гг. до н. э.) // Вестник древней истории. № 4. М. , 1949. С. 41 – 51.
5. Бокщанин А. Г. Парфия и Рим. Возникновение системы политического дуализма в Передней Азии. Часть первая. М. , 1960. 252 с.
6. Боден Ж. Метод легкого познания истории. М. : Наука, 2000. 412 с.
7. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум. Душанбе, 1998. 704 с.
8. Геродот. История. В девяти книгах. Книга седьмая. Полигимния (186). Перевод и примечания Г. А. Стратановского. Л. : Наука, 1972. 600 с.

9. Дьяконов М. М. Очерк истории древнего Ирана. М. , 1961. 445 с.
10. Колледж М. Парфяне. Последователи пророка Заратустры. М. : Центрполиграф, 2004. 210 с. 54 иллюстрации.
11. Матни Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир // Фарҳанг. – № 1. – Январ – феврали соли 2005. Душанбе, 2005. С. 2.
12. Остахов А. А. , Ильюшин Ю. В. Кавказ в эпицентре внешней политики Рима на Ближнем Востоке (I в. д. э. – III в. н. э.). Пятигорск, 2012. 228 с.
13. Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёй. Душанбе, 2006. 372 с.
14. Раҳмонов Э. Точикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён. Душанбе, 2002. 128 с.
15. Ру Ж. П. История Ирана и иранцев. От истоков до наших дней. СПб. , 2015. https://www. twirpx. com/file/1794242/
16. Страбон. География в 17 книгах. Книга XI. Глава IX, 3. Пер. Г. А. Стратановского. М. : Наука, 1964. 944 с.
17. Фрай Р. Наследие Ирана. Издание второе, исправленное и дополненное. М. , 2002. 463 с.

ОТРАЖЕНИЕ ИСТОРИЯ ПАРФЯНСКОЕ ГОСУДАРСТА В «ТАДЖИКИ» Б. Г. ГАФУРОВА

В статье рассматривается некоторые вопросы история возникновения, развития и падения Парфянского государства в «Таджики» академика Б. Г. Гафурова. Автор путем сравнительного анализа материалы из его фундаментальной работы с материалами и выводами других ведущих специалистов по истории Аршакидов показывает вклада академика Б. Г. Гафурова в изучение истории Парфянского государства.

Ключевые слова: *Гафуров Б. Г., Аршакиды, государства, возникновение, развития, парфяне, Парфия*

REFLECTION HISTORY OF THE PARFYAN STATE IN «TAJIK» B. G. GAFUROV

The article examines some issues of the history of the emergence, development and fall of the Parthian state in the «Tajiks» of academician B. G Gafurov. The author, through a comparative analysis of materials from his fundamental work with materials and conclusions of other leading specialists in the history of the Arshakids, shows the contribution of academician B. G. Gafurov to the study of the history of the Parthian state.

Key words: *Gafurov B.G., Arshakids, states, emergence, development, Parthians, Parthia.*

Сведение об авторе:

Сайнаков Сайнак Парпишоевич – *кандидат исторических наук, доцент, заведующий кафедрой всеобщей истории Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни, тел: (+ 992934162099), e-mail: saynakov2012@mail.ru; saynak.rushon.saynakov@mail.ru*

About the author:

Saynakov Saynak Parpishoevich *– candidate of historical sciences, head of the Department of General History of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, phone: (+992934162099); E-mail: saynakov2012@mail.ru; saynak.rushon.saynakov@mail.ru*

НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ РЕМЕСЛЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА НАСЕЛЕНИЯ СРЕДНЕЙ АЗИИ В ТРУДАХ О.А.СУХАРЕВОЙ

Валиев А.
Российско-Таджикский (Славянский) университет
Мирзоев М.
Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни

Среди русских этнографов, которые изучали традиционную культуру, особенно ремесленное производство населения Средней Азии, особое место занимает видный этнограф О. А. Сухарева, которая всесторонне исследовала ремесленное производство среднеазиатских городов, особенно города Бухары.

Среднеазиатские города, как Бухара, Самарканд, Худжанд, Фергана, Коканд являлись крупнейшими в Средней Азии центрами ремесленной промышленности. Ремесленники выпускали продукцию не только на рынки Средней Азии, но и за ее пределами. Некоторые отрасли городского ремесла обеспечивали нужды тяготевшей к городам сельской округи, другие были рассчитаны на удовлетворение потребностей горожан. [1]

Недооценка роли ремесленной промышленности феодальной Бухары путешественниками, наблюдавшими город непосредственно, привела к тому, что вопрос о месте ремесла в жизни города остался малоизученным. Поэтому историки относят Бухару к городам по преимуществу торговым, «лежавшим на узлах больших караванных путей, сложившим складочными местами, перегрузочными пунктами и биржами для вывозной и транзитной торговли». [4] Однако, на основании собранных в советское время материалов, главным образом этнографических, О.А. Сухарева признавала Бухару не только важнейшим пунктом транзитной торговли, но и крупнейшим центром ремесленной промышленности, экспортировавшим свою продукцию. [4]

Развитие бухарского ремесла в течение всего феодального периода шло в условиях пустившего уже глубокие корни товарного обращения. Превращение бухарского ремесла в товарное производство способствовало положение Бухары на скрещении караванных торговых путей, связывавших Среднюю Азию, с одной стороны, с Ираном, Афганистаном и Индией, а с другой – с Россией. Еще большее значение для бухарской промышленности имел постоянный, сложившийся в течение многих веков, обмен с другими районами Средней Азии, в частности населенными туркменами, казахами, кочевыми и полукочевыми узбекскими племенами; торговые связи соединяли Бухару и с другими районами орошаемого земледелия и такими торгово-промышленными городами, как Самарканд, Шахрисабз, Гузар. Немалое значение имел также характер внутренней бухарской торговли, с одной стороны, обращенной на удовлетворение спроса на различные, в том числе наиболее дорогие, изделия ремесленников многочисленной в Бухаре феодальной знати, крупного купечества и зажиточных горожан, а с другой- спроса трудового народа, в частности самих ремесленников, все потребности которых в продуктах питания, одежде утвари удовлетворялись рынком. Широкий спрос на изделия бухарских ремесленников привел к полному отделению ремесла от сельского хозяйства.

О. А. Сухарева отмечает, что развитию товарной промышленности Бухары способствовали и чисто местные, специфические условия. Как столичный город Бухара находилась в привилегированном положении; жители города, в том числе и ремесленники, освобождались от очистки арычной сети и работ по поддержанию санитарного состояния дворов- это делали за них крестьяне пригородных округов. Здесь были лучше организованы все виды коммунального обслуживания- вплоть до доставки воды на дом водоносами и продажи в кварталах кипятка для заваривания чая. Развитая городская торговля обеспечивала население всем необходимым. В течение последнего столетия налоговый гнет был здесь ослаблен.

В результате развития промышленности удельный вес ремесленников в составе населения города Бухары был очень велик. Из-за отсутствия статистических данных число ремесленников, работавших в Бухаре в конце XIX – начале XX в., не может быть точно установлено, однако несомненно, что ремесленники представляли собой весьма значительную часть горожан, их насчитывалось не менее чем 10-15 тыс., а вместе с семьями они, вероятно, составляли более 25% городского населения. [2]

Классификация отраслей ремесла может быть сделана на основании нескольких принципов: по их социально – исторической характеристике, по технике и обрабатываемым материалам или объектам деятельности, по выпускаемой продукции. Выделены следующие отрасли городской промышленности. 1. Обработка металлов. 2. Обработка волокна. 3. Строительные ремесла. 4. Обработка кожи. 5. Изготовление одежды и ее деталей. 6. Пищевые промыслы. 7. Прочие промыслы, вырабатывавшие различные предметы быта.

1. Обработка металла. Этот вид ремесла разделялся на шесть самостоятельных отраслей:

1) К кузнечно-слесарным отраслям – челонгари, охангари относились: а) собственно кузнецы – челонгар, изготовлявшие все возможные железные орудия и в соответствии с видом изделий разделявшиеся на специалистов по изготовлению кетменей ташгар и топориков тешагар; б) подков очники – наългар, в) замочники – кулфсоз, г) ножовщики- кордсоз, д) жестянщики – тунукасоз, появившиеся, по-видимому, только после того, как из России стала завозиться жесть.

2) Литье чугуна- дегрези разделялось на мелкие специальности.

3) Ремесло медников – мисгари не имело обособленных отраслей, хотя внутри ремесла выделялись специалисты по производству определенного вида изделий.

4) Литье бронзы – рехтагари, в котором выделялась, как особая отрасль, производство Колокольцев и бубенцов зангулясози.

5) Ювелирное дело – заргари. Особой специальностью была очистка драгоценных металлов от примесей и отделение золото от серебра.

6) Обработка волокна распадалась на три крупные отрасли: подготовка пряжи, тканье, обработка готовых тканей. [2]

Таким образом, в производстве и отделке тканей выделилось 14 отдельных отраслей, две из которых – выделка полушелковых и шелковых тканей – распадались еще на 16 специальностей, не получивших, однако самостоятельного значения. [4]

Ремесленники – металлисты удовлетворяли потребности местного населения в орудиях труда. Что играло определяющую роль в прогрессе в местной техники вообще. Из металла изготовлялись, в частности, самые разнообразные инструменты, употребляемые бухарскими ремесленниками. Челонгаров в Бухаре было, по счетам нашего информатора усто Шарифи Камолова, около 150 человек; из 30 ташгарев занимались изготовлением кетменей, 50 до сазов – серпов, некоторые мастера специализировались на выработке различных мелких предметов – цепочек и колец для дверей и т.д. Орудия кузнеца – челонгара состояли из набора молотков – каждый из которых предназначался для особой операции, кувалды и двух напильников разной формы. Металлисты Средней Азии не были знакомы с резьбой поэтому винт тисков – окугиро – делался из железного стержня, на который напаивалась медная про волка. Для работы в мастерской челонгара необходимо было не меньше трех человек: кроме самого хозяина мастерской, выполнявшего обычно самые ответственные операции, работал молотобоец – чукичзан и ученик – шогирд, который раздувал горн мехами. [3]

Чрезвычайно велико было в Бухаре количество ремесленников, занимавшихся изготовлением различных пищевых продуктов. Сюда входили хлебопеки, кондитеры, повара, мясники и т.д. Эта прослойка трудового люда столицы, также объединенная в свои профессиональные корпорации, была рассеяна по всему городу, обеспечивая своей продукцией население его различных районов.

Очень важным элементом среди трудящихся Бухары были водоносы, которые разносили воду из многочисленных бухарских водоемов по домам своих постоянных клиентов. Их общее число могло доходить до нескольких сот человек, так как в Бухаре имелось свыше 80 водоемов, вокруг каждого из которых группировалось до 30–40 и больше водоносов. [2]На обязанности водоносов было тушение возникавших в городе пожаров, на которые они сбегались со своими мехами для воды, заслышав звук специального барабана.

О.А. Сухарева подчеркивает, что наряду с ремесленниками среди населения города Бухары имелись и «дехкане». Они жили во многих кварталах города, особенно в восточной его части. Как выяснилось, однако, в Бухаре этот термином означал не только человека, занимавшегося обработкой земли лично, но и всякого, кто жил на доходы с земли, что преимущественно и встречалось среди городского населения. Чрезвычайно интересным историческим фактом следует считать сохранение в самом городе, несмотря на его крайнюю тесноту, земельных участков, используемых для земледелия. Массивы таких земель лежали в восточной и юго-западной **частях** города. [4]

Сады, расположенные в восточной, северо-западной и юго-западной частях города, принадлежали преимущественно знати и крупнейшим богачам. В юго-западном районе города находился и так называемый «Сад Ботурхона», принадлежавший эмирскому гарему, обитательницы которого выезжали иногда туда летом.

В Бухаре, крупнейшем среднеазиатском торговом центре, было много людей, занимавшихся торговлей. Каждая группа торговцев имела особое название в зависимости от того, какими товарами она торговала.

Каждый вид товаров продавался в специальном ряду, но торговцы одной специальности обычно не жили в определенных частях города, хотя и была заметна тенденция к некоторому их объединению в одном районе. В некоторых кварталах, примыкавших к соответствующим торговым рядам, жило по несколько семей торговцев одной специальности.

Особой специальностью, также связанной с развитием в Бухаре торговли, была упаковка грузов. Упаковщики, так же, как и водоносы, группировались вокруг отдельных объектов, в данном случае караван-сараев, и специализировались на упаковке определенных видов товаров. Особенно многочисленны были упаковщики каракулевых шкурок.

На ростовщичестве специализировались индусы, которые также имели в Бухаре свой караван-сарай. Они сумели глубоко проникнуть в экономику города: их должниками были как феодалы и крупные купцы, бравшие у них большие суммы, так и мелкие бухарские ремесленники, вынужденные прибегать к мизерным займам, чтобы свести концы с концами.

Как вспоминают бухарцы, ростовщики-индусы обходили в определенные дни своих должников, получая очередные проценты. Расчеты отмечались на палках-бирках, которые ростовщики при обходах всегда носили с собой. [4]

Положение Бухары как столицы эмирата определило наличие в составе ее населения большого числа служилого люда, представители которого, вне зависимости от того, на военной или гражданской службе они состояли, именовались сипо. [3]

Большая часть сипо, особенности военных, жила ближе к окраинам города, где скученность была менее значительна и дворы имели несколько большие размеры. Это было важно, так как многие из этих лицо своей должности держали лошадей не только для себя, но и для своей свиты.

Население, связанное с деятельностью культовых учреждений, в Бухаре составляло, вероятно, больший процент, чем в любом другом городе Средней Азии. Будучи важнейшим центром транзитной торговли, Бухара в то же время являлась крупнейшим поставщиком промышленных товаров собственного производства для многих областей Средней Азии и за ее пределы.

В XIX веке бухарские ткани вывозились в Афганистан, Иран и Восточный Туркестан (Синьцзян), в Россию, особенно в южнорусские степи, и в Сибирь. Вывоз ремесленной продукции в Россию, усилившийся с XVIII в. в результате дальнейшего развития тесных и регулярных торговых сношений между Россией и Средней Азией, явился сильнейшим стимулом для развития ремесленной промышленности г. Бухары, как основного поставщика наиболее ценных экспортных товаров местного производства. [4]

Широко распространили бухарские ткани и по всей Средней Азии. В Бухаре вырабатывался специальный ассортимент тканей и шелковых платков для районов Хорезма и Туркмении. В Самарканд вывозилась бухарская алача из фабричной пряжи и шелковая алача. Бухарские полушелковые ткани продавались в начале XIX века в Ташкенте. Лишь Фергана в XIX – начале XX веков, а может быть и раньше, вероятно, в связи с развитием собственного шелкоткачества, ассортимент товаров производился в столице Бухарского ханства для жителей степей – скотоводов-кочевников. Промышленность г. Бухары уже в течение многих веков развивалась как мелкотоварное производство. Основой высокого развития бухарского ремесла было, так же, как и позже в России «пустившее уже глубокие корни товарное обращение». Развитие промышленности Среднем Азии в течение всего периода феодализма шло в условиях товарного производства, и материалы настоящего исследования позволили на конкретных примерах показать прямую зависимость развития ремесленных отраслей от того рынка, на который они поставляли свою продукцию.

Кроме того, развитие феодальной промышленности Бухары способствовали на чисто местные специфические условия. Как столичный город, Бухара находилась на привилегированном положении; жители города, в том числе и ремесленники, были свободны от очистки арычной сети и работ по поддержанию санитарного состояния их дворов – это делали за них крестьяне из пригородной округи. Здесь были лучше организованы все виды коммунального обслуживания, вплоть до доставки воды на дом водоносами и продажи в кварталах кипятка для заваривания чая. Развитая городская торговля обеспечивала население всем необходимым. Кроме того, здесь меньше сказывалась конкуренция фабричных товаров, которая губительно отразилась на некоторых отраслях ремесла Туркестанского края.

Таким образом, необходимо отметить, что среднеазиатские города, в т.ч. город Бухара был центром ремесленного производства и его продция была известна далеко за пределами Средней Азии. Труды О.А. Сухарева подтверждают сообщения таджикского поэта Сайидо Насафи о том, что в города в XVIII веке в городе Бухаре было 212 видов ремесла.

ЛИТЕРАТУРА

1. Валиев А. Этнографическое изучение таджиков Центральной Азии в новейшее время (1920-2017). – Душанбе, 2018. - 207 с.
2. Сухарева О.А. Бухара XIX –начала XX вв. Позднефеодальный город и его население. – М., 1966. – 328 с.
3. Сухарева О.А. К истории городов Бухарского ханства (историко-этнографические очерки). – Ташкент, 1958. – 145 с.
4. Сухарева О.А. Позднефеодальный город Бухара конца XIX- начала XX в. Ремесленная промышленность. Ташкент, 1962. – 194 с.

НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ РЕМЕСЛЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА НАСЕЛЕНИЯ СРЕДНЕЙ АЗИИ В ТРУДАХ О.А.СУХАРЕВОЙ

6. Архив Министерства иностранных дел Республики Таджикистан. Договорно-правовое управление. Папка Пакистана, №35. (на тадж. яз.)
7. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. Душанбе, 2015. -С.15.
8. Зубайдов З. Возрождение старой дружбы [Текст] / час. Зубайдов // Садои мардум.-2012.-8 июня.-№ 70-71 (2897-2898). (на тадж. яз.)
9. Анжат Хусейн. Таджикистан и Пакистан - две страны похожие на друг друга. Х. Анжат / Дунё.- 2012. 10-16 апреля. -№ 15 (420). (на тадж. яз.)
10. Таджикистан и Пакистан имеют большие возможности для сотрудничества [Текст] / Джумҳурият.- 2011. -4 июня.-№79 (21 895). (на тадж. яз.)
11. Таджикистан и Пакистан эффективно сотрудничают [Текст] // Садои мардум. -2015.- 12 июня.- №80-81 (3381-3382).
12. Султонов М. Шукурджон Зухуров встретился с председателями обеих палат парламента Пакистана [Текст] /М. Султонов // Садои мардум. - 2016.-17 марта.-№36 (3516).

ТОРГОВОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ПАКИСТАН

В статье авторы анализируют уровень и приоритеты торгового сотрудничества между Таджикистаном и Пакистаном. На современном этапе международная торговля играет важную роль в экономическом развитии стран, регионов и мирового сообщества. Международная торговля - ключевой фактор экономического развития. Основными факторами, влияющими на международную торговлю, являются развитие международного разделения труда и интернационализация производства, а также научно-техническая революция и деятельность транснациональных корпораций.

Сотрудничество между Таджикистаном и Пакистаном основывается на соглашениях и протоколах, подписанных между двумя странами, и служит укреплению потребительского рынка двух стран и интересам двух народов. В целом дружеские отношения и широкое торгово-экономическое сотрудничество с Республикой Пакистан - страной, с которой мы разделяем многие общие исторические и культурные ценности, - являются важными приоритетами внешней политики Республики Таджикистан, и есть еще неиспользованные возможности. Конечно, развитие экономики и торговли зависит от воли и усилий руководства обеих стран, прежде всего от удобных и безопасных способов транспортировки грузов.

Таким образом, есть база для развития торгового сотрудничества, развитие которого отвечает интересам народов обеих стран и внесет значительный вклад в экономическое развитие и повышение уровня жизни.

Ключевие слова: *Таджикистан, Пакистан, торговля, соглашения, стороны, экспорт, импорт.*

TRADE COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE ISLAMIC REPUBLIC OF PAKISTAN

In the article, the authors analyze the level and priorities of trade cooperation between Tajikistan and Pakistan. At the present stage, international trade plays an important role in the economic development of countries, regions and the world community. International trade is a key factor in economic development. The main factors influencing international trade are the development of the international division of labor and the internationalization of production, as well as the scientific and technological revolution and the activities of transnational corporations.

Cooperation between Tajikistan and Pakistan is based on agreements and protocols signed between the two countries, and serves to strengthen the consumer market of the two countries and the interests of the two peoples. In general, friendly relations and broad trade and economic cooperation with the Republic of Pakistan - a country with which we share many common historical and cultural values - are important priorities of the foreign policy of the Republic of Tajikistan, and there are still untapped opportunities. Of course, the development of the economy and trade depends on the will and efforts of the leaderships of both countries, primarily on convenient and safe ways of transporting goods.

Thus, there is a basis for the development of trade cooperation, the development of which meets the interests of the peoples of both countries and will make a significant contribution to economic development and an increase in living standards.

Key words: *Tajikistan, Pakistan, trade, agreements, parties, export, import.*

Сведения об авторах:

Кудратов Комрон Абдунабиевич *- кандидат исторических наук, доцент кафедры всеобщей истории Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Электронный почта: komron.kudratov@gmail.com Тел .: (+992) 935282862;*

Ризоев Бурхонджон Мирзоевич *- доктор исторических наук, профессор кафедры международных отношений Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Тел .: (+992) 928881948*

About the authors:

Kudratov Komron Abdunabievich *- Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Departments of World History of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. E-mail: komron.kudratov@gmail.com Tel.: (+992) 935282862;*

Rizoev Burkhondjon Mirzoevich *- Doctor of Historical Sciences, Professor of the Department of International Relations of the Tajik State University of Law, Business and Politics. Tel.: (+992) 928881948*

РОБИТАИ ФАРҲАНГИИ ТОҶИКИСТОН БО АРАБИСТОНИ САУДӢ

Каримова Ш.Т.

Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Таърих гувоҳ аст, ки дӯстиву робитаҳои адабию фарҳангии мардуми аҷам бо кишварҳои араб ҳанӯз аз давраҳои қадим вуҷуд доштанд. Ҳатто дар давраҳои тоисломӣ низ тарҷумаи китобҳои арабӣ ба паҳлавӣ ва паҳлавӣ ба арабӣ ба роҳ монда шуда буданд. Масалан, Абдулло ибни Муқаффаъ китобҳои “Калила ва Димна”, “Тоҷнома”, “Худойнома”, “Номаи Тансар” ва амсоли онро ба забони арабӣ тарҷума намудааст, ки дорои арзиши бузург аст.

Дар натиҷаи омӯзиш ва тадқиқот бароямон возеҳ гардид, ки дар давраҳои Шӯравӣ низ муносибати Тоҷикистон бо давлатҳои араб хуб будаанд: “РСС Тоҷикистон дар муддати нисбатан кӯтоҳ аз кишвари қафомондаи мустамликаи Россияи подшоҳӣ ба давлати мутараққии шукуфон табдил ёфт. Ин аст, ки Тоҷикистони имрӯзаро омӯхтани мамлакатҳои Шарқ ва умуман дигар мамлакатҳои хориҷӣ аҳмияти хеле калон дорад, зеро дар миёни ҳайати намояндагӣ ва вакилони ҷудогонае, ки аз мамлакатҳои хорича ба РСС Тоҷикистон меоянд, бештар намояндагони мамлакатҳои Осиё ва Африка ҳастанд” **[** 7, с.5**].**

Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон 150 кишвари олам Тоҷикистонро ба расмият шинохтааст. Дар “Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин дарҷ ёфтааст: “Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ бо давлатҳои хориҷӣ алоқаҳои дипломатӣ, консулӣ, тиҷоратӣ ва робитаҳои дигар барқарор менамояд, бо онҳо мубодилаи намояндагони салоҳиятдорро анҷом медиҳад ва шартномаҳои байналхалқӣ мебандад”. [14, с.1] **.**

Дар ин замина пай дар пай ҳамкориву таваҷҷуҳи кишварҳо ба ҳамдигар беш гардида, дар ҳаёти сиёсиву иқтисодиву фарҳангиву адабӣ фаъолона ширкат меварзанд. Дар замони муосир низ ин ҳамдастиву пайвандгарой баръало ҳис карда мешавад. Кишварҳо дарҳоро ба рӯи якдигар кушода, рӯзҳои фарҳангии хешро барпо менамоянд, ки боиси боз ҳам наздиктару пайванд гардидани давлатҳо мешавад. Бояд тазаккур дод, ки рӯзҳои фарҳангии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Тоҷикистон, ки моҳи майи соли 2018 барпо шуданд, муҳимтарин падида ба ҳисоб меравад.

Қобили зикр аст, ки ҳайати эҷодии Рӯзҳои фарҳангии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ 3 майи соли 2018 ба шаҳри Душанбе ташриф оварданд. Меҳмононро дар фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффар Давлатзода, Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Заробиддин Қосимӣ, директори Рӯзҳои фарҳанги Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Олим Акрамов пешвоз гирифтанд.

Баъдан, санаи 5 майи соли 2018 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон мулоқоти расмии вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсиддин Орумбекзода бо роҳбари ҳайати расмии Рӯзҳои фарҳангии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари департаменти фарҳанги вазорати фарҳанг ва иттилоъоти Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Аҳмад ал-Музайяд баргузор гардид.

Роҳбари департаменти фарҳанги вазорати фарҳанг ва иттилооти Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Аҳмад ал-Музайяд дар ин нишасти матбуотӣ чунин изҳор дошт: “ Мо мардуми ду кишвар дар забон, мусиқӣ ва шеър муштаракоти зиёде дорем ва баргузории рӯзҳои фарҳанги кишвари мо дар Тоҷикистон доираи ин муштаракотро васеъ хоҳад намуд”[9, с.2].

Дар аснои ин чорабинӣ Созишномаи ҳамкориҳои фарҳангӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба имзо расид, ки тибқи он тарафҳо минбаъд дар фестивалу муколамаҳои фарҳангии ҳарду кишвар мубодилаи афкору таҷриба хоҳанд намуд.

5 майи соли 2018 дар даромадгоҳи театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва либосҳои миллӣ, ғизоҳои миллии арабӣ ва санъати нақшӣ, хаттотию аккосии ҳунармандони халқии Арабистони Саудӣ шурӯъ гардид, ки то 9 майи соли 2018 идома ёфт.

Барномаи консертии ҳунармандони араб 5 майи соли 2018, соати 16:00 дар театри давлатии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ баргузор шуд, ки аҳли толор суруду мусиқӣ, рақси фолклорӣ ва рақсҳои мардумии арабҳоро бо шамшер бо кафкӯбиҳои пурмавҷ пешвоз гирифтанд.

Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсиддин Орумбекзода ва роҳбари департаменти фарҳанги вазорати фарҳанг ва иттилооти Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Аҳмад ал-Музайяд иштирокчиёни рӯзҳои фарҳангӣ ва аҳли толорро бо ифтитоҳи рӯзҳои фарҳангӣ муборакбод намуда, оид ба таҳкими робитаҳои ду кишвари дӯст ва аҳамияти рӯзҳои фарҳангӣ сухан гуфтанд. Аҳмад ал - Музайяд дар баромади худ чунин изҳор дошт: “Рӯзҳои фарҳангии Арабистони Саудӣ дар Тоҷикистон аввалин рӯзҳои фарҳангӣ аст, ки Арабистони Саудӣ дар кишварҳои хориҷӣ баргузор менамояд. Ин нишонаи таваҷҷӯҳи роҳбарияти кишвари мо барои густариши ҳамкориҳо бо Тоҷикистон аст”[3,5].

Қобили зикр аст, ки “Рӯзҳои фарҳангии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар ҷумҳуриамон аввалин бор доир гашта, дар таърихи муносибатҳои ду давлат саҳифаи навро кушод”[4,3].

Дар вохӯрӣ инчунин сафири Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Тоҷикистон ҷаноби Абдулазиз ал-Бодӣ ва сафири Тоҷикистон дар Арабистони Саудӣ Заробиддин Қосимӣ иштирок намуданд.

“Муколамае, ки дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон дар мавзӯи “Мавқеи зан дар Арабистони Саудӣ” бо иштироки профессор, доктори илмҳои ҷомеашиносӣ ва маорифи донишгоҳи Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Фозия Албакр баргузор гардид, ба олимону муҳаққиқон ва рӯзноманигорони тоҷик имкон дод, ки оид ба тарзи зист ва фаъолияти бонувон дар Арабистони Саудӣ шинос гарданд” [6,4].

8 майи соли 2018 дар майдони 800-солагии Москва, ки айни замон боғи Куруши Кабир ном дорад, пӯшидашавии рӯзҳои фарҳангии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Роҳбари гурӯҳи эҷодии рӯзҳои фарҳангии Арабистони Саудӣ дар Тоҷикистон Холид ал-Умейр ба роҳбарият ва вазоратҳои ду кишвар арзи сипос намуда, аз пазироии гарми мардуми тоҷик муассир будани худро иброз намуд. Сипас ӯ ба ҳунарпешагони Арабистони Саудӣ сипосномаҳо супорид.

Дар ин муддат яъне аз 3-юм то 9-май делегатсияи арабҳо аз манзараҳои зебою нотакрори Норак, Ҳисор ва Варзоб дидан намуданд.

“Арабистони Саудӣ ба ҳайси яке аз марказҳои ҷаҳонии нуфуз шинохта шудааст. Ҳамзамон ба пешбурди сиёсати фаъолонаи исломӣ (ҷонибдории ислом дар миқёси ҷаҳонӣ, расондани кумаки ҳамаҷониба ба кишварҳои мусулмоннишин, маблағгузории барномаҳои гуногуни мазҳабӣ) Арабистони Саудӣ робитаҳои устувори низомӣ - сиёсӣ ва иқтисодиву тиҷоратиашро бо Ғарб гум накардааст. [11, с.7].

Қобили тазаккур аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар чорчӯбаи 50-солагии Ассамблеяи умумии Созмони Миллали Муттаҳид ба Ню–Йорк сафари корӣ намуд ва бо намояндаи расмии подшоҳи Арабистони Саудӣ – шоҳзода Султон ибни Абдулазиз вохӯриҳои судманд гузаронид, ки пас аз он дарҳои ин мамолик ба ҳамдигар боз гардиданд [5, с.35].

Дар баробари ин, роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон 3 маротиба (солҳои 1997, 2001 ва 3юми январи 2016) аз Шоҳигарии Арабистони Саудӣ боздиди расмӣ ба амал овардааст. Дар рафти ин сафарҳо мулоқоту музокироти Сарвари Тоҷикистон бо Подшоҳ ва Валиаҳди Арабистони Саудӣ, ҳамчунин бо дигар шахсони воломақоми ин кишвар доир гардиданд. Дар мулоқоти охирон, яъне 3-юми январи соли 2016 миёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Подшоҳи Арабистони Саудӣ Салмон ибни Абдулазиз Оли Сауд маҷмӯи васеи масоили вобаста ба муносибати ду кишвар баррасӣ шуд ва ҳамчунин, санадҳои нави ҳамкорӣ ба имзо расиданд.

24-26 майи 2016 Раиси Маҷлиси Шӯрои Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Иброҳим Оли Шайх ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафари расмӣ анҷом дод.

22 феврали 1992 робитаҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ (ШАС) барқарор гардидааанд. Шоҳигарии Арабистони Саудӣ 11 январи 1992 Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохт.

Сафорати Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Душанбе моҳи октябри соли 2010 ифтитоҳ ёфт. Нахустин Сафири Фавқулода ва Мухтори Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доктор Бандар Муҳаммад Ҷамил Маҳмуд ба ҳисоб мерафт. Сипас, иҷрокунандаи вазифаи сафири

Арабистони Саудӣ дар Тоҷикистон Ҳамза Бахит ал Ҳарбӣ, кордори сафорати Саудӣ ба ҳисоб мерафт. Аз сентябри соли 2016 инҷониб, Абдулазиз Муҳаммад ал-Бодӣ сафири фавқуллода ва мухтори ШАС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад.

Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи сентябри соли 2008 дар шаҳри Риёз, яъне дар пойтахти Шоҳигарии Арабистони Саудӣ кушода шуд. Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ва Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони ҳамкориҳои исломӣ Заробиддин Қосимӣ мебошад.

Собиқ сафири Шоҳигарии Арабистони Саудӣ доктор Бандар Ҷамил дар яке аз мусоҳибаҳо перомуни ҳамкории байни донишгоҳҳои ду кишвар, яъне Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ чунин зикр намудааст: “Ҳамзамон мо мехоҳем, ки дар оянда ҳамкориҳоро байни ниҳодҳои илмӣ ба роҳ монем. Инчунин Сафорати Саудӣ дар Душанбе кӯшиш мекунад, ки ба табъу нашри баъзе китобҳо саҳмгузорӣ кунад. Масалан, ба қарибӣ китоби Ибни Надим «Ал- Феҳрист», ки аз арабӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст, чоп хоҳад гашт. Бо ташаббуси Сафорат Қуръони карим ба забони тоҷикӣ ба таври электронӣ мунташир гаштааст, инчунин барои ҳоҷиён як китобча низ чоп намудааст”[12,1].

Нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки сафорати Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон гӯшаи фарҳангӣ дорад.

Гӯшаи фарҳангӣ санаи 29 - марти соли 2013 бо ҳузури ноиби вазири хориҷии шоҳигарии Арабистони Саудӣ Амир Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Сауд ва вазири фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзошоҳрух Асрорӣ расман ифтитоҳ гардид. Гӯшаи фарҳангии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ шурӯъ аз санаи 2-юми сентябри соли 2013 расман фаъолияташро оғоз намуд.

“Гӯшаи мазкур дорои зиёда аз 3000 номгӯи китобҳои гуногунҷабҳаи арабӣ буда, паҳлӯҳои гуногуни илмро дар бар мегирад. Аз ҷумла, китобҳои илмию амалӣ, луғат, ҷуғрофия, илмҳои сиёсӣ, таърих, таърихи исломӣ, фарҳанги умумӣ, маълумотҳои умумӣ, техникию иттилоотӣ, қиссаҳо ва китобҳои таълимии забони арабӣ барои донишҷӯёну наврасон мебошад. Ҳамчунин аз ин маҷаллаву рӯзномаҳои арабиро низ дорост. Гӯша бо таҷҳизоти техникии муосир муҷаҳҳаз мебошад”[13,1].

Бояд тазаккур дод, ки дар гӯшаи фарҳангии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ омӯзиши забони арабӣ барои хоҳишмандон ба роҳ монда шудааст, ки дарсҳо комилан ройгон мебошанд. Ҳамчунин филмҳои тасвирӣ барои наврасон, филмҳову барномаҳои ҷолиби таълимӣ роҷеъ ба мавзӯъҳои гуногун барои тамошо омодаанд ва дар ҷараёни дарс истифода мешаванд. Дар назар аст, ки китобҳои мухталифу лозима ва дарсӣ пурра гардонида шавад.

Абдулазиз ал-Бодӣ, сафири фавқуллода ва мухтори Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни маросими таҷлили 89-умин солгарди Рӯзи миллии Арабистони Саудӣ дар суҳбат бо хабарнигорон аз сатҳу сифати ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ якчанд суханҳо гуфтааст, ки фишурдаи он музокирот ин ҷо оварда шуд:

“Ҳамкориҳо байни Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон идома доранд. Рочеъ ба ҳамкорӣ дар соҳаи иқтисод як силсила лоиҳаҳо ҷиҳати маблағгузорӣ аз ҷониби Шоҳигарӣ мавриди омӯзиши Бунёди Саудии рушд ва маркази малик Салмон оид ба имдод ва ёриҳои башардӯстона қарор доранд. Бунёди саудии рушд то имрӯз, дар маҷмӯъ, барои тадбиқи лоиҳаҳои зерсохтории Тоҷикистон 167 миллион доллар ҷудо намудааст, ки он барои сохтмон ва таҷдиди роҳҳои мошингард, мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва бемористону марказҳои тиббӣ сарф шудааст. Аз ҷумла, маркази мазкур ба Тоҷикистон 10 миллион доллар кӯмак расонд, ки он дар соҳилмустаҳкамкунӣ барои ҳимояи моликияти мардум аз хатари обхезиҳо масраф шудааст. Ҳамчунин, (бинои) маркази омӯзиши Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд ва муҷаҳҳаз карда шуд”[2,2].

28-уми январи соли 2020 раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Низом Қосим сафири фавқуллода ва мухтори шоҳигарии Арабистони Саудӣ Абдулазиз ибни Муҳаммад ал-Бодиро ба ҳузур пазируфт. Суҳбат оид ба густариши робитаҳои адабии байни ду кишвар мерафт. Раиси Иттифоқи нависандагони ҶТ Низом Қосим зикр намуд, ки осори бадеиву илмии гузаштагони моро бе истифода аз забони арабӣ тасаввур кардан номумкин аст, зеро ин робитаҳо таърихи қадима доранд. Ӯ иброз дошт, ки ба шарофати таваҷҷуҳи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои фаъолияти адибон ва робитаҳои адабӣ имкониятҳои васеъ ба вуҷуд омадаанд. То ҳол тарҷумаи осори адибони ду ҷониб аҳёнан буд, ҳоло бошад, тибқи барнома сурат хоҳад гирифт.

Ҳамчунин, Низом Қосим ба суханони худ замм намуд, ки адибони нотакроре ба амсоли Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода барои пайванди адабиёт ва таҳкими дӯстии халқи Осиё ва Африқо, минҷумла бо давлатҳои араб корҳои бузургеро анҷом додаанд.

“Боиси ифтихори мост, ки Конфронси адибони Осиёву Африқо сардафтари адабиёти навини тоҷикро дар шумори се адиби забардасте зикр намуд, ки ба адабиёту тафаккури халқи гуногуни ин қитъаҳо таъсиргузор будаанд” [1,5].

Шоири тавонои тоҷик Мирзо Турсунзода роҳбари Кумитаи ҳамраъйии адибони Осиёву Африқоро ба ухда дошт.

Ҷаноби Абдулазиз ал-Бодӣ аз ташкил шудани маркази тарҷума дар назди Иттифоқи нависандагон ва фаъолияти бахши арабӣ қаноатманд гашт. Инчунин изҳор дошт, ки барои ташкили чорабиниҳои дуҷонибаи адабӣ ва ривоҷи тарҷумаи асарҳои ҳарду кишвар руҷӯъ хоҳад намуд.

“Боиси хушнудист, ки ба забони арабӣ вожаҳои зиёди тоҷикӣ - форсӣ дохил гашта, ба моли худӣ табдил ёфтаанд. Забони тоҷикӣ низ аз калимаву ибораҳои арабӣ хеле ғанист. Ин аз ҷумла имкон медиҳад, ки омӯхтани забони тоҷикӣ барои ман осон бигардад” [1,5].

Ҳамчунин, нақши олимону мутарҷимон низ барои рушду таҳкими давлатҳо хеле бориз аст. Устодон Тоҷиддин Мардонӣ, Нарзуллоҳи Назар, Низомидддин Зоҳидӣ, Умеда Ғаффорова, Фахриддин Насриддинов, Нурулло Ғиёсов, Сулаймон Саидраҳмонов, Қобилҷон Дадобоев, Абдушукур Ғафуров, Фия Исаева, Субҳиддин Зиёев ва даҳҳо номҳои ховаршиносонро метавон баршумурд, ки барои таҳкими робитаҳои фарҳангиву адабии Тоҷикистон бо кишварҳои араб саҳми назаррас гузоштаанд.

Нарзуллоҳи Назар, мутарҷим, узви Иттифоқи Нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ сафири Тоҷикистон дар Миср барои таҳкими робитаҳои адабӣ байни ин ду кишвар саҳми назаррас гузоштааст. Тарҷумаи арабии “Суруди миллӣ” - и Тоҷикистон низ ба қалами Н. Назар мутааллиқ аст. Инчунин, шоҳасари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих» дар 3 муҷаллад дар зери назар ва таҳрири Назруллоҳи Назар ба забони арабӣ тарҷума ва соли 2009 дар Қоҳира нашр карда шуд. Бояд тазаккур дод, ки маҷмӯаи мақолаҳои Сарвари давлат таҳти унвони "Назаре ба мероси Имоми Аъзам Абуҳанифаи Нӯъмон" низ дар зери назари Н. Назар ба арабӣ тарҷума ва соли 2009 дар Ар-Риёз чоп карда шудааст.

Ба қарибӣ китоби тозанашре бо номи “Хамосаи панҷгона” дар шаҳри Ар-Риёз нашр шуд, ки дар он ашъори панҷшуарои муосири тоҷик: Низом Қосим, Гулназар, Гулрухсор, Фарзона ва Доро Начот ба забони арабӣ аз тарафи устод Назруллоҳи Назар тарҷума шудааст.

Инҷо чанд нуктае роҷеъ ба ховаршиноси дигаре, ки барои пайванди робитаи адабиву илмиву фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб хидматҳои беҳисоб намудааст, зикр намудан бамаврид аст.

Устод Тоҷиддин Мардонӣ арабшинос, олим, муҳаққиқи нотакрор низ барои рушду таҳкими робитаи адабии арабу аҷам басо саҳми калон доранд. Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба шумор мераванд. Китобҳои камназирро таълиф намуда ба амсоли “Саҳифаҳое аз равобити арабу аҷам”, “Дузабонӣ дар шеъри асрҳои IX-X”, “Носири Хусрав ва фарҳанги арабӣ”, “Равобити адабии Арабу Аҷам”, “Шеъри арабии Ибни Сино”, “Масъуди Саъди Салмон ва шеъри арабӣ”, “Рӯдакӣ ва адабиёти араб”, “Сухане дар бораи Абӯалӣ ибни Сино. Тадқиқот ва тарҷумаҳо”, “Аҳвоми Шарқ дар осори Садриддин Айнӣ” ва ғайра. Устод Тоҷиддин Мардонӣ осори бисёре аз эҷодиёти Абубакри Розӣ, Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ, Абӯалӣ ибни Сино ва дигаронро аз забони арабӣ ба забони русӣ тарҷума намуда, муаллифи зиёда аз сесад мақолаҳои илмӣ мебошанд, ки мақолаҳояшон на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар хориҷи кишвар низ ба табъ расидааст.

Ҳамчунин, устод Тоҷиддин Мардонӣ раиси Ҷамъияти дӯстии “Тоҷикистон - мамлакатҳои Араб” буда, бо сафоратҳои Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ва сафорати Қатар пайваста дар иртиботанд ва барои рушду нумӯи робитаҳои адабию фарҳангии Тоҷикистон бо мамолики Араб хизматҳои шоиста намудаанд.

Ҷамъияти дӯстии “Тоҷикистон Тоҷикистон - мамлакатҳои Араб” дар назди Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ 10-уми июли соли 2012 таъсис ёфтааст. “Мақсад аз таъсиси Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Мамлакатҳои Араб» ин густариши равобити илмию фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои араб мебошад. Тавассути комёбиҳои илмӣ ва фарҳангии ҷумҳурии мо мардуми кишварҳои араб аз урфу одат, анъанаҳои миллӣ огаҳии бештар пайдо намоянд. Бо истифода аз дипломатияи мардумӣ табодули таҷрибаи фарҳангӣ метавон робитаҳоро боз ҳам қавитар гардонд” [8, с.22-23].

Аъзоёни Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон - Мамлакатҳои Араб» ва кормандони Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ бо Сафири Фавқулода ва Мухтори Мамлакати Арабистони Саудӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Бандар Муҳаммад Ҷамил санаи 13-октябри соли 2012 дар бинои Сафорати Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Душанбе мулоқот гузаронида, масъалаҳои ҳамкории фарҳангии дуҷонибаро мавриди баррасӣ қарор доданд. Сафири ШАС Бандар Муҳаммад Ҷамил аъзоёни Ҷамъиятро ба ҷамъомади тантанавӣ бахшида ба 82-юмин солгарди ташкилёбӣ – Рӯзи миллии Мамлакати Арабистони Саудӣ даъват намуд ва аъзоён даъватро пазируфта дар ин маросим иштирок намуданд.

Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Мамлакатҳои Араб» моҳи апрели соли 2013 миёни донишҷӯёни шуъбаи арабии Донишгоҳи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам озмун гузаронид, ки иборат аз қироати шеър буд, ки дар натиҷа ғолибон аз тарафи раёсати Ҷамъият ва Ректори Донишкада Давлатов С. бо тӯҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд. Ҳамчунин озмуни ҷумҳуриявии «Ҳифз ва қироати Қуръони карим», ки аз санаи 10 то 12 - майи соли 2013 дар Маркази равобити пойтахт баргузор гардид, маҳз Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Мамлакатҳои Араб» саҳми назаррас дорад.

Бо ташаббуси Ҷамъияти мазкур санаи 18-майи соли 2013 донишҷӯёни факултаи филологияи шарқи Донишгоҳи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам бо арабшиноси мумтоз, устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Исаева Фия Абдулбариевна вохӯрӣ намуданд, ки барои донишҷӯён дарс дарси садоқату ростӣ, муҳаббат ба илм буд.

Соли 2014 дар толори Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имом Абӯҳанифа ҳамоиши илмию амалӣ таҳти унвони «Нақши таърихии забони арабӣ дар рушди забони тоҷикӣ ва фарҳанги миллӣ» баргузор шуд.

Ҳамчунин, моҳи апрели соли 2017 дар кафедраи забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии забонҳои ҶТ ба номи Сотим Улуғзода низ дар мавзӯи "Наврӯзу гавбаҳорон дар осори адибони Арабу Аҷам" конференсияи илмию амалӣ баргузор гардид. Ба ин конфронс Сафири Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар ҶТ Абдулазиз ибни Муҳаммад ал - Бодӣ ва Сафири Давлати Қатар дар ҶТ Алӣ Муборак ал-Муҳаннадӣ ба меҳмонӣ даъват шуда буданд, ки меҳмонони олимақом даъватро пазируфтанд. Онҳоро ректори донишкада Раҷабзода М, ноибони ректор, деканҳои факултаҳо пешвоз гирифтанд. "Суруди миллии Тоҷикистон ба забони арабӣ дар иҷрои донишҷӯёни курси сеюм, ки ҳусни ифтитоҳи конференсия буд, ҳамаро, алалхусус Сафиронро ба ваҷд овард" [10, с.48-49].

Сухани ифтитоҳиро ректори донишкада М. Раҷабзода оғоз бахшид ва сипас сухан ба дипломатҳо, яъне Сафирони Арабистони Саудӣ ва Қатар дода шуд. Баъдан бахши фарҳангии конфрос ифтитоҳ шуд, ки донишҷӯён бо саҳначаву шеърхонӣ, гуфтани панду ҳикмат ва латоифи арабӣ ва ғайра табъи меҳмононро болида намуданд.

Дар интиҳо ба ғолибони озмун аз дасти ректори донишгоҳ ва сафирон туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

Ногуфта намонем, ки Сафири Арабистони Саудӣ дар Душанбе ҷаноби Абдулазиз ал-Бодӣ ба Институти омӯзиши масъалаҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии ҶТ низ чандин маротиба бо таклифи директори институт, номзади илмҳои фалсафа, устод Ниёзӣ Ё.Б ташриф овардааст. Дар рафти мулоқот чандин масъалаҳои сиёсиву илмӣ аз тарафи тарафайн баррасӣ ва таҳлил гардидааст. Сафорати Арабистони Саудӣ ҳар сол чандин кормандони шӯъбаи Шарқи Миёна ва наздики Институти омузиши масъалаҳои Осиё ва Аврупоро ба ҷашни миллии худ таклиф менамояд, ки ин ҳам аз робитаҳои дӯстиву фарҳангии ин ду кишвар шаҳодат медиҳад.

Метавон ба чунин хулоса омад, ки робитаи фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Арабистони Саудӣ дар сатҳи бисёр хуб қарор доранд. Бастани созишномаҳо байни ду давлат, гузаронидани рӯзҳои фарҳангӣ ва дарҳои кушод шоҳиди онанд. Зикр кардан ҷоиз аст, ки дар Тоҷикистон якчанд факултетҳои забонҳои Шарқ фаъолият доранд, ки бевосита барои омӯхтани забони арабӣ барои донишҷӯён мусоидат менамоянд. Ҳамчунин, марказҳои таълимиву омӯзишӣ низ аз худ намудани забони арабиро ба роҳ мондаанд. Олимони тоҷик пайваста бо тарҷума намудани китобҳои нодири арабӣ машғул ҳастанд ва дар кишварҳои Араб низ тарҷумаи осори гаронмояи тоҷикӣ низ ба роҳ монда шудааст, ки тарҷумаи ин мавод як мавзӯи васеъи дигарро дар бар мегирад, ки ин масъала дар оянда ба таври муфассал ба таҳқиқ хоҳад расид.

АДАБИЁТ

1. А. Мирзозода. Сӯҳбат бо сафир. Адабиёт ва санъат, 30-юми январи соли 2020, №5 (2028), С. 5
2. Мунаввари Сафар, "Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ, Марҳилаи нави рушди ҳамкориҳо", "Ҷумҳурият", 23 сентябри соли 2019, № 181 (23784) , С.2
3. "Намоиши фарҳангии тамаддуни арабҳо дар Душанбе, рӯзномаи ИмрӯзNews, 7 майи 2018, С. 5
4. "Рӯзҳои фарҳангии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Тоҷикистон" маҷаллаи Фирӯза 4-5, 2018, С.3
5. Саидов З. "Республик Таджикистан на межгосударственной арене до и после объявление политики "открытых дверей"", - Душанбе, 2015. - 315 С. 35.
6. Тоҷикистон дар ҳақиқат биҳишти рӯи замин будааст" Баҳори Аҷам №14(453), 16 майи соли 2018, саҳ.4
7. Тиллобег Багадирович Акбаров. Равобити байналхалқии РСС Тоҷикистон. "Ирфон", Душанбе – 1965, - 58 С.5
8. Файзулло Тиллоев. Маҷаллаи "Дӯстӣ", шумораи №1, 2013 - С.22 - 23
9. Фарзонаи Файзалӣ . Рӯзҳои фарҳангии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Тоҷикистон, Ҷумҳурият, 7 майи соли 2018, № 89(23432) С.2
10. "Ҷавонон - таъмингарони равобиту дӯстӣ" Маҷаллаи Дӯстӣ, № 1 - 2, соли 2017 - С. 48-49

11. Шарипов А. Н. “Ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои ҶТ бо кишварҳои араб”. Душанбе, - 2017, 108-С.7
12. www. khowar.tj. Марзия Саидова, АМИТ «Хо
13. www.khowar.tj. Раъно Нусратуллоева, АМИТ “Ховар”
14. www.mfa.tj

КУЛЬТУРНЫЕ ВЗЯИМОСВЯЗИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАНА С САУДОВСКОЙ АРАВИИ

После обретения независимости Республика Таджикистан возобновила культурные, литературные, экономические и политические и дипломатические взаимосвязи между несколькими странами. Таджикские взаимосвязи между Саудовской Аравией начались в 1992 году и продолжаются до сих пор. В данной статье рассматривается вопрос о сотрудничестве и культурных взаимосвязях между этими двумя странами и показывается их литературная значимость. На основании проанализированных материалов, автор приходит к выводу, что культурные взаимоотношения между Республикой Таджикистан и Саудовской Аравии находятся на хорошем уровне. Последовательные мероприятия, изучение арабского языка, культурные дни стран, двустороннее сотрудничество свидетельствуют о крепких культурных, политических, литературных взаимосвязях между двумя странами.

Ключевые слова: *арабский язык, культурные взаимосвязи, Саудовская Аравия, Абдулазиз ибн Мухаммед ал - Боди, соглашение, сотрудничество, перевод, дружба, Назрулло Назар, Тоджиддин Мардони*

CULTURAL TIES OF TAJIKISTAN WITH SAUDI ARABIA

After the Republic gained independence, cultural, literary, economic and political ties between states were reopened. Relations between Tajikistan and Saudi Arabia began in 1992 and continue till nowadays. This article is dedicated to the cultural ties between these countries and the attempts have been made to emphasize their value and importance. . The author comes to the conclusion that the cultural relations between Republic of Tajikistan and Saudi Arabia are at a good level.

Successive events, learning of Arabic language by Tajik people, cultural days of countries, bilateral cooperation testifies to the good cultural ties between these two countries.

Keywords: *Arabic language, cultural ties, Saudi Arabia, Abdulaziz ibn Muhammad al-Bodi, agreement, cooperation, translation, friendship, Nazrullah Nazar, Tojiddin Mardoni*

Сведения об авторе:

Каримова Шохона Толибовна *- научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы Академии наук Республики Таджикистан. 734025, . г. Душанбе, проспект Рудаки, 33 ; тел: 221 -03-28; (+992) 918778877 Электронная почта: info@osiyoavrupo.tj; mehrofarin@list.ru*

About the author:

Karimova Shohona Tolibovna *– scientific researcher of The institute for studying the issues of Europe and Asia in Academy of Science, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 33, tel: 221 -03-28; (+992) 918778877 E-mail: info@osiyoavrupo.tj; mehrofarin@list.ru*

МАОРИФ-ПОЯИ ДАВЛАТ ВА ДАВЛАТДОРӢ (дар мисоли н.Данғара)

Абдулҳаков О.Ш.
Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон

Инсоният аз замонҳои қадим кӯшиш менамуд, ки муҳити атрофро барои беҳтар намудани сатҳи зиндагии худ биомӯзад ва онро тағир диҳад ва албатта дар баробари тағир додани муҳити зист инсон худашро низ тағир дод. Дар натиҷаи меҳнат ва тақсимоти он ба меҳнати фикрӣ ва ба ҷисмонӣ одамоне дар ҷамъият ба вуҷуд омаданд, ки бештар ба меҳнати фикрӣ машғул буданд ва онҳо оҳиста оҳиста аз рӯи зарурат илмҳои гуногун (астрономия, геометрия, тиб …)-ро ба вуҷуд оварданд. Албатта бо рушду нумӯъи ин илмҳо ва дертар дигар илмҳо ҷамъияти инсонӣ инкишоф ёфт ва як форматсияи ҷамъиятӣ ба форматсияи пешрафтатар мубадал гашт. Албатта илму донишу маориф асос, таҳкурсӣ ва муҳаррики пешбарандаи ҳаргуна ҷамъият ё давлат мебошад.Бо пешрафти маориф дигар ҳамаи соҳаҳои ҷамият рӯй ба беҳбудӣ оварда, шаҳрвадон соҳиби маърифат ва фарҳанги баланд шуда, зиндагии онҳо беҳтару хубтар мешавад.Бузурге қайд менамояд, ки :

Пояи давлат набошад бе маориф устувор,
Давлати поянда хоҳӣ, рӯй бар мактаб биёр.

Бале, маориф яке аз соҳаҳои муҳими ҳаёти имрӯза мебошад ва ҳар як шаҳрвандро водор месозад, ки ба он бо таваҷҷӯҳи хосса ва масъулияти баланд муносибат намояд. Инкишофи ҷомеа, тараққиёти устувори иқтисодӣ, таъмини амнияти милливу давлатӣ ва умуман ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, техника, технология ва илму фарҳанг пеш аз ҳама ба рушди бо суботи маориф, ташкили раванди бо низом ва бо сифати таҳсилот вобаста мебошад. Рушду тараққиёти мамлакат бевосита ба сайю талоши насли созандаву эҷодкор алоқаманд аст ва ба ин хотир вазифа гузошта шуд, ки то соли 2020 масъалаи норасоии кадрҳои омӯзгорӣ дар ҷумҳурӣ ҳал карда шавад [1].

Бо ташаббуси Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон маориф дар сиёсати давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон самти асосӣ ва стратегӣ ба ҳисоб меравад.

Президент ва Ҳукумати кишвар ба ин соҳа дар доираи қудрату имкониятҳои мавҷуда аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд. Аз муҳайё намудани заминаҳои ҳуқуқӣ сар карда, то маблағгузорӣ ва истифодаи воситаҳои самараноки баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, ҳифзи саломатии кӯдакону наврасон, шароити зист ва таълиму тарбияи кӯдакони ятиму бепарастор таҳти назорату ғамхории доимии Президент ва Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад.

Мақсади муҳими низоми маориф тарбияи шахсияти фаъол ва созанда аст. Аз ин рӯ, масъалаҳои дар зеҳну шуури хонандагон ва ҷавонон тарбия кардани эҳсоси худогоҳии миллӣ, худшиносии таърихӣ, истифодаи анъанаҳои беҳтарини маорифи миллӣ ва башарӣ, арзишҳои фарҳангиву ахлоқӣ ва идоракунии демократӣ, ки то имрӯз барои ноил шудан ба дастовардҳои илму техника ва фарҳанг мусоидат намуданд, таҳти таваҷҷӯҳи доимии давлат қарор доранд.

Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон эҷоди заминаи муосири таҳсилотро дар асоси арзишҳои милливу башарӣ ва ворид гардидани Тоҷикистонро ба фазои ягонаи байналмилалии таҳсилот ва робитаи устувори раванди таҳсилоти миллӣ бо марказҳои фарҳангӣ ва маърифатии ҷаҳонӣ аз вазифаҳои муҳими давлат ва ҷомеа мешуморад.

Давлат фаъолияти самараноки беш аз чор ҳазор муассисаҳои таълимиро барои таълиму тарбия ва таҳсили шаҳрвандон ба роҳ монда ҳамасола зиёда аз 22 фоизи буҷетро ба соҳаи маориф равона кардааст[2].

Гарчанде, дар давоми 15 сол барои зиёда аз 351 ҳазор хонанда дар кишвар 580 мактаб сохта, ба истифода дода шуд ва дар вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва ноҳияи Рӯдакӣ 292 муассисаи таълимӣ босифат ва сатҳи замонавӣ таъмир шуда, дар ноҳияҳои Файзободу Ҳисор, Рӯдакиву Темурмалик ва Данғараву Бохтар сохтмони биноҳои нотамоми замони шӯравӣ анҷом ёфт ва ин мактабҳо бо таҷҳизоти зарурии ҳозиразамон таъмин гардиданд [3].

Барои расидан ба ин ҳадафҳо то имрӯз дар кишвар корҳои зиёде анҷом дода шудаанд. Маҳз бо ташаббуси Сарвари давлат дар ташаккул ва рушди соҳаи маориф дар қатори дигар шаҳру вилоятҳо баҳри рушди маорифи ноҳияи Данғара низ корҳои зиёде ба сомон расонида шуданд.

Дар ноҳияи Данғара 75 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла 60 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 10 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ, 2 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ, як литсейи тамоюли техникӣ, як гимназияи ҷумҳуриявӣ, як мактаби Президентӣ, 3 кӯдакистон, як маркази таҳсилоти иловагӣ ва як маркази технологияи иттилоотӣ бо фарогирии 32886 нафар хонанда фаъолият доранд ва ба таълиму тарбияи таълимгирандагон зиёда аз 1700 нафар омӯзгорон машғул мебошанд [4].

Аз ҷумла, дар давоми 29 соли истиқлолият дар ноҳияи Данғара шумораи муасисаҳои зинаи таҳсилоти олӣ бо мақсади таълиму тарбия ва тайёрнамудани мутахассисони варзида зиёд гардид. Аз ҷумла, Донишгоҳи давлатии Данғара аз оғози соли таҳсили 2015-2016 дар шӯъбаҳои рӯзонаи чор факултет 1940 нафар донишҷӯ аз рӯи 29 ихтисосҳо ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Донишгоҳ бо мутахассисони варзидаву бомаҳорат таъмин буда, дар айниҳол 145 нафар омӯзгорон, ки аз он 5 нафар докторҳои илм, 30 нафар номзадҳои илм ва 110 нафар саромӯзгору ассистентон ба таълиму тарбияи мутахассисони касбу кори гуногун машғул мебошанд [4].

Бо назардошти афзоиши аҳолии мамлакат ва қонеъ намудани талаботи кишвар бо мутахассисони соҳаи тиб, бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон Донишгоҳи давлатиити тиббии Хатлон мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 2016 таҳти №79 таъсисёфт [4].

Дар соли таҳсили 2016-2017 теъдоди умумии донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон 352 нафар мебошад, ки аз ин 104 нафарро духтарон ташкил медиҳанд. Шумораи омӯзгорону кормандони асосии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон 69 нафар буда, 11 нафари онро ҳайати профессорону омӯзгорони дараҷаи илмидошта ташкил медиҳад. Мақсади асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ислоҳоти соҳаи маориф, ки аз соли 2003 шурӯъ гардидааст, пеш аз ҳама баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва сатҳи донишу маърифати хонандагону донишҷӯён аст. Барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия зарур аст, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилоти касбӣ, ба сифати таълим диққати ҷиддӣ дода, мутахассисонро тавассути талаботи замони муосир тайёр намоянд.

Дар натиҷаи татбиқи пайгиронаи сиёсати давлатӣ имрӯз маориф дар пешрафти иқтисодиёт, фарҳанг, илму техника, технология, ҳифзи муҳити зист, тарзи ҳаёти солим ва самтҳои дигари ҳаёти ҷомеа мақоми хоса пайдо кардааст.Имрӯз Ҳукумати Тоҷикистон бо вуҷуди мушкилоти муайяни иқтисодӣ ҳамаи кӯшиш ва имкониятҳои худро барои торафт беҳтар намудани шароити таълиму тарбия ва рушди соҳаи маориф сарф менамояд [4].

Чунки хонандагону донишҷӯёни имрӯза соҳибони ояндаи миллату давлат ва созандагони ҳаёти ободу осудаи кишвар, яъне давомдиҳандагони кори мову шумо мебошанд. Бо вуҷуди тамоми кӯшишу ғамхориҳои Ҳукумат ба соҳаи маориф сифати таълиму тарбия, сатҳи донишомӯзӣ ва малакаву маҳорати хонандагону донишҷӯён ҳанӯз ба талаботи замони имрӯза пурра ҷавобгӯ нест. Мо бояд ҳамаи камбудиву норасоиҳои мавҷудаи соҳаро муайян кунем ва роҳҳои ҳалли онҳоро дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷустуҷӯ намоем.

АДАБИЁТ

1. Эмомалӣ Раҳмон. ИстиқлолиятиТоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ.7 – Душанбе: «Ирфон», 2007. – 480с.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷ. Т., 22 декабри соли 2016 – С.39.
3. Баҳри Рушду тараққиёти соҳаҳо ҷидду ҷаҳд менамоем //Симои Данғара № 37(6637) 17 октябри 2016.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба Маҷлиси Олии Ҷ.Т. 22 декабри соли 2016-С.25-26.

ОБРАЗОВАНИЕ ОПОРА ГОСУДАРСТВА
(в примере Дангаринского района)

В данной статье автор выражает своё мнение об образовании и его необходимости в обществе. Автор, одновременно объясняя систему образования и его прогресс в Дангаринском районе, в 29 лет независимости республики. Обосновывают свои мысли статистическими данными и словами Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона.

В статье представят молодёжь республики, рождённых в годы независимости, как перспективы и защитники культуры и государства..

Ключевые слова: *образование, развития, общество, экономика, техника, технология, наука, культура.*

EDUCATION IS THE BASIS OF THE STATE AND PUBLIC ADMINISTRATION (In the example of Dangara region)

In this article, the authors express their views on education and its need in society. The authors simultaneously explaining the education system and its progress in Dangara region, in the 29 years of independence of the republic. Justify their thoughts with statistical data and the words of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon.

In the article, young people born in the years of independence are presented as prospects of culture and the state.

Key words: *education, development, society, economy, technics, technology, the science, culture.*

Сведение об авторе:

Абдулхаков О.Ш. *– ассистент кафедры общественных наук, Хатлонский государственный медицинский университет, Тел.: (+992) 888808328.*

About the autor:

Abdulkhakov O.Sh. *- Assistant at the Department of Social Sciences, Khatlon State Medical University, Tel .: (+992) 888808328.*

САҲМИ АКАДЕМИК ЗАРИФ ШАРИПОВИЧ РАЧАБОВ ДАР ТАҲҚИҚИ ТАЪРИХИ АФКОРИ СИЁСИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Нуруллозода М.Н.

Донишгоҳи давлати омузгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Шахсиятҳо ҳамеша дар таърихи ҳар як миллат нақши ҳалкунанда доштанд. Тасодуфӣ нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин бора чунин иброз намудаанд: - "Одамоне, ки дар бораи сарнавишти миллат, дар бораи гузаштаи таърихии халқи худ тасаввуроте надоранд, анъана ва расму оинҳои гузаштагони худро намедонанд, наметавонанд нақш ва ҷойгоҳи беҳтарин фарзандони ватани худро қадр кунанд, шаҳрвандони ҳақиқӣ, одамони комили миллат ҳисоб шаванд. [7]

Яке аз шахсиятҳои намоёни таърихӣ, ки дар ибтидои пайдоиши илм ва фарҳанг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштааст, академик Зариф Шарипович Рачабов мебошад. Рачабов З.Ш. воқеан олими бузург ва муаррихи халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Имрӯз таърихи халқи тоҷикро бидуни асарҳои илмии З.Ш. Рачабов тасаввур кардан ғайриимкон аст. Мероси илмии ӯ ба фонди тиллоии илм дохил карда шуда, ба сарчашмаҳои бунёдие мансуб шудаанд, ки солҳои дароз дар кори бисёре аз муҳаққиқон ҳамчун кумаки назаррас хидмат карда метавонанд. Ҳарчи бештару амиқтар ва ба манфиати рушди минбаъдаи донишҳои таърихӣ мероси васеи илмии - муаррих, омӯзгор, рӯзноманигор, шахсияти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ З.Ш.Рачабовро меомӯзем, ҳамон қадар мо боварии комил пайдо мекунем, ки ҷойгоҳи ӯ дар илми таърих мақоми шоистаеро доро мебошад.

Зариф Шарифович Рачабов – олим, академики Академияи илмҳои Тоҷикистон(1962), доктори илми таърих (1959), профессор (1960), Арбоби шоистаи илми ҶШС Тоҷикистон (1964), дорандаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино (1967), ректори аввалини Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (1948-1954), мудири кафедраи таърихи ИҶШС Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (1954-1959), директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон (1959-1962), академик-котиби Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон (1962-1971) фаъолият кардааст. Байни осорҳои олими барҷаста, кори ӯ “Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ - сиёсии халқи тоҷик дар таърихнигори Тоҷикистон мавқеи намоёнро ишғол менамояд. [7]

Дар бораи саҳми академик З.Ш. Рачабов олимону таҳқиқотчиёни ватанӣ ва хориҷӣ дар корҳои худ хотиррасон кардаанд. Аз ҷумла, дар монографияи С. Абдуллоев ва У. Ғаффоров, ҳаёт ва фаъолияти академик З.Рачабов дар шакли маъмул ифода ёфтааст. Китоб бо маълумотҳои биографии академик З.Ш. Рачабов оғоз ёфта, боби махсуси он ба фаъолияти педагогии З.Ш. Рачабов ва саҳми ӯ дар тарбияи кадрҳои баландихтисоси таърихшиносон бахшида шудааст. Арзиши асар дар он аст, ки он сӯҳбатҳо ва хотираҳои донишҷӯёни З.Ш. Рачабовро, ки то ҳол дар Академияи илмҳо ва мактабҳои олии ҷумҳурӣ кор мекунанд, пешкаш мекунад.

Дар брошюраҳои бахшида ба 60-солагии зодрӯзи академик З.Ш. Рачабов саҳми ӯ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик ифода шудааст. Бахшида ба садсолагии зодрӯзи З.Ш. Рачабов, конфронси илмию назариявии ҷумҳуриявӣ баргузор гардида буд ва маводҳои он ҳамчун китоби алоҳида ба табъ расиданд. Бояд қайд кард, ки дар маҷмӯа асосан мақолаҳои проблемавӣ ҷой дода шудаанд. Ҳамин тавр, дар мақолаҳои профессор А. Мухторов ва дотсент А.З. Раҳматуллоев таҷрибаи академик З.Ш.Рачабов дар тайёр кардани номзадҳо ва докторҳои илм аз байни ҷавонон ба таври муфассал тавсиф карда шудааст [5,с.25-23]. Профессор Ф.Б. Зикриев дар мақолаи худ саҳми З.Ш. Рачабовро дар рушди таърихи фарҳанги халқи тоҷик баррасӣ намудааст [4,с.20-23]. Доктори илмҳои таърих З.И. Акрамов нақши З.Ш. Рачабовро дар омӯзиши масъалаҳои тафаккури иҷтимоию сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX қайд кардааст [5, с.25-23]. Дар мақолаи профессор Р.А. Набиева саҳми академик З.Ш. Рачабов дар рушди масъалаҳои муҳими таърихи халқи тоҷик ҷамъбаст карда шудааст [6,с.102-108].

Саҳми муаллифони номбаршуда дар он аст, ки онҳо нишон додаанд, ки академик З.Ш. Рачабов тавонист як гурӯҳи таърихчиёнро барои таҳия ва навиштани таърихи илмии халқи тоҷик таъсис диҳад; саҳми шахсии академик дар тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва педагогӣ исбот гардидааст; асарҳои академик З.Ш.Рачабов ҳам дар самтҳои мусбат ва ҳам манфии рушди маорифи давлатӣ, илм ва фарҳанги маърифатӣ дар солҳои ҳокимияти шӯравӣ инъикос ёфтаанд. Дар мақолаҳо тавсияҳои мушаххас оид ба истифодаи минбаъдаи мероси бойи илмии академик З.Ш., Рачабов, бахусус ҳангоми навиштани таърихи бисёрҷонибаи халқи тоҷик пешниҳод шудаанд.

Ҳаёти академик З.Ш. Рачабовро омӯхта, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ӯ тамоми умрашро ба илми таърих ва рушди он дар Тоҷикистон бахшидааст. Вай муаллими барҷаста, коршинос буд ва бо донишҷӯён, аспирантҳо, муаллимони ҷавонон муошират карданро дӯст медошт ва тамоми вақти худро бо онҳо мегузаронд. Онҳоро ба роҳи рост ҳидоят мекард. З.Ш. Рачабов дар илми таърих саҳми бузурге гузоштааст. Дар асоси сарчашмаҳои сершумор З.Ш. Рачабов зиёда аз 400 асар навиштааст, ки онҳо на танҳо китоби мизии донишҷӯён, балки олимону устодон низ ба ҳисоб мераванд. Бояд қайд кард, ки асарҳои З.Ш. Рачабов бахшида ба таърихи халқ ба хазинаи тиллоии илми Тоҷикистон дохил карда шудаанд. Халқи тоҷик З.Ш. Рачабовро хуб медонад ва бо эҳтироми баланд ба ӯ - таърихшиноси худ муносибат мекунанд, ки ин баҳои олӣ барои олим аст. Саҳми илмии З.Ш. Рачабов ва арзиши пойдортарини мероси эҷодии ӯ аз он иборат аст, ки ҳам имрӯз ва ҳам дар оянда он ҳамчун роҳнамои ҷудонопазири таърихии наслҳои гуногун боқӣ мемонад. Захираи маълумотҳои дақиқ муайяншуда хеле зиёд аст, маводи воқеии муттамарказшуда бузурганд ва мушоҳидаҳо ва шарҳҳои академик З.Ш.Рачабов дар осори ӯ тамом нашавандаанд.

Номи З.Ш. Рачабов бо таҳияи проблемаи таъхирнопазири таърихӣ - ҳаёти иҷтимоию сиёсии халқи тоҷик зич алоқаманд аст. Дар асари асосии худ «Аз таърихи тафаккури иҷтимоию сиёсии

халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX» З.Ш. Рачабов дар бораи ҳаёт ва фаъолияти А. Дониш, шогирдон ва пайравони ӯ ва ҳамзамононаш сухан гуфтааст. Бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки дар асарҳои академик З.Рачабов, А. Дониш на танҳо ҳамчун мутафаккир, балки ҳамчун сиёсатмадори бомаҳорат ва ботачриба ва албатта ҳамчун як таърихнигори халқи тоҷик зоҳир карда шудааст. Ин хизмати шоистаи академик З.Ш. Рачабов мебошад, ки А.Донишро ҳамчун сиёсатмадори инқилобчӣ, хусусан вақте ки ӯ амири Бухороро боварӣ мекунонад, ки "ислоҳоти сиёсӣ" лозим аст, ки худ дар нодонӣ ғарқ карда шуда буд, мегуяд Мирзоматов А.Ш [8]. Оиди ғояҳои ислоҳотии маърифатпарвар дар кори дигари З.Ш. Рачабов дар бораи "Рисолаи сиёсӣ" -и Аҳмади Дониш оварда шудаанд. Дар охир бояд қайд кард, ки дар зиндагӣ ва фаъолияти З.Ш. Рачабов се паҳлуи саҳми шахсии ӯ вучуд дорад: мустақиман ба илм бо таҳқиқоти мушаххаси худ; дар тайёр кардани кадрҳои илмӣ барои номзад ва докторҳои илм, дар рушди фарҳанг ва ҳаёти иҷтимоӣ ҳам тавассути иштироки шахсӣ ва ҳам тавассути шогирдон ва пайравони худ. Ҳамин тавр, академик З.Ш. Рачабов олими барчаста ва иштирокчии фаъоли дигаргунсозиҳои фарҳангӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Вай як таърихнигори барчаста буда, асарҳояш ба муҳаққиқони таърихи халқи тоҷик дар тӯли солҳои дароз ҳамчун манбаи асосии омӯзиши таърихи Ватан хизмат хоҳанд кард.

АДАБИЁТ

1. Абдулаев С. Гаффоров У. Марди Зарифу Шариф. (к 90 летию). – Худжант, 1996. 97 с.
2. Аз таърихи афкори чамъияти – сиёсии халки точик. Душанбе, 1959.
3. Акрамов З.И. З.Ш. Рачабов- мухаккики афкори чамъияти – сиёсии халки точик. Сб. статей, посященные 100-летию со дня рождения первого ректора ТГУ академика З.Ш. Раджабова. Душанбе: Ватанпарвар, 2006.112 с.
4. Зикриёев Ф.Б. Инъикоси таърихи фарханги халки точик дар асархои академик З.Ш. Рачабов // Сб. статей, посященные 100- летию со дня рождения первого ректора ТГУ академика З.Ш.Раджабова.- Душанбе: Ватанпарвар, 2006.112 с.
5. Мухторов А., Марди майдони илм. Ба муносибати 60 соли рузи таваллуди академик З. Рачабов // Точикистони Совети – 1966 – 16 ноябр //.
6. Раҳматуллоев А.З. Булбули шакаршикани боғистони таърих // Ахтари илму ирфон (Звезда науки и знания). Сб. статей, посященные 100- летию со дня рождения первого ректора ТГУ академика З.Ш.Раджабова.- Душанбе: Ватанпарвар, 2006.112с.
7. Набиева Р.А. Вклад З.Ш. Раджабов в разработку проблем просветительства С. 102-108.
8. Рахмонов Эмомали. Таджики в зеркале истории. От Арийцев до Саманидов. Душанбе: «Ирфон», 2012, 676с.
9. Освещение истории таджикского народа в трудах академика З.Ш. Раджабова. Дис. ... канд. Истор. Наук. 2006.С.153.

ВКЛАД АКАДЕМИКА З.Ш. РАДЖАБОВ В ИССЛЕДОВАНИИ ИСТОРИИ ПОЛИТИЧЕСКОЙ МЫСЛИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА

В статье говорится вклад академика З.Ш. Раджабова в исследовании политической мысли таджикского народа. Его научное наследие входит в золотой научный фонд, и долгие годы оказывает помощь в работе многих историков. Автор статье отмечает, что о вкладе З.Ш. Раджабова в исследовании истории политической мысли таджикского народа писали как местные так и зарубежные исследователи. В статье дается анализ работ, по священных этой тематике. З.Ш. Раджабовым написано более 400 работ, которые являются настольными книгами не только студентов, но и ученых и преподавателей.

Ключевые слова: *вклад, З.Ш Раджабов, исследование, история, политической мысли, таджикский народ, местный, зарубежный, анализ, книга, работа, студент, ученый, преподаватель.*

CONTRIBUTION OF THE ACADEMICIAN OF Z. RADJABOV IN THE STUDY OF THE HISTORY OF POLITICAL THOUGHT OF THE TAJIK PEOPLE

The article tells about contribution of the academician of Z. Radjabov in the study of political thought of the Tajik people. His scientific heritage includes the golden scientific fund and many years it helps many historian in their work. The author of the article mentions about contribution of the academician of Z. Radjabov in the research of history of political thought of the Tajik people wrote both local and foreign researchers. The author analyzes the work which were dedicated this theme. Z. Radjabov wrote more than 400 works, which are table books not only the students, but also scientists and teachers.

Keywords: *contribution, Z. Radjabov, research, history, political thought, Tajik people, local, foreign, analyzes, book, work, student, scientist, teacher.*

Сведения об авторе:

Нуруллозода Мехрон Нурулло *– докторант (PhD)-и кафедры истории таджикиского народа Таджикиского государственного педагагического университета им. С. Айни. Тел: (+992) 985108434*

About the autor:

Nurullozoda Mehron Nurullo *- is a doctoral student (PhD) and of the Department of the History of the Tajik People of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. Tel: (+992) 985108434*

АНДЕШАҲОИ ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ ОИД БА УСУЛҲОИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

Раҳмонзода Г.Р.

Коллеҷи омӯзгории ба номи М. Турсунзодаи шаҳри Конибодом

Пайдоиши идоракунӣ ва сарварӣ ҳамчун зарурати таърихие маҳсуб меёбад, ки онро эҳтиёҷи инсоният ба зиндагии якҷоя пеш овардааст.

Идоракунӣ мафҳуми хеле бостонӣ буда, ҳанӯз 2300 сол пеш мардуми Мисри қадим онро чунин маънидод карда буданд: «Идоракунӣ ва сарварӣ – мағзи ҷомеа, дили маърифат ва забони адолат аст».

Ҳанӯз дар марҳилаҳои аввали рушди инсоният нахустин умумиятҳои одамон ба шахсоне ниёз доштанд, ки манфиатҳои онҳоро ҳифз ва фаъолияташонро роҳбарӣ намоянд. Маҳз ҳамин зарурат боиси бештар мавқеъ пайдо намудани ашхоси нисбатан донишманд, бомаҳорат, ташаббускор ва боирода гардид, ки одамон пешвоёни қабилаҳо ва авлодҳо мегаштанд, ки ин нишонаи эътимоду боварии атрофиён ба онҳо буд. Идоракунӣ омили муҳим ва шарти зарурӣ баҳри таҳаввулоти минбаъдаи насли инсон буд, зеро маҳз тавассути сарварии як шахс шаклҳои оддитарини муносибат ва муошират мувофиқа байни аъзои аввалин умумиятҳои одамон амалӣ карда мешуданд.[1, с.57-94]

Тоҷикон дар таърихи башарият ҳамчун миллати таҷрибаи ғании идоракунии давлатидошта эътироф гардидаанд. Аз таҷрибаи давлатдории тоҷикон, қавмҳои ҳамҷавори он дар тӯли садсолаҳо баҳрамандӣ намудаанд. Давлатдории Сомониён намунаи барҷастаи ин гуфтаҳост. Дар замони давлатдории Сомониён Исмоили Сомонӣ мактаби хуби давлатдориро таъсис дода буд. Тоҷикон дар ҳамаи соҳаҳои фарҳангу илм дар сафи пеши тамаддуни ҷаҳонии он замон қарор гирифтаанд. Ва ин ҳама ба туфайли маҳорати баланди идоракунии давлатӣ буд, ки забони тоҷикиро ба арши аъло баровард. Асрҳо сипарӣ гаштанд ва имрӯз ғояву нуқтаҳои аз ҳама пешқадами ниёгонамонро одамон меомӯзанд. Агар ба гузаштаи давлатдории хеш назар афканем, таърихи пайдоиш ва таърихи таҳаввулоти тадриҷии давлат ва аркони давлатдорӣ аз рӯзгори кунунӣ пайгирӣ гардидааст ва донишмандону арбобони соҳа бо баёни мулоҳиза ва афкори илмиву амалӣ ба муваффақиятҳои чашмрас ноил гардидаанд, ки ин басо омӯзанда ва ибратбахш мебошад. Таърихи инсоният собит намудааст, ки пешрафт ва муваффақияти тамаддунҳои гуногун ба фаъолият ва нерӯи идоракунии самарабахши шахсони алоҳида робитаи зич доштааст, ки тавонистаанд тавассути маҳорат, дониш ва қобилияти роҳбарӣ ва матонату ҷасорати шахсии хеш дар таърихи башарият абадан нақш гузоранд.[2, с.176]

«Истифодаи ин таҷрибаи таърихии аҷдодонамон имрӯз низ барои мо муҳим аст. Зеро мо чандин бор изҳор доштем, ки ифтихор аз таъриху фарҳанги миллӣ чунин маъно надорад, ки мо бо онҳо қаноат кунем ё маҳдуд боқӣ монем. Баръакс, дар ҷараёни бунёди ҷомеаи мутамаддин зарурат пеш меояд, ки мисли ниёгони хирадманди худ аз дастовардҳо варзишҳои фарҳангии халқу миллатҳои дигар ва умуман тамаддуни башарият ҳар чӣ васеътар ва самараноктар истифода намоем» [3, с.77] Яке аз шахсиятҳое, ки дар таърихи илму фарҳанг ва адабиёту фалсафаи тоҷик бо афкори баланди сиёсию идоракунии худ маъруфият пайдо кардааст, Ҳусайн Воизи Кошифӣ мебошад. Кошифӣ муаллифи асарҳои «Анвори Суҳайлӣ», «Ахлоқи Мӯҳсинӣ», «Футувватномаи султонӣ» ва «Рисолаи Ҳотамия» буда, дар онҳо оид ба тарзи давлату давлатдорӣ, ягонагии ҳокимияти динию дунявӣ, саҳми шахсони соҳибмансабу соҳибмақом ва ашхоси тавонгар андешаҳои ҷолибе баён намудааст, ки ҳоло ҳам пурарзишанд.

Афкори сиёсиву иҷтимоии асримиёнагии форсу тоҷикро бе саҳми Ҳусайн Воизи Кошифӣ тасаввур кардан мушкил аст. Кошифӣ дар таърихи фарҳангу адаб ва донишу маърифати мардуми тоҷик яке аз шахсиятҳои барҷаста мебошад. Вай аз худ мероси бою пурғановате боқӣ гузоштааст. Дар асарҳои ин мутафаккири забардаст беҳтарин андешаҳои сиёсӣ – иҷтимоӣ оид ба идоракунии ҷомеа ва давлат баён гардидааст. Аз ҷумла, Ҳусайн Воиз пойбарҷоии ҳокимияти давлатиро дар сиёсати босубот дида, таъкид месозад, ки низоми устувори ҷомеаро бе сиёсати хирадмандона таъмин намудан имконнопазир аст. Ӯ пеш аз ҳама, ба мафҳуми сиёсат диққат дода, онро ба маънии зурӣ, тарсидан, маҷбурнамоӣ ва ғайра мафаҳмонад. Ба гуфтаи ӯ сиёсат пояи асосии идоракунии давлатӣ буда, калимаи “забт” ва ибораи “забт кардан”-ро дар мавриди зер ба маънои “идоракунӣ” мавриди истифода қарор додааст. Чунончи, «Мамлакатро ҷуз ба сиёсат забт натавон кард» [4, с.97]

Мафҳуми сиёсатро ӯ ба таври махсус истифода менамояд, ки маънии ҷойи адабнишондиҳӣ ва ҷазодиҳиро дорад.

Кошифӣ сиёсатро ба ду навъ ҷудо менамояд: сиёсати нафси худ ва сиёсати ғайри худ.

Сиёсати нафс ба қоидаҳо ва хосиятҳои ахлоқии одамон асос меёбад. Сиёсати ғайри худ бошад, ба ду навъ тақсим мегардад:

а) сиёсати хосу муқаррабони даргоҳ;

б) сиёсати авом, ки ҳамаи одамони бадкирдор ва бадтинатро доимо дар тарсу ҳарос нигоҳ медорад.

Ӯ қайд менамояд, ки одамон бояд доимо тарсида истанд, вагарна озодии худро ҳис намуда, ба корҳое даст мезананд, ки қобили қабул нест. Сиёсати авом бояд инчунин одамони бегуноҳро паноҳ диҳад. Ӯ сиёсатро воситаи асосии танзими ҳаёти ҷомеа медонад. Мутафаккир сиёсатро тарзе нишон медиҳад, ки ба одамони бадрафтор, бадгуфтор ва амалашон манфӣ равона шуда бошад.

«Пас аз одамиён ҳар кӣ бар хую хислати фаришстагон аст, афзали навъи инсон аст ва ҳар кӣ бар табъу сирати сибоъ ва ҳайвон бошад, бадтарин даррандагон ва газандагон аст».[5, с.139]

Подшоҳи одилро қадр мекунад. Чун дигар мутафаккирони асримиёнагӣ аз назари ӯ низ подшоҳӣ хосияти илоҳӣ дорад. Подшоҳро «сояи Худо» дар рӯи замин мепиндорад.

Дар фаҳми адолатнокӣ ақидаҳои мутафаккир ба ақидаҳои Арасту наздик аст. Арасту адолатнокиро ба сифати хайрияти умум медонист. Кошифӣ низ адолатнокиро чун воситаи нигоҳ доштани баробарию мувозинати байни одамону аҳли ҷомеа (воситаи муҳими идоракунӣ) дониста, мегӯяд, ки: «Адл воситаи нигоҳ доштани мувозинат аст миёни халқ».[6, с.140]

Вобаста ба воситаи нигоҳ доштани мувозинати ҷомеа мутафаккир аҳли ҷомеаро ба чор қисм тақсим намуда буд:

Аввал, «аҳли шамшер», ки манзур аз он лашкар ва сарлашкаронро дорад. Ин гурӯҳро Кошифӣ ба оташ монанд намуда, воситаи муҳими нигоҳдории давлат аз душман мешуморад.

Дуюм, аҳли қалам чун вузарову кутабо ин гурӯҳ ба масобаи ҳавоянд.

Сеюм, аҳли муомила чун бозаргон ва мухтарифони эшон ба манзалаи обанд.

Чорум, аҳли зироат ва эшон ба масобаи хоканд.

Яке аз аркони давлатро дар шунидани сухани мазлумон, ба доди одамон расидани подшоҳ ташкил медиҳад ва яке аз хислатҳои хуби подшоҳро дар авф карда тавонистан мебинад. Адлу адолат ва инсофи шоҳро кулли мутафаккирони мо дар ақидаҳои сиёсии худ таъкид намудаанд. Ҳамчун категорияи фалсафӣ «адолат» ифодакунандаи вазъе мебошад, ки тақсимоти неъматҳои моддӣ дар ҷомеа бо назардошти баробарҳуқуқӣ ва саҳмгузорияшон тақсим гашта, ҳоким дар ҳимояи ҳуқуқи мазлумон аз ситамгарон бояд муваффақ бошад. Маҳз аз ҳамин сабаб,додгустарӣ, адолатпарварӣ ва инсонгароии ҳоким дар ҳама давру замон омили устувории ҳокимият, сарҷамъии раъият ва рушду пешрафт маънидод мегашт.

Дар раванди идораи давлат нақши лашкариёнро махсус меҳисобад. Ба ақидаи ӯ лашкариён бояд принсипҳои зеринро ба инобат гиранд:

Аввал, он ки аз фармони султон берун нараванд.

Дувум, он ки ба подшоҳ якдилу якзабон бошанд.

Саввум, он ки бо якдигар низ мутаффиқ бошанд.

Чорум, ин ки дар корзор мардонагӣ ва фарзонагӣ риоят намоянд.[7, с.142]

Аз ин гуфтаҳо хулоса баровардан мумкин аст, ки дар замони Кошифӣ ҳам мавқеи сипоҳ ҳамчун захираи ҳарбии ҳокимият мавқеи махсуси худро дошта, дар тобиеяти бевоситаи сарвар будани он таъкид гаштааст. Тачрибаи давлатдории муосир ҳам собит менамояд, ки агар дар муносибати байни ҳарбиён ва роҳбарияти сиёсӣ нофаҳмӣ ва кандагӣ ба миён ояд, ҷомеа метавонад ба гирдоби балвоҳо ва табаддулотҳои ҳарбию сиёсӣ кашида шавад. Чунин тачриба дар давлатдории кишварҳои гуногун, аз он ҷумла Покистон ва дигар кишварҳои Осиё борҳо ба вуқуъ омадааст.

Воизи Кошифӣ ҳамчун воизи хирадманд, донишманди бузург, адиби тавоно, мураббии маънавӣ ва фақеҳу муфассири номвар дар осори безаволи «Анвори Суҳайлӣ», «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» ва дигар рисолаҳои худ беҳтарин афкори иҷтимоию сиёсиро вобаста ба ойини сарварӣ, сифати сарварон ва идораи одилонаи давлату давлатдорӣ баён кардааст. Ин хирадманди бузург ба ин восита кӯшиш намудааст, ки асҳоби давлатии дар хоби ғафлатмондаро ба роҳи росту дуруст ҳидоят кунад. Воизи Кошифӣ махсусан дар асари худ «Анвори Суҳайлӣ», ҳамчун тарғиботчӣ ва муннодии адлу адолат ва накӯкорӣ баромад карда, монанди образҳои асари худ – Рои Добшилим, Бедои Бараҳман, Ҳумоюнфолу Хуҷистарой ва дигарон номи неки худро дар саҳифаи рӯзгор абадан ёдгор гузоштааст. «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и Воиз гарчанде барои Мӯҳсин Мирзо – шоҳзодаи замонаш навишта шуда бошад ҳам, вале то ҳанӯз чи барои давлатмардони имрӯз ва чи барои ҷавонон ва аҳли ҷомеаи мо беҳтарин дастури ахлоқу одоб, одамият, фазлу сирати инсонӣ ва одоби роҳбарӣ мебошад.

Афкори сиёсию идоракунии Ҳусайн Воизи Кошифӣ гувоҳи барҷастаи фарҳанги давлатсозӣ ва суннатҳои устувори фарҳанги сарварии миллати тоҷик аст, ки имрӯз дар шароити Истиқлолияти

давлатӣ, дар партави сиёсати миллатпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон идома ёфта истодаанд.

Афкори сиёсию иҷтимоии Кошифӣ ифодагари хусусияти макон ва вазъи воқеие мебошад, ки мутафаккир дар он зиндагӣ кардааст. Нуқтаи назари ӯ ба масъалаҳои идоракунии давлат ҷолиб буда, наздикии баъзе ақидаҳоро бо ақидаҳои Николо Макиавели низ эҳсос намудан мумкин аст. Махсусан, муносибати подшоҳ бо сипоҳиён, робитаи ҳоким бо мардум, дар атрофи худ ҷамъ овардани шахсони фозилу доно мисоли гуфтаҳои боло мебошад. Дар ин асно, ақидаҳои Кошифӣ ва Макиавелли вобаста ба муносибашон ба лашкар шоитаи зикр аст. Агар Кошифӣ онҳоро "аҳли шамшер" номида бошад, пас Макиавелли таъкид менамояд, ки "ҳоким набояд масъулияти ҷанг ва лашкарро ба касе вогузор намояд"[8, с.42] Аз ин ҷо, хулоса баровардан мумкин аст, дарки воқеияти сиёсӣ, иҷрои масъулияти роҳбарӣ, сохт ва шакли идоракунии давлат дар Шарқ ва Ғарб як қатор умумиятҳоеро соҳиб аст, ки афкори сиёсии ҷаҳониро пурра ва мукаммал мегардонад. Дар ин замина афкори мутафаккирони мо низ мавқеъ ва нуфузи махсуси худро ҳифз намуда метавонанд.

АДАБИЁТ

1. Хидирзода М.У Сарварӣ дар низоми идоракунии сиёсӣ Душанбе 2011. 57-94с.
2. Раҳмон, Эмомалӣ. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат, ҷилди сеюм. Давлатдории тоҷикон: Аз Сомониён то оғози асри ХХ1. –Душанбе, 2002. –С.176.
3. Аҳмадов, М. Ахлоқи ҳамида ва дастури давлатдорӣ (аз нигоҳи Ҳусайн Воизи Кошифӣ). –Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2006. - С.97
4. Макиавелли Н. Государь.М.1990.С.42.

ИДЕИ ХУСАЙНА ВОИЗА КОШИФИ ОБ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВА

Автор статьи анализируя взгляды Хусайна Воиза Кошифи приходит к выводу, что мнения великого мыслителя относящийся великого мыслителя относящийся руководства государством, справедливого управления государством является самыми лучшими.

Автор отмечает, что политические взгляды и управления государством Х.В.Кошифи является великуим исскуством создания государства и наилучшими традициями искусства упрваления таджикским народом.

Именно такое управление государством мы видем на основе национального управления нашего президента, основателя мира и народного единства, Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмон.

Ключавые слова: *управление государством, справедливость, истроия человечество, мировая стабильность, преспективная политика, искусство создания.*

THE VIEWS OF HUSSAIN VOIZI KOSHIFI ON THE METHODS OF MANAGEMENT OF THE GOVERNMENT

The article presents the views of Hussain Voizi Koshifi on the methods of management of the government and thinks his considerations as the best social and political views associated with ethical leadership, the quality of leadership and the fairness of government administration.

It is important to note that the opinion of Hussain Voizi Koshifi on political management is the great reason of prosperity of the state and the stable head of Tajik nations that nowadays the leader of the nation and the foundation of peace Emomali Rahmon is going on leading in the air of independence and the light of national policy.

Keyword: *government administration, social balance, history of mankind, world, civilization, stable policy, fair king, prosperity of the state*

Сведение об авторе:

Рахмонзода Гулчехра Рахмон *- Директор ГОУ Педагогический колледж имени Мирзо Турсунзаде города Канибадам, Электронная почта: college-kand@mail.ru*

About the autor:

Rahmonzoda Gulchehra Rahmon *- Director of the State educational institution of Mirzo Tursunzade Pedagogical College of Konibodom,E-mail: college-kand@mail.ru*

РИҲЛА Ё САФАР БАРОИ ФАРОГИРИИ ДОНИШ ДАР ЗАМОНИ СОМОНИЁН

Аминзода А.

Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Асрҳои савуму чаҳоруми ҳиҷрӣ, ки баробар бо садаҳои 9-10-и милодӣ аст, замони шукуфоии бесобиқаи тамоми улум дар қаламрави хилофати мусулмонӣ шумурда мешавад. Пас аз якрӯя ва софӣ шудани ҳукумати исломӣ ва хатми ҷангҳои хонагии миёни арабҳо амнияту сабот дар

сарзамини таҳти ҳукумати хилофат падид омад. Шаҳрҳо ба таври бесобиқа рушд карданду иртиботи пайваста миёни минтақаҳо фароҳам омад. Аз марзи Чин то Испания дар таҳти ҳукумати мусулмонон қарор дошта, мардумон метавонистанд ин қаламрави густурдаро дарнаварданд. Яке аз паси тиҷорат ва дигаре аз паи фарогирии илму дониш ба шаҳру рустоҳо сафар мекарданд. Ба эътирофи донишмандони ғарб дар ин аср сафарҳои илмӣ чунон роиҷ гашта буд, ки то поёни асри XVIII-и милодӣ таърихи ҷаҳон дигар чунин фазову шавқу рағбати илмомӯзиро ба худ надидааст. Ба самтҳои мухталиф тақсим шудани улум худ як далели густариши он дар ин давра шумурда мешавад.

Ҷуғрофияи фарҳангии илм ва ниҳодҳои илмии олами ислом яке аз мавзӯҳои муҳимест, ки камтар баррасӣ шудааст. Муҳимтарин шаҳру минтақаҳои мусулмоннишин, ки мақсади толибони илм ва маҳди парвариши донишмандону фарҳехтагони он рӯзгорон ба шумор меомаданд, Самарқанд, Бухоро, Нишопур, Гунди Шопур, Басра, Куфа, Бағдод, Қоҳира, Димашқ ва Ҳиҷоз ба шумор меомаданд. Қуръону аҳодиси пайғамбари Ислом донишу андешаро ситоиш карда, мусулмононро барои фарогириии дониш фаро мехонданд. Ҳатто фарогирандагони донишро дар як саф бо пайкорҷӯёну муҷоҳидини роҳи дин баробар дониста, барои ин амал маҳдудияти синну солӣ низ гузошта намешуд. Ин мисраи зебову маъруфи Фирдавсӣ «Зи гаҳвора то гӯр дониш биҷӯй», ки баргирифта аз як сухани пайғамбари Ислом аст, дар ҳамин аср гуфта шудааст. Аммо набояд аз марзи инсоф берун равему асри заррини тамаддуни исломиро, ки ховаршиносони аврупоӣ, аз ҷумла Адам Метс аз он ба унвони «растохези исломӣ» ёдовар мешаванд [1, с.3-9] бархоста аз нимҷазираи Арабистон донем. Зеро тавре мушоҳида мешавад, аз даҳ маркази илму фарҳанги исломӣ, ки зикр кардем, нуҳ шаҳри он хориҷ аз гаҳвораи Ислом қарор дошта, дар бештари авқот ҷузви имперотуриҳои Сосониёну Рум будаанд. Яъне падид омадани ин марказҳо ҳодисаи тасодуфӣ набуда, бар ҳасби заминаҳои таърихии ҳазорсола ва имкону тавоноиҳои марказҳои суннатӣ шакл гирифтааст.

Дар инҳисори як шаҳр ё минтақа қарор нагирифтани маркази нашри андешаву дониш имкон дод, ки дар як вақт даҳҳо маркази бузурги илму дониш падид ояд. Дар навбати худ табодули илму таҷриба миёни марказҳои илмиву фарҳангӣ ба миён омад. Ин боз сабаби он шуд, ки миёни аҳолии шаҳрҳову минтақаҳои гуногун робитаи отифӣ ва наздикӣ пайдо шавад. Яъне, дар миёни мардумон робитаи наздикӣ пайдо шуд, ки барои нигоҳ доштани онҳо дар таркиби як империя осонтар гардид.

Ҳамин тавр, аз шароити фароҳам омада истифода карда, ташнагони дониш ба марказҳои илмӣ сафар мекарданд, ки онро риҳла رحلة меномиданд. Риҳла дар фарҳангҳо ба маънои сафар, мусофират, сайёҳат ва ҳатто кӯч бастан тафсир шудааст. Дар яке аз сураҳои маъруфи Қуръон, ки бо номи Қурайш маъруф аст, ин калима зикр шуда, дар ду ояти аввали он гуфта мешавад, ки «Барои улфат додани Қурайш ва улфати онҳо дар сафарҳои зимистонӣ ва тобистонӣ». Яъне, мусофирату муҳоҷиратро таълимоти исломӣ яке аз шартҳои такомулу таолии инсон донистааст. Зеро сафар инсонро аз ҳолати рӯзмаррагӣ, печидагиҳову якнавохтиҳои рӯзгор берун оварда, дастёбии ӯ ба танавуъи дидорӣ ва шунидориро имконпазир сохта, таҷрибаи зиндагии ӯро низ бештар мекунад. Мусофират эътимод ба нафси як шахсро боло бурда, ангезаҳои наверо дар тафаккури инсон эҷод ва рӯҳияи худшиносии ӯро беҳтар мекунад. Барои аз байн бурдани хастагиҳои ҷисмию зеҳнӣ ва расидан ба нишоту шодобӣ низ сафар муфиду судманд аст. Сафар барои тиҷорат ҷоиз буда, аммо на ҳар сафар лозим дониста шудааст. Ҳатто дар баъҳе мавридҳо ҷаҳонгардони дунёталабро низ накӯҳиш кардаанд:

Дар сафар чун паи шикам гардӣ,
Аз куҷо садру муҳташам гардӣ?

Дар сарчашмаҳову осори таърихиву адабӣ низ сафар кардан барои мардум амре зарурӣ дониста шуда, пизишкону равоншиносон низ онро муфид ва барои рушди фикрии инсонҳо муфид донистаанд. Ин байти маъруфи Саъдӣ низ сафарро

Бисёр сафар бояд, то пухта шавад хоме,
Сӯфӣ нашавад софӣ, то дар накашад ҷоме.

Яке аз дигар авомиле, ки муҷиби равнақи риҳла ва бемамонаит сафар кардан ба шаҳрҳои гуногуни қаламрави исломӣ гардид, ин густариши забони умумӣ ва расмии уммати исломӣ буд. Забони арабӣ ки ба эътирофи донишмандони ҷаҳон яке аз забонҳои ғанӣ ва қавӣ ба шумор меояд, ҷойгоҳи вижа касб карда, дар ташаккули забонҳои соири миллали мусулмон нақши калидӣ ийфо кард (2, 324). Бо вуҷуди он ки хилофати исломӣ миллалу аҳвоми гуногуннажодро муттаҳид мекард вале забони ниҳоии илм дар ин давра забони араб буда, мусаллат будани тамоми олимони қаламрави исломӣ бо ин забон онро таҳвият мебахшид. Чун аксари донишмандони сарфу наҳви арабӣ ғайриарабҳо буданд. Чанд забон донистани устодони ғайриараб дар навбати худ муҷиби радду бадар гаштани ахбору иттилоот ва огоҳии мардумони минтақаҳои мухталиф аз дастовардҳои ҳамдигар буд.

Дар давраи Сомониён касони зиёдеро метавон ном бурд, ки донишу андешаи худро дар натиҷаи сафари илмӣ ё реҳла ба даст оварданд. Аз ҷумлаи чунин касон Абӯ Муҳаммад Фазл ибни Муҳаммад ибни Мусайяби Шаъронӣ (вафот соли 895) муҳаддис, адиб ва фақеҳи бузарг буд, ки аслан аз Байҳақи Хуросон буд. Ба навиштаи сарчашмаҳо ӯ ғайр аз Андалус ба тамоми шаҳрҳои исломӣ сафар кард. Аз ин рӯ, номи китобҳоеро дар осораш овардааст, ки касе пас аз вай ривоят накардааст.

Абӯ Муҳаммад Аҳмад ибни Абдуллоҳи Музнӣ, ки ба Шайхи Ҷалил маъруф аст, сокини Бухоро гашта, соли 967 дар ҳамин шаҳр аз дунё рафт. Ӯ баръакси бештари аҳолии Мовароуннаҳр, ки ҳанафимазҳаб буданд, пайрави мазҳаби шофеъӣ буд. Ӯ тамоми шаҳрҳои Хуросонро барои касби илм паси карда, дар Гургон, Рай, Аҳвоз, шаҳрҳои Ироқ, Ҳиҷоз, Шом ва Миср низ илми ҳадис омӯхт. Тамоми олимони ин давра, аз ӯ ҳадис нақл кардаанд (3, 227). Дар ин давра шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр асосан пайрави маҳзабҳои ҳанафӣ ё шофеъӣ буданд. Аммо донишмандони ин мазҳабҳо бар сари ихтилофҳои ҷузъӣ бо ҳам баҳсу пархош ва гоҳе ҷангу хунрезӣ мекарданд (4,).

Яке аз олимони барҷастаи ин давра, муаллифи китоби маъруфи «Таърихи Нишопур» Абӯ Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ Ҳокими Нишопурӣ (933 - 1015) мебошад. Ӯ асосан донишмани соҳаи ҳадис буда, ба Ироқ сафаи дуру дароз кард. Аз рӯи маълумоти сарчашмаҳо Ҳокими Нишопурӣ дар назди ду ҳазор устод дониш андӯхт. Танҳо шумори касоне, ки дар Нишопур аз онон ҳадис шунид, ба ҳазор тан мерасид (5,).

Аз қисмати ғарбии хилофати исломӣ, хусусан шаҳрҳои Ироқ, Миср, Сурия ва Ҳиҷоз толибилмони бешуморе ба Бухоро, Нишопур, Чоч, Самарқанд ва ғайра омада, дар мадрасаҳо, ҳавзаҳои илмӣ, дӯконҳо, работ ва дигар маконҳое ки ҷои ҷамъшавии донишмандон буд, дарс меомӯхтанд. Абӯ Муҳаммад Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Хаворӣ аз шаҳри Рай, Ибни Бобуя аз ғарбии Эрон ба Нишопур ва Бухоро омада дарс хонд. Донишмандони зиёде аз шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр то ба Андалус рафта, дар ҳузури донишмандони ин кишвар илму дониш омӯхтанд. Теъдоди чунин ашхос ба ҳазорон нафар мерасид, ки дар китобҳои шарҳиҳолӣ ва тазкираҳо дар бораи онҳо маълумот дода мешавад. Ибни Надим аз ҷумлаи чунин муаллифҳо мебошад, ки дар китоби машҳури худ «ал-Феҳрист» дар ин бора маълумот додааст (6, 237-323). Дар бораи чигунагии сафарҳо, шароити он ва душвориҳои бешумори он дар солҳои охир мақолаҳои зиёде таълиф мешавад, ки гувоҳи ҷолиб будани ин мавзӯъ миёни донишмандон мебошад (7).

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки сафари илмӣ барои фаро гирифтани дониш яке аз равишҳои маъмул дар асрҳои миёна буда, Сомониён барои густаришу равнақи он дар қаламрави худ саҳми босазо гузоштаанд. Амнияти яке аз шароити аслии сафар барои илм дониста мешавад. Ин равиш дар асрҳои минбаъда низ идома ёфт ва то замони ҳуҷуми муғулҳо пойдор монд. Пас аз ин давра буд, ки илму дониш ба ҳолати заволу рукуд гароид ва кишварҳои мусулмонӣ яке пас аз дигаре гирифтори хурофотпарастӣ шуда, аз қофилаи илму адаб қафо монданд.

АДАБИЁТ

1. Мец А. Мусульманский ренессанс. Перевод с нем. Д.Е. Бертельса. –М., 1973.
2. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Муқаддасӣ (Мақдисӣ). Аҳсан-ут-тақосим фӣ маърифати-л ақолим. Тарҷумаи Алинақии Мунзавӣ. Теҳрон, 1385.
3. Абдулкарим ибни Муҳаммади Самъонӣ. ал-Ансоб. Ба кӯшиши Абдураҳмон Муаллимии Ямонӣ. Ҳайдаробод, 1962.
4. Сайфуллоҳи Муллоҷон. Низоъи ҳанафиёну шофеиён дар шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр //Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, «Эр-граф», 2017. –С. 126-145.
5. Муҳаммадризо Ноҷӣ. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. –Душанбе, 20
6. http://jhr.ui.ac.ir/article_16535_859e7983e155de51dd87a50f29e80d14.pdf

РИХЛА ИЛИ ПУТЕШЕСТВИЕ ДЛЯ ПРИОБРЕТЕНИЕ ЗНАНИЙ В ПЕРИОД СОМОНИДОВ

В статье представлена информация об одном из самых популярных способов получения знаний в средние века - выборе учащимися уехать из страны и эмигрировать. Введение всеобщей безопасности на огромной территории мусульманского халифата, единство религии и единого научного языка позволило провести общенациональное возрождение грамотности от Средней Азии до Испании и от Кипчакской степи до Индийского океана. Существование благотворительных фондов оказывало финансовую поддержку таким учреждениям. Наиболее важными городами, которые привлекали студентов со всего мира, были Багдад, Медина, Каир, Дамаск, Нишапур, Бухара, Марв, Балх, Герат, Рей. Саманиды - одна из династий, сыгравших в этом отношении важную роль. Все ученые IX-XII веков распространяли свои знания и опыт далеко от дома. Рихла позволила публиковать науку и знания по всему миру, а не только в одной стране или регионе.

Наряду с научным значением, научные поездки сблизили страны и укрепили взаимопонимание между населением.

Ключевые слова: *рихла, научное путешествие, халифат, город, медресе, книга, ученик, учитель, ученый, Саманиды.*

RIKHLA OR JOURNEY FOR ACQUISITION OF KNOWLEDGE DURING THE SOMONID PERIOD

The article provides information on one of the most popular ways of gaining knowledge in the Middle Ages - the choice of students to leave the country and emigrate. The introduction of general security on the vast territory of the Muslim caliphate, the unity of religion and a single scientific language made it possible to carry out a nationwide revival of literacy from Central Asia to Spain and from Kipchak desert to the Indian Ocean. The existence of charitable foundations provided financial support for such institutions. The most important cities that attracted students from all over the world were Baghdad, Medina, Cairo, Damascus, Nishapur, Bukhara, Marv, Balkh, Herat, Rey. The Samanids are one of the dynasties that played an important role in terms of attraction of students from all over the world as well. All scientists of the 9th-12th centuries spread their knowledge and experience far from home. Richla has allowed science and knowledge to be published all over the world, not just in one country or region. Along with the scientific value, scientific trips have brought countries closer together and strengthened mutual understanding between the populations.

Keywords: *rikhla, scientific travel, caliphate, city, madrasah, book, student, teacher, scientist, Samanids.*

Сведения об авторе:

Абдуджаббор Аминзода *- старший преподаватель кафедры гуманитарных наук Таджикского финансово-экономического университета*

About the autor:

Abdujabbor Aminzoda *- Senior Lecturer, Department of Humanities, Tajik University of Finance and Economics*

ҲАМКОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН БАЪДИ ПОШХУРИИ ИТТИҲОДИ ШӮРАВӢ

Комилов Н.И.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Бо дарёфти истиқлолият ба Тоҷикистон зарур буд, ки барои касби мақоми шоиста дар даврони ниҳоят мураккаби таърихи башар ва таҳаввулоти бунёдӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ талош намояд. Яке аз заруратҳои таъхирнопазири даврони истиқлолият ин ташаккул ва инкишофи муносибатҳо бо давлатҳои дигар, қабл аз ҳама бо кишварҳои Осиёи Марказӣ буд. Зеро, чун Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи ҷуғрофӣ дар бунбасти комуникатсионӣ қарор дошт, ин омил тақозо мекард, то ҳамкорӣ ва муносибатҳо бо кишварҳои хориҷи дуру наздик алалхусус, бо давлатҳои ҳамҷавор барқарор ва густариш ёбанд.

Ҷумҳурии Қазоқистон давлатест, ки бо ҷумҳурии мо пайванди таърихӣ, маънавӣ ва динӣ дорад. Ҳамзамон, зиндагии 70-сола дар низоми сиёсӣ ва ягонаи хоҷагидории Иттиҳоди Шуравӣ, вобастагии мутақобилаи соҳаҳои иқтисодӣ, энергетикӣ, саноат ва хоҷагии қишлоқ зарурати барқарор намудани муносибатҳои дипломатиро бо ин кишвари дӯсту ҳамсоя пеш овард. Бо назардошти ин омили бунёдӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози истиқлол бо ин давлати ҷавон муносибатҳои дипломатӣ ва сиёсиро барқарор намуд.

Муносибатҳои дипломатии Тоҷикистону Қазоқистон 7-уми январи соли 1993 тавассути табодули нотаҳои дипломатӣ баркарор гаштанд. Аз оғози муносибатҳои дипломатӣ ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва маънавӣ-фарҳангӣ ҷараён гирифтанд, ки асоси онро ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар бисёр масоили муҳими байналхалқӣ ташкил медиҳанд, ки аз манфиатҳои тарафайн бармеоянд.

Дар баробари ин ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки муҳимияти муносибат ва ҳамкориҳои мутақобила бо Қазоқистон аз моҳи июни ҳамон сол намояндагии дипломатии хешро ба сифати миссия таъсис дод, ки он аз моҳи январи соли 1994 ба сафорат табдил дода шуд. [6]

Тавре маълум аст, баъди фурупошии давлати Шуравӣ ҷумҳуриҳои тозаистиқлол бо хатарҳои нави ҷаҳонӣ рӯбарӯ гаштанд. Масъалаи ҳассоси муносибатҳои байни кишварҳо дар ин давра

масъалаи сарҳадҳои ҷанубии ИДМ маҳсуб меёфт. Аз ин рӯ сарварони кишварҳои Тоҷикистон, Қазоқистон, Русия, Ӯзбекистон ва Қирғизистон 7-уми августи соли 1993 «Эъломияи дахлнопазирии сарҳадҳои ҷанубии ИДМ-ро имзо имзо намуданд. [4, с. 372]

24-уми сентябри соли 1993 мутобиқи қарори мулоқоти сарони кишварҳои ИДМ неруҳои дастаҷамъонаи ҳофизи сулҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки дар ҳайати он як баталиён аз Қазоқистон низ амал менамуд. Намояндагони ҳукумати Қазоқистон аз рӯзи аввали музокираи тоҷикон дар Маскав аз 6-уми апрели соли 1994 то 27-уми июни соли 1997 (Маскав) дар гуфтушунидҳо ҳамчун намоянда иштирок намуда, баъди анҷоми музокирот ҳамчун кафили сулҳи тоҷикон дар қатори Русия, Ӯзбекистон, Эрон, Афғонистон ва Туркманистон баромад карданд. Мардуми қазоқ гурезаҳои иҷбории тоҷикро паноҳ дода, ҳангоми вазъи бӯҳронии кишвар ёрии башардӯстонаи хешро низ аз мо дареғ надоштанд. Набояд фаромуш намуд, ки аз соли 1993 то 2001 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 ҳаз. намояндагони қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Қазоқистон адои хизмат намуда, аз онҳо 35 нафарашон баҳри иҷрои қарзи ҳарбии хеш дар марзи кишвари мо ҳалок гардиданд [3, с. 5].

Таҳаввули муносиботи кишварҳо дар ин давра ин фармони Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Н.Назарбоев оиди ифтитоҳи сафоратҳонаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 4-уми октябри соли 2000 мебошад. Намояндагии дипломатии Ҷумҳурии Қазоқистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз соли 1997 ба ҳайси миссия фаъолият менамуд, ба сафорат табдил дода шуд. Ҳайати сафорат дар чорабиниҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвари мо иштироки фаъол намуда, дар густариши муносиботи кишварҳо нақши муҳим бозидааст[10, с. 4].

Қазоқистон вобаста ба мавқеи хуби ҷуғрофӣ, захираҳои бойи табии, иқлими мусоиди сармоягузорӣ ба натиҷаҳои назаррас дар соҳаи иқтисодӣ-тиҷоратӣ ноил гардидааст. Агар ба нишондодҳои ҷалби сармояҳои мустақими хориҷӣ назар афканем, афзалияти баръалои Ҷумҳурии Қазоқистон ба назар мерасад. Агар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1992 то соли 2001 -157 миллион доллар сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб намуда, ҳаҷми он ба ҳар сари аҳолии кишвар 34 доллар -ро ташкил намояд, Ҷумҳурии Қазоқистон тӯли давраи мазкур 7 миллиарду 650 миллион доллар сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб намудааст [9, с.375].

Агар аз як ҷониб монеъаҳои сармоягузорӣ дар кишвари мо дар он давра нооромиҳои сиёсии солҳои 90- уми қарни гузашта, хурду маҳдуд будани бозори дохилӣ, мавқеъи душвори ҷуғрофӣ набудани роҳҳои баҳрӣ, дур будан аз бозорҳои асосии байналмиллалӣ бошад, аз ҷониби дигар ин истифода набурдан аз васоити ахбори муосир мебошад. Масалан Ҷумҳурии Қазоқистон оиди лоиҳаҳои сармоягузориии хеш дар шабакаи байналмиллалии Internet маълумоти пурра пешниҳод намудааст. [12, с. 175]

Умуман тафовуқи кӯшишҳои сиёсати хориҷии кишварҳо дар асоси бисёрҷониба дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналхалқиву минтақавӣ аз қабили СММ, ИДМ, СҲШ, Созмони иқтисодии Авруосиё, САҲА, СААД сурат мегирад. Соҳаҳои ҳамкориҳо дар ин созмонҳо фарох буда, аз коркарду мутобиқати амалҳои сиёсати хориҷӣ баҳри ҳалли масъалаҳои муҳими байналхалқӣ ва минтақавӣ то батанзимдарории фазои густурдаи ҳамкориҳо дар соҳаи тиҷорату иқтисод, амнияту ҳамгироиро дар бар мегирад. Таҳлили натоиҷи иштироки кишварҳо дар созмонҳои мазкур аз наздикӣ ва мувофиқати мавқеъи тарафайн оиди масоили муҳими минтақавӣ ва байналхалқӣ ба мисли афзоиши равандҳои ҳамгиро, таъмини амнияти минтқавию байналхалқӣ, муборизаи муштарак бар зидди терроризм, экстремизм, гардиши маводи мухаддар ва ғайра шаҳодат медиҳанд. [5, с. 52]

Аз замони барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ робитаҳои дучонибаи Тоҷикистону Қазоқистон чун анъана дар фазои якдигарфаҳмӣ, хамкориҳои мутақобилан судманд ҷараён гирифта, дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ - иқтисодӣ, илмӣ - техникӣ, фарҳангӣ ва дигар самтҳо бомувафаққият рушд меёбанд. Дар ин муносибатҳо рӯҳияи эътимоди тарафайн, мувофиқати пурра ё наздикии мавқеъҳо оид ба бисёр масъалаҳои байналмилалӣ ва минтақавии қобили таваҷҷӯҳи ҷонибҳо ҳамеша ҷой дорад. Сафарҳои сарони давлатҳо ба рӯйдодҳои муҳимтарини рушди муносибатҳо ва таҳким бахшидан ба пойгоҳи шартномавию ҳуқуқии ҳамкориҳо табдил ёфтаанд. Ҳангоми сафари Роҳбари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба пойтахти Қазоқистон дар моҳи январи соли 1993 ҳуҷҷати асосӣ - Аҳднома дар бораи асосҳои муносибатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон ба имзо расида буд. Дар натиҷаи сафари кории ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қазоқистон дар моҳи ноябри соли 1995 маҷмӯи ҳуҷҷатҳое ба имзо расид, ки ба ҳамкориҳои ду давлат дар соҳаи иқтисодиёт тааллуқ доранд. Баъдтар, дар рафти сафарҳои расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қазоқистон дар моҳи майи соли 2006 ва моҳи майи соли 2007 боз 15 ҳуҷҷат ба имзо расид.[1, с. 59-60].

Асоси шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои дучонибаи Тоҷикистону Қазоқистонро зиёда аз 80 ҳуҷҷати байниҳукуматӣ, байнисоҳавӣ ва байниидоравӣ ташкил медиҳад, ки дар давраи аз соли 1993

то соли 2008 ба имзо расидаанд. Ҳуччатҳои қабулшудаи байни ду давлат ба самтҳои муҳимтарини ҳамкориҳо таалуқ дошта, бешубҳа, барои рушду таҳкими минбаъдаи робитаҳои дучонибаи Тоҷикистону Қазоқистон дар соҳаҳои сиёсат, иқтисодиёт, сармоягузорӣ, андозситонӣ, бонкӣ ва гумрук, ҳамкориҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ - техникӣ заминаи зарурӣ ба вуҷуд овардаанд.

Тамосҳои сиёсӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии ҳарду давлат дар он асос меёбанд, ки фақат сулҳ ва осоиштагӣ дар минтақа метавонанд барои тараққиёту пешрафти минбаъдаи давлатҳо шароити мусоид фароҳам оранд. Авлавияти робитаҳои сиёсии ду давлат дар қаринаи чунин вазифаҳои умумӣ, ба мисли таҳкими амният ва субот дар минтақа, мусоидат намудан ба рушди равандҳои ҳамгирой, қабули чораҳои муштаракона дар самти муттаҳидсозии кишварҳои Осиёи Марказӣ арзёбӣ мешаванд.[2, с. 62].

Тоҷикистон ва Қазоқистон бо мақсади ҳалли самарабахши масъалаҳои аввалиндараҷа ва таъмини минбаъдаи ҳамкории дучониба, таҳкурсии институтсионалии устувор - Шӯрои Ҳамоҳангсозии байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон, Шӯрои Вазирони корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистонро таъсис доданд.

Ҷаласаҳои Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷорию иқтисодӣ, ки солҳои 1998, 2001, 2004, 2006, 2007, 2008, 2009, 2011, 2012,2014,2015,2016,218,2019 доир шуданд, ҳолати муносибатҳо ва амалишавии санадҳои қаблан имзошударо баррасӣ намуда, самтҳои равобити дуҷонибаро боз ҳам васеътар гардониданд.

Алҳол асоси шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қазоқистонро санадҳои байнидавлатӣ ташкил медиҳад. Санадҳои мазкур асосан фарогири самтҳои муҳими ҳамкориҳо, аз ҷумла, сиёсию иқтисодӣ, сармоягузорию андозбандӣ, бонкӣ ва гумрукӣ, инчунин ҳарбӣ ва ҳарбию техникӣ буда, густариши фаъолонаи муносибатҳои минбаъдаро таъмин менамоянд.

Созишномаҳое, ки дар чаҳорчӯбаи мулоқоти сарварони кишварҳо ва ҳукуматҳо 24 сентябри соли 1993 дар шаҳри Москва ба имзо расиданд, аҳамияти хосса доштанд. Банди 5-уми Аҳднома оид ба бунёди Иттиҳоди иқтисодӣ ба сиёсати иҷтимоӣ бахшида шудааст. Масалан, дар моддаи 19 омадааст: Ҷонибҳои Аҳдкунанда низоми рафтуомади бераводид ва ҳаракати шаҳрвандонро дар қаламрави Иттиҳоди иқтисодӣ таъмин менамоянд. Дар моддаи 21 Ҷонибҳои Аҳдкунанда уҳдадор шуданд, ки нисбати шаҳрвандон вобаста ба тааллуқияти миллӣ ва дигар нишонаҳо ба ҳуқуқпоймолкунӣ дар самти пешниҳоди ҷойи корӣ, пардохти музди меҳнат, таъмини шароитҳои дигари меҳнат, пешниҳоди кафолати иҷтимоӣ роҳ надиҳанд. Ҳамчунин ҷонибҳо уҳдадор шуданд, ки асноди тасдиққунандаи маълумот ва тахассуси

шаҳрвандони якдигарро бе тасдиқи иловагӣ эътироф намоянд, (мод.22) созишномаҳои махсус ба тасвиб расонанд, ки муҳоҷирати қувваи кориро танзим намуда, уҳдадориҳои мутақобиларо дар самти суғуртанамоии иҷтимоӣ, таъминоти нафақавӣ таъмин созад. (мод.24) [8, с. 70].

Дар шароити рушди мустақилонаи кишварҳои худ тоҷикону қазоқҳо эҷодиёти якдигарро омӯхта, аз самараи он истифода мебаранд. Ҳолати мазкур аз намояндагони илму фарҳанг на танҳо омӯзиши амиқи таърихи фарҳанги якдигар, балки сатҳи умумияти онҳо ва ғановати мутақобилаи онҳоро тақозо менамояд.

Дурнамои ҳамкориҳои бисёрҷонибаи мо на танҳо эҳёи алоқаҳои мавҷуда, балки ташаккули самтҳои навро талаб месозад. Зеро алоқаҳои фарҳангӣ заминаи беҳтарини ҳамкории иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошанд . Вале дар ин давра ҳамкории ҷонибҳо, асосан, дар самти иҷтимоӣ ҷараён мегирифтанд. Вобаста ба низои шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон вазъи иҷтимоии аҳолӣ ниҳоят бад гардид. Бо эҳёи ҳокимияти қонунӣ Қазоқистон ба мардуми мо кумаки башардӯстона намуд. Аллакай дар нимсолаи аввали соли 1993 ба ҷумҳурӣ аз Қазоқистон 360 ҳаз. тонна ғалла ворид гардид [7, с. 221]

Аҳднома оид ба шарики стратегӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон аз ҷониби Президентони ду кишвар ба имзо расонида шуд.

Дар баробари Аҳдномаи мазкур боз панҷ санади ҳамкориҳои дуҷониба ба имзо расонида шуд, ки миёни онҳо:

- Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳимояи техникии иттилоот;

- Барномаи ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон;

- Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҳукумати ҶТ ва Ҳукумати ҶҚ оил ба фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Тоҷикистон ва Қазоқистон, ки муваққатан дар ҳудуди ду кишвар кор мекунанд (аз 4 майи соли 2006);

- Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҳукумати ҶТ ва Ҳукумати ҶҚ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф (аз 13 июни соли 2000);

- Созишнома байни Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати сайёҳӣ ва варзиши Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ.

Зимни нишасти матбуотӣ сарони ду давлат аз натиҷаҳои мулоқоту музокирот изҳори қаноат карда, ба дурнамои муносиботи дӯстӣ ва ҳамкории судбахши ду кишвар, бахусус дар робита ба эълони шарики стратегии Тоҷикистону Қазоқистон, баҳои баланд доданд.

Э. Раҳмон аз Н. Назарбоев барои таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуданаш ба рушди ҳамкориҳои дуҷониба сипосгузорӣ намуда, изҳори боварӣ кард, ки сафари мазкур ба муносибатҳои дуҷониба такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

Нурсултон Назарбоев Тоҷикистонро «шарики муҳими стратегии Қазоқистон» номида, изҳор дошт, ки барои таҳким ва густариши минбаъдаи чунин шарикӣ аз тамоми имкону захираҳои мавҷуда пурсамар истифода хоҳад кард. Ӯ хамчунин қайд намуд, ки Қазоқистону Тоҷикистонро бо ҳам муносибатҳои дӯстии анъанавӣ, эҳтироми тарафайн ва боварӣ мепайвандад. Миёни кишварҳо ихтилоф, чӣ дар соҳаи сиёсат ва иқтисодиёт вуҷуд надорад. Сарвари Қазоқистон Тоҷикистонро кишвари бародар номида, таъкид намуд, ки кишвараш барои рушди устувори ҳамкорӣ бо Тоҷикистон манфиатдор мебошад. [11, с. 46]

Қазоқистон дар байни кишварҳои ИДМ оиди ҳаҷми гардиши мол бо Тоҷикистон дар ҷойи дуюм қарор дорад. Дар ин бора Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрии васеъи ҳайати вакилони расмии ду кишвар иброз дошт. Тавре, ки хабарнигори «Авасто» иттилоъ дод, Эмомалӣ Раҳмон ба инкишофи муносибатҳои давлатӣ аҳамияти калон дод.

«Тоҷикистон дар рушди муносибатҳо бо Қазоқистон дар чунин соҳаҳои афзалиятнок, ба монанди саноати истихроҷи маъдан, истеҳсоли маводҳои сохтмонӣ ва гидроэнергетика манфиатдор аст», - қайд кард Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз рӯи суханҳои Эмомалӣ Раҳмон афзалиятҳои асосии ҳамкории Тоҷикистону Қазоқистон дар вақти кори комиссияи байниҳукуматӣ дар Остона муаян шудаанд.

«Қазоқистон ба татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар Тоҷикистон ҷалб карда шудааст, ва мо умед дорем, ки вохӯрии имрӯзаи ҳайати васеи вакилони ҷонибҳо ба он мусоидат менамояд, ки муносибатҳои мутақобилаи мо ба сатҳи нисбатан сифатнок гузаранд», - қайд намуд Президенти Тоҷикистон.

АДАБИЁТ

1. Зарифӣ Х. Дипломатияи Тоҷикистон- дирӯз ва имрӯз. Душанбе. Ирфон 2009. Саҳ 59-60
2. А. Зарифӣ Дипломатияи Тоҷикистон- дирӯз ва имрӯз. Душанбе. Ирфон 2009. Саҳ -61
3. Бобович О. В Душанбе открыли мемориал казахским воинам//Вечерний Душанбе 20 декабря 2007 года. Стр 5.
4. Назриев Д. Саттаров И. «Республика Таджикистан: история независимости». Год 1993-й том 3.Душанбе. «Ирфон», 2006. 903 с. С. 372.
5. Казахстан- Таджикистан: дружба на века. Душанбе .2006 стр. 52 .
6. Отношения Таджикистана и Казахстан, хронология.// http://www.tajambkaz.tj/index.php?option=com_content&task=view&id=26&Itemid=14 (Сайт посольства РТ в РК).
7. Нуралиев А. Таджикско-казахские культурно-литературные связи конца XIX начало XX вв./ А. Нуралиев. – Душанбе, 2001. –С.221, 223.
8. Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости. Год 1993-й / Д. Назриев, И. Саттаров. - Душанбе, 2006. –С. 70, 695, 698, 702, 714.
9. Сармояи мустакими хориҷӣ.// Тоҷикистон № 9 (375) 3- Марти соли 2005 .
10. Таджикистан-Казахстан: для дружбы нет расстояний. (Издание посольства РК в РТ совместно с УИ МИД РТ) 74 с. стр. 4.
11. Жаксибаева М. Прямые иностранные инвестиции //Центральная Азия и Кавказ. №6 (12) стр 175 .
12. Таджикистан-Казахстан: для дружбы нет расстояний. (Издание посольства РК в РТ совместно с УИ МИД РТ) 74 с. стр. 46.

СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С РЕСПУБЛИКОЙ КАЗАХСТАН ПОСЛЕ РАСПАДА СОВЕТСКОГО СОЮЗА

Республика Казахстан - страна, имеющая исторические, духовные и религиозные связи с нашей республикой. Принимая во внимание этот основополагающий фактор, Республика Таджикистан установила дипломатические и политические отношения с этим молодым государством с момента приобретения независимости.

В условиях самостоятельного развития своих стран таджики и казахи изучают творчество друг друга и используют его плоды. Такая ситуация требует от представителей науки и культуры

не только глубокого изучения истории культуры друг друга, но и уровня их общности и взаимного обогащения.

Кроме того, процесс становления и развития отношений между Таджикистаном и Казахстаном имеет особое научное и практическое значение с учетом вышеперечисленных факторов и моментов, изучение и реализация которых необходимы и своевременны для обеспечения экономической и политической безопасности обеих стран.

Ключевые слова: *Таджикистан, Казахстан, международные отношения, Советский Союз, внешняя политика, сотрудничество, стратегический, дипломатический партнер.*

COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH THE REPUBLIC OF KAZAKHSTAN AFTER THE COLLAPSE OF THE SOVIET UNION

The Republic of Kazakhstan is a country that has historical, spiritual and religious ties with our republic. Taking into account this fundamental factor, the Republic of Tajikistan has established diplomatic and political relations with this young state since gaining independence.

In the conditions of independent development of their countries, Tajiks and Kazakhs study each other's creativity and use its fruits. This situation requires from representatives of science and culture not only a deep study of the history of each other's culture, but also the level of their community and mutual enrichment.

In addition, the process of formation and development of relations between Tajikistan and Kazakhstan is of particular scientific and practical importance, taking into account the above factors, the study and implementation of which are necessary and timely to ensure the economic and political security of both countries.

Keywords: *Tajikistan, Kazakhstan, international relations, the Soviet Union, foreign policy, cooperation, strategic, diplomatic partner.*

Сведения об авторе:

Комилов Насим *- ассистент кафедры права и международных отношений Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 734065, г. Куляб, улица С. Сафаров 16. E-mail: nasim.komilov.93@mail.ru; тел: (+992)985415193*

About the author:

Nasim Komilov *– Assistant, Department of Law and International Relations, Kulyab State University named by Abuabdulloh Rudaki. Address: 734065, Kulyab, S. Safarov Street 16. E-mail: nasim.komilov.93@mail.ru; tell: (+992)985415193*

РУШДИ ИҶТИМОӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ФАРҲАНГИИ НОҲИЯИ ҲИСОР ДАР СОЛҲОИ 50-80 АСРИ ХХ

Ҳайдарова Г.Ё.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Оғози солҳои 50-ум ҳиҷрат намудани яғнобиён ба водии Ҳисор, махсусан шаҳри Душанбе ва атрофу акнофи он ва зиндагӣ ихтиёр кардани онҳо дар ин водии зархезу хушобу ҳаво ба якборагӣ боло гирифт, ки онҳо имрӯзҳо деҳаҳои Курлаи (н. Рӯдакӣ), Чоряккорон, назди Зарафшон (собиқ Гарбаняи н. Рӯдакӣ) Мавлонҷари Боло, Бешбулоқ, Наврӯзбулоқ, Тутака, Тӯда, Келитош, ЧаҒатаи Ҳисор, Багара, Чептура (ноҳияи Шахринав) ва Чабалой (н. Исмоили Сомонӣ) зиндагӣ доранд [1, с.119-120]. Тараққии хоҷагии деҳот ба солҳои панҷоҳум рост меояд. Соли 1953 колхозҳои калон ва солҳои 60-70 хоҷагиҳои давлати (совхозҳо) ташкил карда мешаванд. Шӯъбаҳои техникаи хоҷагии деҳот дар ноҳияҳо таъсис меёбанд.

Дар солҳои 70 ва 80 ноҳияи Ҳисор яке аз ноҳияҳои калон ва аз ҷиҳати иқтисоди пурқуввати ҷумиҳури ба ҳисоб мерафт. Маҳз дар ҳамон давра 11 феврали соли 1979 Муроҷиатномаи фаъолони ноҳия доир ба баланд бардоштани маданияти деҳот ба тамоми халқи ҷумҳурӣ қабул карда мешавад. Дар ин кор ташаббуси роҳбари аввали ноҳия Аловиддинов Уроқ Азимович ва раиси кумитаи ичроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони (баъдан халқии) ноҳия Қаюмов Нуриддин калон буд. Дар ҳамин давра кӯчаҳои ҳудуди ноҳия сангфаршу мумпӯш карда шуданд.

Соли 1956 расадхонаи Ҳисор, 1968 заводи «Гидростроматериали», 1971 заводи пӯст ба кор оғоз намуда, соли 1956 истироҳатгоҳи «Шоҳамбарӣ», аввалин мизоҷонро қабул карда, чандин хонаҳои бисёрошёна сохта ба истифода дода шуданд.

Соли 1980, дар соли 1 миллион тонна пахта рӯёнидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ноҳияи Ҳисор 38450 тонна «тилои сафед» ба даст овард. Нақшаи панҷсолаи нуҳум оид ба истеҳсоли ғалла, 121%, гушт 104%, шир 106%, пашм 105%, тухм 107% ичро гардид. Корхонаҳои саноати нақшаи умумии

соли 1980- ро 108, 0%, фурӯши маҳсулотро 107, 9% иҷро карданд. Чуноне ки муҳаққиқон Ш. Неъматова ва М. Асроров дар китоби «Маҳфузгарони таърих» қайд мекунанд: «Нақшаҳои истеҳсолиро иттиҳодияи «Гидростойматериали» 104,1%, иттиҳодияи агросаноатии «Шаҳринав» 100,0%, идораи ғаллақабулкунӣ 116, 7%, иттиҳодияи «Селхозтехника» 100,1% ба иҷро расонданд... Дар ноҳия соли 1980 барои корҳои кишоварзӣ 80 дона тарктор, 17 адад автомашина, 3 автобус, 2 булдозер, 4 эксватор, 12 мошини пахтачинӣ, 12 мошини кӯракғундорӣ ва 2045 тонна нуриҳои минералӣ харидорӣ карда шуд». Ин ҳама аз баланд шудани имконияти молиявии колхозу совхозҳои ноҳия гувоҳи медиҳад.

Баъди Аловиддинов У. А. ва Қаюмов Н. К. ҳамчун котиби аввали кумитаи ноҳиявии ҳизби коммунист Сироҷиддин Ҳақназаров, Эдуард Микритичев, Ҳусайн Қосимов ва раиси кумитаи иҷроияи ноҳия Абдулҳамид Сайдалиев, Маъруф Ҳакимов, Равшан Қаюмов рӯйи кор омада, дар пешрафти ноҳия ҳиссагузор гаштанд.

Маълумоти зарури роҷеъ ба бойгониҳои ноҳиявӣ дар ҳолати соли 1959 [2, с.15]

т/р	Нипондиханда	Ҳисор	Шаҳринав	Регар
1	Шумораи фоидҳо	109	57	127
|2-	Хуччатҳои доими	5499	4100	6143
3	Хуччатҳои муваккати	1652	-	874
4	Масоҳати бойгони	1 ООм/кв	46,5м/кв	39м/км
5	Дарозии рафакҳо	135п/м	46,5п/м	95п/м
6	Аризаҳои воридшуда	28	-	99
7	Ба тартибдарори	3205	10380	-

Солҳои 60-уми асри гузашта се хоҷагии пахтакории минтақаи Шаҳринав- колхозҳои ба номи Ленин, «Ленинград» ва ба номи Фрунзе (он баъдтар ба корхонаи махсуси чорводори табдил дода шуд) беш аз панҷоҳ дарсади пахтаи ноҳияро истеҳсол мекарданд [3, с.120].

Колхози ба номи Ленин аз калонтарин хоҷагиҳои ноҳияи Ҳисор ба шумор мерафт. Дар ин ҷо зироаткорӣ, махсусан пахтакорӣ ва чорводорӣ хеле хуб ривоҷ ёфта буданд. Дар овони раисии деҳқонони асил, мардони фидокору заҳматкаш, фарҳангдӯст ва ба маънои том истеҳсолотчӣ, бамаърифату саховатманд Акрам Ҳасанов ва Исохон Ҳамзаев истеҳсоли пахта ва дигар зироатҳо ва маҳсулоти чорво хеле зиёд дода шуд. Одамон шодравон Исохон Ҳамзаевро, ки дар овони раисии ӯ идораи барҳавою зебои хоҷагӣ, майдони истироҳатии ба номи Чӯтак Ӯразов дар назди бинои хоҷагӣ, бинои чандин мактабҳою касалхонаҳо бунёд ёфта, ободиҳои дигар анҷом пазируфтанд, имрӯз ҳам ба некӣ ёд мекунанд. Соли 1980-ум даромаднокии хоҷаги ба 13,3 фоиз расида бошад, соли 1983- юм 24,9 фоизро ташкил дод. Солҳои баъдина ҳам натиҷаҳои истеҳсолии хоҷаги хуб буданд. Солҳои 60-уми асри ХХ колхози «Ленинград» ба ҳисоби миёна аз ҳар гектар 32 сентнери пахта рӯёнид. Бригадаҳои Афғон Қарахонов, Рустамбек Сатторов, Муродулло Нуров ва чанде дигар аз ин хоҷаги ҳосилнокии пахтаро ба 35-40 сентнери расонданд. Дар пешравиҳои хоҷаги роҳбари кордону хоксораш Файзулло Эшов, сарагроном - Аграномии хизматнишондодаи чумҳурӣ Қурбон Улуғов ва деҳқони таҷрибадор Неъматулло Азизов, ки чандин солҳо агрономии қитъавӣ, ҷонишини раис ва котиби ташкилоти ҳизбии колхози «Ленинград» ва раиси Шӯрои қишлоқи Чузӣ буд, саҳми калон доштанд. Моҳи апрели соли 1974 дар заминаи колхози ба номи Фрунзе корхонаи байнихоҷагии чорвофарбеҳкунии ба номи Фрунзеташкил гардид ва сарвариашро ба ухдаи Воҳид Маҷидов гузоштанд. Баъдан аз соли 1977 то соли 1995 мутахассиси соҳибтаҷрибаю донишманд, роҳбари кордону ташаббускор Наҷмиддин Аюбов директори корхона буд.

Соли аввали таъсисёбӣ ба корхонаи навташкил хоҷагиҳои ноҳияи Х,исор 690 ҳазор сӯм, ҳафт бинои чорвонигоҳдорӣ, чандин техникаю дигар таҷҳизот кӯмак намуданд. Барояш 3 ҳазору 300 гектар чарогоҳ, 1350 гектар заминҳои корам, аз ҷумла 230 гектар заминҳои обӣ ҷудо гардид. Корхона соли якуми кор 163 тонна гӯшт истеҳсол карда, вазни миёнаи чорворо ба 280 килограмм, яъне баробари дигар хоҷагиҳо расонид. Соли дуюм истеҳъсоли гӯшт 615 тонна, вазни миёнаи чорвои ба гӯшт месупурдагӣ 302 килограм ва даромадноки 1 миллиону 113 ҳазор сумро ташкил дод.

Дар давоми солҳои 1978 -1987 корхонаи байнихоҷаги се маротибаги ба дарёфти Байраки Сурхи Сайёри КМ Ҳизби Коммунист, Шӯрои Вазирон, КМ Иттифоқи касаба, КМ созмони ҷавонони Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба ҳамин гуна байраки Ҷумҳурии Тоҷикистон шарафёб гардида, номаш дар тахтаҳои фахрии Намоишгоҳҳои комёбиҳои хоҷагии халқи умумииттифоқӣ ва ҷумҳуриявӣ сабт шуд.

Дар минтақаи Шаҳринав боз як хоҷагии махсусгардонида - фабрикаи парандапарварии Чиптӯра фаъолият дошт, ки аз соли 1958 ба кор даромада, соли якуми таъсисёбиаш дорои ҳамаги 80 ҳазор мурғ буд. Корхона сол то сол васеъ шуда, соли 1974 -ум майдони умумиаш 543 гектарро ташкил кард, шумораи паррандаҳо ба 562 ҳазор, аз чумла мурғи тумдеҳ ба 171 ҳазор расид. Сипас тибқи ҷорисозии роҳу усулҳои пешқадам истеҳсоли гӯшти парранда ва тухм хеле афзуд. Дар давоми панҷсолаи даҳум (1976-1980) ноҳияи Ҳисор заҳшаи фурӯши тухмро ба давлат 257 миллиону 24

ҳазор дона ё 103 фоиз ба чо овард, ки асосан аз ҳисоби фабрикаи парандапарварии Чиптӯра буд [4, с.120]. Ин фабрика дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ калонтарин корхонаи чӯҷабарории мамлкатро бар ӯхда дошт. Ҷумҳурии Қазоқистону Молдавия танҳо панҷ фоизи боқимондаи чӯҷаро мебароварданд.

Соли 1982 номи фабрикаро «60-солагии СССР» гузоштанд. Солҳои зиёде директори фабрика Алибой Очилов буд, ки таҳти роҳбари оқилонаи ӯ корхона тадриҷан рушд карда, обод шуд. Дар ноҳия хоҷагиҳои истеҳсолие аз қабили «Зироаткор», «Ҳисор» (собиқ «Учхоз») ҳастанд, ки бо мақсади гузаронидани корхои таҷрибавию илми барои пайдокунонии навъҳои наву серҳосили зироатҳо, ривоҷдиҳии истеҳсолоти кишоварзи ташкил шуданд. Онҳо ба пахтакорӣ ва кишти дигар зироатҳо, чорводорӣ машғуланд. Хочагиҳои «Себистон», «Сунбула», «Баҳористон», «Дӯстӣ» ва чанде дигар ба боғу токпарварӣ махсус гардонида шудаанд.

Солхои 80-уми садаи бистум дар ноҳия беш аз 30 намуди маҳсулоти саноатӣ истеҳсол мегардид. Бештари корхонаҳо нишондиҳандаҳои хуб ба даст меоварданд. Нақшаи панҷсолаи даҳумро оид ба истеҳсоли маҳсулоти саноати ноҳия беш аз мӯҳлат ичро кард. Дар 11 моҳи соли 1980-ум ба маблағи 38 миллиону 383 ҳазор сӯм (108,9% нақшаи солона) маҳсулот истеҳсол карда, ба маблаги 31 миллиону 846 ҳазору 500 сӯм маҳсулот фурӯхта шудааст, ки 106,6 фоизи нақшаи солона мебошад. Соли 1981-ум дар ноҳия ба маблағи 2524,9 ҳазор, соли 1982-ум ба 2036,8 ҳазор, соли 1983-ум ба маблағи 2988,9 ҳазор сӯм аз нақша бештар маҳсулоти саноати истеҳсол гардидааст. Заводи «Гидроизол» яке аз калонтарин корхонаҳои саноати буд, ки соли 1969 дар шаҳраки Ҳисор бунёд шуд. Соли 1976 чун чанд корхонаҳои дигарро зертобеаш гардониданд, ба иттиҳодияи истеҳсолии «Гидростройматериали» табдил ёфт. Аз аввали ташкилшави то соли 1988 директори генералӣ Пётр Исаакович Катс буд. Сипас ин вазифаро Абдураҳмон Табаров ба ӯхда дошт. Иттиҳодия дар вакташ бо бештар аз 600 нишони доду гирифт дошт. Маҳсулоташро на танхо собиқ ҷумҳуриҳои бародарии Иттиходи Шурави, балки боз 17 мамлакати хоричи мехариданд. 7 намуд маҳсулот мебаровард.

Коғазҳои гулдор (обой), фолгоизол, изол ва линолеум, ки корхона истеҳсол мекард, серхаридор буданд. Бинобар амалисозии навгониҳои зиёди истеҳсоли ба гирифтнаи унвони «Ратсионализатори хизмтнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» шарафёб гашт. Ҳамон солҳо комбинати таълимию истеҳсолии нобиноён низ нишондиҳандаҳои хуби истеҳсолиро ноил мешуд. Дар 11 моҳи соли 1982 корхона аз нақша зиёдтар ба маблағи 263, 5 ҳазор сумина маҳсулот истеҳсол карда, истеҳсоли зиёдатии маҳсулотро дар як солу 11 моҳи аввали панҷсолаи ёздаҳум ба 505,9 ҳазор сумина расонида шуда буд. Натиҷаҳои истеҳсоли солҳои минбаъда боз ҳам беҳтар шуданд. Корхона дар нимсолаи аввали соли 1983-ум ба маблағи 114,6 ҳазор сӯм бештар аз нақша маҳсулот фурӯхтааст. Махсусан, фаъолияти аҳди меҳнатии сехҳои картонбарорӣ ва бофандагии корхона назаррас буд. Бригадаҳои Ҳикмат Боев, Хайриддин Зокиров, Нуриддин Сафаров ва Ҳалима Одинагулова, ки истеҳсоли маҳсулотро хеле зиёд намуда, ба ҳисоби соли оянда кор мекарданд, баҳри нҷрои нақшаи панҷсолаи ёздаҳум дар 4 сол мекӯшиданд.

Дар комбинат соли 1983 ду таҷҳизоти нави намуди КД-2124 -и даҳанаки зарф мебаровардагӣ ва чанд дастгоҳи дигар, соли 1984 ду таҷҳизоти намуди 9 САГ –ро ба кор андохтанд, ки дар натиҷа истеҳсоли маҳсулот бештар ва сифаташ хубтар шуд.

Фабрикаи шоҳибофии Шаҳринав низ, ки моҳи октябри соли 1966 бо ташаббуси аввалин роҳбари он Солеҳ Мирзоев ба истифода дода, он вақт ҳамаги ду дастгоҳи руймолбарори дошту баъдан ибтидои солҳои 80-уми асри бист дастгоҳҳояш ба 200 то расид, аз корхонаҳои пешрафтаи саноатии ноҳия ба шумор мерафт. Сарвари корхона пас аз вафоти Мирзоев муддати тӯлони Ҳабибулло Абдуллоев, баъдан Абдуҳаким Ашуров, Нормӯъмин Усмонов, Ҳидоят Ҳикматов, Иноят Болтаев, Усмоналӣ Давлатов, Абдуҳамид Солеҳов ва Зоҳир Усмонов буданд. Он солҳо Гулчеҳра Тағоева, Гулсара Рачабова, Ҳоҷиқурбон Балтаев, Муҳиба Ӯроқова, Подабон Юсуфов, Муқаддас Боймирзоева, Зумратой Назарова, Саодат Ҳайдарова, Тошбибӣ Раҳимова, Мунира Маллаева, Соро Баротова, Насим Раҳимов ва чандин нафари дигар аз бофандагони пешқадами корхона, ки ҳамчун филиали иттиҳодияи «Тоҷикатлас» -ии шаҳрӣ фаъолият дошт, маҳсуб меёфтанд. Корхона солҳои 1975-1980 10 миллион метр, солҳои 1981-1985 11, 2 миллион метр ва дар солҳои 1985-1990 9 миллион метр атласу шоҳӣ баровардааст. «Барги карам», «шому саҳар», «50 солагӣ», «хосиятхон» барин атласҳои корхона дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ шӯҳрат доштанд ва нишони сифат гирифта буданд. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯрави баъди таъминоти нокифоя бо ашёи хом аз 200 дастгоҳ ҳамагӣ 60 дастгоҳаш кор карда, истеҳсолоташ сахт коҳиш ёфт. Ҳоло ин корхона нокифоя бошад ҳам, дар худуди ноҳияи Шаҳринав амал карда истодааст [5, с.198].

Заводи хиштбарории Шаҳринав (соли таъсисёби 1947) он солҳо бо сифатнокии маҳсулоташ дар ҷумҳурӣ аз беҳтаринҳо ҳисоб меёфт. Иқтидори шабонарӯзиаш аввалҳо 4-5 ҳазор дона буд. Сипас бо кӯшиши сарвари корхона Солеҳ Мирзоев солҳои 1954-1955 хумдонҳои гирд (иқтидорашон дар як шабонарӯз 20 ҳазор дона) шинонда, солҳои 1959 - 1962 аз ҷониби директорони баъдинаи корхона Усмонов ва Ҳабибулло Абдуллоев хумдонҳои тоннели ба кор дароварда, иқтидори шабонарӯзии хиштбарорӣ ба 35 ҳазор дона расонида шуд [6, с.80].

Соли 1972 корхонаро ба иттиҳодияи истеҳсолии «Гидростройматериали» ҳамроҳ карданд. Солҳои 1969-1981 Ҷӯраев, Салдиев, Канадзе, Богомолов, Диргулов ва Лвов сарвари корхона буданд. Аз соли 1981 то соли 1990 Амонулло Ҳабибуллоев дар ин вазифа кор кард. То ба ин ҷо омадан ӯ муҳандиси раёсати кишоварзӣ, нозири кумитаи назорати халқии ноҳияи Ҳисор, котиби ташкилоти ҳизбии колхози ба номи Карл Маркс (ҳоло ба номи Абдурауф Юсуфов) буд.

Соли 1966 дар назди совхози боғу токпарварии «Шаҳринав» корхонаи шароббарорӣ ташкил шуд, ки баъди соли 1971 дар заминаи ин хоҷаги таъсисёбии иттиҳодияи истеҳсолии агросаноатии «Шаҳринав» (солҳои зиёде сарвари куллаш (директори генералӣ) яке аз шахсони кордону ташкилотчи Мухтор Неъматович Абдураҳмонов буд) бо ҳамроҳии нуқтаи шаробистеҳсолкунии «Ҳисор» бо итоати он гузашт.

Корхонаи дигари саноатии аз соли 1985 зертобеи иттиҳодияи истеҳсолии агросаноатии «Шаҳринав» заводи консервабарории Чиптӯра буд, ки соли 1953 таъсис ёфта, аввалин директораш Исроил Отабоев буд ва соли 1955 -ум 4 миллион банкаи шартӣ, соли 1961 -ум 5 миллион банкаи шарти шарбат мебаровард. Дар давраи сарварии Нусратулло Қурбонов солҳои 1970-1985 иқтидори корхона ба 30 миллион банкаи шартӣ расонида, бо маблағи он дар шаҳраки Октябр (Чиптӯра) бинои истиқоматии чорошёна ва боғчаи бачагон бунёд карда шуд. Солҳои 1985-1992 директори завод Ф. Каримов буд.

Ҳамон солҳо ҳамчунин дар ноҳияи Ҳисор филиалҳои иттиҳодияҳои «Гулдаст», «Чевар» ва матоъҳои пахтагини шаҳри Душанбе фаъолият доштанд, ки мардум маҳсулоти сифатноки бардошташонро меписандиданд. Нуқтаи қабули пахта (сарвараш Муҳамадчон Абдуллоев), заводи коркарди пӯст (сарвараш Назаров) ва нефтебаза (сарвараш М. Маликов) хизмат мерасониданд. Соли 1985 заводи маҳсулоти фулузи ба кор даромада, қисмҳои зарурии насосҳои гуногуни обкашро истеҳсол мекард. Солҳои зиёде сарварии онро Абдуманнон Абдураззоқов ба ӯҳда дошт.

Филиали ҷамъияти саҳомии «Тоҷикителеком» дар ноҳияи Ҳисор аз соли 1962 то соли 1996 ҳамчун шӯъбаи (узели) алоқа фаъолият карда, таъмини алоқаи телефонӣ ва ташкили радиошунавониро ба ӯҳда дошт.

Мувофиқан ба талабот баробари такмилёбии техникаи кори сол аз сол нуқтаҳои телефон ва радио зиёд мешуданд. Соли 1932 дар ноҳияви ҳамаги чор телефон - якто дар бинои кумитаи ноҳиявии ҳизби коммунист, якто дар бинои кумитаи иҷроияи ноҳия, якто МТС (стансияи мошинию тракторӣ) ва якто дар нуқтаи хизмати алоқа буду халос. Баъдтар афзуда, теъдоди нуқтаи телефон ба 5251 ва нуқтаи радио ба 14658 - то расид.

Солҳои 1973 - 1985 дар маркази колхозу совхозҳо зеристгоҳҳои дорои 500 нуқта ва дар маркази ноҳия зеристгоҳи дорои 2000 нуқтаи телефонии дар хизмати мардум қарор доштанд ва ботамоми ҷумҳури алоқа барқарор мекарданд. Дар давраи шӯравӣ дар ноҳияи Ҳисор чанд муассисаи нақлиёти фаъолият доштанд, ки калонтаринашон корхонаи нақлиёти автомобили рақами 14 буда, ибтидои таъсисёбиаш- соли 1961-ум 38 мошин, 4 автобус, 50 коргар, солҳои охири барқарории Иттиҳоди Шӯравӣ 750 коргар, 335 мошинҳои боркаш, 50 мошинҳои кирокаш (таксӣ) ва 90 автобусҳои мусофиркаш дошт, ки дар 31 самт, аз ҷумла дар самтҳои Ҳисор - Душанбе, Ҳисор - Чептӯра - колхози ба номи Ленин, Ҳисор - Хонақоҳи Кӯҳӣ, Ҳисор - Бобосурхон, Ҳисор - Шоҳамбарӣ, Ҳисор - Шарора, Ҳисор - Айнӣ ва ғайра хизмат мерасониданд.

Пеш аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҳудуди ноҳия чандин ташкилотҳои сохтмонӣ аз қабили муассисаи таъмирию сохтмонӣ, муассисаи таъмирию сохтмони Вазорати хизмати маиши ҷумҳурӣ, СПМК - 1, СПКМ- 2, СПКМ - 10, СПКМ - 13, ПМК - 50, ПМК - 7, ПМК - 22, ПМК -25, райселкомхоз ва ғайра мавҷуд буданд, ки ҳамасола корҳои зиёди таъмирию сохтмониро дар ҳудуди ноҳия ва берун аз он анҷом медоданд. Масалан, соли 1983 ташкилотҳои сохтмони маблағҳоро хубтар аз ҳуд карда, назар ба солҳои пеш ҳаҷми корҳои сохтмониро афзун гардонданд. Дар нимсолаи аввали ҳамон сол ба ҷойи 9546 ҳазор сӯм ба қадри 9617 ҳазор сумина корҳои сохтмони анҷом дода шуданд. Иҷрои нақшаи умумии ноҳия 101 фоиз, СПМК - 1 104, СПКМ-2 105, СПКМ-10 105, СПКМ-13 106, ПМК-7 105, ПМК-22 111, ПМК -25 126 фоизро ташкил дод. Дар ҷамъбасти сол 7 ташкилоти сохтмони аз ӯҳдаи иҷрои нақшаҳои ба зимма доштаашон бо сарбаландӣ баромаданд.

Муассиҳои ба истифодадиҳии роҳҳои автомобилгарди рақами 21 яке аз ташкилотҳои сохтмонии фаъол ба шумор мерафт, ки соли 1963 ташкил ёфта, дар ибтидо Кузнетсов, баъдан солҳои 1966-1968 Крилов, солҳои 1968-1971 Н. Азимов, солҳои 1971-1980 Манзар Роибов, солҳои 1980-1986 Маматоҷӣ Тоҷибоев, солҳои 1986-2007 Абдухолиқ Ҳафизов (ҳоло муовни аввали раиси ноҳияи Ҳисор аст), аз соли 2007 то январи соли 2012Қурбонмурод Неъматов роҳбараш буданд. Ҳоло Худойбердӣ Ашуров сарвари корхона аст.

Солҳои охири Иттиҳоди Шӯравӣ дар минтақаҳои Ҳисору Шаҳринав қариб 300 то нуқтаи савдо ва муассисаҳои зиёди хӯроки умумӣ мавҷуд буданд, ки фаъолияти онҳоро ташкилотҳои зертобеи ҷамъияти матлуботи ноҳия ҷамъиятҳои матлуботу хӯроки умумии шаҳраки Ҳисор ва деҳотии «Навобод», «Хонақо», «Шаҳринав» назорат бурда ба танзим медароварданд. Комбинати нонпазии

шаҳраки Ҳисор, чандин нонвойхонаҳо, ошхонаҳо, бозори марказии шаҳраки Ҳисор, бозори Шаҳринав ва ғайра хизмати мардумро ба ҷо оварда одамонро ба маводи хӯрокворӣ, асбобҳои зарурии рӯзгор шифр, пахта ва дигар масолеҳи сохтмони таъмин менамуданд. Иттифоқи матлуботи ноҳия ба муносибати 60-солагии таъсисёбии Иттиҳоди Шӯравӣ мусобиқаи кормандонро ривоҷ дода соли 1982 иҷрои нақшаҳои ба зиммабударо барзиёд таъмин намуда, дар 11 моҳ назар ба солҳоли пешин гардиши молро ба маблағи 5 адад миллиону 193 ҳазор сӯм афзун гардонд. Баъдан дар ин самт натиҷаҳо боз ҳам назаррас шуданд. Гардиши муомилоти моли соли 1990-ум ба 157741,3 ҳазор сӯм расид.

Баъди барқароршавии Ҳокимияти Шӯравӣ яке аз самтҳое, ки давлат эътибори хосаи худро нигаронид ин ҳифзи иҷтимоии аҳоли буд. Дар минтақаҳои Ҳисор ҳам ин масъаала таҳти назорати доимии роҳбарият қӯарор дошт. Идораи махсусе баҳри ин кор таъсис ёфт, ки баъдан шӯъбаи ҳифзи иҷтимоӣ, сипас раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ном гирифта, аввалҳо танҳо ба таъмину пардохти кӯмакпули масъул буд. Ҳоло таъмини нафақа, тақсимоти кӯмакпулии яквақта барои гузаронидани дафнии фавтидагон, додани роҳхати санаторияю куроти ба иштирокчиёни Ҷанги бузурги Ватанӣ ва нафақагирон барои хизматҳои махсус баҳри табобату дамгирӣ ба зимаи раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошад.

Ҳамасола аз ҷонгиби раёсат ба шахсони зиёде нафақа таъйин карда мешавад. Соли 1975 дар ноҳия бюрои ахборотию ба кор таъминкунии аҳолӣ ташкил шуда сардораш Султонмурод Юсупов таъин гардид, ки то соли 1981 фаъолият намуд. Сипас Насрулло Нуриддинов, Аскар Носиров, Остон Рачабов, Абдувоҳид Саидалиев дар ин вазифа кор кардаанд.

Баъди зилзилаи Шарора, ки 23 январи 1989 рух до два 37 бинои истьиқоматии деҳаи Шарора, деҳаи Оқули поёнро бошад қариб бо тамом лойқаи ғафс пӯшонд, Оқули Боло, Ҳисор, Ҳаёти Нав Қарапучоқ, 1 Май ва дигар деҳаи гирду атроф низ зарари калон диданду 30 ҳазор одамон бесар паноҳ монданд. Мадагорииидораи идораи суғуртаи ноҳия баръало ҳис гардид. Роҳбари ҳамон давраи муассиса Абдураҳим Шарифов ҳамроҳи зердастонаш тамоми имкониятро бурда кӯшид, ки ба зарардидагон таъҷилан ёрмандӣ намоянд. Бисёр шахсон, ки хонаашонро вайроншудаву молу амволашон талаф гардида буд, аз идораи суғурта маблағҳои калон гирифта рӯзғорашонро ба сомон оварданд.

Ҳисор аз маданияту фарҳанг бой аст. Дарахти сербаргу шохаи мӯҳташами фарҳангии ин мавзеъ аз сарчашмаи маънавиёти баланди ниёгон об хӯрдаву нумӯъ кардааст. Аз қадим дар ин ҷо ҳунармандони халқӣ зиёд буданд. Санъаткорону мусиқинавозонашро берун аз Ҳисор ҳам мешинохтанду ба ҳунарашон арҷ мегузоштанд. Ҳофизони ин ҷоро басо меписандиданду ба тую маъракаҳо даъват менамуданд. Латифаю аксиягӯй, таҳияи саҳначаҳо ривоҷ гирифтаву боҳунарона аз асбобҳои мусиқии дойра, сурнаю карнай, рубобу ғижак, тору дутор, тамбур истифода менамуданд.

Сароянда гони сурудҳои классикию халқӣ, шашмақомхонҳо мулло Ҷалоли истоничӣ, мулло Ибодуллоҳ, Фозилҷони маъруф ба Ҳофизчаи Ҳисории Қаратогӣ ва писараш Мирзо Ғулом, Билоли меҳтар, ки барои монеъгиаш ба талаву торочшавии молу мулки камбағалон аз ҷониби гумоштагони амир Олимхон ваҳшиёна кушта, на танҳо дар Ҳисор, балки берун аз он ҳам овозадор шуда буданд. Тариқи беасбоби мусиқи сурудхонӣ ҳам дар ин ҷо аз пеш роиҷ буд, ки то ҳоло идома Алалхусус дар тӯйҳо ҳангоми домодбарон «Шаҳ муборак»-хонӣ ва ҳини арӯсбаророн ва арӯсбиёрон бо услуби мутантани омехта ба ҳазлу шӯхӣ ва панду насиҳати омодасоз ба зиндагии мустақилона сароидани сурудҳо, аспакбозию рақсиданҳо маъракаҳои мардумро таъсирбахшу гарм медоранд. Баъдан дар замони шӯравӣ ҳунармандии мардум такмил ёфта, санъати миллӣ дар Ҳисор ба пояи баландтарин баромад. Фарҳанг бо маънои том рушд кард. Як зумра санъаткарони варзида ба камол расиданд, ки шӯҳрати Ҳисорро болотар бардоштанд. Ҳофизи халқии ҷумҳури Ҳусайн Насриддин, ҳунармандони шоистаи ҷумҳурӣ Тоҷиддин Муҳиддинов, Аҳмадчон Мухаммадиев, ҳунармандони мардумии ҷумҳурӣ Шамсиддин Муҳиддинов, Комилҷон Ғаниев, ҳунармандони шоистаи ҷумҳурӣ Муҳаммадсаид Аҳмадов, Искандар Боев, Убайдулло Кароматов, Азиз Вахҳобов ва чанде дигарон аз ҳамин қабиланд.

Бо ташкилшавии ноҳияи Ҳисор соли 1932 шӯъбаи фарҳанги ноҳия (қаблан шӯъбаи маданият номида мешуд) таъсис ёфт, ки дар такомулоти фарҳангию маънавиёти мардум нақши муассир дорад. Солҳои шастуми асри гузашта хонаи маданият, 21 феврали соли 1968 театри халқӣ, соли 1993 филармонияи халқӣ (ҳоло ба номи шодравон Тоҷиддин Муҳиддинов аст) ташкил гардиданд.

Дар ташкили фаъолияти босамари шӯъба, хизматрасонии маданию маърифатии аҳолии роҳбарони собиқи он Султон Рачабов, Эргаш Кулиев, Абдуҷаббор Мирзоев, Момохон Қосимова, Ҳамроҳ Ширинбоева, Ҳамроҳқул Розиқов, Аҳмадҷон Мардонов, Муҳаммадқул Раҳимов, Нуралӣ Мирзоалиев, сарвари ҳозирааш сароянда ва оҳангсоз Парвиз Пулодӣ (Абдулазизов), Корманди шоистаи ҷумҳурӣ Абдураҳим Ғаффоров, ки солҳои зиёдест муовини мудири шӯъба аст, санъаткорони дар боло зикрашон рафта, ҳамчунин собиқ директори хонаи маданияти ноҳия, Корманди шоистаи Точикистон Амон Табаров, Пӯлод Абдулазизов, Қиматгул Сангова, Ғулом

Шукуров, Саъдулло Кароматов, Азиз Давлатов, Шодӣ Олияев, Саъдулло Пардаев, Дилбар Гулова, Қодир Раҳимов, Қадриддин Хоҷаев, Кароматулло Хайруллоев, Ҳабибулло Усмонов, Холмурод Ҳочиев, Сайфиддин Рачабов, Файзалӣ Ғаниев, Ғайбулло Назаров, Камол Пиров, ҳунармандони шоистаи ҷумҳурӣ Латиф Камолов, Абдураҳмон Нуров, Нурали Додарбеков. Сарвари пештараи филармонияи халқии ноҳия Сафаралӣ Бобоев, Соҷида Каримова, Фаррух Ризоев, Зиёвиддин Нуров, Гулмаҳмад Назаров ва даҳҳо нафари дигар саҳм гузоштаанд. Ҳаваскорони санъати ноҳия дар фестивали умумииттифоқии дастаҳои ҳаваскорони санъати халқӣ солҳои 1975-1977 бо муваффақият иштирок намуда, ҷойи намоёнро ишғол кардан два дипломи дарачаи дуюм гирифтанд.

Дастаҳои ҳунарии ноҳия ба шаҳрҳои Москва, Новосибирсикийи Федератсияи Россия Вилюси Литва, Берлин, Лейпсиги Германия, Торронтон Канада сафар намуда, санъати Ҳисорро муаррифи кардаанд, дар фестивал- озмунҳои ҷумҳуриявии «Бӯстон - 1993» ва «Андалеб-1996» сазовори ҷойи аввал гардидаанд.

АДАБИЁТ

1. Абдуҳомидов Н. // Тақсимоти ҳудудӣ - маъмурии Ҳисори Шодмон, солҳои 1910-1951. Мачалаи Рӯдакӣ №28 2010.
2. Ҳакимов Н. «Таърихи халқи тоҷик» -Душанбе: нашриёти «Ирфон» 2006, 32 с.
3. Кашелова А. И., Василов П. А. «Адое минстративно Територіалное деление Таджикистана (исторический очерк) - Сталинобод, 1948 год. - 250с.
4. Энсклопедияи советии тоҷик. Ҷилди I, -Душанбе, 1978 - С. 639 -641
5. Мероси адабии шоирони Ҳисор. Душанбе 1974. - 240с.
6. Одинаев С. // Доираи адабии Ҳисори Шодмон (мақола). Мачалаи Рӯдакӣ 2010 № 28 С. 91-100
7. Душанбе дар масири таърих (мачмуаи макола) Душанбе - 2005 сах. 119-120
8. Неъматова Ш., Мухибулло Асрори, «Махфузгарони таърих»», Душанбе «Ирфон» 2010 – 15 с.
9. Зафари Д., Руҳуллои Ҷӯрабой, Муҳибуллои Асрор, Фатҳуллои Азиз. Аз Сабо то Шаҳринав. - Душанбе: «Ҳумо». 2007. - 120 с.
10. Зафари Д., Руҳуллои Ҷӯрабой, Муҳибуллои Асрор, Фатҳуллои Азиз. Аз Сабо то Шаҳринав. - Душанбе:«Ҳумо». 2007. - 75 с.
11. Фатҳуллоҳи Азиз, Султонмуроди Одина. Ҳисори Шодмон: аз бостон то ин замон, Душанбе, «Маориф ва фарҳанг» 2013, с.198
12. Зафари Д., Руҳуллои Ҷӯрабой, Муҳибуллои Асрор, Фатҳуллои Азиз. Аз Сабо то Шаҳринав. - Душанбе:«Ҳумо». 2007 - 80 с.

СОЦИАЛЬНОЕ, ЭКОНОМИЧЕСКОЕ И КУЛЬТУРНОЕ РАЗВИТИЕ РАЙОНА ГИСАР В 50-80 ГОДАХ XX ВЕКА

В данной статье рассматривается история социального, экономического и культурного развития Гиссарского района в 50-80-е годы. По мнению автора, социальное, экономическое и культурное развитие Гиссарского района в 50-80-е годы отражается на сборе хлопка, хороших показателях работы промышленных предприятий, участии в конкурсе «Андалеб» и завоевании первых мест, их взглядах и целях.

Несмотря на все это, они являются ценной информацией по изучению рассматриваемого предмета.

В 1960-х годах три хлопковых хозяйства в Шахринавском районе - колхозы им. Ленина, Ленинграда и Фрунзе (позже преобразованные в специализированные животноводческие предприятия) - производили более 50 процентов хлопка района. С образованием Гиссарского района в 1932 году было создано районное управление культуры (ранее называвшееся отделом культуры), которое играет важную роль в культурном и духовном развитии народа. В эти годы вновь был создан Дом культуры, 21 февраля 1968 года - Народный театр, а в 1993 году - Народная филармония (ныне названная в честь покойного Тоджиддина Мухиддинова).

Ключевые слова: *источники, местные, русские, ремесла, бизнес, дипломаты, туристы, шпионы, регион.*

SOCIAL, ECONOMIC AND CULTURAL DEVELOPMENT OF THE REGION ISOR IN 50-80 YEARS OF THE XX CENTURY

The author examines the history of socio-economic and cultural development of the Hissar region in the 50-80s in this article. According to the author, the social, economic and cultural development of the Hissar region in the 1950s and 1980s reflected in cotton picking, good performance of industrial enterprises, participation in the Andaleb contest and winning first places, their views and goals.

Despite all this, they are valuable information on the study of the subject in question.

In the 1960s, three cotton farms in the Shakhrinavsky region - collective farms named after Lenin, Leningrad and Frunze (later transformed into specialized livestock enterprises) - produced more than 50

percent of the region's cotton. With the formation of the Gissar region in 1932, the regional department of culture (previously called the department of culture) was created, which plays an important role in the cultural and spiritual development of the people. During these years, the House of Culture was re-established, on February 21, 1968 - the People's Theater, and in 1993 - the People's Philharmonic (now named after the late Todjiddin Mukhiddinov).

Key words: *sources, local, Russians, crafts, business, diplomats, tourists, spies, region.*

Сведение об авторе:

Хайдарова Гулрухсор Ёдгоровна *– ассистентнт кафедры таджикского народа Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни Республики Таджикистан. 070009, Республика Таджикистан Шахринав, к. Богистон, тел.:(+992) 880086272.*

About the autor:

Khaidarova Gulrukhsor Yodgorovna *- Assistant of the Department of the Tajik People of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini of the Republic of Tajikistan. 070009, Republic of Tajikistan Shakhrinav, K. Bogiston, tel.: (+ 992) 880086272.*

МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАВЛАТИ ҚАТАР

Болтуев С.М.

Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Таҳқиқу таҳлилҳои пайвастаи раванди робитаҳои дипломатӣ ва иқтисодӣ-тиҷоратии кишварҳои мухталифи ҷаҳон чун давлатҳои араб, аз ҷумла Давлати Қатар бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ шарт ва зарур буда, кафолати бартараф гардидани камбудиҳо мебошад ва он заминаи рушди меҳварии онро фароҳам меоварад. Ҳангоми ба вуқӯъ пайвастани ҳар гуна робитаҳо камбудиҳо низ пайдо мешаванд, ки ислоҳи онҳо дар навбати худ зарурият, бартарию авлавиятҳои хоси худро дорад. Бинобар ин мо кӯшиш ба харҷ додем, ки ин равандҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, камбудиҳоро бартараф созем ва аз ҳама имкониятҳои мавҷуда ба пуррагӣ истифода кунем [4, с. 67].

Давлати Қатар яке аз кишварҳои пуриқтидорест, ки бо иқтисодиёти худ дар ҷаҳон пас аз Иёлоти Муттаҳидаи Америка (ИМА), Ҷумҳурии Халқии Хитой, Федератсияи Россия ва ғ. ҷойи ҳаштумро ишғол менамояд. Рушди бемайлони иқтисоди баланд дар ин кишвар роҳи онро ба бозори ҷаҳонӣ кушод, ки тақрибан бо тамоми ҷаҳон додугирифтҳои иқтисодиву тиҷоратӣ дорад. Робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин кишвари қудратманд аз аҳамияти вижа бархӯрдор аст. Ҳарчанд додугирифти кишвари мо бо Давлати Қатар нисбатан кам аст, вале имкониятҳои фаровон мавҷуд ҳастанд, ки метавонанд ин додугирифтро ба сатҳи баланд бардорад. Савол ба миён меояд, ки то ҳол равобити ин ду кишвар дар кадом сатҳ буд? Дурнамои муносибату ҳамкориҳо ва афзалиятҳои онҳо чӣ гуна аст? Истифодаи ҳама гуна имкониятҳои мавҷуда бо кадом роҳҳо имконпазир шуданаш мумкин аст, то шароитҳои мусоид фароҳам ояд ва боиси густариши босуръати ҳамкориҳо гардад? Ҳадафи ин мақола маҳз аз таҳлилу таҳқиқ ҳамин матлабҳо иборат аст [7, с. 1].

Пас аз ду соли эълони истиқлолияти Тоҷикистон рӯзи 13-уми декабри соли 1994 муносибатҳои дипломатӣ бо Давлати Қатар ба роҳ монда шуд. Аммо аз сабаби сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон танҳо моҳи ноябри соли 2012 Давлати Қатар тавонист сафорати худро дар Душанбе ифтитоҳ намояд. Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давҳа бошад, дертар дар моҳи майи соли 2013 ифтитоҳ шуд. Дар зарфи 26 сол Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чаҳор маротиба ва нахуствазири Давлати Қатар як маротиба аз кишварҳои якдигар дидан намуданд. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бори аввал дар саҳифаи таърихи ин ду кишвари дӯст рӯзҳои 6-7 майи соли 2007 ба Давлати Қатар сафар анҷом додааст. Минбаъд намояндагони парлумон ва вазоратҳои гуногуни ҳарду кишвар пайваста ба кишварҳои якдигар сафар мекарданд ва масъалаҳои мубрам дар муносибатҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистону Давлати Қатарро марвиди баррасӣ қарор медоданд [6, с. 119].

Бо вуҷуди ин ҳама кӯшишу талошҳо аз ҳар ду ҷониб гардиши молу маҳсулот миёни Тоҷикистону Қатар ночиз боқӣ мемонад. Бо сабабҳои гуногун мо натавонистем имкониятҳои мавҷударо амалӣ намоем ва аз натиҷаи он суди назаррас ба даст оварем. Ин дар ҳолест, ки барои ривоҷи ҳамкориҳо чандин санади дуҷонибаву бисёрҷониба ба имзо расонида шудааст. Барои нишон додани ҳолати мавҷуда ва самти ҳаракати робитаҳои иқтисодии ду кишвар дар зер маълумотҳои омории дастрасро таҳлилу баррасӣ мекунем.

Содироту воридот

Маълумотҳо оиди гардиши молу хизматрасонӣ миёни Тоҷикистону Қатар аз сомонаи байналмилалӣ, ба мисли СММ, сомонаи Бонки Ҷаҳонӣ, сомонаи Агентии Омори Тоҷикистон ва

сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон дастрас карда шудаанд. Аммо мо талош намудем, ки ҳар чӣ зиёдтар аз нишондодҳои иқтисодии оморӣ истифода намоем, ки онҳо бештар асоси дақиқ доранд, зеро онҳо бо нишондодҳои СММ мутобиқ ҳастанд ва онҳо аз ҷониби мақомоти марбутаи Давлати Қатар таъмин карда шудаанд. Дар ҷадвали 1 маълумоти 5 соли охир дар мавриди содироти Тоҷикистон ба Давлати Қатар ва воридоти мо аз ин кишвар оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Содироту воридоти Тоҷикистон ба Давлати Қатар дар солҳои 2015-2019 (бо нишондоди ҳаз.дол.ИМА)

Солҳо	**Содирот**	**Воридот**	**Гардиши умумӣ**	**Бақия**
2015	15922,07	1400,24	27312,32	24511,83
2016	13051,46	888,80	13940,26	12162,67
2017	10371,35	7466,99	18338,33	3404,36
2018	1107,03	1342,77	2456,80	-228,75
2019	1393,43	14160,35	15544,78	-12775,91

Аз ҷадвали 1 бармеояд, ки содироти Тоҷикистон ба Давлати Қатар гардиши нисбӣ дорад. Агар дар соли 2015 он 15922 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил карда бошад, дар соли 2019 он ба 1393 ҳазор баробар шудааст ва ин пасттарин рақам нест. Камтарини он ба соли 2018 рост меояд, ки он 1107 ҳазор доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Бештаринаш ҳамон 15922 ҳазори соли 2015 мебошад.

Воридоти Тоҷикистон аз Давлати Қатар бошад, бо вуҷуди тобиши мусбат доштан ноустувор аст. Агар дар соли 2015 он ба 15922 ҳазор доллари ИМА баробар буд, дар соли 2019 он 1393 ҳазорро ташкил кардааст. Аммо дар соли 2017 содирот ба Давлати Қатар 10371 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил кардааст, ки ин бештарин дар ин панҷ сол мебошад. Камтарин рақам дар ин ҷо дар соли 2018 ба назар мерасад, ки он баробар ба 1107 ҳазор доллари ИМА мебошад.

Ҳамин тавр, гардиши умумии молу маҳсулот миёни Тоҷикистону Давлати Қатар дар шакли манфӣ ба назар мерасад. Дар соли 2017 гардиши умумӣ ба 10371 ҳазор доллари ИМА баробар буд, ки ин бештарин рақам дар чанд соли охир аст. Аммо соли 2018 он то ба 1107 ҳазор доллари ИМА поён фаромадааст.

Ҳолати гардиши мол дар солҳои 2015-2019 ба манфиати ҳар ду кишвар мебошад. Бояд гуфт, ки ҳамасола воридоти мо аз содиротамон ба Давлати Қатар зиёд будааст. Масалан, дар соли 2017 воридоти мо 10371 ҳазор доллари ИМА буда, содиротамон танҳо 1456 ҳазорро ташкил медиҳад. Ин ҷо содироти мо танҳо камтар аз 20 дарсади гардиши умумӣ миёни ин ду кишвар мебошад, ки хеле кам аст. Вазъи содироту воридот миёни ду кишвар дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст.

Кӯмакҳои расмӣ барои рушд.

Кӯмакҳои расмӣ барои рушд (КРР) ин грантҳо ва қарзҳои имтиёзнок буда, аз ҷониби мақомоти расмии кишварҳои тараққикарда ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ, бо мақсади мусоидат барои рушд ва некӯаҳволии халқ дода мешаванд. Давлати Қатар дар миёни 15 кишвари асосие дохил мешавад, ки чунин кӯмакҳоро пайваста ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ мерасонад.

Дар доираи кӯмакҳои расмӣ барои рушд, Давлати Қатар ҳамасола маблағҳои муайянеро барои Тоҷикистон ҷудо намуда, лоиҳаҳои алоҳидаро маблағгузорӣ менамояд. Яке аз лоиҳаҳое асосие, ки Давлати Қатар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудааст, иборат аз бунёди масҷиди Қатар мебошад. Ба ғайр аз ин, дар доираи КРР Давлати Қатар дар ҳаҷми 19 млн.долл.ИМА дар соли 2014 лоиҳаи беҳбуди рушдро маблағгузорӣ кардааст.

Ҳаҷми ин кумакҳо аз содироту воридот миёни ин ду кишвар ба таври назаррас зиёд аст. Мо дар боло ҳаҷми содироту воридот миёни Тоҷикистону Давлати Қатарро дар ҷадвали 1 овардаем. Акнун дар ҷадвали 2 ҳаҷми кӯмакҳои расмии Давлати Қатар ба Тоҷикистонро, ки барои рушди соҳаҳои гуногун равона шудаанд, меоварем.

Ҷадвали 2. Кумакҳои расмӣ барои рушд.
(миллион долл.ИМА)

2012	27,71	5,27	32,98
2013	19,01	7,65	26,66
2014	17,49	6,05	23,54
2015	14,21	3,61	17,82
2016	25,41	5,63	31,04
Ҷамъ	**103,83**	**28,21**	**132,04**

Сарчашма: сомонаи ВУХ Давлати Қатар (https://www.mofa.go.qa/files/008566.pdf)

Муқоисаи содироту воридоти мол ва КРР нишон медиҳад, ки дар панҷ соли овардашуда (2012-2016) КРР ҳамеша аз содироту воридот дар алоҳидагӣ ва ҳам гардиши умумии мол миёни ду кишвар зиёд будааст.

Дар тӯли панҷ соли охир КРР-и Давлати Қатар ба Тоҷикистон аз содироти мо ба ин кишвар зиёд будааст. Ҷамъи нишондиҳандаҳои панҷсола ҳам нишон медиҳад, ки агар дар тӯли ин панҷ сол Тоҷикистон аз Давлати Қатар 112,06 млн.долл.ИМА кӯмакҳо барои рушд гирифта бошад, содирот ба ин кишвар ҳамагӣ 13,52 млн.долл. ИМА-ро ташкил мекунад. Ин тақрибан 8 маротиба камтар аст. Ин ба он маъност, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон натавонистааст аз имкониятҳои тиҷоратӣ бо Давлати Қатар истифодаи дуруст кунад. Содироти молу хизматрасониҳо дар ҳолати ба роҳ мондани муносибатҳои иқтисодии дуруст, метавонанд ба маротиб аз КРР зиёдтар бошанд. Ҳолати баръаксе, ки мо ҳоло мебинем, қобили қабул нест. Ба ин масъала диққати ҷиддӣ додан лозим аст, то аз имкониятҳои мавҷуда дуруст истифода карда шавад ва роҳи бурунрафт аз ин ҳолати ногувор пайдо карда шавад [8, с. 117].

Воридоти Тоҷикистон аз Давлати Қатар низ аз КРР-и ин кишвар ба мо тақрибан 4 маротиба камтар аст. Яъне Давлати Қатар аз тиҷорати бевосита ба Тоҷикистон агар дар панҷ соли мавриди назари мо 21,89 млн.долл.ИМА ба даст оварда бошад, 4 маротиба зиёдтар (102,04 млн.долл.ИМА) ҳамчун кӯмаки расмӣ барои рушд ба кишвари мо пардохт кардааст.

Коршиноси қатарӣ Саид ал Нафис яке аз сабабҳои асосии кам будани ҳузури иқтисодии Давлати Қатар дар кишварҳои Осиёи Миёнаро, нисбат ба КРР, паст будани сатҳи сармоягузории мустақим медонад. Ӯ меафзояд, ки сармоягузорӣ ба Осиёи Миёна хатарҳои муайянеро дорад, ки бесуботии иқтисодӣ ва ноустувории сиёсати иқтисодӣ дар ин кишварҳо аз ҷумлаи онҳо мебошанд[3]. Барои Тоҷикистон дар баробари ин мушкилот, маҳдуд будани бозори фурӯш, мавқеи номувофиқи ҷуғрофӣ ва паст будани ҳосилнокии меҳнат аз омилҳои маҳдудкунандаи рушди муносиботи иқтисодӣ бо Давлати Қатар ба шумор мераванд [7, с. 204].

Яке аз роҳҳои тақвият бахшидани равобити иқтисодии Тоҷикистон ва Давлати Қатар ин ташкили фазои мувофиқи сармоягузорӣ барои ширкатҳои қатарӣ ва ба роҳ мондани маҳсулотҳое, ки Давлати Қатар аз хориҷ ворид месозад ва кишвари мо дар истеҳсоли онҳо бартарияти нисбӣ дорад, мебошад. Сармоягузории мустақими хориҷиро наметавон танҳо бо таблиғ ва тавсифҳо ҷалб кард. Фазои мусоидро барои ҳама фароҳам бояд сохт. Чунки дар чунин ҳолат рақобати солим аз миён меравад. Дар ҳоле, ки дар шароити иқтисоди бозаргонӣ танзимгари одилонатарин рақобат мебошад.

Бо фароҳам овардани фазои солими сармоягузорӣ барои сармояҳои мустақими хориҷӣ, таҳқиқотҳои бисёрталаби алоҳидаро метавон дар Давлати Қатар ва Тоҷикистон гузаронд ва талаботи Давлати Қатар ва имкониятҳои Тоҷикистонро дар назар гирифта, истеҳсоли маҳсулотеро чунон ба роҳ монд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он бартарияти нисбӣ ё бартарияти мутлақ дорад. Танҳо дар асоси натиҷаҳои чунин тадқиқотҳои амиқ метавон равобити иқтисодии Тоҷикистону Давлати Қатарро ба сатҳи баланд расонд ва ҳама имкониятҳои мавҷударо самаранок истифода кард. Дар ин замина ба масъалаи мазкур зарур аст, ки мутахассисон рӯ биёранд ва дар дурнамои барои он тасмимҳои ҷиддиро гиранд. Ҳар кишвар шароити ба худ хоси рушдро дорад ва таҷрибаи яке на ҳама вақт бо давлати дигар мувофиқ меояд. Баъдан рақобат ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ вуҷуд дорад. Ба ҳамин сабаб роҳҳои нав ва фикрҳои нав метавонанд калиди асосӣ шавад. Тақлид ки навоварӣ буда наметавонад ва тақлидгар ҳамеша дар ақиб мемонад. Саид ал Нафис дар ин маврид мегӯяд: “ин давлатҳо ва мардуми онҳо аз Осиёи Миёна ҳастанд, ки бояд барои дарёфти дониш, технология ва сармоя бо ҳам рақобат кунанд ва маҳорати худро дар муносибатҳои байналмилалӣ тақвият бахшанд” [10, с. 1].

Бояд гуфт, ки ояндаи дурахшони ҳар кишвар дар дасти ҳукумати кишвар ва коршиносони варзидаи он давлат мебошад. Маҳз дастбакорони имрӯза вазифадоранд чораҳои заруриро барои муносибатҳои иқтисодии беҳтаре миёни Тоҷикистону Давлати Қатар (ё кишварҳои дигар) андешанд ва амалӣ созанд.

АДАБИЁТ

1. 25 қадам дар паҳнои олам / ҳайати таҳририя: Н. Зоҳидӣ, В. Ниятбеков, А. Камолов. Душанбе: Ирфон, 2011.- 129 с.
2. Ахмедов А. Социальная доктрина ислама. М., 1982. - 321 с.
3. Зокиров Г. Донишномаи сиёсӣ. Душанбе.2007.- 116 с.
4. Зарифӣ Ҳ. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон - дар масири истиқлолият, ҳайати таҳририя: Н. Зоҳидов, Д. Назриев. Душанбе: Ирфон, 2011.- 178 с.
5. *Таджикистан: десять лет независимости, национального единства и созидания (2001, в четырех томах) / Зокиров Г. Душанбе, 2003, - 236 с.*
6. *Таджикистан: четыре года независимости и самосознания (1995), Таджикистан на пути демократии и*

цивилизованного общества (1996), - Душанбе, 2000. - 213 с.
7. Давлятов З.Қ. Тоҷикистон ва Шоҳигариҳои арабӣ: хамкорӣ ва дурнамо /З.Қ., Давлятов. - Душанбе: Дониш, 2003. - 326 с.
8. Оймамадов М. Иқтисодиёти ҷаҳон, Душанбе, 2000, 568 с.
9. Basic Approaches of Qatar's ODA
10. (https://www.mofa.go.qa/policy/oda/summary/1995/1basic.html)
11. Qatar's ODA Data for Tajikistan
12. (https://www.mofa.go.qa/files/000142566.pdf)
13. Qatar's Policies in Relation to Central Asia (http://mitp-content.server.mit.edu:18180/.books/content/sectbyfn?collid=books_pres_0&id=6802&fn=9780262621748_sch_0005.pdf)
14. Аналитическая таблица экспорта-импорта товаров по странам
15. (https://nbt.tj/ru/payments_balance/analytical_table.php)
16. Qatar Product exports and imports from Tajikistan 2016-2019 (https://wits.worldbank.org/CountryProfile/en/Country/JPN/Year/2017/TradeFlow/EXPIMP/Partner/TJK/Product/All-Groups#)
17. UN Comtrade Database (https://comtrade.un.org/data)
18. Катар в Центральной Азии в начале XXI века (https://www.researchgate.net/publication/319062911_Aponia_v_Centralnoj_Azii_v_nacale_HHI_veka_izucenie_problemy_ekonomiceskogo_vliania_qatar_specialistami/link/5a218288aca2727dd87a9ef0/download)

ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ОТНОШЕНИЯ МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И ГОСУДАРСТВОМ КАТАР

В данной статье автор анализирует сотрудничество между Республикой Таджикистан и Государством Катар, которое включает в себя торгово-экономические отношения. Следует отметить, что в период независимости Республика Таджикистан приложила максимум усилий за создание иностранных учреждений, состоящих из посольств, консульских представительств Республики Таджикистан за рубежом и постоянных представительств страны при международных организациях.

Прежде всего, вклад Президента страны, Основателя мира и национального единства, Лидера нации очень важны для установления экономических отношений. Внешняя политика Таджикистана известна на мировом масштабе, и поэтому зарубежные страны, с которыми сотрудничает Республика Таджикистан, имеют высокий статус и престиж. В результате в странах, с которыми тесно сотрудничает Республика Таджикистан, существуют постоянные представительства республики.

Ключевые слова: *экономическая политика, Республика Таджикистан, Катар, развитие, экономика, коммуникация, соглашение.*

ECONOMIC RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE STATE OF QATAR

In this article, the author analyzes the cooperation between the Republic of Tajikistan and the State of Qatar, which includes trade and economic relations. It should be noted Tajikistan made a lot initiatives during the period of Independence of the Republic of Tajikistan for the establishment of foreign institutions consisting of embassies, consular missions of the Republic of Tajikistan abroad and permanent missions of the country to international organizations.

First of all, the contribution of the President of the country, the Founder of peace and national unity, the Leader of the nation are very important for establishing economic relations. The foreign policy of Tajikistan is known in the world at wide level and therefore the Republic of Tajikistan which cooperates with the foreign countries they have high status and prestige. As a result, the Republic of Tajikistan which works closely with the foreign countries, there are permanent representations of the Republic.

Keywords: *economic policy, Republic of Tajikistan, Qatar, development, economy, communication, agreement.*

Сведения об авторе:

Болтуев Сафарбой Муродович, *аспирант Института изучения проблем стран Азии и Европы АН РТ, E-mail: boltuev.s@gmail.com*

About the author:

Boltuev Safarboy Murodovich, *Post-graduate student of the Institute of studying of the issues of Asian and European countries of the Academy of Sciences of Tajikistan, E-mail: boltuev.s@gmail.com*

МАСЪАЛАҲОИ АЗХУДКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ЭНЕРГЕТИКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мирзоев Ф. А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Яке аз масъалаҳои дорои хусусияти минтақавӣ дошта дар Осиёи Марказӣ масъалаи истифодаи комплекси захираҳои об мебошад. Захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон фаровон буда, ҷумҳурӣ дар миқёси ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол менамояд. Ин воқеият стратегияи рушди энергетикаро дар кишвар муайн месозад. Дар раванди амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии миллии кишвар доимо бо таъмини истиқлолияти энергетикӣ аҳамияти хоса дода мешавад. Рушди соҳаи энергетика дар Тоҷикистон барои тараққӣ додани соҳаҳои истеҳсолот, баланд бардоштани иқтидори истеҳсолӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ нақши хоса дорад. Чи тавре ки аз Паёмҳои Сарвари давлат бар меояд рушди мунтазами иқтисодиёти кишвар бе истиқлолияти пурраи энергетикӣ ғайриимкон аст, бинобар он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди босуботи соҳаи энергетика ҳамаҷониба мусоидат менамояд. Хусусан Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 24 апрели соли 2010 дар бораи ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин гуфта шудааст: «Мақсади асосии сиёсати иқтисодии давлати Тоҷикистон ба роҳ мондани рушди устувори иқтисод буда, ҳамаи нақшаҳои мо асосан дар доираи се ҳадафи стратегӣ, яъне таъмини истиқлолияти энергетикӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳой бахшидани кишвар ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ тарҳрезӣ гардидаанд ва тадриҷан амалӣ карда мешаванд».[3,с. 20]

Яке аз омилҳои калидии беҳбудӣ дар Осиёи Марказӣ истифодаи захираҳои обӣ-энергетикӣ бо назардошти манфиатҳои ҳамаи давлатҳои минтақа мебошад.[2, с. 90-91] Об дар Осиёи Марказӣ неъмати бебаҳо, муҳимтарин унсури миллӣ ва амнияти минтақавист. Он дар баробари неъмати истеъмолии зарурии ҳаётӣ будан, асосан дар хоҷагии халқ бо мақсади обёрии замин ва тавлиди энергия истифода бурда мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои фаровони обист ва 60 фоизи оби дарёҳои Осиёи Марказӣ, аниқтараш 64 миллиард метри мукааб об ҳарсол дар қаламрави кишвар тавлид меёбад. Манбаи ин оби фаровон дар навбати аввал агар боришоти зиёди барфу борон дар минтақаҳои баландкӯҳ бошад, аз тарафи дигар пиряхҳо мебошанд.[8] Пиряхҳо сарчашмаи асосии дарёҳо буда, шумораи онҳо дар ҷумҳурӣ 14509 ададро ташкил дода, масоҳати умумии майдони яхбандии онҳо 11146 километри квадратиро дар бармегирад. Тавассути қаламрави кишвар 947 дарёҳои хурду калон ҷори мешавад, ки дарозии умумии онҳо беш 28500 км аст.[6] Инчунин 1300 кӯл ва чашмаҳои сершумор мавҷуд буда захираи обҳои зеризаминиаш бошад ба 6,8 км/мураббаъ баробар аст.[5] Аз ин лиҳоз метавон танҳо дар дарёҳои ҷоригардидаи ҷумҳурӣ даҳҳо нерӯгоҳҳои обии хурду калон сохт, ки натанҳо баҳри таъмини энергия, балки миллионҳо гектар заминҳои кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халкӣ минтақаи Осиёи Миёнаро бо об таъмин намоянд.

Шароити кӯҳсори Тоҷикистон барои истеҳсоли нерӯи барқ хело мусоид аст, бинобар ин аз нигоҳи илмӣ, сохтани нерӯгоҳҳои обию барқӣ нисбат ба дигар минтақаҳои сайёра камхарҷ мебошад.

Дар айни замон Тоҷикистон ба захираи бою нодири энергияи об молик аст. Тибқи қудрати захиравӣ он дар ҷаҳон дар ҷои ҳаштум ва ба ҳар сари аҳолӣ ва нисбати қаламрав мутаносибан ҷои дуюм (87,7 ҳазор киловат соат ба ҳар сари аҳолӣ) ва мавқеи аввалро (3,62 миллион киловатт соат-километри квадратӣ) ишғол мекунад.[1] Мувофиқи маълумоти атласи ҷаҳонии гидроэнергетикӣ HVDROWERENDDAMS (1997) захираҳои энергетикаи обии Тоҷикистон зиёда аз 527 млрд кВ/с дар як сол аст. Хулоса дар Тоҷикистон 4% захираҳои гидроэнергетикии ҷаҳон ҷойгир мебошанд, ки танҳо захираи гидроэнергетикии дарёи Вахш 45 млрд.кВтс.дар як сол мебошад. Тоҷикистон бо ба кор андохта шудани нерӯгоҳҳои сохташаванда метавонад дар як сол 33,5 млрд. кВтс. барқ истеҳсол

кунад. Дар ҳоле ки талаботи ҷумҳурӣ дар як сол (2010) 21,4 млрд кВтс мебошад. Солҳои 70- уми қарни гузашта нақшаи иқтисодию техникии истифодаи захираи гидроэнергетикии дарёи Панҷ низ таҳия шуда, бо Афғонистон мувофиқа гардида буд. Дар ин дарё мебоист 13 нерӯгоҳ, аз қабили НБО-ҳои Баршор, Андароб, Пиш, Хоруғ, Рушон, Язғулом, Дарвозаҳои хоро, Ширговат, Хостов, Даштиҷум, Ҷумар, Москва ва Кончӣ, ки иқтидорашон аз 300 то 4000 мВт буда, маҷмӯан 80,6 млрд, кв-с дар сол барқ истеҳсол мекунанд, пешбини гардидааст[7] сохта мешуданд, ки метавонистанд дар як сол 86,3 млрд.кВт.соат барқ истеҳсол кунанд. Барномаи рушди энергетикӣ, ки дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ дар оғози солҳои 90-уми асри гузашта тарҳрезӣ шуда буд, бунёд намудани нерӯгоҳҳои азими барқи обиро дар тӯли солҳои 1991-2005 пешбинӣ карда буд. Тибқи ин барнома бояд низоми энергетикии ҷумҳурӣ панҷ маротиба афзоиш меёфт. Мутаассифона, ин нақшаҳои азими энергетикӣ бо сабабҳои маълум амалӣ нагардиданд.[7] Дар ҳоле, ки талабот ба нерӯи барқ зиёд гардидааст чунин имконият фароҳам омадааст ва Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз ин имконият самаранок истифода барад. Мувофиқи ҳисобҳои пешакӣ бо назардошти нишондиҳандаи дурнамои рушди соҳаҳои иқтисодии Тоҷикистон чунин мебошад:

- с. 2010 – 21,4 млрд.кВт. соат;
- с.2015 – 24,6 млрд.кВт. соат;
- с.2020 – 28,3 млрд.кВт. соат;
- с.2025 – 32,5 млрд.кВт. соат.

Дар сурати истифодаи тамоми захираҳои энергетикӣ Тоҷикистон метавонад яке аз давлатҳои муҳими содиркунандаи энергетикии ҷаҳон ба ҳисоб равад.[6]

Калонтарин нерӯгоҳи пурра фаъолият кардаи Тоҷикистон НБО Норак бо иқтидори 3000 мВт мебошад, ки дар як сол 11,2 млрд.кВт соат барқ истеҳсол мекунад, ки ин барои таъмини ҷумҳурӣ бо энергияи худӣ басанда нест. Боиси қайд аст, ки дар солҳои истиқлолияти давлатӣ нерӯгоҳи барқии обии Сангтуда-1 (иқтидор 670МВт), ки бо истифодаи сармояи муштараки Русияву Тоҷикистон ва НБО-и Сангтуда-2 (иқтидор 110 МВт), ки аз тарафи ширкати эронии “Фароб” сохта ба истифода дода шуд.

Барои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ сохтмони бузургтарин НБО дар Осиёи Марказӣ – Роғун, ки сохтмонаш соли 1976 оғоз шуда буд, ба анҷом расонад. Иқтидори лоиҳавии Роғун 3600 мВт бо 6 агрегати ҳар кадоми он 600 мВт мебошад. Айни замон ду агрегати он мавриди истифода қарор доранд.

Бояд тазаккур дод, ки сохтмонӣ нерӯгоҳи барқи обии (НБО) Роғун дар таъмини истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон аҳамияти хело ҳам калон дорад. НБО Роғун аз 6 агрегат иборат буда, иқтидори лоиҳавиаш 3,6 млн кВт буда ва дар як сол 13,1 млрд. кВт соат қувваи барқ истеҳсол менамояд. Баландии сарбанди НБО-и Роғун 335 метр буда, обанбори он зиёда 13 млрд кв^3 об ғунҷоиш дорад. Сохтмони Роғун имконият дорад, ки Тоҷикистонро пурра бо қувваи барқи доимӣ таъмин намуда, қисми зиёдатии онро ба ҷумҳуриҳои ҳамсояи Афғонистон, Эрон, Покистон содир кунад. Лозим ва тазаккур аст аст, ки “ҳадафи асосии бунёди НБО “Роғун” дар радифи аҳамияти бузурги энергетикӣ доштанаш, инчунин ободу обшор намудани зиёда 360000 гектар заминҳои наву бекорхобида ва ҳамзамон бо об таъмин намудани чоруним миллион гектар заминҳои минтақа маҳсуб меёбад. Аз ҳисоби обанбори он заминҳои Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон обёри карда мешаванд. Инчунин дар рушди иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистони соҳибистиқлол нақши бениҳоят калон дорад.[2, с. 90-91]

Дар Ҷумҳурӣ зиёда аз 98 % истеҳсоли нерӯи барқ дар нерӯгоҳҳои обӣ истеҳсол мегардад, таҷриба нишон дод, ки дар тамоми дунё, худи соҳаи гидроэнергетика бисёртар аз боду ҳаво ва табиат вобастагии калон дорад, бинобар ин моро зарур аст, ки дар мавриди аввал дар баробари сохтмони НБО-и хурд ба сохтмони НБО миёна ва калон аҳмияти ҷидди диҳем, танҳо дар ин ҳолат мо метавонем истиқлолияти энергетики мамлакатро ба даст оварем.

Бояд қайд кард, ки истеҳсоли нерӯи барқ ва истифодаи захираҳои обии дарёҳои хурду миёна дар замони имрӯза бениҳоят муҳим аст. Аз ин рӯ санаи 2 феврали соли 2009, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодӣ, ноил шудан ба истиқлолияти энергетикӣ ва аз худ намудани манбаҳои барқароршавандаи энергия қарори дахлдорро таҳти №73 дар бораи «Барномаи дарозмуддати бунёди силсилаи нерӯгоҳҳои хурди барқӣ дар давраи солҳои

2009-2020» ва 12 январи соли 2010 аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» қабул гардидааст.

Тибқи Барномаи пешниҳодгардида, дар солҳои 2009 -2012 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 121 адад НБО-и хурд бо иқтидорҳои аз 5 то 4300 кВт ба истифода дода шудаанд, ки иқтидори умумиашон 13500 кВт-ро ташкил намуда, нерӯгоҳҳои мазкӯр 6745 хоҷагиҳо, 48 мактаб, 22 муассисаҳои тиббӣ, 16 адад нуқтаҳои савдо ва 82 адад муассисаҳои гуногуни хоҷагии халкро бо нерӯи барқ таъмин намуда, дар ин иншоотҳо 58 нафар бо ҷойҳои нави корӣ таъмин шудаанд.

Ҷадвали 1.Шумораи НБО-и хӯрди сохташуда дар соли 2009-2012 дар минтақаҳо:

№ т.т	Минтақаҳо	Шумораи НБО	Иқтидори муқараргардида бо кВт	аз он ҷумла:	
				аз ҳисоби буҷаи давлатӣ ва грантҳо	аз ҳисоби сармоягузорони ватанӣ
1	Вилояти Хатлон	21	942,9	6	15
2	Вилояти Суғд	35	6705,5	9	26
3	ВМКБ	6	677	2	4
4	НТМ	59	5127,5	18	41
	Ҳамагӣ	**121**	**13452,9**	**35**	**86**

Манбаъ: Маводи бойгонии Вазорати саноат ва энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз 121 адад НБО сохташуда 28 ададаш тибқи Барномаи пешниҳодгардида ва 93 адади боқимондааш дар ҳамин раванд берун аз барнома сохта ба истифода дода шудааст.[4, с. 220]

Аз тарафи дигар бошад, иқтисодиёти Тоҷикистон аз воридоти гази табиӣ, нафт ва дигар сӯзишвориҳо вобастагии калон дорад. Аз ин лиҳоз ҳаллу фасли муаммоҳои таъмини истиқлолияти энергетикӣ, баланд бардоштани амнияти иқтисодии Тоҷикистон аз аҳамият холӣ нест.

Дар тӯли солҳои охир зиёда аз 200 нерӯгоҳҳои хурду миёна сохта ба истифода дода шуда, эҳтиёҷоти мамлакатро бо нерӯи барқи худӣ пурра таъмин намуданд.

Энергияи бодӣ аз манбаҳои ғайрианъанавии маъруф буда, истифодаи босамари дастгоҳи он бо суръати муайяни бод 5 м/сония вобаста аст. Бинобар ин истифодаи саноатии энергияи бодӣ дар Тоҷикистон дар ҳолати асосноксозии техникию иқтисодиашон ба мақсад мувофиқ мебошад.

Имрӯз истифодаи энергияи офтоб низ ҳамчун сарчашмаи боэътимод дар ҷаҳон арзи вуҷуд дорад. Дар ин раванд боиси қайд аст, ки дар Тоҷикистон низ истеҳсоли кувваи барқи алтернативии офтобӣ ба роҳ монда шудааст. Тибқи супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, оид ба дастрас намудани дастгоҳҳои барқдиҳандаи офтобӣ дар шаҳру навоҳии мамлакат бо таври озмоишӣ 9 адад таҷҳизотҳои барқдиҳандаи бодӣ бо иқтидори 5,1 кВт ва 2178 адад таҷҳизотҳои барқдиҳандаи офтобӣ бо иқтидорӣ 66,2 кВт ба оилаҳои камбизоат, муассисаҳои тиббии ноҳияҳои дурдаст дастрас карда шуда, дар ин самт корҳо оид ба ворид намудани таҷҳизотҳои барқдиҳандаи офтобӣ ва бодӣ идома дорад**.** Аммо бо гуфтаи Т. Авазов – Энергияи шамол дар ҷумҳурӣ дурнамои ҷиддӣ надорад. Ва дар робита ба ин тамоми таҷрибаи ҷаҳонӣ шоҳид аст, ки истифодаи саноатии он бисёр мураккаб ва қиммат аст. Энергияи офтобро бошад, мумкин аст барои эҳтиёҷоти маишӣ истифода кард.[1] Давомнокии солонаи дурахши офтоб дар ҷумҳурӣ аз 2000 то 3000 соат, аз ҷумла дар водии Ҳисор, водии Вахш ва дар вилояти Суғд 2700 соатро ташкил медиҳад, ки барои ташкили энергетикии саноатӣ дар Тоҷикистон ғайривоқеист. Суханронии худро таҳвият бахшида Т. Авазов доир ба энергияи атомӣ низ чунин қайд намудааст “Энергияи атом аз лиҳози техникӣ барои Тоҷикистон, ки захоири калони уран дорад, ояндаи қобили мулоҳиза дорад, вале рушди он амалан дар марҳалаи наздик мувоҷеҳ ба проблемаҳост. Қабл аз ҳама ин ба минтақаи серзилзила ва муносибати эҳтиётҳкоронаи тамоми аҳолӣ ба эътимоднокии реакторҳои ядроӣ, бахусус баъди фоҷиаи Чернобил вобастагӣ дорад. Ба ҷуз ин бунёди истгоҳи атомӣ дар ҳар ҷумҳурӣ, гузашта аз ин дар Тоҷикистон мувофиқати кишварҳои ҳамсоя на танҳо наздик, балки дурро тақозо менамояд, ки дар шароити феъли ба гумон аст, ки имконпазир бошад”.[1] Аз ин рӯ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур нест, ки ба истеҳсолоти энергияи алтернативӣ таваҷҷӯҳ намояд.

Чуноне, ки Пешвои миллат, асосгузори сулҳу ваҳдат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд менамояд «Бояд ҳама дарк намояд, ки қимати об аз қимати нафт, газ, ангишт ва дигар намудҳои сӯзишварӣ ва манбаҳои энергетика камтар нест».[1] Ин гуфтаҳо барои Ҷумҳурии мо аҳамияти хеле калон дошта набояд кишвари мо обро барои истифодаи замин, балки барои захираи асосии энергия низ истифода барем, ки асоси кулли иқтисод ва иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад. Захираҳои

гидроэнергетикии Тоҷикистон беназиранд ва ҷумҳурӣ дар миқёси ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол менамояд. Ин воқеият стратегияи рушди энергетикаро дар кишвар муайн месозад.

Аз гӯфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми имкониятҳоро барои дар амал татбиқ гардидани стратегияи пеш гирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – расидан ба истиқлолияти энергетикӣ доро мебошад. Дар баробари ин Тоҷикистон метавонад дар рушди энергетика, ба яке аз кишварҳои калидии қораи Осиё табдил гардад. Воқеан ҳам, сарзамини мо бо дарёҳои серобу хурӯшонаш ватани «нерӯи сабз» низ ҳаст, ки бо нерӯгоҳҳои барқи обӣ, хоса бунёди НБО-и Роғун, ки иқтидори истеҳсоли энергетикии онро дар боло зикр намудем ва баъдан НБО-и Даштиҷум дар дарёи Панҷ, ки иқтидораш 4000 МВт, ғунҷоиши обанбораш 17,6 км^3 –ро ташкил карда[7] қодир аст, неруи он ба кишварҳои ҳамсоя содир карда шавад.

АДАБИЁТ

1. Авазов Т., Петров Г. Об ва энергия. Ҷумҳурият. №136 (20.416) 20-11-2001
2. Кенҷаев М.Ҷ. Марҳалаҳои асосии бунёди неругоҳи барқи обии «Роғун». Муаррих №1 (21) 2020. Саҳ 90-91.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 24 апрели соли 2010. Душанбе, 2010. С 20.
4. Проблемаиҳои муҳими бехатарии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ-Душанбе; 2011. С. 220. Стратегия развития и программа инвестиционной политики. ОАХК «Барқи Тоҷик»-2010.
5. Рачабов Р. Об – Обрӯи Тоҷикистон// Ҷавонони Тоҷикистон №12 (9334) 20-03 2014. Саҳ 6.
6. Раҳимов С. Сарвати Осиёи Марказӣ об аст, на газу нафт// Чархи гардун. №10 (913) 5-03-2014. С -9
7. Тоҳиров С., Атоев К. Об, обанборҳо ва нерӯ// Ҷумҳурият №35 (21696) аз 16-03-2010 саҳ 2.
8. Худойбахшов Н. Пиряхҳои Тоҷикистон – сарчашмаи асосии об дар минтаҚа. Минбари халқ. № 13 (1149). 28-03-2018.саҳ 11.

ПРОБЛЕМЫ ОСВОЕНИЕ ЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ РЕСУРСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАНА

В данной статье «Проблемы освоение энергетических ресурсов Республики Таджикистана» автор предоставляет информацию о гидроэнергетических ресурсах Республики Таджикистан, отмечая, что Таджикистан имеет потенциал для реализации своей энергетической стратегии для достижения независимости. Освоение энергетических ресурсов может сделать Таджикистан одним из крупнейших мировых экологических чистый экспортеров энергии.

Ключевые слова: *Республика Таджикистан, река, энергия, гидроэнергетика, Рогинская ГЭС, Нурекская ГЭС, Пяндж, Вахш, развитие, энергетическая независимость, вода, орошение, страны, производство, водные ресурсы, Центральная Азия, солнце, ветер, атомная, горная, водохранилище, альтернативная энергия.*

PROBLEMS OF DEVELOPMENT OF ENERGY RESOURCES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article "Problems of development of energy resources of the Republic of Tajikistan" the author provides information on the hydropower resources of the Republic of Tajikistan, noting that Tajikistan has the potential to implement its energy strategy to achieve independence. The development of energy resources can make Tajikistan one of the world's largest energy exporters.

Key words: *Republic of Tajikistan, river, energy, hydropower, Rogun HPP, Nurek HPP, HPP, Pyanj, Vakhsh, development, energy independence, water, irrigation, countries, production, water resources, Central Asia, water, wind, nuclear, mountain , reservoir, alternative energy.*

Сведения об авторе:

Мирзоев Фарход Абдурахмонович*, старший преподаватель кафедры всеобщая истории историческое факультета ТГПУ имени С. Айнӣ.*

About the author:

Mirzoev Farhod Abdurahmonovich*, Senior teacher for the Department of General History of the History Faculty of S. Ayni TSPU.*

ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ТАДЖИКСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО АКАДЕМИЧЕСМКОГО ТЕАТРА ОПЕРЫ И БАЛЕТА им. С. АЙНИ В КОНЦЕ XX века

Хасанова М. М.

Институт истории, археологии и этнографии им. А. Дониша НАНТ

